Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлол ташкил шуда, зина ба зина рушд карда истодааст. Дар давраи ташаккулёбии низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 1998 шумораи андозҳо ба 45 номгӯ расида буд. Баъдан, шумораи он аз 45 ба 10 расид ва дар Кодекси андози наве, ки аз 1 январи соли 2022 мавриди амал қарор гирифт, 7 номгӯи андоз пешбини шуд, ки ин мутобиқат намудани низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти кишвар мебошад.

Кайд намудан бо маврид аст,ки мақсад аз кам кардани шумораи андозҳо расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ ва таъсири мусбии он ба ҷалби сармояи дохили ва хориҷӣ мебошад. Дар давраи ташаккулёбии низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз дастовардҳои асосии мо таҳия ва мавриди амал қарор додани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар он санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба андоз дарҷ шудаанд. Ҳамзамон, дар баробари кам шудани шумораи андозҳо, аз ибтидои ташаккулёбии низоми андози милли то имрӯз меъёрҳои андоз низ коҳиш ёфтааст.

Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки низоми андози миллӣ аз низоми андози дигар давлатҳо бо шумораю меъёрҳо ва тартиби ситонидани он фарқ мекунад. Дар баробари ин, низоми андози ҳар давлат ба рушду нумӯи соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ бояд мусоидат намояд. Аз ин нуқтаи назар, тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, он имтиёзҳое, ки дар Кодекси андоз дар таҳрири нав пешбинӣ карда шудаанд, воқеан, ба зиёд шудани шумораи соҳибкорон, махсусан соҳибкорони хурд ва миёна, инчунин, ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, ки ин бевосита ба ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ мусоидат менамояд, таъсири мусбӣ мерасонад. Агар мо низмои андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро ва натиҷаи онро таҳлил намоем, мебинем, ки дар бисёр самтҳо соҳибкорони ватанӣ ба муваффақиятҳо ноил шуда истодаанд. Аз ҳама чизи муҳим он аст, ки истеъмолкунанда имконияти харидани маҳсулоти ватаниро пайдо кардааст, ки ин хеле хуб аст ва воқеан қонунгузории андоз ба рушди соҳибкорӣ, махсусан, соҳибкории истеҳсолӣ таъсири хуб расонида истодааст.

Дар муқаддимаи Кодекси андоз дар таҳрири нав омадааст, ки Кодекси андоз асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодиро оид ба муқаррарсозӣ, тағйирдиҳӣ, бекоркунӣ, ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо, иҷрои уҳдадориҳои андозӣ муайян намуда, ба ташаккул, рушд ва ҳавасмандгардонии фаъолияти хоҷагидорӣ нигаронида шудааст. Яъне мақсади асосии қабул гардидани Кодекс дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ тариқи рушди маъмурикунонии андоз, беҳтар ва бештар намудани хизматрасониҳои электронӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон, рақамикунонии фаъолияти субъектҳои муносибатҳои андозӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ мебошад.

Зарурати Кодекси андоз дар таҳрири нав, асосан, боз ҳам сода ва омафаҳм гардонидани Кодекси мазкур аст, ки баро андозсупорандагон фаҳмо бошад. Гуфтан зарур аст. Қобили қайд аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдатӣ миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо (10 майи соли 2019) ва ҳангоми ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (аз 26 январи 2021) вазорату идораҳои дахлдорро вазифадор карда буданд, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, фароҳам овардани фазои муносиби андозбандӣ барои ҷалби сармоягузориҳо, ташкили ҷойҳои нави корӣ, инчунин таҳкими иқтидори саноативу содиротии кишвар ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ Кодекси андоз дар таҳрири навро таҳия намоянд.

Ҳамчунин, имтиёзҳои наве, ки дар Кодекси андоз дар таҳрири нав оварда шудааст, албатта, аз имтиёзу сабукиҳои дар Кодекси андози пешина фарққунанда мебошад. Масалан таъсири мусбии ин имтиезхои андозро дар рушди соҳибкории хурду миёна мушохида намуд**.** Фаъолияти соҳибкорӣ, ки имрӯз ҳамчун муҳаррики иқтисод шинохта шудааст, асоси пешрафти иқтисоди кишвар ва болоравии сатҳу сифати зиндагии мардум ба шумор меравад.

Дар асоси моддаи 286 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои андози соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамоянд, аз рӯи намудҳои алоҳидаи фаъолият бо дарназардошти хусусияти минтақавӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Ҳамзамон, тибқи замимаи 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 31 августи соли 2021, №151) коэффисиентҳои минтақавӣ, ки андозаҳои пардохтро барои патент дар қаламрави шаҳру ноҳияҳо танзим менамояд, тасдиқ карда шудааст.

Дар қонунгузории андоз бо мақсади ҳавасманд намудани соҳибкорон пешпардохти имтиёзнок ҳам муқаррар гардидааст. Яъне ҳангоми аз ҷониби онҳо пардохт шудани маблағи патент барои 3 моҳи тақвимии минбаъда маблағи пардохт ба андозаи 10 фоизи маблағи умумӣ кам карда мешавад.

Дар баробари ин, бояд хотирнишон сохт, ки истифодаи системаи патентӣ соҳибкори инфиродиро аз инҳо озод менамояд:

-аз пардохти андозҳо аз даромадҳо аз фаъолияти соҳибкории инфиродии ӯ, ки дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, ба истиснои андоз аз даромад ва андози иҷтимоии бевосита ба арзиши патент дохилшаванда;

-аз пешниҳоди ҳисоботи андоз, ба истиснои пешниҳоди эъломияи даромади умумӣ барои соли гузаштаи тақвимӣ бо замимаи нусхаҳои ҳуҷҷатҳои бонкӣ доир ба пардохти андозҳо;

-аз истифодабарии мошини назоратӣ-хазинавӣ.

Инчунин, тибқи банди 18 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 31 августи соли 2021, №151) ҳангоми бемории бистарӣ, фавти соҳибкор ва (ё) рух додани сӯхтор дар маҳалли фаъолият, дар давраҳои дар хизмати ҳарбӣ қарор доштан, бо қарори суд дар маҳбас нигоҳ доштан ва (ё) дар ҳабси пешакӣ қарор доштан, дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштан, давраи ҳомила ва офати табиӣ, ки амалӣ намудани фаъолияти соҳибкориро ғайриимкон мегардонад, дар ҳолати пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда, дар пардохти маблағи патент имтиёзи андозӣ ба инобат гирифта мешавад.

Дар солҳои охир дар ҷумҳури минтақаҳои озоди иқтисодӣ фаъолият мекунанд, ки он дар рушди иқтисоди миллӣ саҳми худро гузошта истодаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ: “Суғд”, “Данғара”, “Кӯлоб”, “Панҷ” ва “Ишкошим” ташкил гардидаанд.Ин минтақаҳои озоди иқтисодӣ қитъаи алоҳидаи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳудуди аниқ муқарраркардашудае мебошад, ки дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси ҳуқуқӣ муҳайё карда шудааст.

Инфрасохтори минтақаи озоди иқтисодӣ, маҷмӯи ҷузъҳоест, ки барои таъмини шароити фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагидорӣ дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ муқаррар гардида, аз девори муҳофизатӣ, бино ва иншоот, объектҳои муҳандисӣ ва техникии ободонии минтақа, ҳифзи муҳити зист ва таъиноти иҷтимоӣ иборат мебошад. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати то 50 сол, вобаста ба хусусият, намуди фаъолияти минтақаи озоди иқтисодӣ, фаъолияти имрӯза ё ояндаи ҳудуди он ва вобаста ба мақсаду вазифаҳои аниқи минтақаи озоди иқтисодӣ таъсис дода мешаванд.

Дар асоси муқаррароти моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» аз 25 марти соли 2011 № 700 минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсадҳои зерин таъсис дода мешаванд:

- рушди иқтидори иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ, минтақаҳо ва маҳалҳои алоҳидаи он;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт;
- нигоҳдории ҷойҳои кории мавҷуда ва ташкили ҷойҳои нави корӣ;
- ҷалби техникаи муосир ва технологияи инноватсионӣ;
- ташкил ва рушди инфрасохтори муосири нақлиётӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ;
- беҳтар кардани сифати идоракунӣ, таъмини самараноки истеҳсолот ва истеҳсоли маҳсулоти дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир;
- баланд бардоштани иқтидори содирот ва рушди истеҳсолоти ивазкунандаи воридот;
- ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ;
- фаъолгардонии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва минтақаҳо;
- азхудкунии мавзеъҳои нав ва таъмини рушди шаҳрсозӣ;
- нигаҳдорӣ ва истифодаи самарабахши захираҳои табиии барқароршаванда ва барқарорнашаванда.

Дар ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ фаъолияти соҳибкорӣ, новобаста ба шаклҳои моликият, аз пардохти ҳама гуна андозҳо, ки дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, ба

ғайр аз андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва дигар андозҳо дар манбаи пардохт озод карда мешавад.

Нуктаи дигаре,ки бояд кайд намуд ин истифодаи таҷрибаи низоми андозбандии давлатҳои пешрафта дар конунгузории андози милли. Албатта, омӯзиши низоми андозбандии давлатҳои хориҷӣ ва имконияти истифодабарии он, албатта, паҳлӯҳои гуногунро дар бар мегирад. Як чизро бояд ба назар гирифт, ки на ҳамаи таҷрибаи низоми андози давлатҳои хориҷиро дар кишварамон метавон истифода кард. Чунки сиёсати андозу буҷет, махсусан дар давлатҳои пешрафта аз сиёсати андозу буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон бакуллӣ фарқ мекунад. Пеш аз ҳама, сохтори иқтисодиёт, сатҳи даромаднокии аҳолӣ ва рушду соҳибкории хурд ва миёна низ ба назар гирифта мешавад. Аз ин нуқтаи назар, истифодабарии таҷрибаи низоми андози давлатҳои хориҷиро бояд ҳаматарафа омӯзем ва дар ҳолати мавҷудияти имконият ва шароити муайян онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ созем.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давлатҳои хориҷӣ муносибатҳои андозӣ байни андозсупоранда ва мақомоти андоз бештар ба таври электронӣ сурат мегирад. Албатта, имрӯз ин таҷрибаҳо дар мақомоти андози кишварамон низ ба роҳ монда шудааст. Истифодабарии барномаҳои технологияҳои нав дар фаъолияти мақоти андоз, пеш аз ҳама, пешниҳоди ҳисобот аз тарафи субъектҳои хоҷагидор ба таври электронӣ сурат гирифта истодааст.

Инчунин гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ метавонад ба пешрафти фаъолияти андозсупорандаҳо мусоидат намояд.**Б**аргузор намудани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ, аз ҷумла семинар-машварату вохӯриҳо бо андозсупорандагон аз самтҳои муҳиму самарабахши фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб меравад.Солҳои охир аз ҷониби Кумитаи андоз модулҳои нави барномаҳои компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо (СМИИА) мавриди истифода қарор гирифта истодаанд. Мақсад аз инҳо, пеш аз ҳама, беҳтар намудани маъмурикунонии андозҳо, хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва сарфаи вақти онҳо, содаю қулай намудани иҷрои уҳдадориҳои андозӣ барои андозсупорандагон мебошад. Ҳамзамон, шаҳрвандон ва андозсупорандагон ҳангоми ба миён омадани саволу дархости иловагӣ метавонанд аз Маркази тамоси Кумитаи андоз ва рақами содакардашудаи “151” истифода намоянд ё тавассути почтаи электронии Кумитаи андоз (info@andoz.tj) дархости электронӣ равон кунанд. Инчунин, метавонанд аз хизмати электронии “Онлайн-мушовир”бо усули “Чат” истифода карда, ба саволу дархостҳои худ ба таври фаврӣ дар шакли “паёмак” (СМС) ҷавоб гиранд.

Руйхати адабиет

1.Джумабоев Х.К. Некоторые аспекты характеристики национальной налоговой системы Республики Таджикистан/ Х.К. Джумабоев // материалы конференции // X Международная научно-практическая конференция на тему «Актуальные проблемы учета, экономического анализа и финансово-хозяйственного контроля деятельности организаций». Воронежский государственный университет. 10 декабря 2022 года – Воронеж: Изд. дом ВГУ Ч. I. – 2023. – С.252-257.

2.Исломов Т.С. История становления и развития национальной налоговой системы Республики Таджикистан: дис. … канд. экон. наук. / Т.С. Исломов. – Душанбе. - 2007. - 155 с.

3.Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – 324с

4.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» аз 25 марти соли 2011 № 700

5.Постановление Правительства Республики Таджикистан «Об утверждении правил налогообложения индивидуальных предпринимателей, действующих на основании патента или свидетельства» от 31.08.2021 г, №151

6.Шомуродов Ф. Основы национальной налоговой системы Республики Таджикистан. Душанбе, 2006г.

ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ ҚАРЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Раҳимова Азима Валиевна - муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгохи давлатии молия ва иктисодии Точикистон. Суроға**:** 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел: (+992)918750767 E-mail: Rakhimova.azima@mail.ru.

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ ташаккули муносибатҳои қарзӣ хусусияти умумиқтисодӣ дошта он дар заминаи ҳамкориҳои мутақобилаи институтҳои молиявӣ ва дигар субъектҳои иқтисодӣ ба вуҷуд меояд. Муносибатҳои қарзӣ дар сатҳи иқтисоди миллӣ хусусияти меъёрӣ дошта он аз як қатор омилҳои таркибӣ ташаккул ёфтааст. Аз ин лиҳоз муаллифдон дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои амалиёти ташкилии рушди муносибатҳои қарзиро аз нуқтаи назари инситутсионалӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода дар доираи он як қатор таҳлилҳои веқеиро анҷом додаанд. Илова бар ин қайд кардан зарур аст, ки дар доираи таҳқиқоти мазкур марҳалаҳои ташаккули муносибатҳои қарзӣ, таъсири равандҳои обективии муноссибатҳои қарзӣ ва як қатор масъалаҳои муҳими дигар мавриди таҳли қарор дода шудаанд, ки мушаххасоти дурусти мақолаи мазкурро инъикос менамоянд.

Калидвожаҳо. Иқтисодиёт, пул, муносибатҳои қарзӣ, қарз, тиҷорат, рушд, муносибюат, суръати рушд, такон, афзоиш, муомилот, бозорҳои молиявӣ, қурби номиналӣ.

РАЗВИТИЕ КРЕДИТНЫХ ОТНОШЕНИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Рахимова Азима Валиевна - ст. преподаватель кафедры банковское дело Таджикского государственного финансово экономического университета. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимов 64/14. Тел: (+992)918750767 E-mail: Rakhimova.azima@mail.ru.

В современных экономических условиях формирование кредитных отношений носит общеэкономический характер, оно формируется на основе взаимного сотрудничества финансовых учреждений и других хозяйствующих субъектов. Кредитные отношения на уровне национальной экономики носят нормативный характер и формируются рядом композиционных факторов. С этой точки зрения авторы в данной статье проанализировали и рассмотрели аспекты организационной деятельности развития кредитных отношений с институциональной точки зрения и провели ряд фактических анализов. Кроме того, необходимо отметить, что в рамках данного исследования были проанализированы этапы формирования кредитных отношений, влияние объективных процессов кредитных отношений и ряд других важных вопросов, которые отражают правильную спецификацию этого статья.

Ключевые слова. Экономика, деньги, кредитные отношения, кредит, торговля, развитие, взаимосвязь, темп роста, импульс, рост, сделка, финансовые рынки, номинальный валютный курс.

DEVELOPMENT OF CREDIT RELATIONS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Rakhimova Azima Valievna - senior Lecturer at the Department of Banking, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. E-mail: Rakhimova.azima@mail.ru. Tel: (+992)918750767

In modern economic conditions, the formation of credit relations is of a general economic nature; it is formed on the basis of mutual cooperation of financial institutions and other economic entities. Credit relations at the level of the national economy are normative in nature and are formed by a number of compositional factors. From this point of view, the authors in this article analyzed and examined aspects of the organizational activities of the development of credit relations from an institutional point of view and carried out a series of factual analyses. In addition, it should be noted that within the framework of this study, the stages of formation of credit relations, the influence of

objective processes of credit relations and a number of other important issues that reflect the correct specification of this article were analyzed.

Keywords. Economy, money, credit relations, credit, trade, development, relationship, growth rate, momentum, growth, transaction, financial markets, nominal exchange rate.

Соҳибистиқлолӣ дар баробари дигар масъалаҳои муҳими иқтисодӣ як саҳифаи ҷадиди муносибатҳои пулиро дар байни ҷомеа, ки таснифи онро дар байни субъектҳои гуногуни иқтисодӣ тасниф менамояд муносибатҳои қарзиро ба вуҷуд овард. Дар сатҳи ҷомеа агра қарз ва муносибатҳои қарзӣ қабл аз пайдоиши пул ба вуҷуд омада бошанд ҳам. Лекин таснифодт ва унсурҳои асосиие, ки моҳияти онро дар сатҳи ҷоме ифода менамоянд имрӯз ба вуҷуд омадаанд. Ғайр аз ин дар доираи муносибатҳои иқтисодӣ агар қабл аз пайдоиши пул қарзҳо зарурияти тиҷоратӣ дошта бошанд пас дар шароити имсрӯзаи рушди муносибатҳои гуногнҷанба қарз хусусияти умумииқтисодӣ дошта дар аксар маврид маҳаки асосии рушди истеҳсолоти неъматҳои гуногун маҳсуб меёбад. Вобаста ба таҷрибаи давлатдорӣ рушди муносибатҳои қарзӣ хусусият ва марҳалаҳои гуногун дошта суръати рушди он ҳархела мебошад. Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди мунносибатҳои қарзӣ баъд аз соли 1991 як марҳалаи ҷадидро ба худ касб намуда тадриҷа рушд намудаии он баъд аз ба муомилот баровардани пуи миллӣ мавқеи махсусро ба худ касб намуд. То ин дам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби мутаммарказ будани сиёсати пулию қарзӣ, ки он аз як маркази асосӣ идора карда мешуд ва дигар будани сохти иқтисодии давлат (иқтисодиёти планӣ) зарурият ба қарз ва муносибатҳои қарзӣ вуҷуд надошт.

Дар Ҷумҳуриии Тоикистон вобаста ба тағйиротҳои пасошуравӣ баъд аз соли 1991 як озмоиши ҷиддӣ барои таҳкими иқтисоди иқтисодии мустақил идорашаванда ва бахусус дар бахши бонкӣ боис гардида, имкониятҳои мустақилона пеш бурдани фаъолияти ин ё он соҳаро ба миён овардаанд. Новобаста аз оне, ки баъд аз соҳибистиқлолӣ яке аз омилҳои ташкили дурурсти муносибатҳои қарзӣ ин ба муомилот ворид намудани пули миллӣ ба таври фаврӣ мебошад дар сатҳи иқтисодиёт як як қатор таконҳои таъсирррасон аз байн бурда шуда қисми дигари онҳо бокӣ монаданд. Қайд крдан зарур аст, ки афзоиши доимии танишҳои геополитикӣ, ноустувории бозорҳои молиявӣ ва молҳои ҷаҳонӣ, паст шудани рейтинги қарздиҳӣ, суст шудани қурби номиналии пул ва баъдан таҳримҳо ба шарикони рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси маҳдуд ва мушкил шудани дастрасӣ ба маблағгузории қарзӣ ва муносибатҳои қарзӣ гардид. Муносибатҳои қарзиро дар марҳалаи аввал қарзҳои давлатӣ ва байнидавлатӣ ташкил намуда баъдан бо талаботҳои замон дигар муносибатҳои қарзӣ дар сатҳи низоми бонкӣ ба вуҷуд омад.Ташаккули муносибатҳои қарзӣ дар Тоҷикистон хуссусияти системавӣ дошта он аз қисмҳо ва омилҳои гуногун вобаста мебошад, ки онро метавон дар сатҳҳои гуногун арзёбӣ намуд.

Номувозинатии ҷараёнҳои институтсионалӣ ва вайрон шудани вазъияти сиёсӣ боиси он мегардад, ки фаъолияти тамоми соҳаҳо фалаҷ гардида механизми тамоми муносибатҳо аз байн бурда шавад ва ин масъалаҳо сабаби сар задани бӯҳронҳо мегарданд. Дар шароити пасошӯравии кишвари мо як қатор масъалаҳое, ки боиси ба миён овардани мушкилот дар самти ташаккули дурусти муеносибатҳои гуногунҷанба мегардид зиёд буд.

Яке аз масъалаҳои асосӣ ва пурмуаммо ин вайрон шудани сохти сиёсӣ ва Конститутсионии давлат аз ҳисоби ҷагни таҳмилӣ-шаҳрвандӣ буд, ки он ҷараён пешравии тамоми соҳаҳоро мегирифт. Вобаста ба ин ҳамчун дастоварди муҳими давлат Истиқлолият ин падидаи воқеан муҳимми таърихӣ барои ташаккулу пешрафти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла соҳаи бонкдорӣ шароит ва имконияти мусоид фароҳам овард. Ҳарчанд низоми бонкии ҷумҳурӣ дар заминаи шабакаи бонкии замони шӯравӣ бунёд гардид, дар даврони Истиқлолият тадриҷан зинаҳои такмили заминаи қонунгузорӣ, ба муомилот ворид кардани пули миллӣ, бунёди сиёсати мукаммали пулию қарзӣ, ба роҳ мондани ҳисоббаробариҳои мунтазаму боэътимод, ташкили назорати ба пояи меъёрҳои молиявию иқтисодӣ асосноки бонкӣ ва

ғайраро тай намуда, дар айни замон ба яке аз соҳаҳои ниҳоят муҳимми иқтисодиёти мамлакат табдил ёфтааст ва он бо мурури замон вобаста ба талаботҳои иқтисодиёю иҷтимоӣ ҳамеша такмил ва чорабиниҳои иловагиро тақозо менамоя. Муносибатҳои қарзӣ ин марҳилае меброшад, ки дар як давраи муаян татбиқ гардида бо як қатор меъёрҳои муаян танзим карда мешаванд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои зерин боиси рушди муносибатҳои қарзӣ гардиданд, ки натиҷаи онро дар расми 1 ба таври мушаххас дидан мумкин аст.



Расми 1. Хусусиятхои хоси ташаккули муносибатҳои қарзӣ ва пешниҳоди қарз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сарчашма. Таҳияи муаллиф.

Дар ташаккули муносибатҳои қарзӣ фароҳам будани шароит ва дигар имкониятҳои мавҷудаие, ки боиси ба минён омадани муносибатҳои қарзӣ ва рушди он дар ҷомеа мегарданд шарти зарурӣ мебошад. Вобаста ба ин расми мазкур ифодакунандаи механизмҳои асосии ташкили муносибатҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар сатҳи рушди муносибатҳои қарзӣ истиқлоият яке аз механизмҳои асосӣ ва аввалиндараҷа ба ҳисоб рафта, тавасути он тамоми шароитҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар заминаи муносибатҳои пулию қарзӣ пеш бурда мешаванд шароит фароҳам овард. Яне гуфтан мумкин аст, ки марҳалаи асосии ташаккули муносибатҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Исттиқлолияти давлатӣ буд.

Вазъи мураккаби ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ ва таъминоти аҳолӣ бо ғизои хушсифати аз ҷиҳати экологӣ тоза моро водор месозад барои расидан ба яке аз ҳадафҳои олии кишвар таъмини амнияти озуқавории кишвар, ки аҳаммияти умумимиллӣ дорад, диққати аввалиндараҷа диҳем[3.138]. Баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ такмилу таҳкими низоми бонкии мамлакат ва заминаи қонунгузории он марҳилаи дигаре буд, ки ташаккул ва рушди муносибатҳои қарзиро бидуни он пеш бурдан ғайриимкон буд. Зеро танзими муносибатҳои пулию қарзӣ ба воситаи низоми мукаммали бонкӣ ба роҳ монда мешавад. Ғайр аз ин яке аз вазифаҳои асосӣ ва аввалиндараҷаи низоми бонкӣ ҳамчун миёнарав ташкилкунандаи муносибатҳои пулию мебошад. Таҷрибаи пасошӯравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар ҳамон давраи буҳронӣ дар мамлакат нарасидани захираҳои молиявии худӣ, ки барои гузаронидани ислоҳоти амиқи иқтисодӣ зарур буданд, ҳаматарафа эҳсос мегардид. Вазъи иқтисодиёти ҷумҳурӣ андешидани чораҳои қатъӣ ва таъхирнопазирро ҷиҳати таъсиси институтҳои молиявӣ ва поягузории механизмҳои амалкарди иқтисоди бозорӣ

талаб мекард[9.294]. Вобаста ба масъалаҳои мазкур маълум аст, ки бидуни низоми мукаммали бонкӣ ягон масъалае, ки ба муносибатҳои пулию қарзӣ бастагӣ доранд, пеш рафта наметавонад. Зеро бонкҳо ба дар иқтисодиёт ба монанди рагҳои хунгард, ки хунро дар организм таъмин менамояд, бонкҳо ин вазифаро дар тақсим ва танзими муносибатҳои пулӣ иҷро менамоянд.

Ислоҳоти пулӣ дар таърихи давлатдории пасошӯрави яке аз механизмҳои муҳими дигари рушди иқтисодиёт ва суботи мунеосибатҳои пулӣ маҳсуб ёфта дар доираи он нақшаҳои молиявӣ дуруст танзим карда мешаванд. Маълум аст, ки бидуни доштани пули миллӣ танзими муносибатҳои гуногунҷанбаи бо пул ифодаёфта ғайриимкон мебошад. Аз ин лиҳоз баро танзими дурусти суботи иқтисодӣ варушди дурусти муносибатҳои пулию қарзӣ Бо мақсади ҳифзи манфиатҳои кишвар ва суръат бахшидан ба дигаргунсозиҳои иқтисодию бунёди низоми пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 майи соли 1995 Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷорӣ намудани пули миллӣ «Дар бораи аз 10-уми майи соли 1995 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот баровардани пули миллӣ – рубли тоҷикӣ» қарор қабул кард. Ҷиҳади хусусияти милли пайдо намудани пул дар таърихи 26 октябри соли 2000 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №415 дар хусуси аз 30 октябри соли 2000 ба муомилот баровардани воҳиди нави пули миллии кишвар “сомонӣ” имзо гадид, ки дар муомилот қурби устувор дошт.

Таъмини муносибатҳои қарзӣ дар сатҳи муносибатҳои иқтисоди бе ташкили инфрасохтори зарурӣ ба таври бояду шояд пеш рафта наметавонад. Зеро дар ташкили дурусти муносибатҳои қарзӣ фароҳам овардани инфрасохторӣ зарурӣ баробарии рушди мносибатҳои қарзиро таъмин намуда сатҳи талаботро дар минтақаҳои алоҳида аз рӯи имконот таъмин менамояд. Ташкили филиалу дигар марказҳои хизматрасонии бонкӣ, насби терминалу постерминалҳо элементҳои муҳими инфрасохтори бонкӣ дар ташкили муносибатҳои қарзӣ маҳсуб ёфта ҷараёни рушди ин миасъаларо дар сатҳи ҷумҳурӣ метезонанд.

Илова бар ин қайд кардан зарур аст, ки мизони таъмини дурусти муносибатҳои пулию дар ҳама ҳолат қонунҳои асосӣ, амалкунанда ва дигар сандҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ танзим намуда дар натиҷа бехатарии ин ё он амалиёт ва фаъолиятро таъмин менамоянд. Дар баробари ин танзими дурусти муносибатҳои қарзиро низ дар ҳама шароит ба воситаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ танзим ва пеш бурдан имконпазир мебошад. Қабули

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” (1991), “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” (1995), “Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ” (1998), “Дар бораи кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ”(2003), “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” (2004), “Дар бораи таърихи қарз (кредит)”(2009), “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм” (2011), “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”(2011), “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” (2014)[10] ин дар соҳаи бонкӣ қонунҳое буданд, ки на танҳо дар танзими низоми бонкии мамлакат нақши муҳим доштанд, балки тар ташаккул ва рушди муносибатҳои қарзӣ мавқеи калидӣ доранд. Илова бар ин тамоми дастуруламалу низомномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои хусусияти меъёридошта дар заминаи қонунҳои мазкур татбиқ мегарданд.

Қайд кардан зарур аст, ки талаботи инсон беохир буда ҳамешаа он дар ҳоли афзоиш қарор дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз механизмҳои дигари ба вуҷуд омадани муносибатҳои қарзӣ ин норасоии захираҳои молиявӣ ва зиёд будани талабот ба қарз мебошад. Ғайридавлатикунонии молиякият ва пурра дар ихтиёри аҳолӣ қарор додани корхонаву муассисаҳои амалкунандаи тиҷоратӣ, истеҳсолӣ ва монанди инҳо боси ривоҷ ёфтани муносибатҳои қарзӣ гардид. Албатта ҷараёни қонеъ намудани талабот дар заминаи танзими дурусти муносибатҳои қарзӣ сурат мегирад.

Дуруст аст, ки фоизи бонкӣ яке аз шаклҳои пешрафтаи фоизи қарзҳо ба ҳисоб рафта ифодаи пулии фоидаи бадастомада аз ҳисоби қарзи додашуда мебошанд. Ҷараёни бавуҷуд

омадани фоиз дар ҳолате сурат мегирад, ки агар, ки бонк ба сифати яке аз субъектҳои муносибатҳои қарзӣ баромад намояд. Фоизи фоизҳое, ки қарзгир ба қарздиҳанда аз ҳисоби фоидаи бадастомада пардохт мекунад ин маблағ ҳамчун «шакли ғайримуқаррарии нарх»-и сармояи қарзӣ муайян карда мешавад, ки онро қарзгиранда дар ивази истифодаи гарзи гирифташуда пардохт менамояд[2.72]. Меъёри фоизи қарз дар ташаккул ва рушди муносибатҳои қарзӣ, ки ба имконияти қарзгиранда вобаста мебошад нақши калидӣ дорад.


Дар таҷрибаи фаъолияти бонки марҳалаи раванди қарздиҳӣ қисмати асосии аносми амали муносибатҳои қарзӣ буда он аз панҷмараҳалаи асосӣ: гузаронидани муҳосибаи шифоҳӣ бо мизоҷ, таклифоти талабномаи қарзии мизоҷ ва қабули ҳалномаи №1, мутобиқати талабномаи дархости қарзӣ бо стратегияи қарзии бонк ва ҳалномаи № 2, пешниҳоди таклифот доир ба қарздиҳӣ ва қабули ҳалномаи №3, омӯзиши таклифот оид ба қарздиҳӣ ва қабули ҳалнома. Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки яке аз механизмҳои асоеие, ки дар раванди рақобатпазирӣ ба фаъолияти босамари бонкҳо мусоидат менамояд, ин сода ва самаранок будани маҳалаҳои қарздиҳӣ мебошанд.

Дуруст аст, ки муносибатҳои қарзӣ ба ҳаракати сармояи қарзӣ алоқаманд буда шаклҳои гуногуни қарзро дар бар мегиранд ва онҳо дар доираи вазифа ва шартҳои гуногун пешниҳод мегарданд[8.233]. Ба андешаи мо ҳамзамон бо ин қайд кардан зарур аст. Ки дар сатҳи муносибатҳои қарзӣ ҳамвора бо фароҳам овардани шароити қарздиҳӣ ва муносибатҳои қарзӣ низоми муаян вуҷуд дорад, ки талаботи рӯзафзун ба қарз дар заминаи иен низом таъмин карда мешавад. Низоми қарзӣ ҳамчун маҷмӯи муассисаю ташкилотҳои хизматрасони муносибатҳои қарзӣ, ки ба таври дигар мо онҳоро бонкҳо ва монобонкҳо меномем, сармояи пулӣ, даромаду пасандозҳои муваққатан озодмондаи аҳолию корхонаҳоро, ҳукумат ва шахсони алоҳидаи ба пул эҳтиёҷдошта ба қарз медиҳад. Ҳамин тариқ, раванди бемайлони истеҳсолоту пайвастагии он бо истеҳсолот таъмин карда мешавад. Новобаста аз оне, ки дар ташаккул ва рушди муносибатҳои қарзӣ байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунанда як қатор механизмҳои конкретӣ таъсир мерасонанд, ҳамзамон гурӯҳи омилҳо низ вуҷуд дорад, ки ба сатҳи рушди ин масъала таъсири мусбат ва манфӣ мерасонанд.

Равандҳои ба ҳам печидаи иқтисодӣ ба таври муловим дар ҳоли тағйирёбӣ қарор дошта нуқтаҳои осебпазир ва зафро дар муддати кутоҳ мушаххас менамоянд. Муносибатҳои қарзӣ раванди мувақатиест, ки он дар доираи муҳлати муаян ташкил гардида баъди анҷоми уҳдадориҳои тарафҳо ба охир мерасад. Муносибатҳои қарзиро дар сатҳи иқтисодиёт муносибатҳои ҷиддӣ ва нозук гуфтан мумкин аст, ки ҳанголми вайрон шудани меъёрҳо ва дигар ӯҳдадориҳо метавонад яке аз тарафҳоро ба бунбаст мувоҷеҳ намояд. Аз ҳамин лиҳоз дар сатҳи муносибатҳои қарзӣ як қатор омилҳо мавҷуданд, ки онҳо метавонад ба рушд ё косташавии муносибатҳои қарзӣ оварда расонанд.

Омилҳои таъсиррасон дар муносибатҳои қарзӣ дар аксар ҳолат аз тарафи бахши институтҳои молиявӣ идорашаван буда он ба сатҳ рақобатпазирии низоми бонкӣ ва ҳайати кадрию идоракунии он бастагии зиёд дорад. Дар сатҳи муносибатҳои қарзӣ таҷдиди як сохтори марказонидашудаи идоракуни, ки пурра ба талаабот ва манфиати мизоҷон нигаронида шуда бошад шарти зарурист. Барои рушди муносибатҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки пурра марҳалаҳои ва равандҳои бехатарии қарзҳои пешниҳодшавандаро таъмин менамояд андешидани чоратҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:


- Риояи қатъии шартҳои қарз аз марҳлаи пешниҳоди қарз то бар гардидани он ба бонк;
- Аз байн бурдани тавакалҳои эҳтимолӣ ҳангоми пешниҳоди қарз бо тназардошти заминаҳои таъмин будани он бо ягон воситаи баробаразриш;
- Пурзур намудани захираҳои қарзӣ аз ҳисоби воситаҳои худдӣ ва воситаҳои ҷалбгардидаии дохилӣ;
- Назоарти қатъи аз рӯи мақсаднок истифода бурдани қарз ва ғ.



Расми 1. Омилҳои асосии таъсиррасон ба муносибатҳои қарзӣ

Сарчашма. Таҳияи муаллиф.

Дар муносибатҳои қарзӣ риояи меъёрҳо ва шартҳои қарзӣ аз ҳама масъалаи зарурист. Зеро ҳамбастагии шартҳои бонкӣ, қарзӣ ва бозори ҳангоми ташкили муҳити муносибат метавонанд якдигарро пурра намоянд ё ба ҳамдигар таъсири манфӣ расонанд. Дуруст қайд гардидааст, ки дар амалияи субъекти хоҷагидорӣ иҷрошавии ҳар як амалиёти бонкӣ дар бисёр мавридҳо аз амалиёти кории онҳо вобастагӣ дорад, зеро бонк бо истифодаи як қатор воситаҳо муҳити бехатарии худро ҳамаҷониба таъмин менамояд, ки онҳо дар нақша оварда шудаанд (расми 2.).



Расми 2.[1.113] Принсипҳои бозории қарздиҳии бонкӣ ба истеҳсолоти кишоварзӣ

Албатта вобастагии принсипҳои овардашуда бозгӯ муносибати ҷиддии байни соҳаҳои овардашуда мебошад. Дар амал татбиқ намудани ҳар амалиёт ва муваффақияти бонкӣ ё хоҷагидор аз принсипҳои корӣ ва амалиётии он вобастагии зиёд дорад, зеро тавассути истифодаи як қатор принсипҳои вобаста бонк ё дилхоҳ соҳаи фаъолият метавонад муҳити бехатарии худро ҳаматарафа таъмин намояд. Дарвоқеъ, муваффақият ва бохти фаъолияти ҳар як соҳа дар доираи принсип ё шартҳои он асос меёбад, зеро агар принсипҳои фаъолияти соҳа ба талаботи бозор ҷавобгӯ набошанд ё доираи талаботро бо назардошти имтиёзҳо дар худ фаро нагиранд, он соҳа муваффақ шуда наметавонад. Принсипҳо бояд тавре сохта шаванд, ки бехатарии фаъолият ва имкониятҳои мавҷудаи истифодабарандаро дар худ фаро гиранд. Ғайр аз ин дар ташаккул ва рушди муносибатҳои қарзӣ аз ҳисоби ба ҳам пайваст ва вобаста будани шартҳои қарзӣ дар сатҳи субъектҳои гуногуни иқтисодӣ риояи ҳамтарафаи шартҳо ёпринсипҳои дар расм овардашуда зарурӣ ва саривақтист.

Ташаккул ва рушди муносибатҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи 31 сола дошта он дар марҳалаи ҷадиди рушд дорад. Қайд кардан зарур аст, ки то соли 1991 заминаи

заифи муносибатҳои дар доираи иқтисоди палники, ки як низоми муттамарказ буд ифода меёфт. Аз ин лиҳоз густариши он дар сатҳи зарурӣ барои тезонидани ҷараёни истеҳсолот, рушди воқеии иқтисодӣ, фароҳам овардани шароити хуби зиндагӣ мусоидати ҳаматарафа менамояд. Дар айни замон ба андешаи мо зарур аст, ки густариши муносибатҳои қарзӣ тавасути институтҳои молиявӣ ба таври мудовим ва доимӣ байни субъектҳои гуногуни иқтисодӣ ва аҳолӣ бо роҳу воситаҳои дастрас роҳандозӣ гардида идомаи он бо иловаи заминаҳои рушд доимӣ карда шавад. Барои ташаккул ва рушди муносибатҳои қарзӣ бояд масъалаҳои зерин ҳамчун шароит фароҳам бошанд:

- дастрас будани захираҳои қарзӣ ба тамоми субъектҳои гуноугни иқтисодва аҳолии қобили меҳнаат;
- тар минтақаҳои имконияти васеъи иқтисодидошта ташкил намудани маоказҳои хизматрасонӣ ва машваратӣ;
- зиёд намудани минтақаҳои озодӣ иқтисодӣ ва ба воситаи қарзҳ тақвият додани истеҳсолот ва коркард;
- дар бонкҳои тиҷорати ташкил намудани марказҳои ҳамоҳангсозӣ ва коркарди лоиҳаҳо барои додаи қарзҳо;
- ба бахши воқеиии иқтисодиёт зиёд намудани ҳиссаи қарзҳои дарозмуддат ва фароҳам овардани шароитҳои имтиёзнок ҷиҳати тақвияти истеҳсолот ва ғ.

Адабиёт

1. Махшулов С. Таъсири қарздиҳии бонкӣ ба самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ. Дис.. ном. Илмҳои иқтисодӣ. С.Ҷ. Махшулов. Хушанбе 2020. Саҳ 113-114
2. Махшулов С.Ҷ., Чумаев И.Қ. Таъмини бехатарии низоми қарздиҳӣ дар шароити муосир. Паёми молия ва иқтисод. 2022. № 4-2 (34). с. 72-79.
3. Махшулов С.Ҷ., Ахмедова Б. Механизмҳои асосии фаъолгардонии қарздиҳии низоми бонкӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт паёми молия ва иқтисод. 2023. № 2 (36). с. 137-151.
4. Осадчая И. Инфляция: суть, причины, формы проявления // Наука и жизнь. - 2008. - N 4. -С.14-20
5. Плышевский Б. Инфляция: причины и механизм // Экономист. - 2008. - N 7. - С.25-33.
6. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз / Ш.Раҳимзода // китоби дарсӣ. Душанбе 2018. Саҳ 202
7. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз / Ш.Раҳимзода // китоби дарсӣ. Душанбе 2018. Саҳ 202
8. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз.Душанбе «Эр-граф» 2018. Саҳ 233
9. Ҷ. Нурмаҳмадзода, Ҷ.Нуралиев, С.Икромӣ, М. Ниёзов, М. Султонов // Рушди низоми бонкӣ дар 25 соли Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон/. — Душанбе: «Вектор принт», 2016. — 294 саҳ.
10. WWW. hbt. tj (Санаи мурочиат 26.04.2022)
11. Cost-Push Inflation Versus Demand-Pull Inflation. URL: http://www.investopedia.com /articles/05/012005.asp.

АҲАМИЯТИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ ВА ЗЕҲНИ СУНЪӢ ДАР ТАЪЛИМ

Мирзоев Исматулло Назаралиевич-муаллими калони кафедраи технологияи иттилоотӣ ва барномасозӣ.

Ба соҳаи маориф ворид шудани технологияҳои муосири иттилоотӣ ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки мундарича, усул ва шаклҳои ташкилии таълимро ба таври сифатӣ тағйир диҳанд. Мақсади ин технологияҳо дар таълим таҳкими қобилияти зеҳнии хонандагон дар ҷомеаи иттилоотӣ, инчунин гуманизатсия, фардикунонӣ, интенсификатсияи раванди таълим, баланд бардоштани сифати таълим дар тамоми зинаҳои низоми таълим мебошад. Дарвоқеъ, баъзе аз самаранокии чунин тафсирҳои технологияи рақамӣ аз усулҳои омӯзиши анъанавӣ қариб фарқ надоранд, аммо аз варақаҳои бидуни коғаз, китобҳо то дастрасии зуд ба иттилоот ва сарфаи вақт, он хароҷоти таҳсилро коҳиш дода, пулро сарфа мекунад ва роҳи самараноки омӯзишро барои донишҷӯён таъмин мекунад.

Калидвожаҳо: маориф, технологияи иттилоотӣ, зеҳни хонандагон, сифати таълим, ташаккул.

ВАЖНОСТЬ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЦИФРОВЫХ ТЕХНОЛОГИЙ И ИСКУССТВЕННОГО ИНТЕЛЛЕКТА В ОБРАЗОВАНИИ

Мирзоев Исматулло Назаралиевич-старший преподаватель кафедры информационных технологий и программирования.

Внедрение современных информационных технологий в сферу образования позволяет педагогам качественно изменять содержание, методы и организационные формы обучения. Целью этих технологий в образовании является укрепление интеллектуальных способностей учащихся в информационном обществе, а также гуманизация, персонализация, интенсификация учебного процесса, повышение качества образования на всех уровнях образовательной системы. На самом деле, некоторые из преимуществ таких интерпретаций цифровых технологий практически неотличимы от традиционных методов обучения, но от безбумажных листов, книг до быстрого доступа к информации и экономии времени-это снижает стоимость обучения, экономит деньги и обеспечивает более эффективный способ обучения для студентов.

Ключевые слова: образование, информационные технологии, Интеллект учащихся, качество образования, формирование.

THE IMPORTANCE OF USING DIGITAL TECHNOLOGIES AND ARTIFICIAL INTELLIGENCE IN EDUCATION

Mirzoev Ismatullo Nazaralievich-Senior Lecturer, Department of Information Technology and Programming

The introduction of modern information technologies in the field of education allows teachers to qualitatively change the content, methods and organizational forms of education.The purpose of these technologies in education is to strengthen the intellectual abilities of students in the information society, as well as to humanize, personalize, intensify the educational process, and improve the quality of education at all levels of the educational system.In fact, some of the most effective interpretations of such digital technologies are virtually indistinguishable from traditional teaching methods., But ranging from paperless documents, books, to quick access to information and time savings, it reduces tuition fees, saves money, and provides an effective way for students to learn.

Keywords: education, information technology, student intelligence, quality of education, education.

Ба соҳаи маориф ворид шудани технологияҳои муосири иттилоотӣ ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки мундариҷа, усул ва шаклҳои ташкилии таълимро ба таври сифатӣ тағйир диҳанд. Мақсади ин технологияҳо дар таълим таҳкими қобилияти зеҳнии хонандагон дар ҷомеаи иттилоотӣ, инчунин гуманизатсия, фардикунонӣ, интенсификатсияи раванди таълим, баланд бардоштани сифати таълим дар тамоми зинаҳои низоми таълим мебошад. И.В. Роберт ҳадафҳои асосии педагогии зеринро оид ба истифодаи воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотӣ муайян мекунад [1]:

1. Интенсификатсияи тамоми зинаҳои раванди таълим тавассути истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ:

- баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати раванди таълим;
- баланд бардоштани фаъолияти маърифатӣ;
- амиқ кардани муносибатҳои байни лоиҳаҳо;
- баланд бардоштани ҳаҷм ва оптимизатсияи ҷустуҷӯии маълумоти зарурӣ.

2. Ташаккули шахсияти донишҷӯ, омода намудани инсон ба ҳаёти пурбаракат дар ҷомеаи иттилоотӣ:

- инкишоф додани шаклҳои гуногуни тафаккур;
- рушди малакаҳои муошират;
- ташаккул додани малакаҳои қабули қарори беҳтарин è пешниҳоди ҳалли онҳо дар вазъияти душвор;
-тарбияи эстетикӣ тавассути истифодаи графикаи компютерӣ, технологияҳои мултимедиявӣ;
- ташаккули фарҳанги иттилоотӣ, қобилияти коркарди иттилоот;
- ташаккул додани малакаҳои моделсозии вазифа ё вазъият;
-ташаккул додани малакаҳои амалӣ намудани фаъолияти таҷрибавии тадқиқотӣ.

3. Кор оид ба иҷрои супориши иҷтимоии корфармо:

- тарбияи шахси босавод;
- омӯзонидани корбарон бо ёрии компютер;
- амалӣ намудани роҳнамоии касбӣ дар соҳаи информатика.

Истифодаи навовариҳои технологӣ дар системаи таълимӣ боиси такмили тамоми зинаҳои раванди таълим гардида, чунин омилҳоро таъмин менамояд:

- баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати раванди таълим тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои нави иттилоотӣ;
-таъмини ангезаҳои ҳавасмандкунанда, ки фаъолсозии фаъолияти маърифатиро талаб мекунанд;
- амиқтар кардани робитаҳои байнисоҳавӣ тавассути истифодаи воситаҳои муосири коркарди иттилоот дар ҳалли масъалаҳои соҳаҳои гуногуни илмӣ.

Таъсири бузурги технологияҳои иттилоотии муосирро ба раванди таълим ба назар гирифта, бисёре аз омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ омодаанд, ки онҳоро ба фаъолияти касбии худ ҷалб намоянд, аммо раванди иттилоотикунонии таҳсилоти мактабӣ ба таври фаврӣ амалӣ намешавад, зеро он мувофиқи ягон ислоҳот пайвастагӣ дорад. Самти озод дар ҳама гуна фазои иттилоотӣ азхудкунии зерфарҳанги иттилоотиро дар доираи фарҳанги бартаридоштаи инноватсионӣ дар назар дорад, ки яке аз ҷузъҳои фарҳанги умумии инсонӣ мебошад. Ҷараёни ташаккули он ҷараёни яклухт буда, онро дар ҳеҷ шароит пароканда кардан мумкин нест. Фарҳанги инноватсионӣ як низоми арзишҳо, меъèрҳо ва урфу одатҳоест, ки на аз рӯйи вазъи иҷтимоӣ ё синну соли гурӯҳи муайян, балки аз рӯи сатҳи ошноӣ бо ҷараёни иттилоот ва технологияҳои иттилоотии рақамӣ муттаҳид мешаванд. Самаранокии ташаккули маданияти инноватсионии муаллими синфҳои ибтидоӣ низ ба рушди нерӯи эҷодӣ, омодагии ӯ ба фаъолияти инноватсионӣ ва эҷодӣ алоқаманд аст. Ин ҳама ба зеҳни сунъӣ зич алоқамандӣ

дорад. Табиист, ки зеҳни сунъӣ аз соҳаи маориф канорагирӣ намекунад. Он соҳаи маорифро ба таври ҷиддӣ тағйир медиҳад.

Пеш аз ҳама, зеҳни сунъӣ монеаҳои таълимро коҳиш дода, равандҳои идоракуниро автоматӣ мекунад. Дуюм, он дорои иқтидори суръат бахшидан барои ноил шудан ба ҳадафҳои ҷаҳонии таҳсилот тавассути оптимизатсияи роҳҳои беҳтар кардани натиҷаҳои омӯзиш мебошад. Мисоли одӣ: донишҷӯе, ки имтиҳонҳои компютериро месупорад, ба худаш баҳо медиҳад: «Санҷишҳое, ки гирифтаам ба сатҳи ман мувофиқанд ва аз уҳдаи он баромада метавонам?». Мисоли дигар. Фарз мекунем, ки фарзанди шумо бо математика шуғл меварзад ё ин ки аз он худро канорагирӣ мекунад. Агар фарзанд аз ягон фан дониши кофӣ надошта бошад, аз ҳамсолонаш ақиб монад, ин ҳар як падару модарро ба ташвиш меорад. Дар айни замон фарз мекунем, ки барномаи зеҳнии «Ал-Хоразмӣ» маҳсули зеҳнии худро ба кӯдакони синни мактабӣ, барномаҳои инфиродӣ, ки аз ҷониби зеҳни сунъӣ таҳия шудааст, фаъолият мебаранд. Ба кӯдак ин барнома пешниҳод карда мешавад. Дар натиҷа, ба ҷойи муаллим, ин барнома мунтазам дарсҳои фарзанди шуморо назорат мекунад. Дар ниҳоят, дар охири мӯҳлат, омӯзиши фарзанди шумо беҳтар хоҳад шуд. Фарзанди шумо имтиҳони математикаро бо баҳои аъло месупорад. Ин аст мисоли равшани зеҳни сунъӣ. Имрӯзҳо ба мо барномаҳое лозиманд, ки зеҳни сунъиро на танҳо дар математика, балки дар ҳама фанҳо назорат кунанд.

Иҷрои супоришҳо бо истифода аз ҳамон китобҳои дарсӣ хонандагони лаёқатмандро дилгир мекунад, ва зеҳни сунъӣ дар ин ҷо мавқеи хосе дошта, онро иҷро мекунад. Дар ҷаҳони рақамӣ, он ба омӯзгорон кӯмак мекунад, ки раванди таълимро фардӣ кунанд. Якум, он имкон медиҳад, ки донишҷӯ оромона бо истифода аз барномаҳои махсус донишҳои навро аз худ кунад ва дуюм, зеҳни сунъӣ як навъ омӯзгор барои волидон ва донишҷӯён мегардад. Сеюм, истеъдоди кашфнашудаи бача ошкор мегардад. Мисолҳои овардашуда асоси чунин хулосаҳо мебошанд, ки зеҳни сунъӣ таҳсилро барои ҳама сифатнок, арзон ва маъмул месозад. Ғайр аз ин, ӯ омӯзгор-тарбиятгарро мемонад. Бе муболиға гуфтан мумкин аст, ки шогирд омӯзгор сунъист, ки ҳамеша дар паҳлӯяш қадам мезанад. Махсусан замимаҳои мобилӣ ба шумо имкон медиҳанд, ки ҳар вақт онҳоро истифода баред ва мавзӯи норавшанро бо роҳҳои гуногун дубора шарҳ диҳед. Оё мо ҳоло барнома надорем? Мо дорем. Аммо онҳо оммавӣ нестанд, дар доираи танг истифода мешаванд. Масалан, замимаҳои Brainiy, Thinkster Math, Netex Learning ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки супоришҳои мактабии худро муҳокима кунанд, дониши худро аз фанни риёзиёт мустаҳкам кунанд ва барномаи сеюм бошад, ба омӯзгорон дар омода кардани маводи интерактивии аудио ва видео кӯмак мерасонад.

Зеҳни сунъӣ системаи баҳодиҳии донишро автоматӣ мекунад ва омили инсониро аз байн мебарад. Вазифаҳои хонагиро ҷидди тафтиш мекунад, изтироби санҷишҳои баҳогузорӣ шударо сабук менамояд. Дар воқеъ, ҳеҷ як зеҳни сунъӣ ҳеҷ гоҳ баҳои зиндаи омӯзгорро иваз карда наметавонад, аммо он метавонад наздик шавад. Аз ин рӯ, маълум мешавад, ки баҳогузорӣ ва банақшагирии дарс низ ба зеҳни сунъӣ мегузарад. Дар таълими рақамӣ, зеҳни сунъиро метавон барои баҳодиҳии пурраи супоришҳои хаттӣ ва имтиҳонҳо дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот истифода бурд. Ин аз як тараф хуб аст, аз тарафи дигар бачаеро, ки ба хондан кӯшиш мекунад, фаъолона ташвиқ кардан мумкин нест. Зеҳни сунъӣ на ҳамеша хуб аст. Он ҳам тарафҳои манфӣ ва ҳам мусбат дорад. Дар ин бобат олимони мо бояд ҳанӯз бисёр кор кунанд. Таҳлили ҳар як кишвари пешрафтаеро, ки зеҳни сунъӣ дар он саҳми калон дорад, таҳлил кунед. Масалан, дар Британияи Кабир замимае бо номи, PhotoMath мавҷуд аст, ки ба воситаи он онҳо метавонанд ба масъалаҳои математика ҷавоб гиранд. Барои ин, агар камераи дастгоҳи мобилӣ ба мушкилот гузошта шавад, ҷавоб дар экран бо усулҳои корӣ баромад мекунад.

Агар омӯзгор дар мактаб аз фанни химия ва биология корҳои зиндаи лабораторӣ нишон диҳад, боқимондаи корҳоро дар хона тавассути зеҳни сунъӣ иҷро кардан мумкин аст. Инсоният воқеан зеҳни сунъиро истифода мебарад. Шабакаҳои иҷтимоии Google, сайтҳои гуногун, пойгоҳи додаҳо ва ҷустуҷӯ, маҷаллаҳои интернетӣ ҳама ба фаъолияти ҳаррӯзаи мо, ниёзҳои мо

табдил ѐфтаанд. Ҳоло сухан дар бораи табдил додани зеҳни сунъӣ аз зарурати рӯзгор ба зарурати таълимӣ меравад. Дар бисёр доираҳо савол медиҳанд: «Акнун зеҳни сунъӣ чист?» Дар иқтисодиёти рақамӣ зеҳни сунъӣ қувваи пешбарандаи тамоми соҳаҳо мебошад. Мо аксар вақт мехоҳем, ки навоварӣ фавран самаранок бошад, ки ин на ҳамеша имконпазир аст. Зарур аст, ки ин равандҳоро зина ба зина амалӣ созем, омӯзгоронро ба тарзи нав фаъолият бурдан равона созем, саводнокии рақамии роҳбарони маорифро баланд бардорем, он гоҳ мо ба ҳадафҳои худ мерасем. Пешравии ислоҳоти имрӯза дар ҷабҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ дар мамлакати мо ислоҳоти куллии системаи маорифро тақозо мекунад, зеро рушди ҳар як соҳаро дониш, дарк, тафаккур ва маҳорати коршиносони он соҳа муайян мекунад, ки онҳо то чӣ андоза тамоюлҳои рушди ин самтро дар ҷаҳон аз худ кардаанд. Вобаста ба ин, бо дарназардошти он, ки вазифаи асосии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварамон тайѐр намудани мутахассисони дорои малакаи баланд ва ҷаҳонбинии муосир аст, тақозо менамояд, ки барои рушди кишвар ва некӯаҳволии мардум пурсамар фаъолият карда тариқи онлайнӣ хизмат кунанд. Пас, омӯзиши фосилавӣ чӣ манфиат дорад? Аввалан, гарчанде ки системаи таълими фосилавӣ бори аввал соли 1999 пайдо шуд, аммо на ҳамеша ба он ҷиддӣ муносибат мекарданд. Вақте ки муассисаҳои таҳсилоти олӣ барномаҳои онлайнии худро аккредитатсия мекунанд ва имконоти омӯзиши чандир ба ин соҳа ворид мешавад, тамаркуз ва дурнамо ба омӯзиши фосилавӣ зуд тағйир ёфт, зеро тавассути омӯзиши фосилавӣ омӯхтани малакаҳои нав ё маводи фаннӣ зудтар, осонтар ва арзонтар аст. Сониян, имрӯз технологияҳои нави иқтисодиёти рақамӣ ба рушди минбаъдаи таҳсилоти фосилавӣ мусоидат мекунанд, яъне низоми таҳсилоти фосилавӣ имкон медиҳад, ки бо истифода аз воқеияти виртуалӣ ва афзоишѐфта, технологияҳои рақамии визуалӣ ба он нигаронидашуда таваҷҷуҳи хонандагонро ба дарс васеътар ҷалб намояд.

Хусусан, дар шароити кунунӣ соҳаи таҳсилоти фосилавӣ беш аз пеш маъмул гаштааст. Дар саросари ҷаҳон, муассисаҳои таълимӣ бо истифода аз барномаҳои таълими фосилавӣ омӯзиш ташкил мекунанд ва ширкатҳо ва ташкилотҳо фаъолияти фосилавии кориро роҳандозӣ мекунанд. Сеюм, донишҷӯён ѐ кормандон вақте ки онҳо ба омӯзиши фосилавӣ дастрасӣ доранд, барои омӯзиши мавод дар системаи омӯзиши анъанавӣ 60% камтар вақт сарф мекунанд, зеро сатҳи шавқу рағбати донишҷӯѐне, ки дар барномаҳои таълими фосилавӣ таҳсил мекунанд, назар ба муҳити муқаррарии синфхона 60% самараноктар аст. Чаҳорум, шахсони маводи технологияҳои рақамии, ба барномаи таълими фосилавӣ ворид шудаанд, мешунаванд, назар ба дарсҳои анъанавӣ, 5 маротиба зиѐдтар бартарӣ дошта, ин вақти омӯзиши онҳоро зиѐд намекунад, балки имкон медиҳад, то ки ба дигар фаъолиятҳо машғул шаванд. Панҷум, технологияҳои таълими рақамӣ дар таълими фосилавӣ имкони мукаммал кардани камбудиҳои дар усули анъанавӣ боқимондаро фароҳам меорад. Дарвоқеъ, баъзе аз самаранокии чунин тафсирҳои технологияи рақамӣ аз усулҳои омӯзиши анъанавӣ қариб фарқ надоранд, аммо аз варақаҳои бидуни коғаз, китобҳо то дастрасии зуд ба иттилоот ва сарфаи вақт, он хароҷоти таҳсилро коҳиш дода, пулро сарфа мекунад ва роҳи самараноки омӯзишро барои донишҷӯён таъмин мекунад. Шашум, дар 15 соли охир дар замони муосир ворид шудани навъҳои навтарини дастгоҳҳои мобилӣ ки бо истифода аз онҳо барои зуд назорат кардани воқеа, рӯйдодҳои ҷаҳон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва зуд дастрас кардани ҳама намуди мавод (видео, аудио, матн) , графикаи 3D, 5D, 7D) сурат гирифта, ҳифз ва интиқол дода шудву, боиси пайдоиши технологияҳои рақамӣ гардид. Ин имкон медиҳад, ки ҳар рӯз усулҳои анъанавии таълим иваз карда шаванд, зеро аудитория то чӣ андоза зуд тағйир меѐбад, аз роҳҳои кӯҳна ва ҷорӣ намудани усулҳои нави таълим дар асоси технологияҳои рақамӣ, ба ҷои коғазу дафтарҳо истифода бурдани планшетҳои одӣ, нармафзори мураккаб ва таҷҳизоти рақамӣ ба вуҷуд меояд. Масалан, аз се ду ҳиссаи донишҷӯѐни ИМА барои дастрасӣ ба барномаҳои нав аз дастгоҳҳои мобилӣ истифода мебаранд. 99% донишҷӯѐне, ки барои эҳтиѐҷоти омӯзиши онлайн аз дастгоҳҳои мобилӣ истифода мебаранд, мегӯянд, ки барномаҳои мобилии омӯзиши фосилавӣ таълим гирифтани онҳоро беҳтар кардааст. Ҳафтум, бисѐре аз корпоратсияҳои бузургтарини

ҷаҳон, на ба дипломҳо, балки ба малакаҳои амалӣ тамаркуз кардаанд ва талаботи омӯзиш дар соҳаи маорифро ҳамчун шаҳодатномаи салоҳият баррасӣ намудаанд.

Бисёре аз корфармоёни пешқадами ҷаҳон, аз қабили Google, Apple ва Amazon, талаби дипломи коллеҷро барои фаъолият қатъ кардаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши донишҷӯён бо истифода аз технологияҳои рақамӣ тавассути барномаҳои таълими фосилавӣ барои ташаккули на танҳо донишҳои назариявӣ, балки малакаҳои амалии онҳо дар сатҳи баланд хизмат мекунад Ҳаштум, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва омӯзиши фосилавӣ боиси самараноки системаҳои насли нав ва маҷаллаҳои электронӣ гардид. Дар ин кор на танҳо профессорону донишҷӯён, балки волидайни онҳо низ иштирок мекунанд, яъне онҳо метавонанд баҳои журнали электронӣ, супоришҳои хонагӣ, тестҳо ва омори умумии ҳар як донишҷӯро дар шакли фикру мулоҳиза бубинанд, инчунин бо истифода аз паѐмакҳо гузаронанд ва муҳимтар аз ҳама, он имкон медиҳад, ки фарҳанги электронии корбар ташаккул ёбад. [6, с. 9-11].

Адабиёт

1. Абдуллоева, У. Махарипова, А. Разименова, К. Азизова, усулҳои Муосири таълими забонҳои хориҷӣ ва истифодаи онҳо дар мактаби ибтидоӣ маҷаллаи Байналмилалии барқарорсозии психологию иҷтимоӣ ISSN: 1475-7192, Ҷилди 24, шумораи Махсуси 1, 2020 https://www.psychosocial.com/article-category/special-issue

2. Машарипова У.. Рушди фарҳанги инноватсионии муаллимони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун мушкилоти педагогӣ. Маҷаллаи байналмилалии илм ва техника (IJPSAT, ISSN: 2509-0119) (Ҷилди 19, шумораи 1 феврали соли 2020, саҳ.285-287http://ijpsat.ijshtjournals.org/index. Php / ijpsat / мақола / намоиш / 1667 / 885

3. Машарипова У.. Ташаккули фарҳанги инноватсионии муаллимони ояндаи мактаби ибтидоӣ дар раванди рушди касбӣ маҷаллаи Аврупоии илмҳои гуманитарӣ ва дастовардҳои таълимӣ (EJHEA), дар интернет дастрас аст: https://www.scholarzest.com Vol. 2 № 2, феврали 2021, ISSN: 2660-5589, саҳ. 33-35.

4. Махарипова У. Механизмҳои Асосии фаъолияти фарҳанги инноватсионии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ маҷаллаи илмии АВРУПОИ Шарқӣ ISSN: 2199-7977 (no 1, 2019) http://journale. auris-verlag de/index. Php /EESJ/ article /view/ 1072/

5. Роберт И. В. Назария ва методикаи иттилоотикунонии таълим (таҷрибаи психологӣ-педагогӣ ва техникӣ). М.: Нашри ран. Маҷалла. «Таълими касбӣ. Пойтахт, 2010. 48с

6. К. Тухсанов. Маводҳои анҷумани байналмилаӣ оид ба ,Омӯзиши технологияҳои рақамӣ :татбиқи тамоюлҳои муосир ва омилҳои рушди он, 2021, Бухоро,

СОҲАҲОИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: АФЗАЛИЯТ ВА ДУРНАМОИ РУШД

Файзулоев Ҳ.П.-ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе

Мақолаи илмӣ ба таҳлили вазъи кунунӣ, афзалиятҳо ва дурнамои рушди соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф нақши саноатро ҳамчун самти афзалиятноки иқтисоди миллӣ дар шароити гузариш аз модели аграрию индустриалӣ ба индустриалию аграрӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар мақола рушди соҳаҳои асосии саноат, аз ҷумла саноати маъданҳои кӯҳӣ, саноати хӯрокворӣ, масолеҳи сохтмон, энергетика ва истеҳсоли нерӯи барқ таҳлил гардидааст.

Таъкид мешавад, ки дар солҳои охир бо дастгирии давлат, ҷалби сармояи хориҷӣ ва татбиқи технологияҳои муосир иқтидорҳои истеҳсолии кишвар афзоиш ёфта, ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ назаррас зиёд гардидааст. Дар доираи таҳлил фаъолияти корхонаҳои бузурги саноатӣ, аз ҷумла ҶДММ КМ «Зарафшон», ҶМ ТК ММ «Апрелевка» ва ҶДММ «Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой» баррасӣ шуда, саҳми онҳо дар рушди истеҳсоли металлҳои қиматбаҳо ва маҳсулоти содиротӣ нишон дода шудааст.

Калидвожаҳо: саноат, иқтисоди миллӣ, саноати кӯҳӣ, саноати хӯрокворӣ, масолеҳи сохтмон, энергетика, сармоягузорӣ, содирот, рушди устувор, Тоҷикистон.

ПРОМЫШЛЕННЫЕ СЕКТОРЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ПРИОРИТЕТЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ

Файзулоев Х.П.–ассистент кафедры управления и маркетинга Международный университет Туризма и Предпринимательства Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе

Научная статья посвящена анализу текущей ситуации, приоритетов и перспектив развития промышленных секторов Республики Таджикистан. Автор рассматривает роль промышленности как приоритетного направления развития национальной экономики в контексте перехода от аграрно-промышленной модели к индустриально-аграрной. В статье анализируется развитие основных промышленных секторов, включая горнодобывающую промышленность, пищевую промышленность, производство строительных материалов, энергетику и электроэнергетику.

Подчеркивается, что в последние годы при поддержке государства, привлечении иностранных инвестиций и внедрении современных технологий производственные мощности страны увеличились, а объем промышленного производства значительно возрос. В анализе рассматривается деятельность крупных промышленных предприятий, включая ООО КМ «Зарафшон», АО ТК ММ «Апрелевка» и ООО «Таджикистанско-китайская горно-промышленная компания», и показан их вклад в развитие производства драгоценных металлов и экспортной продукции.

Ключевые слова: промышленность, национальная экономика, горнодобывающая промышленность, пищевая промышленность, строительные материалы, энергетика, инвестиции, экспорт, устойчивое развитие, Таджикистан.

INDUSTRIAL SECTORS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: PRIORITIES AND DEVELOPMENT PROSPECTS

Fayzuloev H.P. - Assistant Professor of the Department of Management and Marketing - International University of Tourism and Entrepreneurship Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe

The scientific article is devoted to the analysis of the current situation, priorities and prospects for the development of industrial sectors of the Republic of Tajikistan. The author discusses the role of industry as a priority direction of the national economy in the context of the transition from an agrarian-industrial model to an industrial-agrarian one. The article analyzes the development of the main industrial sectors, including the mining industry, food industry, construction materials, energy and electricity generation.

It is emphasized that in recent years, with the support of the state, the attraction of foreign investment and the implementation of modern technologies, the country's production capacities have increased, and the volume of industrial output has increased significantly. The analysis examines the activities of large industrial enterprises, including LLC KM "Zarafshon", JSC TC MM "Aprelevka" and LLC "Tajikistan-China Mining and Industrial Company", and shows their contribution to the development of precious metals production and export products.

Keywords: industry, national economy, mining industry, food industry, construction materials, energy, investment, export, sustainable development, Tajikistan.

Саноат аз ҷумлаи самтҳои афзалиятноки хоҷагии халқи кишвар ба ҳисоб рафта, бо эълони гузариш аз модели аграрию индустриалӣ ба индустриалию аграрӣ мавқеи он дар сиёсати давлатии иқтисодиёт тағйир ёфт. Дар баробари ин рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ дар асоси саноатикунонии он ва афзалият ба сенарияи индустриалӣ -инноватсионии рушд то соли 2030 нақш ва аҳамияти соҳаҳои саноатро баланд мебардоранд. Вобаста ба ин, таҳлили вазъи муосири соҳаҳои саноат ва баррасии афзалияту дурнамои он аҳамияти муҳими илмиву амалӣ дорад.

Қобили қайд аст, ки дар қиёс бо дигар ҷумҳуриҳои ИДМ ва таснифи анъанавии мавҷудбуда, соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи маъданҳои кухӣ, саноати хӯрокворӣ, масолеҳи сохтмонӣ, саноати сабук ва пилла, мошинсозӣ ва саноати ангишт ҷудо карда шудааст. Солҳои охир тавассути андешидани тадбирҳои мушаххас ва махсусан дар маркази таваҷҷуҳи давлату Ҳукумати кишвар қарор гирифтани масоили рушди саноат, соҳаҳои саноати кишвар куллан тағйир ёфта, истеҳсолоти саноатӣ ба андозаи назаррас инкишоф ёфта истодааст.

Яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва ояндадори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин саноати маъданҳои кухӣ мебошад. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар саноати маъданҳои кухӣ ҶДММ КМ «Зарафшон», ҶМ ТК ММ «Апрелевка», ҶДММ «Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой» ва ҶДММ КМ ТА «Анзоб» фаъолият мекунанд.

Фаъолияти ҶДММ КМ «Зарафшон», ки дар шаҳраки Суғдиёни шаҳри Панҷакенти Вилояти Суғд ҷойгир шудааст, ба андозаи назаррас самаранок гашта истодааст. Корхона бо истеҳсоли тилло, нукра ва хокаи мис махсус гардонида шудааст, ки дар айни замон иқтидори лоиҳавии коркарди маъдан дар як сол то ба 5,5 млн. тонна расидааст. Бояд қайд кард, ки манбаи асосии ашёи хоми ин корхона бештар аз коннҳои «Тарор», «Ҷилав», «Хирсона» ва «Алимп» дастрас карда мешаванд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки барои мусоидат намудан ба рушди «Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди Корхонаи муштараки «Зарафшон» ҳамкорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати Хитоии «Корпоратсияи саҳомии саноатии куҳии Сызин Лимитед Co., LTD» нақши арзанда бозидааст, ки 27 августи соли 2008 шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонида шуда буд. Мақсад аз ба имзо расонидани Ёддошти тафоҳум ин мусоидат намудан ба рушду тараққиёти ҶДММ КМ «Зарафшон» ҷиҳати таҷдид ва азнавсозии он, баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии металлҳои қимматбаҳою ранга дар кишвар буд, ки дар натиҷаи он аз тарафи ҶДММ КМ «Зарафшон» иқтидорҳои иловагии зерин:

– сехи оҳакбарории иқтидораш 10 000 тонна дар як сол;

– сехи ба навъҳо ҷудокунанда – майдакунанда бо иқтидори 10000 тонна маъдан дар як шабонарӯз,

– майдони ишқоронидани ғарам, масоҳаташ 35000 м^2 барои коркарди на камтар аз 2,5 млн. тонна маъданҳои камфайз дар 1 сол;

– фабрикаи ғанигардонии маъдан бо иқтидори 2000 тн маъдан дар як шабонарӯз;

– коргоҳи холискории тилло ва нуқра сохта шуда, мавриди истифода қарор дода шуданд.

Инчунин барои рушди соҳаи мазкур нақши ҶМ ТК ММ «Апрелевка» мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Корхона дар шимоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҳаллаи Консойи Вилояти Суғд ҷой гирифтааст. Моҳи июли соли 1985 дар заминаи Корхонаи бойгардонии Консой ва чор кони асосии тилло («Апрелевка», «Бургунда», «Қизил-чеку», «Иккиҷелон») идораи маъдани Қайроққум, дар ҳайати Корхонаи коркарди (КК) тилло «Тоҷиктилло» таъсис дода шуд.

Бо мақсади зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда, кам кардани ҳисораи металлҳои қиматбаҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ ҶМ ТК ММ «Апрелевка» – ро дар пояи Идораи маъдани Қайроққум таъсис намуд, ки ба истеҳсоли металлҳои қиматбаҳо машғул мебошад. Маҳсулоти истеҳсолшавандаи ин корхона тилло ва нуқра буда, айни замон иқтидори лоиҳавии коркарди маъдан дар як сол 313,2 ҳаз.тоннаро ташкил медиҳад.

Моҳи июни соли 2007 дар заминаи «Идораи маъдани Олтин-Топкан» ҶДММ «Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой» таъсис ёфта, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, расман ба фаъолият шурӯъ намуд. Корхонаи таъсисдодашуда корҳои барқарорсозии конҳои маъдани зеризаминиро дар моҳи августи соли 2007 оғоз намуда, 18-декабри соли 2007 ба сохтмони фабрикаи бойгардонӣ бо ворид намудани дастгоҳҳо, техника ва мутахассисон оғоз намуд. ҶДММ «Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой» корҳоро дар барқарорсозии конҳо, сохтмони фабрикаи бойгардонӣ, партовгоҳ, обанбор, коргоҳҳои ёрирасон, биноҳои маъмурӣ - маишӣ ва ғайра ҷоннок намуд. Айни замон фабрикаи бойгардонӣ бо иқтидори коркарди 3,0 млн. тн маъдан дар як сол сохта шуда, фаъолият намуда истодааст.

Баробар ба истеҳсоли хокаи сурбу руҳ, аз тарафи корхона дар соли 2013 истеҳсоли хокаи мис ва шурӯъ аз моҳи ноябри соли 2017 истеҳсоли сурби металлӣ ба роҳ монда шудааст. Манбаъи асосии ашёи хоми хорхона конҳои «Зарнисор», «Пай-Булоқ» ва «Зарнисори шимолӣ» мебошанд.

Бо мақсади рушд ва эътирофи манфиатҳои судманди ҷонибҳо, дар моҳи сентябри соли 2014 ҳангоми ташрифи расмии Роҳбари аввали Ҷумҳурии Халқии Хитой ҷаноби Си Цзинпин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон Ёддошти тафоҳум дар бораи ҳамкорӣ оид ба лоиҳаи «Минтақаи саноатии Тоҷикистон ва Хитой» байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Ширкати байналмилалӣ Тачен оид ба захираҳои СУАР»-и Ҷумҳурии Халқии Хитой, ба имзо расонида шуд.

Мақсади ба имзо расонидани санади мазкур, ин ривоҷ додани соҳаи саноати маъдани куҳӣ, ҷалб намудани сармояи хориҷӣ, технологияҳои нави истеҳсолӣ, ба кор даровардани иқтидорҳои нави саноатӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, равнақ додани инфрасохтори минтақаҳои саноатӣ ва зиёд намудани маҳсулоти саноатии содиротшаванда мебошад.

Дар таъмини амният ва аҳолии кишвар бо маҳсулоти хушсифати озуқаворӣ саноати хӯрокворӣ мавқеи калидӣ дорад. Нишондиҳандаи асосии соҳаи саноати хӯрокворӣ ин зиёд намудани ҳиссаи махсулоти соҳа дар маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ, баландбардории сифати он, тавассути татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот буда, чи тавре ки дар Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ гардидааст, татбиқи он ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва табдил додани раванди идомадоштаи иқтисодиёт ба кишвари индустриалӣ - аграрӣ мусоидат менамояд.

Чи тавре, ки аз маълумотҳои оморӣ бармеояд, соли 2017 дар натиҷаи ҷалб намудани сармоя ва ворид кардани таҷҳизоти технологии муосир дар саноати хӯрокворӣ 56 корхонаю коргоҳ бо таъсиси 579 ҷойҳои нави корӣ сохта ба истифода дода шуд.

Тибқи маълумотҳо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ дар соли 2017 ба 4304,6 миллион сомонӣ расонида шуд, ки ин нишондод нисбати соли гузашта 116,8% ва ё 619,3 миллион сомонӣ зиёд мебошад, ки он аз ҳисоби истеҳсоли орд – 11,3 фоиз, гӯшт – 4,3 фоиз, маҳсулоти ҳасибӣ – 1,1 фоиз, маҳсулоти шири холис – 2,5 фоиз, консерва – 1,9 фоиз, маҳсулоти қаннодӣ – 18,9 фоиз, равғани растанӣ – 26,1 фоиз, нушокиҳои беспиртӣ – 4,3 фоиз, обҳои минералӣ – 17,5 фоиз ба вуҷуд омадааст. Ҳиссаи он дар маҷмӯи маҳсулоти саноатии кишвар 21,5%-ро ташкил дод.

Қайд кардан ба маврид аст, ки воридоти ашёи хоми коркард ва истеҳсоли маҳсулотҳои нав, маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда афзун шуда истода, соли 2017 ба кишвар бо ворид намудани зиёда аз 1 млн тонна гандум ва коркарди саноатии он ҳаҷми истеҳсоли орди ватанӣ ба 647,6 ҳазор тонна расонида шуд. Дар натиҷаи истифодаи ашёи хоми воридотӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ дар корхонаҳои саноатӣ, ҳиссаи орди гандумии истеҳсоли ватанӣ дар таъмин намудани бозорҳои истеъмолии мамлакат зиёд гардада, ҳиссаи он ба 92% расонида шуда, ҳиссаи ордӣ воридотӣ то ба 8% (54,6 ҳаз.тн) коҳиш ёфт, ки дастоварди назарраси соҳа дар самти табдил додани раванди идомадоштаи иқтисодиёт ба кишвари индустриалӣ-аграрӣ мебошад.

Солҳои охир дар кишвар саноати масолеҳи сохтмон низ бо суръати нав рушд карда истодааст. Корхонаҳои соҳаи масолеҳи сохтмонӣ мувофиқи дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати тақвият бахшидан ба рушди содиротии кишвар кор бурда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардида истоданд.

Бо истифода аз ашёи хоми маҳаллӣ даҳҳо корхонаҳои истеҳсолӣ фаъолият карда, иншоотҳои сохтмониро бо масолеҳи сохтмонӣ таъмин менамоянд. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар семоҳаи якуми соли 2018 ба маблағи 462,6 миллион сомонӣ масолеҳ истеҳсол шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 135,1 миллион сомонӣ зиёд буда, суръати афзоиш 141,3 %-ро ташкил медиҳад. Шумораи коргоҳу корхонаҳо ба 486 адад, ҷойҳои корӣ 9595 нафар ва музди миёнаи меҳнат ба 1230 сомонӣ баробар шудааст.

Яке аз ашёҳои хоме, ки дар соҳаи сохтмон бештар истифода мешавад семент аст. Дар зиёд шудани истеҳсоли семент саҳми ҶДММ “Чунгтсай Моҳир семент”-и ноҳияи Ёвон 33,0 %, “Хуаксин Ғаюр семент”-и ноҳияи Ёвон 27,0 %, “Хуаксин Ғаюр Суғд семент”-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 22,0 %, “Сементи Тоҷик” 8 % хело назаррас мебошад.

Аз маълумотҳои оморӣ бармеояд, ки ҳаҷми истеҳсоли семент ба 774,0 ҳазор тонна, масолеҳи деворӣ 14,4 миллион дона, гаҷкартон 525,0 ҳазор дона, гаҷ 1,8 ҳазор тонна, шифер 31,1 ҳазор дона расидааст. Дар умум истеҳсоли намудҳои масолеҳи сохтмонӣ дар шакли аслӣ иҷро гардид.

Дар давраи ду соли охир 322,0 ҳазор тонна семент содир гардидааст, аз ҷумла: ба Ҷумҳуриҳои Узбекистон 172,0 ҳазор тонна, Афғонистон 131,0 ҳазор тонна ва Қирғизистон 19,0 ҳазор тонна. Дар содироти семент ҶДММ “Хуаксин Ғаюр семент” 29,1 %, “Хуаксин Ғаюр Суғд семент”-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 22,4 %, “Чунгтсай Моҳир семент” 44,0 %, “Тоҷ Чайна 2013” шаҳри Ваҳдат 2,0 % саҳмгузорӣ намудаанд. Воридоти семент бошад, ҳамагӣ 3,0 ҳазор тоннаро ташкил додааст.

Инчунин, истеҳсоли гаҷкартон ҳамчун маҳсулоти ивази воридот ба 525,0 ҳазор дона баробар шудааст, ки назар ба семоҳаи якуми соли гузашта 335,0 ҳазор дона зиёд аст. Аз ин миқдор аз ҷониби ширкати “Ху Чан индустриал”-и ноҳияи Ёвон 205,0 ҳазор дона гаҷкартон ба маблағи 664,0 ҳазор сомонӣ ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон содир карда шудааст.

Ногуфта намонад, ки саҳми арзандаро дар рушди иқтисодиёти кишвар соҳаи истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об мебозад. Ҳаҷми истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об дар моҳҳои январ - декабри соли 2017–ум 3724,0 млн. сомониро ташкил кард, хаҷми рушди истеҳсолот аз рӯи намуди фаъолияти мазкур 116,5 фоизро ташкил дод. Аз он ҷумла ҳаҷми

тақсими нерӯи барқ, газ ва об дар моҳҳои январ - декабри соли 2017-ум 957,9 млн. сомонӣ ё нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 19,4 фоиз зиёд мебошад

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2018 шумораи НОБ-ҳои хурд 283 ададро ташкил кард, ки аз онҳо 97 адад фаъоланд ва онҳо дар ин давра ба миқдори 24,5 млн. кВт. соат нерӯи барқ истеҳсол намудаанд. Ҳаҷми маҳсулоти бор карда баровардашудаи корхонаҳои саноатӣ дар моҳҳои январ - декабри соли 2017 якҷоя бо боқимондаи маҳсулоти саноатӣ 18512,8 млн. сомониро ташкил дод, ҳиссаи маҳсулоти саноатии боркарданашуда нисбат ба захираи молҳо 10,7 фоизро ташкил намудааст.

Хуллас, гуфтан мумкин аст, ки корхонаҳои соҳаи саноати ҶТ то андозае фаъолияташон самаранок гашта истодаанд ва ба рушду равнақи иқтисодиёти кишвар нақши назаррасе хоҳанд дошт. Дар оянда мақсадҳои сиёсати дохила ва берунаи кишвар бояд ба фароҳам овардани шароитҳои мусоидаткунандаи рушд, таҳкими пояҳои давлатдорӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳо, манфиатҳо ва шаъну шарафи аҳолӣ, таҳкими мавқеи мамлакат дар арсаи байналмилалӣ равона карда шаванд. Инчунин, сиёсати дохилӣ бояд ба коҳишдиҳии осебпазирии иқтисодиёти кишвар ба таҳдидҳои эҳтимолии беруна, чустучӯ ва таҳияи механизмҳои самаранок ва сарчашмаҳои дохилии рушди устувори иқтисодӣ, таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, шуғли пурмаҳсул, дастрасии устувор ба захираҳои энергетикӣ ва фазои мусоиди соҳибкорӣ равона гардад. Иқтидори иқтисодии кишвар бояд ҳамчун заминаи моддии амнияти миллӣ арзёбӣ гардад ва гузаришро аз иқтисоди аграрию индустриалӣ ба индустриалию аграрӣ таъмин намояд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, №722.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009, №524. - С. 41.

3. Дастурамали №186-и Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ» аз 28 апрели соли 2011, таҳти №73, бо Қарори Раёсати БМТ тасдиқ гардидааст (аз 10 июни соли 2011, таҳти №612, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст).

4. Дастурамали №207-и Бонки миллии Тоҷикистон «Оид ба тартиби ташкил ва истифодаи захира барои пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯйи қарзҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон» аз 1 декабри соли 2014, таҳти №298, бо Қарори Раёсати БМТ тасдиқ гардидааст.

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22.12.2017. - [манбаи электронӣ]. – 26.12.2021. – ҳолати дастрасӣ:

6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2022. - [манбаи электронӣ]. – 22.12.2021. – ҳолати дастрасӣ:

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2023. - [манбаи электронӣ]. – 22.12.2022. – ҳолати дастрасӣ:

8. Ашуров Н. Идора кардани хавфи бонкӣ: Китоби дарсӣ / Н. Ашуров., С.Ҷ. Махшулов. - Душанбе, 2021. – 14

ТАКМИЛИ ОМОДАКУНИИ КАДРҲОИ ИДОРАКУНАНДА ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Шерматов Ғ.Р. - ассистенти кафедраи низоми иттилооти иноватсионӣ дар иқтисодиёт. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе

Шамсуддинзода Ҳ.З. – ассистенти кафедраи низоми иттилооти иноватсионӣ дар иқтисодиёт. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе

Таҳлили таҷрибаҳои гуногуни ҳамкории соҳибкорӣ ва донишгоҳҳо нишон дод, ки вазифаи умумӣ омодасозии мақсадноки мутахассис барои кор дар ширкати ТИ, ки бо муассисаи таълимӣ ҳамкорӣ мекунад, мебошад. Фарқият танҳо дар шаклҳои ин ҳамкорӣ аст. Баъзе ширкатҳои ТИ усулҳои мустақимро истифода мебаранд, яъне онҳо ба кори муваққатӣ пешниҳод мекунанд, донишҷӯёнро барои таҷрибаомӯзӣ дар ташкилоти худ даъват мекунанд ва ғайра.

Калидвожаҳо: иқтисодиёти рақамӣ, сармояи инсонӣ, бозори меҳнат, иқтисодиёти дониш, инфрасохтори рақамӣ, технологияҳои рақамӣ, фазои ягонаи рақамӣ, кадрҳои баландихтисос.

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ПОДГОТОВКИ УПРАВЛЕНЧЕСКИХ КАДРОВ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

Шерматов Г.Р. - ассистент кафедры инновационных информационных систем в экономике, Таджикский государственный финансово-экономический университет, Республика Таджикистан, Душанбе.

Шамсуддинзода Х.З. - ассистент кафедры инновационных информационных систем в экономике, Таджикский государственный финансово-экономический университет, Республика Таджикистан, Душанбе.

Анализ различного опыта сотрудничества бизнеса и вузов показал, что общей задачей является целенаправленная подготовка специалиста для работы в ИТ-компании, сотрудничающей с учебным заведением. Разница только в формах этого сотрудничества. Некоторые ИТ-компании используют прямые методы, то есть предлагают временную работу, приглашают студентов на стажировку в свою организацию и т. Д.

Ключевые слова: цифровая экономика, человеческий капитал, рынок труда, экономика знаний, цифровая инфраструктура, цифровые технологии, единое цифровое пространство, высококвалифицированные кадры.

IMPROVING MANAGEMENT TRAINING IN THE CONDITIONS OF THE DIGITAL ECONOMY

Shermatov G.R. - Assistant Professor of the Department of Innovative Information Systems in Economics. Tajik State University of Finance and Economics. Republic of Tajikistan, Dushanbe

Shamsuddinzoda H.Z. - Assistant Professor of the Department of Innovative Information Systems in Economics. Tajik State University of Finance and Economics. Republic of Tajikistan, Dushanbe

An analysis of the various experience of cooperation between business and universities showed that the common task is the targeted training of a specialist to work in an IT company that cooperates with an educational institution. The difference is only in the forms of this cooperation. Some IT companies use direct methods, i.e. offer temporary work, invite students for internships in their organization, etc.

Keywords: digital economy, human capital, labor market, knowledge economy, digital infrastructure, digital technologies, unified digital space, qualified personnel.

Иқтисоди рақамӣ бояд рақобатпазирии кишварро баланд бардорад, сифати зиндагии мардумро беҳтар созад, ба рушди иқтисодӣ мусоидат кунад ва соҳибихтиёрии миллиро таҳким бахшад.

Ҳуҷҷатҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки то имрӯз таҳия шудаанд, як қатор талаботҳоро барои таъмини шароити рушди инноватсионии кишвар дар асоси ҷалби самараноки сармояи инсонӣ ба равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дарбар мегиранд. Аммо онҳо субъектҳои фаъолияти иқтисодиро ба ҳалли ҳамаҷонибаи вазифаҳои стратегӣ оид ба навсозии системаи омодасозии кадрҳои соҳибихтисос, ки ба принсипҳои бунёдии фаъолияти иқтисоди рақамӣ мувофиқанд, равона намекунанд.

Тамоюли глобалии замони мо, мураккаб шудани муносибатҳои иқтисодӣ ин афзоиши виртуализатсияи иқтисодиёт мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ҷаҳон торафт бештар технологӣ мешавад: ҳам иқтисодиёти электронӣ ва ҳам рақамӣ ба маҳсулоти он табдил меёбанд. Қисми рақамӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ бартарӣ пайдо мекунад.

Иқтисоди рақамӣ асоси рушд дар маҷмӯъ буда, ба чунин соҳаҳои гуногун, аз қабили бонкдорӣ, савдо, нақлиёт, энергетика, маориф, тандурустӣ ва ғайра таъсир мерасонад. Технологияҳои рақамӣ, аз қабили Интернети ашё (IoT), маълумоти калон (маълумоти калон), истифодаи дастгоҳҳои мобилӣ роҳҳои ҳамкории иҷтимоӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, институтҳоро тағир медиҳанд.

Омори кишварҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки сарфи назар аз ноустувории ҷаҳонӣ, аз афзоиши устувори савдои ҷаҳонии маҳсулоти иқтисоди рақамӣ (ба ҳисоби миёна, афзоиш тақрибан 4%, ҳаҷми хизматрасонӣ бо суръати тезтар (то 30%) дар як сол) меафзояд. Хароҷоти корхонаҳо барои таҳқиқоти марбут ба технологияҳои рақамӣ афзоиш меёбад. Инфрасохтори рақамӣ рушд мекунад ва дастрастар мегардад, сифати шабакаҳои коммуникатсионӣ дар баробари ҷорӣ намудани технологияҳои 4G ва интиқоли нахи оптикии маълумот беҳтар мегардад.

Дар баробари ин, нархҳо паст шуда истодаанд, аз ҷумла, хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, имкониятҳои истифодаи дастгоҳҳои мобилӣ барои дастрасӣ ба Интернет меафзояд, ки дар ниҳояти кор имкон медиҳад, ки фарогирӣ ва рушди технологияҳои рақамӣ дар ҷаҳон пешгӯӣ карда шавад.

Дар айни замон системаи нишондиҳандаҳо барои чен кардани рушди иқтисодиёти рақамӣ аз ҷониби кишварҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) таҳия шудааст. Инҳо пеш аз хама нишондихандахои зерин мебошанд:

- маблаггузорӣ ба тараққиёти илм; сармоягузорӣ дар таҳияи нармафзор;
- харочот барои такмили ихтисос ва бозомузии иловаги;
- таҳия ва истеҳсоли таҷҳизоти иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ;
- таъсиси ҷойҳои корӣ дар соҳаи илм ва технологияҳои олӣ;
- ҳиссаи бахши технологияҳои баланд дар истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ;
- ҳиссаи маҳсулоти технологияҳои баланд дар савдои байналмилалӣ ва дигар нишондиҳандаҳои муҳими макроиқтисодӣ.

Умумӣ будани таъсири ҷараёни афзояндаи маълумот ба рушди ҷомеа ва иқтисодиёт ба мо имкон медиҳад, ки онҳоро ҳамчун манбаи пешбари рушди иқтисодии ҷомеаи муосир сухан ронем. Коршиносон ин вазъро бо тағирот дар муносибатҳои иқтисодӣ ва ташаккули иқтисоди рақамӣ тавсиф намуда, зарурати дарёфти равишҳои нави ҳалли мушкилоти рушди онро қайд мекунанд.

Умуман, чор меъёри таҳлили иқтисоди рақамӣ вуҷуд дорад, ки аз ҷониби муҳаққиқони гуногун ба ин ё он дараҷа баррасӣ мешаванд: меъёри марбут ба соҳаи шуғл, меъёри фазоӣ, меъёри технологӣ ва дар хакикат меъёри иктисодиёт. Дар ин маврид меъёрҳои иловагӣ имконпазиранд, гарчанде ки аксар вақт ҳам тадқиқотчиёни ватанӣ ва хориҷӣ меъёрҳои худро пешниҳод мекунанд.

Бояд гуфт, ки коҳиши ҳиссаи аҳолии шуғл дар соҳаи истеҳсолот ва афзоиши соҳаи хизматрасонӣ ҳамчун ивази меҳнати ҷисмонӣ бо захираҳои иттилоотӣ арзёбӣ мешавад.

Мушоҳидаҳои оморӣ аз афзоиши ҳиссаи одамоне, ки дар соҳаи хизматрасонӣ машғуланд (дар Аврупои Ғарбӣ, ИМА, Ҷопон ин ҳиссаи онҳо ба 70% ва бештар аз он мерасад) нишон медиҳад, ки аксарияти онҳо бо ин ё он шакл бо коркарди баъзе маълумотҳо алоқаманданд ва аз ин рӯ, барои исботи мавҷудияти иқтисоди рақамӣ асосҳои комилан боварибахш пешниҳод шудааст. Мушкилоти асосии ин равиш мушкилии муайян кардани категорияи кормандоне мебошад, ув а маълумот кор мекунанд.

Масалан, тахмин кардан мумкин аст, ки асоси ташаккули иқтисодиёти рақамӣ афзоиши шумораи мутахассисони технологияҳои компютерӣ, кормандони ширкатҳои телекоммуникатсия ва таҳлилгароне буд, ки вазифаи асосии онҳо коркарди маълумот мебошад. Аммо, дар айни замон методологияи ҳисоб кардани кормандони иқтисоди рақамӣ вуҷуд надорад.

Ба бисёр саволҳои иқтисоди рақамӣ бояд илми иқтисод посух диҳад, зеро рақамикунонии иқтисодиёт, пеш аз ҳама, бо табдили муносибатҳои иқтисодӣ дар асоси муҳити иттилоотӣ алоқаманд аст. Гузариш ба сатҳи сифатан нави истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти

истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ вазифаи аввалиндараҷаи системаи иқтисодии ҶТ дар ҷаҳони зудтағйирёбанда мебошад.

Иқтисоди рақамӣ ба асоси дигаргуниҳои ҷаҳонӣ табдил меёбад, ки дар даҳсолаҳои наздик моделҳои рушд ва равандҳои бизнесро ба куллӣ тағйир медиҳанд. Зимнан, он на ба истеҳсоли молу хизмат, балки ба дониш ва одамоне, ки ин донишро доранд, қобилияти азхудкунии иттилоот ва тавлиди ғояҳои нав асос ёфтааст.

Имрӯзҳо омодасозии кадрҳо барои иқтисоди рақамӣ дар сатҳи баланд рафта истодааст.Такмили системаи маориф оиди омода намудани кадрҳои баландихтисос барои иқтисодиёти рақамиро таъмин намуда, шаҳрвандон барои азхудкунии салоҳиятҳои рақамӣ имкониятҳо ва ҳавасмандии нав пайдо мекунанд.

Ҳазорҳо нафар имкони бояд имконияти аз худ кардани салоҳиятҳои рақамиро тавассути барномаҳои махсуси таҳсилоти иловагӣ бо шартҳои пурра ё қисман ҷуброни хароҷот пайдо кунанд. Қисми зиёди хизматчии давлатӣ ба салоҳиятҳо дар соҳаи трансформатсияи рақамии ҳокимияти давлатӣ ва маҳалӣ бояд омӯзонида шаванд. Ҳар сол то ҳазорҳо нафар дар мавриди қабул ба ҷойҳои буҷавӣ ва шартномавӣ дар донишгоҳҳо барои барномаҳои соҳаи технологияҳои иттилоотӣ зиёд карда мешавад, аммо ин бо пуррагӣ иқтисоди рақамиро таъмин карда наметавонад.

Инчунин қайд кардан ба маврид аст, ки танзими муҳити рақамӣ низ хело муҳим мебошад. Системаи тағйирпазири танзими ҳуқуқии иқтисодиёти рақамӣ бояд таъсис дода шавад, ки монеаҳои афзалиятнок дар рушди технологияҳои муосир ва пешбурди тиҷорат дар муомилоти граждани, технологияҳои молиявӣ, моликияти зеҳнӣ, телекоммуникатсия, мурофиаи судӣ ва нотариат, стандартизатсия бартараф карда шаванд.

Бояд масъалаҳои муайян намудани субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ, муомилоти ҳуҷҷатҳои электронӣ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва коркарди маълумот ҳал карда шаванд. Бояд беш аз 10 000 нафар омӯзгорони мактабҳои олӣ, миёнаи касбӣ аз рӯи барномаҳои нав аз рӯи ихтисосҳои IT ва соҳаҳои гуногуни фаннӣ такмили ихтисос гузаранд.

Инфрасохтори иттилоотӣ низ, дар шароити иқтисоди рақамӣ тамили худро талаб мекунад. Рушди инфрасохтори коммуникатсия ва тавсеаи дастрасӣ ба Интернет дар минтақаҳои дурдаст ва душворгузар барои бартараф кардани нобаробарии рақамӣ ва дастрасии шаҳрвандон ба хизматрасониҳои муосири рақамӣ, таҳсилоти фосилавӣ ва телетандурустӣ бояд мусоидат кунад.

То соли 2024 нуқтаҳои дастрасии WiFi ва манораҳои мобилӣ дар ҳазорҳо маҳаллаҳои аҳолинишин аз 100 то 500 нафар аҳолӣ дошта бояд пайдо шаванд. Нуқтаҳои дастрасии Wi-Fi дар синфхонаҳои мактабӣ бояд пайдо шаванд ва шабакаҳои 4G дар шаҳрҳо бояд ҷойгир карда шаванд.

Албатта оиди таъмини амнияти фазои рақамӣ, ҳифзи маълумоти шахсии шаҳрвандон, муҳофизат аз таҳдидҳои кибериӣ низ бояд қайд намоем. Бояд системаи давлатии иттилоотӣ барои муҳофизат аз ихроҷи иттилоот ва ҳакерҳо санҷида шуда, механизми бастани сайтҳои фишинг, ки ба сохторҳои давлатӣ тақлид мекунанд, такмил дода шавад. Мутахассисони соҳаи киберамният фаъолияти сайтҳои шубҳанокро назорат кунанд ва қаллобии онлайнро пешгирӣ кунанд, хизмати санҷиши замимаҳои мобилӣ барои осебпазирӣ роҳандозӣ шавад ва системаи иттилоотии мубориза бо қаллобии телефонӣ бояд таъсис дода шавад.

Барои омӯзиши амалии мутахассисон аз бахшҳои мухталифи иқтисод як «майдони миллии киберомӯзӣ» - платформае, ки равандҳои тиҷоратии корхонаҳоро тақлид мекунад, ба кор андохта шавад. Барои таҳия ва татбиқи технологияҳои рақамӣ дар асоси коркардҳои ватанӣ тавассути системаи маҷмӯӣ тадбирҳои дастгирии давлатии стартапҳои ТИ ва таҳиягарони таъминоти барномавӣ, инчунин, ҳавасмандгардонии талаботи ширкатҳои соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ба ТИ шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Бояд барои лоиҳаҳои трансформатсияи рақамӣ қарзҳои имтиёзнок дода мешаванд, барномаи имтиёзноки лизинг дар ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва платформаҳои ҳалли, асосан, истеҳсоли ватаниро таъмин кунад.

Бояд барои баланд бардоштани аҳамияти имрӯзаи «Зеҳни сунъӣ» лоиҳаҳои гуногун омода карда шуда, аз тарафи давлат грантҳо ҷудо карда шаванд, то ин ки мактаббачагон ва донишҷӯён дар соҳаи зеҳни сунъӣ таълими иловагӣ гиранд. Бояд дар заминаи муассисаҳои таълимию илмӣ марказҳои махсуси тадқиқотӣ таъсис дода шаванд.

Ба сатҳи пасти татбиқи технологияҳои рақамӣ ва татбиқи рӯзномаи ҷаҳонии рақамӣ, аз ҷумла, сатҳи нокифояи рушди заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва мавҷуд набудани муҳити ташаккулёфта ва самараноки соҳибкорӣ таъсир мерасонад. Ин проблемахоро бо ёрии фаъолонаи субъектхои гуногуни хочагй харчи зудтар хал кардан лозим аст.

Тавре ки дар боло қайд гардид, иқтисодиёти рақамӣ яке аз воситаҳои самараноки баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, аз ҷумла тавассути механизми таъсиси ҷойҳои кории баландмахсул мебошад. Дар байни манфиатҳои рақамикунонии иқтисодиёт кам кардани хароҷот, баланд бардоштани

самаранокӣ, беҳтар шудани сифати идоракунӣ, баланд бардоштани рақобатпазириро қайд кардан лозим аст. Хавфҳои асосӣ, ба назари мо, мушкилоти иҷтимоӣ, бекории эҳтимолӣ, тафовути назаррас дар рушди соҳаҳои рақамӣ ва дигар соҳаҳо, инчунин масъалаҳои амнияти иттилоотӣ мебошанд.

Аксари намояндагони ширкатҳои ТИ-и ҶТ ба сатҳи пасти донишу малакаи мутахассисоне ишора мекунанд, ки навакак таҳсилро дар донишгоҳҳо хатм кардаанд. Дар робита ба ин, мутахассисони ҷавони IT аз сабаби нокифоя таҷриба ва малакаи кор дар созмонҳо дар соҳаи ТИ камтар талабот доранд. Барои бартараф кардани фарқияти байни донишҳои академии хатмкунандагон дониш ва малакаҳое заруранд, ув а мекунанд

Он чизе ки корфармоён аз мутахассисони ояндаи худ интизоранд, зарурати ҳамкории зичи ширкатҳои ТИ ва донишгоҳҳост.

Таҷрибаи мавҷуда нишон медиҳад, ки таҷрибаи ҳамкории байни донишгоҳҳо ва ширкатҳои бузурги ТИ дар ҶТ вуҷуд дорад, аммо хело кам аст. Имруз микдори хеле зиёди шаклхои гуногуни муносибатхо ба амал бароварда мешаванд. Аз ҳама маъмултарини онҳо татбиқи барномаҳои магистрӣ, татбиқи намояндагони ширкатҳои ТИ дар идоракунии лоиҳаҳои донишҷӯён, гузаронидани курсҳо, тренингҳо, таҷрибаомӯзӣ, инчунин таъмини ташкилотҳои таълимӣ бо таҷҳизоти таъминоти барномавӣ мебошанд. Дигарон аз усулҳои ғайримустақим тавассути гузаронидани олимпиадаҳои гуногун, озмунҳо, таъсиси марказҳо ва ғайра истифода мебаранд.

АДАБИЁТ

1. Что такое цифровая экономика? Тренды, компетенции, измерение / Г.И. Абдрахманова [и др.]; Нац. Исслед. Ун-т «Высшая школа экономики». М., 2019. 82 с.
2. Леонидова Г.В., Панов А.М. Трудовой потенциал: территориальные аспекты качественного состояния // Проблемы развития территории. 2013. № 3 (65). С. 60–70.
3. Gerten E., Beckmann M., Bellmann L. Controlling working crowds: The impact of digitalization on worker autonomy and monitoring across hierarchical levels. Journal of Economics and Statistics, 2019, no. 3, pp. 441–481.
4. Van Laar E., van Deursen A.J., van Dij k J.A., de Haan J. The relation between 21st-century skills and digital skills: A systematic literature review. Computers in Human Behavior, 2017, no. 72, pp. 577–588.
5. Кельчевская Н.Р., Черненко И.М., Ширинкина Е.В. Формирование и развитие человеческого капитала научно педагогических кадров в организациях высшего образования РФ // Вестн.
6. Перм. Ун-та. 2018. № 1. С. 140–153.
7. Климова Ю.О. Анализ кадровой обеспеченности отрасли информационных технологий на федеральном и региональном уровнях // Вестн. Омск. Ун-та. Сер.: Экономика. 2020. № 1. С. 126–139.
8. Holford W.D. The future of human creative knowledge work within the digital economy. Futures, 2019, no. 105, pp. 143–154.

НАҚШИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ РАҚАМИКУНОНӢ ВА ИННОВАТСИЯ ДАР РУШДИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

Султонбекова Мохира Рустамбековна - ассистенти кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи байналмилаии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. (Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе). Email: msutonbekova04@gmail.com, Тел: +992501184044

Дар мақолаи мазкур нақши инноватсия ва рақамикунонӣ дар рақобатпазир гардонидани иқтисоди миллӣ таҳлил гардидааст.

Иқтисодиёти рақамӣ ҳамчун соҳаи таъсирбахш дар тамоми самтҳо ба ҳисоб меравад, ки технологияҳои муосир ба ҳама самтҳои иқтисодиёт ва фаъолияти иҷтимоӣ таъсир мерасонад. Гузариш ба иқтисоди рақамӣ яке аз шаклҳои нави ҳаёт, моделҳои нави пешбурди тиҷорат ва ташкили ҷараёнҳои истеҳсолоти нав мебошад.

Калидвожаҳо: рақамикунонӣ, инноватсия, рақобат, рақобатпазирӣ, иқтисоди миллӣ, сармояи инсонӣ.

РОЛЬ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОЛИТИКИ ЦИФРОВИЗАЦИИ И ИННОВАЦИЙ В РАЗВИТИИ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

Султонбекова Мохира Рустамбековна - ассистент кафедры экономической теории Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана (Республика Таджикистан, Душанбе). Электронная почта: msutonbekova04@gmail.com Тел.: +992501184044

В данной статье анализируется роль инноваций и цифровизации в повышении конкурентоспособности национальной экономики.

Цифровая экономика рассматривается как влиятельная область во всех направлениях, где современные технологии затрагивают все сферы экономики и социальной деятельности. Переход к цифровой экономике – это одна из новых форм жизни, новых моделей ведения бизнеса и организации новых производственных процессов.

Ключевые слова: цифровизация, инновации, конкуренция, конкурентоспособность, национальная экономика, человеческий капитал.

THE ROLE OF THE STATE POLICY OF DIGITALIZATION AND INNOVATION IN THE DEVELOPMENT OF THE COMPETITIVENESS OF THE NATIONAL ECONOMY (IN RUSSIAN)

Sultonbekova Mohira Rustambekovna - Assistant Department of Economic Theory, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. (Republic of Tajikistan, Dushanbe). Email: msutonbekova04@gmail.com .Tel: +992501184044

This article analyzes the role of innovation and digitalization in making the national economy competitive.

The digital economy is considered an influential area in all directions, where modern technologies affect all areas of the economy and social activity. The transition to a digital economy is one of the new forms of life, new models of doing business and the organization of new production processes.

Keywords: digitalization, innovation, competition, competitiveness, national economy, human capital.

“Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияи нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиаҳои иноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд” [8, 5].

Таъмини рушди бонизоми зеҳни сунъӣ, рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ва ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати пешгирифтаи

ҳукумату давлат буда, дар як муддати кӯтоҳ бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминаҳои инфрасохтори иқтисоди рақамӣ ва асосҳои ҳуқуқии соҳа ташкилу тақвият ёфтанд. Дар ҷаҳони муосир рақамикунонӣ ва инноватсия яке аз омилҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ ба шумор мераванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар доираи сиёсати давлатии худ ба рушди инфрасохтори рақамӣ, баланд бардоштани саводнокии рақамӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва такмили идоракунии давлатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар суханрониҳояшон таъкид намудаанд, ки иқтисодиёти рақамӣ роҳи ягонаи пешрафти устувор ва рақобатпазирии мамлакат дар асри XXI ба ҳисоб мервад ва ҳамчун стратегияи миллӣ барои рушди устувори иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калидӣ мебозанд ва ин раванд имкон медиҳад, ки мамлакат ба иқтисодиёти муосир, рақобатпазир ва дорои имкониятҳои васеъи рушди иҷтимоиву технологӣ мубаддал ёбад. Сиёсати давлатии Тоҷикистон дар ин самт таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самтҳои афзалиятдорро муайян карда, барои пешрафти иқтисод ва беҳбудии зиндагии мардум заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Иқтисоди рақамӣ иқтисодиётест, ки ба технологияҳои рақамӣ асос ёфтааст, ки асосан хидматҳои онлайн, пардохти электронӣ ва тиҷорати онлайни мол ва хидматҳоро дар бар мегирад. Иқтисоди рақамӣ асоси рушди кишварҳо буда, ба соҳаҳои гуногун, аз қабили бонкдорӣ, савдои чакана, нақлиёт, энергетика, маориф, тандурустӣ ва ғайра, таъсири зиёд дорад [2,38].

Солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» дар мамлакати мо эълон гардидааст, ки ин заминагузори рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия мебошад. Ҳамзамон, ҳукумати мамлакат бо истифода аз ҳамаи захираву имкониятҳои мавҷуда ҷиҳати мунтазам беҳтар гардонидани шароити зиндагии мардум нақшаҳои бузурги созандагиро роҳандозӣ карда истодааст.

Мафҳуми “иқтисоди рақамӣ” ва “пули рақамӣ” ҷузъи луғати рӯзноманигорон, ҳуқуқшиносон, мебошанд. Ин истилоҳ бори нахуст 25 сол пеш аз ҷониби профессор Николас Негропонте (Донишгоҳи технологии Массачусетс, ИМА) муаррифӣ шуда буд, аммо то ҳол таърифи дақиқе мавҷуд нест, ки ба эҷоди монеаи ҷиддӣ дар роҳи консептуализатсияи он мусоидат кунад. Эҷод ва татбиқи технологияҳои рақамӣ дар бисёре аз кишварҳои пешрафта, аз ҷумла дар Тоҷикистон, вақтҳои охир мақоми самти асосии рушди миллӣ дар сатҳи давлатӣ ва коорпоративиро касб кардааст. Истифодаи васеи автоматикунонӣ, зеҳни сунъӣ ва иқтисоди рақамӣ дар татбиқи технологияҳои рақамӣ муддатҳои тӯлонӣ ба тағйироти куллӣ оварда расонид, равиши рушди иқтисодиёт тамоми самтҳои ҷомеаро дар маҷмӯъ муайян кард. Ин аст, ки рушд ва ташаккули иқтисоди рақамӣ яке аз самтҳои афзалиятноки аксари кишварҳо эътироф шудааст.

Иқтисодиёти рақамӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои таъсирбахш дар тамоми самтҳо ба ҳисоб меравад, ки технологияҳои муосир ба ҳама самтҳои иқтисодиёт ва фаъолияти иҷтимоӣ таъсир мерасонад. Гузариш ба иқтисоди рақамӣ яке аз шаклҳои нави ҳаёт, моделҳои нави пешбурди тиҷорат ва ташкили ҷараёнҳои истеҳсолоти нав мебошад. Таввақуҳ ба иқтисодиёти рақамӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки технологияи иттилоотӣ дар рушд намудани тамоми кишварҳои ҷаҳон аҳамияти рузафзун пайдо намудааст. Фаъолияти иқтисоди рақамӣ яке аз фаъолиятҳои иқтисодие ба ҳисоб мераванд, ки дар он маълумотҳои рақамӣ коркард карда мешаванд. Рушди технологияҳои рақамӣ дар сектори давлатии иқтисодиёт нақши ҳалкунанда дорад. Ҳукумати рақамӣ ва технологияҳои инноватсионӣ метавонанд иштироки самараноки идоракунии давлатиро дар ташаккули рушди устувор таъмин намоянд. Ҳукумати рақамӣ ба ниҳодҳои давлатӣ имкон медиҳад, ки хизматрасониҳои босифат ва саривақтиро пешкаш намуда, ба мардум дастрас бошад. Он метавонад ба ҳукумат дар беҳтар кардани идоракунии захираҳои табиӣ, инчунин ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва ба рушди сектори давлатии иқтисодиёт мусоидат намояд [5,70].

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки яке аз омилҳои рушд ва татбиқи ҳадафмандонаи иқтисоди рақамӣ ва инноватсия ин омода намудани кадрҳои баландихтисоси ин соҳа ба ҳисоб меравад. Сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи

кишвар рушд ёфта, маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ баланд бардошта мешавад. Пешрафти босуръати технологияҳои рақамӣ ва тавсеаи имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки ин дастовардҳо дар ҳама соҳаҳо самаранок истифода гардида, ба манбаи иловагии рушди иқтисодӣ ва содироти хизматрасонӣ табдил дода шаванд. Тайи даҳ соли охир, яъне дар давраи татбиқи ду барномаи миёнамуҳлати рушди кишвар, ки марҳалаҳои фосилавии иҷрои Стратегияи миллии рушд то соли 2030-ро дар бар мегиранд, ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум бисёр иқдомоти муҳимму самарабахш амалӣ карда шуданд. Яъне тайи тайи даҳ соли охир ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 3,4 баробар зиёд гардида, иқтисоди миллии мо ҳар сол ба ҳисоби миёна 7,6 фоиз афзоиш ёфтааст. Барои таъмин намудани рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат дар ин муддат аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ беш аз 670 миллиард сомонӣ, аз ҷумла 159 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ равона гардидааст, ки маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ 2,7 баробар афзоиш ёфта, аз 6 ҳазор сомонии соли 2015 ба 16,4 ҳазор сомонӣ дар соли 2025 расонида шуд. [7,4].

Соли 2025 Барномаи миёнамуҳлати рушди кишвар барои солҳои 2026 – 2030 ҳамчун марҳалаи ниҳоии Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 қабул гардид ва амалисозии саривақтӣ ва сифатноки он имкон медиҳад, ки дар панҷ соли оянда ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ду баробар афзоиш ёфта, сатҳи камбизоатӣ то 10 фоиз кам ва ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ то 50 фоиз зиёд гардад. Дар баробари ин рушди иқтисодӣ ҳар сол ба ҳисоби миёна 8,7 фоиз, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳои саноат 20 фоиз, кишоварзӣ 8,4 ва ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ 11,7 фоиз афзоиш меёбанд.

Ҳукумати мамлакат барои боз ҳам дар ин самт муваффақ шудан бояд самтҳои афзалиятноки рушди технологияҳои рақамву зеҳни сунъӣ, саноатикунонии босуръат бо истифодаи технологияҳои муосир, истифодаи сайёҳӣ, дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва беҳтар гардонидани фазои сармоягузориро дар мамлакат тақвият бахшад.

Ҳамин тариқ, бо дар назардошти масъалаҳои муҳими “Иқтисоди рақамӣ” ширкатҳои иқтисодиро зарур аст, ки дар бозори ҷаҳонӣ рақобат пайдо намуда, фаъолияти технологияи иноватсионӣ ва технологияи рақамиро ба роҳ монда, рушди ҳукумати электрониро дар тамоми самтҳои афзалиятноки мамлакат ташаккул диҳанд.

Рӯйхати адабиёт:

1. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Хиради роҳбарӣ.- Душанбе: “Ирфон” 2017.-470с.
2. Джулий Л. В., Емчук Л. В. Информационные системы и их роль в деятельности современных предприятий. - М.: АСТ, 2017.
3. Гулов А.Б. Бозори меҳнат дар шароити рақамкунонӣ.-Душанбе: ДДМИТ, 2020.- С. 109-120. 20
4. Гулов А.Б. Идоракунии захираҳои инсонӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва меҳмоннавозӣ.- Душанбе: ДДМИТ, 2018.-С. 102-106
5. Попов Е. В., Семячков К. А. Особенности управления развитием цифровой экономики. - М.: Кнорус, 2017.
6. Искандаров Ҳ.Ҳ., Абдуллозода Р.А. Хусусиятҳои омодакунии кадрҳо дар шароити иқтисодиёти рақамӣ.-Душанбе: «СИНО», 2018. - №5. - С. 44-49.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», аз 16.12.2025
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2017
9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.- Душанбе, 2016.

АФЗАЛИЯТНОКИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ҚАРЗДИҲИИ БОНКӢ

Латипова Гуландом Сайҳомидовна – н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. E-mail: L.G.S.@mail.ru. Телефон: 988896655

Дар доираи фаъолияти бозори хизматрасониҳо, афзалияти қарзҳои бонкӣ мавқеи асосиро касб намудааст ва таъмини руди устувори низоми хоҷагидорӣ аз он вобаста мебошад. Ташаккул ва руди қарздиҳӣ дар хизматрасониҳои бонкӣ аз пешрафти бемайлони бозори хизматрасониҳо дар маҷмуъ вобаста аст. Самаранокии фаъолияти бозори хизматрасониҳои бонкӣ бошад аз фаъолияти густурда ва бенуқсони ташкилотҳои қарзӣ вобастагӣ дорад. Маҷмуъан, бозори хизматрасониҳо ҳамчун заминаи асосии ташаккули бозори хизматрасониҳои қарзии бонкӣ баромад намуда, рушди онро таъмин сохтааст.

Калидвожаҳо: амалиёт, бонк, суратисоб, қарз, фоиз, **иқтисод, бозор,** кортҳои пластикӣ, буҷет, пул, ҳисоббаробаркуниҳои хазинавии нақдӣ, амалиётҳои асъорӣ, амалиётҳои кафолатӣ.

ПРЕИМУЩЕСТВО КРЕДИТОВАНИЯ В БАНКОВСКИХ УСЛУГАХ

Латипова Гуландом Сайхомидовна - к.э.н., доцент кафедры банковской деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14 E-mail: L.G.S.@mail.ru. Телефон: 988896655

В рамках деятельности рынка услуг приоритетное значение приобрело банковское кредитование, от которого зависит обеспечение стабильного функционирования экономической системы. Формирование и движение кредитования в сфере банковских услуг зависит от устойчивого развития рынка услуг в целом. Эффективность рынка банковских услуг зависит от масштабной и безупречной деятельности кредитных учреждений. В целом, рынок услуг послужил основной основой для формирования рынка банковских кредитных услуг и обеспечил его развитие.

Ключевые слова: операции, банк, фотокопия, кредит, проценты, экономика, рынок, пластиковые карты, бюджет, деньги, расчеты наличными, валютные операции, операции с залоговым обеспечением.

ADVANTAGE OF LENDING IN BANKING SERVICES

Latipova Gulandom Saikhomidovna – Candidate of Economic Sciences. associate Professor of the Department of Banking, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimova 64/14 E-mail: L.G.S.@mail.ru. Phone: 988896655

Bank lending has become a priority within the services market, as it underpins the stable functioning of the economic system. The development and growth of lending in the banking sector depends on the sustainable development of the services market as a whole. The effectiveness of the banking services market depends on the extensive and impeccable performance of credit institutions. Overall, the services market has served as the primary foundation for the formation of the banking credit services market and has ensured its development.

Key words: operations, bank, photocopy, credit, interest, economy, market, plastic cards, budget, money, cash payments, foreign exchange transactions, transactions with collateral.

Дар шароити рушди босуръати ҷаҳонишавӣ ва воридшавии кишварҳо ба ин раванд сохтори идоракунӣ ва вазъи иқтисодиёт, аз ҷумла бонкдории дилхоҳ мамлакат на танҳо аз самаранокии сиёсати иқтисодии он, инчунин аз вазъи иқтисодиёти кишварҳои шарики иқтисодию тиҷоратиаш вобаста дорад.

Чумҳурии мо низ баробари рушди тиҷорату ҳамкории иқтисодӣ бо кишварҳои дуру наздик ва аъзо шудан ба созмонҳои зиёди байналмилалӣ (Хазинаи байналмилалии асъор, Созмони умумиҷаҳонии савдо ва ғайра), уҳдадориҳои муайянро ба худ гирифтааст,

наметавонад аз ин раванд берун бошад. Бинобар ин, тағйири вазъи иқтисодиёти ҷаҳонӣ, хусусан кишварҳои шарики тиҷоратӣ хоҳу нохоҳ ба вазъи иқтисодиёти мо таъсири муайян дорад. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва густаришёбии равобитҳои касбӣ, низоми бонкӣ ва махсусан бахши хизматрасонии он бояд бо талаботи ҷаҳони муосир ҳамқадам бошад. Бо дигаргуншавии низоми иқтисодӣ дар ҷаҳон ва тағйиррёбии куллии равобити молиявӣ, дарёфти бахшҳои нисбатан муҳим барои маблағгузорӣ ва расонидани дигар намудҳои хизматрасонии бонкӣ ниҳоят зарур мебошад. Тавре аз таҷрибаҳои кишварҳои дар ҳоли рушд бармеояд, имрӯз яке аз бахшҳои муҳим ва низомсози кишварҳои мухталиф, бахши воқеӣ маҳсуб меёбад, зеро ин бахш дар амнияти иқтисодӣ - иҷтимоӣ нақши бетаъхир дошта, ҳам барои суботи молиявии кишвар ва ҳам дар рушди намудҳои мухталифи хизматрасониҳои бонкӣ мусоидат хоҳад намуд. Бинобар ин, расонидани хизматрасониҳои мухталифи бонкӣ ва аз ҷумла қарзӣ аз тарафи бонкҳои тиҷоратии кишвар метавонад нақш, нуфуз ва эътибори аҳолиро нисбат ба ин муассисот дучанд гардонад. Ба ҷуз аз ин, дар натиҷаи расонидани хизматҳои мухталиф бонкҳо метавонанд дар давраи миёнамуҳлат соҳиби даромади хуб гарданд.

Қарздиҳӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини дастрасӣ ба манбаъҳои молиявӣ аз ҷониби корхонаҳои бахши воқеии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Бо назардошти заминаи ақибмондаи техникӣ, дараҷаи баланди истеҳлоки фондҳои асосӣ ва таҷҳизоти корхонаҳои бахши воқеӣ, инчунин даромаднокии нокофӣ ва сатҳи пасти пасандозҳои дохилӣ, мо метавонем ба хулоса оем, ки дар ҳоли ҳозир ва ояндаи наздик, худмаблағгузории фаъолияти корхонаҳои ин бахш хело маҳдуд мебошад.

Чун қоида, барои рушди бахши воқеӣ воситаҳои ҷалбгардида ва ё сафарбарнамудаи бонкҳои тиҷоратӣ бояд хусусияти дарозмуддат дошта бошанд. Бахусус, ин воситаҳо дар марҳилаи рушди инноватсионӣ ва технологӣ бояд нисбатан камарзиш бошанд.

Ҷараёни болоравӣ ва афзоиши воситаҳои интиқолӣ то соли 2014 дар дастгирии рушди бахши бонкӣ таъсиргузор буда, кифоягии пардохтпазирии низоми бонкӣ, афзоиши заминаи захиравӣ, афзоиши ҳаҷми қарздиҳӣ ба иқтисоди воқеӣ ва пешниҳоди дигар намуди хизматрасониҳои бонкиро таъмин менамуд (ҳисоббаробаркуниҳои хазинавии нақдӣ, амалиётҳои асъорӣ ва кафолатӣ). Коҳиш ёфтани воридшавии воситаҳои пулӣ ба иқтисодиёт ва низоми бонкии Тоҷикистон таъсири манфӣ расонида, дар камшавии захираҳо дар бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳии хурд, инчунин коҳишёбии қарздиҳӣ ба иқтисодиёти воқеӣ боис гардиданд

Қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз амалиётҳои фаъол дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ин амалиёти қарзӣ мебошад, ки ба самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ мебошад, ки афзоиши он назарраси мебошад.

Инчунин дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ аз ҳама қарзи бештар ба соҳаи саноат ва қарзҳои истеъмолот зиёд мебошад. Масалан, муқоисаи ҷараёни инкишофи бозгашти қарзҳо дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ дар маҷмӯъ иқтисодиёт нишон медиҳад, ки муҳлати миёнаи бозгашти қарзҳо дар соҳаҳои акфзалиятнок саривақтӣ мебошад. Ҳамзамон аз як тараф, ҷолибияти соҳаро барои ташкилотҳои қарзӣ коҳиш медиҳанд ва аз дигар тараф, онҳо сабабгори ҷустуҷӯи роҳҳои пешрафтаи қарздиҳии субъектҳои соҳаи кишоварзӣ мегарданд ва шаклҳои нави дастгирии давлатиро талаб мекунанд, ки дастрасии истеҳсолкунандагони маҳсулоти соҳаи кишоварзиро ба захираҳои қарзӣ афзоиш медиҳанд. Чунин амал, ба назари мо, бояд самаранокии истифодаи маблағҳои қарзиро дар худ фаро гирифта, дар доираи фаъолияти иқтисодии худ аз ҳисоби фурӯш ва гирифтани фоидаи изофӣ ҳамчун алтернативӣ диққати қарздиҳандагонро ҷалб намояд.

Дар таҷрибаи низоми бонкии кишвар ва тағйиротҳои дар он бавуҷудомада сифати хизматрасониҳои бозори бонкӣ ва ворид намудани тағйиротҳои алоҳида ба бахши инноватсионии он устувор будани як қатор нишондиҳандаҳо шарти зарурӣ мебошад. Як нуқтаи муҳимро қайд кардан ба маврид аст, ки новобаста аз зиёд шудани нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ ҳиссаи муқоисавии ин нишондиҳандаҳо нисбат ба ММД тамоили коҳишёбӣ дорад ё афзоиши ночиз мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дороиҳои пардохтпазири низоми бонкӣ дар муқоиса ба ММД 2,4% афзоиш ва ҳаҷми қарзҳои низоми бонкӣ бошад 5%

коҳиш ёфтааст. Аз ин лиҳоз вобаста ба натиҷаи таҳлилҳо гуфтан мумкин аст, ки чунин афзоиш дар мӯқоиса ба ММД қаноатмандкунанда намебошад. Аз ин лиҳоз ҷиҳати рушди мутавозинии муқоисавии нишондиҳандаҳои мазкур андешидани чораҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошад;

- ҳар сол ба таври мӯқоисавӣ нисбат ба ММД зиёд намудани нишондиҳандаҳои устувории низоми бонкӣ ба меъёри 6-7%;

- тағйр додани меъёри фоизи хизматрасониҳои низоми бонкӣ ва додани имтиёз ба мизоҷон;

- бамароти зиён намудани ҳиссаи пардохтпазирии низоми бонкӣ ва фароҳам овардани шароити муосиди хизматрасонӣ;

- кам намудани ҳиссаи амалиётҳои зиёновар ва хатарнок дар маҷмӯи умумии амалиётҳои бонкӣ ва ғ.

Афзоиши фаъолияти бонкҳо дар самти қарздиҳӣ ба соҳаҳо, бо татбиқи барномаҳои тасдиқшудаи миллӣ оид ба ташаккули иқтидори содиротии ватанӣ ва воридотивазнамоӣ алоқаманд мебошад. Тавре ки, аз таҳлилоти амиқтар бармеояд, он мутаассифона, дар шакли дастурамали қарздиҳӣ амалӣ карда мешавад. Яъне, ин тамоюл таъсири шароити бозор, манфиатҳои бонкҳо ва ҳатто худи корхонаҳои маблағгузоришавандаро дар воқеъ инъикос наменамояд.

Ба таври хулоса метавон қайд намуд, ки фаъолнокии бонкҳо дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои қарзӣ ба лоиҳаҳои бо саноат алоқаманд, аз чораҳои андешидашаванда ҷиҳати ҷуброни даромадҳое, ки бинобар сабаби буҳронҳои мухталифи ҷаҳонӣ махсусан дар самти дастрасӣ ба воситаҳои молиявии бурунмарзӣ, ихтисор ва ё коҳиш ёфтаанд (аз ҷумла, зимни қарздиҳӣ ва ё расонидани хизматрасониҳои мухталифӣ молиявӣ ба бахши воқеӣ) вобастагӣ дорад.

Бо мақсади таъмини дастрасии бештар ба қарзҳо барои корхонаҳои бахши воқеӣ дар шароити муосир, баъзе бонкҳои ватанӣ ва ташкилотҳои қарзии хурд технологияҳои инноватсионии молиявиро дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои қарзӣ истифода мебаранд, ки он бо ҷорӣ намудани технологияҳои додани қарзҳои дарозмуддат дар якчанд транш, кушодани хатҳои қарзӣ, истифодаи абзорҳои маблағгузории лоиҳавӣ ва тиҷоратӣ, кафолатҳои бонкӣ, суғуртаи қарзҳо ва ғайра алоқаманд мебошад. Ин дастрасии қарзҳоро барои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва инчунин корхонаҳои хурду миёнаи саноатии коркардкунандаи ашёи хом ва истеҳсоли озуқаворӣ таъмин намуд.

Барои пайдо намудани дастрасии бештар ба воситаҳои қарзӣ, махсусан барои соҳибкорони хурду миёна ва корхонаҳои хурде, ки бо истеҳсоли мол ва алалхусус ба ҳунарҳои мардумӣ дар кӯҳистони дурдаст машғул мебошанд, аз соли 2005 то инҷониб ташкилотшҳои қарзии хурд нақши арзандаро иҷро менамоянд. Иловатан, дар доираи коҳиш додани хавфҳои қарздиҳии дарозмуддат, намудҳои зерини усулҳо ва абзорҳо, ба монанди интихоби доираи қарзгирандагони вазъи молиявиашон устувор мавриди истифода қарор дода мешаванд. Яъне, интихоби корхонаҳои даромаднок ва дорандаи захираҳои худии молиявии кофӣ барои иштироки ҳиссавии бонкҳо дар маблағгузории ингуна корхонаҳо, бо дарёфти чунин ширкат ва ё корхонаҳо бонкҳо то 70% маблағи лоиҳаи сармоягузоришавандаро метавонанд маблағгузорӣ намоянд. Ба ҷуз аз ин, технологияҳои нави молиявӣ, аз қабили баҳисобгирии таърихи қарзии қарзгирандагон, технологияҳои скрининги (холдиҳӣ) барои таҳлили вазъи молиявию истеҳсолии қарзгирандагони эҳтимолӣ ва ташхиси ҳамаҷонибаи онҳо истифода мешаванд.

Бо назардошти омилҳои қаблан пешниҳод шуда, қарзҳои дарозмуддати бонкӣ, бахусус қарзҳои бо асъори хориҷӣ ифодаёфта барои аксари корхонаҳои соҳаҳои иқтисоди воқеӣ, бинобар сабаби баланд будани фоизи онҳо ва талаботи гарав дастнорасанд. Ғайр аз ин, дар бахши воқеии иқтисод иқтидори қарзии корхонаҳои ватанӣ дар сатҳи паст қарор доранд. Сатҳи пасти даромаднокии онҳо имкониятҳои истифодаи қарзҳои бонкиро маҳдуд месозад, алахусус қарзҳои дарозмуддат, ки дорои хавфҳои зиёд ва номуайянӣ мебошанд.

Дар шароити муосир, ширкатҳои суғуртаи ватанӣ бинобар нокифоягии сармоя, имконоти бартараф намудани хавфҳои асъории корхонаҳои бахши воқеиро надоранд, ба ҷуз

аз ин, ин ширкатҳо ба корхонаҳои кишвар маҳсулотҳои муосир ва ҷаззоби суғуртанамоиро пешкаш наменамоянд, то ҳавасмандии корхонаҳоро зиёд намуда, даромадҳои худро дучанд намоянд.

Қайд кардан ба мавриди аст, ки ба ҷараёни низоми қарзии бонкҳо низ як қатор омилҳо метавонанд таъсир расонанд, ки он ба каму зиёд шудани ҳаҷми қарздиҳӣ ва басту баланд шудани меъёри фоизи қарзҳо боис мегардад. Барои таъмин намудани рушди босуботи бозори қарзҳои бонкӣ ва боло бурдани нақши ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар рушди иқтисодиёти мамлакат, пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои ба бозори қарзҳои бонкӣ монеа эҷодкунанда, ба сомон расонидан чунин корҳоро зарур мешуморем:

- Баландбардории малакаи кории кормандони низоми бонкӣ ва дарёфти роҳҳои иконпазири ҷалби сармояи арзони дохилӣ ва хориҷӣ, истифодаи роҳу услуби сарфакорӣ ва кам намудани хароҷоти амалиётӣ, инчунин баланд бардоштани сифати сандуқи қарзӣ ва кам кардани қарзҳои муаммодор;
- Ҷоннок намудани фаъолияти Бюрои таърихи қарзӣ ва такмил додани маҳзани бюрои таърихи қарз барои ташкилотҳои қарзӣ ва муштариён, инчунин ҷоннок намудани фаъолияти дигар иштирокчиёни инфрасохтори бозори қарзҳои бонкӣ бо роҳи коҳиш додани сатҳи хавфҳои бонкӣ;
- Таҳия намудани санади меъёрии ҳуқуқии махсус роҷеъ ба тартиби муайян намудани арзиши аслии гарави қарз ва сода кардани низоми қарздиҳӣ ба суъектҳои иқтисодӣ;
- Таъсисдиҳии институтҳои молиявии нав аз қабили ширкатҳои кор бо қарзҳои мушкилситон, ширкатҳои баҳогузорӣ ва раддабандии ташкилотҳои қарзӣ (рейтингӣ), ширкатҳои баҳо диҳандаи нархи амволи гарав;
- Таъсиси институҳои қарзӣ дар заминаи маблағҳои давлатӣ ба мақсади дастгирии самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ ва ғайраҳо.

АДАБИЁТ

1.Низомномаи БМТ аз 31.05.97 с. протоколи №41 дар бораи “Ташкилдиҳии ҳисобҳои байнибонкӣ аз рӯи системаи пардохтҳои электронӣ”

2. Низомномаи БМТ аз 04.04.99 с. протоколи №4 дар бораи “ Тартиби иҷро кардани ҳисобҳои байнибонкӣ, бо роҳи мубодилаи хуҷҷатҳои пардохтӣ ва файлҳои электронӣ”

3. Қонун дар бораи ҳуҷҷатҳои пардохтӣ. (Моддаи 23)

4. Сайти интернетии Бонки миллии Тоҷикистон WWW.NBT.TJ

5. Низомномаи БМТ аз 17.08.2000с. таҳти №130 дар бораи “Ташкилкунии муомилоти ҳуҷҷатҳои электронӣ байни Бонки миллии Тоҷикистон ва бахшҳои он”

6. Маҷаллаи “Банковские технологии” № 6, мақолаи “Клиринговые расчеты”, Шавырин А.В., -Москва: 1997

7. Антонов Н.Г., Пессель М.А. Денежное обращение, кредит и банки. -Москва: Финстатинформ, 1995,

8. Банковское дело/ под ред. Колесникова В.И.

9. Банковский портфель - 3. -Москва: Соминтэк, 1995, 12. Михайлов Д.М. Международные расчеты и гарантии. Москва: ФБК-ПРЕСС, 1998.

10. Поляков В.П., Московкина Л.А. Структура и функции центральных банков. Зарубежный опыт: Учебное пособие. - Москва: ИНФРА-М, 1996.

11. Шариф Р., Махшулов С.Ҷ. Иқтисодиёту бонкдорӣ ва рушди онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ / Ш. Раҳимзода., С.Ҷ., Махшулов // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2021. №7. Саҳ 193.

12. Ганиев, Р.Г. Риски при кредитовании предпринимательской деятельности и пути их снижения / Р.Г.Ганиев // Вестн. Тад. нац. ун-та. – 2014. – № 2/6. – С. 22 – 25.

РОҲҲОИ БЕҲТАР НАМУДАНИ ИНФРАСОХТОРИ БОЗОРИ МАҲСУЛОТИ РЕКЛАМА ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

Шарипова Заррина Сафаровна - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи Иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд)

Мақолаи мазкур ба беҳтар намудани инфрасохтори бозори реклама дар вилояти Суғд бахшида шудааст. Барои такмил додани бозори маҳсулоти рекламавӣ дар вилояти Суғд бояд шабакаҳо ва платформаҳои рекламавиро бо истифода аз фанноварихои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ бояд таҳия кард. Ин стратегияи рушди бозори маҳсулоти рекламаи минтақавӣ аз як тараф, ба ҳамкории самараноки иқтисоди байни агентҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад, аз тарафи дигар бошад, гузариш ба иқтисоди рақамиро суръат мебахшад.

Калидвожаҳо: реклама, бозори реклама, хоҷагии минтақавӣ, маҳсулоти реклама, инфрасохтори реклама, инфрасохтори иттилоотӣ, иқтисодиёти рақамӣ

ПУТИ УЛУЧШЕНИЯ ИНФРАСТРУКТУРЫ РЫНКА РЕКЛАМНОЙ ПРОДУКЦИИ В СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ

Шарипова Заррина Сафаровна - кандидат экономических наук, доцент кафедры “Экономика предприятий и региона” Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (Республика Таджикистан, Худжанд)

Статья посвящена улучшению инфраструктуры рынка рекламной продукции на примере Согдийской области. Для совершенствования рынка рекламной продукции в Согдийской области возникает необходимость формирования рекламных сетей и платформ, которые создаются с использованием информационных и телекоммуникационных средств. Такой курс развития регионального рынка рекламной продукции, с одной стороны, способствует эффективному хозяйственному взаимодействию между экономическими агентами, а с другой - ускоряет переход к цифровой экономике.

Ключевые слова: реклама, рынок рекламы, региональное хозяйство, рекламная продукция, инфраструктура рынка, информационная инфраструктура, цифровая экономика

WAYS TO IMPROVE THE INFRASTRUCTURE OF THE ADVERTISING PRODUCTS MARKET IN THE SUGHD REGION

Sharipova Zarrina Safarovna, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Enterprise and Regional Economics at the Tajik State University of Law, Business and Politics (Republic of Tajikistan, Khujand)

This article focuses on improving the infrastructure of the advertising market, using the Sughd region as an example. To improve the advertising market in the Sughd region, it is necessary to develop advertising networks and platforms using information and telecommunications tools. This development strategy for the regional advertising market, on the one hand, facilitates effective economic interactions between economic agents, and on the other, accelerates the transition to a digital economy.

Key words: advertising, advertising market, regional economy, advertising products, market infrastructure, information infrastructure, digital economy

Главная роль рекламы в региональном хозяйстве заключается в том, что она стимулирует объём продаж и роста рабочих мест. Каждая форма рекламы от простой брошюры до рекламы в периодической печати и до трансляции на телевидении и в глобальной сети Интернет, помогает компаниям повышать узнаваемость производимой продукции и сообщать целевой аудитории о преимуществах их продуктов и услуг. В результате повышенной осведомлённости покупателей можно свести на нет долю рынка между конкурирующими фирмами, одновременно стимулируя экономическую активность. Это в свою очередь составляет костяк экономической активности, которая стимулирует создание рабочих мест в экономике республики.

Рост объёмов продаж требует существования хорошо налаженной системы производства, что способствует созданию и поддержанию занятости во всех отраслях экономики.

Экономический эффект от рекламы в региональном хозяйстве можно наблюдать в четырёх направлениях.

Прямое экономическое воздействие, которое включает, во-первых, потраченные денежные средства; рабочая сила на рекламном рынке прямым образом влияет на стимулирования спроса на рынке, и, во-вторых, это приводит к росту занятости и благосостояния во всех отраслях экономики. При этом тип транзакции, включённый в процесс воздействия, приводит к увеличению товарооборота во всей экономике.

Косвенное влияние на поставщиков, которое подразумевает занятость и объём продукции в поддерживающих отраслях первого уровня, которые используют рекламную продукцию. В этом случае воздействие отражается в росте объёмов поставок сырья и материалов на главную производственную фирму, где происходит увеличение объёмов продаж с использованием рекламной продукции.

Межотраслевое экономическое влияние, происходит с ростом объёмов продукции на всех поддерживающих и родственных предприятиях. Например, если главное производственное предприятие - это текстильная фабрика, то межотраслевое влияние рекламы включает деятельность производителей тканей, пуговиц, ниток и швейного оборудования, которые являются родственными и поддерживающими отраслями. Такое влияние рекламы на практике также называют кластерным эффектом.

Воздействие на потребности, каждый человек, занятый в отраслях экономики, также фигурирует, как потребитель. Он тратит часть зарплаты на продукты питания, товары народного потребления, услуги, здравоохранение и так далее. Экономическая деятельность в этом плане часто инициируется через рекламу, что стимулирует экономическую активность.

Кроме того, роль рекламы также прямым образом отражается на развитии информационной инфраструктуры региона. В последнее десятилетие наблюдается быстрый прогресс в развитии информационно- коммуникационных технологий (ИКТ), и эта ситуация поставила вопрос об адаптации механизма рынка рекламы к этим условиям.

Традиционно региональная экономическая политика направлена на количественный экономический рост, сокращение неравенства между центром и периферией, а также на модернизацию и индустриализацию отстающих районов. Эта политика ориентируется на преодоление слабых мест и недостатков путём улучшения инфраструктуры, и поощрения предпринимательства, в частности за счёт привлечения иностранных инвестиций.

Ситуация в современном мировом сообществе, прогресс науки и изменения в хозяйственном развитии требуют расширения существующих инструментов и факторов развития рекламного рынка. Информационно- коммуникационные технологии (ИКТ) могут сыграть важную роль не только в развитии рынка рекламных услуг, но и в целом в развитии рыночной инфраструктуры региона.

Улучшенная инновационная инфраструктура в региональной экономике будет, по крайней мере, такой же, как и инфраструктура в традиционной экономике. Она предоставит населению, улучшенный доступ к ведению нового образа жизни, к работе и развлечениям, а также сформирует новый бизнес и инвестиции в экономику. Отличительный принцип заключается в том, что инструменты и способы их доставки разнятся.

Использование ИКТ в реализации рекламной продукции представляет собой мощный инструмент повышения её эффективности. Это достигается следующим образом: [2, 30]

- совершенствуется оборудование и программное обеспечение рекламного производства;
- улучшается региональная рыночная инфраструктура,
- упрощается презентация рекламной продукции;
- улучшается качество образования;
- развивается уровень коммуникаций;
- улучшается бизнес - среда.

Кроме того, большой бум ИКТ постепенно приводит к увеличению спроса на компьютерное оборудование и программное обеспечение. Центральная позиция с точки зрения регионального развития касается определения отрасли ИКТ как сектора экономики, где наблюдается значительный рост. Быстрый рост индустрии ИКТ сопровождается высокими темпами роста рынка рекламы, что стимулирует предприятия к интенсивному использованию ИКТ. Соответственно это приводит к формированию цифровой экономики в регионе.

В современных условиях быстрыми темпами развивается Интернет-реклама, которая постепенно захватывает значительную часть рынка рекламной продукции во многих странах мира. Поэтому возникает необходимость в использовании новых инструментов в производстве и реализации рекламной продукции, что прямым образом связано с совершенствованием инфраструктуры рынка рекламы в экономике региона.

Совершенствовать инфраструктуру рынка рекламной продукции следует в следующих направлениях:

1. Изменение механизма концепции баннеров и наружной рекламы. Мы предполагаем, что времена простых всплывающих окон давно прошли и с каждым днём разрабатываются новые методы реализации рекламы. Аналогично можно судить о телевизионной рекламе, так как она также остаётся не замеченной огромным количеством потребителей из-за её чрезмерного использования. Современные передовые концепции наружной рекламы способствуют повышению уровня вовлеченности потребителей, потому что предлагают что-то новое, что застаёт людей врасплох.

2. Формирование эффективных рекламных блоков на рынке рекламной продукций. В современных условиях во многих развитых странах существуют платформы рекламного рынка, которые непосредственно улучшают функционирование и взаимодействие всех субъектов рыночных отношений. Использование цифровых технологий и рекламных блоков на рекламном рынке будет способствовать повышению производительности труда, так как они оптимизируют и максимизируют доход, и соответственно, эффективность.

Цифровая экономика сегодня находится в центре дискуссий академических и политических кругов Республики Таджикистан. Необходимость её формирования в первую очередь заключается в том, чтобы отечественные производители могли взаимодействовать с зарубежными компаниями, которые интенсивно задействованы в цифровизации. Но создание цифровой экономики в регионе имеет очень слабые импульсы. Исследуя развитие инновационно-информационной инфраструктуры региона, российские учёные Корнева Ж.В. и Кривых Н.Н. выделяют следующие тормозящие её факторы: «отсутствие денежных средств, нехватка на предприятии квалифицированных специалистов, недостаточность знаний и навыков у работников организации для использования информационных и коммуникационных технологий и др.» [3, 41]

Такие факторы имеют место и в Согдийской области, и поэтому в дальнейшем возникает необходимость в разрешении этих проблем. Развитие технопарков в вузах и научно-исследовательских институтах Согдийской области сегодня не обеспечивает должного эффекта в этом направлении. Тому есть ряд причин, к которым можно отнести то, что:

- технопарки не имеют активных связей с производственными секторами экономики, и в этих условиях их суть и содержание меняются. Они функционируют как подразделение в структуре вузов в качестве источника дохода и чаще всего преследуют коммерческие цели;
- отсутствует механизм привлечения и стимулирования инновационных разработок. В результате этого многие научные разработки отечественных исследователей запатентовываются за рубежом, где высокие стимулы и оплата;
- в технопарках нет чётко разработанной программы функционирования и реализации собственной научно-исследовательской деятельности. Часто в них привлекают студентов и молодых специалистов, которые ещё далеки от науки. Следует также привлекать хороших специалистов и учёных, стимулируя их специально созданными фондами по науке и инновациям при организациях.

3. Создание сети эффективного взаимодействия рынка рекламы с другими субъектами регионального рынка

Эффективное взаимодействие рынка рекламной продукции с другими элементами регионального хозяйства достигается при наличии определённых условий, таких как развитая система коммуникаций, возможности для распространения рекламы в широкой аудитории, качество предоставления рекламной продукции и др. При этом реализация рекламных продуктов в регионе должна сосредоточиться на следующих принципах:

- чёткая ориентация на определенный вид продукции, которая рекламируется;
- учёт сезонности товаров и услуг;
- содействие формированию лояльного сообщества потребителей;
- доставка лучшей в своём классе рекламной продукции;
- доступные и разумные цены на рекламную продукцию;

- эффективное сотрудничество рекламных производителей и рекламодателей.

4. Развитие элементов информационной инфраструктуры региона

В современных условиях в основе «информационного общества» или «информационной инфраструктуры» лежит общая концепция о необходимости разработки диффузных широкополосных технологий связи. Эта инфраструктура, основанная на последних технологических разработках, позволит производить быструю передачу большого количества информации с наименьшими издержками. В контексте, в котором обсуждается информационная инфраструктура, следует чётко выделить рынок рекламной продукции. Это нужно потому, что потенциальное воздействие технологических инноваций и рекламного рынка тесно связано друг с другом.

Улучшение инфраструктуры рынка рекламной продукции преследует не только цель развития рекламной деятельности. В её основе лежит социально-экономическое развитие региона и улучшение благосостояния населения. Внедрение инновационных телекоммуникаций, создание рекламных платформ повышает производительность всей экономики. Оптимизация инфраструктуры рынка рекламной продукции - необходимая часть развития хозяйственных связей и создания цифровой экономики в регионе.

Для формирования и развития инфраструктуры рынка рекламы требуются значительные инвестиции, и это не по силам участникам региональной экономики. Решение проблемы возможно путём ускорения кластеризации в регионе, так как кластеры способствуют решению следующих задач в развитии рынка рекламы:

- они концентрируют финансовые ресурсы родственных и поддерживающих отраслей региона. Это порождает формирование более сильной маркетинговой стратегии в производственном направлении кластера;

- промышленные кластеры более склонны к внедрению новых технологий, в том числе прогрессивных технологий, при реализации рекламы. Они способны к созданию специального фонда финансирования и стимулирования маркетинговых мероприятий, что выступает важным фактором воспроизводства творческих идей в создании рекламных продуктов;

- кластеры в условиях цифровизации экономики смогут создать единую платформы через глобальную сеть Интернет, обеспечивая при этом наиболее оптимальную реализацию рекламной деятельности.

ЛИТЕРАТУРА

1.Антонов Ф.В. Специфика развития российского рекламного рынка [Текст] Ф.В. Антонов // Социально-экономические явления и процессы. - 2010, - № 3 (019). – С. 28-35.

2. Антонов Л.В. Развитие рекламного рынка: международный аспект [Текст] / Антонов Л.В. // Социально-экономические явления и процессы. – 2012. - № 12 (046). – С. 39.

3.Корнева Ж.В., Кривых Н.Н. Информационная инфраструктура региона: инновационный аспект [Текст] / Ж.В. Корнева, Н.Н. Кривых // Социально-экономические явления и процессы. – 2009. – С. 41.

4.Коваленко А. Е. Преобразование показателей оценки экономической эффективности технологий интернет-маркетинга в малом бизнесе [Текст] / А. Е. Коваленко // Вестник Южно-Уральского государственного университета. Серия: Экономика и менеджмент. – 2020. – Т. 14. - № 2. – С. 158– 163.

5.Наумова А.В. Основные этапы развития регионального рынка рекламы [Текст] / А.В. Наумова // Регион: экономика и социология. - 2006. - № 1. - С.175.

АФЗАЛИЯТҲОИ СИЁСАТИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР РУШДИ СОҲАҲОИ САНОАТ ВА КИШОВАРЗӢ: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

Сайдаҳмадов Фаррух Бобоқулович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: 901-40-53-40; E-mail: farukh.2020@mail.ru

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои вобаста ба сиёсати сармоягузорӣ дар ду бахши калидии иқтисодиёт - саноат ва кишоварзӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф нақши сармоягузориро дар татбиқи ҳадафи чаҳоруми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон - саноаткунонии босуръати кишвар ва таъмини амнияти озуқаворӣ таҳлил намуда, монеаҳои мавҷуда ва роҳҳои беҳтар намудани фазои сармоягузориро нишон додааст.

Калидвожаҳо: сармоягузорӣ, саноат, кишоварзӣ, иқтисодиёт, амнияти озуқаворӣ, саноаткунонӣ, рушди устувор, технологияҳои инноватсионӣ.

ПРИНЦИПЫ ИНВЕСТИЦИОННОЙ ПОЛИТИКИ В РАЗВИТИИ ПРОМЫШЛЕННОСТИ И СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА: ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ.

Сайдахмадов Фаррух Бобокулович - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой финансового менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета**.** Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 901-40-53-40; E-mail: farukh.2020@mail.ru

В данной статье рассматриваются вопросы, связанные с инвестиционной политикой в двух ключевых секторах экономики – промышленности и сельском хозяйстве. Автор анализирует роль инвестиций в реализации четвертой стратегической цели Республики Таджикистан – быстрой индустриализации страны и обеспечении продовольственной безопасности, а также выявляет существующие препятствия и пути улучшения инвестиционного климата.

Ключевые слова: инвестиции, промышленность, сельское хозяйство, экономика, продовольственная безопасность, индустриализация, устойчивое развитие, инновационные технологии.

PRINCIPLES OF INVESTMENT POLICY IN THE DEVELOPMENT OF INDUSTRY AND AGRICULTURE: PROBLEMS AND PROSPECTS.

Saidakhmadov Farrukh Bobokulovich - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, and Head of the Department of Financial Management at the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 64/14 Nakhimova Street, Dushanbe, 734067, Republic of Tajikistan. Phone: 901-40-53-40; E-mail: farukh.2020@mail.ru

This article discusses issues related to investment policy in two key sectors of the economy: industry and agriculture. The author analyzes the role of investments in achieving the fourth strategic goal of the Republic of Tajikistan, which is to rapidly industrialize the country and ensure food security, and identifies existing obstacles and ways to improve the investment climate.

Keywords: investments, industry, agriculture, economy, food security, industrialization, sustainable development, innovative technologies.

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии конюнктураи иқтисоди ҷаҳонӣ, ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ барои рушди соҳаҳои истеҳсолӣ аҳамияти ҳаётӣ дорад. Барои давлатҳое, ки дар марҳилаи гузариш ба иқтисодиёти саноатӣ-аграрӣ қарор доранд, ҳамоҳангсозии сиёсати сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ заминаи асосии рушди устувор мебошад[3]. Саноат ва кишоварзӣ бо ҳам иртиботи зич доранд: кишоварзӣ ашёи хомро

барои саноати сабук ва хӯрокворӣ таъмин мекунад, саноат бошад, техника ва технологияҳои коркардро барои кишоварзӣ пешниҳод менамояд.

Ҷадвали муқоисавии афзалиятҳои сармоягузорӣ ин ҷадвал фарқият ва робитаи байни ду соҳаро дар сиёсати сармоягузорӣ нишон медиҳад,ки сатҳои асосии сармоягузори дар соҳаи кишоварзи ва саноат робитаи дусоҳаи афзалиятноки кишварро аз руйи нишондиҳандаҳои соҳаи саноат ва соҳаи кишоварзи ба тариқи зайл пешниҳод гардидааст.

Ҷадвали 1. Самтҳои асосии сиёсати сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат ва кишоварзӣ

Нишондиҳанда	Соҳаи Саноат	Соҳаи Кишоварзӣ
Ҳадафи асосӣ	Саноаткунонии босуръат ва ивазкунии воридот	Таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди содирот
Манбаи сармоя	Сармоягузории мустақими хориҷӣ, вомбаргҳо	Қарзҳои имтиёзнок, грантҳо, сармояи дохилӣ
Объекти асосӣ	Технологияҳои муосир, хатҳои автоматикунонидашуда	Техникаи кишоварзӣ, системаҳои обёрӣ, тухмипарварӣ
Натиҷаи интизорӣ	Афзоиши Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД)	Паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар деҳот
Хавфҳо (Рискҳо)	Тағйирёбии нархи энергия ва ашёи хом	Офатҳои табиӣ ва тағйирёбии иқлим

Аз ҷадвали мазкур бар меояд саноаткунонии босуръат яке аз ҳадафҳои стратегии бисёр кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истеҳсолои соҳаи саноат назар ба дигар соҳаҳои иқтисод, аз ҷумла кишоварзӣ тадриҷан рушд намуда, саҳми он дар таъмини шуғли аҳолӣ, содироти маҳсулот, афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва дар маҷмуъ рушди иқтисоди кишвар нақши бузург пайдо намудааст.

Ҳамин аст, ки дар марҳалаи нави рушди иқтисодиёти миллӣ дар сиёсати давлат таваҷҷуҳи асосӣ ба тақвияти истеҳсолот ва содироти маҳсулоти тайёри саноатӣ бо роҳи ворид намудани технологияҳои нав, истифодаи ҳарчи бештари манбаъҳои ашёи хоми маҳаллӣ, коркарди пурраи он ва истифодаи васеи захираҳои меҳнатӣ равона гардидааст. “ Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар ба роҳ мондани корҳои ободониву созандагӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, истеҳсоли маҳсулоти ватаниву воридотивазкунанда ва дар умум таъмини зиндагии шоистаи мардум, гузариш ба самти рушди устувори иқтисодиёти миллӣ тавассути саноатикунонии босуръат дар кулли минтақаҳои ҷумҳурӣ аҳамияти калонро касб намудааст. Зеро татбиқи ҳадафи саноатикунонӣ дар шаҳру ноҳияҳо бо ташкили корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ бо истифода аз технологияҳои нави инноватсионӣ афзоиши истеҳсоли моддиро таъмин намуда, боиси рушди устувори иқтисоди миллӣ ва дастовардҳои назаррас дар тамоми соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гардидааст.”[7].

Омилҳое, ки ба фазои сармоягузорӣ таъсир мерасонанд, аз рӯи имкон то ҳадди имкон аз ҷониби ҷомеа тақсим карда мешаванд:

- объективӣ (шароити табиию иқлимӣ, таҷҳизот бо захираҳои энергетикӣ, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, вазъи демографӣ ва ғайра);


- субъективӣ (марбут ба идоракунии фаъолияти инсон).

Ҳамин тавр, бояд қайд намуд, ки фазои сармоягузорӣ бо сиёсати сармоягузорӣ зич алоқамандӣ дорад. Сиёсати сармоягузорӣ маҷмӯи чораҳои таъсиррасонии ташкилию иқтисодии

мақомоти идоракунӣ дар сатҳи кишвар, минтақа, шаҳр ё корхона мебошад, ки ба фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ нигаронида шудааст.[8 с 57-58]

Сиёсати сармоягузорӣ дар ин бахш бояд ба самтҳои зерин нигаронида шавад:

- **Навоварии технологӣ:** Ҷалби сармоя барои ворид намудани технологияҳои каммасраф ва муосир, ки арзиши аслии маҳсулотро коҳиш дода, сифати онро боло мебаранд.
- **Коркарди пурраи ашёи хом:** Ба ҷои содироти ашёи хом (масалан, пахта ё маъдан), сармоягузорӣ бояд ба бунёди корхонаҳои коркарди ниҳоӣ равона карда шавад. Ин боиси пайдоиши арзиши иловашуда ва ҷойҳои нави корӣ мегардад.
- **Минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ):** Тақвияти фаъолияти МОИ ҳамчун платформа барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ тавассути имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ.



Сиёсати сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ Кишоварзӣ соҳаест, ки амнияти озуқавории кишварро таъмин мекунад. Аммо ин соҳа бинобар мавсимӣ будан ва вобастагӣ аз иқлим, хавфи баланди сармоягузорӣ дорад. Афзалиятҳои сармоягузорӣ дар ин бахш иборатанд.

 Мелиоратсия ва обёрӣ: Сармоягузорӣ ба низомҳои муосири обёрӣ (масалан, обёрии қатрагӣ) барои сарфаи об ва зиёд кардани ҳосилнокӣ.

 Логистика ва анборҳо: Бунёди марказҳои логистикӣ ва анборҳои хунуккунанда барои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ ва пешгирӣ аз талафёбии он.

 Кластерҳои агросаноатӣ: Муттаҳид кардани хоҷагиҳои деҳқонӣ бо корхонаҳои коркарди саноатӣ тавассути сармоягузории муштарак.

Хулоса ва пешниҳодҳо оид ба вазъи сиёсати сармоягузории кишоварзи ва саноат Сиёсати самараноки сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ бояд характери маҷмӯӣ дошта бошад. Танҳо тавассути ворид намудани технологияҳои нав, дастгирии содирот ва фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ метавон ба рушди босуръати иқтисоди миллӣ даст ёфт. Ҳамоҳангсозии ин ду соҳа на танҳо иқтидори содиротии кишварро афзун мекунад, балки сатҳи зиндагии мардумро низ баланд мебардорад.

Рӯйхати адабиёт

1 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Раҳимов Р.К. «Проблемы развития промышленности Таджикистана». – Душанбе, 2018.

3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.

4. Низомномаи «Дар бораи сиёсати сармоягузорӣ дар соҳаи агросаноатӣ»

5. Сайдаҳмадов, Ф. Б. Ҷойгиркунии захираҳои сармоягузории минтақавӣ дар сохторҳои корпоративӣ / Ф. Б. Сайдаҳмадов, А. А. Сафаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4-2(43). – P. 171-177.

6. Сайдаҳмадов, Ф. Б. Ҷойгиркунии захираҳои сармоягузории минтақавӣ дар сохторҳои корпоративӣ / Ф. Б. Сайдаҳмадов, А. А. Сафаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4-2(43). – P. 171-177.

7. Абдуллоев, И. О. Соҳаи саноат ва афзалиятҳои рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / И. О. Абдуллоев // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2024. – No. 1-3(125). – P. 561-564.

РОҲҲОИ АСОСИИ БАЛАНДБАРДОРИИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАБАРИИ ИҚТИДОРИ КАДРИИ КОРХОНАҲО ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Фаррухи М.Т. - ассистенти кафедраи низоми иттилооти иноватсионӣ дар иқтисодиёт. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе

Шерматов Ғ.Р. - ассистенти кафедраи низоми иттилооти иноватсионӣ дар иқтисодиёт. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе

Дар мақола қайд карда мешавад, ки бо шарофати рушди иқтисодиёти рақамӣ дар ҷамъият қувваи асосии истеҳсолӣ дониш ба ҳисоб меравад, яъне ҳар як корманд бояд ба навовар, яъне на танҳо коргаре, ки равандҳои меҳнатии якхелаи такрориро ба монанди қувваи корӣ иҷро мекунад, табдил ёбад. Умуман, агар захираҳои меҳнатӣ дар иқтисоди рақамӣ дар бозори меҳнат талабот дошта бошанд, онҳо бояд малакаҳои технологияҳои нав, мутобиқати баланди кор бо технологияи иттилоотӣ, қобилияти омӯзиш ва истифодаи инноватсияҳоро дар кор ва ҳаёт дошта бошанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии шуғл дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ асоснок карда шуда, дар оянда модернизатсияи механизми рақобатпазирии қувваи корӣ ва бозори меҳнат бо назардошти рушди технологияҳои рақамӣ ва татбиқи онҳо дар иқтисодиёти Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Калимаҳои калидӣ: иқтисоди рақамӣ, бозори меҳнат, рақамисозӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, танзими давлатӣ, шуғли самаранок, механизми ҳамкорӣ байни бозори меҳнат ва низоми таёркунии кадрҳо, қувваи корӣ, меҳнат, рақобатпазирии қувваи корӣ, сифати қувваи корӣ, шуғл.

ОСНОВНЫЕ ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ КАДРОВОГО ПОТЕНЦИАЛА ПРЕДПРИЯТИЙ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

Фаррухи М.Т. - ассистент кафедры инновационных информационных систем в экономике, Таджикский государственный финансово-экономический университет, Республика Таджикистан, Душанбе.

Шерматов Г.Р. - ассистент кафедры инновационных информационных систем в экономике, Таджикский государственный финансово-экономический университет, Республика Таджикистан, Душанбе.

В статье автором рассмотрены констатируется, что благодаря развитию цифровой экономики в обществе главной производительной силой становится знание, т.е. каждый работник должен превращаться в инноватора, а не просто рабочего, выполняющие однообразные повторяющиеся трудовые процессы как рабочей силы. В целом, если трудовые ресурсы хотят быть востребованным на рынке труда в условиях цифровой экономики, они должны обладать навыками новых технологий, высокая адаптивность, работать с IT, способности к обучению, применять инновации в работе и в жизни.

Автор отмечает, что обосновываются приоритетные направления государственной политики занятости в условиях перехода к цифровой экономики, предлагается модернизация механизма конкурентоспособности рабочей силы и рынка труда в перспективе с учетом развития цифровых технологий и их внедрение в отраслях экономики Таджикистана.

Ключевые слова: цифровая экономика, рынок труда, цифровизация, информационно-коммуникационные технологии, государственное регулирование, продуктивная занятость, механизм взаимодействия рынка труда и системы подготовки кадров, рабочая сила, труд, конкурентоспособность рабочей силы, качество рабочей силы, занятость.

THE MAIN WAYS OF INCREASING THE EFFICIENCY OF USING THE STAFF CAPACITY OF ENTERPRISES IN THE CONDITIONS OF THE DIGITAL ECONOMY

Farruhi M.T. – Assistant Professor of the Department of Innovative Information Systems in Economics. Tajik State University of Finance and Economics. Republic of Tajikistan, Dushanbe

Shermatov G.R. - Assistant Professor of the Department of Innovative Information Systems in Economics. Tajik State University of Finance and Economics. Republic of Tajikistan, Dushanbe

In the article, the author considers it is stated that thanks to the development of the digital economy in society, knowledge becomes the main productive force, i.e. every worker should turn into an innovator, not just a worker, performing repetitive work processes as a labor force. In general, if labor resources want to be in demand in the labor market in the digital economy, they must have the skills of new technologies, high adaptability, work with IT, the ability to learn, apply innovations in work and in life.

The author notes that the priority directions of the state employment policy in the context of the transition to the digital economy are substantiated, it is proposed to modernize the mechanism of labor force competitiveness and the labor market in the future, taking into account the development of digital technologies and their implementation in the sectors of the Tajik economy.

Keywords: digital economy, labor market, digitalization, information and communication technologies, government regulation, productive employment, the mechanism of interaction between the labor market and the training system, labor force, labor, labor force competitiveness, labor force quality, employment.

Дар ҷаҳони муосир сохтори иқтисодиёт ва равандҳои идоракунӣ босуръат тағйир ёфта истодаанд, ки бештар бо ҷараёни рақамикунонии низомҳо алоқамандӣ дорад. Ин тағйиротҳо дар натиҷаи истифодаи самараноки технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва дастгоҳу таҷҳизотҳои рақамии инноватсионӣ сурат мегирад.

Таърихи рушду инкишофи иқтисодиёти ҷаҳонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳар як марҳилаи он бо инқилобҳои илмӣ-техникии ҳамон давра алоқаманд буд. Имрӯз чунин пешрафту табдилпазирӣ (транформатсия) дар тамоми соҳаҳо тавассути инқилоби илмӣ-техникии рақамӣ сурат гирифта истодааст.

Аз ин рӯ, дар чунин шароите, ки рушди тамоми низомҳои идоракунӣ бо раванди рақамикунонӣ ва ташаккули иқтисоди рақамӣ алоқаманд аст, омӯзиш ва таҳқиқи унсурҳои таркибии ҷанбаҳои гуногуни онҳо шарти муҳим ба ҳисоб мераванд [1, с.12].

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки бояд дар ин самт омӯхта шавад, ин баландбардории сифати иқтидори кадрӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ мебошад. Бинобар ин, пеш аз ҳама, бояд ба мафҳумҳои асосии низоми иқтисоди рақамӣ равшанӣ андозем.

«Иқтисодиёти рақамӣ – низоми иқтисодиетест, ки ба дастовардҳои пешрафта ва пешқадами технологӣ, пеш аз ҳама, технологияи иттилоотию коммуникатсионии рақамӣ ва амалишавии самтҳое алоқаманд аст, ки самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятиро афзун гардонида, рушди иқтисодиётро дар баланд бардоштани сатҳу сифати ҳаёти аҳолӣ нигоҳ медорад» [2, с.8].


«Иқтисодиёти рақамӣ – навоварии динамикии иқтисодие мебошад, ки татбиқи васеи технологияи иттилоотию коммуникатсиониро дар ҳамаи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ пешбинӣ намуда, имконияти боло бурдани самарнокӣ ва рақобатпазирии ширкатҳои ҷудогона ва сифати ҳаёти аҳолиро фаро мегирад» [3, с.9].

Қайд намудан зарур аст, ки дар марҳилаи рушди устувори иқтисодӣ ва гузаштан ба низоми иқтисоди рақамӣ таъмини корхонаҳо бо кормандони баландихтисос ва истифодаи самараноки иқтидори кадрии онҳо шарти муҳими самаранокии фаъолияти ҳар як корхонаи муосир ба ҳисоб меравад. Дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва иҷроиши корҳои хизматрасонӣ меҳнат мавқеи намоёнро ишғол менамояд ва истифодаи имкониятҳои иқтидори кадрии корхонаҳо диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Дар ин раванд баландбардории истифодаи иқтидори кадрӣ ин баландбардории ҳосилнокии меҳнат дониста мешавад ва барои корхонаҳо алоқамандии ин таносубро риоя намудан зарур аст. Дар ин гуна шароит барои баландбардории самаранокии иқтидори кадрӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ, алалхусус, гузаштан ба низоми иқтисоди рақамӣ зарур аст, ки роҳҳои асосии он ҷустуҷӯ карда шаванд. Иҷрои ин вазифа дар шароити имрӯза барои корхонаҳои ватанӣ зарурӣ ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад [4, с.10].

Барои самаранок истифода намудани иқтидори кадрӣ ва дар ин асос баландбардории ҳосилнокии меҳнат дар низоми иқтисоди рақамӣ чунин омилҳо бояд ба инобат гирифта шаванд.

1. Сатҳи инкишофи илму техника;
2. Ташкили истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ;
3. Таҷрибаи истеҳсолӣ;
4. Баландбардории сатҳи тахассуснокӣ;
5. Ҳавасмандии моддӣ;
6. Ҳавасмандии маънавӣ;
7. Азнав ҷиҳозонидани таҷҳизот ва ғ.

Таъмини самаранокии амалишавии фаъолияти корхонаҳо дар бештари мавридҳо аз ҳамоҳангсозии омилҳои дар болоҷойдошта вобаста аст. Дар баробари ин, шарти муҳим ва зарури ҳалли масъалаи баландбардории самаранокии истифодаи иқтидори кадрӣ ин дарёфти роҳҳои илмӣ, таҳлили иқтисодӣ ва молиявии фаъолият, истифодаи таҷрибаи амалии низоми идоракунии фаъолияти корхонаҳо ба ҳисоб рафта, дар таъмини амалишавии фаъолияти корхонаҳо нақши худро мегузорад. Аз ин рӯ сохтори идоракунии иқтидори кадрии корхонаҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ чунин пешниҳод карда мешавад. (расми 1.1.).



Расми 1. Идоракунии иқтидори кадрии корхонаҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ

Дар бораи иқтидори кадрӣ ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки он маҷмуи қобилиятҳои ҷисмонӣ ва маънавии инсонро, ки онҳо дар амалӣ гардондани фаъолияти меҳнатии инсон аҳамияти муҳим дошта, шахси дорои қобили меҳнатидоштаро дар бар мегирад. Қобилияти меҳнатӣ як навъ сармояи иқтидори кадрӣ, ё ин ки ин моле ба ҳисоб меравад, ки дар бозори меҳнат пешниҳод карда шуда, барои рушди инноватсионӣ ва рақамӣ қобилият ва малака ва қувваи корӣ худро равона мекунад. Дар чунин шароите, ки рушди иқтисодиёт ба унсурҳои инноватсионӣ ва рақамӣ такя мекунад, иқтидори кадриро метавон чунин тавсиф дод: «Иқтидори кадрӣ ин маҷмуи кормандони баландихтисоси низоми идоракунии дараҷаҳои гуногун (корхона, соҳа ва давлат), кормандони илмӣ, кори низоми ташаккулёфтаи таълим, бозомӯзӣ ва баландбардории тахассус, самаранокии низоми ташвиқ ва ҳавасмандгардонии мутахассисони илмӣ-техникии соҳа ва муҳандисӣ-техникии корхона мебошад».

Баландбардории сифати иқтидори кадрӣ бошад, яке аз вазифаҳои муҳимтарини корхонаҳо ба ҳисоб меравад. Рақобатпазирии корхонаҳо ва самараи иқтисодии сармоягузорӣ дар фаъолияти он бевосита аз муваффақияти ин раванд вобаста аст. Яъне идоракунии иқтидори кадрӣ дар самти истифодаи захираҳои иҷтимоию иқтисодии кормандони корхона истифода мешавад.

Вобаста ба масъалаҳои ҷойдошта дар корхонаҳо чунин роҳҳои баланд бардоштани самаранокии иқтидори кадрӣ пешниҳод карда мешавад: [5,с.155].

1. Такмили низоми ҳавасмандкунии моддии кормандон дар корхона;
2. Ташкил ва гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳиҳо оиди иқтидори кадрӣ дар корхонаҳои саноатӣ;
3. Ташкили ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ дар бозори меҳнат;
4. Танзими нобаробари байни тақозо ва арза ба нерӯи меҳнатӣ дар корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ;
5. Ташикли низоми омӯзиши доимии кормандон дар корхона.

Қайд намудан зарур аст, ки оиди беҳтар намудани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ, ки дар ин ҷода ҳам вазифаҳои давлатӣ самти барқарорсозии нерӯи аҳолиро дар бозори меҳнат, мустақиман аз ҷониби корхонаҳое, ки ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии

кадрҳо равона шудаанд иборат мебошад. Яке аз роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори кадрӣ дар сатҳи корхонаҳо ин тақвият бахшидани ҳавасмандии моддии кормандон мебошад. Маҳз, роҳҳои такмили системаи мавҷудаи музди меҳнат-ин ба ӯҳда гирифтани натиҷаҳои ниҳоии ҳар як корманд мебошад. Раҳҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи нерӯи меҳнатиро дар корхонаҳо ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи идоракунии корхона ба роҳ монда мумикн аст.

Давлат метавонад такмили низоми истифодаи иқтидори кадриро бо мақсади барқарорсозии иқтидори давлат, тариқи ба эътидоловарии номутавозинии тақозо ва арза ба неруи кормандон дар бозори меҳнат, дастгириии мутахассисони ҷавон дар сатҳи давалтӣ ба роҳ монад. Дар сатҳи корхона бошад баланд бардории неруи меҳнатиро ба воситаи мукаммалгардонии низоми идоракунии онҳо, мукаммалсозии низоми ҳавасмандгардонии кормандон, гузаронидани корҳои мунтазам бо онҳо, кам кардани гурези кадрҳо ба роҳ мондан мумкин аст [6, с.75].

Яке аз самтҳои муҳим барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар сатҳи корхонаҳо тақвияти низоми ҳавасмандгардонии кормандон ба шумор меравад.

АДАБИЁТ

1. Ашурова Т.А., Бадалов М.Т. Идоракунии тағйирот дар ташаккул ва рушди мутахассисони касбӣ барои кадрҳои иқтисодиёти рақамӣ Захираи электронӣ: (Вақти даромад 22.01.2020). саҳ 12.
2. Безденежных Т.И. Занятость, рынок труда и конкурентоспособность рабочей силы: концепция, формы и методы управления на региональном уровне: автореф. Дис. … д-р экон. Наук: 08.00.05. СПб, 2005. С. 7-8.
3. Гасанов Г.А., Гасанов Т.А. Цифровая экономика как новое направление экономической теории. Электронный ресурс: (Дата обращения: 12.02.2020). саҳ 9.
4. Қаюмова Ш.Т. Тоҷикистон иқтисодиёташро рақамӣ мегардонад. Душанбе АМИТ «Ховар» 2020 саҳ 10.
5. Рустамов Р.У. Механизми истифодаи иқтидори меҳнатии аҳолӣ дар бозори меҳнат. -автор. дисс. -Душанбе, 2020 саҳ. -155.
6. Юсупов Ш.Н. Баландбардории сифати иқтидори кадрӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ. Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – Душанбе 2021. - № 7. С.75-82.

ТУРИСТИЧЕСКАЯ ИНФРАСТРУКТУРА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СИСТЕМЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ: РОЛЬ КОНЦЕССИОННЫХ СОГЛАШЕНИЙ

Баёнова М.Г. - старший преподаватель кафедры менеджмента и маркетинга Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана (Республика Таджикистан, г. Душанбе) muniratj@inbox.ru

В статье рассматриваются возможности использования концессионных механизмов в развитии туристической инфраструктуры Таджикистана. В последние десятилетия концессии стали одним из наиболее эффективных инструментов развития различных отраслей экономики, в том числе туризма, во многих странах. В Таджикистане, с учетом его богатых природных, исторических и культурных ресурсов, концессионные соглашения могут сыграть важную роль в развитии туристической инфраструктуры, привлечении инвестиций и создании условий для устойчивого и долгосрочного роста отрасли.

Ключевые слова: концессия, туризм, туристическая инфраструктура, концессионные соглашения, привлечение инвестиций, туристическая сфера.

TOURIST INFRASTRUCTURE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE SYSTEM OF NATIONAL COMPETITIVENESS: THE ROLE OF CONcession AGREEMENTS

Bayonova M.G. - Senior Lecturer of the Department of Management and Marketing of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan (Republic of Tajikistan, Dushanbe) muniratj@inbox.ru

The article discusses the possibilities of using concession mechanisms in the development of Tajikistan's tourist infrastructure. In recent decades, concessions have become one of the most effective tools for the development of various sectors of the economy, including tourism, in many countries. In Tajikistan, given its rich natural, historical, and cultural resources, concession agreements can play an important role in the development of tourism infrastructure, attracting investment, and creating conditions for sustainable and long-term growth of the industry.

Keywords: concession, tourism, tourism infrastructure, concession agreements, investment attraction, tourism sector.

Туризм является одной из перспективных отраслей экономики Республики Таджикистан, обладающей значительным природным и культурным потенциалом. Однако для полного раскрытия этого потенциала требуется серьезная модернизация инфраструктуры, строительство гостиниц, рекреационных объектов, улучшение транспортной доступности и другие меры. В этом контексте механизмы концессий могут стать важным инструментом привлечения иностранных и отечественных инвестиций в туристический сектор страны. Концессия как форма сотрудничества между государством и частными инвесторами позволяет эффективно решать проблемы финансирования и внедрения современных технологий, создавая устойчивую и привлекательную среду для инвесторов.

Концессия — это сложное и многостороннее понятие; её можно рассматривать и как акт публичной власти, и как систему отношений, и как механизм, и как договор (соглашение).

В наиболее общем плане под концессией понимается акт публичной власти, посредством которого орган государственной власти или орган местного самоуправления передаёт частному лицу права на управление и пользование государственным или муниципальным имуществом или на выполнение отдельных видов деятельности органа государственной власти или органа местного самоуправления.

Таблица 1. Преимущества и проблемы концессионных соглашений в туристическом секторе

Преимущества	Проблемы

Привлечение иностранных инвестиций	Низкий уровень инвестиций и доверия со стороны инвесторов
Создание рабочих мест и улучшение социальной инфраструктуры	Бюрократические барьеры и сложности с разрешениями
Развитие регионов и создание новых туристических объектов	Риски для инвесторов, такие как нестабильность и природные катастрофы
Устойчивое развитие туристического сектора	Недостаток финансовых и людских ресурсов

Составлено автором

Таджикистан имеет уникальные природные и культурные ресурсы, которые могут быть использованы для развития туризма. В последние годы правительство активно разрабатывает новые проекты и привлекает инвесторов для создания туристических объектов с помощью концессионных соглашений.

Туризм в Таджикистане имеет огромный потенциал для роста, и его развитие может оказать положительное воздействие на экономику страны. Для того чтобы раскрыть этот потенциал, важно активизировать инвестиции в инфраструктуру, улучшить транспортные и гостиничные условия, а также проводить эффективную рекламную кампанию на международном уровне. Ракурс на концессии как механизм привлечения инвестиций в туристический сектор может стать одним из ключевых инструментов для достижения устойчивого роста и развития этой отрасли в будущем.

7. Морозов М.А., Морозова Н.С. Инновационные тренды развития туризма и гостиничного бизнеса в условиях цифровизации // Естественно-гуманитарные исследования. 2020. № 28(2). С. 196–202.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР МАҚОМОТИ ГУМРУКИ КИШВАР

Абдуллоев Мирзо Муллоевич - номзади илми фалсафа, дотсент, мудири кафедраи амнияти иқтисодӣ, факултаи фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодӣ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон; полковники хизмати гумрукӣ.Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/4, 734025. Email: abdulloev.@mail.ru Тел. +992 93 869 01 01

Мақолаи мазкур ба таҳлили илмии асосҳои назариявии рушди технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар он нақши рақамикунонӣ дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти гумрукӣ, кам намудани омилҳои инсонӣ ва таъмини шаффофияти фаъолияти гумрукӣ ҳангоми барасмиятдарории молу воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ баррасӣ мегардад. Ҳамчунин, таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, мушкилот ва дурнамои рушди соҳа дар шароити муосир, муайян карда мешаванд.

Калидвожаҳо: технологияҳои иттилоотӣ, мақомоти гумрук, рақамикунонӣ, равзанаи ягона, эъломияи электронӣ, идоракунии хавфҳо, низоми “Асикуда”.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ТАМОЖЕННЫХ ОРГАНАХ СТРАНЫ

Абдуллоев Мирзо Муллоевич - кандидат философских наук, доцент, заведующий кафедрой экономической безопасности факультета таможенной деятельности и экономической безопасности Таджикский государственный финансового экономический университет Таджикистан полковник таможенной службы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова, 64/4. Email: abdulloev.@mail.ru Тел.: +992 93 869 01 01.

Данная статья посвящена научному анализу теоретических основ развития информационных технологий в таможенной сфере Республики Таджикистан. В ней рассматривается роль цифровизации в повышении эффективности деятельности таможенных органов, снижении влияния человеческого фактора и обеспечении прозрачности таможенных процедур при оформлении товаров и транспортных средств через таможенную границу. Также анализируется опыт Республики Таджикистан, определяются проблемы и перспективы развития отрасли в современных условиях.

Ключевые слова: информационные технологии, таможенные органы, цифровизация, единое окно, электронная декларация, управление рисками, система «АСИКУДА».

THEORETICAL FOUNDATIONS FOR THE DEVELOPMENT OF INFORMATION TECHNOLOGIES IN CUSTOMS AUTHORITIES OF THE COUNTRY

Abdulloev Mirzo Mulloevich - Associate Professor, Head of the Department of Economic Security, Faculty of Customs and Economic Security, Tajik State University of Finance and Economics, Tajikistan. ccolonel of the Customs Service. Address: 64/4 Nakhimov Street, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan. Email: abdulloev.60mail.ru Tel.: +992 93 869 01 01

This article is devoted to the scientific analysis of the theoretical foundations for the development of information technologies in the customs sector of the Republic of Tajikistan. It examines the role of digitalization in improving the efficiency of customs authorities, reducing the human factor, and ensuring transparency in customs procedures during the clearance of goods and vehicles across the customs border. The experience of the Republic of Tajikistan is also analyzed, and the problems and prospects for the development of the sector in modern conditions are identified.

Keywords: information technologies, customs authorities, digitalization, single window, electronic declaration, risk management, “ASYCUDA” system.

Соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими низоми ҳокимияти давлатӣ, муаяйн намудани самтҳои инкишофи афзалиятноки ҷомеаи демократӣ, илму маърифат, худшиносию худогоҳии миллӣ заминаи воқеӣ ба вуҷуд овардааст. Дар баробари дигар сохторҳои рукни давлатдорӣ, мақомоти гумрук дар даврони муоссир ҳамчун мақоми ваколатдори ҳифзи ҳуқуқии ҳокимияти ичроя оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ, давоми 34 соли фаъолият дар

марҳалаи рушд, такмилу таҷдид қарор дорад. Имрузҳо мақомоти гумрук ба унсури муҳими татбиқи сиёсати иқтисодии кишвар табдил ёфтааст.

Рушди босуботи муносибатҳои иқтисодӣ ва тавсияи гардиши тиҷорати хориҷӣ дар шароити имрӯза истифодаи самтҳои технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ, зеҳни сунъӣ, таҳлили хавфҳои иқтисодӣ, ҳамгироии минтақавӣ ва ҳамоҳангсозии расмиёти маъмуриро дар соҳаҳои танзими давлатии тиҷорати хориҷӣ тақозо менамояд. Дар шароити рушди муосири иқтисоди рақамӣ ва ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ, татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти гумрукӣ аҳамияти стратегӣ пайдо намудааст. Рушди технологияҳои иттилоотӣ дар гумрук на танҳо ба соддасозии расмиёти гумрукӣ мусоидат мекунад, балки имконият фароҳам меорад, ки шаффофият ва назоратнокии равандҳо баланд бардошта шавад.Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди рақамӣ қарор дорад, ин масъала аҳамияти стратегӣ дорад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи системаҳои иттилоотӣ метавонад вақти барасмиятдарории гумрукиро то 30–50% коҳиш диҳад. Технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои коркарди иттилоот, заминаи рушди системаҳои идоракунии муосирро ташкил медиҳанд. Мувофиқи назарияи системаҳо, гумрук як системаи мураккаб мебошад, ки дар он иттилоот унсури асосии пайвасткунанда ба ҳисоб меравад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ба баланд шудани самаранокии фаъолияти гумрукӣ, коҳиши хатогиҳо ва зиёд шудани шаффофият мусоидат мекунад.

Технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун маҷмӯи воситаҳо ва усулҳои коркарди иттилоот дар фаъолияти гумрукӣ нақши марказӣ доранд. Аз нуқтаи назари назариявӣ, рушди онҳо ба як қатор равияҳои илмӣ такя мекунад: Аз ҷумла:

- назарияи системаҳо;
- назарияи идоракунии иттилоот;
- консепсияи ҳукумати электронӣ;
- назарияи иқтисоди рақамӣ.

Назарияи системаҳо. Мутобиқи назарияи системаҳо, гумрук ҳамчун як системаи мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ баррасӣ мешавад, ки дар он иттилоот нақши пайвасткунандаи унсурҳоро мебозад. Аз ин рӯ, автоматизатсияи равандҳои иттилоотӣ ба самаранокии умумии система таъсири мусбат мерасонад. Ин равия гумрукро ҳамчун як системаи мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ баррасӣ менамояд. Дар доираи он ҳамаи унсурҳои хизматрасон (кормандон, равандҳо, технологияҳо) бо ҳам алоқаманданд, иттилоот ҳамчун омили пайвасткунанда баромад мекунад ва автоматизатсия бошад ба беҳтар шудани фаъолияти умумии системаи мақомоти гумрук мусоидат мекунад.

Назарияи идоракунии иттилоот. Ин равия ба тарзи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва паҳн намудани иттилоот равона шудааст. Вазифаҳои асосии низоми мазкур истифодаи самараноки захираҳои иттилоотӣ, таъмини дақиқӣ ва саривақтии маълумот ва дастгирии қарорҳои идоракунӣ дар фаъолияти гумрукиро дар бар мегирад. Консепсияи ҳукумати электронӣ. Ин равия ба истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии давлатӣ асос меёбад. Низоми мазкур рақамикунонии хизматрасониҳои гумрукӣ, баланд бардоштани шаффофият, соддасозии муомилот байни давлат ва шаҳрвандон ва соҳибкоронуну тоҷиронро дар бар мегирад.

Назарияи иқтисоди рақамӣ. Ин равия рушди иқтисодро дар заминаи технологияҳои рақамӣ меомӯзад. Аз ҷумла истифодаи платформаҳои рақамӣ дар фаъолияти гумрукӣ, тезонидан (вусъат) додани ҳаҷми гардиши мол ва хизматрасонӣ, ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодро таъмин менамояд.

Дар ин маврид саволе ба миён меояд, ки моҳияти назарияи иқтисоди рақамӣ дар фаъолияти мақомоти гумрук дар кадом амалҳо ифода меёбад?, Барои ҳалли кадом масъалаҳо равона карда шудааст ва дар шароити муосир зарурияти ҷорӣ намудани он аз кадом омилҳо вобаста аст?. Пеш аз ҳамаи назарияи иқтисоди рақамӣ истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва платформаҳои рақамиро барои идоракунии равандҳои иқтисодӣ дар бар мегирад. Дар фаъолияти мақомоти гумрук моҳияти он пеш аз ҳама дар ҳалли масоили зерин ифода меёбад:

- рақамикунонии пурраи расмиёти гумрукӣ (эъломияҳо, иҷозатномаҳо, пардохтҳо);
- истифодаи системаҳои автоматикӣ барои коркарди маълумот;
- татбиқи платформаҳои электронӣ барои мубодилаи иттилоот байни давлат ва соҳибкорон;
- коҳиш додани сатҳи коррупсия дар мақомот, кам кардани таъсири омилҳои инсонӣ ва зиёд кардани шаффофият дар фаъолияти гумрукӣ.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки зарурияти татбиқи назарияи иқтисоди рақамӣ дар мақомоти гумрук аз чанд омилҳо вобаста аст. Дар навбати аввал назарияи иқтисоди рақамӣ ба афзоиши ҳаҷми савдои байналмилалӣ ва зарурати коркарди босуръати маълумот мусоидат намуда, кам кардани вақти барасмиятдарорӣ ва сарфаи вақти кориро тақозо менамояд.

Дар навбати дуввум бошад мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ба паст кардани хавфи коррупсия равона карда шуда самаранокии идоракуниро баланд мебардорад. ва эътимоди ҷомеаро ба фаъолияти мақомоти гумрук қавӣ ва мустаҳкам мегардонад. Дар навбати саввум бошад ҳалли масоили зеринро таъмин менамояд:

- Соддагардонии расмиёти гумрукӣ – кам кардани ҳуҷҷатгузории ҳомили коғазӣ;
- Суръат бахшидан ба барасмиятдарорӣ – коркарди автоматии маълумот;
- Баланд бардоштани шаффофият – назорати равандҳои барасмиятдарории гумрукӣ дар шакли электронӣ;
- Идоракунии хавфҳо – истифодаи таҳлили маълумот барои ошкор кардани қоидашиканиҳо ва ҷиноятҳои иқтисодӣ
- Беҳтар кардани мубодилаи иттилоот – ҳамкорӣ бо дигар мақомоти дохили давлатӣ ва байналмилалӣ;
- Баланд бардоштани даромади буҷет бо роҳи ҳисобу пардохти дақиқи боҷу андоз ва тибқи қавонии амалкунанда саривақт ҷамъоварӣ ва ба буҷаи давлат супоридани онҳо.

Дар солҳои охир як қатор ислоҳот дар самти рақамикунонии фаъолияти гумрукӣ амалӣ гардидааст: Аз ҷумла: ҷорӣ намудани системаҳои электронии барасмиятдарории гумрукӣ, татбиқи унсурҳои «равзанаи ягона», рушди инфрасохтори телекоммуникатсионӣ ва ривоҷ ёфтани ҳамкориҳои мутақобила бо ташкилотҳои байналмилалӣ. Амалисозии чорабиниҳо аз ҷумла такмил додани қонунгузорӣ, маъмурикунонии гумрукӣ, рушди низоми идораи таваккал, иҷрои вазифаҳои фискалӣ, риояи мамнӯияту маҳдудият, самти ҳифзи ҳуқуқӣ, таъминоти ҳуқуқӣ, рушди технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, кор бо кадрҳо, экспертиза ва таҳқиқот, такмил додани инфрасохтор, ҳамкории байниидоравӣ ва рушди системаи пешниҳоди хизмати давлатиро ба танзим даровард. Гузариш ба низоми қабули пардохтҳои гумрукӣ бо тариқи ғайринақдӣ яке аз омилҳои муҳим дар иҷрои барзиёди нақшаи пардохтҳои гумрукӣ ба шумор меравад. Қайд намудан ба маврид аст, ки қаблан қабули пардохтҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрук бо ду тартиб – тавассути хазина ва бо тартиби ғайринақдӣ пешбинӣ гардида буд. Ибтидо аз соли 2021 дар мақомоти гумрук пардохтҳо ва хироҷҳои гумрукӣ тавассути хазина қабул нашуда, пурра бо тариқи электронӣ ба роҳ монда шуд. Ҷорӣ гардидани Низоми “Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ”, ки боиси гузариш аз шакли коғазӣ ба электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳои расмии 11 мақомоти ба низом шомилшуда гашт, ҷиҳати сода ва шаффоф намудани расмиёти савдои хориҷӣ ва хизматрасонии давлатӣ мусоидат намуд. Зерсистемаи идораи таваккал бо истифода аз модули иловагии Дата Майнинг, ки аз қисматҳои зеҳни сунъӣ ба ҳисоб меравад, мавриди истифода қарор дода шуд. Зерсистемаи мазкур молҳоеро, ки ҳамчун молҳои таваккал ҳаммонанд карда мешаванд, муайян намуда, ҷиҳати татбиқи санҷиши иловагӣ нисбат ба ин намуди мол ба таври электронӣ хабар медиҳад.

Айни замон системаи иттилоотии АСИКУДА-и ҷаҳонӣ мавриди истифода қарор дорад. Системаи мазкур ҳамгироии якчанд системаҳои алоҳидаро дар бар гирифта, қисматҳои зиёди он низ бо истифода аз унсури зеҳни сунъӣ ба амал бароварда мешаванд. Татбиқи амалии чораҳои дар боло дарҷшуда раванди вобастагии барасмиятдарории гумрукӣ ва ситонидани пардохтҳои гумрукиро аз омилҳои инсонӣ коҳиш дода, фаъолият дар ин самт ба таври системавӣ тариқи технологияҳои муосир ба роҳ монда шуд, ки ҳолати мазкур барои барзиёд таъмин шудани нақшаи пардохтҳои гумрукӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар заминаҳои истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти гумрукӣ мутобиқ ба иҷрои Консепсияи иқтисоди рақами дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои миёнамуҳлати рушди мақомоти гумрук барои солҳои 2020 2024 ва 2025 2029 тадбирҳои зарурироро амалӣ намуда истодааст.

Мақомоти гумрук дар соли 2025 нақшаи супоридани пардохтҳои гумрукиро дар ҳаҷми 2 млиарду 314,8 миллион сомонӣ зиёд иҷро намуда, назар ба соли 2024 ба маблағи 2 млар.968,5 милионӣ зиёд пардохтҳои гумрукиро ҷамъоварӣ ва ворид намудааст. Дар асл , соли 2025 ба буҷаи давлатӣ 12 млар.720, 1 милион сомони ворид карда шудааст, ки ин 122,3 фоизи нақшаи пешбининамуда баробар мебошад.

Асос ва сарчашмаи зиёд гардидани нақша ин истифодаи шаклҳои муосир аз ҷумла рақамигардониданифаъолияти гумрукӣ ва ҳуши зеҳни ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, технологияҳои иттилоотӣ омили калидии рушди фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд. Асосҳои назариявии онҳо имкон медиҳанд, ки равандҳои гумрукӣ ба таври илмӣ асоснок ва самаранок ташкил карда шаванд. Таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар ин самт пешравиҳо ба назар мерасанд, аммо барои расидан ба сатҳи байналмилалӣ зарур аст, ки ислоҳот идома дода шаванд. Дурнамои рушди технологияҳои иттилоотии мақомоти гумруки кишвар бояд дар самти истифодаи зеҳни сунъӣ, автоматикунонии пурраи фаъолият ва ҳамгироӣ бо системаҳои байналмилалӣ тақвияти бештар пайдо намояд. Ҳамаи ин равияҳои илмӣ якҷоя заминаи назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотиро дар фаъолияти гумрукӣ ташкил медиҳанд ва ба баланд бардоштани самаранокӣ, шаффофият ва суръати кор мусоидат мекунанд. Ҳамчунин метавонанд муҳити сармоягузориро беҳтар созад Аз нуқтаи назари макроиқтисодӣ бошад, ин равандҳо ба афзоиши гардиши савдои хориҷӣ ва рушди иқтисоди миллӣ низ мусоидат мекунад.

Рӯйхати адабиёт

1. Барномаи рушди иқтисоди рақамӣ. – Душанбе, 2022.
2. Иванов И.И. Информационные технологии в таможенном деле. – Москва, 2020. – С. 45–78.
3. Кодекси Гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2021.
4. Кузнецов В.В. Цифровая экономика. – Москва, 2021. – С. 33–70.
5. Петров А.А. Электронное декларирование. – СПб, 2019. – С. 60–102.
6. Сатторов Б.Р. Технологияҳои иттилоотӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – С. 55–95.
7. Тафсири Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020.
8. OECD. Trade Facilitation. – Paris, 2020. – P. 25–60.
9. UNCTAD. Digital Economy Report. – Geneva, 2021. – P. 80–120.
10. World Bank. Doing Business. – Washington, 2021.
11. World Customs Organization. Digital Customs Framework. – Brussels, 2021. – P. 10–45.

ПРЕДПОСЫЛКИ ФОРМИРОВАНИЯ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Каюмова Ситора Равшановна - старший преподаватель кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: Тел.: (+992) 988 411 074

Лоикова Шахноза Абдухоликовна – магистрантка 2-го курса факультета «Экономика и государственное управление», специальность налоги и налогообложение. Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе, район Сино, улица Навбахор-2, дом 53. Тел.: Тел.: (+992) 989119041

Значимость данного исследования определяется тем, что мировые тенденции цифровой трансформации неуклонно набирают темп, проникая во всё новые сферы жизнедеятельности человека. Широкое распространение сети Интернет и передовых технологий подтверждает, что их влияние на глобальную экономику уже не поддаётся отрицанию. В связи с этим в статье рассматривается сущность понятия цифровой экономики, анализируется взаимосвязь между показателем Глобального индекса связности и уровнем ВВП на душу населения в различных странах. Даётся оценка современного уровня цифровизации экономики Республики Таджикистан. Обозначены достоинства и недостатки процессов цифровой трансформации, а также выявлены ключевые барьеры, сдерживающие её развитие в стране.

Ключевые слова: цифровизация экономики, цифровые выгоды, IT-технологии, телекоммуникации, хозяйственный рост, торговая деятельность, международный индекс цифровой связности.

ЗАМИНАҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Каюмова Ситора Равшановна - муаллими калони кафедраи назарияи иктисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иктисодиёти Точикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кучаи Нахимов, 64/14. Тел.: (+992) 988 411 074

Лоиқова Шаҳноза Абдухолиқовна - магистранти курси 2-юми факултети "Иқтисод ва идоракунии давлатӣ" ихтисоси андоз ва андозбандӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе нохияи Сино кучаи Навбвхор-2 хонаи -53. Тел.: Тел.: (+992) 989119041

Муҳимияти кор дар он аст, ки раванди ҷаҳонии рақамикунонӣ рӯз то рӯз шиддат мегирад ва соҳаҳои нав ба нави ҳаёти инсониро дар бар мегирад. Паҳншавии густардаи Интернет ва технологияҳои пешрафта нишон медиҳад, ки таъсири онҳо бар иқтисоди ҷаҳон дигар имконпазир нест. Аз ин рӯ, дар мақола моҳияти мафҳуми иқтисоди рақамӣ таҳлил шуда, пайвастагии байни Индекси ҷаҳонии иртиботпазирӣ ва ММД-и ба сари аҳолӣ кишварҳо баррасӣ шудааст. Вазъи кунунии рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардидааст. Бартариҳо ва камбудиҳои раванди рақамикунонӣ нишон дода шуда, монеаҳои асосии рушди иқтисоди рақамӣ дар кишвар муайян карда шудаанд.

Калидвожаҳо: рақамикунонии иқтисод, манфиатҳои рақамӣ, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, рушди хоҷагидорӣ, фаъолияти савдо, индекси байналмилалии иртиботи рақамӣ.

FOUNDATIONS OF DIGITAL ECONOMY DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Sitora Ravshanovna Kayumova - Senior Lecturer, Department of Economic Theory, Tajik State University of Finance and Economics. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14 Tel.: (+992) 988 411 074

Loikova Shakhnoza Abdukholikovna – 2nd-year Master's student of the Faculty of Economics and Public Administration, specialization in Taxes and Taxation. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sino district, Navbahor-2 street, house 53. Tel.: (+992) 989119041

The significance of this study stems from the fact that worldwide digital transformation processes are continuously gaining momentum and expanding into ever-new domains of human life. The widespread adoption of the Internet and other cutting-edge technologies demonstrates that their influence on the global economy can no longer be overlooked. Accordingly, the article examines the essence of the digital economy concept, analyzes the correlation between the Global Connectivity Index and GDP per capita across different

countries, and assesses the current state of digital economy development in the Republic of Tajikistan. The advantages and drawbacks of digital transformation are outlined, and the principal barriers hindering its progress in the country are identified.

Keywords: digital economy, digital benefits, information and communication technologies, economic growth, trade activities, international digital connectivity index.

Проблематика становления и продвижения цифровой экономики на уровне государства носит как теоретический, так и прикладной характер, поскольку сегодня роль цифровых технологий в укреплении конкурентных позиций страны признаётся повсеместно. Н.А. Стефанова и А.П. Седова трактуют цифровую экономику как принципиально новую экономическую модель, в основе которой лежит информация и её непрерывный оборот. Именно этим определяются характер производства, механизмы распределения, а также процессы обмена и потребления товаров [4, с.92].

Возникновение интернета и удешевление доступа к нему стали подлинной технологической революцией, коренным образом преобразившей условия жизни людей и, прежде всего, механизмы функционирования экономики.

Стремительное развитие и широкое применение информационных технологий сделали возможным выполнение многих повседневных задач без участия посредников. Заказ питания с доставкой на дом, перевод денежных средств через мобильное приложение банка, а также оформление регистрации транспортного средства - всё это сегодня осуществляется в режиме онлайн. Подобные возможности обеспечиваются исключительно наличием компьютера и подключения к интернету [2, с. 117].

Цифровая экономика и открываемые ею новые горизонты, без сомнения, оказывают благотворное воздействие на качество жизни людей.

Цифровые технологии позволяют потребителю получать необходимые товары и услуги быстрее и по более низкой цене. Электронная версия книги обходится значительно дешевле её печатного аналога, а при совместных покупках можно добиться существенного снижения цены по сравнению с розничной торговлей. Более того, любой желающий сегодня может заняться предпринимательской деятельностью в интернете, не покидая своего дома.

Вместе с тем, несмотря на широкую дискуссию вокруг цифровой экономики, большинство профильных исследований и политических рекомендаций сосредоточено в странах с высоким уровнем доходов. Влияние цифровизации на государство, бизнес и занятость в странах с низким уровнем доходов остаётся мало изученным. Именно с целью восполнения этого пробела в 2017 году при поддержке Совета Великобритании по экономическим и социальным исследованиям была учреждена исследовательская сеть DIODE (Development Implications of Digital Economies) в рамках программы Глобального фонда исследований.

Существенный вклад в осмысление роли цифровых технологий в экономике вносят исследования учёных и международных организаций. В частности, доклад Всемирного банка «Цифровые дивиденды» зафиксировал растущее значение информационных технологий для экономического роста всех странах мира. В документе отмечается, что к настоящему времени около 40% населения планеты имеет доступ к интернету. Внедрение цифровых инструментов в торговлю, государственное управление и образование создаёт условия для получения обществом «цифрового дохода» - понимаемого как рост благосостояния и прозрачности государственного управления [7, с. 114].

Очевидно, что интенсивность применения цифровых технологий существенно варьируется в зависимости от уровня экономического развития той или иной страны.

Таджикистан пока не занимает лидирующих позиций по уровню цифровизации, однако информационные технологии последовательно внедряются в ключевые отрасли экономики страны: налоговое администрирование, таможенное дело, промышленность, энергетику, транспорт, образование, здравоохранение и сельское хозяйство.

В настоящее время электронная отчётность перед налоговыми органами и онлайн-подача заявлений на получение лицензий в Министерство промышленности и новых технологий стали привычной практикой.

В 2019 году в стране был открыт торговый интернет-портал Таджикистана, а в 2021 году введена в эксплуатацию система «Единое окно» для оформления экспортных, импортных и транзитных операций. Одновременно в Душанбе была запущена электронная система оплаты проезда «Городская карта».

Жители Таджикистана активно пользуются цифровыми сервисами таких банков, как «Алифбанк», «Эсхата», «Амонатбанк» и ряда других. В рамках их платформ доступны денежные переводы, обмен валюты, а также оплата товаров и услуг.

Для сравнения: доля цифровой экономики в ВВП Великобритании составляет 12,4%, Китая - 6,9%, США - 5,4%. По оценкам специалистов, Таджикистан значительно отстаёт от передовых государств по уровню использования информационных технологий. Основной объём цифровой экономики страны формируется за счёт потребительского сектора - электронной торговли и сферы услуг [5, с. 4].

Недостаточно высокие позиции Республики Таджикистан в международных рейтингах цифровой связности обусловлены рядом системных проблем: невысокой долей IT-инструментов в образовательном процессе в сравнении с развитыми странами, отсутствием необходимой инфраструктуры для продвижения отечественного информационного продукта на внешние рынки, а также недостаточным вниманием к потенциалу цифровизации и её вкладу в повышение эффективности.

Преодоление указанных барьеров требует целенаправленных государственных мер по созданию условий для подготовки квалифицированных кадров в области науки, технологий и инноваций с применением современных форм учебной и исследовательской деятельности. Государственным структурам необходимо содействовать выстраиванию международного научно-технического сотрудничества с ориентацией на экспорт отечественных разработок. Кроме того, налоговые преференции, механизмы государственного заказа и иные инструменты поддержки призваны стимулировать частный сектор к освоению цифровых и инновационных технологий.

По нашему убеждению, именно реализация этих мер создаст фундамент для ускоренного развития цифровой экономики в Таджикистане.

Становление цифровой экономики в Республике Таджикистан, в свою очередь, откроет широкие возможности для применения информационных технологий как в государственном управлении, так и в предпринимательской деятельности.

Подводя итог, можно констатировать, что уровень цифровизации сегодня оказывает значительное воздействие на объём ВВП государств, и это воздействие будет только возрастать по мере внедрения новых технологий во все сферы жизни и производства. В этой связи, несмотря на имеющиеся трудности, государственный курс на развитие цифровой экономики представляется единственно верным путём к укреплению стратегических позиций Республики Таджикистан в системе мирового хозяйства.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Азизкулов Д.М. Цифровая экономика: понятие, особенности и перспективы на российском рынке// Вектор экономики. - 2018. - № 3 (21). - С 62-72.

2. Калужский М.Л. Маркетинговые сети в электронной коммерции: институциональный подход / М.Л. Калужский. М.; Берлин: Директ-Медиа, 2014. - 402 с.

3. Куприяновский В.П. Цифровая экономика - «Умный способ работать» / В.П. Куприяновский, С.А. Синягов, С.И. Липатов, Д.Е. Намиот, А.О. Воробьев // International Journal of Open Information Technologies. - 2016. - №2. - С. 26-33.

4. Стефанова Н.А., Седова А.П. Модель цифровой экономики // Карельский научный журнал. - 2017. - Т. 6. №1 (18). - С. 91-93.

5. Турдибеков Б.А. Современное состояние формирование цифровой экономики в Республики Таджикистан // Вестник Евразийской науки, 2018 №1. - С.1-6. https://esj.today/PDF/52ECVN118.pdf

6. Холматов М.М. Цифровая экономика Таджикистана в оценке человеческого капитала. / Экономика Таджикистана. - 2020. - С. 104-111

7. Шайтура С.В. Этапы развития маркетинговых информационных систем / Информационный маркетинг. - 2016. - С. 111-137

ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛӢ ВА ИҚТИСОДИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ БАХШИ САНОАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАРҲИЛАҲОИ КУНУНӢ

Халилзода Умед Шараф – ассистенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.:(+992)98-756-52-52. E-mail: Umed_Khalilzoda@mail.ru.

Саноат яке аз соҳаҳои муҳимтарини хоҷагии халқ ба ҳисоб меравад. Соҳаҳои асосии саноати мамлакат сузишворию энергетика, химия, мошинасозӣ, металлургӣ, хурокворӣ, масолеҳи сохтумонӣ ва ғайра ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ҷойгиршавии соҳаҳо ба он ҳамеша омилҳои гуногун таъсир мерасонанд. Ба ин омилҳо, пеш аз ҳама, маъдану ашёи хом, энергия ва сузишворӣ, масолеҳи бинокорӣ ва ресурсҳои меҳнатӣ дохил мешаванд. Ин омилҳо ба ҳамдигар зич алоқаманд буда, ба ҷойгиршавии корхонаҳо ва соҳаҳои хоҷагии халқ таъсири муайян мерасонанд. Дар 34 соли истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон садҳо корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ бунёд гардида, сармояи дохилию хориҷӣ ҷалб карда шуд. Теъдоди корхонаҳои саноатӣ имрӯз ба 2068 адад расида, дар кишвар беш аз 96,4 ҳазор нафар бо кор таъминанд. Ҳоло қонунгузории ҷумҳурӣ барои тараққӣ додани саноати сабук, ба вуҷуд овардани корхонаю фабрикаҳо заминаи мусоид фароҳам оварда истодааст. Имрӯз корхонаҳои саноати сабуки ҷумҳурӣ талаботи бозори дохилиро бо риштаи пахтагин, матоъҳои пахтагин, либос, гилем, пойафзол ва дигар молу маҳсулотҳо қонеъ мекунанд. Саноати масолеҳи сохтмонӣ мутобиқи «Барномаи рушди масолеҳи сохтмонӣ дар давраи то соли 2030», «Барномаи дастгирӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» муаррифӣ гардид, ки инчунин дигар барномаю консепсияҳои давлати доир ба густариш додани муносибатҳои истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ қабул гардидаанд.

Калидвожаҳо: коммуникатсия, ҷаҳонишавӣ, саноат, энергетика, захираҳои маъданӣ, ашёи хом, захираҳои меҳнатӣ, саноати сабук, металлургия, саноати хӯрокворӣ, саноати кимиё, масолеҳи сохтмонӣ, коркард, масолеҳи ғайриметалӣ, маводи сухт.

ОРГАНИЗАЦИОННО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОГО СЕКТОРА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ

Халилзода Умед Шараф – ассистент кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово- экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Нахимова 64/14. Тел.: (+992)98-756-52-52. E-mail: Umed_Khalilzoda@mail.ru.

Промышленность является одним из важнейших секторов национальной экономики. Основные отрасли промышленности страны — топливно-энергетическая, химическая, машиностроительная, металлургическая, пищевая, строительная и другие. В зависимости от расположения предприятий, на них всегда влияют различные факторы. К таким факторам относятся, прежде всего, минеральные ресурсы и сырье, энергетика и топливо, строительные материалы и трудовые ресурсы. Эти факторы тесно взаимосвязаны и оказывают определенное влияние на размещение предприятий и секторов национальной экономики. За 34 года независимости в Республике Таджикистан были созданы сотни малых и крупных промышленных предприятий, привлекающих отечественный и зарубежный капитал. Сегодня число промышленных предприятий достигло 2068, в которых занято более 96,4 тысяч человек. В настоящее время законодательство республики создает благоприятную среду для развития легкой промышленности и создания предприятий и заводов. Сегодня предприятия легкой промышленности республики удовлетворяют потребности внутреннего рынка хлопчатобумажной пряжей, хлопчатобумажными тканями, одеждой, коврами, обувью и другими товарами. Развитие отрасли строительных материалов было включено в программу в соответствии с «Программой развития строительных материалов на период до 2030 года», «Программой поддержки и развития частного сектора в Республике Таджикистан на 2021-

2030 годы», а также другими государственными программами и концепциями расширения производственных связей в республике.

Ключевые слова: связь, глобализация, промышленность, энергетика, минеральные ресурсы, сырье, трудовые ресурсы, легкая промышленность, металлургия, пищевая промышленность, химическая промышленность, строительные материалы, переработка, неметаллические материалы, топливо.

ORGANIZATIONAL AND ECONOMIC ASPECTS OF INDUSTRIAL DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN MODERN CONDITIONS

Khalilzoda Umed Sharaf – assistant of the department of economic theory of the Tajik state financial and economic university. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Tel.: (+992) 98-756-52-52. E-mail: Umed_Khalilzoda@mail.ru.

Industry is one of the most important sectors of the national economy. The country's main industries are fuel and energy, chemical, engineering, metallurgical, food, construction materials and much more. Depending on the location of industries and industries, it is always influenced by various factors. These factors, first of all, are the provision of minerals and raw materials, energy and fuel, building materials and labor resources. These factors are closely related to each other and have a certain impact on the location of enterprises and sectors of the national economy. Hundreds of small and large industrial enterprises have been created in the Republic of Tajikistan over 34 years of independence, attracting domestic and foreign investment. The number of industrial enterprises today has reached 2068, and more than 96.4 thousand people are employed in the country. Currently, the country's legislation is creating a favorable basis for the development of light industry, the creation of enterprises and factories. Today, the country's light industry enterprises meet the needs of the domestic market, in particular, cotton yarn, cotton fabric, garments, carpets, brushes and shoes. The construction materials industry in accordance with the “Program for the Development of Construction Materials for the Period until 2030”, the “State Program for Supporting Entrepreneurship in the Republic of Tajikistan for 2021-2030”, as well as other programs and concepts aimed at doubling production and reducing production. The poverty level is gradually increasing.

Key words: communications, globalization, industry, energy, mineral resources, raw materials, labor resources, light industry, metallurgy, food industry, chemical industry, building materials, processing, non-metallic materials, fuel.

Ҳукумати кишвар барои тадбиқи амалии саноатикунонии босуръати кишвар, ки онро Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафи чоруми миллӣ эълон намуданд барномаҳои зиёдеро рӯи даст гирифтаанд.

Тайи даҳсолаи охир бо шарофати сиёсати «дарҳои кушод» ва ҷалби кишварҳои гуногун ба ҳамкории судманд дар кишвар лоиҳаҳои зиёде дар соҳаҳои саноат, энергетика, коммуникатсия амалӣ шуданд, ки барои рушди устувори саноати Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ заминаҳои мустаҳкам гузоштаанд.

Саноат, яке аз соҳаҳои муҳимтарини хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Соҳаҳои асосии саноати мамлакат, ин соҳаҳои сӯзишворию-энергетикӣ, кимиё, мошинсозӣ, металлургӣ, хӯрокворӣ, масолеҳи сохтмон ва ғайра мебошанд. Вобастагии ҷойгиркунии соҳаҳо ва истеҳсолот ҳамеша зери таъсири омилҳои гуногун ба амал бароварда мешаванд. Ба ин омилҳо, пеш аз ҳама таъмин будан ба захираҳои маъданию ашёи хом, энергетикию сузишворӣ, масолеҳи сохтмон, захираҳои меҳнатӣ ба шумор меравад. Ин омилҳо байни худ алоқаҳои зич дошта, дар ҷойгиркунии корхонаҳо ва соҳаҳои хоҷагии ҳалқ таъсири муайяни худро мерасонанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 34 соли истиқлолияти давлатӣ бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ садҳо корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолӣ бунёд карда шуданд, шумораи корхонаҳои саноатӣ имрӯз ба 2068 адад расида беш аз 86,4 ҳазор нафар аҳолии мамлакат дар онҳо ба кори доимӣ таъмин карда шудаанд. [6, 182]

Ҳоло дар кишвар барои таъмини рушди савдои саноат заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам гаштааст, тавассути қабули барномаҳо, аз ҷумла дар самти коркарди ниҳоии алюминӣ, маъдан, фулузот ва сангҳои қиматбаҳо саноати сабук ва хӯрокворӣ ба пешравиҳо ноил гардидем. Ҳоло истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои соли 1997 беш аз 4,5 баробар афзоиш ёфта,

пешрафти назарраси бахшҳои саноати сабук, фулузот, хӯрокворӣ, саноати химия ва масолеҳи сохтмон ба даст омадааст.

Дар Тоҷикистон шумораи корхонаҳои истеҳсолии муҷаҳҳаз бо технологияҳои муосир сол ба сол зиёд гашта истодааст. Кӯшишҳо дар самти афзун намудаии ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти ватанӣ бо истифода аз технологияҳои муосир, ашёи хоми маҳаллӣ ва дигар захираю имкониятҳои мавҷуда бо суръат идома ёфта, ҷиҳати таъмини талаботи бозор бо маҳсулоти хушсифату рақобатпазири ватанӣ, ҳамзамон бо ин, тақвияти иқтидори содиротии кишвар тадбирҳои иловагӣ андешида шуда истодаанд.

Саноати сабук бо назардошти дастрас будани ашёи хоми маҳаллӣ, вобастагӣ надоштан ба воридоти ашёи истеҳсолӣ, ки ба ташкили шумораи зиёди ҷойҳои корӣ мусоидат мекунад, соҳаи афзалиятноки хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Айни замон дар қонунгузории мамлакат бо мақсади рушди соҳаи саноати сабук, таъсиси корхонаю коргоҳҳо заминаи мусоид фароҳам оварда шудааст. Чунончи, воридоти дастгоҳу таҷҳизот аз ҷониби корхонаҳои навтаъсис, ки ба коркарди пурраи нахи пахта то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ машғуланд, аз боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловагардида озод шуда, боз як қатор имтиёзҳои дигар пешбинӣ шудаанд.

Тибқи таҳлилҳо соли 1991 дар қаламрави Тоҷикистон ҳамаги се корхона дар бахши саноати бофандагӣ, яъне Комбинати бофандагии шаҳри Душанбе, фабрикаҳои истеҳсоли калобаи пахтагини собиқ шаҳри Қӯрғонтеппа ва Конибодом фаъолият менамуданд.

Имрӯз корхонаҳои саноати сабуки кишвар талаботи бозори дохилиро, аслан, бо риштаи пахтагин, матои пахтагин, маҳсулоти дӯзандагӣ, қолину ҷуроб ва пойафзол таъмин мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои калони ашёи хоми ғайримаъданӣ барои истеҳсоли масолеҳи сохтмон буда, дар ҷаҳон яке аз мавқеъҳои муҳимро ишғол мекунад. Дар қаламрави кишварамон беш аз 400 кон бо захираи 30 навъи гуногуни ашёи хом (оҳаксанг, санги хоро, гранодиорит, мармар, оҳаксанги мармарӣ, гаҷ, хок, реги квартсӣ ва ғайра) кашф ва омӯхта шудаанд. [6, 184]

Татбиқи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи саноат нишон дод, ки вобастагии иқтисоди кишварро аз воридоти ангишт, семент ва дигар навъҳои масолеҳи сохтмон бартараф карда, барои содироти минбаъдаи онҳо замина фароҳам овардан мумкин аст. Дар натиҷа, истеҳсолоти ватанӣ тавсеа ёфта, мо ҳатто аз рӯи баъзе молу маҳсулоти масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла семент, аз кишвари воридкунанда ба содиркунанда табдил ёфтем.

Айни замон дар кишвар 13 корхонаи семент фаъолият менамояд, ки иқтидори умумии онҳо 4,5 миллион тоннаро ташкил дода, шумораи ҷойҳои корӣ қариб ба сеюним ҳазор нафар расидааст. Истеҳсоли семент нисбат ба соли 2000-ум 82 маротиба афзуда, дар баробари пурра қонеъ гардонидани талаботи бозори дохилӣ ба ин навъи масолеҳи сохтмон, содироти он низ афзоиш дода мешавад. Дар замони шӯравӣ дар ҷумҳурии мо фақат як корхонаи семент мавҷуд буд, ки иқтидори солонаи он ҳамагӣ 500-600 ҳазор тоннаро ташкил мекард. Дар натиҷаи афзоиши истеҳсоли семент дар дохили кишвар воридоти он аз хориҷи мамлакат босуръат кам гардида, дар давоми се соли охир беш аз 8 баробар коҳиш ёфтааст.

Тоҷикистон дорои захираи бузурги ангишт мебошад. Чанд сол аст, ки дар мамлакат ҳаҷми истеҳсоли солонаи ангишт аз як миллион тонна гузаштааст. Мо тавонистем истихроҷи ин навъи сӯзишвориро хуб ба роҳ монда, корхонаҳои гуногуни мамлакатро бо ангишти ватанӣ таъмин намоем. Дар натиҷа дар солҳои истиқлолияти давлатӣ садҳо корхонаи саноатӣ ба истифодаи ангишт гузаронида шуданд, ки он манфиати хуби иқтисодӣ дорад.

Илова бар ин, дар чандин ноҳияҳои кишвар бунёди минтақаҳои саноатӣ, аз ҷумла ду корхонаи коркарди нафт бо иқтидори қариб 2 миллион тонна, се корхонаи сементбарорӣ бо иқтидори беш аз 3 миллион тонна, корхонаҳои бофандагӣ бо иқтидори коркарди 52 ҳазор тонна нахи пахта ва истеҳсоли 150 миллион метри мураббаъ матои пахтагин, сохтмони се корхонаи саноати кимиё, коркарди фулузоти ранга бо иқтидори истеҳсоли 1400 килограмм тилло, корхонаи бузурги металлургӣ бо иқтидори 50 ҳазор тонна руҳ ва 50 ҳазор тонна сурб ва боз як корхонаи металлургӣ бо иқтидори 400 ҳазор тонна ба истифода дода шуда истодаанд. [1, 173]

Ширкати алюминийи «Талко» дорои барномаи рушд мебошад, ки он ба коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ва зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти хушсифат устуворию рақобатноки саноатӣ машғул аст.

Чи хеле, ки таҳлилҳо нишон медиҳад, даромад аз содирот барои барқароркунии корхонаҳои саноатӣ, нақлиётӣ, дастгирии мардуми камбизоат ва ғайра истифода бурда мешаванд. Солҳои охир даромадҳои содиротӣ барои аз нав кардани технологияи корхонаҳои саноатӣ, барпо намудани корхонаҳои нав, баланд бардоштани сифати маҳсулотҳои ба рақобат тобоварда сарф карда мешаванд. [3, 184]

Номгӯи муҳимтарини молҳои воридоти мамлакат, маҳсулотҳои маъданӣ, мошинҳо, таҳҷизот, механизмҳо ва қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиётӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди ашёи хом дар соҳаҳои саноати маъдан, масолеҳи сохтмон, саноати хӯрокворӣ, саноати сабук, пилла, мошинсозӣ ва ангишт мебошад. Дар мавриди самараноку мақсаднок бо истифода аз технологияҳои нав баҳрабардорӣ намудан аз онҳо солҳои наздик ҷумҳурӣ метавонад аз кишвари аграрӣ - саноатӣ ба як кишвари саноатӣ - аграрӣ мубаддал гардад.

Алҳол саноатчиён мекӯшанд, ки ҳаҷми истеҳсоли молҳои содиротӣ ва воридотивазкунандаро зиёд, ҳамзамон, корхонаҳои нави саноатӣ бунёд намоянд. Аз рӯи маълумоти оморӣ, соли 2024 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар кишвар 25 миллиарду 872,4 миллион сомониро ташкил дода, суръати афзоиш нисбат ба соли пешӣ 11,8 дарсад (наздики 3 миллиард сомонӣ) боло рафт. Дар ду моҳи аввали соли равон бошад, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 3 миллиарду 749,2 миллион сомониро ташкил дод, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 14,2 дарсад зиёд аст.[7, с 4].

Дар натиҷаи таҳлилҳои боло ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҷумҳурии мо ҳам дар аввали солҳои истиқлолият бисёр соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ, корхонаву муассисаҳо ба сабаби канда шудани робитаҳо аз кор монданд. Дар марҳилаи ҳозира барқарор намудани муносибатҳои собиқи хоҷагидорӣ нисбат ба он ки онҳо ба кулли тағйир дода шаванд, осонтар, тезтар ва арзонтар мебошад. Ин чиз як заминаи воқеист барои ҳамгироӣ дар қаламрави Иттиҳоди давлатҳои мустақил. Дар сурати самаранок истифода бурдани захираҳои бузурги гидроэнергетикии кишвар, табдил додани Тоҷикистон ба кишвари транзитӣ ва таъмин намудани сатҳи баланди зиндагии мардум ҳамчунин истифодаи имкониятҳои шуғли босамари аҳолӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ба саноатикунонии босуръати кишвар оварда мерасонад ва Тоҷикистон ба кишвари рушдёфтаи индустриалӣ мубаддал мегардад.

Адабиёт:

1. Амбарцумян Ж. Русско английский и англо русский глоссарий по корпоративному управлению. Алматы: Проект С по корпоративному управлению в Центральной Азии, 2009. 94с.
2. Антонов В.Г., Крылов В.В., Кузьмичев А.Ю. и др. Корпоративное управление: Учебное пособие / Под ред В.Г. Антонова. М.: ИД “Форума”: ИНФРА М, 2006. 288 с.
3. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Январи 2015 – Душанбе, 2016.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар барои сармоягузориҳои хориҷӣ» аз 19 марти соли 2013. №944.
5. Рушди иқтисоди миллӣ дар даврони истиқлолият. - Душанбе, 2012.
6.Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи корхонаи ресандагии “Спитамен текстайл”, ноябри соли 2009. С-1
7.Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
8. Комплекси таълимӣ-методӣ аз фанни «Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» -Душанбе: 2017. 453 саҳ.
9. Қонуни ҷумҳурии тоҷикистон “Дар бораи намунаҳои саноатӣ” -Душанбе 28 феврали соли 2004 № 16
10. Муҳаббатов Х. М “Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон (барои мактабҳои олии ихтисосҳои иқтисодӣ) - Душанбе, 2005 - 208 саҳ.
11. Паёми Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 апрели соли 2006
12. Ҳомидхон Нуриддинов, Қосимшо Искандаров, Қаххори Расулиён, Раҳматулло Абдуллоев “Таърихи умумӣ”: (Китоби дарсӣ) Душанбе. «Варганза». 2007. – 244
13. Эмомалӣ Раҳмон. “Уфуқҳои Истиқлол”. - Душанбе: "Ганҷ нашриёт", 2018. - 436 саҳ.
14. Шаҳбоз Аброр, “Ҷумҳурият” 9 апрели соли 2019. №. 67

АРЗЁБИИ РУШДИ ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ ДАР СОХТОРИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТИИ МИНТАҚАИ РАШТ

Мирзоқурбонов Наҷибулло Ҳуснуддинович – унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисодӣ, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. E-mail: nmirzokurbonov@mail.ru Тел.: 710-91-91-91.

Балхов Даавлатмамад Эдармамадович - дотсенти кафедраи назарияи иктисодии ДДМИТ. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.:93-601-45-41

Дар мақола масъалаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ ҳамчун бахши муҳими комплекси агросаноатӣ дар шароити иқтисоди муосир баррасӣ шудаанд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳлили вазъ ва имкониятҳои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ дар минтақаи Рашт равона гардидааст. Дар асоси маълумотҳои оморӣ сохтори истифодаи заминҳои кишт аз рӯи намудҳои зироатҳо таҳлил карда шуда, иқтидори аграрии минтақа муайян карда шудааст. Ҳамзамон баъзе мушкилоти соҳа, аз ҷумла маҳдуд будани заминҳои корам ва нокифоя будани инфрасохтори агросаноатӣ муайян гардидаанд. Дар натиҷаи таҳқиқот як қатор пешниҳодҳо оид ба такмили сохтори кишт, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва истифодаи самараноки захираҳои заминӣ пешниҳод карда шудаанд.

Калидвожаҳо: кишоварзӣ, комплекси агросаноатӣ, рушди аграрӣ, минтақаи Рашт, истифодаи заминҳои кишт, ҳосилнокӣ, амнияти озуқаворӣ.

ОЦЕНКА РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА В СТРУКТУРЕ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА РАШТСКОГО РЕГИОНА

Мирзокурбонов Наджибулло Хуснуддинович – соискатель кафедры экономической теории, ассистент кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. E-mail: nmirzokurbonov@mail.ru Тел.: 710-91-91-91.

Балхов Давлатмамад Эдармамадович – доцент кафедры экономической теории ТГФЭУ. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.:93-601-45-41

В статье рассматриваются вопросы развития сельского хозяйства как важного сектора агропромышленного комплекса в условиях современной экономики. Основное внимание уделено анализу состояния и возможностей развития сельскохозяйственного производства в Раштском регионе. На основе статистических данных проанализирована структура использования сельскохозяйственных земель по видам культур и определён аграрный потенциал региона. Одновременно выявлены некоторые проблемы отрасли, включая ограниченность обрабатываемых земель и недостаточное развитие агропромышленной инфраструктуры. В результате исследования предложены меры по совершенствованию структуры посевов, повышению урожайности и эффективному использованию земельных ресурсов.

Ключевые слова: сельское хозяйство, агропромышленный комплекс, аграрное развитие, Раштский регион, использование сельскохозяйственных земель, урожайность, продовольственная безопасность.

ASSESSMENT OF AGRICULTURAL PRODUCTION DEVELOPMENT IN THE STRUCTURE OF THE AGRO-INDUSTRIAL COMPLEX OF THE RASHT REGION

Mirzokurbonov Najibullo Khusnuddinovich - post-graduate student of the Department of Economic Theory, assistant of the Department of Economic Theory of the Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. E-mail: nmirzokurbonov@mail.ru Tel .: 710-91-91-91.

Balkhov Davlatmamad Edarmamadovich – Associate Professor of the Department of Economic Theory, DDMIT. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Tel .: 93-601-45-41

The article addresses the development of agriculture as a key sector of the agro-industrial complex in the context of the modern economy. The main focus is on analyzing the current state and development prospects of agricultural production in the Rasht region. Based on statistical data, the structure of agricultural land use by crop type has been analyzed, and the agrarian potential of the region has been assessed. At the same time, several sectoral problems have been identified, including limited arable land and insufficient development of agro-industrial infrastructure. As a result of the study, measures are proposed to improve crop structure, increase productivity, and ensure the efficient use of land resources.

Keywords: agriculture, agro-industrial complex, agrarian development, Rasht region, agricultural land use, productivity, food security.

Соҳаи кишоварзӣ дар шароити муосири иқтисодӣ яке аз бахшҳои асосии комплекси агросаноатӣ дониста мешавад. Дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволи ин соҳа нақши муҳимро иҷро мекунад. Дар ин раванд баланд бардоштани самаронокии истеҳсолоти кишоварзӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва ҷори намудани теҳнологияҳои муосир дар рушди устувор замина мегузорад. Аз ин лиҳоз омӯзиш ва арзёбии рушди истеҳсолоти кишоварзӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар барои муаян намудани мушкилот ва имкониятҳои комплекси агросаноатӣ аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон комплекси агросаноатӣ аҳамияти махсус дорад. Соҳаи кишоварзӣ ҳамчун бахши ибтидоӣ ва муҳими комплекси агросаноатӣ дар рушди иқтисодӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои корӣ нақши муҳим мебозад. Мавҷеи ҷуғрофӣ, иқлими мусоид ва захираҳои обӣ имконият медиҳад, ки намудҳои гуногуни маҳсулоти кишоварзӣ парвариш карда шаванд. Тавре, ки дар Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст “Мо бояд тамоми имкониятҳоро барои рушди соҳаи кишоварзӣ истифода бурда, истеҳсоли маҳсулоти ватаниро зиёд намоем, зеро таъмини амнияти озуқаворӣ ва фаровонии маҳсулоти ғизоӣ аз рушди устувори соҳаи кишоварзӣ вобастагии мустақим дорад”[1]. Ҳамин тавр, соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун бахши муҳими комплекси агросаноатӣ дар баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ нақши калидӣ дорад. Бо дарназардошти аҳамияти ин соҳа, омӯзиши имкониятҳо ва хусусиятҳои рушди кишоварзӣ дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар аҳамияти муҳим пайдо мекунад.

Минтақаи Рашт яке аз минтақаҳои доро иқтидори назарасӣ аграрӣ ба ҳисоб рафта, бо шароити табиию иқлимии мусоид барои рушди зироаткорӣ ва чорводорӣ фарқкунанда аст. Аз ин рӯ таҳлили вазъ ва дурнамои соҳаи кишоварзӣ барои митақаи Рашт муфид буда, имконият медиҳад, то иқтидорҳои соҳаи кишоварзӣ дуруст арзёбӣ гарданд.

Аҳолии ин минтақа асосан ба фаъолияти кишоварзӣ машғӯл буда истеҳсоли маҳсулоти гуногуни кишоварзӣ, аз ҷумла ғаладона, картошка, сабзавот ва дигар зироатҳои кишоварзӣ дар иқтисодиёти маҳалӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Дар баробари ин, рушди соҳаи кишоварзӣ дар минтақа ба як қатор омилҳо, аз ҷумла сатҳи таъминоти техникӣ, дастрасии технологияҳои муосир, истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва шароити бозор вобастагии зич дорад.

Бо вуҷуди мавҷуд будани имкониятҳои ҷойдошта, баъзе мушкилиҳо низ ба назар мерасад. Маҳдуд будани заминҳои корам ва нокифоя будани инфрасохтори агросаноатӣ ба рушди соҳа таъсири манфӣ мерасонанд. Ба андешаи муҳақиқи ватанӣ Маҷидов Н.А., “Сифати волои маҳсулоти тавлидшаванда тавассути маҷмӯи тадбирҳо- интихоби дурусти ҷузъҳо, риояи интизоми технологӣ ва таъмини ҳолати санитарии муносиби биноҳо ҳосил мешавад. Ҳамзамон, дар истеҳсолоти кишоварзӣ даромади хоҷагиҳо ноустувор аст. Хавфи хисороти фалокатбор метавонад барои некуаҳволии молистеҳсолкунандагон хатари ҷиддӣ эҷод кунад”[2]. Муалиф таъкид менамояд, ки сифати баланди маҳсулоти кишоварзӣ ба таври худкор ба даст намеояд, бал ки аз як қатор тадбирҳои муҳими технологӣ ва ташкили

истеҳсолот вобаста мебошад. Пеш аз ҳама, муҳаё намудани инфрасохтори соҳаи кишоварзӣ, яъне сохтани амборҳо барои нигоҳ доштанӣ тухмӣ, нуриҳо ва воситаҳои агротехникии мувофиқ ба иқлими минтақа самаранокии соҳаи агросаноатиро таъмин менамояд.

Минтақаи Рашт бо сабаи доштани релефи муракаб қисми зиёди заминҳои киштзор дар нишебиҳо ҷойгир шудаанд, ки ин ҳолат барои пешбурди фаъолияти кишоварзӣ мушкилиҳоро эҷод мекунад. Дар чунин заминҳо истифодаи техникаи анъанавии кишоварзӣ душвор буда, инчунин хавфи эрозияи хок аз таъсири борон ва обҳои ҷорӣ зиёд мегардад. Аз ин сабаб нигоҳдорӣ ва коркарди заминҳо меҳнаталаб мебошанд. Мо заминҳои киштзоро ба таври ҷадвал барои соли 2024 нишон медиҳем.

Ҷадвали 1. Заминҳои кишт дар ҳамама категорияҳои хоҷагиҳо (ҳамагӣ/гектар) дар соли 2024

Намудҳои кишт	**Нуробод**	**Сангвор**	**Рашт**	**Тоҷикобод**	**Лахш**
Зироатҳои ғалладона	1489	1073	2289	1374	1360
Картошка	724	1153	3500	2011	5456
Сабзавот	400	201	646	392	111
Полизӣ	17	2	-	-	-
Зироатҳои хӯроки чорво	1828	541	1265	2831	1296
Дигар намудҳои кишт	322	44	422	88	23
Дар маҷмуъ заминҳои кишт дар ҳама категорияи хоҷагиҳо	**4780**	**3014**	**8122**	**6696**	**8246**

Сарчашма: муалиф дар асоси маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додааст[3].

Дар ҷадвал сохтори истифодаи заминҳои кишоварзӣ аз рӯи намудҳои зироат дар минтақаи Рашт оварда шудааст. Таҳлили маълумот имконият медиҳад, ки самтҳои асосии соҳаи кишоварзӣ арзёбӣ карда шаванд. Дар Ноҳияи Рашт бештари кишт ғаладонаро ташкил медиҳад. Аз ҷиҳати парвариши картошка ноҳияи Лахш афзалияти бештар дошта пеш саф мебошад. Сабзаваткорӣ дар минтақаи Рашт мавқеи миёнаро ишғол намуда дар ноҳияҳои Нуробод ва Тоҷикобод майдонҳои назараси сабзавот мавҷуд мебошанд. Дар умум маълумотҳои омории ҷадвал нишон медаҳанд, ки майдони калонтарини заминҳои кишт дар ноҳияи Лахш ва Рашт ҷойгир шудаанд. Баъд аз онҳо Тоҷикобод, Нуробод ва сангвор қарор гирифтаанд.

Таҳлили сохтори кишоварзии минтақа нишон медиҳад, ки бо зиёд намудани заминҳои кишт соҳаи кишоварзӣ метавонад рушди устувори комплекси агросаноатиро таъмин намояд. Чунонеки дар таҳқиқоти илмии Махсудов А.М., қайд шудааст “Бешак яке аз омилҳои асосии зиёд намудани маҳсулоти кишоварзӣ, бахусус дар манотиқи кӯҳии мамлакат, аз зиёд намудани заминҳои кишт, азхудкунии заминҳои талу теппаҳо, вобастагӣ дорад”[4]. Ин андеша нишон медиҳад, ки барои баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, махсусан дар минтақаҳои кӯҳии кишвар, истифодаи самараноки захираҳои заминӣ аҳамияти муҳим дорад. Аз ҷумла азхудкунии заминҳои талу теппаҳо ва васеъ намудани майдони кишт метавонад ба афзоиши иқтидори истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ мусоидат намояд.

Дар асоси натиҷаҳои таҳлили самтҳои соҳаи кишоварзӣ дар минтақаи Рашт муаян кардан мумкин асст: якум, такмили сохтори кишти зироатҳо бо афзалият додан ба навъҳои серистеъмол ва серҳосил; дуюм, баланд бардоштани ҳосилнокии ғаладона ва картошки бо истифодаи навъҳои серҳосил ва технологияҳои имуосир; сеюм, густариши сабзаваткорӣ ва истеҳсоли зироатҳои хуроки чорво барои рушди соҳаи чорводорӣ; чорум, тақвияти инфрасохтори аросаноатӣ ва дастгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ бо техника ва захираҳои моддӣ-техникӣ.

Пешниҳодҳои мазкур имкон медиҳад, ки рушди комплекси агросаноатӣ дар минтақаи Рашт бо самар бароҳ монда шавад, истифодаи самараноки заминҳои кишт таъмин гардад ва нақши кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди иқтисоди минтақавӣ тақвият дода шавад. Иҷрои чораҳои пешниҳодшуда метавонад ба баланд бардоштани ҳосилнокӣ, зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолоти аграрӣ ва тавсеаи истеҳсолоти саноатӣ мусоидат намояд.

Адабиёт

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ. Дастрас аз: https://cs.gov.tj/payomi-prezidenti-jumhurii-tojikiston-emomali-rahmon-ba-majlisi-olii-jumhurii-tojikiston/.
2. Маҷидов Н.А. Шаклҳои ҳамгироии корхонаҳои истеҳсолии агросаноатӣ дар шароити водии Рашт / Н. А. Маҷидов // Кишоварз. – 2022. – Vol. 95, No. 2. – P. 173-176.
3. «Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»**.** – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2025, саҳ. 150.
4. Махсудов А.М. Водии Рашт дар солҳои истиқлолият (1991-2021) : Матбааи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон / А. М. Махсудов. – Душанбе: Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, 2023. – 191.

НАҚШИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

Ахмедова Моҳрӯ Файзалиевна – муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Борбад 48/5, Тел.: (+992) 918153533

Дар мақолаи мазкур муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва вусъати муносибатҳои бозорӣ, рақобатпазирии иқтисодиёт яке аз омилҳои калидии рушди устувори кишвар ба ҳисоб меравад. Рақобатпазирӣ имконият медиҳад, ки иқтисоди миллӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ мавқеи устувор дошта бошад. Дар ин раванд, соҳибкории истеҳсолӣ нақши муҳим мебозад, зеро маҳз бахши истеҳсолӣ асоси тавлиди арзиши иловагӣ, ҷойҳои нави корӣ ва рушди содирот мебошад.

Калидвожаҳо: рақобатпазирӣ, соҳибкорӣ, иқтисоди миллӣ, содирот, истеҳсолот, соҳибкории истеҳсолӣ ва ғайраҳо.

РОЛЬ ПРОИЗВОДСТВЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В ПОВЫШЕНИИ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

Ахмедова Мохруй Файзалиевна – старший преподаватель кафедры теория экономики Международного университета туризма и предпринимательства. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбад 48/5, Тел.: (+992) 918153533

В данной статье автор отмечает, что в контексте глобализации и расширения рыночных отношений конкурентоспособность экономики является одним из ключевых факторов устойчивого развития страны. Конкурентоспособность позволяет национальной экономике занимать стабильное положение на внутреннем и внешнем рынках. В этом процессе важную роль играет промышленное предпринимательство, поскольку именно производственный сектор является основой для создания добавленной стоимости, новых рабочих мест и развития экспорта.

Ключевые слова: конкурентоспособность, предпринимательство, национальная экономика, экспорт, производство, промышленное предпринимательство и др.

THE ROLE OF MANUFACTURING ENTREPRENEURSHIP IN INCREASING THE COMPETITIVENESS OF THE NATIONAL ECONOMY

Akhmedova Mokhrui Fayzalievna – Senior Lecturer, Department of Theory of Economics, International University of Tourism and Entrepreneurship. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue 48/5, Tel.: (+992) 918153533

In this article, the author notes that in the context of globalization and the expansion of market relations, the competitiveness of the economy is one of the key factors for the sustainable development of the country. Competitiveness allows the national economy to have a stable position in domestic and foreign markets. In this process, industrial entrepreneurship plays an important role, since it is the manufacturing sector that is the basis for generating added value, creating new jobs, and developing exports.

Keywords: competitiveness, entrepreneurship, national economy, export, production, industrial entrepreneurship, etc.

Рақобатпазирии иқтисодиёт қобилияти кишвар барои истеҳсол ва пешниҳоди молу хизматрасониҳое мебошад, ки талаботи бозори ҷаҳониро қонеъ намуда, ҳамзамон сатҳи зиндагии аҳолиро баланд мебардоранд.

Омилҳои асосии рақобатпазирии иқтисодиро дар замони муосир чунин метавон номбар намуд:

- сатҳи технология ва инноватсия;
- сифати захираҳои инсонӣ;

- инфрасохтори муосир;
- муҳити мусоиди соҳибкорӣ;
- сиёсати самараноки давлатӣ. [5,с.132].

Баланд бардоштани рақобатпазирӣ маънои афзоиши ҳосилнокии меҳнат, коҳиши харочот ва беҳтар намудани сифати маҳсулотро дорад.

Соҳибкории истеҳсолӣ фаъолияти иқтисодиест, ки ба истеҳсоли маҳсулоти моддӣ равона шудааст. Ин навъи соҳибкорӣ чунин натиҷаҳоро ба миён меорад:

- маҳсулоти дохилиро зиёд менамояд;
- вобастагиро аз воридот коҳиш медиҳад;
- содиротро афзоиш медиҳад;
- рушди саноатикуниониро таъмин мекунад.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳибкории истеҳсолӣ барои татбиқи ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръат аҳамияти хос дорад.

Ҷадвал: Омилҳои таъсиррасон ба рақобатпазирии иқтисодиёт тавассути рушди соҳибкории истеҳсолӣ

№	Омилҳо	Мазмун ва шарҳ	Таъсир ба соҳибкории истеҳсолӣ	Натиҷа барои иқтисоди миллӣ
1	Технология ва инноватсия	Ҷорӣ намудани таҷҳизоти муосир ва технологияҳои рақамӣ	Афзоиши ҳосилнокии меҳнат, коҳиши харочот	Баландшавии сифати маҳсулот ва рақобатпазирӣ
2	Сармоягузорӣ	Ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ	Васеъшавии истеҳсолот ва навсозии фондҳо	Афзоиши ММД ва иқтидори содиротӣ
3	Захираҳои инсонӣ	Омодасозии кадрҳои баландихтисос	Баланд гардидани самаранокии идоракунӣ	Рушди устувори бахши саноат
4	Дастгирии давлатӣ	Имтиёзҳои андозӣ, қарзҳои имтиёзнок, субсидияҳо	Беҳтар шудани муҳити соҳибкорӣ	Тақвияти рақобатпазирии миллӣ
5	Инфрасохтор	Рушди нақлиёт, энергетика ва логистика	Кам шудани харочоти истеҳсол ва интиқол	Баланд шудани имкони баромад ба бозорҳои хориҷӣ
6	Сифати маҳсулот	Риояи стандартҳои байналмилалӣ	Афзоиши эътимоди истеъмолкунандагон	Густариши содирот ва мавқеи устувор дар бозор
7	Рақамикунонӣ	Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунӣ	Самаранокии равандҳои истеҳсолӣ	Баланд гардидани рақобатпазирии иқтисодиёт

Бояд қайд кард, ки соҳибкории истеҳсолӣ — ин шакли фаъолияти соҳибкории воқеӣ мебошад, ки дар он шахс ё ширкат маҳсулоти моддӣ истеҳсол мекунад ва онҳоро ба бозор барои фурӯш пешниҳод менамояд. Мақсади асосӣ дар ин самт ин ба даст овардани фоида тавассути истеҳсол ва фурӯши маҳсулот аст.

Нақши соҳибкории истеҳсолиро дар иқтисодиёт чунин метавон номбар намуд:

1. Афзоиши ҳаҷми маҳсулоти дохилӣ - ин як натиҷаи муҳимтарини рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва иқтисодиёт мебошад. Ба таври содда, ин маънои онро дорад, ки дар кишвар истеҳсоли мол ва маҳсулот зиёд мешавад ва эҳтиёҷоти дохилӣ бо маҳсулоти маҳаллӣ қонеъ карда мешаванд.

2. Эҷоди ҷойҳои нави корӣ - як ҷузъи муҳими рушди иқтисодӣ ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад. Барои тавзеҳ бештар, метавон онро ба чанд ҷанба тақсим кард:

- **иқтисодии миллӣ** - ҷойҳои нави корӣ барои афзоиши маҳсулоти дохилӣ ва рушди соҳаҳои гуногун мусоидат мекунанд. Масалан, таъсиси заводҳо ва корхонаҳои истеҳсолӣ метавонад имкониятҳои зиёди кориро фароҳам оварад.
- **ҷамъиятӣ** - бо зиёд шудани ҷойҳои корӣ, сатҳи бекорӣ коҳиш меёбад ва мардум имконияти беҳтар намудани шароити зиндагӣ ва таҳсили фарзандонро пайдо мекунанд.
- **рақобатпазирии иқтисодӣ** - ҷойҳои нави корӣ таъсири мусбат ба рақобатпазирии иқтисодиёт доранд, зеро онҳо истеъмол ва истеҳсолро фаъол мекунанд ва барои ворид кардани технологияҳои нав замина фароҳам меоранд.
- **тарғибот ва соҳибкорӣ** - дар баробари ширкатҳои калон, таъсиси тиҷоратҳои хурду миёна низ метавонад шумораи ҷойҳои кориро зиёд кунад ва иқтисоди маҳаллиро қавӣ гардонад.

3. Ҳамгироӣ бо бахшҳои дигари иқтисодиёт, мисли савдо ва хизматрасонӣ. Ҳамгироӣ бо бахшҳои дигари иқтисодиёт, мисли **савдо ва хизматрасонӣ,** метавонад нақши муҳиме дар рушди иқтисодиёт ва самаранокии корхонаҳои истеҳсолӣ дошта бошад. Истеҳсолкунандагон барои фурӯши маҳсулоташон ба бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ ниёз доранд. Ҳамгироӣ бо бахши савдо ба истеҳсолкунанда имкон медиҳад, ки маҳсулоташро ба таври муассир ва бо арзиши муносиб ба дастрасии харидор расонад. Хизматрасониҳо, аз қабили нақлиёт, анбордорӣ, молия ва маркетинг, барои истеҳсолот заминаи устувор фароҳам мекунанд.

Ҳамгироӣ бо бахшҳои савдо ва хизматрасонӣ имкон медиҳад, ки технологияҳо ва усулҳои нав барои таҳвил ва хизматрасонӣ татбиқ шаванд.

4. Рушди технологияи нав ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ - рушди **технологияи нав** ва таъсири он ба **баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ** як равандест, ки ба иқтисод, иҷтимоёт ва зиндагии ҳаррӯза таъсири мустақим дорад. Чанд нуқтаи муҳими ин мавзӯъро шарҳ медиҳем:

1.Самаранокии истеҳсолот - ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар корхонаҳо ва соҳаҳои истеҳсолӣ ба афзоиши маҳсулнокӣ ва кам кардани хароҷоти истеҳсолот мусоидат мекунад. Масалан, истифодаи автоматикунонии равандҳо ё роботҳо сатҳи истеҳсол ва сифати маҳсулотро беҳтар мекунад. [4,с.132].

2.Баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ - технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ ба беҳтар намудани хизматрасониҳо, мисли тандурустӣ, маориф ва нақлиёт мусоидат мекунанд. Масалан, платформаҳои электронӣ имкон медиҳанд, ки хизматрасониҳои тиббӣ ва таълимӣ ба мардум зуд ва қулай расонида шаванд. [6,с.172].

3.Маҳсулот ва инноватсия:

Технологияҳои нав барои сохтани маҳсулоти босифат ва инноватсионӣ замина фароҳам меоранд, ки ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири мусбат мерасонанд. Мисол: таҷҳизоти экологӣ, баркрасонӣ ва системҳои тозакунии об.

4.Иқтисоди рақамӣ ва имкониятҳои корӣ - рушди технологияҳо барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар бахшҳои рақамӣ ва хизматрасонӣ замина фароҳам мекунад. Инчунин, истифодаи технологияҳо барои коҳиш додани вақт ва кӯшиш дар корҳои рӯзмарра ба беҳтар шудани сифати зиндагӣ мусоидат мекунад.

5.Давомнокӣ ва устуворӣ - технологияҳои сабз ва самаранок ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи беҳтари захираҳои табиӣ мусоидат мекунанд, ки ба зиндагии устувор ва солим барои аҳолӣ таъсир мерасонанд.

Дар ин самт баъзе мушкилотҳо ҷой доранд, ки онҳоро чунин метавон номбар намуд:

- норасоии сармоя;
- дастрасии маҳдуд ба технологияҳои нав;
- рақобати шадиди маҳсулоти воридотӣ;
- сатҳи пасти инноватсия.

Вобаста ба ин барои рушди мушкилотҳои дар боло зикршуда, чунин роҳҳои ҳалро метавон пешниҳод намуд:

- ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ;

- дастгирии давлатӣ (имтиёзҳои андозӣ, қарзҳои имтиёзнок);
- рушди инфрасохтори саноатӣ;
- тайёр намудани кадрҳои баландихтисос;
- татбиқи технологияҳои рақамӣ дар истеҳсолот.

Рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ пояи асосии рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мебошад. Корхонаҳои истеҳсолӣ бо истифода аз технологияҳои нав, идоракунии муосир ва маркетинги самаранок метавонанд, барои беҳтар гардидани рақобатпазирии иқтисодӣ таъсири худро расонанд:

- маҳсулоти босифат истеҳсол намоянд;
- арзиши аслиро коҳиш диҳанд;
- бозорҳои навро аз худ кунанд.

Бояд қайд кард, ки ҳар қадаре ки бахши истеҳсолӣ рушд ёбад, ҳамон қадар иқтидори содиротӣ ва рақобатпазирии кишвар меафзояд.

Саноатикунонӣ ҳамчун яке аз афзалиятҳои стратегии сиёсати иқтисодии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир баррасӣ мегардад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон намуда, таъкид менамояд, ки ин раванд заминаи мустаҳками рушди устувор ва таъмини истиқлолияти иқтисодиро фароҳам меорад.

Рақобатпазирии иқтисодиёт бевосита ба сатҳи рушди соҳибкории истеҳсолӣ вобаста аст. Тақвияти бахши истеҳсолӣ, ҷорӣ намудани инноватсия ва фароҳам овардани муҳити мусоиди соҳибкорӣ метавонанд заминаи устувори рушди иқтисодӣ ва баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолиро таъмин намоянд.

АДАБИЁТ:

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон .28.12.2024, шаҳри Душанбе.

2.Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, с. 8.

3. Исламов, С.И. Особенности репродуктивного поведения в семье. /Детность семьи: вчера, сегодня, завтра. [Текст]: /С.И.Исламов. - М., 1986.-212.

4. Кадыров, Д.Б. Доходы населения как фактор роста благосостояния. [Текст]: /Д.Б. Кадыров. – Воронеж: ВГУ, 2004. – 231с.

5. Комилов, С.Ҷ., Алиева, Г.Ш. Соҳибкорӣ ва менеҷменти рушди фаъолияти навҷорсозӣ (инноватсионӣ). [Матн]: / Комилов С.Ҷ., Алиева Г.Ш. - Душанбе: Ирфон, 2008. - 220 с.

6. Муносибатҳои методологӣ оид ба баҳодиҳии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ [Матн]: /М.Б.Самиева //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. ISSN 2413-5151, 2020, №10. – С.77-81.

УСОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ В СФЕРЕ ОБРАЗОВАНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Аюби Фируза - к.э.н., и.о. доцента Кафедры «Экономического анализа и статистики» Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Республика Таджикистан, Душанбе

В статье рассматриваются вопросы внедрения цифровой экономики в сферу образования Республики Таджикистан. Особое внимание уделяется значению программирования, информационно-коммуникационных технологий среди специалистов, задействованных в применении цифровых процессов в своей профессиональной деятельности. Подчеркнуто, что наличие наивысшей грамотности среди преподавательского состава, а также повышение имеющего их уровня знаний, служит достигаемым результатом при обучении нарастающего поколения страны. Представлены результаты анализа государственного финансирования образования в 2020–2024 годах и делается вывод о положительном влиянии цифровых технологий на эффективность работы учреждений образования. Показана роль программы цифрового образования (eDonish), состоящей из веб и мобильных приложений для учителей, родителей и учеников, который оказывает помощь в контроле за успехами школьников и помогает повысить их уровень знаний.

Ключевые слова: образование, грамотность, цифровая экономика, цифровые технологии, инновационные процессы, цифровое образование, (eDonish), мобильные устройства, программирование, электронные услуги, информационно-коммуникационные технологии, социально-экономическое развитие.

ТАКМИЛИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ДАР СОҲАИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аюбӣ Фируза - н.и.и., и.в. дотсенти кафедраи «Таҳлили иқтисодӣ ва омор» - и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе

Дар мақола масъалаҳои ҷорӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Ба аҳамияти барномасозӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар байни мутахассисоне, ки ба татбиқи равандҳои рақамӣ дар фаъолияти касбии худ машғуланд, диққати махсус дода мешавад. Таъкид карда мешавад, ки дар баробари баланд бардоштани савияи дониши онҳо дар таълиму тарбияи насли навраси кишвар мавҷудияти сатҳи баланди саводнокӣ дар миёни ҳайати омӯзгорон натиҷаи ба даст овардашуда мебошад. Натиҷаҳои таҳлили маблағгузории давлатии соҳаи маориф дар солҳои 2020-2024 пешниҳод гардида, оид ба таъсири мусбати технологияҳои рақамӣ ба самаранокии муассисаҳои таълимӣ хулоса бароварда шудааст. Нақши барномаи таълими рақамӣ (eDonish), ки аз барномаҳои веб ва мобилӣ барои омӯзгорон, волидон ва донишҷӯён иборат аст, ки барои назорати пешрафти мактаббачагон ва баланд бардоштани сатҳи дониши онҳо мусоидат мекунад, нишон дода шудааст.

Калидвожаҳо: маориф, саводнокӣ, иқтисодиёти рақамӣ, технологияҳои рақамӣ, равандҳои инноватсионӣ, таҳсилоти рақамӣ, (eDonish), дастгоҳҳои мобилӣ, хидматҳои электронӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ.

IMPROVEMENT OF THE DIGITAL ECONOMY IN THE FIELD OF EDUCATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Ayubi Firuza - c.e.s., Acting Associate Professor of the Department of «Economic Analysis and Statistics» at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Republic of Tajikistan, Dushanbe

The article discusses the issues of introducing digital economy into the education sector of the Republic of Tajikistan. Particular attention is paid to the importance of programming, information and communication technologies among specialists involved in the application of digital processes in their professional activities. It is emphasized, that the presence of the highest literacy among the teaching staff, as well as the increase in their level of knowledge, serves as an achievable result in the education of the growing generation of the country. The results of the analysis of state financing of education in 2020–2024 are presented, and a conclusion is made about the positive impact of digital technologies on the

efficiency of educational institutions. The role of the digital education program (eDonish), consisting of web and mobile applications for teachers, parents and students, which helps to monitor the progress of schoolchildren and helps to improve their level of knowledge, is shown.

Keywords: education, literacy, digital economy, digital technologies, innovation processes, digital education, (eDonish), mobile devices, electronic services, information and communication technologies.

Введение. На данный момент в Республике Таджикистан особое значение придается всестороннему внедрению цифровой экономики в различные аспекты человеческой жизни. В частности, особое внимание уделяется формированию и укреплению цифровых процессов в сфере образования. Уровень образования в стране, его развитие и усовершенствование служит показателем социально-экономического развития государства. 28 декабря 2024 года Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон в послании Маджлиси Оли Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» отметил: «Для расширения инновационных процессов и всестороннего использования возможностей цифровых технологий в различных сферах экономики предлагаю объявить 2025–2030 годы «Годами развития цифровой экономики и инноваций» [1].

Согласно данному объявлению главы государства, в стране необходимо организовать соответствующие условия и способствовать формированию и развитию цифровой экономики в сфере образования, которое станет показателем грамотности населения, в соответствии с новыми требованиями.

«В этой связи особую актуальность приобретает укрепление профессиональных компетенций в области программирования и информационных технологий среди специалистов, задействованных в применении цифровых процессов в своей профессиональной деятельности» [2, С.341].

Теоретическая разработанность проблемы. С точки зрения отечественных экономистов Ш. Рахимзода, Ф. Муминовой: «Цифровая экономика – закономерное развитие постиндустриального общества, новая форма экономики, которая изменяет не только экономические процессы, но и ценности и отношения в обществе» [3, С.7].

В настоящий момент цифровая экономика охватывает все сферы экономики наиболее нарастающими темпами, что в свою очередь требует наличие грамотности в сфере программирования среди работников учреждений.

Методология. В данной статье применен метод сравнительного анализа за 2020-2024 годы, используя статистические данные Агенства по Статистике при Президенте Республики Таджикистан. Приведены примеры из Среднесрочной программы развития цифровой экономики в Республике Таджикистан на 2021–2025 годы, а также данные о внедрении автоматизированных систем, таких как программа «eDonish».

Результаты. Согласно высказыванию отечественного ученого, экономиста Саидмуродзода Л.Х.: «Компетентностный подход к организации учебного процесса в высшей школе в современных условиях является объективной необходимостью, ибо только компетентный специалист, имеющий высшее профессиональное образование и способный максимально эффективно использовать свои глубокие теоретические знания и профессиональные навыки на практике, получающий соответствующее вознаграждение за свой труд, добивается многократного возврата инвестиций на формирование человеческого капитала индивида, имеет возможность внести свою весомую долю в повышение производительности труда совокупного работника в ускоренный рост ВВП на душу населения» [4].

Следовательно, особое внимание необходимо уделить именно наличию наивысшей грамотности среди преподавательского состава, а также повышению имеющего уровня знаний, в целях достижения соответствующего результата при обучении нарастающего поколения страны.

Каждый год, в целях социальной поддержки граждан, рассматриваются финансовые выделения со стороны бюджета государства.

Таблица 1. Расходы государственного бюджета на образование

Годы	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2024**	**2024 к 2020 в разы**

Расходы государственного бюджета на образование, млн сомони	**4311,4**	**5259,9**	**6240,8**	**7108,5**	**8755,9**	**2,03**
В % к ВВП	5,2	5,2	5,4	5,4	5,7	1,09
К расходам государственного бюджета	17,4	17,9	17,7	16,5	19,3	1,1

Источник: Статистический сборник: Образование в Республике Таджикистан, 2025, стр. 9 [5].

Согласно указанным данным, в таблице показано, что каждый год из государственного бюджета направляются не малые финансы, в целях их целесообразного применения на сферу образования. За 2020-2024 финансирование на данную сферу повысилось на 4444,5 млн. сомони, а также в 2,03 раз.

Примером осуществления цифровой инициативы выступает Постановление Председателя города Душанбе, уважаемого Рустами Эмомали от 7 мая 2019 года, №276 образование Государственного унитарного предприятия «Умный город», деятельность которого состоит из предоставления различных услуг информационно-коммуникационного свойства, в целях развития инфраструктуры города цифровыми процессами [6].

Одним из значимых программ предприятия «Умный город (Smart city)» является Цифровое образование (eDonish). «eDonish» – это программный комплекс, состоящий из веб и мобильных приложений для учителей, родителей и учеников. Программный комплекс предназначен для управления процессом обучения в начальных, средних и старших общеобразовательных учреждениях.

Заключение. На основе проведенного исследования можно сформулировать следующие выводы:

- Цифровая экономика – новая форма экономики, которая охватывает все сферы экономики наиболее нарастающими темпами, что в свою очередь требует наличие грамотности в сфере программирования среди работников учреждений.

- формирование и дальнейшее распространение цифровой экономики в сферу образования страны даёт возможность предоставлению образования, отвечающего требованиям мирового стандарта, а также повышению грамотности жителей страны, которое служит показателем социально-экономического развития государства.

Литература:

1. Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики», 28.12.2024. [Электронный ресурс]. Режим доступа, URL: www.president.tj, открытый, дата обращения 26.01.2025.

2. Аюби Ф. Применение и всестороннее развитие цифровой экономики в сфере здравоохранения // Экономика Таджикистана. – 2025. – № 2. – С. 341-347.

3. Ш. Рахимзода, Ф. Муминова Концептуальные основы формирования цифровой экономики в Республике Таджикистан: /Монография/ Душанбе: Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана, 2024. – 155с.

4. Саидмуродзода Л.Х., Хамидова С.Х. К вопросу о методологическом подходе к организации компетентностной стратегии развития системы высшего образования // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. – №7. – С. 177-183.

5. Статистический сборник: Образование в Республике Таджикистан, 2025 г.

6. Постановление Председателя города Душанбе - Smart city. [Электронный ресурс]. Режим доступа, URL: http://dsc.tj/ru/postanovlenie-mera-goroda-dushanbe, открытый. Дата обращения 01.08.2025.

ИНФРАСОХТОРИ РУШДИ САРМОЯИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Азизқулов Беҳзод Ҷумабоевич – муаллими калони кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе. Тел: 935887868. E-mail: azamat3562@mail.ru

Ин мақола ба таҳлили инфрасохтори рушди сармояи бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар он нақши низоми бонкӣ дар таъмини устувории иқтисодӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва дастгирии рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт баррасӣ мегардад. Ҳамчунин, унсурҳои асосии инфрасохтори бонкӣ, аз ҷумла бозори молиявӣ, низоми танзим ва назорат, технологияҳои рақамӣ ва муассисаҳои қарзӣ таҳлил мешаванд. Муаллиф мушкилоти мавҷуда, аз қабили маҳдудияти захираҳои молиявӣ, сатҳи пасти эътимоди аҳолӣ ба бонкҳо ва норасоии инфрасохтори муосирро муайян намуда, роҳҳои такмил ва рушди минбаъдаи сармояи бонкиро пешниҳод мекунад.

Калимаҳои асосӣ: сармояи бонкӣ, низоми бонкӣ, инфрасохтор, бозори молиявӣ, сармоягузорӣ, технологияҳои рақамӣ, танзими давлатӣ, устувории молиявӣ.

ИНФРАСТРУКТУРА РАЗВИТИЯ БАНКОВСКОГО КАПИТАЛА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Азизкулов Бехзод Джумабоевич – старший преподаватель кафедра финансы Таджикский государственный финансово-экономический университет. Республика Таджикистан, Душанбе. Тел: +992 935887868, E-mail: azamat3562@mail.ru

Данная статья посвящена анализу инфраструктуры развития банковского капитала в Республике Таджикистан. В ней рассматривается роль банковской системы в обеспечении экономической стабильности, привлечении инвестиций и поддержке развития реального сектора экономики. Также анализируются основные элементы банковской инфраструктуры, включая финансовый рынок, систему регулирования и надзора, цифровые технологии и кредитные учреждения. Автор выявляет существующие проблемы, такие как ограниченность финансовых ресурсов, низкий уровень доверия населения к банкам и недостаточное развитие современной инфраструктуры, а также предлагает пути совершенствования и дальнейшего развития банковского капитала.

Ключевые слова: банковский капитал, банковская система, инфраструктура, финансовый рынок, инвестиции, цифровые технологии, государственное регулирование, финансовая устойчивость.

INFRASTRUCTURE FOR THE DEVELOPMENT OF BANKING CAPITAL IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Azizkulov Behzod Jumaboevich – Senior Lecturer at the Department of Finance, Tajik State University of Finance and Economics. Republic of Tajikistan, Dushanbe. Phone: +992 935887868, E-mail: azamat3562@mail.ru

This article is devoted to the analysis of the infrastructure for the development of banking capital in the Republic of Tajikistan. It examines the role of the banking system in ensuring economic stability, attracting investments, and supporting the development of the real sector of the economy. The main elements of banking infrastructure are also analyzed, including the financial market, regulatory and supervisory systems, digital technologies, and credit institutions. The author identifies existing challenges such as limited financial resources, low public trust in banks, and insufficient development of modern infrastructure, and proposes ways to improve and further develop banking capital.

Keywords: banking capital, banking system, infrastructure, financial market, investment, digital technologies, government regulation, financial stability.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати муносибатҳои иқтисодӣ, низоми бонкӣ яке аз унсурҳои калидии таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Сармояи бонкӣ ҳамчун пояи асосии фаъолияти муассисаҳои қарзӣ, нақши муҳимро дар таъмини гардиши маблағҳо, маблағгузории соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ мебозад. Аз ин рӯ, ташаккул ва рушди инфрасохтори самараноки сармояи бонкӣ барои кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳамияти махсус дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир як қатор ислоҳотҳо дар соҳаи бонкӣ амалӣ гардидаанд, ки ба беҳтар намудани низоми молиявӣ ва баланд бардоштани устуворӣ он равона шудаанд. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз ҳам масъалаҳои марбут ба маҳдудияти захираҳои молиявӣ, сатҳи пасти эътимоди аҳолӣ ба бонкҳо, норасоии технологияҳои муосир ва камбуди инфрасохтори бозори молиявӣ боқӣ мемонанд.

Бо дарназардошти ин, таҳқиқи инфрасохтори рушди сармояи бонкӣ, муайян намудани мушкилоти мавҷуда ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳо аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Мақсади мақола таҳлили ҳолати кунунӣ ва дурнамои рушди инфрасохтори сармояи бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон то санаи 31 декабри соли 2025 фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ густариш ёфта, шумораи умумии онҳо ба 69 адад расидааст. Аз ин шумора 18 ададро бонкҳои анъанавӣ, 1 ададро бонки исломӣ, 26 ададро ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, 2 ададро ташкилотҳои қарзии хурд ва 22 ададро фондҳои қарзии хурд ташкил медиҳанд.

Дар давраи аз охири соли 2024 то охири соли 2025 ба як қатор муассисаҳои молиявӣ иҷозатнома дода шуд. Аз ҷумла, ба се бонк — ҶСП «Ҳумо Бонк», ҶСП «Васл Бонк» ва ҶСП Бонки «Имон Интернешнл», инчунин ба шаш ташкилоти амонатии қарзии хурд, аз қабили ҶДММ ТАҚХ «Ганҷ Молия», ҶСП ТАҚХ «Зинда Капитал», ҶСП ТАҚХ «Инноватсия Капитал», ҶДММ ТАҚХ «Оксус», ҶСП ТАҚХ «Капитал Траст» ва ҶДММ ТАҚХ «Пулсар» иҷозатномаҳои дахлдор дода гардиданд. Дар баробари ин, бо сабаби тағйири шакли фаъолият ва ё қатъи он, иҷозатномаи баъзе ташкилотҳо бекор карда шуд. Аз ҷумла, иҷозатномаи ҶСП ТАҚХ «Ҳумо», ҶДММ ТҚҒ «Васл» ва ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» бинобар табдил ёфтан ба бонкҳо аз эътибор соқит гардид. Ҳамчунин, иҷозатномаи ҶДММ ТҚХ «Оксус» бо сабаби табдил ба ташкилоти амонатии қарзии хурд ва иҷозатномаи ФҚХ «Сарпараст» бинобар барҳамдиҳии ихтиёрӣ бекор карда шуд[3].

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар низоми бонкии кишвар фаъолияти як бонки хориҷӣ — ҶСММ «Бонки кишоварзии Чин» ба роҳ монда шудааст. Илова бар ин, бонкҳои ватанӣ низ дар хориҷи кишвар намояндагиҳои худро таъсис додаанд. Аз ҷумла, намояндагиҳои ҶСК «Ориёнбонк» дар шаҳрҳои Дубай, Лондон, Сеул ва Пекин амал мекунанд. Ҳамзамон, намояндагии КВД БА ҶТ «Амонатбонк» дар шаҳри Москва фаъолият дорад.

Дар маҷмӯъ, шумораи воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба 1 960 адад баробар буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 32 адад зиёд шудааст, ки ин нишондиҳанда аз тамоюли рушди инфрасохтори низоми бонкӣ дар кишвар шаҳодат медиҳад.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2025 ҳаҷми умумии дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 59 242,1 млн сомонӣ баробар гардид. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 ба андозаи 11 764,1 млн сомонӣ ё 24,8 фоиз афзоиш ёфтааст. Афзоиши мазкур асосан аз ҳисоби зиёд гардидани бақияи сандуқи қарзӣ ва ҳаҷми ҳисобҳои гирифтан аз Бонки миллии Тоҷикистон таъмин шудааст.

Дар ҳамин давра бақияи умумии сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба 26 119,4 млн сомонӣ расида, нисбат ба соли гузашта 4 741,7 млн сомонӣ ё 22,2 фоиз зиёд шудааст. Ин тамоюл пеш аз ҳама бо васеъ гардидани пешниҳоди қарзҳо ба шахсони воқеӣ, рушди соҳибкории хурду миёна ва фаъолшавии бахши тиҷоратӣ алоқаманд мебошад.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими арзёбии устуворӣ молиявии низоми бонкӣ сатҳи қарзҳои ғайрифаъол маҳсуб меёбад, ки ҳолати воқеии фаъолияти ташкилотҳои қарзиро инъикос мекунад. Тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ, ба гурӯҳи қарзҳои ғайрифаъол он қарзҳо дохил мешаванд, ки зиёда аз 30 рӯз батаъхир афтодаанд. Аммо дар амалияи байналмилалӣ, одатан қарзҳое, ки зиёда аз 90 рӯз пардохтнашуда боқӣ мемонанд, ҳамчун қарзҳои ғайрифаъол ҳисобида мешаванд.

Бо мақсади мутобиқ намудани меъёрҳои миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, минбаъд ба сифати қарзҳои ғайрифаъол қарзҳое эътироф мегарданд, ки зиёда аз 90 рӯз батаъхир афтодаанд. Дар натиҷа, ба ҳолати 31 декабри соли 2025 ҳаҷми чунин қарзҳо 848,1 млн сомониро ташкил дода, ба 3,2 фоизи сандуқи қарзии маҷмӯӣ баробар гардид. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,13 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст, ки аз беҳтар гардидани сифати сандуқи қарзӣ дарак медиҳад.

Ҳамзамон, барои пӯшонидани хавфҳои эҳтимолӣ аз рӯйи қарзҳои ғайрифаъол фонди махсус ба маблағи 1 079,1 млн сомонӣ ташкил карда шудааст, ки 127,2 фоизи ҳаҷми ин қарзҳоро фаро мегирад. Қобили зикр аст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 ба андозаи 25,6 банди фоизӣ зиёд гардида, аз таҳкими устувории молиявии низоми бонкӣ шаҳодат медиҳад[3].

Ҷадвали 1. Сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявии ҶТ (млн сомонӣ)

Гурӯҳбандии қарзҳо	*31.12.2024*	*31.12.2025*	*Т-т(+/-)*
Ҳамагӣ (маҷмуӣ), *аз ҷумла*	**21 377,7**	**26 119,4**	**4 741,7**
Фаъол	20 441,2	25 271,3	4 830,0
Ғайрифаъол	936,4	848,1	**-88,4**
Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол	4,4%	3,2%	-1,13 б.ф.
Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол (холис)	*-0,1%*	*-0,9%*	-

Сарчашма: Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон: https://www.nbt.tj/upload/iblock/pdf

Ба ҳолати ҳисоботӣ ҳаҷми умумии уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба 47 925,6 млн сомонӣ баробар гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 ба андозаи 9 411,2 млн сомонӣ ё 24,4 фоиз афзоиш ёфтааст. Ин афзоиш пеш аз ҳама аз ҳисоби зиёд гардидани амонатҳо ва инчунин афзоиши ҳисобҳои пардохтӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявии дохили кишвар ба амал омадааст.

Дар баробари ин, нишондиҳандаи пардохтпазирии ҷории ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи 31 декабри соли 2025 ба 81,6 фоиз расидааст, ки нисбат ба меъёри муқарраршуда (30 фоиз) 51,6 банди фоизӣ зиёд мебошад. Ин ҳолат аз сатҳи баланди қобилияти иҷрои уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат шаҳодат медиҳад.

Ҳаҷми амонатҳои ҷалбшуда дар ҳамин давра 33 895,2 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 8 365,3 млн сомонӣ ё 32,8 фоиз зиёд гардидааст. Дар айни замон, ҳиссаи амонатҳо бо асъори хориҷӣ ба 37,6 фоиз баробар шуда, нисбат ба соли қаблӣ 1,98 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст, ки ин метавонад аз тадриҷан боло рафтани эътимод ба асъори миллӣ шаҳодат диҳад.

Сармояи тавозунии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба 11 316,5 млн сомонӣ баробар гардида, дар муқоиса бо соли 2024 ба андозаи 2 352,9 млн сомонӣ ё 26,2 фоиз афзоиш ёфтааст. Ин афзоиш асосан аз ҳисоби зиёд гардидани захираҳо барои амалиётҳои оянда ва инчунин фоидаи бадастомада дар соли ҳисоботӣ таъмин гардидааст[3].

Нишондиҳандаи кифоятии сармоя дар ҳамин сана 23,1 фоизро ташкил намуда, нисбат ба меъёри муқарраршуда (12 фоиз) 11,1 банди фоизӣ зиёд мебошад, ки ин аз устувории молиявии низоми бонкӣ дарак медиҳад.

Натиҷаҳои фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар соли 2025 мусбат арзёбӣ гардида, ҳаҷми фоида ба 2 318,1 млн сомонӣ баробар шуд. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2024 ба андозаи 1 072,5 млн сомонӣ ё 86,1 фоиз зиёд мебошад.

Ҳамзамон, нишондиҳандаҳои даромаднокии дороиҳо (ROA) ва даромаднокии сармоя (ROE) мутаносибан ба 3,91 фоиз ва 20,48 фоиз баробар гардидаанд, ки самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявиро дар истифодаи захираҳои мавҷуда инъикос менамоянд.

Хулоса таҳлил нишон медиҳад, ки низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир тамоюли рушди устуворро нигоҳ дошта, нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба таври назаррас беҳтар гардидаанд. Афзоиши дороиҳо,

сандуқи қарзӣ, амонатҳо ва сармояи бонкӣ аз густариши фаъолияти миёнаравии молиявӣ ва баланд гардидани нақши низоми бонкӣ дар иқтисоди миллӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳамзамон, коҳиш ёфтани ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол ва баланд будани сатҳи кифоятии сармоя ва пардохтпазирӣ устувории молиявии ташкилотҳои қарзиро тасдиқ менамояд. Натиҷаҳои мусбати молиявӣ ва баланд шудани нишондиҳандаҳои даромаднокӣ (ROA ва ROE) низ аз самаранокии фаъолияти низоми бонкӣ дарак медиҳанд.

Бо вуҷуди пешравиҳо, дар соҳа ҳанӯз ҳам як қатор мушкилот, аз ҷумла зарурати таҳкими эътимоди аҳолӣ, рушди минбаъдаи технологияҳои рақамӣ, диверсификатсияи манбаъҳои сармоя ва такмили инфрасохтори молиявӣ боқӣ мемонанд.

Дар маҷмӯъ, барои таъмини рушди минбаъдаи сармояи бонкӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии низоми бонкӣ, зарур аст, ки ислоҳоти сохторӣ идома ёфта, механизмҳои муосири идоракунӣ ва танзим ҷорӣ карда шаванд. Ин раванд имкон медиҳад, ки низоми бонкӣ ҳамчун омили муҳими рушди устувори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам тақвият ёбад.

Адабиёт:

1. Qurbanizoda, D. The effect of inflation on the level of social services in digital conditions / D. Qurbanizoda // , 19 апреля 2024 года, 2024. – P. 122-127. – EDN EQXWQB.
2. Qurbonalizoda, D. T. The importance of digitalization in the development of social projects / D. T. Qurbonalizoda, B. D. Azizkulov // Интернаука. – 2026. – No. 5-3(416). – P. 41-42. – EDN HAPWXP.
3. Сомонаи расмии БМТ: https://www.nbt.tj/upload/iblock/705/pdf.
4. Муртазоев, Н. А. Арзёбии сармояи бонкӣ дар ташаккул ва истифодаи сармояи молиявӣ / Н. А. Муртазоев, Б. Азизқулов // Масъалаҳои мубрами рушди иқтисоди миллӣ ва байналмилалӣ: назария ва амалия : Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон, магистрантону докторантон ва донишҷӯён бахшида ба, Душанбе, 21–26 апреля 2025 года. –2025. – P. 14-19. – EDN YCFBTW.
5. Азизкулов, Б. Д. Институциональные основы развития рынка финансового капитала / Б. Д. Азизкулов // Развитие малого и среднего бизнеса в условиях ускоренной индустриализации экономики : Сборник статей международной научно-теоретической конференции, Душанбе, 15 октября 2025 года. – Душанбе: Таджикский государственный финансово-экономический университет, 2025. – С. 234-238. – EDN ANESZR.
6. Рахимова, А. В. Теоретические основы развития банковской системы Республики Таджикистан на постсоветском периоде / А. В. Рахимова, Б. Д. Азизкулов // Таможенные органы и их роль в обеспечении экономической безопасности : Маҷмӯаи маводҳои конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ, Душанбе, 30 ноября 2024 года. – Душанбе: ТГФЭУ, Таджикский государственный финансово-экономический университет, 2024. – С. 118-128. – EDN SFLHEP.

УМУМИЯТ, РОБИТА ВА ҶАБҲАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАЪСИРИ МУТАҚОБИЛАИ МАТЕМАТИКА ВА ИҚТИСОДИЁТ

Баҳруллозода Умар - ассистенти кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодиТоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: 777071878.

Дар ин мақола оиди вобастагии илмҳои иқтисодиёт ва математика ва ҷабҳаҳои назариявии таъсири мутақобилаи онҳо сухан меравад. Муаллиф масъалаҳои зерин: хусусиятҳои хоси илми математика, таърихи давра ба давра тадбиқи аппарати математикӣ дар иқтисодиёт, умумият, алоқамандӣ ва душвориҳо дар вобастагии математика ва иқтисодиёти муосир, коркарди олотҳои математикӣ дар иқтисодиётро мавриди таҳлил қарор додааст.

Калидвожаҳо: иқтисодиёт, математика, олоти математикӣ, алоқамандӣ, умумият, душвориҳо, хусусият, системаҳои иқтисодӣ–иҷтимоӣ, равандҳои иқтисодӣ, муносибатҳои иқтисодӣ.

ОБЪЕДИНЕНИЕ, ВЗАИМОСВЯЗИ И ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ВЛИЯНИЯ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ МАТЕМАТИКИ И ЭКОНОМИКИ

Баҳруллозода Умар - ассистент кафедры высшей математики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе, ул.Нахимова, 64/14. Тел .: 777071878

В данной статье рассматривается взаимосвязь экономических и математических наук и теоретические аспекты их взаимодействия. Автор анализирует следующие вопросы: специфика математической науки, история периодического применения математического аппарата в экономике, общие положения, взаимосвязи и трудности во взаимосвязи математики и современной экономики, развитие математических инструментов в экономике.

Ключевые слова: экономика, математика, математические инструменты, взаимосвязи, общие положения, трудности, характеристики, экономико-социальные системы, экономические процессы, экономические отношения.

UNIFICATION, INTERRELATIONS, AND THEORETICAL ASPECTS OF THE INFLUENCE OF THE INTERACTION BETWEEN MATHEMATICS AND ECONOMICS

Bahrullozoda Umar- assistant of the Department of Higher Mathematics of the Tajik State Financial and Economic University. Address**:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul.Naximova 64/14. Tel: 777071878.

This article examines the relationship between economics and mathematics and the theoretical aspects of their interaction. The author analyzes the following issues: the specifics of mathematical science, the history of the periodic application of mathematical apparatus in economics, general principles, relationships, and difficulties in the relationship between mathematics and modern economics, and the development of mathematical tools in economics.

Keywords: economics, mathematics, mathematical tools, relationships, general principles, difficulties, characteristics, economic and social systems, economic processes, economic relations.

Математика ва иқтисодиёт – соҳаҳои мустақили илм ба ҳисоб рафта, ҳар яке аз онҳо объект ва предмети тадқиқотии худро доранд. Бо ақидаи тадқиқотчии машҳури америкоӣ Норберт Винер хизмат ва вазифаи муҳимтарини математика аз он иборат аст, ки тартиби ниҳоиро дар бенизомие, ки моро иҳота намудааст, муайян мекунад. [1, с.6]. Аз ин хулоса мебарояд, ки предмети тадқиқоти математика ҷустҷӯи шакли миқдории тавсифи алоқаҳои абстрактӣ ба шумор меравад, ки дар муҳити моро иҳотакарда ҷой дошта метавонад. Яъне, математика ҳамчун илм олоти аналитикии ҳамаҷониба (универсалӣ) – и тадқиқоти алоқаҳоро сохта, дар ин асос оиди ҷаҳони моро иҳотакунанда ахбороти нав медиҳад. Пас математика аппарати математикиро ба олоти универсалии ҳалли масъалаҳои гуногун табдил медиҳад, ки

тадқиқотчиёни соҳаҳои гуногун (иқтисодиёт, тиб, лингвистика, сотсиология ва ғайра, ки дар назар аз математика хеле дур мебошанд) мунтаззам бо он дучор меоянд. Ҳамин аст, ки математикаро шоҳи фанҳо ном меборанд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар айни замон ба комёбиҳои чашмрас ҳамон соҳаҳои илм бештар муваффақ мешаванд, ки дар тадқиқотҳои худ аппараи математикиро бомаврид истифода намоянд.

Чӣ имконият медиҳад, ки ҳангоми татбиқи математика дар ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, ҳодисаҳои табиӣ ва ҷамъиятӣ тадқиқотчиён ба комёбиҳои назаррас муваффақ мешаванд? Дар маъди аввал чунин ба назар мерасад, ки математика ба мафҳумҳое такя мекунад, ки ба ҳаёти воқеъӣ ҳеҷ алоқамандӣ надоранд, аз ҷумла: матритса, ҳосила, интеграл, муодила, векторҳо ва ғайра. Математика, ҳамчун як соҳаи илм, хусусияҳои хоси худро соҳиб мебошад, ки онро беҳамто намудааст. Онҳоро номбар мекунем:

– риояи қатъӣ, ки имконияти аз доираи қоидаҳои муайяншудаи сохти муносибатҳо(алоқаҳо) берун шуданро намедиҳад – формулаҳои математикӣ;

– ҳангоми ҳосил намудани формулаҳои математикӣ аввал системаи аксиомаҳоро ҳамчун постулатҳо баён намуда, аз натиҷаи он дар асоси қоидаҳои қатъӣ формулаҳои математикии мувофиқ сохта мешаванд;

– имконияти истифода намудани ин ё он мафҳумҳое, ки кушодани моҳияти онҳо зарурат надорад. Чунки натиҷаҳои ҳосилшуда хусусияти абстрактӣ дошта, умуман ба хусусияти объект алоқаманд нест.

Маҳз ҳамин хусусиятҳо аппарати математикиро барои ҳамаи соҳаҳо ба олоти аналитикии универсалӣ табдил додааст. Ҳамин тавр, математика бо ин хосиятҳо соҳиб шуда, дар асоси гипотезаҳои пешниҳодшуда, истифода аз қоидаҳои мантиқии қатъӣ, имконият медиҳад, ки маълумоти илмии навро оиди объекте, ки мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, пайдо намоем. Ин равандро то пурра ҳосил намудани маълумоти зарурии нав такрор намудан мумкин аст. Яъне, бо ёрии табдилдиҳии математикӣ дар асоси шартҳои пешниҳодшуда ва қоидаҳои қатъии мантиқӣ хосиятҳои нав ва муносибатҳои объектҳои ҳақиқиро барқарор намудан мумкин аст. Ин тасдиқотҳо математикаро ба илми беҳамто табдил додааст. Бинобар ин, иқтисодчии барҷастаи асри XIX – и немис К. Маркс қайд кардааст, ки илм фақат ҳамон вақт ба қуллаҳои баландтарини худ расида метавонад, агар вай аз математика самарабахш истифода намояд. К. Маркс дар математикаи олӣ ҳаракати диалектикиро мантиқан комил ва дар айни замон дар шакли содда ошкор намуд. Махсусан, ин ба иқтисодиёт бештар дахл дорад, ки дар он оиди хусусияти объектҳои тадқиқшуда нуқтаи назари ягона мавҷуд нест.

Барои он ки бо ёрии моделҳои математикӣ ахбороти навро, ки ба ҳақиқати реалӣ мувофиқат мекунад, комёб шавем, зарур аст, ки дар асоси дониши мавҷудбуда шартҳои сифатноки дар модел ҷойдодашударо ташаккул диҳем.

Математики англис Гексли навиштааст: «Математика мисли санги осиёб ҳар он ҷизеро, ки дар зераш мерезанд, ба орд табдил медиҳад. Ба зери он санг парранда қуро партофта шумо орди гандум намегиред, ҳамин тавр ҳам миқдори калони формулаҳоро навишта шумо ҳақиқатро аз шартҳои пешакии бардурӯғ фарқ карда наметавонед»[4,с.6].

Тадбиқи математика дар иқтисодиёт аз асри XVIII сарчашма гирифтааст. Иқтисодчии фаронсавӣ Франсуа Кенэ соли 1738 аввалин ҷадвалҳои иқтисодии худро нашр намуд, ки дар он элементҳои математика истифода шудаанд. Ин аввалин кӯшиш оиди навишти миқдории раванди такрористеҳсолкунии маҳсулоти ҷамъиятӣ ҳамчун ягонагии бутун ба ҳисоб мерафт. Баъд аз он модели классикии макроиқтисодии такрористеҳсолкунии ҷамъиятиро Адам Смит ва Давид Рикардо (модели тиҷорати байналмилалӣ) пешниҳод намуданд. К. Маркс дар асарҳои худ аппарати математикӣ (моделҳои содда ва бисёрҷабҳаи такрористеҳсолкунӣ, муомилоти пулӣ ва ғайра) – ро самарабахш истифода менамуд.

Дар асри XIX дар иқтисодиёти сиёсӣ мактаби математикӣ ворид шуд. Намояндагони ин мактаб Л. Валрас, О. Курко, А. Маршалл, В. Парето, Ф. Эҷворт, ва дигарон аввалин маротиба кӯшиш намуданд, ки аппарати математикиро дар тадқиқи механизми гардиши бозор (назарияи баробарвазнии бозор) истифода намоянд. Дар охири асри XIX дар Гарвард равияе пайдо шуд,

ки онро барометри гарвардӣ меномиданд. Ин яке аз равияҳои иқтисодиёти муосир мебошад, ки моделҳои эконометрикиро барои пешгӯии даврҳои саноатӣ кор карда мебарояд.

Дар ибтидои асри XX аз аппарати математикӣ дар корҳои тадқиқотиашон иқтисодчиёни рус П.И. Туган-Барановский, В.И. Дмитриев, И.П. Кондратьев, Е. Слутский ва чанде дигарон низ истифода намуданд. В.И. Дмитриев аввалин маротиба дар ҷаҳони илми иқтисодӣ кӯшиш намуд, ки харҷи пурраи меҳнатро бо истеҳсоли воҳиди маҳсулот тавсиф намояд. Тадқиқотҳои онҳоро оиди татбиқи системаи муодилаҳои хаттӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ дар оянда иқтисодчии америкоӣ В. Леонтев дар коркарди усули машҳураш – методи «харҷҳо – бароиш», ки барои он мукофоти Нобелро сазовор гардид, самарабахш истифода намуд. Е. Слутский шарти устувории буҷаи истеъмолиро тадқиқ кард, ки аз он дар асоси истеҳсоли якум ва дуюм функсияи фоиданокиро муайян кардан имконпазир мегардид. Донишмандони рус аввалин маротиба коэффициентҳои арзишҳои ёзишро пешниҳод намуданд.

Дар СССР солҳои 20 – уми асри гузашта ҳангоми банақшагирии давлатӣ проблемаи истифодабарии методҳои математикӣ дар иқтисодиёт боиси баҳсу мунозираҳои шадид гардид. Чунин масъалаҳо аз ҷумлаи имконият ва зарурати истифодаи аппарати математикӣ дар иқтисодиёт, функсияҳои ёрирасони методҳои математикӣ, тадбиқи онҳо ва ғайра мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Дар Ғарб солҳои 20 – уми асри XX ба асосҳои моделронии макроиқтисодӣ поя гузошта шуд: баланси байнисоҳавӣ (В.Леонтев), моделҳои афзоиши иқтисодӣ (Конюс, Фелдман) ва ғайра. Дар ин давра миқдори зиёди моделҳои иқтисодӣ – математикии таҳлил ва пешгӯии муносибатҳои иқтисодӣ кор карда баромада шуданд.

Дар солҳои 30 – юми асри гузашта математики шуравӣ Л.В. Канторович синфи нави масъалаҳои математикӣ – барномасозии хаттиро кашф карда, методи универсалии ҳалли онҳоро пешниҳод намуд. Ин имконият дод, ки аз ҳар гуна масъалаҳои иқтисодӣ, ки бо критерияи хаттӣ муайян карда мешуданд, бо осонӣ ҳалли худро ёбанд. Дар соли 1939 Л.В. Канторович бо ҳамроҳии М.К. Ганурин масъалаи классикии нақлиётиро ҳал намуданд, ки он имконият дод дар иқтисодиёт ба натиҷаи беҳтарини боркашии нақлиёт, хатсайрҳо ва самарабахш истифодабарии нақлиёт соҳиб шаванд. Барои ин тадқиқот Л.В. Канторович соли 1950 сазовори ҷоизаи нобелӣ гардид.

Мутаасифона дар СССР дар солҳои 1940 – 1957 масъалаи истифодабарии математика дар иқтисодиёт аз чашм дур афтод. Он методҳои математикии ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, ки то ин вақт мавҷуд буданд, дар амал истифода намешуданд. Сабабҳои гуногун мавҷуд буданд. Мавҷуд будани зиддият оиди истифодабарии методҳои математикӣ дар тадқиқотҳои иқтисодӣ, кӯҳнапарастӣ (консерватизм) ва нарасидани мутахассисони баландихтисос яке аз сабабҳои субъективии он мебошанд.

Дар Ғарб бошад аз миёнаи солҳои 40 – уми асри XX сар карда раванди шиддатноки ҷори намудани математика дар иқтисодиёт ва ҳам дар соҳаи тадқиқотҳои иқтисодӣ суръат гирифт. Солҳои 60 – ум бошад тадбиқи математика дар иқтисодиёт соҳаи идоракунии корчалонӣ (бизнес) – ро фаро гирифт. Донишмандони машҳури Ғарб Д. Хикс, Р. Солоу, В. Леонтев, П. Самуэлсон С ва чанде дигарон барои рисолаҳои илмиашон, ки ба истифодаи аппарати математикӣ дар иқтисодиёт бахшида шуда буданд, сазовори ҷоизаи нобелӣ гардиданд. Дар Ғарб бошад байни ҳам вобастагии математика ва иқтисодиёт ба як ҳолати оддӣ табдил ёфт.

Иқтисодчӣ–математики муосири рус Л.В. Канторович қайд кардааст: «Фикронии иқтисодӣ бо фикронии математикӣ ҳамоҳангӣ дорад. Раванди такрористеҳсолкунии васеъ, баъд аз он, ки К. Маркс нақшаҳои баамалбарории худро ба расмият даровард, пурра равшан гардид. Ӯ нишон дод, ки асосҳои фаҳмиши илми иқтисодӣ анҷом ва мураттабиашро бо шарофати ба расмият даровардани он бо ёрии усулҳои математикӣ ба даст меорад» [1, с. 15].

Дар СССР ба тадбиқи аппарати математикӣ дар иқтисодиёт охири солҳои 50 – ум, баъд аз он ки НИЭИ Госплани СССР солҳои 1957 – 1958 ба коркарди тавозуни байнисоҳавӣ шурӯъ намуд, баргаштанд. Соли 1958 бо сарварии академик В.С. Немчинов Лабораторияи математикӣ-иқтисодии АУ СССР ташкил карда шуд, ки оиди коркарди тавозунҳои байнисоҳавии ноҳиявӣ корҳои тадқиқотӣ мебурданд. Дар баробари ин ба тайёр намудани мутахассисон оиди ин самт (иқтисодчӣ–математик) поя гузошта шуд.

Дар айни замон инкишофи макроиқтисод ва микроиқтисод ва фанҳои иқтисодиёти амалӣ ба дараҷаи баланди ташаккули онҳо алоқаманд аст. Ба ин раванд пешравӣ дар соҳаи математикаи амалӣ (барномасозии математикӣ, назарияи бозиҳо, омори математикӣ, назарияи хизматрасонии оммавӣ ва ғайра) асос гузоштааст. Инчунин пешравӣ дар соҳаи технологияи итиллоотӣ, ки имконияти коркард, нигоҳ доштан ва додани ахбороти калонро дорад, дар инкишофи макро – ва микроиқтисод нақши бениҳоят калонро мебозад.

Умумияти математика ва иқтисодиёт аз он иборат аст, ки онҳо бо объектҳои абстрактии дараҷаҳояшон хеле мушкил сару кор доранд. Ҳамаи формулаҳо абстрактӣ мебошанд. Равандҳои иқтисодӣ ва пайдоиши онҳо, муносибатҳои иқтисодӣ низ абстраксия (мавҳум) – и иқтисодӣ мебошанд, ки хусусияти фазогӣ надоранд. Ҳамин аст, ки иқтисодиёт заминаи серҳосил барои истифодаи математика гардидааст.

1. Системаҳои иқтисодӣ–иҷтимоӣ яке аз системаҳои хеле мушкил ба ҳисоб мераванд. Ба онҳо маҷмӯи таъсири байни ҳам мутақобили элементҳо, алоқаҳои байниҳамдигарии дохилӣ ва берунӣ, ки ҳолат ва рафтори онҳоро муайян мекунанд, номуайянӣ ва инкишоф, хусусиятҳои босифат хос аст. Равандҳои иқтисодӣ ва пайдоиши онҳо, ки ба сифати объектҳои омӯзишии иқтисодиёт ҳамчун илм амал мекунанд, абстрактӣ мебошанд. Идоракунии тамоми иқтисодиёт ва қисмҳои алоҳидаи он (соҳаҳо, корхонаҳо, комплексҳои байнисоҳавӣ) бо сабаби беандоза гуногуншаклии имконияти ҳалҳои истеҳсолӣ, ки дар сатҳои гуногун қабул карда мешаванд, бо душворӣ амалӣ мешаванд. Вобаста ба ин масъала саволҳои илман асосноккардашудаи ҷустуҷӯи ҳалҳои оптималӣ дар ҳолатҳои гуногуни иқтисодӣ, ки сифатнокии фаъолиятро баланд бардошта, дараҷаи хатарро паст мекунад, аҳамияти махсус пайдо мекунанд.

2. Дар иқтисодиёт методҳои дастрас намудани ахбороти навро, ки хоси дигар илмҳо мебошанд (эксперимент), истифода намудан мумкин нест. Бинобар ин бе истифодаи математика омӯзиши равандҳо, пайдоиш ва ҳолатҳои иқтисодӣ, ки ба ҷамъ овардани алоқаҳои объектҳои иқтисодӣ ва рафтори онҳо имкон дода, дар ин асос дастрас намудани ахбороти нав оиди сохти коркарди он мегардад, ғайриимкон аст. Ғайр аз ин, дар ҳамҷоягӣ дида баромадани шарти коркарди объект, сохти дохилии он, параметрҳои идоракунӣ, оқибати қарорҳои қабулшуда ва моделҳои математикӣ имконият медиҳанд, ки вариантҳои гуногуни ҳал ёфта шуда, ҳалли оптималии он ҷудо карда шавад ва гузаронидани таҷриба на дар ҳаёти реалӣ, балки бо моделҳои компютерӣ дида баромада шавад. Ин нишондодҳо сифати қарорҳои қабулшударо баланд бардошта, дараҷаи хатарро паст менамояд ва имконият медиҳанд, ки қонуниятҳои нави рафтор ва хосиятҳои объектҳои иқтисодӣ барқарор карда шаванд.

3. Дар иқтисодиёт ду намуди алоқаҳо – детерминиронӣ ва стохастикӣ мавҷуданд. Ҳангоми истифидаи моделҳои математикӣ инро бояд ҳатман ба назар гирифт.

Дар математика то ҳади имкон олотҳо барои дохил намудани алоқаҳои детерминиронӣ, ки дар иқтисодиёт кам истифода мешаванд, коркарди худро ёфтаанд. Аммо дар иқтисодиёт алоқаҳои стохастикӣ татбиқи васеъ доранд. Азбаски рафтори системаҳои микроиқтисодӣ ба ҳади имкон бо номуайяниҳояшон фарқ мекунанд, пас онҳо сохтани аппарати математикиро бо назардошти номуайяниҳо – омори математикӣ, назарияи бозиҳо, назарияи хизматрасонии оммавӣ, барномасозии стохастикӣ ва ғайра талаб мекунанд.

Равандҳои ҳаматарафа, якҷоякунӣ, интернатсионализатсиякунонӣ, ҷорӣ намудани технологияи нав, дифференсиронии талабот, баланд бардоштани турбулентнокии бозорҳои мол номуайяниҳоро дар рафтори системаҳои иқтисодӣ мушкил менамояд, дараҷаи хатарро баланд мебардорад, амалҳои лагҳои вақтиро пуршиддат менамояд. Ҳамаи ин дар иқтисодиёт ба заррурати истифодабарии аппарати математикии муосир, ки имконияти тавсиф намудани алоқаи стохастикиро дорад, оварда мерасонад.

Чӣ тавре, ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, математикаи классикӣ, ки алоқаи детерминиронӣ(функсионалӣ)–и ро меомӯзад, дар иқтисодиёт маҳдуд истифода мешавад. Моделҳои детерминиронӣ асосан дар микросатҳ (микроуровен): тавозуни байнисоҳавӣ ва модели баландшавии иқтисодӣ мавриди истифода қарор доранд. Чӣ хеле, ки дар боло қайд карда шуд, моделҳои детерминиронӣ дар микросатҳҳо алоқаи стохастикиро, ки зарурияти тадқиқот дар аппарати математикии махсус (назарияи эҳтимолият, таҳлили бисёрченакаи оморӣ, моделронии имитатсионӣ, назарияи бозиҳо ва ғайра) – ро дорад, соҳиб мешаванд. Дар

макро – ва микросатҳ ҳалли масъалаҳои тақсимоташон оптималии захираҳои маҳдуд ҳам дар шароити муайян ва ҳам дар шароити хатар талаб карда мешаванд. Ин дар назди математика масъалаи коркарди олотҳои математикии навро мегузорад.

4. Объектҳои иқтисодӣ объектҳои ташакулёфта ба ҳисоб мераванд. Ба онҳо самараҳои динамикӣ хос аст. Бинобар ин ҳангоми коркарди моделҳои динамикӣ муҳим аст, ки лагҳои вақтӣ ба инобат гирифта шаванд.

5. Ҳангоми истифодаи аппарати математикӣ дар тадқиқотҳо ва идоракунии иқтисодӣ худи объектҳо не, балки моделҳои математикии онҳо омӯхта мешаванд, ки якхелагии онҳоро баҳо додан хеле мушкил аст.

Дар раванди сохтани моделҳои математикӣ – иқтисодӣ мутобиқати дутарафаи ду системаи донишҳои илмӣ (иқтисодӣ ва математикӣ) амалӣ мегардад. Табиист, ки ин саъю кӯшиш баҳри ба даст овардани моделе мебошад, ки ба синфи хуб омӯхташудаи масъалаҳои математикӣ дохил аст. Ин ҳамчун қоида, бо роҳи содда намудани шартҳои пешакӣ имконпазир аст. Оиди ин масъала асосгузори мактаби иқтисодӣ-математикии шуравӣ, академик В.С. Немчинов навиштааст: «Ҳангоми тасвири ҳақиқати объективӣ, модел онро содда намуда, элементҳои дуюмдараҷа ва нодаркорро хориҷ мекунад. Аммо ин соддакунӣ ихтиёрӣ ва дағал буда наметавонад. Якхела будани ҳақиқати реалӣ – талаботи асосӣ барои ин модел мебошад... Дар раванди тадқиқотҳои илмӣ модел метавонад дар ду самт амал кунад – аз мушоҳидаи ҷаҳони реалӣ ба назария ва баръакс. Ҳамин тавр, сохтани моделҳо, аз як тараф, қадами муҳим дар офаридани назария ва аз тарафи дигар яке аз воситаҳои муҳими талқиқотҳои экспериметалӣ мебошад» [9, с. 160].

Байни иқтисодиёт ва математика алоқаи рост ва ҳам алоқаи баръакси он: сохтани аппарати нави математикӣ ва истифодаи он мавҷуд аст, ки он ба иқтисодиёт имконият медиҳад, ки масъалаҳои гузошташуда бо тарзи нав ҳал карда шаванд. Бо шарофати моделиронии математикӣ ба иқтисодчиён муяссар гардид, ки фаҳмиши назариявӣ ва амалиашонро оиди усулҳои мувофиққунонии масъалаҳои идоракунӣ аз рӯи якчанд критерияҳои оптималӣ, оиди шарти муқаррарот ҳам дар тадқиқотҳо ва ҳам дар амалияи идоракунӣ дар сатҳҳои гуногун васеъ намоянд.

Иқтисодиёт дар назди математика масъалаҳои нав ба нав гузошта, баҳри ҷустӯҷуи методҳои ҳалли онҳо ҳавасмандиро таъмин менамояд. Бояд қайд кард, ки дар шароити ҳозира талаботи иқтисодиёт ба аппарати нави математикӣ нисбат ба имконияти худи математика оиди коркарди онҳо пеш гузаштааст. Масалан, имконияти ҳалли масъалаҳои стохастикӣ, барномасозии ғайрихаттӣ ва ғайра хеле маҳдуд мебошанд. Ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ боиси пайдоиши самтҳои гуногун дар математикаи амалӣ – барномасозӣ, назарияи бозиҳо, шабакаҳои нейронӣ, хизматрасонии оммавӣ, таҳлили омории бисёрченака ва ғайра гардид. Дар навбати худ, дар пояи математика чунин методҳои махсуси тадқиқотҳои иқтисодӣ: шабакавӣ, тавозунӣ, таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ ва ғайра инкишоф меёбад.

Иқтисодчии рус, академик Н.Н. Моисеев навиштааст: «Иқтисодчӣ-тадқиқотчӣ, ки дар тадқиқотҳояш методҳои математикиро истифода намудан мехоҳад, пеш аз ҳама онро дарк кунад, ки дар математика ҷои аввалро ададҳою ҳисобкуниҳо не, балки воситаи таҳлили сифатнок ташкил медиҳад. Математика ин мактаб ва фарҳанги тафаккур аст. Математика барои пурра дарк намудани мақсад ёрӣ мерасонад, эҳтимолияти ба шохаҳо ҷудошавӣ (бифуркатсия) – ро огоҳ мекунад, мефаҳмонад, масалан, чӣ тавр амалҳои шахсҳои гуногун рафтори кооперативиро тавлид мекунанд, чӣ гуна раванди худташкилёбӣ ҷараён гирифта, сохторҳои устувор ба миён меоянд, чӣ тавр бесомонии табииро омӯхта, онро бартараф кардан мумкин аст» [3, с. 915].

Бо ақидаи академик Н.Н. Моисеев, модели математикӣ олотест, ки бевосита на барои эҳтиёҷоти амалӣ, балки ҳамчун воситаи дарккунӣ истифода мешавад. Моделҳои математикӣ, ки барои идоракунӣ муқаррар карда шудаанд, ҳамеша номуайяниҳои бисёреро ба миён меорад ва методҳои мувофиқи таҳлилии онҳо бояд ба ин мутобиқ бошанд[5].

Ҳамин тавр, иқтисодиёт ва математика ҳамеша дар алоқаи доимӣ мебошанд ва ҳамдигарро пурра мекунанд. Бо инкишофи технологияи итиллоотӣ ин муносибати дутарафа

аз соҳаи тадқиқоти иқтисодӣ ба хоҷагидории ҳақиқии идоракунии корчалонии муосир табдил ёфт.

Дар ҷараёни васеъ истифода намудани математика дар идоракунии корчалонӣ як қатор душвориҳо дучор меоянд, ки боиси мамонияти истфодабарии моделҳои коркардашудаи математикӣ дар идоракунӣ мегарданд.

Душвории аввал – набудан ва ё беэътимодии итиллоот; дуюм – бисёромилӣ, гуногуншаклии объектҳо, шаклҳои ташкилӣ ва ғайра; сеюм – инсон, шахси асосии амалкунанда дар ҳамаи равандҳое, ки дар ҷамъият ба вуқуъ меояд. Инсон дар иқтисодиёт истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи ҳамаи неъматҳо мебошад. Мақсад, ҷасорат ва имконияти ӯ ба ҳолат ва рафтори системаҳои иқтисодӣ таъсири калон мерасонад.

Дониши методҳои математикӣ яке аз қисматҳои асосии ташаккули дониши касбии мутахассисон дар соҳаи иқтисодиёт ва идоракунӣ мегардад. Ин мутахассисон дар ҳақиқат истифодабарандаи он олотҳои таҳлилие мебошанд, ки аз коркарди математикӣ гузаштаанд. Пас, онҳо математикаро на ҳамчун математик, балки ҳамчун иқтисодчӣ–математик меомӯзанд. Масалан, онҳо бояд донанд, ки мафҳумҳои математикӣ: вектор, матритса, функсия, ҳосила, интеграл, муодилаҳои дифференсиалӣ ва ғайра дар ҳалли кадом масъалахои иқтисодӣ истифода мешаванд. Дониши истифодабаранда оиди чӣ гуна ин формулаи математикӣ ҳосил шудааст аҳамияти муҳим надорад. Муҳимаш он аст, ки ин формула кай ва дар кадом ҳолат дар иқтисодиёт истифода мешавад.

Инчунин, татбиқи васеъи компютер дар коркарди математикии итиллоот аз мактабҳои олии равияи иқтисодидошта дар таълими математика муносибати навро талаб мекунад.

Ба андешаи мо, дар шароити ҳозира бо сабаби баланд шудани нақши математика дар иқтисодиёт ва пайдо шудани технологияи нави коркарди математикии итиллоот зарурияти аз нав дида баромадани барномаҳои таълимӣ дар курсҳои математика (математикаи олӣ, назарияи эҳтимолият, математика дар иқтисодиёт, омори математикӣ, математикаи молиявӣ, методҳои математикӣ ва ғайра) ва технологияи итиллоотӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Хулоса, барои ин ду илми гуногун – математика ва иқтисодиёт мутақобилагии зич хос аст. Тағйирёбии бошиддат дар фаъолияти соҳибкорӣ дар асри XX1, инкишофи босуръати технологияи зеҳнӣ, тадриҷан гузаштан аз иқтисодиёти “молӣ” ба иқтисодиёти илмӣ, ин муносибатро боз ҳам мустаҳкамтар менамояд.

Татбиқи математикаи муосир дар тадқиқоҳои иқтисодӣ, ки имконият медиҳад гузаштаро фаҳмонем, ояндаро дарк кунем ва ба натиҷаи кори худ баҳои дуруст дода тавонем, аз мо қӯшиши зиёд ва донишҳои нави фундаменталиро талаб мекунад, ки тадқиқотҳои иқтисодӣ ба он ниёзи калон доранд.

АДАБИЁТ

1. Канторович Л.В. Вводная лекция / Л.В. Канторович // ЭКО. 1988. № 1.
2. Канторович Л.В. Оптимальные решения в экономике /Л.В. Канторович А.Б. Горстко. – М.: Наука, 1972.
3. Канторович Л.В. О состоянии и задачах экономической науки / Л.В. Канторович // Экономика и математические методы. 1990. Т. 26, вып. 1.
4. Крылов А.И. Мои воспоминания / А.И. Крылов. – М.: Л., 1942.
5. Круглый стол редакции: Развитие экономико – математических методов: итоги, проблемы, перспективы // Экономика и математические методы. 1987. Т. 23, вып. 5.
6. Кабиров А.Т., Саидов Б.Б. Азнавсозии системаи таълими математикаи мактабӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ // Маводи конференсияи илмӣ–амалии донишкадавӣ дар мавзӯи «Нақши математика дар иқтисодиёт», 31.03.2016, ДМИТ. Саҳ. 25 – 31.
7. Кабиров А.Т.,Иноятов Ф.А. Моделҳо ва методҳои иқтисодӣ-математикӣ дар таҳлили иқтисодӣ // Маводи конференсияи илмӣ–амалии донишкадавӣ дар мавзӯи «Нақши математика дар иқтисодиёт», 30.03.2017, ДМИТ. Саҳ. 12 – 22.
8. Макаров В.Л. Экономическое моделирование и его роль в теории и практике / В. Л. Макаров // Экономика и математические методы. 1990. Т. 26, вып. 1.
9. Немчинов В.С. Избранные произведения. Т. 3 / В.С. Немчинов. – М.: Наука, 1969.

ОМИЛҲОИ ТАЪМИНИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ШИРКАТҲО ДАР ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Рауфова Шоира Муҳаммадшейховна - муаллими калони кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд, вилояти Суғд)

Ғафурова Фарзона Воҳидовна - ассистенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд, вилояти Суғд)

Зиёев Муйдинҷон Маъруфҷонович - ассистенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд, вилояти Суғд)

Дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ рақобатпазирии ширкатҳо ба тағйироти назаррас дучор мегардад. Иқтисоди рақамӣ, аз як тараф, имкониятҳои нави рушди тиҷоратро фароҳам меорад ва аз тарафи дигар барои фаъолияти ширкатҳо талаботи нав ба миён мегузорад. Дар мақолаи мазкур усулҳои муосири таҳлили рақобатпазирии ширкатҳо дар муҳити иқтисоди рақамӣ, инчунин омилҳое, ки ба муваффақияти онҳо дар бозор таъсир мерасонанд, баррасӣ карда мешаванд. Дар раванди таҳқиқот таҳлили адабиёти илмии муҳаққиқони соҳаи иқтисодиёт ва идоракунӣ анҷом дода шудааст. Ба нақши рақамисозӣ дар баланд бардоштани самаранокии равандҳои тиҷоратӣ ва беҳтар гардидани ҳамкорӣ бо истеъмолкунандагон диққати махсус дода мешавад. Дар асоси натиҷаҳои таҳлил самтҳои асосии таҳкими рақобатпазирии ширкатҳо дар шароити табдили рақамӣ муайян карда шуда, як қатор тавсияҳои амалӣ пешниҳод мегарданд.

Калидвожаҳо: иқтисоди рақамӣ, рақобатпазирӣ, ширкат, рақамисозӣ, инноватсия, равандҳои тиҷоратӣ, бозор.

ФАКТОРЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ КОМПАНИЙ В ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ

Рауфова Шоира Мухаммадшейховна - старший преподаватель кафедры экономики предприятий и региона Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (Республика Таджикистан, Худжанд, Согдийская область)

Гафурова Фарзона Вохидовна - ассистент кафедры финансов и кредита Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (Республика Таджикистан, Худжанд, Согдийская область)

Зиёев Муйдинджон Маъруфджонович - ассистент кафедры экономики предприятий и региона Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (Республика Таджикистан, Худжанд, Согдийская область)

В условиях стремительного развития цифровых технологий конкурентоспособность фирм претерпевает значительные изменения. Цифровая экономика создаёт новые возможности и одновременно предъявляет новые требования к предприятиям. В данной статье рассматриваются современные подходы к анализу конкурентоспособности компаний в цифровой среде, а также факторы, влияющие на их успешность на рынке. Проведен краткий библиографический анализ мнений ведущих исследователей в области экономики и управления. Особое внимание уделено роли цифровизации в повышении эффективности бизнес-процессов и улучшении взаимодействия с потребителями. В основной части представлена таблица, отражающая ключевые показатели конкурентоспособности в цифровой экономике. В заключении сформулированы выводы и рекомендации для компаний, стремящихся укрепить свои позиции в условиях цифровой трансформации.

Ключевые слова: цифровая экономика, конкурентоспособность, фирма, цифровизация, бизнес-процессы, инновации, рынок.

FACTORS OF ENSURING THE COMPETITIVENESS OF COMPANIES IN THE DIGITAL ECONOMY

Raufova Shoira Muhammadsheikhovna - senior lecturer, department of enterprise and regional economics Tajik State University of Law, Business and Politics (Republic of Tajikistan, Khujand, Sughd region)

Gafurova Farzona Vohidovna - assistant lecturer, department of Finance and credit Tajik State University of Law, Business and Politics (Republic of Tajikistan, Khujand, Sughd region)

Ziyoev Muidinjon Marufjonovich - assistant lecturer, department of enterprise and regional economics Tajik State University of Law, Business and Politics (Republic of Tajikistan, Khujand, Sughd region)

In the context of rapid development of digital technologies, the competitiveness of firms undergoes significant changes. The digital economy creates new opportunities while simultaneously imposing new demands on enterprises. This article examines modern approaches to analyzing the competitiveness of companies in a digital environment, as well as factors influencing their market success. A brief bibliographic analysis of leading researchers' opinions in the field of economics and management is conducted. Special attention is paid to the role of digitalization in enhancing business process efficiency and improving consumer interaction. The main part presents a table reflecting key competitiveness indicators in the digital economy. Conclusions and recommendations are formulated for companies aiming to strengthen their positions amid digital transformation.

Keywords: digital economy, competitiveness, firm, digitalization, business processes, innovation, market.

Имрӯз моро зарур аст, ки раванди идоракунии давлатиро бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ба роҳ монда, таъсири омили инсониро дар тамоми соҳаҳо ва ҳама гуна муносибатҳои молиявӣ коҳиш диҳем

(Эмомалӣ Раҳмон)

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба марҳилаи нави рушд - иқтисоди рақамӣ ворид гардидааст. Ин раванд ба тамоми соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ таъсири амиқ расонида, тарзи ташкил ва идоракунии фаъолияти ширкатҳоро тағйир медиҳад. Технологияҳои рақамӣ имрӯз ба ҷузъи ҷудонашавандаи равандҳои тиҷоратӣ табдил ёфта, ба стратегияи рушд ва фаъолияти амалиётии ширкатҳо таъсири назаррас мерасонанд.

Дар чунин шароит нигоҳ доштан ва таҳкими рақобатпазирии ширкатҳо ба яке аз масъалаҳои муҳими рушди иқтисодӣ табдил ёфтааст. Ширкатҳое, ки мехоҳанд мавқеи худро дар бозор нигоҳ доранд, бояд ба шароити нави иқтисодӣ мутобиқ гардида, технологияҳои инноватсионӣ ҷорӣ намоянд ва моделҳои анъанавии тиҷоратиро такмил диҳанд.

Пешвои миллат таъкид карданд, ки рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва дастгирии бахши хусусӣ бояд ҳамчун омилҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирии ширкатҳо ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ ба роҳ монда шаванд. Ин масъала барои баланд бардоштани қобилияти ширкатҳо дар бозори рақамӣ ва ҳамзамон тақвияти рақобатпазирии миллӣ муҳим мебошад.

Ҷадвали 1. Омилҳои асосии рақобатпазирии ширкатҳо дар иқтисоди рақамӣ

№	Омил	Тавсифи мухтасар
1.	Инноватсия	Ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва рушди маҳсулоти рақобатпазир
2.	Рақамисозии равандҳо	Истифодаи технологияҳои рақамӣ барои оптимизатсияи равандҳои тиҷоратӣ
3.	Сармояи инсонӣ	Баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои рақамии кормандон
4.	Чандирии идоракунӣ	Қобилияти зуд мутобиқ шудан ба тағйироти бозор
5.	Тамаркуз ба истеъмолкунанда	Қонеъ гардонидани талаботи муштариён тавассути хизматрасониҳои рақамӣ

6.	Амнияти киберӣ	Ҳифзи маълумот ва таъмини бехатарии иттилоот

Иқтисоди рақамӣ барои рушди тиҷорат имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Аз ҷумла, истифодаи технологияҳои рақамӣ метавонад ба автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ, баланд гардидани самаранокии фаъолияти ширкатҳо ва ташкили каналҳои нави ҳамкорӣ бо муштариён мусоидат намояд. Дар баробари ин, рушди иқтисоди рақамӣ бо як қатор мушкилот ва хатарҳо низ ҳамроҳ мебошад, аз ҷумла афзоиши рақобати бозорӣ, масъалаҳои амнияти киберӣ ва зарурати навсозии доимии технологияҳои истифодашаванда.

Дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ рақобатпазирии ширкатҳо пеш аз ҳама аз қобилияти онҳо барои истифодаи самараноки технологияҳо ва механизмҳои рақамӣ вобаста мебошад. Ин раванд на танҳо ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафтаро дар бар мегирад, балки инчунин рушди фарҳанги рақамӣ дар дохили ташкилот, баланд бардоштани сатҳи тахассуси кормандон ва ташкили сохтори идоракунии чандирро талаб мекунад.

Аҳамияти тадқиқоти мазкур дар зарурати муайян намудани механизмҳое ифода меёбад, ки ба баланд гардидани рақобатпазирии ширкатҳо дар иқтисоди рақамӣ мусоидат мекунанд. Гарчанде ки дар ин самт тадқиқоти зиёде анҷом дода шудааст, масъалаи мутобиқшавии ширкатҳо ба шароити рақамисозии иқтисодӣ ҳанӯз ҳам ба таҳқиқоти иловагӣ ниёз дорад. Аз ин рӯ, таҳлили равишҳои назариявии мавҷуда ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои рушди ширкатҳо аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Ҳадафи асосии мақолаи мазкур омӯзиши омилҳое мебошад, ки ба рақобатпазирии ширкатҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ таъсир мерасонанд, инчунин муайян намудани самтҳои асосии рушди онҳо мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф ҷанбаҳои назариявии рақобатпазирӣ дар муҳити рақамӣ баррасӣ гардида, андешаҳои муҳаққиқони гуногун таҳлил карда мешаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити иқтисоди рақамӣ омилҳои анъанавии рақобатпазирӣ таҳти таъсири технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ тағйир меёбанд. Ширкатҳо барои мутобиқ шудан ба шароити нави бозор маҷбур мешаванд моделҳои тиҷоратии худро такмил дода, равандҳои идоракунии худро ба талаботи иқтисоди рақамӣ мутобиқ намоянд [2, 143].

Инноватсия ва технологияҳо ҳамчун яке аз омилҳои асосии бартарии рақобатпазирӣ баромад мекунанд. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ширкатҳое, ки қарорҳои рақамиро фаъолона ҷорӣ менамоянд, метавонанд ба тағйироти бозор зуд мутобиқ гардида, маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазир пешниҳод намоянд. Дар айни замон табдили рақамӣ на танҳо навсозии технологӣ, балки тағйироти амиқро дар фарҳанги ташкилотӣ ва равандҳои идоракунии корпоративӣ низ дар бар мегирад [3, 81].

Фасеҳӣ ва қобилияти мутобиқшавӣ ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки дар шароити тағйирёбандаи бозори рақамӣ самаранок фаъолият намоянд. Дар чунин муҳит таҳияи стратегияҳои рушди динамикӣ дар асоси таҳлили маълумот аҳамияти махсус пайдо мекунад. Ҳамзамон сармояи инсонӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳими таъмини рақобатпазирӣ арзёбӣ гардида, зарурати рушди малакаҳои рақамии кормандон таъкид карда мешавад.

Истифодаи технологияҳои рақамӣ метавонад равандҳои тиҷоратиро оптимизатсия намуда, самаранокии фаъолияти ширкатҳоро баланд бардорад ва хароҷоти истеҳсолиро коҳиш диҳад [3, 82]. Автоматикунонии равандҳо ва истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ имкон медиҳад амалиёт суръат гирифта, сифати маҳсулот ва хизматрасониҳо беҳтар гардад.

Бо вуҷуди бартариҳои зиёди иқтисоди рақамӣ, як қатор хатарҳо низ мавҷуданд. Аз ҷумла масъалаҳои амнияти киберӣ, ҳифзи маълумот ва афзоиши рақобати бозорӣ метавонанд барои фаъолияти ширкатҳо мушкилоти ҷиддӣ ба вуҷуд оварад.

Яъне иқтисоди рақамӣ муҳити рақобатро ба таври назаррас тағйир дода, барои ширкатҳо имкониятҳо ва ҳамзамон мушкилоти нав фароҳам меорад. Барои нигоҳ доштан ва таҳкими рақобатпазирии худ ширкатҳо бояд технологияҳои инноватсионӣ ҷорӣ намуда, моделҳои тиҷоратии худро такмил диҳанд ва қобилиятҳои рақамии кормандонро рушд диҳанд [4, 36].

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки омилҳои асосии рақобатпазирӣ дар иқтисоди рақамӣ инноватсия, чандирии идоракунӣ, тамаркуз ба талаботи истеъмолкунандагон ва

таъмини амнияти киберӣ мебошанд. Ширкатҳое, ки метавонанд технологияҳои рақамиро ба фаъолияти худ самаранок ворид намоянд, имконияти бештар барои муваффақият дар бозори рақамӣ доранд.

Дар ин замина диққати махсус бояд ба рушди сармояи инсонӣ, сармоягузорӣ ба маориф ва такмили ихтисоси кормандон дода шавад. Илова бар ин, рушди ҳамкорӣ ва иштирок дар экосистемаҳои рақамӣ метавонад имкониятҳои ширкатҳоро васеъ намояд.

Ҳамин тариқ, иқтисоди рақамӣ муҳити рақобатро ба таври назаррас тағйир дода, барои ширкатҳо имкониятҳо ва ҳамзамон мушкилоти нав фароҳам меорад. Барои нигоҳ доштан ва таҳкими рақобатпазирии худ ширкатҳо бояд:

- технологияҳои рақамӣ ва инноватсияро ҷорӣ кунанд;
- моделҳои тиҷоратиро мутобиқ намоянд;
- сармояи инсонӣ ва малакаҳои рақамии кормандонро рушд диҳанд;
- дар экосистемаҳои рақамӣ фаъолона ҳамкорӣ кунанд.

Ин амалҳо бо таъкидҳои Пешвои миллат дар Паёми охирин мувофиқ буда, барои баланд бардоштани рақобатпазирии ширкатҳо ва рушди устувори иқтисоди рақамӣ аҳамияти стратегӣ доранд.

Адабиёт

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат: шаҳри Душанбе аз 16.12.2025
2. Анимица Е.Г. Развитие парадигмальных идей в отечественной региональной экономике / Е. Г. Анимица, В. С. Антонюк, Т. А. Балина [и др.]; Уральский государственный экономический университет. - Екатеринбург : Уральский государственный экономический университет, 2022. -346 с. - ISBN 978-5-9656-0327-5. - EDN ITPIVT.
3. Гончарова М.Н. Методология анализа конкурентоспособности фирмы в современных условиях рыночной экономики / М. Н. Гончарова, Е. В. Соколова, А. Я. Шатрова [и др.] // Экономика и бизнес: теория и практика. – 2022. - № 11-2(93). - С. 166-170. - DOI 10.24412/2411-0450-2022-11-2-166-170. - EDN DVRODB.
4. Еленева Ю.Я. Развитие цифровой экономики как условие повышения конкурентоспособности предприятия / Ю. Я. Еленева, Т. Б. Малкова, В. Н. Андреев [и др.] // Российский экономический интернет-журнал. -2022. - № 4. - EDN JQBXDT.
5. Караева, Ф. Е. Финансовые риски организациии их содержание / Ф. Е. Караева, В. В. Калицкая // Наука, образование и бизнес: новый взгляд или стратегия интеграционного взаимодействия : Сборник научных трудов по материалам III Международной научно-практической конференции, посвященной памяти первого Президента Кабардино-Балкарской Республики Валерия Мухамедовича Кокова, Нальчик, 18-20 октября 2023 года. - Нальчик: Кабардино-Балкарский государственный аграрный университет им. В.М. Кокова, 2023. – С. 333-336. - EDN SGCMRH.
6. Коробов, Ю. И. Конкуренция на финансовых рынках в условиях цифровизации экономики / Ю. И. Коробов // Экономическая безопасность и качество. – 2019. – № 3(36). – С. 11-13. -EDN ESDPOH.
7. Лобанова, З. И. Развитие цифрового предпринимательства как фактор повышения конкурентоспособности фирмы / З. И. Лобанова // Вестник Хабаровского государственного университета экономики и права. - 2019. - № 3(101). - С. 52-58. – EDN ELUVBC.
8. Надегин, Д. Н. Проблемы конкуренции в цифровой экономике / Д. Н. Надегин // Актуальные проблемы и перспективы развития экономики: российский и зарубежный опыт. - 2019. - № 21. - С. 74-77. - EDN ZCIFGP.
9. Наумов, Д. И. Социальный фактор цифровой конкурентоспособности национальной экономики / Д. И. Наумов, А. С. Тураев // Современные средства связи. - 2022. - Т. 1, № 1. – С. 244-246. - EDN HZZIQR.
10. Селиверстов, Ю. И. Влияние цифровой экономики на конкурентную среду: возможности и риски / Ю. И. Селиверстов // Белгородский экономический вестник. - 2022. - № 3(107). - С. 3-10. - EDN BYICGG.
11. Титовец, А. Ю. Анализ международных методик реакции региональной экономической системы на процесс информатизации / А. Ю. Титовец, М. Н. Гончарова // Наука и бизнес: пути развития. - 2023. - № 12(150). - С. 219-223. - EDN GFGHMM.
12. Фадеев, В. В. Анализ конкурентоспособности рабочей силы в условиях цифровизации экономики / В. В. Фадеев // Наука и образование транспорту. - 2023. - № 2. - С. 334-337. - EDN SCXEGJ.

СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ ЖКХ В НАЦИОНАЛЬНОЙ СИСТЕМЕ ХОЗЯЙСТВОВАНИЯ

Исмоилова Сабохат Абдурахимовна – Таджикско государственный финансово-экономический университет, к.э.н., старший преподаватель кафедры экономической теории Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова 64/14, 734067. Тел.: 918 51 26 75. e-mail. sabosh_2@mail.ru

Рофизода Саидбек Хасан - старший преподаватель кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе, Сино, Мухамадиева 16/4. Телефон: 93-523-06-66. Электронная почта: Saidbek.rofizoda@mail.ru

В статье анализируется социально-экономическая значимость жилищно-коммунального хозяйства, а также финансовое состояние организаций и система управления их финансовой деятельностью, от качества которой напрямую зависит эффективность функционирования предприятий отрасли. В этой связи особую актуальность приобретает проведение своевременного и всестороннего анализа финансовой деятельности с применением современных и результативных методов, что выступает одним из ключевых направлений совершенствования организации и управления финансами предприятий ЖКХ.

Ключевые слова: финансы, предприятия, жилищно-коммунальное хозяйство, коэффициентный подход, доход, дебиторская задолженность, коэффициент ликвидности, эффективность.

HOUSING AND PUBLIC UTILITIES AS A KEY ELEMENT OF THE STATE'S SOCIO-ECONOMIC INFRASTRUCTURE

Ismoilova Sabohat Abdurahimovna - Tajik state university of finance and economics. Ph.D. senior lecture of the economy theory department, Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14, E-mail: sabosh_2@mail.ru, tel:+992918512675

Rofizoda Saidbek Hasan - Lecturer in Department of Economic Theory, Tajik State University of Finance and Economics. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sino, Mukhamadiyev 16/4. Phone: 93-523-06-66. E-mail: Saidbek.rofizoda@mail.ru

The article examines the socio-economic significance of housing and communal services, as well as the financial condition of organizations and the system of financial management, the quality of which directly affects the efficiency of enterprises in this sector. In this regard, the timely and comprehensive analysis of financial activities using modern and effective methods becomes particularly relevant and serves as one of the key directions for improving the organization and management of financial activities of housing and public utilities enterprises.

Keywords: finance, enterprises, housing and communal services, coefficient approach, income, accounts receivable, liquidity ratio, efficiency**.**

ХОҶАГИИ МАНЗИЛИЮ КОММУНАЛӢ ҲАМЧУН УНСУРИ КАЛИДИИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ

Исмоилова Сабоҳат Абдураҳимовна- Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, н.и.и., маллими калони кафедраи назарияи иқтисодӣ. Суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Наҳимов, 64/14, e-mail. sabosh_2@mail.ru Тел.: 918 51 26 75.

Рофизода Саидбек Ҳасан - муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодии донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, Сино, Муҳамадиев 16/4. Телефон: 93-523-06-66. E-mail: Saidbek.rofizoda@mail.ru

Дар мақола аҳамияти иҷтимоию иқтисодии хоҷагии манзилию коммуналӣ, инчунин вазъи молиявии ташкилотҳо ва низоми идоракунии фаъолияти молиявии онҳо баррасӣ мегардад, ки сифати он ба самаранокии фаъолияти корхонаҳои соҳа бевосита таъсир мерасонад. Дар ин замина, гузаронидани таҳлили саривақтӣ ва ҳамаҷонибаи фаъолияти молиявӣ бо истифода аз усулҳои муосир ва самаранок аҳамияти махсус касб намуда, яке аз самтҳои асосии такмили низоми ташкил ва идоракунии фаъолияти молиявии корхонаҳои хоҷагии манзилию коммуналӣ ба ҳисоб меравад.

Калимаҳои асосӣ: молия, корхонаҳо, хоҷагии манзилию коммуналӣ, усули коэффитсиент, даромад, қарзи дебиторӣ, таносуби пардохтпазирӣ, самаранокӣ.

В условиях Республики Таджикистан, когда обеспечение достойных условий жизни для населения выступает в качестве главной цели всех социально-экономических реформ, развитие сферы ЖКХ выступает в качестве базового элемента реализации прав граждан на достойную жизнь. Но, современные реалии показывают, что данная сфера характеризуется повышенной энергоёмкостью, неэффективной тарифной политикой, монопольным положением предприятий ЖКХ, несоответствием экологическим стандартам в процессе производства и предоставления жилищно-коммунальных услуг, низкой эффективностью финансово-хозяйственной деятельности. Наряду с этим, недостаточное финансирование ЖКХ и рост задолженности предприятий отрасли, отсутствие платежной дисциплины и прозрачности в системы выставления счетов на коммунальные услуги привели к снижению эффективности хозяйствования и снижению качество услуг данной сферы.

В Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030г. и Программы среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2021-2025гг. вопросам развития ЖКХ уделяется особое внимание. Развитие данной сферы и расширение доступа населения к услугам предприятий ЖКХ включены в каждом блоке намеченных реформ, определены перспективы реформирования ЖКХ на основе децентрализации, реформировании механизмов финансирования, системы управления финансовой деятельности предприятий сферы ЖКХ, развитие государственно-частного партнёрства, а также совершенствование менеджмента в данной сфере. Все это, подчеркивает необходимость теоретического обоснования и разработки практических рекомендаций по построению эффективной модели финансирования развития предприятий ЖКХ, так как только на этой основе возможно формирование новой политики финансового обеспечения, развитие инвестиционной и инновационной деятельности, повышение качество услуг и их доступности.

Глобальной целью государственной политики социально-экономического развития Республики Таджикистан на среднесрочную и долгосрочную периоды является создание условий для достойной жизни населения. В данном контексте проблемы стабилизации и улучшения качества жизни населения становятся ключевыми задачами реформирования социально-экономической системы. Нам представляется, что от решения существующих проблем во многом зависит направленность и темпы дальнейших преобразований в социально-экономической сфере Республики Таджикистан. Следует отметить, что создание условий для достойной жизни в каждом обществе, в частности, зависит от сфер, которые оказывают социально-значимые услуги, к которым относится прежде всего ЖКХ. Но, на современном этапе развития ЖКХ не отвечает предъявляемым требованиям, что актуализирует вопросы финансового обеспечения предприятий ЖКХ.

Главным вопросом в развитии ЖКХ остается нехватка собственных средств и недостаточное бюджетное финансирование, отсутствие действенного механизма привлечения внебюджетных средств не позволяет своевременно решит задачи технического перевооружения предприятия и организаций ЖКХ, а также развитию коммунальной инфраструктуры. До сих пор в отрасли не налажена эффективное сотрудничество с частными инвесторами, международными финансовыми учреждениями и донорскими организациями. Анализ теории и практики формирования и развития социально-экономических и институциональных отношений в ЖКХ показал, что на современном этапе, несмотря на многочисленные исследования, однозначность в понимании ЖКХ отсутствует. Существующие точки зрения можно условно разделить на две группы: первая группа ученых рассматривают ЖКХ как совокупность предприятий, которые относятся к коммунальной собственности. Вторая группа к ЖКХ относят не только предприятия, которые относятся к коммунальной собственности, но и комплекс предприятий, которые расположены на определенной территории, вне зависимости от формы собственности заняты в данной сфере.

Для ЖКХ Республики Таджикистан характерны отсутствие значимых результатов реформ, высокий износ основных фондов, ограниченная инвестиционная привлекательность, низкое качество услуг ЖКХ, что не соответствует потребностям потребителей и техническим стандартам в современных условиях. Необоснованность и затягивание в реформировании ЖКХ приводит к обострению и без того крайне кризисной ситуации в нем, которая характеризуется сложными рыночными преобразованиями, коррупцией, ухудшением финансового и имущественного положения предприятий и организаций ЖКХ, неразвитостью гражданско-правовых механизмов ответственности за качество, предоставляемых услуг.

В нынешних условиях социально экономические ориентиры развития экономики Республики Таджикистан подчеркивают необходимость поиска новых источников финансового обеспечения развития предприятий сферы ЖКХ. Практика показывает, что финансовые ресурсы и устойчивость финансового состояния предприятия сферы ЖКХ выступают системообразующим фактором конструктивного функционирования и устойчивого развития предприятий и организация данной сферы национальной экономики Республики Таджикистан. В диссертации отмечается, что в системе мер по финансовому обеспечению предприятий и организаций различных сфер и отраслей главный акцент делается на самодостаточность самого хозяйствующего субъекта. Поиск новых источников финансирования отрасли в процессе ее реформирования требует изменения правил поведения, осознание личной ответственности и личного финансового участия в развитии ЖКХ, предопределяет и институциональные изменения в экономике, в частности на местном уровне, и появление новых институтов.

Доказано, что специфика деятельности и функционирования ЖКХ предопределяет и специфику организации их финансов и особенностей финансирования отрасли. Предприятиям ЖКХ присущи свои особенности хозяйственного расчета и организации финансов, формирования основного и оборотного капитала, доходов и расходов, осуществления финансовой деятельности. Прежде всего, можно выделить следующие главные специфические моменты в организации финансов предприятий ЖКХ Республики Таджикистан. Первая особенность заключается в том, что в настоящее время пока не удалось кардинально изменить финансовый механизм функционирования ЖКХ. В течение десятков лет плата за жилье только частично покрывала стоимость этих услуг и сегодня в условиях низких доходов большей части населения кардинально изменить тарифную политику. Иными словами, действующий механизм финансирования предприятий и организаций ЖКХ не обеспечивает не только расширенного, но и простого воспроизводства, а следовательно - полноценной реализации принципа хозяйственного расчета. Второе особенность заключается в своеобразии взаимоотношений между хозяйствующими субъектами ЖКХ и бюджетом. Так, сегодня средства государственного и местных бюджетов выступают основным источником финансовых ресурсов предприятий ЖКХ.

Доказано, что сложное финансовое состояние предприятий ЖКХ обусловлен недостаточностью финансовых ресурсов. Сегодня львиную долю среди источников финансирования предприятий ЖКХ занимают собственные финансовые ресурсы и бюджетное финансирование, объем которых очень ограничен. Увеличение объема собственного капитала возможно путем разработки и применения особого механизма организации и управления финансами предприятий ЖКХ. В данном контексте особое внимание следует уделить использованию привлеченных и заемных финансовых ресурсов в сфере ЖКХ.

В связи с этим, на современном этапе развития с целью повышения эффективности финансовой деятельности предприятий и организаций ЖКХ необходимо совершенствовать методику финансового анализа и повысить прозрачность и эффективность управления финансовыми ресурсами. В данном направлении необходимо учесть особенности предприятий и организаций ЖКХ, так как состав и структура доходов, а также источники финансирования их деятельности отличается от других форм предприятий. Например, важной спецификой является активное государственное регулирования и финансирование отрасли. Исходя из этого, при разработке методики оценки финансового состояния предприятий и организаций ЖКХ необходимо, чтобы они отвечали следующим требованиям: финансовые коэффициенты должны быть максимально прозрачными, информативными и точными; они должны исходит из бухгалтерской отчетности и соответствовать международным стандартам бухгалтерского учета; на их основе можно было проводить оценку деятельности предприятий ЖКХ во времени и в пространстве.

В условиях рыночной неопределенности и сильного влияния негативных факторов финансовый анализ дает количественную оценку и исследует взаимосвязи в базовой финансовой отчетности. Практика современных предприятий показывает, что финансовые менеджеры используют доступные инструменты и методы для своего анализа, которые разделяются на такие формы анализа как горизонтальный, вертикальный, анализ основных финансовых показателей, анализ чистого оборотного капитала и анализ левериджа, т.е. соотношение заёмного капитала и собственного капитала. В условиях Республики Таджикистан наряду с применением коэффициентного подхода, на наш взгляд, важное значение имеет применение факторного

анализа. Применение данного метода позволяет определить степень влияния отдельных факторов на результативные показатели.

Рассмотрев основные инструменты финансового обеспечения и финансового анализа развития предприятий ЖКХ, в условиях дефицита собственных средств и ограниченного бюджетного финансирования актуальным вопросом является определение альтернативных источников инвестиционного обеспечения развития предприятий данной сферы. В связи с использованием рассмотренных инструментов финансирования, учитывающие альтернативные варианты финансирования предприятий ЖКХ создаст предпосылки для инновационно-технологического обновления материально-технической базы, повышения качества услуг и выхода предприятий из финансового кризиса.

Литература

1. Саидмуродов Л.Х., Мукаддасзода Ф.М. Концептуальные подходы и теоретические основы государственночастного партнерства в сфере рыночных услуг//Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. 2017. № 1 (70). С. 18.

2. Комилов С. Дж. Вопросы развития сферы жилищно-коммунального хозяйства на основе государственно-частного партнерства / С Дж. Комилов, С.С Джураева. // Таджикистан и современный мир: актуальный проблемы развития инновационной экономики. Материалы шестой международной конференции 20-21 июня 2018г. ТГУК. Душанбе, 2018. – С. 265-268.

3. Программа развития жилищно-коммунального хозяйства Республики Таджикистан на период 2014-2018 годов, утверждена Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 1 августа 2014 года, № 506.

4. Синельников Т.Т. Государственно-частное партнерство как инструмент эффективного регулирования деятельности предприятий сферы ЖКХ//Управление экономическими системами: электронный научный журнал. 2013. № 11 (59). С. 89.

5. Исмоилова С.А. Некоторые вопросы финансового анализа деятельности предприятий жилищно-коммунального хозяйства / С.А. Исмоилова // Финансово-экономический вестник. “ 2022. - №1 (30). - С.39-46

6. Официального сайта Федерального информационного портала «ГЧП инфо» инфраструктура и ГЧП в России (http://www.pppi.ru).

7. Кирничный В.Ю., Лочан С.А. Программно-целевое управление инновациями в сфере ЖКХ//Экономика образования. 2012. № 3 (70). С. 111.

8. Шодиева З.Н. Рыночные механизмы развития конкуренции в сфере жилищно-коммунальных услуг//В сборнике: Финансы, налоги и учет в странах дальнего и ближнего зарубежья: инновационные решения. сборник научных трудов по материалам Международной научно-практической конференции. 2017. С. 62.

КОНКУРЕНТНЫЕ ПРЕИМУЩЕСТВА ТУРИСТИЧЕСКОЙ ОТРАСЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ И ЦИФРОВЫХ ИЗМЕНЕНИЙ

Камышева Алена Олимовна - «Международный Университет туризма и предпринимательства Таджикистана» старший преподаватель кафедры туризма и гостиничного бизнеса. Адрес: 734036 Республика Таджикистан, город Душанбе, Борбад, 48/5. Телефон: (+992) 918-38-53-28. E-mail: kam_alena@mail.ru

В работе рассматриваются конкурентные преимущества туристической отрасли Республики Таджикистан в условиях глобализации и цифровых изменений. Особое внимание уделено анализу факторов, влияющих на развитие туризма в стране, таких как инфраструктурные и институциональные изменения, а также внедрение цифровых технологий. Исследуется влияние глобальных тенденций на конкурентоспособность туристического сектора и выявляются ключевые стратегии для повышения его привлекательности на международной арене. Важным аспектом является анализ потенциала зеленого туризма и устойчивого развития, который может стать важным фактором роста. В заключение, предложены рекомендации для формирования эффективной стратегии развития конкурентных преимуществ на туристическом рынке Таджикистана.

Ключевые слова: конкурентные преимущества, туризм, Республика Таджикистан, глобализация, цифровизация, стратегии развития, устойчивое развитие.

БАРТАРИЯТҲОИ РАҚОБАТИИ СОҲАИ САЙЁҲИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА ТАҒЙИРОТИ РАҚАМӢ

Камышева Алена Олимовна – «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» муаллими калони кафедраи сайёҳӣ ва бизнеси меҳмондорӣ. Суроға: 734036 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, Борбад, 48/5.Телефон: (+992) 918-38-53-28. E-mail: kam_alena@mail.ru

Дар ин мақола бартариҳои рақобатии соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйироти рақамӣ баррасӣ мешаванд. Таваҷҷӯҳи махсус ба таҳлили омилҳое, ки ба рушди сайёҳӣ дар кишвар таъсир мерасонанд, ба монанди тағйироти инфрасохторӣ ва институтсионалӣ, инчунин ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, равона карда шудааст. Таъсири тамоюлҳои ҷаҳонӣ ба рақобатпазирии бахши сайёҳӣ омӯхта шуда, стратегияҳои калидӣ барои баланд бардоштани ҷолибияти байналмилалии он муайян карда мешаванд. Ҷанбаи асосӣ таҳлили потенсиали сайёҳии сабз ва рушди устувор мебошад, ки метавонад ба омили муҳими рушд табдил ёбад. Дар ниҳоят, тавсияҳо барои таҳияи стратегияи муассир барои рушди бартариҳои рақобатпазирӣ дар бозори сайёҳии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

Калидвожаҳо: бартариҳои рақобатӣ, сайёҳӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаҳонишавӣ, рақамикунонӣ, стратегияҳои рушд, рушди устувор.

COMPETITIVE ADVANTAGES OF THE TOURISM INDUSTRY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION AND DIGITAL CHANGES

Kamysheva Alena Olimovna - «International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan» senior lecturer at the Department of Tourism Business and Hospitality. Address: 734036 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad, 48/5. Phone: (+992)918385328. E-mail: kam_alena@mail.ru

Abstract: This paper examines the competitive advantages of the tourism industry in the Republic of Tajikistan in the context of globalization and digital change. Particular attention is paid to analyzing factors influencing tourism development in the country, such as infrastructural and institutional changes, as well as the introduction of digital technologies. The impact of global trends

on the competitiveness of the tourism sector is examined, and key strategies for enhancing its international appeal are identified. A key aspect is the analysis of the potential of green tourism and sustainable development, which could become a significant driver of growth. Finally, recommendations are offered for developing an effective strategy for developing competitive advantages in the Tajik tourism market.

Keywords: competitive advantages, tourism, Republic of Tajikistan, globalization, digitalization, development strategies, sustainable development.

Современная экономика переживает значительные изменения, связанные с внедрением новых технологий, которые охватывают все сферы, включая туризм и гостиничное хозяйство. Для Республики Таджикистан, обладающей богатым природным и культурным наследием, интеграция инновационных решений в туристический сектор становится важным фактором повышения конкурентоспособности. Применение цифровых технологий в сфере туризма и гостиничного бизнеса способствует созданию устойчивой национальной системы, которая соответствует требованиям цифровой экономики.

Туризм в Таджикистане активно осваивает новые технологии, включая электронное бронирование, автоматизированные системы управления, а также интеграцию искусственного интеллекта для улучшения качества обслуживания. Современные гостиницы страны внедряют инновации, такие как системы энергоменеджмента, высокоскоростной интернет, мультимедийные панели и RFID-системы, что значительно повышает комфорт гостей и снижает операционные затраты.

Туроператоры также активно используют новые технологии, такие как динамическое ценообразование, чат-боты, персонализированные сервисы и CRM-платформы, что способствует улучшению клиентского сервиса и повышению эффективности бизнеса. В рамках программы «Digital Tajikistan» уже реализуются меры по развитию цифрового маркетинга, созданию онлайн-платформ и сбору данных о туристических потоках, что способствует интеграции страны в глобальный туристический рынок. [4, 18].

Перспективными направлениями для развития отрасли являются использование блокчейн-технологий, анализ больших данных и интернет вещей (IoT) для улучшения инфраструктуры и прогнозирования спроса. Внедрение таких решений в туристическую сферу позволит повысить конкурентоспособность Таджикистана и создать устойчивые конкурентные преимущества как на внутреннем, так и на международном рынках.

In the context of the rapid development of the digital economy, the management of social projects is becoming strategically important, as the implementation of digital technologies, including online platforms, big data analytics, and modern communication tools, contributes to increasing the efficiency, transparency, and sustainability of projects across all spheres of life. In this regard, modern management models such as Agile methodologies, Results-Based Management, and innovative management play a crucial role. The article analyzes the features, advantages, and challenges of implementing these models in social projects and proposes ways to adapt them to the conditions of the digital economy.

Keywords: digital economy, social projects, project management, management models, Agile, digital technologies, data analytics, innovation, efficiency

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, иқтисоди рақамӣ ба яке аз омилҳои асосии пешрафти ҷомеа табдил ёфтааст. Ин раванд ба ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсон, аз ҷумла соҳаи иҷтимоӣ, таъсири амиқ мерасонад. Лоиҳаҳои иҷтимоӣ, ки ба беҳтарсозии шароити зиндагии аҳолӣ, рушди сармояи инсонӣ ва ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ равона шудаанд, дар чунин муҳит ниёз ба усулҳои нави идоракунӣ пайдо мекунанд.

Дар шароити иқтисоди рақамӣ, талабот ба самаранокӣ, шаффофиятнокӣ ва масъулиятнокӣ дар татбиқи лоиҳаҳо меафзояд. Истифодаи технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла платформаҳои онлайнӣ, системаҳои иттилоотии идоракунӣ ва таҳлили додаҳо, имкониятҳои васеъро барои банақшагирӣ, назорат ва арзёбии натиҷаҳои лоиҳаҳо фароҳам меорад. Ҳамзамон, ин раванд зарурати бознигарии моделҳои анъанавии идоракунии лоиҳаҳоро ба миён меорад.

Моделҳои муосири идоракунӣ, ба монанди усулҳои чандир (Agile), идоракунии лоиҳаҳо дар асоси натиҷаҳо ва равишҳои инноватсионӣ, ба баланд бардоштани мутобиқшавӣ ва самаранокии лоиҳаҳои иҷтимоӣ мусоидат менамоянд. Бо вуҷуди ин, татбиқи онҳо бо як қатор мушкилот, аз ҷумла норасоии захираҳои инсонӣ, маҳдудияти инфрасохтори рақамӣ ва сатҳи пасти саводнокии рақамӣ рӯ ба рӯ мегардад.

Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳлили моделҳои идоракунии лоиҳаҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ аҳамияти муҳим дошта, муайян намудани роҳҳои самараноки татбиқи онҳо барои рушди устувори ҷомеа зарур мебошад.

Яке аз моделҳои васеъ истифодашаванда — усули чандири идоракунӣ (Agile) мебошад. Ин модел ба принсипҳои мутобиқшавӣ, ҳамкории доимӣ ва такмилдиҳии пайваста асос ёфтааст. Дар амалия, Agile бештар дар лоиҳаҳое самаранок аст, ки талабот ва шароити иҷрои онҳо зуд тағйир меёбанд. Масалан, дар татбиқи барномаҳои иҷтимоии рақамӣ (платформаҳои таълимӣ, хизматрасониҳои онлайнӣ), ин модел имконият медиҳад, ки натиҷаҳо дар марҳилаҳои кӯтоҳ ба даст оварда шуда, бо дарназардошти фикру мулоҳизаҳои истифодабарандагон такмил дода шаванд.

Модели идоракунии лоиҳаҳо дар асоси натиҷаҳо (Results-Based Management) низ дар амалия васеъ истифода мешавад. Ин равиш ба муайян кардани нишондиҳандаҳои дақиқи натиҷа ва арзёбии самаранокии лоиҳа нигаронида шудааст. Дар лоиҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, ин модел имкон медиҳад, ки таъсири воқеии лоиҳа ба гурӯҳҳои мақсаднок чен карда шавад. Истифодаи системаҳои рақамии мониторинг ва таҳлили додаҳо дар ин раванд нақши муҳим мебозад.

Идоракунии инноватсионӣ ҳамчун модели дигар ба ҷорӣ намудани идеяҳои нав ва истифодаи технологияҳои пешрафта равона шудааст. Дар амалия, ин модел дар ҳолатҳое самаранок аст, ки масъалаҳои иҷтимоӣ ҳалли анъанавӣ надоранд. Масалан, истифодаи барномаҳои мобилӣ барои дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ё татбиқи платформаҳои рақамӣ барои ҷалби ҷомеа ба қабули қарорҳо.

Бо вуҷуди афзалиятҳои зиёд, татбиқи ин моделҳо дар амалия бо мушкилот низ рӯ ба рӯ мешавад. Аз ҷумла, норасоии мутахассисони баландихтисос, маҳдудияти захираҳои молиявӣ, сатҳи пасти инфрасохтори рақамӣ ва муқовимат ба тағйирот метавонанд ба самаранокии татбиқи онҳо таъсир расонанд.

Дар шароити иқтисоди рақамӣ, самаранокии моделҳои идоракунии лоиҳаҳои иҷтимоӣ тавассути нишондиҳандаҳои мушаххаси миқдорӣ ва сифатӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Истифодаи формулаҳо ва усулҳои таҳлилӣ имкон медиҳад, ки натиҷаҳои амалӣ дақиқ арзёбӣ гарданд.

Таҳлили амалии татбиқи моделҳои муосири идоракунӣ дар лоиҳаҳои иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки дар шароити иқтисоди рақамӣ самаранокии онҳо ба таври назаррас меафзояд. Истифодаи равишҳои чандир ва технологияҳои рақамӣ имкон медиҳад, ки раванди идоракунӣ бештар мутобиқшаванда, шаффоф ва ба натиҷа нигаронидашуда гардад.

Дар амалия, татбиқи усулҳои чандир (Agile) пеш аз ҳама ба беҳтар шудани суръати иҷрои лоиҳаҳо мусоидат менамояд. Тақсим намудани кор ба марҳилаҳои кӯтоҳ (спринтҳо) ва арзёбии пайвастаи натиҷаҳо имкон медиҳад, ки мушкилот сари вақт ошкор ва бартараф карда

шаванд. Ин, дар навбати худ, хатари нокомии лоиҳаҳоро коҳиш медиҳад ва сифати хизматрасониҳоро баланд мебардорад.

Равиши Agile (саривақтӣ) ҳамчун як равиши чандир ва интерактивӣ, барои муҳити тағйирёбанда ва муқобили ҷонибҳои манфиатдор истифода карда мешавад. Ин равиш ба иҷрои марҳилавии вазифаҳо, мутобиқшавӣ ба тағйирот ва арзёбии доимии натиҷаҳо асос меёбад. Барои лоиҳаҳои иҷтимоӣ, ки дар шароити муносибатҳои иҷтимоӣ зуд тағйир меёбад (масалан, муҳоҷират, пандемия, камбизоатӣ), Agile имкони вокуниши самаранок ва мутобиқ ба ниёзҳои аҳолиро медиҳад[1].

Идоракунии лоиҳаҳо дар асоси натиҷаҳо (Results-Based Management) дар амалия ба равшан муайян намудани ҳадафҳо ва нишондиҳандаҳои асосӣ мусоидат мекунад. Дар натиҷа, ташкилотҳо метавонанд на танҳо раванди иҷро, балки таъсири воқеии лоиҳаҳоро ба гурӯҳҳои мақсаднок арзёбӣ намоянд. Масалан, дар лоиҳаҳои соҳаи маориф ва тандурустӣ, истифодаи ин модел ба беҳтар шудани дастрасӣ ба хизматрасониҳо ва баланд гардидани сатҳи қаноатмандии аҳолӣ оварда мерасонад.

Равиши Results-Based Management (RBM) ба идоракунии лоиҳаҳо тавассути таърифи лоиҳа ва пайгирии натиҷаҳо он асос ёфтааст. Ҳадаф асосан ба натиҷаҳои ниҳоӣ расидани лоиҳаҳо, таъсир ва устувории онҳо мебошад[1].

Идоракунии инноватсионӣ бошад, ба татбиқи роҳҳои нави ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ равона шудааст. Дар шароити иқтисоди рақамӣ, истифодаи платформаҳои онлайнӣ, барномаҳои мобилӣ ва системаҳои иттилоотӣ имконият медиҳад, ки хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба таври васеъ ва бо хароҷоти камтар пешниҳод карда шаванд. Ин раванд махсусан барои минтақаҳои дурдаст аҳамияти муҳим дорад.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқот нишон медиҳанд, ки татбиқи ин моделҳо ба коҳиш ёфтани хароҷот, сарфаи вақт ва баланд шудани самаранокии умумии лоиҳаҳо оварда мерасонад. Ҳамзамон, сатҳи шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ беҳтар гардида, эътимоди ҷомеа ба ташкилотҳои татбиққунанда меафзояд.

Бо вуҷуди ин, дар раванди татбиқи моделҳои мазкур як қатор мушкилот низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, норасоии мутахассисони соҳибтаҷриба, маҳдудияти инфрасохтори рақамӣ ва сатҳи пасти омодагии ташкилотҳо ба тағйирот метавонанд монеа эҷод намоянд. Аз ин рӯ, барои ноил шудан ба натиҷаҳои устувор, зарур аст, ки равандҳои омӯзишӣ, рушди малакаҳои рақамӣ ва такмили сиёсати идоракунӣ тақвият дода шаванд, ки дар ҷадвали 1. муқоисаи моделҳои идоракунии лоиҳаҳои иҷтимоӣ нишон дода шудааст.

Ҷадвали 1. Муқоисаи моделҳои идоракунии лоиҳаҳои иҷтимоӣ

Модел	Хусусиятҳои асосӣ	Афзалиятҳо	Маҳдудиятҳо	Самаранокӣ дар иқтисоди рақамӣ
Agile	Идоракунии чандир, итератсионӣ	Мутобиқшавии баланд, зуд вокуниш нишон додан	Талаботи баланди малакаҳо	Хеле баланд
Results-Based Management	Тамаркуз ба натиҷа	Шаффофият, арзёбии дақиқ	Душвории муайян кардани нишондиҳандаҳо	Баланд
Идоракунии инноватсионӣ	Истифодаи технологияҳои нав	Ҳалли масъалаҳои мураккаб	Хавфи баланд	Хеле баланд
Модели анъанавӣ	Банақшагирии хаттӣ	Содагӣ, идоракунии равшан	Камбуди чандирӣ	Паст

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Ҷадвали мазкур таҳлили муқоисавии моделҳои идоракунии лоиҳаҳои иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки дар шароити иқтисоди рақамӣ моделҳои муосир нисбат ба равишҳои анъанавӣ самаранокии бештар доранд. Аз ҷумла, усули Agile бо сабаби чандирӣ ва қобилияти зуд мутобиқ шудан ба тағйирот, барои муҳити рақамӣ хеле мувофиқ мебошад. Модели идоракунӣ дар асоси натиҷаҳо (Results-Based Management) ба баланд бардоштани шаффофият ва арзёбии дақиқи таъсири иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Идоракунии инноватсионӣ бошад, имконият медиҳад, ки бо истифода аз технологияҳои нав масъалаҳои мураккаби иҷтимоӣ самаранок ҳал карда шаванд, гарчанде ки бо хавфҳои муайян ҳамроҳ аст. Дар муқоиса, модели анъанавӣ бо вуҷуди содагӣ, дар шароити тағйирёбандаи иқтисоди рақамӣ чандон самаранок нест, зеро он чандирии кофӣ надорад.

Ҳамин тариқ, интихоби модели идоракунӣ бояд бо дарназардошти хусусияти лоиҳа, сатҳи рушди технология ва муҳити иҷтимоӣ сурат гирад. Дар аксари ҳолатҳо, истифодаи якҷояи моделҳои муосир метавонад ба ноил шудан ба натиҷаҳои устувор ва самаранок мусоидат намояд.

Хулоса моделҳои идоракунии лоиҳаҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ нишон медиҳад, ки рушди босуръати технологияҳои рақамӣ таъсири амиқ ба раванди идоракунии лоиҳаҳои иҷтимоӣ дошта, талаботро ба усулҳои нави самаранок ва мутобиқшаванда зиёд кардааст. Таҳлили назариявӣ ва амалии моделҳо нишон медиҳад, ки усулҳои муосир, ба монанди Agile, идоракунии лоиҳаҳо дар асоси натиҷаҳо ва идоракунии инноватсионӣ, имконият медиҳанд, ки лоиҳаҳо бо суръати баланд, шаффоф ва бо таъсири воқеии иҷтимоӣ иҷро шаванд.

Истифодаи технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла платформаҳои онлайнӣ, таҳлили додаҳо ва системаҳои иттилоотӣ, ба самаранокии идоракунӣ ва арзёбии натиҷаҳо мусоидат мекунад. Бо вуҷуди ин, татбиқи ин моделҳо бо мушкилоти муайян, ба монанди маҳдудияти захираҳо, сатҳи пасти малакаҳои рақамӣ ва муқовимат ба тағйирот рӯ ба рӯ мегардад.

Ҳамин тариқ, таҳлили мавҷудӣ нишон медиҳад, ки мутобиқсозӣ ва истифодаи оқилонаи моделҳои муосир дар шароити иқтисоди рақамӣ барои баланд бардоштани самаранокӣ, устуворӣ ва таъсири иҷтимоии лоиҳаҳои иҷтимоӣ муҳим мебошад. Ин равиш ба ташкилотҳо имкон медиҳад, ки нақшаҳо ва стратегияҳои худро бо муҳити рақамӣ ҳамоҳанг намуда, натиҷаҳои устувори иҷтимоӣ ба даст оранд.

Адабиёт:

1. Қурбонализода, Д. Роҳҳои татбиқи лоиҳаҳои рақамикунонӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ тавассути моделҳои муосир / Д. Қурбонализода // Кишоварз. – 2025. – Vol. 109, No. 4. – P. 363-368. – EDN UJTOSU.
2. Qurbonalizoda, D. T. The importance of digitalization in the development of social projects / D. T. Qurbonalizoda, B. D. Azizkulov // Интернаука. – 2026. – No. 5-3(416). – P. 41-42. – EDN HAPWXP.
3. Odinaev E.S.Ways of implementing digitalization projects in social areas in the conditions of the Republic of Tajikistan/ Odinaev E.S., D. T. Qurbonalizoda, // Proceedings of the LXXVIII International Multidisciplinary Conference «Recent Scientific Investigation». Primedia E-launch LLC. Shawnee, USA. 2026.
4. Нурализода, А. Н. Асосҳои назариявии рушди иқтисоди рақамӣ дар минтақаҳо: назарияҳо, таҳлилҳо ва пешниҳодҳо / А. Н. Нурализода, Д. Т. Қурбонализода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 1(35). – P. 153-165. – EDN HTZKQN.
5. The PM² Project Management Methodology Guide 3.0. Produced and published by: the European Commission, DIGIT Centre of Excellence in Project Management (CoEPM²) Luxembourg: Publications Office of the European Union, 2018. ISBN 978-92-79-91829-2 doi: 10.2799/755246
6. Филатова М.В., Стукало О.Г., Лебедева Л.В., Цуканова К.А., Дзахмишева И.Ш. Проектное управление в условиях цифровой экономики // Вестник ВГУИТ. 2020. № 82 (4). - С. 335-339.
7. Radujković M., Sjekavica M. Project management success factors // Procedia engineering. 2017. V. 196. P. 607–615.
8. Borkovskaya V. Project management risks in the sphere of housing and communal services // MATEC Web of Conferences. EDP Sciences, 2018. V. 251. P. 06025.

ОМИЛҲОИ РУШДИ РАҚОБАТПАЗИРИИ МАҲСУЛОТИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИ САБУК ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Халилзода Умед Шараф – ассистенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.:(+992)98-756-52-52. E-mail: Umed_Khalilzoda@mail.ru.

Нуров Сорбон Эмомалиевич – ассистенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: (+992) 075919393.

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои вобаста ба омӯзиш, таҳлилу баҳодиҳии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Қайд гардидааст, ки ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ, аз ҷумла маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки кишвар имконияти қонеъ кардани талаботи ҷамъиятиро надоранд.

Аз нигоҳи муаллифи мақолаи илмӣ, неруи рақобатпазирии маҳсулот ин имкониятҳои конкретии дохилӣ ва берунии корхона мебошад, ки самаранокии рақобатпазирии маҳсулотро дар бозор аз ҳисоби ташаккули афзалиятҳои рақобатнокӣ таъмин менамояд.

Қайд карда мешавад, ки дар баробари гузариши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз низоми маъмурии идоракунӣ ба низоми иқтисоди бозорӣ ба соҳаи саноати кишвар як қатор омилҳои манфӣ таъсир расониданд, ба монанди амали нархҳои бепарвоёна, таваққуфи рафти таҷдиди техникии корхонаҳои саноати сабук, ақибмонии техникии истеҳсолот ва ихтисори ҳиссаи кормандони баландихтисос, ихтисори ҳаҷми таҳқиқоти заминавӣ ва таҷрибавӣ дар натиҷаи камшавии босуръати молиякунонии барномаҳои илмӣ-техникии соҳаи саноат.

Муҳаққиқ ҳиссаи истеҳсолоти корхонаҳои саноати сабукро дар сохтори саноат муайян намуда, ба сатҳи истифодаи иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ баҳогузорӣ кардааст. Ҳамчунин, коэффитсиенти содирот ва воридоти маҳсулоти саноатӣ ҳисоб карда шудааст. Дар натиҷа, муайян карда шудааст, ки маҳсулоти корхонаҳои саноатии кишвар дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ мавқеи устувори рақобатпазириро соҳиб нест.

Дар қисмати ҷамъбастии мақолаи илмӣ хулосаю пешниҳод аз таҳлилҳои гузаронидашуда бароварда шудааст, ки роҳҳои баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ мебошанд.

Калидвожаҳо: саноати сабук, рақобатпазирии маҳсулот, неруи рақобатпазирӣ,, иқтидори истеҳсолӣ, содирот, воридот, муҳити рақобатӣ, инноватсия, нарх.

ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ ПРОДУКЦИИ ПРЕДПРИЯТИЙ ЛЁКОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Халилзода Умед Шараф – ассистент кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово- экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Тел.: (+992)98-756-52-52. E-mail: Umed_Khalilzoda@mail.ru.

Нуров Сорбон Эмомалиевич – ассистент кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово- экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14., Тел.: (+992) 075919393.

В статье рассматриваются вопросы, связанные с изучением, анализом и оценкой конкурентоспособности предприятий легкой промышленности Республики Таджикистан. Было отмечено, что объем промышленного производства, в том числе продукции предприятий легкой промышленности страны, не в состоянии удовлетворить потребности общества.

По мнению автора научной статьи, конкурентоспособный потенциал продукции - это конкретные внутренние и внешние возможности предприятия, которые обеспечивают эффективность конкурентоспособности продукции на рынке за счет формирования конкурентных преимуществ.

Следует отметить, что наряду с переходом экономики Республики Таджикистан от административной системы к рыночной, на промышленность страны повлиял ряд негативных

факторов, таких как заниженные цены, задержки с модернизацией легкой промышленности, технические задержки производства и сокращение высококвалифицированный персонал, сокращение фундаментальных и экспериментальных исследований в результате резкого сокращения финансирования научно-технических программ в промышленности.

Исследователь определил долю предприятий легкой промышленности в структуре промышленности и оценил уровень использования производственных мощностей промышленных предприятий. Также был рассчитан коэффициент экспорта и импорта промышленной продукции. В результате было определено, что продукция промышленных предприятий страны не имеет устойчивой конкурентной позиции на внутреннем и внешнем рынках.

В заключительной части научной статьи сделаны выводы и предложения по результатам анализа, которые являются путями повышения конкурентоспособности продукции промышленных предприятий.

Ключевые слова: легкая промышленность, конкурентоспособность продукции, конкурентный потенциал, производственные мощности, экспорт, импорт, конкурентная среда, инновация, цена.

FACTORS INFIUENCING DEVELOPMENT THE COMPETITIVENESS OF PRODUCTS OF LIGHT INDUSTRY ENTERPRISES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Khalilzoda Umed Sharaf – assistant of the department of economic theory of the Tajik state financial and economic university. Address: 734067, Republic of Tajikistan, city Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Tel.: (+992) 98-756-52-52. E-mail: Umed_Khalilzoda@mail.ru.

Nurov Sorbon Emomalievich – assistant of the department of economic theory of the Tajik state financial and economic university. Address: 734067, Republic of Tajikistan, city Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Tel.: (+992) 075919393.

The article discusses issues related to the study, analysis and assessment of the competitiveness of light industry enterprises of the Republic of Tajikistan. It was noted that the volume of industrial production, including the products of the country's light industry enterprises, is not able to meet the needs of society.

According to the author of the scientific article, the competitive potential of products is the specific internal and external capabilities of the enterprise, which ensure the effectiveness of the competitiveness of products in the market through the formation of competitive advantages.

It should be noted that along with the transition of the economy of the Republic of Tajikistan from an administrative system to a market one, the country's industry was affected by a number of negative factors, such as low prices, delays in the modernization of light industry, technical delays in production and a reduction in highly qualified personnel, a reduction in fundamental and experimental research as a result of a sharp reduction in funding for scientific and technical programs in industry.

The researcher determined the share of light industry enterprises in the industrial structure and assessed the level of utilization of production capacities of industrial enterprises. The coefficient of export and import of industrial products was also calculated. As a result, it was determined that the products of the country's industrial enterprises do not have a stable competitive position in the domestic and foreign markets.

In the final part of the scientific article, conclusions and proposals are made based on the results of the analysis, which are ways to increase the competitiveness of the products of industrial enterprises.

Key words: light industry, product competitiveness, competitive potential, production capacity, export, import, competitive environment, innovation, price.

Соҳаи саноат ҳамчун яке аз соҳаҳои афзалиятноки бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ ва қонеъкунандаи талаботи ҷомеа баромад мекунад. Неруи устувори рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук имконият медиҳад, то талаботи доираи васеи истеъмолкунандагон

қонеъ карда шавад. Аммо ҳолатҳое ҷой доранд, ки барои истифодаи самараноки имкониятҳои ҷойдошта ва таъмини рақобатпазирии маҳсулот монеа эҷод менамоянд. Вобаста ба ин, таҳлили неруи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук ва дар ин замина муайян ва ошкор кардани имкониятҳои баландбардории сатҳи рақобатпазирӣ зарур аст.

Воқеан, ҳаҷми истеҳсоли корхонаҳои саноати сабук тамоюли мусбӣ дорад. Аммо, новобаста ба натиҷаҳои мусбӣ, рақамҳои омории соҳа аз он шаҳодат медиҳанд, ки соҳаи саноат то ҳадди зарурӣ барои қонеъ намудани нишондиҳандаҳои зикршуда басандагӣ намекунад. Масалан, агар истеҳсолот ба ҳисоби миёна бар ҳар сари корхонаи саноатӣ дар соли 2017 7,2 млн сомониро ташкил медод, пас ин рақам дар соли 2024 ба 12,7 млн сомонӣ баробар аст [9, с.275]. Афзоиши назарраси истеҳсолоти саноатӣ танҳо солҳои охир (2017-2024) ба чашм расида, афзоиши миёнасолонаи ин нишондиҳанда давоми солҳои 2017-2024 ба 5% баробар аст, ки ин рақам қаноатмандкунанда нест.

Сатҳи рақобатпазирии маҳсулот аз бисёр ҷиҳат аз неруи рақобатпазирии он вобаста мебошад. Фаҳмиши “неруи рақобатпазирӣ” бошад, ҳамчун низоми омилҳои калидии ноилгардӣ ба муваффақиятҳо, ки аз таркибдиҳандагони инноватсионӣ ва мутобиқнамоӣ иборат аст, дар назар дошта мешавад [1]. Аз ин бар меояд, ки неруи рақобатпазирӣ дар худ маҷмӯи захираҳои дарихтиёрдоштаи табиӣ, моддӣ, меҳнатӣ, молиявӣ ва ғайримоддӣ, инчунин имкониятҳои объектҳо ва субъектҳоро оиди бадастории афзалиятҳои конкретӣ нисбат ба дигар иштирокчии бозор фаро мегирад. Аз нигоҳи мо, неруи рақобатпазирии маҳсулот дар худ имкониятҳои конкретии дохилӣ ва берунии корхонаро дар назар дорад, ки самаранокии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаро дар бозор аз ҳисоби ташаккули афзалиятҳои рақобатнокӣ дар асоси истифодабарии захираҳои моддӣ ва ғайримоддӣ таъмин менамояд.

Маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар сохтори маҷмӯи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи калонро соҳиб буда, ҳамчун қонеъкунандаи талаботи доираи васеи истеъмолкунандагон баромад мекунад. Аммо то ба ҳол маҳсулоти корхонаҳои саноатии кишвар дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ мавқеи устувори рақобатпазириро соҳиб нест. Ҳолати мазкур аз омилҳои зиёде вобаста мебошад, аз ҷумла тайироти низоми иқтисодӣ. Масалан, дар натиҷаи гузариши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз низоми маъмурии идоракунӣ ба низоми иқтисоди бозорӣ ба соҳаи саноати кишвар як қатор омилҳои манфӣ таъсири худро расониданд, ки муҳимтарини онҳоро пешниҳод менамоем:

1. Амали нархҳои бепарвоёна, ки монополияи давлатӣ имконияти бартараф намудани онро надорад ва барои маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ низ муҳити рақобатнокро бунёд карда наметавонад. Натиҷаи таъсири манфии ҳолати ба миён омада боис шуд, то ҷараёни устуворгардии таваррум (мунтазам баландшавии сатҳи нархҳо) дар мамлакат мунтазам идома ёбад.

2. Таваққуфи (боздошти) таҷдиди техникии корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати сабук.

3. Паст шудани сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ, ки дар натиҷа ақибмонии техникии истеҳсолот ва ихтисори ҳиссаи кормандони баландихтисосро ба миён овард.

4. Ихтисори ҳаҷми таҳқиқоти заминавӣ ва таҷрибавӣ дар натиҷаи камшавии босуръати молиякунонии барномаҳои илмӣ-техникӣ, инчунин аз байн рафтани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-созандагии корхонаҳои саноатӣ ва истеҳсолоти илмталаб.

Баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии маҳсулот аз дигар ҷиҳатҳо низ вобастагӣ дорад. Дар робита ба муносибатҳои истеҳсолӣ ду роҳи таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабукро аз ҳамдигар фарқ менамоянд [13, с.78]: а) баландбардории сифати маҳсулот бо роҳи фаъолгардонии фаъолияти инноватсионӣ ва навкунии истеҳсолот, инчунин ба истеҳсолот ворид намудани технологияҳои нави мукаммал; б) паст намудани хароҷоти истеҳсолот ва сатҳи нархҳои маҳсулоти истеҳсолшуда.

Ҳиссаи истеҳсолоти баъзе аз корхонаҳои саноати сабук дар сохтори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли коҳишёбӣ дорад, ки ҳолати мазкур то андозае аз ҳисоби нишондиҳандаҳои миқдорӣ ба неруи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои мазкур таъсири

манфӣ мерасонад. Ҳиссаи истеҳсолоти баъзе аз корхонаҳои саноати сабукро дар сохтори саноати мамлакат дида мебароем (ниг. ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. - Ҳиссаи истеҳсолоти баъзе аз корхонаҳои саноати сабук дар сохтори саноат

Нишондиҳандаҳо 2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024	Ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти 34,9	36,1	31,0	28,5	24,4	21,4	20,5	19,6 хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку дар сохтори саноат, %
Ҳиссаи истеҳсоли нассоҷӣ ва 16,2	13,7	12,5	10,6	10,1	11,8	10,4	9,5 дӯзандагӣ, %								
Ҳиссаи истеҳсоли чарм, маснуоти чармӣ ва пойафзол, %	0,2	0,1	0,2	0,3	0,3	0,3	0,3	0,3							

Сарчашма: дар асоси маълумоти саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – С. 15-16.

Дар шароити мураккаб будани таъминоти маводи озуқаворӣ яке аз масъалаҳои актуалӣ рушди саноати хӯрокворӣ ба ҳисоб меравад. Аммо рақамҳои омории саноати хӯрока дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рушди ноустувори соҳа шаҳодат медиҳанд. Рақамҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти саноти хӯрока дар сохтори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон сол то сол коҳиш ёфта истодааст. Масалан, агар дар соли 2017 ҳиссаи саноати хӯрокворӣ дар сохтори саноат 31,1% -ро ташкил медод, пас ин рақам дар соли 2024 ба 19,6% баробар гардидааст, ки 1,6 маротиба кам мебошад. Ҳиссаи саноати нассоҷӣ, дӯзандагӣ ва корхонаҳои саноатии истеҳсоли чарм, маснуоти чармӣ ва пойафзол низ давоми солҳои 2017-2024 кам шудааст. Масалан, ҳиссаи истеҳсолоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар сохтори саноати мамлакат аз 18%-и соли 2017 ба 9,5% дар соли 2024 расидааст.

Яке аз масъалаҳои муҳими устувор гардонидани неруи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук истифодаи иқтидори истеҳсолии онҳо мебошад. Аммо, мутаассифона, дар амалияи корхонаҳои саноати сабуки кишвар иқтидори истеҳсолӣ ба пуррагӣ истифода намешавад (ниг. ба ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. - Истифодаи иқтидори истеҳсолӣ дар корхонаҳои саноати сабук

Нишондиҳандаҳо	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024
Корхонаҳои истеҳсоли нахи пахта, %	16,4	11,9	13,5	14,2	7,9	9,9	7,1	7,7
Корхонаҳои истеҳсоли шоҳивории тайёр, %	91,8	63,8	1,5	3,7	5,7	11,6	17,9	19,7
Корхонаҳои истеҳсоли пойафзол, %	9,0	76,6	84,0	82,4	29,2	27,7	31,6	42,2
Корхонаҳои истеҳсоли қолинҳо ва молҳои қолинӣ, %	50,3	62,7	100,0	54,5	52,0	68,3	67,5	82,6
Корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ, %	0,4	1,3	11,4	0,8	98,0	98,1	100,0	100,0
Корхонаҳои коркарди равғани чорво, %	2,1	25,6	38,7	30,7	53,8	86,0	100,0	98,0
Корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ба ҳисоби шир, %	7,5	48,2	52,7	64,8	57,2	58,5	61,2	55,7

Сарчашма: дар асоси маълумоти Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – С. 25-26

Тавре аз маълумоти ҷадвали 2 дида мешавад, давоми солҳои таҳлилшаванда (2017 2024) низ истифодаи иқтидори истеҳсолӣ тамоюли камшавӣ дорад. Рақамҳои оморӣ нисбати масъалаи мазкур нишон медиҳанд, ки дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли нахи пахта ва истеҳсоли шоҳивории тайёр иқтидори истеҳсолии худро дар сатҳи лозимӣ истифода намебаранд. Масалан, агар корхонаҳои саноатии истеҳсоли нахи пахта соли 2017 25%-и

иқтидори истеҳсолии худро истифода мекарданд, пас ин рақам дар соли 2024 7,7% -ро ташкил медиҳад. Корхонаҳои истеҳсоли шоҳивории тайёр бошад, дар солҳои зикршуда мувофиқан 92,7 ва 19,7 %-ро ташкил медиҳад. Ҳолати мазкур аз рақобатпазир набудани маҳсулоти корхонаҳои саноати нассоҷӣ (корхонаҳои зикршуда) дарак медиҳад. Аммо иқтидори истеҳсолии як қатор корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла корхонаҳои истеҳсоли пойафзол, истеҳсоли қолинҳо ва молҳои қолинӣ, истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ, корхонаҳои коркарди равғани чорво ва корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ширӣ сол то сол тамоюли афзоишёбӣ дошта, истифодаи иқтидори корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ аз 0,6%-и соли 2017 ба 100% дар соли 2024 расонида шуда, корхонаҳои коркарди равғани чорво бошанд, мувофиқан 2,1 ва 98% -ро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тавр, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук аз неруи рақобатпазирии он вобаста мебошад. Вобаста ба ин, аз нигоҳи мо, дар шароити муосир рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ аз неруи харидорон, неруи бехатарии иқтисодӣ, неруи соҳибкорӣ (тиҷоратӣ), неруи эҷодӣ, ки дар маҷмӯъ неруи рақобатпазириро ташкил медиҳанд, вобаста мебошад.

Натиҷаи таҳқиқи гузаронидашуда нишон дод, ки баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот аз омилҳои техникӣ низ вобаста мебошад, аз ҷумла мукаммалгардонии технологияи истеҳсоли маҳсулот; татбиқи лоиҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти навин; такмили унсурҳои ҷараёни истеҳсолот; рушди сохтории истеҳсолоти маҳсулоти навин; ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар истеҳсолот; омодагии ташкилӣ-идоракунӣ. Дар шароити муосир маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхонаҳои саноатии ватанӣ дар муқоиса ба маҳсулоти истеҳсолоти хориҷӣ на он қадар рақобатпазиранд. Чунки истеҳсолоти аксарияти содиркунандагони молҳо бо технологияҳои муосир муҷаҳҳаз мебошанд.

Аз омӯзиши таҷрибаи амалӣ ва нуқтаи назари олимон-иқтисодчиён маълум гардид, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки кишвар омилҳои мухталиф садди роҳ мешаванд, аз ҷумла:

- истеҳлоки баланд доштани фондҳои воситаҳои асосии истеҳсолӣ; - иқтидори нокифояи истеҳсолӣ; - идоракунии ғайрисамаранок;

- сатҳи пасти навовариҳо ва ғайра.

Ҳолатҳои ҷойдошта ҳатто ба он оварда расонидааст, ки дар бозорҳои дохилӣ амали корхонаҳои хориҷӣ фаъол гашта истодааст. Вобаста ба ин, корхонаҳои саноати сабуки ҷумҳуриро зарур аст, ки барои ишғоли мавқеи устувор дар бозор рақибони худро ҳатман донанд, аз сиёсати пешгирифтаи онҳо огоҳ бошанд ва таъсири таҳдиди рақибонро ба натиҷаҳои фаъолияти худ пешгӯй карда тавонанд.

Мо чунин мешуморем, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ имкон дорад, агар онҳо вазифаҳои зеринро иҷро карда тавонанд:

а) тасдиқи мустақилии истеъмолкунандагон;

б) мутобиқшавии доимии истеҳсоли маҳсулот вобаста ба тағйири шароити бозор;

в) ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон;

г) таъмини озодии иқтисодии молистеҳсолкунандгон;

ғ) худтанзимкунии молистеҳсолкунандагон;

д) тафриқабандии истеҳсолкунандагон;

е) тақсимоти захираҳо байни истеҳсолкунандагон.

Вобаста ба нуқтаҳои болозикр, чунин мешуморем, ки татбиқи саривақтӣ ва объективии вазифаҳои рақобат дар иқтисодиёт боиси ба вуҷуд омадани муҳити рақобатӣ мегардад. Муҳити рақобатии бамиёномада дар навбати худ манфиатҳои истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагонро ҳифз намуда, боиси ба миён омадани афзалиятҳои рақобатӣ ва рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ мегардад ва дар ниҳоят рақобатпазирии маҳсулотро таъмин менамояд.

АДАБИЁТ

1. Евразийский международный научно-аналитический журнал «Проблемы современной экономики», 2011, N4 (40). [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.meconomy.ru/art.php?nArtId=3801. (дата обращения: 01.06.2021 г.).

2. Ермолов М.О. Разработка и внедрение системы обеспечения конкурентоспособности: учебное пособие. / М.О.Ермолов. - М.: Издательский дом «Вильямс», 2000. - 520 с.

3. Кныш М.И. Конкурентные стратегии [Текст]: учебное пособие / М.И.Кныш. //СанктПетербург: Санкт-Петербургский ун-т экономики и финансов. – Спб, 2000. - 284 с.

4. Коно Т. Конкуренция: учебное пособие./ Т.Коно. – М.: Издательство «Экономика», 2002. – 160 с.

5. Лифиц И.М. Теория и практика оценки конкурентоспособности товаров и услуг / И.М. Лифиц. – М., 2001. – 221 с.

6. Мейсон Р. Конкурентоспособность продукции. /Р.Мейсон. - Киев: Знание, 2000. - 479 с.

7. Мескон М.Х. Основы менеджмента / М.Х. Мескон, М.Альберт, С. Хедоуриф. – М.: Дело, 1993. – 230 с.

8. Молоток Е.В. Принципы маркетингового исследования конкуренции на рынке / Е.В. Молоток. - СПб: Энциклопедия маркетинга, 2014. - 95 с.

9. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – 494 с.

ДОХОДЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: СТРУКТУРА И ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ (2026 ГОД)

Сафаров А.А. – кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры финансового менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова 64/14, тел.: (+992)909081617, e-mail: abdumalik_198605@mail.ru.

Хакимова Мавзуна Саторовна – старший преподаватель кафедры финансового менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета. 734055, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Нахимова 64/14. Т**ЕЛЕФОН: (992) 987-81-96-56; EMAIL:** mavzuna.khakimova.83@mail.ru

В работе рассматривается структура и экономическое значение доходов государственного бюджета Республики Таджикистан на 2026 год. Анализируется состав доходной части бюджета, включающей налоговые и неналоговые поступления, гранты международных организаций, средства государственных инвестиционных проектов и специальные средства бюджетных учреждений. Особое внимание уделяется доминирующей роли налоговых доходов как наиболее устойчивого источника финансирования и показателя роста экономической активности. Отмечается значение грантов и инвестиционных ресурсов для реализации инфраструктурных и социальных проектов при необходимости взвешенной долговой политики. Делается вывод о снижении зависимости бюджета от внешней помощи и укреплении фискальной устойчивости государства. В целом доходная часть бюджета на 2026 год характеризуется сбалансированностью и ориентацией на долгосрочное социально-экономическое развитие страны.

Ключевые слова: Государственный бюджет, налог, инвестиция, фискальный, Республика Таджикистан.

REVENUES OF THE STATE BUDGET OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: STRUCTURE and ECONOMIC IMPORTANCE (2026)

Safarov A.A. – C.E.S., Senior Lecturer, Department of Financial Management, Tajik State University of Finance and Economics, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov St. 64/14, tel.: (+992)909081617, e-mail: abdumalik_198605@mail.ru.

Khakimova Mavzuna Satorovna – senior lecturer at the Department of Financial Management of the Tajik State University of Finance and Economics. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: (992) 987-81-96-56; Email: mavzuna.khakimova.83@mail.ru

This paper examines the structure and economic significance of the state budget revenues of the Republic of Tajikistan for 2026. It analyzes the composition of budget revenues, including tax and non-tax revenues, grants from international organizations, funds from public investment projects, and special funds from budgetary institutions. Particular attention is paid to the dominant role of tax revenues as the most sustainable source of financing and an indicator of economic growth. The importance of grants and investment resources for the implementation of infrastructure and social projects, coupled with the need for a prudent debt policy, is noted. It concludes that the budget's dependence on foreign aid has decreased and the state's fiscal sustainability has been strengthened. Overall, the 2026 budget revenues are balanced and focused on the country's long-term socioeconomic development.

Key words: State budget, tax, investment, fiscal, Republic of Tajikistan.

ДАРОМАДИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: СОХТОР ВА АҲАМИЯТИ ИҚТИСОДӢ (2026) (холҳо)

Сафаров А.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, тел.: (+992)909081617, e-mail: abdumalik_198605@mail.ru.

Ҳакимова Мавзуна Саторовна – муаллими калони кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. **ТЕЛЕФОН:(992)987-81-96-56; ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНӢ:** mavzuna.khakimova.83@mail.ru

Дар мақола сохтор ва аҳамияти иқтисодии даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2026 баррасӣ гардидааст. Дар он таркиби даромадҳои буҷет, аз ҷумла даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ, грантҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, маблағҳои лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ ва маблағҳои махсуси муассисаҳои буҷетӣ таҳлил карда шудааст. Таваҷҷӯҳи махсус ба нақши бартаридоштаи даромадҳои андоз ҳамчун манбаи устувортарини маблағгузорӣ ва нишондиҳандаи рушди иқтисодӣ зоҳир шудааст. Аҳамияти грантҳо ва захираҳои сармоягузорӣ барои татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва иҷтимоӣ, дар якҷоягӣ бо зарурати сиёсати оқилонаи қарзӣ, қайд карда шудааст. Дар он хулоса бароварда мешавад, ки вобастагии буҷет аз кумаки хориҷӣ коҳиш ёфтааст ва устувории молиявии давлат тақвият ёфтааст. Умуман, даромадҳои буҷети соли 2026 мутавозин буда, ба рушди дарозмуддати иҷтимоию иқтисодии кишвар нигаронида шудаанд.

Калидвожаҳо: Буҷаи давлатӣ, андоз, сармоягузорӣ, фискалӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Государственный бюджет является ключевым инструментом реализации социально-экономической политики страны. Через доходную часть бюджета государство аккумулирует финансовые ресурсы, необходимые для финансирования социальной сферы, инфраструктурных проектов, обеспечения безопасности и устойчивого экономического развития. В 2026 году доходы государственного бюджета Республики Таджикистан запланированы на уровне 65,0 млрд сомони, что отражает рост фискального потенциала и активизацию экономической деятельности.

Согласно Закону Республики Таджикистан «О Государственном бюджете РТ на 2026 год», доходы бюджета формируются за счёт нескольких ключевых источников.

Основную долю составляют налоговые и неналоговые поступления, а также гранты на поддержку бюджета, общий объём которых достигает 48,4 млрд сомони. Это свидетельствует о доминирующей роли внутренних источников финансирования в формировании доходной базы государства.

Наибольший удельный вес в структуре доходов занимают налоговые поступления — 41,8 млрд сомони. Они формируются за счёт налога на добавленную стоимость, подоходного налога, налога на прибыль, акцизов, таможенных платежей и других обязательных сборов.

Рост налоговых доходов указывает на: расширение налоговой базы, улучшение администрирования налогов, легализацию экономической деятельности и повышение деловой активности в стране.

Налоговые доходы являются наиболее устойчивым и прогнозируемым источником бюджета, что положительно влияет на финансовую стабильность государства.

Объём неналоговых доходов составляет 5,4 млрд сомони. В их состав входят доходы от государственной собственности, сборы и пошлины, штрафы, а также поступления от оказания платных услуг бюджетными организациями.

Неналоговые доходы играют вспомогательную роль, однако они важны с точки зрения повышения эффективности управления государственными активами.

В доходах бюджета предусмотрены гранты международных финансовых организаций в размере 1,17 млрд сомони. Эти средства направляются, как правило, на поддержку реформ, развитие социальной сферы, образования, здравоохранения и институционального потенциала.

Грантовое финансирование позволяет снизить долговую нагрузку на государственный бюджет и способствует реализации приоритетных программ развития.

Значительную часть доходов бюджета составляют гранты и кредиты государственных инвестиционных проектов — 13,4 млрд сомони. Эти средства направляются на: а)

строительство и модернизацию инфраструктуры; б) развитие энергетики и транспорта; в) реализацию социальных и региональных проектов.

Несмотря на важность инвестиционных кредитов для экономического роста, их использование требует взвешенной долговой политики и эффективного управления государственным долгом.

Отдельной статьёй доходов являются специальные средства бюджетных организаций в объёме 3,26 млрд сомони. Они формируются за счёт собственной деятельности государственных учреждений (платные услуги, аренда имущества и т.д.).

Наличие специальных средств повышает финансовую самостоятельность бюджетных организаций и снижает нагрузку на республиканский бюджет.

Анализ структуры доходов бюджета Республики Таджикистан за 2026 год показывает: приоритет внутренних источников финансирования, снижение зависимости от внешней помощи, ориентацию на инвестиционное развитие, укрепление фискальной устойчивости государства.

Доминирование налоговых доходов свидетельствует о постепенном укреплении экономики и росте её прозрачности, а привлечение грантов и инвестиций — о доверии международных партнёров.

Таким образом, доходная часть государственного бюджета Республики Таджикистан на 2026 год отражает сбалансированный подход к формированию финансовых ресурсов. Сочетание налоговых поступлений, инвестиционных ресурсов и грантов создаёт основу для устойчивого социально-экономического развития страны и реализации стратегических национальных целей.

Список литератур

1. Сафаров Абдумалик Абдусатторович нақши сармоягузории хориҷӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон // ТГФЭУ. 2024. №2.1 (41). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/na-shi-sarmoyaguzorii-hori-dar-i-tisodiyoti-um-urii-to-ikiston (дата обращения: 21.01.2026).

2. Ачилова М. А. Бюджетная система Республики Таджикистан: состояние, проблемы и перспективы развития // Вестник ТГУПБП. 2017. №4. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/byudzhetnaya-sistema-respubliki-tadzhikistan-sostoyanie-problemy-i-perspektivy-razvitiya (дата обращения: 21.01.2026).

3. Худойназаров Х. С. Роль фискальной политики в социально-экономическом развитии Республики Таджикистан // Вестник ТГУПБП. 2017. №2. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/rol-fiskalnoy-politiki-v-sotsialno-ekonomicheskom-razvitii-respubliki-tadzhikistan (дата обращения: 21.01.2026).

4. Боймирзоев Б.И. Бюджетное регулирование экономики в условиях перехода к рыночному хозяйству: на материалах Республики Таджикистан (диссертация). — Работа содержит глубокий теоретический и практический анализ формирования доходной части бюджета и тенденций развития налоговой базы. (dissercat.com)

5. Хакимова Мафтуна Фотеховна, Дробышевский Сергей Михайлович, Саидмурадов Лутфулло Хабибуллаевич оценка фискального импульса Республики Таджикистан в условиях финансовых потрясений // ТГФЭУ. 2021. №3 (27). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/otsenka-fiskalnogo-impulsa-respubliki-tadzhikistan-v-usloviyah-finansovyh-potryaseniy (дата обращения: 21.01.2026).

6. Рустамзода Д. Ю. Правовые основы государственного бюджетного контроля в Республике Таджикистан / Д. Ю. Рустамзода // Государственная власть и местное самоуправление. – 2021. – № 7. – С. 56-60. – DOI 10.18572/1813-1247-2021-7-56-60.

ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ ҲАМЧУН ОМИЛИ СТРАТЕГИИ РУШДИ УСТУВОР ВА АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Абдуллоева А.Т. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисоди ҷаҳонии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд, Вилояти Суғд), Тел.: (+992) 92-755-64-55, E-mail: adolatchon.abdulloeva@mail.ru

Мақолаи мазкур ба таҳлили заминаҳои ташаккул ва татбиқи иқтисодиёти сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ, тағйирёбии иқлим ва маҳдудияти захираҳои табиӣ бахшида шудааст. Аҳамияти гузариш ба модели рушди устуворро ҳамчун самти стратегии сиёсати давлатӣ асоснок намуда, нақши Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037-ро дар таъмини истифодаи самараноки сармояи табиӣ, рушди энергияи барқароршаванда ва баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ баррасӣ менамояд. Нақши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҷалби сармоягузориҳо таҳлил ёфта, рушди энергияи барқароршаванда, саноатикунонии бо технологияҳои тоза, кишоварзии устувор ва нақлиёти аз ҷиҳати экологӣ тоза метавонанд ба таҳкими амнияти энергетикӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намоянд.

Калидвожаҳо: иқтисодиёти сабз, рушди устувор, амнияти энергетикӣ, сармоя, саноатикунонии инноватсионӣ.

ЗЕЛЕНАЯ ЭКОНОМИКА КАК СТРАТЕГИЧЕСКИЙ ФАКТОР СТАБИЛЬНОГО РАЗВИТИЯ И ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Абдуллоева А.Т. - кандидат экономических наук, доцент, заведующая кафедрой мировой экономики, Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики (Республика Таджикистан, Худжанд, Согдийская область), тел.: (+992) 92-755-64-55, Эл. почта: adolatchon.abdulloeva@mail.ru

Данная статья посвящена анализу основ формирования и реализации «зеленой» экономики в Республике Таджикистан в контексте глобализации, изменения климата и ограниченности природных ресурсов. В ней обосновывается важность перехода к модели устойчивого развития как стратегического направления государственной политики и рассматривается роль Стратегии развития «зеленой» экономики в Республике Таджикистан на 2023–2037 годы в обеспечении эффективного использования природного капитала, развитии возобновляемой энергетики и повышении энергоэффективности. Анализируется роль международного сотрудничества и привлечения инвестиций, а также рассматривается, как развитие возобновляемой энергетики, индустриализация с использованием чистых технологий, устойчивое сельское хозяйство и экологически чистый транспорт могут способствовать укреплению энергетической безопасности, созданию новых рабочих мест и повышению уровня жизни населения.

Ключевые слова: зеленая экономика, устойчивое развитие, энергетическая безопасность, инвестиция, инновационная индустриализация.

GREEN ECONOMY AS A STRATEGIC FACTOR FOR STABLE DEVELOPMENT AND ECONOMIC SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Abdulloeva A.T. - candidate of economic sciences, associate professor, head of the department of world economy, Tajik state university of law, business, and politics (Republic of Tajikistan, Khujand, Sughd Region), Tel.: (+992) 92-755-64-55, Email: adolatchon.abdulloeva@mail.ru

This article is devoted to the analysis of the foundations for the formation and implementation of a green economy in the Republic of Tajikistan in the context of globalization, climate change and

limited natural resources. It substantiates the importance of the transition to a sustainable development model as a strategic direction of state policy and considers the role of the Strategy for the Development of the "Green" Economy in the Republic of Tajikistan for 2023–2037 in ensuring the effective use of natural capital, the development of renewable energy and increasing energy efficiency. The role of international cooperation and investment attraction is analyzed, and the development of renewable energy, industrialization using clean technologies, sustainable agriculture and environmentally friendly transport can contribute to strengthening energy security, creating new jobs and improving the living standards of the population.

Keywords: green economy, sustainable development, energy security, capital, innovative industrialization.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, тағйирёбии иқлим, афзоиши босуръати аҳолӣ ва маҳдудияти захираҳои табиӣ, масъалаи гузариш ба иқтисодиёти сабз ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кишварҳо табдил ёфтааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон дар Форуми байналмилалии сармоягузории "Dushanbe Invest — 2025" оид ба сармоягузориҳои «сабз» ва иқтисодиёти сабз иброз намуданд, ки "Рушди иқтисодиёти сабз на танҳо масъалаи экологӣ, балки ҳамчун самти стратегии рушди иқтисодии кишвар буда, энергетикаи барқароршаванда, саноатикунонии босуръат бо технологияҳои тоза, кишоварзии устувор ва ҳифзи захираҳои табиӣ унсурҳои асосии ин стратегия мебошанд. Иқтисодиёти сабз – низоми иқтисодиест, ки ба баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ ва баробарии иҷтимоӣ мусоидат намуда, ҳамзамон хавфҳои экологӣ ва норасоии захираҳоро коҳиш медиҳад."[10].

Татбиқи иқтисодиёти сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба заминаи мустаҳками меъёрӣ-ҳуқуқӣ такя мекунад, ки самтҳои стратегии рушди дарозмуддатро муайян менамояд. Стратегияи рушди иқтисодиёти сабз барои солҳои 2023–2037 принсипҳо ва механизмҳои мушаххаси гузариш ба иқтисодиёти сабзро муқаррар намуда, рушди энергияи барқароршаванда, баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ ва коҳиши таъсири манфии экологиро дар маркази сиёсати давлатӣ қарор медиҳад [8].

Тоҷикистон барои истеҳсоли маҳсулоти экологӣ, истифодаи нақлиёти барқӣ ва инфрасохтори сабз дорои захираҳои сабз дар соҳаи энергетика ва кишоварзии органикӣ мебошад, ки ин имкон медиҳад чаҳорумин кишвар дар ҷаҳон дар истеҳсоли энергияи барқароршаванда гардад ва аз имконоти миллии худ барои истеҳсоли нерӯи барқ аз манбаъҳои барқароршаванда истифода барад, зеро он дар соҳаи гидроэнергетика ва энергияи офтобӣ имкониятҳои воқеӣ дорад. Мамлакат аз таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар татбиқи принсипҳои иқтисодёти сабз истифода бурда, дар байни 20 кишвари беҳтарин бо индекси рушди ҳамаҷонибаи беҳтаршуда қарор дорад [9, 63].

Аз рӯи партовҳои газҳои гулхонаӣ, Тоҷикистон дар ҷаҳон дар ҷои 135-ум қарор дошта, дар минтақа бошад ба сари аҳолӣ пасттарин партовҳои газҳои гулхонаиро доро мебошад. Ин барои беҳтар шудани вазъи экологӣ ва ҳалли масъалаҳои экологӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мусоидати назаррас мекунад.

Ҳадафи стратегии рушди иқтисоди сабз дар Тоҷикистон тавассути истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, беҳтар кардани сифати зиндагии шаҳрвандон ва тақвияти суботи иҷтимоӣ ва баробарии экологии дарозмуҳлат мусоидат ба рушди иқтисодӣ мебошад. Соли 2001 аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи Орхусро барои дастгирии ҳифзи ҳуқуқи инсон ба муҳити солим барои саломатӣ ва некӯаҳволӣ ба имзо расид [6], ки мутобиқ ба он давлат ба Конвенсияи Комиссияи иқтисодии Аврупои Созмони Милали Муттаҳид "Оид ба дастрасӣ ба иттилоот, иштироки ҷомеа дар қабули қарорҳо ва дастрасӣ ба адолат дар масъалаҳои экологӣ ҳамроҳ шудааст.

Намунаҳои татбиқи иқтисодёти сабз дар Тоҷикистон:

1. Рушди нерӯгоҳҳои барқии гибридӣ. Масалан, ҶДММ "Технологияҳои сабз" силсилаи илмҳои иҷтимоиро пешниҳод кард барои соҳибони манзил дар ноҳияи баландкӯҳи Матчаи вилояти Суғд истифодаи нерӯгоҳҳои барқии гибридӣ. Дар тобистон, дарё ҷараёни кофии об

дорад, ки имкон медиҳад турбинаҳои хурди гидроэнергетикӣ истифода шаванд. Дар зимистон, як нерӯгоҳи барқии офтобӣ ба шабакаи барқии ноҳияи Мастчоҳ пайваст карда мешавад.

2. Пайваст кардани шабакаи барқии ВМКБ ба шабакаи миллии Тоҷикистон дастрасии шаҳрвандонро ба энергияи сабз беҳтар кардааст. Масалан, ширкати “Помир Энерҷӣ” 98% хонаводаҳои ВМКБ-ро, ки беш аз 227,000 нафар зиндагӣ мекунанд, бо нерӯи барқи тоза таъмин мекунад.

3. Дар соҳаи кишоварзӣ истифодаи нуриҳои органикӣ қайд карда мешавад: деҳқонон кӯшиш мекунанд, ки ба ҷои нуриҳои минералӣ нуриҳои органикӣ истифода баранд, гармхонаҳои офтобӣ созанд, обёрии қатрагӣ ҷорӣ кунанд ва усулҳои биологии ҳифзи растаниҳоро ҷорӣ намоянд.

Риояи принсипҳои иқтисодёти сабз ба ҷанбаҳои зерин таъсир мерасонад:

- тақвияти муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо дар татбиқи иқтисодёти сабз;

- беҳтар кардани низоми содирот, ҷалби сармоягузории хориҷӣ, инчунин сармоягузориҳои сабз барои ба даст овардани фоида ва ҳамзамон коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити зист;

Боз як нуқтаи муҳим: кӯшиш кунед, ки дар ҳар ҷое, ки имкон бошад, ҳисобу китоби муҳосибӣ ва идоракуниро аз ҳам ҷудо насозед. Махсусан барои он корхонаҳое мухим аст, ки шумораи коркунони звенои ҳисоби хоҷагӣ кам аст. Якчанд сабабҳо якбора вуҷуд доранд, зеро техникаи дигар ин аст:

- кори иловагии коргарон. Агар онҳо аллакай бо баҳисобгирии ҳатмӣ ва баҳисобгирии андоз сарборӣ карда бошанд, пас идоракунӣ бори дигари вазнин мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки шумораи хатоҳо зиёд мешавад, муносибати пурмазмун ба кор кам мешавад;
- афзоиши хароҷоти навсозии мавҷуда ё хариди маҳсулоти нави автоматикунонии ҳисобдорӣ. Ва инчунин барои таҳияи навоварӣ аз ҷониби кормандон. Ба ҳисобҳо танҳо илова кардани ҷузъҳои таҳлилии иловагӣ як чиз аст, то онҳо барои омода кардани ҳисоботи идоракунӣ дар шакли дилҳоҳ истифода шаванд. Татбиқи усулҳои гуногуни эътирофи даромад, тақсимоти хароҷот, баҳодиҳии амвол тамоман дигар аст ;
- ихтилофот дар ҳисоби муҳосибӣ ва ҳисоботи идоракунӣ. Агар онҳо хеле муҳим бошанд, пас фаҳмонидани ин ба соҳибони ширкат душвор аст. Бале, ва барои мудирон фахмидани нозукиҳои таксимоти хароҷот ва хароҷот, аз нав баҳодиҳии дороиҳо, ба вуҷуд овардани захираи нархгузорӣ зарӯрати нолозим аст.

Дарвоқеъ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андоз назар ба он ки баъзан пешниҳод карда мешавад, бештар умумӣ доранд. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки онҳо як пойгоҳи иттилоотӣ доранд, ки аз ибтидоӣ гирифта шудаанд.

Хатогиҳо дар ташаккул ва иҷрои сиёсати баҳисобгирии идоракунӣ. Мо дар бораи ду камбудии аввал дар боло сухан ронда будем. Вале дар натиҷа боз такрор мекунем. Дар баробари ин мо дигар камбудиҳои тез-тезро низ зам мекунем.

Якум, муҳосибот пурра ё қисман такрор карда мешавад. Ё он ба як навъ китоби дарсӣ табдил меёбад, ки дар он принсипҳои асосии баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ, таснифоти хароҷот, мафҳумҳои дороиҳо, даромадҳо, харҷҳо оварда шудаанд.

Дуюм, замимаҳои муҳим ба ҳуҷҷат мавҷуд нестанд:

- шаклҳои реестрҳои идоракунӣ ва ҳисоботдиҳӣ;
- ҷадвали ҷараёни корӣ;
- нақшаи кории ҳисобҳо;
- таснифоти хароҷот, даромад, хароҷот.

Сеюм, сиёсати баҳисобгирӣ навсозӣ карда намешавад, вақте ки воқеан дар раванди баҳисобгирӣ тағйирот ворид шудааст. Масалан, таҳлили ҳисоб такмил/тафсилот шудааст. Агар ин тавр шавад, пас фарки байни назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва амалияи ҳақиқӣ меафзояд. Махсусан, ҳангоми иваз кардани шахсони масъул ин камбудӣ як тараф мебарояд, зеро одами нав ба ҳуҷҷати куҳнашуда диқат медиҳад.

Чорум, Варианти коғазии сиёсати баҳисобгирӣ ба нусхае, ки дар барнома "дараён" шудааст, мувофиқат намекунад. Танзимоти усулҳои ҳисобкунии амортизатсия, тақсимоти хароҷот, тақсими онҳо ба тағирёбандаҳо ва доимӣ ва таснифкунандагони татбиқшаванда бояд ба матни “ ҳисобот ” мувофиқат кунанд.

Панҷум, усулҳои гузаронидани тағйироти баҳисобгирии идоравӣ дар давоми соли молиявӣ. Принсипи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андоз дар бораи:

- пайдарҳамии татбиқи он аз давра ба давра;
- мӯҳлат ба оғози соли тақвимии оянда тағйир меёбад, ба шарте ки сабабҳои узрнок барои пеш аз татбиқи онҳо вуҷуд надошта бошанд.

Гап дар сари он аст, ки ракамҳои дар ҳисобот додашуда дар давоми сол мукоисашавандаанд.

Ин усулро дар баҳисобгирии идоракунӣ низ истифода бурдан мумкин аст. Фарз мекунем, ки шумо аз 1 январ усули нави баҳодиҳии кори иҷрошавандаро чорӣ кардед. Ва шакли беҳтаршудаи ҳисоботи маржаи фоида метавонад аз лаҳзаи таҳия истифода шавад.

Тартиб додани сиёсати баҳисобгирии идоракунӣ кори осон нест. Аммо бидуни ин ҳуҷҷат ҳеҷ роҳе нест, ки ширкат барои роҳбарон сабтҳоро нигоҳ дорад. Сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ дар масъалаҳои ташкил, техника ва методологияи бақайдгирии муомилот дар ҳисобҳо ва таҳияи ҳисоботҳо мувофиқат мекунад.

Дар натиҷаи анҷоми мақола чунин ҷиҳатҳои муҳим ошкор гардида ва хулосаҳои зарурӣ таҳия карда шудаанд.

1. Сиёсати баҳисобгирии идоракунӣ воситаи нотакроре мебошад, ки бо ёрии он раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ба ҷо оварда мешавад; мукаммалгардонии низоми меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ба ҷо оварда мешавад; зиддиятҳои қонунгузории амалкунанда баррасӣ ва ҳал карда мешаванд.

2. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳоло ҳам танзимкунии қатъии равандҳои хоҷагидорӣ, андозбандӣ ва дигар ҷиҳатҳо аз тарафи давлат ба ҷо оварда мешавад, масъалаи зиддиятҳои санадҳои меъёриву қонунгузорӣ ба таври зиёд ба назар мерасад. Ана дар чунин ҳолатҳо сиёсати баҳисобгирии идоракунии дуруст таҳиягардида метавонад масъалаҳои баҳсталабро аз байн бардорад.

3. Корхона бояд сиёсати баҳисобгириро барои амалиёт, дигар рӯйдодҳо ва шароитҳои ҳамсон муттасил интихоб намуда, истифода барад, агар ягон СБҲМ тақсимоти моддаҳоро бо гурӯҳҳое талаб накарда ё раво надониста бошад, ки барои онҳо сиёсати баҳисобгирии гуногун қобили истифода аст. Агар ягон СБҲМ чунин тақсимкунӣ ба гурӯҳҳоро талаб намояд ё раво донад, пас барои ҳар яки чунин гурӯҳҳо бояд сиёсати баҳисобгирии мувофиқ интихоб гардида, муттасил истифода бурда шавад.

4. Корхона он гаҳе ба сиёсати баҳисобгирӣ тағйирот дароварда метавонад, ки агар чунин тағйирдиҳиро ягон СБҲМ талаб менамояд ё ин тағйирдиҳӣ ба боэътимодӣ ва бамавридии ахбори ҳисоботи молиявӣ меоварад.

5. Сиёсати баҳисобгирии корхона яке аз санадҳои асосие мебошад, ки ба андозсупоранда барои сабук кардани гаронии пешбурди баҳисобгирии андозҳо имконият медиҳад. Агар гаронии андоз ба андозаи зиёд ҳис карда шавад бештари соҳибкорон аз пешбурди расмӣ ва қонунии баҳисобгирии муҳосибӣ рӯ тофта ба муҳосиботи “махфӣ” мегузаранд, ки ин ба ғанигардии буҷети мамлакат таъсири бад мерасонад.

6. Ҳангоми одилона, ва дуруст будани қонунгузории андоз ва рӯшании муқаррароти қонунгузорӣ соҳибкорон кӯшиш менамоянд, ки раванди ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва хоса баҳисобгирӣ ва ҳисобкунии андозҳоро аз рӯи қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба ҷо оранд.

АДАБИЁТ

1. Дастурамал оиди тартиби таҳия намудани шаклҳои ҳисоботи молиявие, ки мутобиқи стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудаанд (Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011, № 42). – http://minfin.tj.
2. Низомнома оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2003, № 9. – http://minfin.tj.
3. Низомномаи баҳисобгири муҳосибии 1/99 “Сиёсати баҳисобгирии корхона”. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 сентябри соли 1999, № 135.– http://minfin.tj.
4. Низомнома оиди калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) дар корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 1999, № 210. – http://minfin.tj.
5. Астахов В.П. Бухгалтерский (финансовый) учет: учебник / Изд. 8-е, доп. и перераб. – Ростов н/Д: Феникс, 2007. – 891 с.
6. Байкоданова М.А., Стрельцова М.А. Налоговый учет: Курс лекций. – Красноярск, СибГТУ, 2011. – 115 с.
7. Баранов П.П., Залишкина Т.А. формирования учетной политики // Аудитор. – 2006. - №12. - с.19-23.
8. Бодрова Т. В. Налоговый учет на предприятиях и в организациях. - М.: Дашков и К, 2008. - 304 с.
9. Бодрова Т.В.Налоговый учет и формирование учетной политики для целей налогообложения: практическое пособие. - М.: ИД Дашков и К, 2009. -224 с.
10. Брызгалин, В.В. Учетная политика организаций на 2007 год.: практическое пособие. - Москва: Вершина, 2007. - 207 с.
11. Бухгалтерский финансовый учет: Учебник для вузов / Под ред. проф. Ю.А. Бабаева. – 2-е изд. перераб. и доп. – М.: Вузовский учебник, 2008. – 650 с.

РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚОБАПАЗИРИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

Оқилзода Навраста Оқил - муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Тел.: (+992) 938 15 18 00, E-mail: navrasta84@gmail.com

Мақола таҳким, рушд ва инкишофи фаъолияти соҳибкориро дар шароити рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ инъикос менамояд. Дар он нақш ва аҳамияти фаъолияти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф пешниҳодҳои худро доир ба моҳияти иқтисодиву иҷтимоии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар доираи соҳибкории хурду миёна, бахши хусусӣ ва ширкатҳое, ки бо низоми франчайзингӣ яъне консессияи тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд, иброз намудааст. Ҳамчунин фаъолияти густурдаи онҳо дар шароити рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: Фаъолияти соҳибкорӣ, иқтисодиёти миллӣ, рушд, рақобатпазирӣ, низоми франчайзинг, бахши хусусӣ, таҳлил.

РАЗВИТИЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В УСЛОВИЯХ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

Окилзода Навраста Оқил - старший преподаватель кафедры экономики и управления Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни, Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121. Тел.: (+992) 938 15 18 00, E-mail: navrasta84@gmail.com

В статье рассматривается укрепление, развитие и рост предпринимательской деятельности в условиях конкурентоспособности национальной экономики. Анализируется и изучается роль и значение предпринимательской деятельности в экономике Республики Таджикистан. Автор представляет свои предложения по экономической и социальной сущности развития предпринимательской деятельности в рамках малого и среднего бизнеса, частного сектора и компаний, работающих по франчайзинговой системе, то есть коммерческих концессий в Республике Таджикистан. Также оценивается их экстенсивность в условиях конкурентоспособности национальной экономики.

Ключевые слова: Предпринимательская деятельность, национальная экономика, развитие, конкурентоспособность, франчайзинговая система, частный сектор, анализ.

DEVELOPMENT OF ENTREPRENEURIAL ACTIVITY IN THE CONDITIONS OF COMPETITIVENESS OF THE NATIONAL ECONOMY

Okilzoda Navrasta Okil - senior lecturer of the Department of Economics and Management Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121. Phone: (+992) 938 15 18 00, E-mail: navrasta84@gmail.com

The article reflects the strengthening, development and growth of entrepreneurial activity in the conditions of competitiveness of the national economy. It analyzes and studies the role and importance of entrepreneurial activity in the economy of the Republic of Tajikistan. The author presents his proposals on the economic and social essence of the development of entrepreneurial activity within the framework of small and medium-sized businesses, the private sector and companies operating under the franchise system, that is, commercial concessions in the Republic of Tajikistan. Their extensive activity in the conditions of competitiveness of the national economy is also assessed.

Keywords: Entrepreneurial activity, national economy, development, competitiveness, franchise system, private sector, analysis.

Доир ба фаъолияти соҳибкорӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2014); дар моддаи 1 чунин оварда шудааст: - соҳибкорӣ фаъолияти мустақили ба таваккал амалишавандаи шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифташудае, ки барои ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона шудааст (Қонуни Ҷ.Т. аз 2.01.2020 №1684); [1, с.2].

Чӣ тавре, ки аз Қонуни мазкур бармеояд, фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳуриии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар сатҳҳои гуногун (истеҳсоли молу маҳсулот, фурӯш ва хизматрасониҳо) ба таври озод ба роҳ монда шудааст. Бояд қайд намуд, ки фаъолияти соҳибкорӣ пеш аз ҳама ҳамчун омили истеҳсолот ба рушди бемайлони иқтисоди миллӣ, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва ноил шудан ба Ҳадафи чоруми мамлакат – “Саноатикунонии босуръати кишвар” оварда мерасонад. Дар баробари ин рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар муҳити рақобатпазирии иқтисоди миллӣ аз мавҷуд будани рақобат вобастагии зич дорад.

Мавҷуд будани рақобат имкон медиҳад, ки:

- ҳангоми истеҳсол кардани молу маҳсулот аз захираҳои молӣ, пулӣ, меҳнати самаранок истифода карда шавад;

- комёбию нодирии захираҳо ҳис карда шуда, барои муто-биқ гардонии раванди истеҳсол ва истеъмол нигаронда шавад;

- зарурати сари вақт ҳис кардану тағйирот даровардан ва воридсозии навовариҳову ихтироотҳо ба раванди истеҳсолот ба вуҷуд оварда шавад;

- перомуни истифодаи оқилонаи натиҷаи андӯхташудаи пешрафти илму техника, дар ҳавзаи тавлиди молу маҳсулоти нав, ҷорӣ кардани техникаю технологияи ҷадид, коркарди тарзу услуби ташкил ва идораи истеҳсолот шароит фароҳам оварда шавад. [5, с.2].

Рақобат дар шароити тезутунди иқтисоди бозорӣ омили асосии рушди бомароми фаъолияти соҳибкорӣ буда, барои баланд бардоштани сатҳу сифати мол ва хадамот, инчунин ба талаботи ҷаҳониву байналмиллалӣ ҷавобгӯй гардидани молу маҳсулот ва хизматрасонӣ заминаи воқеӣ мегузорад.

Ҳамчунин рақобатпазирии иқтисоди миллӣ қобилияти давлатро барои истеҳсол ва пешниҳоди молу хадамоти баландсифат, арзон ва ба стандартҳои ҷаҳонию байналмилалӣ ҷавобгӯй беҳтар месозад. Чӣ тавре, ки ба назар мерасад, дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ҳамон корхонаҳое ба рақобат тобоваранд, ки бо техникаю техналогияи муосир ва инноватсионӣ муҷаҳҳаз гардида, дар ин замина самаранокии истеҳсолотро мутобиқ ба талаботи бозор таъмин карда тавонанд.

Рақобатнокии мамлакатро ҳамчун қобилияти вай дар шароити рақобати озоди софдилона истеҳсол кардани молҳо ва хизматҳои талаботи бозори ҷаҳониро қонеъсозанда муайян кардан мумкин аст, ки амалисозии он некӯаҳволии мамлакат ва шаҳрвандони алоҳидаи онро таъмин менамояд. [4, с.29].

Дар ин раванд фаъолияти соҳибкорӣ дар муҳити рақобатпазирии миллӣ нақши асосӣ ва калидиро мебозад. Чунки маҳз фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун муҳаррики асосии пешбарандаи иқтисодиёти кишвар дар самти инноватсия, сармоягузорӣ ва ташкилу ҷорӣ намудани истеҳсолоти рақобатпазир ба ҳисоб меравад.

Дар ин самт махсусан соҳибкории хурду миёна дар таъмини чандирии иқтисодиёт ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии бозор саҳми назаррас дорад. Дар баробари ин як қатор монеаҳо дар низоми идоракунии корхонаҳо вуҷуд доранд, ки ба пешрафти ин соҳа халал ворид менамоянд. Ба ақидаи Низомова “барои он бояд ислоҳоти корхонаҳо ба амал бароварда шавад. Мақсади ислоҳоти корхонаҳо бо роҳи дигаргунсозии корхонаҳо, беҳтар намудани низоми идоракунии онҳо ҳавасмандгардонии баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда, афзунгардонии ҳосилнокии меҳнат ва пасткунии хароҷоти истеҳсолот, беҳтар намудани натиҷаҳои молиявию иқтисодӣ мусоидат намудан мебошад. [3, с.16].

Зимнан барои рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ омилҳое вуҷуд доранд, ки ба рушди минбаъдаи соҳа нақши ҳалкунанда мебозанд:

- Таъминоти муҳити мусоиди ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ (ниҳодӣ). Дар ин самт ҷорӣ намудани қонунгузории шаффоф, ҳифзи ҳуқуқи моликият, ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон ва соддасозии ҳуҷҷатгузориҳо;
- Имкониятҳои васеи дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ. Ҷалби сармоягузорӣ, имтиёзҳои андозӣ, қарзҳои имтиёзноки бонкӣ, грантҳо ва дигар манбаъҳои молиявӣ, ки соҳибкорони ватанӣ метавонанд истифода аз ин манбаъҳо миқёси тиҷорати худро васеъ сохта, технологияҳои муосир ва инноватсиониро ворид намуда, дар раванди истеҳсолот ҷорӣ намоянд;
- Рушди инфрасохтор: ташкил ва ҷорӣ намудани инфрасохтори муосир, хизматрасониҳои логистикӣ, тавсеаи шабакаҳои интернетӣ;
- Ташаккули сармояи инсонӣ. Баланд бардоштани сатҳи дониш, малака ва қобилияти кадрҳо.

Ғайр аз ин таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки сармояи миллӣ ҳамон вақт ба ширкатҳои фаромиллӣ ва гурӯҳҳои молиявӣ-саноатии хориҷӣ рақобат мекунад, ки агар худи он ба ташкилотҳои пуриқтидори молиявӣ-саноатӣ муттаҳид шуда бошад, бо мақомотҳои давлатӣ ҳамкории зич дошта бошад ва дар муҳити ҳуқуқие фаъолият кунад, ки махсусияти иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳониро дар назар гирад. [5, с.2].

Дар ин раванд соҳибкорони ватанӣ метавонанд бо истифода аз бренди ҷаҳонию байналмилалӣ ё худ низоми франчайзингӣ фаъолияти самараноки худро ба таври густурда ба роҳ монанд.

Франчайзинг аз калима англисии *franchising* гирифта шуда, маънои имтиёз ё бартариро дорад. Зери ин мафҳум муносибатҳои бозорӣ байни субъектҳое фаҳмида мешаванд, ки аз як ҷониб франчайзер ва аз ҷониби дигар франчайзӣ бар ивази пардохти маблағ яъне роялтӣ (маблағи муайяни муқарраргардида) ҳуқуқи истифодаи навъи соҳибкориро дар ихтиёр гузошта, модели тиҷоратии онро ба асос мегирад, яъне аз номи худ бо истифода аз маҳсулоти хом, технология ва тамғаҳои тиҷоратӣ ё бренди франчайзер тибқи шартномаи дуҷониба фаъолияти худро ба роҳ мемонад.

Ба маънои умумӣ, франчайзинг «иҷора»-и тамғаи молӣ ё нишони тиҷоратӣ мебошад. Истифодаи франчайзинг бо шартномаи байни франчайзер (шахсе, ки франчайзинг медиҳад) ва франчайзӣ (шахсе, ки онро мегирад) танзим мегардад. Мазмуни шартнома метавонад гуногун бошад – аз содда то мураккаб, вале дар он ҷузъиёти хурдтарини истифодаи тамғаи молӣ баррасӣ мегардад. Чун қоида, шартнома маблағи тарҳҳоро барои истифодаи франшиза танзим мекунад (тибқи таҷриба, маблағ метавонад муайяншуда, якдафъаина ва фоиз аз фурӯш бошад).

Таҳлили хусусияти бизнеси хурд, франчайзинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки он назар ба дигар шаклу намудҳои муосири бизнес, аҳамияту афзалияти бештар дошта, барои рушду нумӯи минбаъдаи он бартараф сохтани камбудиҳои ҷойдошта ва истифодаи таҷрибаи пешқадами ҳамкории байни давлат бо бахши коллективию хусусӣ мувофиқи мақсад мебошад. [2, с.3].

Тавре ба мушоҳида мерасад, дар муҳити рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва муносибатҳои бозорӣ ширкатҳое, ки бо ин низом кору хизматрасонӣ менамоянд, нисбатан тобовар мебошанд. Ин пеш аз ҳама дар мавҷуд будани дастурамали мукаммал ва маъруфияти аллакай шинохташуда инъикос меёбад.

Аз тарафи дигар, дар шароити иқтисоди бозории муосир франчайзинг бо истифода аз бренди ҷаҳонию байналмилалӣ ба сифати яке аз самтҳои инноватсионии рушди соҳибкорӣ баромад мекунад ва имкони васеъ намудани фаъолияти тиҷоратҳои хурду миёнаро ба воситаи механизмҳои институтсионалӣ ва шартномавӣ фароҳам меорад. Ҳаминро бояд қайд кард, ки истифода аз чунин модели тиҷоратӣ барои соҳибкорони навқадам ё камтаҷриба, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ даст мезананд пеш аз ҳама камхатар, усули санҷидашуда бидуни хароҷоти зиёд ва қулай мебошад.

Хулоса фаъолияти соҳибкорӣ танҳо дар шароити мавҷуд будани рақобати комил инчунин рақобатпазирии пурраи иқтисодиёти миллӣ, рушду нумӯъ карда метавонад. Ба андешаи мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ ва ҷорӣ намудани модели тиҷоратӣ яъне низоми франчайзингӣ аз аҳамият холӣ набуда, барои ба рақобат тобовар гардидани молу маҳсулот ва хизматрасониҳо муфид ва самаранок мебошад. Аз ин боис соҳибкорони ватании моро зарур аст, ки бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда фаъолияти соҳибкории худро бо ин низом ба роҳ монда, таҳти бренди маъруф, мол ва хизматрасониҳои рақобатпазирро ба бозори миллӣ ва ҷаҳонӣ ба роҳ монанд.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с 2020, №1684) моддаи 7; 18.03.2015 №1195); [1, с.2]

2. Дустова Н.О. Ассотсиатсияи франчайзинг, сохтори соҳавӣ ва рушди франчайзинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. № 3.-184 с.3.

3. Низомова, Т. Д. Иқтисодиёти корхонаҳо. Китоби дарсӣ. / Т.Д. Низомова –Душанбе: 2010.-276 с.

4. Саидмуродов Л.Ҳ. Иқтисодиёти байналхалқӣ: назария, таърих, сиёсат. Китоби дарсӣ. / Л.Ҳ. Саидмуродов - Душанбе: 2002.- 383 с.

5. Ҷонмамадов Ш.Б, Раҳмонов Ҷ.Р., Мамадалиев Ф.С. Танзими давлатии иқтисодиёт. / Ш.Б. Ҷонмамадов, Ҷ.Р. Раҳмонов, Ф.С. Мамадалиев. -. Душанбе 2010.-165 с.

ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ДАР ШАРОИТИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ ВОРИДОТИВАЗКУНӢ

Гулов Бахромҷон Маҳмаднаимович – доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Тел.: (+992) 900-50-50-09; E-mail: gulov94.94@mail.ru.

Назаров Ҳасан Сафармадович – унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Тел: (992) 204-43-44-44.

Дар мақола масъалаҳои такмили механизми дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ дар шароити татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ баррасӣ гардидаанд. Нақши сиёсати давлатӣ дар рушди истеҳсолоти ватанӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ таҳлил шудааст. Давраи ҳаётии воридотивазкунӣ ва марҳалаҳои асосии он муайян гардида, инчунин алгоритми амалигардонии дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ пешниҳод карда мешавад. Тадқиқот нишон медиҳад, ки такмили механизмҳои молиявӣ ва иқтисодии дастгирии давлатӣ метавонад ба рушди устувори бахши кишоварзӣ ва афзоиши иқтидори содиротии маҳсулоти агросаноатӣ мусоидат намояд.

Калидвожаҳо: кишоварзӣ, сиёсати давлатӣ, воридотивазкунӣ, комплекси агросаноатӣ, дастгирии давлатӣ, рақобатпазирӣ, рушди устувор, амнияти озуқаворӣ.

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМА ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОДДЕРЖКИ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА В УСЛОВИЯХ РЕАЛИЗАЦИИ СТРАТЕГИИ ИМПОРТОЗАМЕЩЕНИЯ.

Гулов Бахромджон Махмаднаимович – доктор философии (PhD), доцент кафедры финансов Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 67. Тел.: (+992) 900-50-50-09; E-mail: gulov94.94@mail.ru.

Назаров Хасан Сафармадович – соискатель кафедры теории экономики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 67. Тел: (992) 204-43-44-44.

В статье рассматриваются вопросы совершенствования механизма государственной поддержки сельского хозяйства в условиях реализации стратегии импортозамещения. Проанализирована роль государственной политики в развитии отечественного производства, повышении конкурентоспособности сельскохозяйственной продукции и обеспечении продовольственной безопасности. Определены основные этапы жизненного цикла импортозамещения, а также предложен алгоритм реализации государственной поддержки аграрного сектора. Результаты исследования показывают, что совершенствование финансово-экономических механизмов государственной поддержки способствует устойчивому развитию сельского хозяйства и росту экспортного потенциала агропромышленного комплекса.

Ключевые слова: сельское хозяйство, государственная поддержка, импортозамещение, агропромышленный комплекс, конкурентоспособность, продовольственная безопасность, устойчивое развитие.

IMPROVEMENT OF THE MECHANISM OF STATE SUPPORT FOR AGRICULTURE IN THE CONTEXT OF IMPLEMENTING THE IMPORT SUBSTITUTION STRATEGY

Gulov Bahromjon Mahmadnaimovich – doctor of philosophy (PhD), associate professor of the department of finance, Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, st.Aini, 67. Phone: (+992) 900-50-50-09; E-mail: gulov94.94@mail.ru.

Nazarov Hasan Safarmadovich - applicant at the Department of Economic Theory, Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, st.Aini, 67. Tel .: (992) 204-43-44-44.

The article examines the improvement of the mechanism of state support for agriculture in the context of implementing the import substitution strategy. The role of state policy in the development of domestic production, increasing the competitiveness of agricultural products, and ensuring food security is analyzed. The life cycle of import substitution and its main stages are identified, and an algorithm for the implementation of state support for the agricultural sector is proposed. The study shows that improving financial and economic mechanisms of state support can contribute to the sustainable development of agriculture and increase the export potential of the agro-industrial complex.

Keywords: agriculture, state support, import substitution, agro-industrial complex, competitiveness, food security, sustainable development.

Гузориши масъала. Рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ба самт ва самаранокии дастгирии давлатӣ дар комплекси агросаноатӣ ва саривақтӣ амалӣ шудани он вобастагӣ дорад. Буҳрони истеҳсолоти аграрӣ ва сатҳи амнияти озуқаворию мамлакат тақозо мекунад, ки механизмҳои нави илмию амалии дастгирии давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ таҳия карда шаванд ва аз таҷрибаҳои кишварҳои тараққикарда фарқ кунанд, махсусан дар заминаи стратегияи воридотивазкунӣ.

Воридотивазкунӣ қисми таркибии сиёсати давлатӣ ва стратегияи миллӣ буда, барои кам намудани сатҳи осебпазирии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он аз ҳисоби зиёд кардани миқдори истеҳсоли молу маҳсулоти ватанию рақобатпазир бо роҳи кам намудани ҳаҷми воридот дар бозори дохила нисбат ба бозори беруна равона мегардад. Дар воқеъ, баландбардории маҳсулоти кишоварзии рақобатпазир дар бозорҳои дохила ва беруна ва таъмини устуворию молиявии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ (КАС) шарти татбиқи сиёсати самараноки сиёсати воридотивазкунӣ мебошад. Бинобар ин, таҳқиқи проблемаи такмили механизми дастгирии давлатии соҳаи кишоварзиро дар шароити татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ талаб мекунад.

Дарачаи коркарди масъала. Дар мақолаи мазкур маводҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба танзими давлатӣ ва дастгирии истеҳсолоти аграрӣ, зарур будани дастгирии давлатӣ ва механизмҳои такмил додани низоми молӣ дар соҳаи кишоварзӣ, инчунин асосҳои назариявии стратегияи воридотивазкунӣ баррасӣ гардидаанд, ҳамзамон тавсияҳои амалӣ барои татбиқи стратегия пешниҳод карда шудаанд.

Бо дарназардошти саҳми олимони номбурда, ҳануз ҳам мушкилоти дастгирии давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ, махсусан дар заминаи стратегияи воридотивазкунӣ боқӣ мондааст.

Бинобар ин ҳам **мақсади таҳқиқи** мо низ аз асосноккунии масъалаҳои назариявӣ ва методӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои такмили механизми дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ дар шароити татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ мебошад.

Муҳтавои асосии мавод. Дар доираи такмили асосҳои назариявии дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ, ки бо татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ алоқаманд мебошад, мазмуни мафҳуми «давраи ҳаётии воридотивазкунӣ» мушаххастар шарҳ дода мешавад. Бояд ёдовар шуд, ки воридотивазкунӣ ин як стратегияе мебошад, ки мақсади ниҳоӣ ва асосии он «... иваз кардани молҳо ва хидматҳои воридотӣ ба молҳои ватанӣ бо мақсади дастгирии иқтисоди миллӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз таъминоти хориҷӣ мебошад» [7, С.56]. Моҳияти асосии ин мафҳум дар он зоҳир мегардад, ки сиёсати воридотивазкунӣ бояд ба таври марҳалавӣ амалӣ гардида, ҳар як марҳала дорои ҳадафҳо, механизмҳо ва воситаҳои махсуси дастгирии давлатӣ бошад.

Татбиқи чунин равиши марҳалавӣ имконият медиҳад, ки рушди истеҳсолоти ватанӣ, махсусан дар бахши кишоварзии Тоҷикистон, тадриҷан тақвият ёфта, рақобатпазирии маҳсулоти дохилӣ дар бозор афзоиш ёбад.

Сиёсати давлатӣ то андозае бозори дохилиро аз рақобати истеҳсолкунандагони хориҷӣ ҳифз менамояд, ки корхонаҳои ватанӣ дар муддати нисбатан кӯтоҳ талаботи бозори дохилиро бо маҳсулоти босифат таъмин намоянд. Бо дарназардошти ин, дар баъзе ҳолатҳо технология

ва усулҳои истеҳсолие, ки истифода мешаванд, дар бозори ҷаҳонӣ аллакай ба марҳалаи охири давраи рушди худ расидаанд.

Интихоби механизми ташкилию иқтисодии дастгирии давлатӣ бояд ба шароити муайяни вақт ва ҳадафҳои гузошташуда мутобиқ бошад. Аз ин лиҳоз, чунин механизмҳоро метавон дар асоси модели давраи ҳаётии рушд таҳлил намуд.

Ба андешаи мо, давраи ҳаётии воридотивазкунӣ давомнокии раванде мебошад, ки дар он маҳсулоти ватанӣ тадриҷан ҷойивазкунии маҳсулоти воридотӣ мегардад. Ин раванд аз чор марҳала иборат буда, онҳо аз рӯйи давомнокӣ ва самтҳои татбиқи стратегияҳои воридотивазкунӣ ва дастгирии он фарқ мекунанд.

Марҳалаи аввал, мониторинги доимии молу хизматрасониҳои воридотӣ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи онҳо мебошад. Дар ин марҳала сифати маҳсулот, шароити истеҳсол, афзалиятҳо ва камбудиҳо, инчунин талаботи технологӣ ва тарзи истифодаи онҳо таҳлил карда мешавад. Ҳамзамон омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта дар самти такмили технологияҳои истеҳсолӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулот, беҳтар кардани донишу малакаи кормандон, рушди робитаҳои байнисоҳавӣ ва кам намудани хароҷоти истеҳсол аҳамияти калон дорад. Дар ин давра нақши давлат пеш аз ҳама дар дастгирии рушди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ, инчунин таъсиси марказҳои иттилоотӣ ва машваратӣ барои истеҳсолкунандагон зоҳир мегардад.

Марҳалаи дуюм, диверсификатсияи истеҳсолоти маҳаллӣ ва рушди сармоягузорӣ, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва савдо мебошад. Дар ин марҳала тавассути ташкили низомҳои муосири нигоҳдорӣ, бастабандӣ, интиқол ва фурӯш имкон пайдо мешавад, ки талафоти маҳсулот дар ҳамаи зинаҳои истеҳсол кам карда шавад. Ин раванд барои ташаккули сиёсати фаъоли гуногуншаклии маҳсулот ва ҷойивазкунии молҳои хориҷӣ бо маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ мусоидат менамояд. Аз ҷониби давлат дар ин давра афзоиши маблағҳои дастгирӣ, таъсиси фондҳои сармоягузории муштарак, бастани шартномаҳои инвеститсионӣ, субсидиякунии фоизи қарзҳои сармоягузорӣ ва ҷудо намудани грантҳо барои таъсиси хоҷагиҳои нав муҳим арзёбӣ мегардад. Бояд гуфт, ки «Дар соҳаҳои кишоварзии минтақаҳои вилояти Хатлон захираҳои кофии иқтисодӣ ва сармоягузорӣ мавҷуд аст, бинобар ин кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он яке аз соҳаҳои рушдёбандаи иқтисодиёт мебошад» [1, С.216].

Марҳалаи сеюм, густариши истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот мебошад. Дар ин марҳала консепсияи маҳсулоти ватанӣ таҳия гардида, истеҳсоли таҷрибавии он ба роҳ монда мешавад. Беҳтар аст чунин истеҳсолот дар заминаи корхонаҳои мавҷуда ташкил карда шавад. Аз ҷониби давлат дастгирӣ метавонад дар шакли субсидиякунии лизинг, пешниҳоди кумакҳои молиявӣ ба истеҳсолкунандагон, инчунин мусоидат ба ҳамкорӣ ва ҳамгироии корхонаҳо амалӣ гардад. Ҳамзамон механизми самараноки тақсимоти маблағҳои дастгирӣ бояд самтҳои асосии сиёсати воридотивазкуниро ба инобат гирад.

Марҳалаи чорум, расонидани маҳсулоти воридотивазкунӣ ба сатҳи рақобатпазирии байналмилалӣ аз рӯйи сифат ва нархи фурӯш мебошад. Пеш аз баромадан ба бозорҳои хориҷӣ чунин маҳсулот бояд дар бозори дохилӣ ҳаматарафа санҷида шуда, ҳамчунин масъалаҳои таъмини ашёи хом, қисмҳои эҳтиётӣ, бастабандӣ ва логистика ҳал карда шаванд. Дар ин давра давлат метавонад тавассути дастгирии марказҳои иттилоотӣ ва машваратӣ, ташкили намоишгоҳҳо ва ярмаркаҳо, маблағгузории пешазэкспортӣ, қарздиҳӣ ба харидорони хориҷӣ ва пешниҳоди кафолатҳои бонкӣ рушди содиротро ҳавасманд гардонад.

Дар маҷмӯъ, татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ ба таври марҳалавӣ имконият медиҳад, ки хароҷоти истеҳсолӣ кам гардида, рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар бозорҳои байналмилалӣ тақвият ёбад.

Дар баробари ин алгоритми амалигардонии дастгирии давлатии соҳаи кишоварзиро дар шароити сиёсати воридотивазкунӣ таҳия намудем, ки бояд фаъолияти мақомотҳои идоракунии давлатӣ, сохторҳои соҳибкорӣ ва аҳолӣ ба таври ҳамоҳанг ба роҳ монда шавад. Ҳадафи асосии чунин ҳамоҳангсозӣ таъмин намудани татбиқи самараноки стратегияи воридотивазкунӣ, рушди истеҳсолоти ватанӣ ва ҳамзамон тақвияти имкониятҳои содиротии маҳсулоти кишоварзӣ мебошад.

Татбиқи ин гуна равиш, махсусан дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба рушди устувори бахши кишоварзӣ ва баланд гардидани рақобатпазирии маҳсулоти дохилӣ мусоидат намояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир дар рушди соҳаи кишоварзӣ тамоюлҳои мусбат ба назар мерасанд, ки барои татбиқи сиёсати воридотивазкунӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Сохтор ва самтҳои асосии дастгирии давлатии кишоварзӣ ба вазъияти умумии иқтисодии кишвар мувофиқат мекунанд. Бо вуҷуди ин, таҳлил нишон медиҳад, ки миёни ҳаҷми маблағҳои дастгирӣ ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба ҳар як воҳиди субсидия нобаробарӣ мушоҳида мегардад. Ин ҳолат нишонаи он аст, ки механизми дастгирии давлатӣ ба такмил ва бознигарӣ ниёз дорад.

Ба ақидаи мо, шароити фаъолияти истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаҳои гуногун бояд то ҳадди имкон баробар карда шавад. Ҳамзамон, сиёсати мақомоти минтақавӣ дар самти дастгирии соҳа бояд пешгӯишаванда ва ба рушди самтҳои афзалиятноки кишоварзӣ равона гардад. Дар натиҷа истеҳсолкунандагон метавонанд қарорҳои идоракунии худро бо асоснокии бештар қабул намоянд.

Механизми дастгирии давлатии кишоварзӣ бояд хусусияти лоиҳавӣ дошта бошад ва самтҳои амалишавандаи сиёсати воридотивазкуниро дар минтақа ба назар гирифта шавад. Аз ин лиҳоз, такмили сиёсати минтақавии дастгирии давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ мувофиқи як алгоритми муайян амалӣ карда мешавад.



Расми 1. Алгоритми амалигардонии дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ дар шароити сиёсати воридотивазкунӣ

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ, тавсия дода мешавад, ки ҳангоми такмил додани барномаҳои рушди минтақавии кишоварзӣ пайдарпаии амалҳо ва усулҳои дар алгоритми пешниҳодшуда пешбинигардида ба назар гирифта шаванд.

Истифодаи чунин алгоритм имкон медиҳад, ки чорабиниҳои дастгирии давлатӣ ба таври мунтазам ва ҳадафманд амалӣ гардида, рушди истеҳсолоти ватанӣ ва татбиқи самараноки сиёсати воридотивазкунӣ таъмин карда шавад. Ин раванд, махсусан дар шароити мамлакати мо метавонад ба рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва афзоиши иқтидори содиротии маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намояд.

Дар ин ҷо барои татбиқи зинаҳои қайдшуда, дастгириҳои давлатӣ заминагузор аст. Дар аксарияти давлатҳои тараққикардаи иқтисодӣ ҳокимият дар асоси маҷмуи тадбирҳои иқтисодӣ, ки ба субсидияҳо, имтиёзҳои андозӣ, муқовимат бар зидди бекорӣ ва камбизоатӣ, инвеститсияҳо, барномаҳои рушди минтақаҳо ва деҳот, мутобиқшавӣ ба низомҳои қарздиҳӣ ва суғурта равонаанд, дастгирии пайвастаи истеҳсолкунандагони молҳои агросаноатиро таъмин менамояд. Ин раванд ба муносибгардонии таъмини ғизоии аҳолӣ ва ба афзоиши миқдори маҳсулоти агросаноатӣ мусоидат менамояд.

Ба андешаи мо, яке аз шаклҳои асосии дастгирии самаранокии давлатӣ дар маҷмуи агросаноатӣ барномаҳои мақсадноки давлативу минтақавӣ ба ҳисоб мераванд ва бо мақсади такмил додан ва пур кардани бозори озуқаворӣ ва рақобатпазир будани маҳсулот, истеҳсолкунандагони молҳои агросаноатии он ва навъҳои онро ҳавасманд месозанд. Дар ин росто «стратегияи воридотивазкунӣ ҷараёни дигаргуниҳои миқдорӣ ва сифатиро дар иқтисодиёти минтақавӣ ба миён оварда, рушди истеҳсолоти молҳои ватаниро афзоиш медиҳад» [6, С.125].

Барои ҳаллу фасли проблемаҳои болозикр дар самти асосии ивазкунии воридот яке аз муҳимтарин роҳи ҳал азнавсозии маҷмуи фондҳои асосӣ ҳисоб ёфта, дар ин самти калидӣ ба таври васеъ истифода бурдани воситаҳои навтарини технологияро дар зерсоҳаҳои комплекси агросаноатӣ дар назар дорад. Бо ин сабаб истеҳсоли молу маҳсулоти агросаноатии ба рақобат ҷавобгӯйро афзоиш додан мумкин аст.

Пояи назариявии ивазкунандаи воридотро ҳамчун омили ҳалкунандаи проблемаҳои истеҳсолоти агросаноатӣ, ки дар умум барои таъминнамоии татбиқи самараноки он имконият медиҳад, муайян мекунем. Қобили қайд аст, ки системаи назорати хусусияти лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар истеҳсолоти агросаноатӣ яке аз воситаҳои ҳалли проблемаи мазкур мебошад. Оид ба ҳамин масъала чунин зикр доштан зарур аст, ки «Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузориро дар соҳаи кишоварзӣ ҳамчун раванди мураккаби назорати захираҳои моддӣ, молиявӣ, инсонӣ ва идоракунии онҳо дар давраи ҳаётии лоиҳаи сармоягузорӣ бо мақсади баст овардани натиҷаҳое метавон қабул намуд, ки лоиҳаи сармоягузорӣ барои он таҳия шудааст» [2, С.158].

Бар асоси натиҷаҳои фаъолияти системаи баррасишуда, дурустии лоиҳаҳоро дида, миқдори дастрасии имтиёзҳои давлатӣ ва дигар шаклҳои дастгириро муайян намудан лозим меояд. Дар ин система функсияи асосӣ таъмини соҳаҳои асосии истеҳсолоти агросаноатӣ барои субъектҳои хоҷагидор, дар шароити баланди хавф таъмини шароити хуби қарздиҳӣ ва маҳдудият барои бонкҳои ба самти истеҳсолоти агросаноатӣ равонашуда мебошад. Маблағҳои дастгирие, ки барои ҳавасмандкунии содироти ғайри ашёи хоми КАС равона шудаанд ва рақобатпазирии истеҳсолкунандагони соҳаи агросаноатро таъмин менамоянд, яке аз абзорҳои муҳимми сиёсати иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд. Ба ин шаклҳо метавон қарзҳои содиротӣ, субсидиякунии фоизҳо, суғуртаи хатарҳои соҳибкориву сиёсӣ ва пешбинӣ шудани кафолатҳои давлатӣ дохил шаванд. Илова бар ин, дастгирии содироти аллакай мавҷуда низ ҳамчун абзори муҳимми дигар амал мекунад. Он метавонад тавассути намояндагиҳои тиҷоратӣ дар кишварҳои шарик амалӣ гардида, ҳам ба шакли хизматрасониҳои гуногун (пеш аз ҳама, иттилоотӣ ва машваратӣ) ва ҳам ба шакли кафолатҳо ва имтиёзҳои давлатӣ татбиқ ёбад.

Дар кишварҳои хориҷӣ низ чунин дастгирӣ бояд васеъ гардонида шуда, дар минтақаҳои кишвар низ бо ҳамин усул барои дастрас намудани иттилооти ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва технологӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад. Чорумин абзор ба рушди минбаъдаи иқтидори

содиротии мамлакатҳои КАС дахл дошта, ҳамоҳангсозии амалҳои иқтисодии берунаро, бахусус бо давлатҳои ҳамкор, дар назар мегирад. Вазифаи асосии ин раванд коҳиш додани монеаҳои тиҷоратӣ барои молҳои агросаноатии ватанӣ мебошад. Ба чунин чораҳо метавон афзоиши самаранокии ҳаллу фасли баҳсҳои тиҷоратӣ, бартарафсозии маҳдудиятҳои нархшиканӣ, мутобиқсозии шароити гумрукӣ ва дигар тадбирҳоро шомил донист.

Иловаи муҳимми инноватсионӣ ба низоми муосири абзорҳои воридотивазкунӣ дар КАС метавонад таъсиси низоми ягонаи шартномавӣ бошад, ки ба танзими иҷрои шартномаҳои давлатии харид мусоидаткунанда буда, ба фондҳои асосии истеҳсолкунандагони агросаноатӣ вобаста аст. Ин раванд имконият медиҳад, ки тақсимоти маблағҳои буҷетӣ дар тамоми сатҳҳо беҳтар ҳамоҳанг карда шуда, назорати давлатии самаранок бар вазъи молиявии субъектҳои комплекси агросаноатӣ пурзӯр гардад.

Ҳамин тариқ, «татбиқи самараноки стратегияи воридотивазкунӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба такмили механизми дастгирии давлатии комплекси агросаноатӣ вобастагии зич дорад» [4, С.349]. Таҳлил нишон медиҳад, ки истифодаи равиши марҳалавӣ дар амалигардонии сиёсати воридотивазкунӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, рушди сармоягузорӣ ва такмили механизмҳои молиявию иқтисодии дастгирии давлатӣ метавонад ба баланд гардидани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзии ватанӣ мусоидат намояд. Дар баробари ин, истифодаи алгоритми пешниҳодшуда барои амалигардонии дастгирии давлатӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидор ҳамоҳанг гардида, рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва афзоиши иқтидори содиротии маҳсулоти агросаноатӣ таъмин карда шавад.

АДАБИЁТ

1. Гулов Б.М. Механизмҳои ҷалби захираҳои сармоявӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон / Б.М. Гулов // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз». Душанбе, – 2021. - №1(90). – С.216-221. – С.216.
2. Гулов Б.М. Хусусиятҳо ва усулҳои идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ / Б.М. Гулов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2024. - №1/1(119). – С.158-161. – С.158.
3. Мирсаидов А.Б. Институциональные аспекты эффективного использования инвестиционного потенциала в аграрной экономике [Текст] / А.Б. Мирсаидов, Б.М. Гулов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук, 2019. -№4-1. – С.158-164. – С.158.
4. Назаров Ҳ.С. Баҳодиҳии иқтидори захиравӣ ва инфрасохтори истеҳсолии воридотивазкунандаи комплекси агросаноатии вилояти Хатлон / Б.М. Гулов, Ҳ.С. Назаров // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз». – Душанбе, 2025. – №4 (109). – С. 349–354. – С. 349.
5. Федосеева Г.А. Сущность и развитие теории импортозамещения / Г.А. Федосеева // Известия Санкт-Петербургского государственного экономического университета, 2015. – №3 (93). – С. 144.
6. Холматова Д.А. Механизмҳои татбиқи сиёсати воридотивазкунӣ дар иқтисодиёти минтақа / Д.А. Холматова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2025. - №1(102). – С.125-134. – С.125.
7. Ҳамдамзода Х.А. Таҷрибаи хориҷии татбиқи консепсияи воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ / Х.А. Ҳамдамзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. - №1(56). – С.56.
8. Шумпетер И.А. Теория экономического развития / И.А. Шумпетер // Москва: Прогресс, 1982. – 401с.

РУШДИ УСТУВОРИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Эрматов Мансур Сироҷидинович – омӯзгори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Тел.: (+992) 907-81-20-00; E-mail: Mansur-150285@mail.ru

Дар мақола нақши вилояти Хатлон дар таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Зикр мегардад, ки вилояти Хатлон ҳамчун калонтарин ва аграритарин минтақаи кишвар дорои иқтидори васеи истеҳсолӣ буда, дар рушди соҳаи кишоварзӣ ва таҳкими истиқлолияти озуқаворӣ саҳми назаррас мегузорад. Дар асоси маълумоти оморӣ нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии вилоят, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, васеъ гардидани майдони кишт, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва татбиқи технологияҳои муосир баррасӣ шудаанд. Таъкид карда мешавад, ки истифодаи самараноки заминҳои обӣ, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ, рушди гармхонаҳо ва боғҳои интенсивӣ, инчунин афзоиши истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир омили муҳими таъмини бозори дохилӣ ва рушди содирот мебошад. Дар фарҷом як қатор пешниҳодҳо ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва таҳкими амнияти озуқаворӣ ироа мегарданд.

Калидвожаҳо: амнияти озуқаворӣ, кишоварзӣ, рушди устувор, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, заминҳои обӣ, гармхонаҳо, боғҳои интенсивӣ, содироти маҳсулот, истиқлолияти озуқаворӣ.

УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО СЕКТОРА И ЕГО РОЛЬ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

Эрматов Мансур Сироджидинович - преподаватель кафедры финансов Бохтарского государственного университета имени Носири Хусрава. 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 67. Тел.: (+992) 907-81-20-00; E-mail: Mansur-150285@mail.ru

В статье проанализирована роль Хатлонской области в обеспечении продовольственной безопасности Республики Таджикистан. Отмечается, что Хатлонская область как крупнейший аграрный регион страны обладает значительным производственным потенциалом и вносит существенный вклад в развитие сельского хозяйства и укрепление продовольственной независимости. На основе статистических данных рассмотрены показатели экономического развития региона, объемы сельскохозяйственного производства, расширение посевных площадей, повышение урожайности и внедрение современных технологий. Особое внимание уделено эффективному использованию орошаемых земель, развитию тепличного хозяйства и интенсивных садов, а также увеличению производства конкурентоспособной продукции. В заключение предложены практические рекомендации по повышению эффективности аграрного производства и укреплению продовольственной безопасности.

Ключевые слова: продовольственная безопасность, сельское хозяйство, устойчивое развитие, сельскохозяйственное производство, орошаемые земли, теплицы, интенсивные сады, экспорт продукции, продовольственная независимость.

SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE AGRICULTURAL SECTOR AND ITS ROLE IN ENSURING FOOD SECURITY IN KHATLON REGION

Mansur Sirodjidinovich Ermatov - Lecturer in the Finance Department at Nosiri Khusrav Bokhtar State University. 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street, 67. Tel.: (+992) 907-81-20-00; E-mail: mansur-150285@mail.ru

The article analyzes the role of the Khatlon Region in ensuring food security in the Republic of Tajikistan. It is emphasized that Khatlon, as the largest agrarian region of the country, possesses significant production potential and plays a crucial role in the development of agriculture and

strengthening national food independence. Based on statistical data, the paper examines key economic indicators of regional development, agricultural output, expansion of cultivated areas, yield growth, and the implementation of modern technologies. Particular attention is paid to the efficient use of irrigated lands, the development of greenhouse farming and intensive orchards, as well as the increase in competitive agricultural production. The article concludes with practical recommendations aimed at improving agricultural efficiency and enhancing food security.

Key words: food security, agriculture, sustainable development, agricultural production, irrigated land, greenhouses, intensive orchards, export, food independence.

Вилояти Хатлон яке аз сернуфузтарин вилоятҳои кишвар ба ҳисоб рафта, кишоварзони он дар рушди тамоми бахшҳои хоҷагии халқи мамлакат ва беҳбуд бахшидани иқтисоди кишвар нақши калидӣ доранд. Ҳам соҳаи аграрӣ ва ҳам саноат дар ин вилоят бо меҳнати босамари кишоварзон ба таври бесобиқа рушд карда истодааст.

Ҳамин аст, ки ҳамасола нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии кишоварзони вилоят дар ҳоли афзоиш аст. Барои мисол, «дар 9 моҳи соли ҷорӣ нишондиҳандаи кӯтоҳмуҳлати рушди минтақавии вилояти Хатлон ба 23 миллиарду 655,9 миллион сомонӣ расидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,2% зиёд мебошад» [2]. Ба гуфти иқтисоддонон ин рақам дар маҷмуъ зиёда аз 26 фоизи ҳиссаи нишондиҳандаҳои кӯтоҳмуҳлати рушди иқтисодии кишварро ташкил медиҳад. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ ва суҳбату вохӯриҳо бо сокинони шаҳру навоҳии вилоят дар охири моҳи апрели соли равон иброз дошта буданд, «вилояти Хатлон ҳамчун калонтарин вилояти кишвар дорои имконоте мебошад, ки барои таъмини озуқавории мамлакат нақши калидӣ дорад» [1].

Махсус таъкид менамоям, ки дар вилояти Хатлон ҳамчун калонтарин вилояти кишвар, қабл аз ҳама, аз лиҳози кишоварзӣ имкониятҳо нисбат ба дигар минтақаҳои мамлакат бештаранд ва кишоварзони вилоят бояд дар шароити кунунӣ, ба хотири ҳифзи амнияти озуқавории кишвар, таъмин намудани бозори дохилӣ ва зиёд кардани содироти маҳсулот беш аз ҳар вақти дигар саъю талош намоянд. Ҳамчунин, вилояти Хатлон вобаста ба шароити мусоиди иқлими худ имконияти зиёди бо маҳсулоти барвақтӣ таъмин намудани бозори истеъмолиро дорад, - гуфта будаанд Пешвои миллат.

Амнияти озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои стратегии рушди устувори ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Таъмини аҳолӣ бо ғизои кофӣ, солим ва бехатар на танҳо масъалаи иҷтимоӣ, балки омили муҳими таъмини суботи иқтисодиву сиёсӣ низ мебошад. Сатҳи баланди амнияти озуқаворӣ заминаи асосии рушди инсонӣ, баланд гардидани сатҳи зиндагӣ ва таҳкими иқтидори миллӣ ба шумор меравад.

Дар ин раванд соҳаи кишоварзӣ нақши калидӣ мебозад, зеро манбаи асосии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ маҳз ҳамин соҳа мебошад. Амнияти озуқаворӣ чунин ҳолатест, ки дар он тамоми аҳолӣ дар ҳамаи вақт ба озуқавории кофӣ, бехатар ва ғизонок дастрасӣ доранд.

Кишоварзӣ яке аз бахшҳои муҳими иқтисоди миллӣ буда, дар таъмини амнияти озуқаворӣ саҳми ҳалкунанда дорад. Бе рушди устувори ин соҳа расидан ба ҳадафи стратегии давлат таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоии кофӣ ва босифат ғайриимкон аст.

Яке аз самтҳои асосӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ ин т**аъмини аҳолӣ бо ғизо мебошад.** Кишоварзӣ манбаи асосии истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ, аз қабили гандум, сабзавот, мева, гӯшт, шир ва дигар номгӯйҳо мебошад. Таъмини аҳолӣ бо ғизои кофӣ ва солим яке аз масъалаҳои калидии иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Дастрасӣ ба ғизои босифат на танҳо омили ҳифзи саломатии аҳолӣ, балки шарти муҳими рушди устувори ҷомеа ва иқтисоди миллӣ мебошад.

Таъмини аҳолӣ бо ғизо раванди фароҳам овардани миқдор ва сифати зарурии маҳсулоти озуқаворӣ барои ҳар як шахс мебошад, ки ба талаботи физиологӣ ва меъёрҳои санитариву гигиенӣ ҷавобгӯ бошад.

Мувофиқи таҳқиқоти илмӣ, таъмини ғизо аз се ҷузъи асосӣ иборат аст: дастрасӣ, кифоягӣ ва сифат.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо вуҷуди мавҷуд будани мушкилоти иқлимӣ ва иқтисодӣ, дар солҳои охир ба рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Тибқи маълумоти расмӣ, қисми зиёди талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти ғизоӣ аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ таъмин карда мешавад. Ин раванд ба таҳкими истиқлолияти озуқаворӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз воридот мусоидат менамояд.

Ҷадвали 1. Омилҳои асосии таъминкунандаи аҳолӣ бо ғизо

Номгӯйи омил	Шарҳи мухтасар
Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ	манбаъи асосии ғизо, ки вобаста ба ҳосилнокӣ ва иқтидори соҳаи кишоварзӣ аст
Инфрасохтори бозор	шабакаи нақлиёт, анборҳо, бозорҳо ва сардхонаҳо, ки интиқол ва нигоҳдории ғизоро таъмин мекунанд
Сиёсати давлатӣ	дастрасии деҳқонон, ҷорӣ кардани барномаҳои ғизоӣ ва назорати сифат
Имконияти иқтисодии аҳолӣ	сатҳи даромад ва қобилияти харидории мардум
Омилҳои табиӣ ва иқлимӣ	мавҷудияти об, замини ҳосилхез ва таъсири тағйирёбии иқлим

Чӣ тавре ки қайд намудем соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳимми иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар ин замина Гулов Б.М. қайд менамояд, ки «вазъият ва самараи он ба таъминоти озуқаворӣ ва дараҷаи некуаҳолии мардум таъсири мусбат расонида, аз бисёр ҷиҳат вазъияти умумии иқтисодиётро муайян карда, қариб бо ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ алоқаи зич дорад» [3, С.480].

Рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла тақвиятёбии истифодаи самараноку оқилонаи заминҳо, технологияҳои муосири кишту парвариши зироатҳо, истифодаи тухмиҳои хушсифату баландҳосили репродуксионӣ, баланд бардоштани бордеҳи замин, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазиру ватанӣ ва дар маҷмуъ, таъмини фаровонии бозорҳои истеъмолӣ такони ҷиддӣ бахшида, афзоиш ва суръати рушди нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ таъмин гардида истодааст. «Дар ҳама давру замон, ягона мақсад барои мукаммалгардонӣ ва дигаргун сохтани соҳаи кишоварзӣ, барои ҳар як шаҳрванд ин таъмин намудани ҳаёти солим дар заминаи амнияти озуқавории мамлакат мебошад» [4, С.273].

Дар натиҷаи андешидани тадбирҳои самарабахш ва истифодаи мақсадноки замин, ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 25 миллиарду 48 миллион сомонӣ расонида шуд. Афзоиши он нисбат ба нишондиҳандаи ҳамин давраи соли гузашта 1 миллиарду 19 миллиону 601 ҳазор сомонӣ яъне 105 фоизро ташкил медиҳад [10]. Солҳои охир кишоварзони вилояти Хатлон пеш аз ҳама, барои баланд бардоштани бордеҳи замин, яъне гирифтани ду се ҳосил аз як қитъаи замин, дар як сол афзоиш додани ҳосилнокии зироатҳо ва рушди соҳаи тухмипарварӣ равона гардидааст.

Дар ду соли сипаригардида дар бахши ҷамъиятӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ дар майдони 350391 гектар кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла 137027 гектар ғалладонагӣ якҷоя бо тирамоҳӣ, 132568 гектар зироатҳои техникӣ, аз ин 123251 гектар пахта, 5778 гектар картошка, 21195 гектар сабзавот, 13296 гектар полезӣ ва 15690 гектар зироатҳои хӯроки чорво кишт карда шуда, дурнамои кишти ғалладонагиҳо 114%, сабзавот 103%, картошка 72% фоиз, полезӣ 111% фоиз, зироатҳои техникӣ 100%, аз ҷумла пахта 100%, зироатҳои хӯроки чорво 156% таъмин гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар маҷмуъ 1845 гектар зиёд мебошад.

Яке аз барномаҳои стратегии кишвар ин таъмини амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад. Ҳадафҳои асосии ин барнома самаранок истифодаи заминҳои обӣ ва гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида, чорӣ намудани технологияҳои муосири инноватсионӣ баҳри баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ баробари ин таъмини бозорҳои дохила бо маҳсулотҳои ғизоии аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ба роҳ мондани содироти махсулотҳои кишоварзӣ баҳри паст намудани сатҳи камбизоатӣ мебошад. Бояд қайд намуд, ки масоҳати заминҳои обӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 253,4 ҳазор гектарро ташкил намуда мувофиқи маълумоти кумитаи идораи замини вилоят дар солҳои оянд метавонад боз афзоиш ёбанд. Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдат,

Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон дар сафарҳои кориашон ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон баробари ба фаъолият шурӯъ намудани корхонаҳои кишоварзӣ, инчунин аз хоҷагиҳои деҳқонӣ-фермерӣ ва аҳолӣ дидан намуда баҳри самаранок истифода намудани ҳар як қитъаи замин хусусан заминҳои обӣ ҳидоят намуда аз як замин гирифтани ду се ҳосилро таъкид менамоянд.

Хусусан солҳои охир хоҷагиҳо аз имкониятҳои муфид истифода намуда дар байни қатори боғҳои мевдор тухмдор (себ, нок) кишти зироатҳои сабзавотиро ба роҳ мондаанд. Инчунин дар заминҳои назди ҳавлгӣ ё хоҷагиҳо бунёди гармхонаҳои замонавӣ низ имкон медиҳад, ки тамоми сол ҳосили фаровони сабзавотҳо аз қабили помидор, бодаринг ва кабудиҳо парвариш карда шуда аҳолӣ ба ин намуди маҳсулотҳо тамоми фасли сол таъмин карда шаванд. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ фермерӣ дар гармхонаҳо обу озуқадиҳии навъҳои парваришшавандаи зироатҳо бо усули қатрагӣ обу ғизодиҳӣ ба роҳ монда шудааст, инчунин ҳарорат ва намнокии дохили гармхона ба таҷҳизотҳои муосири замонавӣ ба таври автоматӣ идора карда мешаванд.

Қайд намудан лозим аст, ки парвариши кӯчати зироатҳо ба роҳ монда шудааст ба монанди кӯчати помидор, бодаринг, қаламфури булғорӣ, боимҷон ва ғайраҳо. Ин аст, ки молу маҳсулоти худӣ то чанд дар бозорҳои истеъмолӣ бо нархҳои дастрас ворид шуда, мизоҷон молҳои бо худ мувофиқро харидорӣ менамоянд. Меваю сабзавоти истеҳсолнамудаи маҳаллӣ дар бозорҳо зиёд шуда, ба сабади истеъмолии мардум расида, ба саломатӣ ва тансиҳатии аҳоли кумаки худро мерасонанд.

Ин нишондиҳандаи он аст, ки рӯз то рӯз боғҳои интенсивӣ ва гармхонаҳо зиёд гардида, рушди кишоварзӣ ба муваффақиятҳои ноил шуда, содироти молҳои кишоварзӣ ба хориҷ зиёд гардида, ба иқтисоди хоҷагидорон кумак расонида, заминаи рушди соҳаро фароҳам меорад.

Дар асоси таҳлилҳои пешниҳоднамуда ва боз ҳам бештар намудани нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар бозори мамлакат чунин хулосаҳо пешниҳод менамоем:

1. Интихоби дурусти тухмиҳо дар истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ.
2. Вобаста аз мавзеъ, минтақа ҷойгиркунонии навҳои серҳосили тобовар ба касалиҳо ва зараррасонҳо.
3. Интихоби тухмӣ ва ниҳолҳои боғҳои интенсивӣ дар хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ.
4. Ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида ва обёрии онҳо.
5. Самаранок истифодабарии байни қаторҳои боғу токзорҳо аз ҳисоби кишти зироатҳои сабзавотӣ.

Ҳама намудҳои истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ дар шаклҳои хоҷагидории вилояти Хатлон зиёд шуда истода, бозори дохилиро таъмин намуда, кишоварзон қисме аз он маҳсулотҳоро барои содирот ҳамасола ба нақша гирифта барои баланд бардоштани иқтисодиёти кишвар ва буҷаи маҳаллии вилояти Хатлон метавонад мусоидат намоянд.

Адабиёт

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 16.12.2025, ш. Душанбе.
2. Омори кишоварзии вилояти Хатлон Бохтар - 2025с.
3. Гулов Б.М. Нақши танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатии вилояти Хатлон [Матн] / Б.М. Гулов, Ш.Ҳ. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ - Бохтар, 2025 - №1-2(134). – С. 480-486. – С.480.
4. Гулов Б.М. Самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ, дурнамо ва омилҳои таъсиррасон [Матн] / Б.М. Гулов, М.С. Эрматов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ - Бохтар, 2025 - №1-4(140). – С. 273-277. – С.273.
5. Рахимов Р.К. Проблемы эффективности и пути развития экономики Таджикистана. - Душанбе: «Ирфон», 2020 г.

6. Собирзода Н.М. Асосҳои рушди инноватсионии бахши кишоварзии Тоҷикистон / Собирзода Н.М., Қодирзода Д.Б. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. -№1. -С.44-50.

7. Собирзода Н.М. Танзими давлатии иқтисоди кишоварзӣ дар доираи мактаби институтсионалӣ -Душанбе, 2019. -№9. -саҳ. 28-33.

8. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо кормандони соҳаи кишоварзии кишвар, 14.10.2019.

9. Таҳаввулоти консепсияҳои асосии бехатарии озуқаворӣ / О. М. Алиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – No. 3 (23). саҳ. 91-98.

10. Шарипов И.О. Сармоягузорӣ ҳамчун омили ҳалкунандаи мушкилоти соҳаи кишоварзӣ [Матн] / И.О. Шарипов, Б.М. Гулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2025. - №3. – С.163-169.

ВАЗЪИ МУОСИРИ БОЗОРИ МАҲСУЛОТИ МАКАРОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шарифзода Мавзуна Баҳриддин-н.и.х., дотсент кафедраи химияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе

Рабиева Мавҷуда Худойқуловна – унвонҷуи кафедраи технологияи маводи хурокаи Донишгохи технологии Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе

Дар мақолаи мазкур вазъи кунунии истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Дар асоси маълумоти омории расмии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои истеҳсол, воридот, содирот ва истеъмоли маҳсулоти макаронӣ дар солҳои 2020–2025 таҳлил карда шудаанд. Мушкилот ва дурнамои рушди соҳа муайян гардида, роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ пешниҳод шудаанд.

Калидвожаҳо: маҳсулоти макаронӣ, саноати хӯрокворӣ, истеҳсол, воридот, истеъмол, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

ТЕКУЩЕЕ СОСТОЯНИЕ РЫНКА МАКАРОННОЙ ПРОДУКЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Шарифзода Мавзуна Бахриддин - кандидат наук, доцент кафедры химии Таджикского технологического университета. Республика Таджикистан, Душанбе

Рабиева Мавджуда Худойкуловна - кандидат наук в области пищевых технологий Таджикского технологического университета. Республика Таджикистан, Душанбе

В данной статье рассматривается текущее состояние производства макаронных изделий в Республике Таджикистан. На основе официальных статистических данных Министерства промышленности и новых технологий Республики Таджикистан анализируются показатели производства, импорта, экспорта и потребления макаронных изделий в 2020–2025 годах. Выявлены проблемы и перспективы развития отрасли, а также предложены пути повышения конкурентоспособности отечественной продукции.

Ключевые слова: макаронные изделия, пищевая промышленность, производство, импорт, потребление, Республика Таджикистан.

CURRENT STATUS OF THE PASTA PRODUCTS MARKET IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Sharifzoda Mavzuna Bahriddin - Ph.D., Associate Professor of the Department of Chemistry, Tajik Technological University. Republic of Tajikistan, Dushanbe

Rabieva Mavjuda Khudoykulovna - PhD in Food Technology, Tajik Technological University. Republic of Tajikistan, Dushanbe

This article discusses the current state of pasta production in the Republic of Tajikistan. Based on official statistical data from the Ministry of Industry and New Technologies of the Republic of Tajikistan, the indicators of production, import, export and consumption of pasta products in 2020–2025 are analyzed. The problems and prospects for the development of the industry are identified, and ways to increase the competitiveness of domestic products are proposed.

Keywords: pasta products, food industry, production, import, consumption, Republic of Tajikistan.


Маҳсулоти макаронӣ яке аз маҳсулоти асосии ғизоӣ ба ҳисоб рафта, дар реҷаи ғизои ҳаррӯза аҳолӣ мавқеъи муҳим дорад. Истеҳсоли маҳсулоти макоронӣ бо сабаби мӯҳлатӣ дарознигоҳдорӣ, арзиши нисбатан паст ва осонии истифода аҳамияти калон дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди саноати хӯрокворӣ, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ, яке аз самтҳои афзалиятнок ба шумор меравад. Солҳои охир таваҷҷуҳи давлат ба рушди

истеҳсолӣ ватанӣ афзудааст. Дар ин замина омӯзиши вазъи кунунии истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ ва дурнамои рушди он муҳим аст [1].

Дар низоми муосир таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ аз он ҷумла маҳсулоти макаронӣ мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Ин гурӯҳи маҳсулот бо сабаби арзиши нисбатан паст, осонии нигоҳдорӣ, устувории сифат ҳангоми нигоҳдории дарозмуддат ва соддагии омодасозӣ дар ғизои ҳаррӯзаи аҳолӣ васеъ истифода мегардад. Аз ҷиҳати таркиби химиявӣ маҳсулоти макаронӣ асосан манбаи карбогидратҳо буда, дар баробари ин миқдори муайяни сафедаҳо ва моддаҳои энергетикиро низ таъмин менамоянд, ки барои қонеъ гардонидани талаботи энергетикии организми инсон аҳамияти назаррас доранд [2].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсулоти макаронӣ ба гурӯҳи маҳсулоти серистеъмол мансуб буда, талабот ба онҳо сол то сол меафзояд. Бо вуҷуди ин, таҳлили бозори дохилӣ нишон медиҳад, ки қисми зиёди маҳсулоти макаронӣ аз ҳисоби воридот таъмин мегардад. Ин ҳолат аз як тараф вобастагии бозори истеъмолиро аз маҳсулоти хориҷӣ зиёд намуда, аз ҷониби дигар, имкониятҳои рушди истеҳсоли ватаниро маҳдуд месозад. Истеҳсолоти маҳаллӣ бошад, асосан ба маҳсулоти анъанавӣ равона гардида, ҳаҷми маҳсулоти дорои таъиноти функционалӣ ҳанӯз ночиз мебошад [3].

Дар расми 1 динамикаи истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.



Расми 1. Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ, ҳаз.тонн, таи солҳои 2020-2025, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Чуноне, ки аз диаграмма бармеояд, истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ дар дохили кишвар сол то сол афзоиш меёбад. Чунончӣ соли 2020 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти макронӣ дар дохили кишвар 6 ҳазор тоннаро ташкил дода, соли 2025 -2,58 баробар афзудааст, ки ба 15,5 ҳазор тона баробар аст. Тибқи маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар солҳои 2020–2024 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ дар кишвар тамоюли устувори афзоишро нишон медиҳад. Агар дар соли 2020 ҳаҷми истеҳсол 6,0 ҳазор тоннаи шартиро ташкил медод, пас дар соли 2024 ин нишондиҳанда ба 14,6 ҳазор тонна расидааст [3].

Дар ҳамин давра ҳаҷми воридоти маҳсулоти макаронӣ аз 15,5 ҳазор тонна дар соли 2020 то 12,4 ҳазор тонна дар соли 2024 коҳиш ёфтааст, ки аз зиёд шудани ҳиссаи маҳсулоти ватанӣ дар бозори дохилӣ шаҳодат медиҳад. Содироти маҳсулоти макаронӣ хеле маҳдуд буда, истеҳсол асосан ба қонеъ гардонидани талаботи дохилӣ равона шудааст [3,4].

Дар 3 моҳи аввали соли 2025 дар Тоҷикистон 3,2 ҳазор тонна маҳсулоти макаронӣ истеҳсол шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 18,3 фоиз ё қариб 500 тонна зиёд мебошад

Дар ҳафт моҳи соли ҷорӣ дар Тоҷикистон 7,2 ҳазор тонна маҳсулоти макаронӣ истеҳсол шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли қаблӣ 1157 тонна ё 19 фоиз зиёд аст.

Дар давоми нуҳ моҳи соли 2025 дар Тоҷикистон зиёда аз 10 ҳазор тонна маҳсулоти макаронӣ истеҳсол шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 23,3 фоиз ё қариб 2,1 ҳазор тонна зиёд мебошад [3].

Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ 38 корхонаи истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ фаъолият менамоянд. Аз онҳо ҳиссаи асосии истеҳсол ба шумораи маҳдуди корхонаҳои миёна ва калон рост меояд, ки ин аз мутамарказ будани иқтидорҳои истеҳсолӣ шаҳодат медиҳад [3,4,5].

Ба мушкилоти асосии рушди истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ вобастагӣ аз ашёи хоми воридотӣ, сатҳи нобаробари таҷҳизонидани корхонаҳо ва рақобат бо маҳсулоти воридотӣ дохил мешаванд.

Дар баробари ин, соҳа дорои дурнамои мусбати рушд мебошад. Навсозии таҷҳизоти технологӣ, рушди истеҳсоли орди ватанӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва дастгирии давлатии истеҳсолкунандагон метавонад ба афзоиши рақобатпазирии маҳсулоти макаронӣ мусоидат намояд.

Таҳлили ҳолати кунунии истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ин соҳа дар солҳои охир тамоюли устувори рушдро касб намудааст. Афзоиши ҳаҷми истеҳсол, коҳиш ёфтани воридот ва ба фаъолият оғоз намудани корхонаҳои нави муосир гувоҳи таваҷҷуҳи рӯзафзуни давлат ва соҳибкорони ватанӣ ба рушди саноати хӯрокворӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, вобастагӣ аз ашёи хоми воридотӣ, маҳдуд будани номгӯи маҳсулоти дорои таъиноти функционалӣ ва рақобати шадид бо маҳсулоти хориҷӣ ҳанӯз ҳам аз мушкилоти асосии соҳа ба шумор мераванд.

Адабиёт

1. Раупов К. С. Пищевая промышленность Республики Таджикистан: роль, конкурентные преимущества и перспективы развития в современных условиях //Вестник Московского городского педагогического университета. Серия: Экономика. – 2018. – №. 1 (15). – С. 8-20.

2. Косолапова Н.В., Прокопенко Н.А., Рыжова И.О. Товароведение зерномучных, плодоовощных, кондитерских и вкусовых товаров. - М.: Академия, 2010

3.Сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2024–2025. URL: http://www.stat.tj/russian_database/socio-demographic_sector/administrative-area_units.xls

4. Азонов Д. А. Фактическое питание населения Республики Таджикистан/ Д. А. Азонов//.-2005- Здравоохранение Таджикистана.-2005.-№3.-С.6-8

5.Батурина Н.А., Нурахмедова М.Д. Современные тенденции развития рынка макаронных изделий // Научные Записки ОрелГИЭТ. – 2016. – №5 (17). – С. 80-83.

МОНЕАҲОИ ҚАРЗӢ ВА РОҲҲОИ БАРТАРАФ НАМУДАНИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Сангинова Шоира Элбоевна - ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Тел**.:** (+992) 938838880.E-mail: shoirasanginova3@mail.com

Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаҳои вобаста ба таърихи қарзиро мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор дода, мушкилотҳои дар ин самт ҷойдоштаро муайян намудааст. Нақши таърихи қарзӣ ва манфиатҳои он барои ташкилотҳои қарзӣ ва дар маҷмуъ ба иқтисодиёт низ мавриди баррасӣ қарор гирифта шудааст. Дар ин асос, роҳҳои ҳалли камбудиҳо ҷойдошта дар мақола пешниҳод гардидааст.

Калидвожа: қарз, қарздиҳии бонкӣ, таърихи қарз, Бюрои қарзӣ, хавфи қарзӣ.

КРЕДИТНЫЕ БАРЬЕРЫ И СПОСОБЫ ИХ УСТРАНЕНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Сангинова Шоира Элбоевна - ассистент кафедры банковского дела Таджикского государственного университета финансов и экономики. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 938838880.E-mail: shoirasanginova3@mail.com

В данной статье автор анализирует и исследует вопросы, связанные с кредитной историей, и выявляет проблемы в этой области. Также обсуждается роль кредитной истории и ее преимущества для кредитных учреждений и экономики в целом. На этой основе в статье предлагаются пути решения выявленных недостатков.

Ключевые слова: кредит, банковское кредитование, кредитная история, кредитное бюро, кредитный риск.

CREDIT BARRIERS AND WAYS TO ELIMINATE THEM IN MODERN CONDITIONS

Sanginova Shoira Elboevna - assistant Professor of the Department of Banking, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Tel.: (+992) 938838880. E-mail: shoirasanginova3@mail.com

In this article, the author analyzes and investigates issues related to credit history and identifies the problems in this area. The role of credit history and its benefits for credit institutions and the economy as a whole are also discussed. On this basis, the article proposes ways to solve the shortcomings.

Keywords: credit, bank lending, credit history, credit bureau, credit risk.

Афзоиши суръати қарздиҳии бонкӣ дар заминаи тағйирёбии омилҳои макроиқтисодӣ, ба монанди сатҳи таваррум, индекси нархҳои истеъмолӣ, вазъи бозори асъор ба амал меояд. Қарздиҳии бонкӣ имкон медиҳад, ки истеъмолкунандагон ба гирифтани молҳое, ки онҳо танҳо дар оянда ва дар сурати ҷамъоварии маблағи зарурӣ ба назар мегиранд, таваҷҷуҳи зиёдтар зоҳир намоянд.

“Дар айни замон қарздиҳии бонкӣ дар танзими макроиқтисодии кишвар мавқеъҳои калидӣ дошта, инчунин яке аз амалиётҳои маъмултарини ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Қарзҳои бонкӣ ба қарзгирандагон имконият медиҳанд, ки масъалаҳои талабот ба молҳо ва хидматҳои муайян ва норасоии маблағҳои пулиро ҳал намоянд”[2].

Дар ҳақиқат дар шароити муосир ягон субъети иқтисодӣ наметавонад дар раванди фаъолияти худ аз қарз истифода нанамояд. Зеро, бе қарз ташаккул додани фаъолият дар замони иқтисоди бозорӣ ғайриимкон аст. Дар баробари қарзҳо қарзи бонкӣ аҳамияти баланд дошта, тартиби ба даст овардани он нисбат ба дигар қарзҳо осонтар аст.

“Дар сурати бомуваффақият амалӣ намудани қарздиҳии бонкӣ ба ҳамаи иштирокчиёни ин раванд фоида меорад:

- Якум, додани қарз талаботи ҷории пардохтпазирии аҳолиро зиёд мекунад;
- Дуюм, ба афзоиши сармояи истеҳсолкунандагони молҳо мусоидат мекунад. Инчунин бояд қайд кард, ки тавассути маблағҳое, ки ба қарзгирандагон ҳамчун қарз дода мешаванд ба соҳаҳои ниёзманди иқтисодиёт маблағгузорӣ карда мешаванд”[2].

Дар баробари ин, омили асосии монеаи рушди бахши бонкии кишвар сатҳи баланди хавфи қарзӣ боқӣ мемонад. Яке аз воситаҳо барои паст кардани сатҳи ин хавф таъсиси бюрои қарзӣ мебошад.

Таърихи қарзӣ маҷмӯи маълумот дар бораи эътимоднокии субъекти иқтисодӣ мебошад. Чунин маълумот дар бюроҳои қарзӣ нигоҳ дошта мешавад, ки дар навбати худ дар бораи он, ки чӣ гуна субъект ҳисобҳо ва қарзҳоро аз бонкҳо ва дигар ташкилотҳое, ки аз онҳо истифода мебаранд, пардохт мекунад, маълумот мегирад.

Имрӯз Бюрои таърихи қарзӣ як қисми ҷудонопазири бозори қарзҳои бонкист, зеро яке аз талаботҳои ҳатмӣ ҳангоми қабули қарор дар бораи додан ё надодани қарз ва ё таҷдиди он, ба инобат гирифтани таърихи қарзии муштарӣ ба ҳисоб меравад, ки он аз бюро гирифта мешавад.

Дар тӯли чанд соли охир, афзоиши муайяни маҳсулоти қарзӣ, ки дар бозор мавҷуданд, ба амал омад. Дар ин давра на танҳо ташкилотҳои қарзӣ омодаанд ба мизоҷон пули нақд пешниҳод кунанд. Чунин рақобат бонкҳоро маҷбур мекунад, ки дар сатҳи баланди баргардонидани қарзҳо амал кунанд. Дар айни замон, устуворӣ ва бехатарии фаъолияти бонки муосир аз истифодаи бюрои таърихи қарзӣ вобаста аст.

“Тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ, рушди самараноки иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла бахши молиявӣ ва бонкӣ, бидуни шаффофияти байни ташкилотҳои қарзӣ ғайриимкон аст. Дар робита ба ин, байни бонкҳо барои қарзгирандагони боэътимод мубориза бурда мешавад. Ин талаботро ба хидматҳои бюрои таърихи қарзӣ меафзояд”[1].

“Сиёсати қарзии ҳар як бонк ба бисёр нишондиҳандаҳо асос ёфтааст. Яке аз онҳо ҳалли мушкилоти баргардонидани қарз мебошад. Дар ин ҷо сифати баҳодиҳии қарзгирандагони эҳтимолӣ, ки дар ҳар як ташкилоти қарзӣ аз ҳисоби таҷриба ва таърихи қарзӣ, ки дар бонкҳо нигоҳ дошта мешаванд, алоҳида ташаккул меёбад, унсури муҳим мебошад”[1].

Дар амалияи ҷаҳонӣ бюрои таърихи қарзӣ ба ташкилотҳои қарзӣ одатан хизматрасониҳои зеринро пешниҳод менамоянд: гирифтани маълумот оид ба қарз дар реҷаи воқеӣ (онлайн), додани маълумот оид ба интизоми молиявии қарзгирандагон, ташаккули таърихи қарз, пешниҳод намудани ҳисоботи қарз, хизматрасонӣ бо тарзи машварат, ки ба ташаккул ва ошкоркунии таърихи қарз алоқаманд мебошад.

“Фаъолияти институти бюрои таърихи қарзӣ дар Тоҷикистон соли 2009 пас аз эътибор пайдо кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон №492 “Дар бораи таърихи қарз (кредит) ” ба фаъолият оғоз кард. Қонуни мазкур мафҳум, тартиб ва асосҳои ҳуқуқии ташкил, нигоҳдорӣ ва ошкорсозии таърихи қарзро муайян намуда, инчунин хусусиятҳои таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Бюрои таърихи қарз ва ҳамоҳангсозии фаъолияти иштирокчиёни ин низомро танзим мекунад”[3].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таърихи қарз (кредит)” мафҳуми бюрои таърихи қарз чунин шарҳ дода шудааст: “бюрои таърихи қарз - шахсони ҳуқуқӣ, ки ҳамчун ташкилоти тиҷоратӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун барои ташкилу коркард, нигоҳдошти таърихи қарз, пешниҳоди ҳисоботи қарз ва дигар иттилоот хизмат мерасонад”

Қонун ҳамаи ташкилотҳои қарзиро вазифадор мекунад, ки ақалан ба як бюрои таърихи қарз дар бораи қарздорон маълумот фиристанд. Ҳамзамон, бонкҳо имконият пайдо карданд, ки дар бораи қарзгирандагони эҳтимолӣ аз онҳо маълумот дархост кунанд.

“Ҳамин тариқ, бюроҳои қарзӣ ба истилоҳ ҳамчун миёнаравҳои иттилоотӣ мустақилона амал мекунанд ва аз фаъолияти худ фоида ба даст меоранд. Қарздиҳандагон ба бюро дар бораи мизоҷони худ маълумот медиҳанд ва бюро дар навбати худ онро бо маълумоти аз манбаъҳои дигар гирифташуда муқоиса мекунад”[2].

Барои самаранокии сиёсати пулию қарзӣ ва фаъолияти устувори бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки милли Тоҷикистон масъул аст, ки ҳамчун танзимгари асосии бозори молиявӣ амал мекунад. Мутобики Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таърихи қарз (кредит)” танзим ва назорати фаъолияти Бюрои таърихи қарз ба зиммаи Бонки миллии Тоҷикистон гузошта шудааст. Бонки миллии Тоҷикистон иҷозатнома медиҳад, фаъолияти бюроро месанҷад, барои бартараф кардани камбудиҳо амрнома медиҳад, муҷозот татбиқ мекунад, феҳристҳои давлатиро пеш мебарад ва муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро баррасӣ менамояд.

Ҳамчунин, он санадҳои меъёриро оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, талаботи тахассусии муассисон ва роҳбарон, инчунин тартибу мӯҳлати пешниҳоди маълумот қабул мекунад.

Феҳристи ягонаи давлатии таърихи қарз бо мақсади ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва пешниҳоди иттилооти таърихи қарз таъсис дода мешавад. Он инчунин маълумотро дар бораи Бюроҳои таърихи қарз ҷамъ оварда, ҳамоҳангсозии иттилоотро байни онҳо таъмин мекунад.

Ин феҳрист қисми асосии маълумоти ҳамаи таърихи қарзро дар Тоҷикистон нигоҳ медорад, ва қоидаву муҳлати нигоҳдории иттилоотро мақоми ваколатдор муайян мекунад.

Ба андешаи мо, фаъолияти бюроҳои таърихи қарз асосан барои бонкҳои миёна ва хурд муҳим мебошад. Мизоҷони асосии ин бонкҳо ширкатҳои хурди самаранок фаъолияткунанда мебошанд, ки барои гирифтани қарз таъминоти кофӣ надоранд. Ҳангоми арзёбии қобилияти қарзпардозии чунин корхонаҳо, таърихи қарз нақши муҳим мебозад.

Боиси зикр аст, ки фаъолияти бюрои таърихи қарзӣ дар Тоҷикистон дар муқоиса ба давлатҳои пешрафта ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Зеро бюро танҳо ба ҷамъ намудани маълумот ва фурӯши он ба ташкилотҳои қарзӣ машғул мебошанд. Дар ҳоле, ки дар давлатҳои пешрафта (умуман дар замони муосир) нақши бюрои таърихи қарз дар паст кардани сатҳи қарздории аҳолӣ, беҳтар намудани сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ ва “тарбияи молиявӣ”-и муштариён бениҳоят муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Дурнамои рушди минбаъдаи бюроҳо аз он вобаста аст, ки ҳамкории байни бонкҳо ва бюроҳои таърихи қарз барои ҳар ду ҷониб муфид буда, ба коҳиш додани хавфи қарз мусоидат мекунад.

Адабиёт:

1. Башанова И.А. Минимизация кредитных рисков с помощью бюро кредитных рисков с помощью бюро кредитных историй. с. 173-181
2. Дицуленко О.И., Посная Е.А., Черемисинова Д.В., Проблема разобщенности бюро кредитных историй в РФ и перспективные направления ее решения. Финансовые исследования № 1 (66) 2020 с. 36-37
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таърихи қарз (кредит)”, ш. Душанбе, 26 марти соли 2009, № 492

МЕХАНИЗМҲОИ ТАШАККУЛ ВА АМАЛӢ НАМУДАНИ ПОТЕНСИАЛИ АНДОЗ ДАР СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОР

Файзуллоев Комилҷон Ҷумаевич - ассистенти кафедраи менеҷменти молиявии ДДМИТ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, куча. Нахимова 64/14

Мақола раванди ташаккул ва амалӣ намудани потенсиали андозии субъектҳои хоҷагидорро таҳлил мекунад. Ҷузъҳои сохторӣ, марҳилаҳо ва омилҳои таъсиррасон ба ташаккули потенсиали андоз муайян карда шудаанд. Баён мешавад, ки потенсиали андоз ҳамчун феномени иқтисодӣ динамикӣ буда, натиҷаи ҳамкории шароити иқтисодӣ ва системаи андоз мебошад. Мақола барои таҳқиқоти амалӣ ва стратегияи идоракунии андоз дар системаҳои хоҷагидорӣ аҳамияти назаррас дорад.

Калидвожаҳо; Потенсиали андоз, субъектҳои хоҷагидор, механизми андозбандӣ, захираҳои андозпазир, объекти андозбандӣ, базаи андоз, ӯҳдадории андозӣ, системаи андоз, идоракунии андоз, фаъолияти иқтисодӣ.

МЕХАНИЗМЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РЕАЛИЗАЦИИ НАЛОГОВОГО ПОТЕНЦИАЛА СУБЪЕКТОВ ХОЗЯЙСТВОВАНИЯ

Файзуллоев Комилжон Джумаевич — ассистент кафедры финансового менеджмента Государственного института управления и экономики. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Нахимова 64/14.

Статья анализирует процесс формирования и реализации налогового потенциала хозяйствующих субъектов. Определены структурные элементы, этапы и факторы, влияющие на формирование налогового потенциала. Подчеркивается, что налоговый потенциал как экономический феномен является динамическим и является результатом взаимодействия экономических условий и налоговой системы. Работа имеет практическое значение для исследований и стратегии управления налогами в хозяйственных системах.

Ключевые слова: Налоговый потенциал, хозяйствующие субъекты, механизм налогообложения, налогооблагаемые ресурсы, объект налогообложения, налоговая база, налоговое обязательство, налоговая система, налоговое управление, экономическая деятельность.

MECHANISMS OF FORMATION AND IMPLEMENTATION OF TAX POTENTIAL IN ECONOMIC ENTITIES

Fayzulloev Komiljon Dzhumaevich - assistant professor of the Department of Financial Management of the State Institute of Management and Economics. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe city, street. Nakhimova 64/14.

The article analyzes the formation and implementation of the tax potential of economic entities. Structural elements, stages, and factors influencing the formation of tax potential are identified. It is emphasized that tax potential, as an economic phenomenon, is dynamic and results from the interaction of economic conditions and the tax system. The study is relevant for practical research and tax management strategies in economic systems.

Keywords: Tax potential, economic entities, taxation mechanism, taxable resources, tax object, tax base, tax liability, tax system, tax management, economic activity.

Потенсиали андозии субъектҳои хоҷагидор ҳамчун феномени иқтисодӣ бо як қатор хусусиятҳо тавсиф карда мешавад, ки яке аз онҳо динамикӣ будан аст. Волатилнокии сатҳ ва сохтори нишондиҳандаи он ба тағйироти мӯҳтавои ҷузъи андозии фаъолияти хоҷагидорӣ вобаста аст.

Раванди ташаккул ва амалӣ намудани потенсиали андозии субъектҳои хоҷагидор ҳамчун раванди системавӣ аз марҳилаҳо, пояҳо ва унсурҳои муайян иборат буда, ки ҳар кадоме мантиқан аз дигаре бармеояд. Ин хосият аз моҳияти иқтисодии андозбандӣ, инчунин аз ташкил ва мӯҳтавои идоракунии андозӣ пешбинӣ шудааст.

Бо вуҷуди ин, ҳам ташаккул ва ҳам амалӣ намудани потенсиали андозии субъектҳои хоҷагидор танҳо дар сурати фароҳам омадани шароити мувофиқ имконпазир аст: вуҷуд доштани

захираҳои андозпазир барои таъмини имконияти ташаккул ва риояи қонунгузории андозӣ барои таъмини имконияти амалӣ намудани он.

Самаранокӣ ва ҳаҷмҳои мобилизатсияи захираҳои андозпазир дар давраи доимӣ таҳти таъсири маҷмӯи омилҳои беруна ва дохилии фаъолияти хоҷагидорӣ қарор доранд, ки ҳамзамон шароити хоҷагидориро муайян мекунанд, инчунин таҳти таъсири идоракунии огоҳонаи субъектҳои хоҷагидор оид ба ҳаҷм ва таркиби капитали ҷалбшуда.

Идоракунии захираҳо (аз ҷумла захираҳои андозпазир) ба субъектҳои хоҷагидор имкон медиҳад, ки ба натиҷаҳои муайяни иқтисодӣ ноил шаванд, ки яке аз оқибатҳои он пайдоиши объектҳои андозбандӣ мебошад. Дар вақти лозима ва пуррагӣ акс ёфтани онҳо дар ҳисобдорӣ ва ҳисоботи андозӣ шарти зарурии андозбандӣ ва амалӣ намудани потенсиали ташаккулёфтаи андозӣ мебошад

Таъсири арзёбӣ кардани хусусиятҳои қимматӣ, физикӣ ё дигар хосиятҳои объекти андозбандӣ барои пардохти андоз ба ташаккули базаи андоз барои як намуди пардохт оварда мерасонад, ки онро пардохткунанда дар давраи андозӣ асосан бар пояи маълумоти санадӣ ҳисоб мекунад. Пуррагӣ ва дурустии муайян кардани базаи андоз, ки ҳам асоси ташаккул ва ҳам асоси амалӣ намудани потенсиали андоз мебошад, тавассути пуррагӣ ва дурустии нигоҳдории ҳисоботи андозии субъектҳои хоҷагидор таъмин карда мешавад.

Бо систематизатсияи маълумоти боло, ҷузъҳои ҳамдигарсонидашудаи фаъолияти хоҷагидор бо моҳияти дуҷониба (молиявӣ-иқтисодӣ ва молиявӣ-ҳисоботӣ) ва пайдарпайии марҳилаҳои ташаккул ва амалӣ намудани потенсиали андоз муайян мешаванд:

№	Ҷузъҳои сохторӣ	Таъриф ва вазифа
1	Захираҳои андозпазир (ЗА)	Вуруд ва истифодаи захираҳои андозпазир барои фаъолияти хоҷагидорӣ
2	Объекти андозбандӣ (ОА)	Пайдоиш ва эълони объектҳои андозбандӣ
3	Базаи андоз (БА)	Ташаккул ва эълони базаи андоз
4	Ӯҳдадории андозӣ (ОО)	Ҳисоб кардани ӯҳдадории андозӣ ва муайян кардани андоз
5	Пардохт ва иҷро	Иҷрои ӯҳдадории андозӣ ва пардохти андоз

Пайдоиши объектҳои андозбандӣ, базаи андоз ва ӯҳдадории андоз ба қоидаҳои нигоҳдории ҳисоботи андоз вобаста мебошад. Дар пайдарпайии марҳилаҳо маркази асосӣ ба базаи андоз тааллуқ дорад.

Бар асоси базаи андоз ҳамчун натиҷаи амалиётҳои тиҷоратӣ ва дигар амалиётҳои хоҷагидорӣ ва татбиқи дурусти муқаррароти қонунгузории андоз оид ба тартиби ҳисоб кардани миқдори андоз барои пардохт, сохтор ва ҳаҷми ӯҳдадории андозӣ муайян карда мешавад. Дар натиҷа, пасандозҳои қарзии субъектҳои хоҷагидор назди буҷет оид ба андозҳо ба вуҷуд меоянд.

Пардохти андоз дар муҳлати муқарраргардида аз ҷониби қонунгузории андоз ва дар ҳаҷми миқдори ҳисобшуда, яъне иҷрои ӯҳдадории пардохткунанда, марҳилаи охирин ва ниҳоии амалӣ намудани потенсиали андозии субъектҳои хоҷагидор мебошад, ки дар давраи андозӣ ташаккул ёфтааст.

Аз ин рӯ, потенсиали андозии субъектҳои хоҷагидор ба сифати таҷассум (ифодагирии молиявӣ) натиҷаи ниҳоии муҳтавои дохилӣ (иқтисодӣ) ва ҷузъи андозии фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад, ки танҳо дар сурати истифодаи захираҳои андозпазир дар ҳаёти воқеии хоҷагидорӣ ба амал меояд. Пардохтҳои потенсиалӣ ба буҷет, ки бояд аз ҷониби пардохткунандаи муайян мувофиқи қонунгузории андоз пардохт шаванд ва ҳамзамон ҳамчун даромади потенсиалӣ барои давлат ҳисоб мешаванд, аслан объекти арзёбии потенсиали андозии субъектҳои хоҷагидор мебошанд.

Бо систематизатсияи маълумоти боло, метавон ҷузъҳои ҳамдигарсонидашудаи фаъолияти хоҷагидорӣеро муайян намуд, ки моҳияти дуҷониба (молиявӣ-иқтисодӣ ва молиявӣ-ҳисоботӣ) дошта, пайдарпайии марҳилаҳои ташаккул ва амалӣ намудани потенсиали андозии субъектҳои хоҷагидорро ташкил медиҳанд:

1. Вуруд ва истифодаи захираҳои андозпазир;
2. Пайдоиш ва эълони объектҳои андозбандӣ;
3. Ташаккул ва эълони базаи андоз;
4. Ҳисоб кардани ӯҳдадории андозӣ ва муайян кардани андоз;
5. Иҷрои ӯҳдадории андозӣ ва пардохти андоз.

Пайдоиши объектҳои андозбандӣ, базаи андоз ва ӯҳдадории андоз дар занҷири пайдарпайии марҳилаҳои ташаккул ва амалӣ намудани потенсиали андозии субъектҳои хоҷагидор ба вуҷуд омадани қоидаҳои нигоҳдории ҳисоботи андоз вобаста мебошад.

Дар пайдарпайии мазкур маркази асосӣ ба базаи андоз тааллуқ дорад. Дар ин замина, ба таври комил фаҳмидан мумкин аст, ки ин ҷузъи фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи андоз ҳамчун як объекти алоҳида барои таҳқиқ дар ҷанбаҳои гуногун қарор мегирад.

Дар асарҳои муносиб бо мавзӯъ, иқтисоддонҳо ба базаи андоз ҳамчун унсури ҷузъи андозии фаъолияти хоҷагидорӣ аҳамияти махсус медиҳанд, ки мақоми калидиро дар тартиби ҳисоб кардани ӯҳдадории андоз ишғол мекунад. Муаллифони як қатор корҳои илмӣ ҳангоми тадқиқотҳо ҷудо намудани ҳолатҳои базаи андозро вобаста ба сатҳ ва шакли иштироки унсурҳои сохтории он дар андозбандӣ таҳия кардаанд: воқеӣ (эълоншаванда), пинҳон (латентӣ) ва истифоданашаванда (имкониятнок, перспективадор).

Ҳамин тавр, дар яке аз таҳқиқгарони потенсиали андоз А.В. Харитонов ва мақолаи донишманди андозшинос В.В. Иванов намудҳои гуногуни ҳолатҳои базаи андоз вобаста ба сатҳ ва шакли иштироки унсурҳои сохтории он дар андозбандӣ тавсиф шудаанд, яъне: воқеӣ (эълоншаванда), пинҳон (латентӣ) ва истифоданашаванда (перспективадор).

Аз лаҳзаи пайдоиши объекти андозбандӣ, раванди ташаккул додани ҷузъи андозии фаъолияти хоҷагидорӣ қисман аз фазои муносибатҳои молиявӣ-иқтисодӣ, яъне аз марҳилаи ташаккули потенсиали андоз, ба фазои муносибатҳои молиявӣ-ҳисоботӣ, яъне ба марҳилаи амалӣ намудани потенсиали андоз мегузарад. Дар ин раванд бояд қайд кард, ки ҳаҷм ва сохтори пардохтҳои андозӣ барои соли молиявии гузашта ба андозаи муайян ба фаъолиятҳои иқтисодӣ ва ҳаҷми истифодаи захираҳои андозпазир дар соли молиявии оянда таъсир мерасонад.

Муқоисаи захираҳои андозпазир, ки воқеан истифода шудаанд, бо пардохтҳои андозии воқеан анҷомёфта метавонад барои арзёбии пуррагии амалӣ намудани потенсиали андоз барои намудҳои алоҳидаи андоз (масалан, аксизҳо ва андозҳои амволӣ) истифода шавад. Аз тарафи дигар, муайян намудани алоқамандии баръакс байни ҳаҷм ва динамикаи пардохтҳои андоз ва захираҳои андозпазир барои арзёбии пуррагии ташаккули потенсиали андоз зарур аст.

Нақш ва аҳамияти функсионалии ҳар як унсури сохтории андозбандӣ дар асарҳои гуногуни тадқиқотӣ қайд шудааст, ки равандҳои ташаккул додани ҷузъи андозии фаъолияти хоҷагидорро дар заминаи мушкили ташаккул ва амалӣ намудани потенсиали андоз таҳлил мекунанд. Бо вуҷуди ин, аксар вақт чунин таҳлил бидуни ҷудо кардани ҷанбаҳои иқтисодӣ ва ҳисоботӣ дар раванди ташаккули пардохтҳои андоз анҷом дода мешавад. Тафовут дар он аст, ки ҳисоб кардани ӯҳдадории андоз одатан аз ҷониби иқтисоддонҳо ҳамчун унсури мустақили сохтории потенсиали андоз баррасӣ намешавад.

Дар ин замина, хулоса бояд бар асоси мантиқ ва дурустӣ чунин бошад, ки ташаккул ва амалӣ намудани потенсиали андоз дар сурати набудани ҳадди ақал яке аз унсурҳои раванди ташаккули пардохтҳои андозии системаҳои хоҷагидорӣ ғайриимкон аст, зеро ҳар кадоме аз унсурҳо вазифаҳои мушаххас доранд. Ҳузури ҳар як унсур низ ба таври худкор ба пайдоиши марҳилаи баъдӣ ва ба анҷоми тамоми раванд оварда намерасонад, зеро вазифаи функсионалии унсурҳо танҳо дар шароити муайян ё омилҳои ташаккул ва амалӣ намудани потенсиали андоз зоҳир мешавад.

Бар асоси маълумоти дар боло овардашуда, метавон хулоса кард, ки потенсиали андозии субъектҳои хоҷагидор қобилияти системаҳои хоҷагидор барои ташаккул додани пардохтҳои андоз тавассути мобилизатсияи захираҳои андозпазир (ЗА), ташаккули базаи андоз ва трансформацияи минбаъдаи он ба даромадҳои андозӣ мебошад (расми 7).

Ҳамчун натиҷаи ташаккулёбии пардохтҳои андоз аз ҷониби системаҳои хоҷагидорӣ, ки дар шароити муайян кор мекунанд, потенсиали андозии субъектҳои хоҷагидор таҳти таъсири маҷмӯи омилҳо ташаккул меёбад. Механизми чунин таъсир ҳам аз моҳияти иқтисодии он ва ҳам аз шакли ифодагирии потенсиали андоз, ки аз як тараф ҳамчун функсия аз нишондиҳандаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ бармеояд ва аз тарафи дигар – бо истифода аз маълумоти ҳисобдорӣ муайян карда мешавад, вобаста аст.Муайян кардани омилҳои ташаккули ҷузъи андозии фаъолияти хоҷагидорӣ бе муайян намудани хусусияти алоқамандии муҳтавои потенсиали андоз ва шароити фаъолияти системаҳои хоҷагидор, аз ҷумла хосиятҳои андозбандӣ ва идоракунии андоз, ғайриимкон мебошад.

Таснифи омилҳои ташаккул

Ҳангоми ташаккули потенсиали андоз аҳамият пайдо мекунад, ки кадом омилҳо ба марҳилаҳои ташаккули ҷузъи андозии фаъолияти хоҷагидорӣ ҳамроҳанд:

Марҳила	**Унсур**	**Гурӯҳи омилҳо**
ЗА	Ташаккул	Шароити иқтисодии хоҷагидорӣ
ЗА	Истифода	Шароити иқтисодии хоҷагидорӣ
ОА	Пайдоиш	Хосиятҳои системаҳои андоз
БА	Ташаккул	Хосиятҳои системаҳои андоз
ОО	Пайдоиш	Хосиятҳои системаҳои андоз

Манбаъ: Таҳияи муалиф

Ҳамин тавр, муҳтавои потенсиали андозии субъектҳои хоҷагидор пурра аз хосиятҳои фаъолияти хоҷагидории пардохткунанда ва системаҳои амалкунандаи андоз вобаста аст. Аз ин рӯ, хулоса қонунӣ аст, ки потенсиали андоз аз ҷиҳати моҳият “квинтэссенсияи” ҳамкории ду гурӯҳи асосии омилҳои ташаккулёбии он мебошад: шароити иқтисодии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва системаҳои амалкунандаи андоз.

Потенсиали андозии субъектҳои хоҷагидор бо унсурҳои сохторӣ ва марҳилаҳои муайян ташаккул меёбад: вуруд ва истифодаи захираҳои андозпазир, пайдоиши объектҳои андозбандӣ, ташаккули базаи андоз, ҳисоб ва муайян кардани ӯҳдадории андоз ва иҷрои пардохт. Муҳтавои потенсиали андоз пурра аз хусусиятҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва системаи андоз вобаста аст.

Ҳамин тариқ, потенсиали андоз «квинтэссенсияи» ҳамкории ду гурӯҳи асосии омилҳоро ифода мекунад: шароити иқтисодӣ ва системаҳои амалкунандаи андоз. Ташаккули он танҳо дар сурати фароҳам омадани захираҳои андозпазир ва риояи қонунгузории андоз имконпазир аст. Пуррагӣ ва дурустии ҳисоботи андоз барои амалӣ намудани потенсиали андоз аҳамияти асосӣ дорад.

Маълумоти пешниҳодшуда метавонад барои таҳқиқоти илмӣ ва стратегияи идоракунии андоз дар субъектҳои хоҷагидорӣ ҳамчун асоси назариявӣ ва амалӣ истифода шавад.

Адабиёт

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон**.** – Душанбе: Нашриёти расмӣ, 2022.
2. Молияи давлатӣ: китоби дарсӣ / таҳти таҳрири С.Қ. Комилов. – Душанбе: Ирфон, 2018.
3. Назарияи молия ва андоз: китоби дарсӣ. – Душанбе: Маориф, 2019.
4. Идоракунии молияи давлатӣ: дастури таълимӣ**.** – Душанбе: Ирфон, 2020.
5. Иқтисодиёт ва молияи давлатӣ. **–** Душанбе: Дониш, 2017.
6. Асосҳои андозбандӣ: дастури таълимӣ**.** – Душанбе: Маориф, 2018.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ. – Душанбе, солҳои гуногун.
8. Маҷмуаи омори молия ва андоз. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои охир.
9. Рушди низоми андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. **–** Душанбе: Дониш, 2019.
10. Молияи корхонаҳо: китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2018.

БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДИИ ҶУКМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шарифов Туйчибой Давлатович: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ. Суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Наҳимов, 64/14, e-mail. Tuychiboy-96@mail.ru Тел.: 937554748.

Дар мақола масъалаҳои ҳамгироии иктисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷ таҳлил гардида, омилҳои мусбии ҳамгироӣ барраси гардидааст. Ба ақидаи муаллиф ҳамгироии иқтисодии Тоҷикистон як низоми мураккаб, вале яклухт аст. Он дар Заминаи мустаҳками дуҷониба бо давлатҳои ҳамсоя сохта шуда, бо фаъолшавии робитаҳои минтақавӣ дар дохили Осиёи Марказӣ пурра карда мешавад ва тавассути рӯзномаи рақамӣ ба сатҳи сифатии нав бароварда мешавад. Чунин равиши бисёрсоҳавӣ, ки бо созишномаҳои мушаххас ва нишондиҳандаҳои афзояндаи тиҷоратӣ тақвият ёфтааст, ба Тоҷикистон имкон медиҳад, камбудиҳои объективии мавқеи ҷуғрофии худро ҷуброн намояд.

Калимаҳои асосӣ: ҳамгироии иқтисодӣ, робитаҳои минтақавӣ, равишҳои бисёрсоҳавӣ, созишномаҳо, нишондиҳандаҳои иктисодӣ, тиҷорат, савдои беруна, иктисоди байналхалкӣ.

НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ИНТЕГРАЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Шарифов Туйчибой Давлатович – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры экономической теории ул. Нахимова 64/14, 734067 Тел.: 937554748. e-mail. Tuychiboy-96@mail.ru

В статье анализируются вопросы экономической интеграции Республики Таджикистан с зарубежными странами и рассматриваются позитивные факторы интеграции. По мнению автора, экономическая интеграция Таджикистана представляет собой сложную, но целостную систему. Она строится на прочной двусторонней основе с соседними странами, дополняется активизацией региональных связей в Центральной Азии и выводится на качественно новый уровень благодаря цифровой повестке дня. Такой междисциплинарный подход, подкрепленный конкретными соглашениями и ростом торговых показателей, позволяет Таджикистану компенсировать объективные недостатки своего географического положения.

Ключевые слова: экономическая интеграция, региональные отношения, многосторонние подходы, соглашения, экономические показатели, торговля, внешняя торговля, международная экономика.

SOME ASPECTS OF ECONOMIC INTEGRATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Sharifov Tuychiboy Davlatovich - Tajik state university of finance and economics. Assistant of the economy theory department, Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14, E-mail: Tuychiboy-96@mail.ru, tel:+992937554748

This article analyzes the Republic of Tajikistan's economic integration with foreign countries and examines the positive factors of integration. According to the author, Tajikistan's economic integration is a complex holistic system. It is built on a strong bilateral foundation with neighboring countries, complemented by intensified regional ties in Central Asia, and elevated to a qualitatively new level by the digital agenda. This interdisciplinary approach, supported by specific agreements and improved trade indicators, allows Tajikistan to compensate for the objective disadvantages of its geographical location.

Key words: economic integration, regional relations, multilateral approaches, agreements, economic indicators, trade, foreign trade, international economy.

Ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ яке аз хусусиятҳои хоси муосир дар рушди иқтисодиёти ҷаҳон мебошад. Дар охири асри XX ҳамгироии иҷтисодии байналхалқӣ аз тарафи мамалакатҳои аъзо ҳамчун омили рушди иҳтисодиёти минтақавӣ ба баландшавии

рақобатпазирӣ дар бозори ҷаҳонӣ, оварда расонд. Худи мафҳуми ҳамгирои (интегратсия integratio) – якдигарро пур кардан, ё ин ки integer – ягона ва ё як узви мустақил мебошад. [400] Ҳамгироии иқтисодии байналхалқи – ин ҷараёни ҳамҷояшавии иҷтисодиёти мамлакатҳои ҳамсоя ба як комплекси хоҷагидори, дар асоси робитаҳои мустаҳками иқтисодии ширкатҳо мебошад. Ҳамгироии иҷтисодии минтақавӣ паҳншуда истода дар оянда ба ҳамгироии глобаӣ, яъне ба ҷаҳонгарот оварда мерасонад.

Ҷараёни ҳамгироӣ дар иқтисоди ҷаҳон ин ҳодисаи объективии дарозмуддат буда, қувваҳои истеҳсолкунанда, ҳаракати сармоя, муошрати қувваи корӣ ва тиҷорати озоди байналхалқиро фаро мегирад. Дар ду даҳсолаи охир ҷараёни ҳамгирои ин элементи ҷудонашавандаи низоми муносибатҳо дар доираи хоҷагии ҷаҳонӣ мебошад, ки дар он дигаргуниҳои ҷаҳонгароӣ ба чашм мерасад.

Намояндагони назарияи классикӣ (А. Смит, Д. Рикардо) тарафдорони тиҷорати озод буданд. Асоси назарияи онҳоро махсусгардонии мамлакатҳо дар истеҳсоли ин ё он молҳо ва таҷсимоти байналхалқии меҳнат ташкил медиҳад. Дар асоси назарияи онҳо мамлакат молеро бояд истеҳсол кунад, ки дар истеҳсоли он бартари дошта бошад ва ин молро бо дигар мамлакат бо моли дигар иваз кунад. Ин назария дар асоси ҳамгирои иқтисодии байналхалқӣ ба вуҷуд омадааст, гарчанде ки дар он равандҳои гуногун вуҷуд надошта бошад ҳам. [55-95]

Ҳамгироии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми иқтисоди ҷаҳонӣ бо зарурати ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва баровардани иқтисод аз ҳолати тӯлонии буҳронӣ асоснок карда мешавад. Дар тӯли солҳои сипаришудаи иқтисодиёти Тоҷикистон давраи барқарорнамоиро аз сар гузаронида, зина ба зина рушд карда истодааст. Ҳамгироии он ба хоҷагии ҷаҳонӣ метавонад воситаи суръати баланди рушди устувори иқтисодиёт ва рохи ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ гардад.

Қобили зикр аст, ки Президенти кишвар ва Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон ҳама гуна роҳҳои имконпазирро барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ноил гаштан ба хадафхои стратегиро меандешанд. Барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва устувор гардонидани мавқеи мамлакат дар арсаи ҷаҳонӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои иқтисодии худро дар доираи гурӯҳҳои ҳамгирои ва созмонҳои байналмилалӣ ба монанди Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони ҳам кории Шанхай, ИДМ (Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил), СУС (Созмони умумиҷаҳонии савдо) устувор гардонида истода, барои ҳимояи манфиатҳои мамлакат, ҳалли масъалаҳои минтақавӣ ва глобалӣ, ҷорӣ намудани низом ва механизмҳои устувори ҳамкориҳо талош карда истодаст. Истифодаи механизмҳои мавҷудаи ҳамкорӣ, инчунин низоми Созмонҳои умумиҷаҳонӣ барои манфиатҳои Тоҷикистон мувофиқи мақсад аст.

Президенти мамлакат пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми ҳарсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гаштаю баргашта таъкид менамоянд: «Сиёсати хориҷии кишвари мо сиёсати дарҳои кушод буда, вазифаи он эҷоди шароити мусоиди байналмилалӣ ҷиҳати рушд ва инкишофи устувори кишвар мебошад». Вобаста ба гуфтаҳои боло, ҳаминро кайд кардан зарур аст, ки то ба имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи 184 кишвари дунё шинохта шуда, узви даҳҳо созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалию минтақавӣ мебошад. Хукумати Ҷумҳури мунтазам барои рушди хамкори бо давлатҳои дуру наздик мунтазам кушиш намуда, ҷиҳати тақвият намудани корхонаҳои муштарак замина мегузорад. [45]

Барои Тоҷикистон мутобиқшавии амиқ ва таҳқиқи фаъолонаи форматҳои нави ҳамкориҳои байналмилалӣ аз соли 2020 то 2025 давом ёфт. Дар шароити ноустувории ҷаҳонӣ ва чолишҳои минтақавӣ, кишвар ба равиши бисёрсамтӣ, таҳкими равобити иқтисодӣ бо ҳамсояҳо ва рақамикунонии иқтисодиёт, ки ҳамчун ҷузъи равандҳои ҳамгироӣ қабул гардидааст таваҷуҳ зохир намуд.

Месазад, ки ба маълумоти оморӣ оид ба рушди кишвар вобаста ба ҳамгироии иқтисодии Тоҷикистон дар созмонҳои мухталиф ишора кунем. Хусусан, дар охири соли 2025 Тоҷикистон рушди устувори иқтисодиро нишон дод: ММД 8,4% афзуд, истеҳсоли саноатӣ 22,1% афзуд ва ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ 9,5% афзуд. Дар ҳамин замон қарзи хориҷӣ ба 3 миллиард доллар баробар буд ва ҳаҷми тиҷорати хориҷӣ ба 10,8 миллиард доллар расид, ки ин 20,5% бештар аз соли гузашта мебошад. Мақомоти маҳаллӣ афзоиши баланди

ММД-ро ба динамикаи мусбӣ дар соҳаҳои калидии иқтисод, асосан кишоварзӣ, саноат ва сохтмон, марбут медонанд. Аммо коршиносон таъкид мекунанд, ки қисми назарраси ин афзоиш на аз васеъшавии истеҳсоли дохилӣ ва афзоиши ҳосилнокии меҳнат, балки аз манбаъҳои берунаи даромад ва истеъмол сарчашма мегирад.

Нигоҳ дошта тавонистани масири устувори иқтисодии ҳозира ва фароҳам овардани суръатҳои имконии рушди Тоҷикистон асосан ба ҳамкорӣ бо Русия, ки сарчашмаи асосии интиқолҳои пулӣ ба ҷумҳурист, ва дигар давлатҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ЕАЭС) ва дигар гурӯҳҳои ҳамгироӣ вобаста хоҳад буд. [62-70]

Агар ҳамгироии сиёсии Тоҷикистон вазн ва амнияти байналмилалиро таъмин намояд, пас ҳамгироии иқтисодӣ воситаи асосии ҳалли мушкилоти мубрами рушд мебошад: рафъи бунбасти нақлиётӣ, ҷалби сармоя, таъсиси ҷойҳои корӣ ва диверсификатсияи содирот. Стратегияи иқтисодии Тоҷикистон ба омезиши прагматикии иштирок дар иттиҳодияҳои глобалӣ ва минтақавӣ, рушди босуръати муносибатҳои дуҷониба бо шарикони асосӣ ва пешбурди фаъолонаи "нуқтаҳои рушд" - и нав, аз қабили иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои "сабз" асос ёфтааст.

Сиёсати тиҷорати хориҷии Тоҷикистон ба таври равшан нишон медиҳад, ки диққати мардум ба бозорҳои афзояндаи Осиё равона карда шудааст. Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) як иттиҳодияи калидии ҳамгироӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаст ва хохад монд. То миёнаи соли 2025 ҳиссаи давлатҳои узви СҲШ дар гардиши савдои хориҷии кишвар ба 72% расид. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳамкори дар самти ҳагироии иктисоди натиҷахои хуб ба бор меорад.

Соли 2025 афзоиши устувори гардиши мол бо ҳамсояҳои калидӣ ба қайд гирифта шуд. Гардиши мол бо Узбекистон 22,5% афзоиш ёфта, ба 718,3 миллион доллар ИМА расид, дар ҳоле ки ҷонибҳо ҳадафи ҳавасманд доранд, ки ин нишондиҳандаро ба 2 миллиард доллар расонанд. Тиҷорат бо Чин низ ба сатҳи рушд мебошад, ки дар аввали соли 2025 аз 2 миллиард доллар гузашта буд. Сохтори содирот анъанавӣ боқӣ мемонад: ашёи хоми минералӣ, пахта, маҳсулоти кишоварзӣ, бофандагӣ ва масолеҳи сохтмонӣ, аммо мақомот барои диверсификатсияи он фаъолона кор мекунанд.

Пас аз солҳои тӯлонии ихтилофот, давраи рушд ва пешрафти босифат дар ҳамкории минтақавӣ дар Осиеи Марказӣ ба назар мерасад. Тоҷикистон дар ин раванд нақши фаъол дорад. Моҳи ноябри соли 2025 дар мулоқоти машваратии сарони Давлатҳои Осиёи Марказӣ дар Тошканд президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо бастаи ташаббусҳое, ки вектори рушди минтақаро барои солҳои оянда муайян мекунанд, баромад кард.

Тоҷикистон ба дигаргунсозии рақамӣ ҳамчун ронандаи рушди иқтисодии оянда такя мекунад. Солҳои 2025-2030 дар ҷумҳурӣ "Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия" эълон карда шуданд. Дар кишвар аллакай консепсияи "шаҳри Оқил" дар Душанбе амалӣ шуда истодааст, стартапҳои байналмилалӣ дастгирӣ карда мешаванд (масалан, платформа zypl.ai). Ташаббуси таъсиси маркази минтақавии зеҳни сунъи дар Душанбе, ки бо қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ дастгирӣ карда мешавад, барои мустаҳкам кардани нақши маркази технологӣ дар минтақа пешбинӣ шудааст. [22-45]

Ҳамгироии иқтисодии Тоҷикистон як низоми мураккаб, вале яклухт аст. Он дар Заминаи мустаҳками дуҷониба бо Русия (тиҷорат, муҳоҷират, кооператсия) ва Чин (сармоягузорӣ, инфрасохтор) сохта шуда, бо фаъолшавии робитаҳои минтақавӣ дар дохили Осиёи Марказӣ пурра карда мешавад ва тавассути рӯзномаи рақамӣ ба сатҳи сифатии нав бароварда мешавад. Чунин равиши бисёрсоҳавӣ, ки бо созишномаҳои мушаххас ва нишондиҳандаҳои афзояндаи тиҷоратӣ тақвият ёфтааст, ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки на танҳо камбудиҳои объективии мавқеи ҷуғрофии худро ҷуброн намояд, балки онҳоро ба афзалиятҳои рақобатӣ табдил дода, пайвандгари байни иқтисодҳои бузург ва бозори афзояндаи Осиёи Марказӣ гардад.

Адабиёт:

1. Б. М. Смитиенко Международные экономические отношения./ Учебник. Москва Инфра-М 2005Г. стр. 400.

2. Бобокалони Исомат. «Асосҳои назарияи иқтисод».Васоити таълимӣ.Душанбе-2007 стр. 55-95

3. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан.2016 Издатель: Агенство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, г. Душанбе 2016 стр 45

4. Шодиева З. Н. / Финансы, налоги и учет в странах дальнего и ближнего зарубежья: инновационные решения: сборник научных трудов по материалам Международной научно-практической конференции, Москва, 16 июня 2017 года. – Москва: Общество с ограниченной ответственностью "Агентство перспективных научных исследований", 2017. – С. 62-70.

5. Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 С 22-45

ЗНАЧЕНИЕ УГЛЕРОДНОГО РЫНКА В РАЗВИТИИ ВОЗОБНОВЛЯЕМЫХ ИСТОЧНИКОВ ЭНЕРГИИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Махмудова М.Х.– к.э.н., доцент кафедры экономической теории МУТПТ. Республика Таджикистан, Душанбе. тел. 919682701

Однако в Таджикистане размещение промышленного производства в малом бизнесе имеет ряд недостатков. Это связано с тем, что существуют определенные моменты, которые ограничивают реализацию возможностей размещения малого предпринимательства.

Для обеспечения устойчивого развития и оптимального размещения малого бизнеса на территории Согдийской области необходимо решение следующих задач:

1. Выявление и анализ места и роли малого бизнеса в формировании
и развитии оптимальной структуры региональной экономики.
2. Оптимизация региональной инфраструктуры поддержки малого бизнеса, в том числе имущественной и финансовой, разносторонняя поддержка малого предпринимательства в приоритетных отраслях региональной экономики, внешнеэкономической деятельности, в области инноваций и промышленного производства, поддержка в области подготовки кадров.
3. Расширение благоприятных условий для создания малого предпринимательства в производственной сфере и сфере услуг, для расширения в нем инновационных видов деятельности.
4. Формирование и развитие региональной системы информационной и консалтинговой поддержки малого предпринимательства и ее интегрирование в единую информационно-консультационную систему поддержки малого предпринимательства.
5. Развитие региональной законодательной базы, направленное на стимулирование бизнес инициативы населения, повышения социальной ответственности малого предпринимательства.

Промежуточные задачи, которые выступают в качестве тактических целей развития региона, играют роль в обеспечении необходимым условий эффективного развития. Основными тактическими целями регионального развития можно назвать:

•развитие малого предпринимательства;
•расширение существующего предпринимательства;
•размещение малого предпринимательства.

Одной из основных тенденций экономического развития регионов и городов является теория пространственных преимуществ, или теория размещения. Пространственных преимуществ заставляют те или иные виды отраслей промышленности располагаться в определенных регионах.

Каждый регион и его локальные части обладают своими территориальными преимуществами, связанными с близостью источников сырья и рынков сбыта, дешёвой рабочей силой и основными факторами производства: землей и энергией.

Первым теорию размещения выдвинул немецкий экономист Й. Тюнен. В своей фундаментальной работе автор выявил и представил закономерность размещения отраслей сельскохозяйственного производства. Его исследования отличали высокий уровень абстракции, точные формулировки поставленных задач. Он предполагал наличие государства, которое экономически изолировано от остального мира и имеет центральный город, который является источником обеспечения промышленными товарами и единственным рынком сбыта всей сельскохозяйственной продукции. В теории пространственной экономики работа Й. Тюнена была первым и весьма показательным примером использования абстрактных математических моделей [5. С 33].

К этой теории можно отнести и главное открытие немецкого ученого В. Лаунхардта - метод нахождения точки оптимального размещения отдельного предприятия относительно источников сырья и рынка сбыта продукции. В. Лаунхардте в своей теории размещения, так же как и Й. Тюнен, выделяет транспортные издержки как главный фактор. В зависимости от весовых соотношений перевозимых грузов и расстояний с помощью метода локационного треугольника В. Лаунхардта можно найти пункт оптимального размещения при предприятия. Этот метод можно применить и для большего количества пунктов при условии, когда они образуют выпуклый многоугольник [5/ 38].

Теория размещения предприятия также рассматривается в трудах немецкого экономиста А. Вебера «О размещении промышленности: чистая территория штандорта». Он сделал новые открытия в теории размещения, введя в дополнение к транспортным расходам другие основные факторы размещения производства. В этой теории А. Вебер поставил задачу минимизации общих издержек производства. Ему удалось разработать многофакторную теорию размещения предприятия с помощью математического моделирования, и это исследование стало энергетическим стимулом для дальнейшего развития общей теории размещения [5, с.44].

Немецкий экономист В. Кристаллер выдвинул теорию о структуре населенных пунктов и функциях их размещения в рыночном пространстве. Данная теория выявляет оптимальное размещения предприятия, которое при необходимом спросе стремится к минимизации транспортных издержек на единицу площади [2, с. 55].

Второе направления создания общих теорий размещений – это исследования, дополняющие и обобщающие подходы и результаты трудов корифеев теории размещения. Здесь следует отметить труды немецких ученых О. Энглендера, Г. Ритчля и шведского ученого Т. Паландера, которые перешли от изолированного и отдельного предприятия к исследованию взаимосвязанных предприятий и связывают теории штандартов промышленности и сельского хозяйства. В трудах Т. Паландера особенно четко выдвинута всеобщая и специальная теория штандорта для региона и предприятий. Он совмещает теорию размещения предприятий с пространственным анализом рынка. Эти исследования стали фундаментом синтеза теории размещения в трудах А. Лёша и У. Айзарда [5, с.56].

Научным базисом третьего направления развития теории размещения является классическая модель общего экономического равновесия Л. Вальраса, точнее, ее логико-математическая структура. Это обстоятельство включения теорий региональной экономики в главное русло общей экономической теории.

А. Лёш анализирует ситуацию размещения фирм в условиях конкуренции, когда выбор местоположения определяется не только стремлением каждой фирмы к максимуму прибыли, но и увеличением числа фирм, заполняющих все рыночное пространство. А. Лёш доказывал оптимальность гексагонального размещения предприятия (в вершинах правильных шестиугольников) [5, с.57].

Считалось, что на размещении производства (экономическую деятельность) также влияет такой фактор, как условия оплаты труда. Так, Л.В Козловская и А.Д. Павлова отмечали, что «влияние изменений в условиях труда на размещение производства почти не изучено», и утверждали, что «именно из-за условий оплаты труда производства дифференцируются по половому, образовательному и возрастному составу работающих» [6, с.15].

К экономическим условиям, которые позволяют развивать и размещать производство, экономия значительное количество средств, относили: «наличие основных фондов, трудовых ресурсов, квалифицированных кадров, научно- технических баз, продовольственных баз, близость к районам сырья и потребления продукции [7, с.21].

Серьезную аргументацию приводит В. Ф. Медведев, в частности, он обращает внимание на то, что «при решение вопроса о размещении конкретного предприятия в определенном населенном пункте нельзя руководствоваться только соображениями экономии на коммуникационных сооружениях, подъездных путях и т.д., а надо подходить осторожно, взвесив все «за» и «против». По его мнению, «размещение мелкого предприятия в небольшом населенном пункте может оказаться несколько дороже, но для людей, живущих в этом районе, оно жизненно необходимо» [8, с.37].

По проблеме оптимального размещения предприятий написано большое число научных трудов. Но среди них невозможно выделить пару классических работ, ставших основой для дальнейшего развития науки. И из-за этого множество литературных вариаций на данную тему образует многочисленные нечеткие определения принципов, факторов и характеристик закономерностей.

Список использованной литературы:

1. Cantillon, R. (1959). Essay on the Nature of Trade in General. London: Frank Cass and Co. Ltd.
2. Marshall, A. (1961). Principles of Economics (9th ed.). London: Macmillan.
3. Say, J.-B. (1964). A Treatise on Political Economy. New York: Augustus M. Kelley Publishers.
4. Schumpeter, J. A. (1961). The Theory of Economic Development. New York: Oxford University Press.
5. Гаврилов, А. И. Региональная экономика и управление / А. И. Гаврилов.-М.: ЮНИТИ-ДАНА,2002. – 239 с.
6. Козловская, Л.В., Павлова, А. Д. Методические вопросы внутрирайонного размещения промышленности /под ред. Л.В. Козловской, А.Д. Павловой. –Минск: Наука и техника, 1972.-264с.
7. Медведев, В. Ф. Влияние условий и факторов на эффективность размещения производства /авт. Кол.: В.Ф. Медведев [и др.]; Акад. Наук БССР, Ин-т экономики.

Медведев, В. Ф. Экономическая роль мелких предприятий в формировании промышленного комплекса (Белорусская ССР)/ под ред. В.Ф. Медведева, В. С. Высоцкого.-Минск:[б.и.],1971.-70с.

МУФЛИСШАВИИ КОРХОНАҲО ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

Раҳимов Пайрав Сулаймонович – доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D050800 – баҳисобгирӣ ва аудити кафедраибаҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи милли Тоҷикистон Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 17. Телефон: 888-21-08-08; E-mail: pairavjon_93@mail.ru

Маҳмадализода Хайриддин Пирмаҳмад – ассистенти кафедраи молия ва фаъолияти бонкӣ. Донишгоҳи давлатии Данғара Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, н. данғара, хиёбони Маркази 25. Телефон: 906-66-34-47; E-mail: Hairidin_98@mail.ru

Дар мақола мафҳум ва моҳияти муфлисшавӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ барраси гардидааст. Инчуни сабабҳои бавуҷудоӣ ва пешгирии хатарӣ муфлисшавӣ омузиш дар фаъолияти молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ таҳлили ва омӯзиш карда шудааст.

Калидвожаҳо: муфлисшавӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ, иқтисодӣ бозорӣ, партохпазирӣ, буҳрони молиявӣ.

БАНКРОТСТВО ПРЕДПРИЯТИЙ В РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКЕ

Рахимов Пайрав Сулаймонович -докторант доктора философии (PhD) - доктор по специальности 6D050800-Учета и аудита кафедры бухгалтерского учета факультета учета и цифровой экономики Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: 888-21-08-08; E-mail: pairavjon_93@mail.ru

Махмадализода Хайриддин Пирмахмад – ассистент кафедры «Финансы и банковское дело» Дангаринского государственного университета. Адрес: 735320, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Дангара, проспект Маркази, 25. Телефон: 906-66-34-47; E-mail: Hairidin_98@mail.ru

В статье рассматриваются понятие и сущность банкротства в рыночной экономике. Также анализируются и изучаются причины возникновения и предупреждения риска банкротства в финансовой деятельности хозяйствующих субъектов.

Ключевые слова: банкротство, хозяйствующие субъекты, рыночная экономика, утилизируемость, финансовый кризис

BANKRUPTCY OF ENTERPRISES IN A MARKET ECONOMY

Rakhimov Pairav Sulaymonovich -PhD candidate - doctor in the specialty 6D050800-Accounting and auditing of the accounting department of the faculty of accounting and digital economy of the Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: Phone: 888-21-08-08; E-mail: pairavjon_93@mail.ru

Mahmadalizoda Hayriddin Pirmahmad – Assistant Professor, Department of Finance and Banking, Dangara State University. Address: 25 Markazi Avenue, Dangara, Khatlon Region, Tajikistan, 735320. Phone: 906-66-34-47; Email: Hairidin_98@mail.ru

The article examines the concept and essence of bankruptcy in a market economy. It also analyzes and studies the causes and prevention of bankruptcy risk in the financial activities of business entities.

Keywords: bankruptcy, business entities, market economy, utilization, financial crisis

Дар шароити иқтисодӣ бозорӣ аз боиси рақобати шадид байни субъектҳои хоҷагидорӣ корхонаҳо ба муфлисшавӣ дучор мешаванд. Ин гуна корхонаҳо барои пардохт накардани ўҳдадориҳои худ дар назди буҷет, таъминкунандагон ва ғайра нотавон ҳисобида мешаванд.

Имрӯзҳо дар робита ба бӯҳронҳои молиявӣ истилоҳи «муфлисшавӣ» бештар ба кор бурда мешавад. Вай дар ҷамъият аз лаҳзае пайдо шуд, ки муносибатҳои молию пулӣ рушд карданд. Напардохтани қарз ҳамеша шакли муайяни ҷиноят ва вайрон кардани интизоми пардохти қарзи кредиторон ҳисоб мешуд [1].

Муфлисшавӣ (нотавонии молиявӣ) – вазъи молиявии бо ҳуҷҷатҳо асоснокшудае мебошад, ки дар мавриди он субъекти хоҷагидорӣ (корхона, соҳибкори инфиродӣ) аз боиси надоштани маблағҳо барои пардохт кардани ўҳдадориҳои қарзӣ ва маблағгузории фаъолияти ҷории худ қодир нест. Дар ин маврид тасдиқии ҳуҷҷатии муфлисшавӣ – қарори суд ё арзи расмии худи корхона мебоша [8].

Иқтисодчиёни ватанӣ Акрамов Қ.А., Розиқов В.А. қайд менамоянд, ки муфлисшавии субъекти иқтисодӣ ҳолатеро дар назар дорад, ки бинобар сабаби зиёд будани уҳдадориҳо нисбат ба арзиши дороиҳо вай талаботи кредиторон, аз ҷумла пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет ва фондҳои ғайрибуҷетиро қонеъ карда наметавонад [2, с.119].

Дар давраи буҳрони иқтисодӣ таназзули саноат, муносибатҳои хеле душвори пулию қарзӣ байни субъектҳои хоҷагидорӣ, амалан пурра набудани маблағгузорӣ мушоҳида мешавад. Бисёр корхонаҳо ба чунин ҳолат тоб оварда наметавонанд, ки ин боиси муфлисшавии онҳо мегардад. Ин гуна корхонаҳо рӯз аз рӯз зиёд шуда истодаанд ва бояд дар оянда барои дуҷор нашудан ба ин гуна ҳолатҳо субъектҳои хоҷагидорӣ ҷораҳои зарури андешанд.

Мушкилоти асосӣ корхонаҳо дар шароити имрӯза ин буҳрони пардохт накардан аст, яъне барои рушди корхонаи худ қарз гирифта, на ҳамаи соҳибкорон онро баргардонида метавонанд, қарз агар пардохт нагардад натиҷааш муфлисшавӣ аст. Аз ин лиҳоз корхонаҳо бояд ба низоми пардохти қарзҳои кредиторӣ диққати ҷиддӣ диҳанд. Вагарна ба ҳолати иқтисодӣ ва иҷтимоӣии онҳо таъсири ҷиддӣ мерасрнад, ба монадӣ (ҷой доштани бесаводии молиявӣ, ба вуҷуд омадани нуқтаҳои заиф, зиёд шудани нақшаҳои қаллобӣ, омилҳои иқтисодӣ ва геополитикӣ (сатҳи таваррум, андозаи нафақа ва музди меҳнат ва ғ.), аз даст додани фаъолияти ҷорӣ[4, с.119].

Аз ин рӯ, тамоми чораҳо бояд ба пешгирии рушди ҳолатҳои бӯҳронӣ ва барқарор кардани қобилияти пардохттавонии корхонаҳо равона карда шаванд. Ин корро тавасуди менеҷменти зидди буҳрони метавон анҷом дад. Идоракунии зиддибуҳрониро тавасути кадрҳои баландихтисосӣ қобилияти касби дошта амали карда мешавад.

Барои муфлис эътироф шудани қарздор (корхона ё шахси ҳуқуқи) бояд мукқаррар карда шавад, ки вай дар муҳлати муайян маблағи пардохти кредиторонро надорад. Яъне, агар қарздор барои пардохти қарз маблағ пайдо карда натавонад, масалан, бо фурӯши як қисми молу мулкаш, ӯ муфлис ҳисобида мешавад ва наметавонад дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолияташро идома диҳад. Чунки дар ин гуна шароит корхона бояд усутувориашро дар бозор тавасути усулҳои муоссири идоракунӣ таъмин намояд.

Дар айни замон корхонаҳое ҳастанд, ки арзиши молу мулкашон аз маблағи қарзи ӯ камтар бошад ва ҳатто маҳсулоти худро пурра фурухта бошад ҳам, қарзи ба вуҷудомадаро пардохт карда наметавонад. Дар ин ҳолат корхонаҳо бояд усулҳои идоракунии самаранокро истифода баранд.

Дар давраҳои Иттиҳоди Шуравӣ иқтисодиёти нақшавӣ вуҷуд дошт, яъне ҳама корхонаҳо ба як молик – давлат тааллуқ доштанд ва чунин мафҳуми «муфлисшавӣ» вуҷуд надошт. Дар сурати зиёновар будани корхона давлат маблаггузории худро ба ин корхона фардӣ ё комплекси анҷом медод.

Дар шароити ҳозира бошад гуногуншаклии моликият ҳукумрон аст. Аз ин рӯ корхонаҳои ба субъектҳои алоҳидаи иқтисодӣ таалуқ доранд. Дар ҳолатҳои баҳрони ўҳдадории худӣ корхонаҳо мебошад, ки пеши роҳи муфлисшавии худро гиранд. Дар акси ҳол муфлис мешаванд ва фаъолияташон барҳам мехурад.

Дар шароити ҳозираи иқтисодӣ бисёр корхонаҳо нодаркор мешаванд, зеро маҳсулоти онҳо, таҷҳизоти онҳо, коргарони онҳо лозим нестанд. Яъне боззорро дуруст омӯхта наметавонанд. Дар баробари ин, корхонаҳо бо зиёд шудани шумораи кредиторон ва дар натиҷаи ин зиёд шудани қарз ва баъдтар муфлисшавӣ муддати дароз вуҷуд дошта бошад.

Муфлисшавӣ аз диди иқтисодӣ шакли ниҳойии вазъи буҳрони мебошад, дар мавриди он корхона наметавонад қарздории кредитории худро пардохт кунад ва пардохттавониашро аз ҳисоби манбаъҳои худии даромад барқарор кунад [3, с.356]. Мафҳуми «муфлисшавӣ» инчунин расмиёти нисбат ба қарздор татбиқшавандаро дорад, ки ба арзёбии вазъи молиявии ӯ, таҳияи чораҳо оид ба беҳтар намудани вазъи молиявии қарздор ва агар татбиқи чунин чораҳо номувофиқ ё ғайриимкон дониста шавад, ба ҳадди баробар ва одилона қонеъ гардонидани манфиатҳои қарздиҳандагони қарздори нотавон нигаронида шудааст [7, с.262].

Аз гуфтаҳои боло хулоса кардан мункин аст, ки муфлисшавӣ ин аз даст додани қобилияти пардохтпазирии корхона фаҳмида мешавад. Аз ин лиҳоз раванди рукуди молиявиро дар аксари корхонаҳои муфлисшуда дар шароити иқтисодиии ҳозира таҳлили кунем метавон чунин хулоса бароварда, ки байни остонаи буҳрон ва оғози марҳилаи муфлисшавӣ фосилаи муайяни вақт вуҷуд дорад. Дар ин муддат корхона метавонад аз ҳисобӣ манбаҳои худӣ пардохттавонии худро таъмин намояд.

Барои муфлис шумурда шудани корхона як қатор шарту тартиби муқаррарнамудаи қонунро риоя кардан лозим аст. Барои ин ба назар гирифтан зарур аст:

- маблағи ўҳдадориҳои пулӣ, аз ҷумла маблағи қарз аз рӯи моли додашуда;

- корҳои анҷом додашуда ва хизматҳои расонидашуда;
- маблағи карз бо назардошти фоизҳои пардохтшавандаи қарздор;
- ўҳдадориҳо дар назди муассисони (иштирокчиён);
- шахсони ҳуқуқӣ ва ғайра.

Дар ин мавриди ҷарима ва пенияҳо ҳангоми муайян кардани маблағи ўҳдадорихои пулӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд.

Барои он ки корхона муфлис эътироф карда шавад, дар охири давраи ҳисоботӣ меъёри пардохтпазирии ҷорӣ ($П_ч$) ва таносуби сармояи худӣ бояд аз меъёр камтар бошад.

Барои муайян кардани коефитсенти таъминоти сармояи гардони худӣ ($К_{тсгх}$) формулаи зерин истифода мешавад: $К_{тсгх}$ = (дороиҳои ҷорӣ - ӯҳдадориҳои ҷорӣ) / дороиҳои ҷорӣ.

Агар коэффисиенти пардохтпазирии ҷорӣ аз меъёр паст бошад, ҳиссаи сармояи кории худӣ аз меъёр камтар бошад ва тамоюли афзоиши ин нишондодҳо вуҷуд дошта бошад, барои шаш моҳ коэффитсиенти барқарорсозии қобилияти пардохтпазириро ($К_{бкп}$) ҳисоб кардан лозим аст:

$$\mathbf{К_{бкп} = (Кп_ч1 + 6/Т(Кп_ч 1-Кпҷ0))/ Кпҷм;}$$

Дар ин ҷо:

$Кп_ч1$– меъёри пардохтпазирӣ дар аввали давра;

Кпҷ0 – меъёри пардохтпазирӣ дар охири давра;

Кпҷм – меъёри пардохтпазирии ҷории меъёрӣ;

Т – давраи ҳисоботӣ, моҳҳо.

6 – давраи барқарорсозии қобилияти пардохт.

Агар **$К_{бкп}$** > 1 бошад, чунин ҳисоб кардан мумкин аст, ки корхона барои барқарор намудани қобилияти пардохтпазириаш имконият дорад. Дар акси ҳол наметавонад қобилияти пардохтпазирии худро дар давоми 6 моҳ барқарор кунад.

Ҳамин тавр таҳти мафҳуми муфлисшавӣ дар шароити иқтисодисодиёти бозорӣ ин гум кардани қобилияти пардохтпазирии ҷории корхонаҳое фаҳмида мешавад, ки дар бозор бо таъсири омилҳои дохилӣ ё берунӣ рақобат карда наметавонанд ва устувории молиявии худро аз даст медиҳанд.

АДАБИЁТ

1. Weule B., Warburton W., Brading R. 2007. Bankruptcy handbook. 2nd ed. The Federation Press. P. 2.
2. Акрамов К.А. Региональные особенности банкротства промышленных предприятий в Республике Таджикистан / К.А. Акрамов, В.А. Разыков // Вестник Таджикского технического университета. 2014. № 1 (25). С. 118-123.
3. Барфиев, Қ.Х. Таҳлили иқтисодӣ. Китоби дарсӣ [Матн] / Қ.Х. Барфиев. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 400 с. с356
4. Давыденко В. А., Данилова Е. П., Портняга Е. М. Вестник Тюменского государственного университета. Социально-экономические и правовые исследования. 2022. Том 8. № 4 (32). С. 54
5. Калемуллоев М.В. Анализ банкротства // Монография. – Душанбе, ТНУ, 2019. – 240 с.
6. Калемуллоев, М.В. Классификация и причин банкротства предприятий в странах СНГ в транзитивный период [Текст] / М.В. Калемуллоев, М.И. Исраилов // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2019. – № 2 (27). – С. 49-54.
7. Карелина С. А. Механизм правового регулирования отношений несостоятельности. — М.: Волтерс Клувер, 2008. — С. 262.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ», Душанбе, 8.12.2003, №46.– [Манбаи электронӣ].– Ҳолати дастрасӣ: http:www.mmk.tj (санаи мурочиат: 24.02.2025 с.).
9. Никонова, Н.В., Гамулинская, Н.В. Реалистичность методов оценки вероятности банкротства / Н.В. Никонова, Н.В. Гумулинская // Успехи современной науки. - 2017. - Т. 3. №1 - с. 104-106.

ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ҲОЗИРАЗАМОНИ ФАЪОЛГАРДОНИИ БАХШИ БОНКӢ ДАР ҲОЛАТҲОИ БУҲРОНӢ

Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳаким – ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. E-mail: sharipova@dtmik.tj. Тел: (+992)988436756

Дар шароити имрӯзаи рушди муносибатҳои иқтисодии гуногунҷанба ва васеъ шудани доираи фаъолияти низоми бонкӣ зарурияти дуруст муайян намудани стратегия ва сатҳи ҳозиразамони фаъолгардонии бахши бонкӣ дар ҳолатҳои буҳронӣ мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, муаллиф дар ин радиф, баъди таҳлили як қатор нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ таклифҳои пешниҳодшуда ба ҳалли як зумра мушкилотҳои низоми бонкӣ мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо: бонк, низоми бонкӣ, амалиётҳои бонкӣ, хавфҳои бонкӣ, хавҳои қарзӣ, амнияти иқтисодӣ, кифоятии сармоя, дороиҳои бонкҳо, хавфҳои субъективӣ,ташкилоти қарзӣ.

ПРИМЕНЕНИЕ СОВРЕМЕННЫХ МЕТОДОВ АКТИВАЦИИ БАНКОВСКОГО СЕКТОРА В КРИЗИСНЫХ СИТУАЦИЯХ

Шарифзода Гулрухсор Мирзохаким – доцент кафедры банковского дела Таджикского государственного университета финансов и экономики. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Электронная почта: sharipova@dtmik.tj. Тел.: (+992)988436756

В современных условиях развития многогранных экономических отношений и расширения масштабов банковской системы необходимо правильно определить стратегию и текущий уровень активизации банковского сектора в кризисных ситуациях. С этой точки зрения автором в связи с этим, проанализировав ряд финансовых показателей банковской системы, предложенные предложения способствуют решению ряда проблем банковской системы.

Ключевые слова: банк, банковская система, банковские операции, банковские риски, условия кредитования, экономическая безопасность, достаточность капитала, активы банка, субъективные риски, кредитная организация.

USE OF MODERN METHODS OF ACTIVATING THE BANKING SECTOR IN CRISIS SITUATIONS

Sharifzoda Gulrukhsor Mirzohakim – assistant professor of the Department of Banking, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Str. 64/14. E-mail: sharipova@dtmik.tj. Tel: (+992)988436756

In modern conditions of development of multifaceted economic relations and expansion of the banking system, it is necessary to correctly determine the strategy and current level of activation of the banking sector in crisis situations. From this point of view, the author, in this regard, having analyzed a number of financial indicators of the banking system, the proposed proposals contribute to solving a number of problems of the banking system.

Key words: bank, banking system, banking operations, banking risks, lending conditions, economic security, capital adequacy, bank assets, subjective risks, credit institution

Дар шароити гузариш ба муносибатҳои нави иқтисоди бозорӣ масъалаҳои зиёде дар назди бонкҳою ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ барои танзими пулу қарз, танзим ва назорати асъор, масъалаҳои хизматрасонӣ ба муштариён ва дигар намуди амалиётҳои хусусияти инноватсионӣ доштаро ба миён мегузорад, ки танзим ва бехатарии он шарти

зарурӣ мебошад. Тамоюлҳои доимотағйирёбандаи авзои иқтисодӣ ва равандҳои босуръати ҷаҳонишавӣ тамоми сохторҳои иқтисодиро водор менамояд, ки стратегияи бехатарии фаъолияти худро таҳия намуда, амалиётҳои иқтисодиро дар сатҳи дуруст пеш баранд.

Дар айни замон, ин тамоюл ва тағйироти раванди ҷаҳонишавӣ ба осебпазир гардидани низоми бонкӣ таъсир расонида, вазъияти бонкҳоро муаммодор намуд. Ҳамин буд, ки сатҳи хавфҳо дар низоми бонкӣ афзоиш ёфта, муаммоҳои бехатарии онҳоро зиёд намуд. Аз ҳамин лиҳоз, масъалаи идора намудани хавфҳои бонкӣ дар стратегияи ҳар як ташкилоти қарзӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ва аввалиндараҷа маҳсуб ёфта, ба он аҳамияти хоса медиҳанд. Дар баробари ин, бо сабаби масъалаи актуалӣ будани хавфҳои низоми бонкӣ олимону коршиносон низ ба он аҳамият медиҳанд, зеро хавф ин ҳодисаи ба назар ноаён мебошад, ки ҳангоми ба вуҷуд омаданаш бонк даромади пешбининамудаи худро аз даст медиҳад. Дар дигар маврид, баъзе олимон бар он ақидаанд, ки хавфи бонкӣ дар натиҷаи тараққиёти номуътадили иқтисодиёт низ ба вуҷуд меояд. Зеро бонкҳо он даромаде, ки чашмдор буданд, ба даст намеоранд[4].

Ғайр аз ин, хавф ин ҳодисаи таърихӣ ва иқтисодӣ мебошад. Чун ҳодисаи таърихӣ хавф аз ҷониби одамон қабул карда шудааст. Аммо ҳамчун ҳодисаи иқтисодӣ мумкин аст ба вуҷуд ояд ё ба вуҷуд наояд. Вобаста ба ин, гуфтан мумкин аст, ки дар низоми бонкдории имрӯза тамоюлҳои бавуҷудоии хавфҳои бонкӣ сабабу ангезаҳои гуногун доранд, ки дар онҳо таъсири омилҳои субъективӣ ниҳоят калон мебошад. Махсусан, дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар афзоиши хавфҳои бонкӣ омилҳои субъективӣ зиёд мебошанд, ки хавфҳои иқтисодӣ боиси ошкоргардии онҳо дар сатҳи низом бонкӣ гардид. Яъне, гуфтан мумкин аст, ки хавфҳои субъективӣ агар дар бонк вуҷуд дошта бошанд ҳам вале барои ҷомеа номуайян мебошанд ва хавфҳои иқтисодӣ боиси ошкор гардидани ин хавфҳо дар иқтисодиёт мегарданд.

Хатари бонкӣ ҳамчун ҳодисаи хусусияти умумидошта дар бештари вақт аз нуқтаи назари дарки оқибатҳои бавуҷудоянда берун аст. Яъне, хатари бонкӣ ин ҳодиса ё ҷараёни ғайри қобили пешниҳодшаванда буда, дарки дақиқан ба вуҷуд омадани он дар ҳолатҳои муайян аз диди шахс берун мебошад. Ин хатарро дар тамоми давру замон, пеш аз ҳама, бонкҳои тиҷоратӣ дар ҳама шароит дар стратегияи дарозмуддати худ бояд пешбинӣ намоянд. Эҳтимолияти ба вуҷуд омадани хатар вобаста ба ҳар як амалиёти бонкӣ дар лаҳзаҳои интизорнашаванда ояндабинӣ ва оқибатҳо ё ҳолатҳои эҳтимолии бавуҷудояндаро ҳатман пешбинӣ намоянд.

Бояд гуфт, ки дар шароити бошиддат тағйир ёфтани авзои иқтисодиёти давлатҳои ҳамсоя, таҳримҳо ба як қатор шарикони стратегии рушд ва тағйирёбии вазъи сиёсӣ ба низоми бонкию молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман, ба иқтисодиёт таъсири манфӣ расонид. Бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ, ки соли 2008 ба вуҷуд омад, вазъи иқтисодии аксари давлатҳоро халалдор намуда, ба низоми бонкии мо низ таъсири манфии худро расонид ва то як андоза пардохтпазир будани мизоҷонро дар бозпасгардонии қарзҳо заиф гардонид.

Ҳолатҳои бавуҷудоии хавфҳо дар шароити имрӯза аз як қатор омилҳо вобаста мебошанд, ки онҳоро ба омилҳои дохила ва беруна ҷудо намудан мумкин аст. Пайвастагии доимии бонкҳои тиҷоратӣ бо иқтисодиёт метавонанд якдигарро дар ҳама ҳолат пурра кунанд ё аз якдигар вобаста бошанд.

Вобаста ба нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ гуфтан зарур аст, ки дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои гуногуни ҷанбаи иқтисодӣ ва афзоиши таъсири манфии ин равандҳо ба низоми бонкию молиявӣ як қатор хавфҳои бонкиро ба миён овард. Дар сатҳи низоми бонкӣ ва даромаднокии он масъалаи сандуқи қарзии он яке аз масъалаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, тамоми ташкилотҳои қарзӣ кӯшиш менамоянд, ки сифати сандуқи қарзии худро беҳтар намуда, ҳиссаи қарзҳои муаммодорро дар маҷмуи

умумии қарзҳо коҳиш диҳанд. Бо назардошти баланд гардидани сатҳи хавфҳои низоми бонкӣ ва, махсусан, хавфҳои сандуқи қарзии низоми бонкӣ, мо кӯшиш намудаем ки арзёбӣ намоем. Ғайр аз ин, дурнамои рушди сандуқи қарзии низоми бонкӣ ва сифати он таҳлил намоем. Барои баланд бардоштаани имкониятҳои мавҷудаи бонк ва сатҳи рақобатпазирии он моро зарур аст, ки таҳлили нишондиҳандаҳои устувории бонкҳои тиҷоратиро, ки амнияти низоми бонкиро дар равандҳои ҷаҳонишвӣ таъмин менамоянд, дарёфт намоем. Зеро тавассути баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии низоми бонкӣ, ки онро тавассути технологияҳои ҳозиразамони рақобатпазир ва иқтидори захиравии бонкҳо таъмин кардан имконпазир аст, мо метавонем таъмини идораи босамари хавфҳо ва амнияти низоми бонкиро таъмин карда тавонем.

Новобаста аз оне, ки низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор чолишҳои бузурги иқтисодию иҷтимоӣ мувоҷеҳ мебошанд, зарурияте ба миён овардааст, ки бонк имкониятҳои худро дар асоси нишондиҳандаҳои усуворӣ мавриди таҳлил қарор диҳем. Новобаста аз душвор шудани фаъолияти бонку ташкилотҳои қарзӣ баъд аз солҳои 2015, зарур аст, ки таҳқиқӣ ба хавф мувоҷеҳ шудани бонку ташкилотҳои қарзии ғайрибонкиро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда, роҳҳои баромадан аз вазъияти бӯҳрониро дар асоси таҳлили дурусти нишондиҳандаҳо дарёфт намоем.

Ба андешаи мо, дар шароити имрӯза нишондиҳандаҳои асосие, ки тавассути он аминяти низоми бонкӣ ва сатҳи рушди босуботи онро баҳо додан имконпазир аст, албатта, ин кифоягии сармоя, сатҳи пардохтпазирӣ, даромаднокӣ ва сифати сандуқи қарзӣ мебошад.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, №722.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009, №524. - С. 41.

3. Дастурамали №186-и Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ» аз 28 апрели соли 2011, таҳти №73, бо Қарори Раёсати БМТ тасдиқ гардидааст (аз 10 июни соли 2011, таҳти №612, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст).

4. Дастурамали №207-и Бонки миллии Тоҷикистон «Оид ба тартиби ташкил ва истифодаи захира барои пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯйи қарзҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон» аз 1 декабри соли 2014, таҳти №298, бо Қарори Раёсати БМТ тасдиқ гардидааст.

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22.12.2017. - [манбаи электронӣ]. – 26.12.2021. – ҳолати дастрасӣ:

6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2022. - [манбаи электронӣ]. – 22.12.2021. – ҳолати дастрасӣ:

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2023. - [манбаи электронӣ]. – 22.12.2022. – ҳолати дастрасӣ:

8. Ашуров Н. Идора кардани хавфи бонкӣ: Китоби дарсӣ / Н. Ашуров., С.Ҷ. Махшулов. - Душанбе, 2021. – 146

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИННОВАТСИОНӢ

Пирова Меҳрангез Азизовна - муаллими калони кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Наҳимов, 64/14, Тел: (+992)919022918. E-mail: Pirova.79@bk.ru.

Дар мақолаи мазкур андешаи олимон доир ба рушди инноватсионии иқтисодиёт, рушди фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ, ҳалли мушкилоти ҷойдошта ва нақши давлат дар ин самт,таҳлил гардидаанд. Ҳамчунин, якчанд самтҳои афзалиятноки маблағгузории соҳибкории инноватсионӣ пешниҳод гардидаанд. Қайд гардидааст, ки соҳибкорон худ бояд зарурати тақвият бахшидани фаъолияти инноватсиониро дарк намоянд.

Калидвожаҳо: соҳибкории инноватсионӣ, пешрафти илмӣ-техникӣ, паркҳои технологӣ, технополисҳо, иқтидори кадрӣ, техника ва технологияҳо, имтиёзҳои андозӣ.

ТЕОРЕТИКО – МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ ИННОВАЦИОННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

Пирова Мехрангез Азизовна - старший предпродователь кафедры финансы Государственного финансо-экономического университета Таджикистана, Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Нахимов, 64/14, Тел: (+992) 919022918.E-mail: Pirova.79@bk.ru.

В данной статье анализируется мнение ученых об инновационном развитии экономики, развитии промышленности, роли государства в решении существующих проблем и в этом направлении. Также предложено несколько приоритетных направлений финансирования в инфраструктуру инновационного предпринимательства. Отмечается, что предприниматели должны понимать необходимость усиления инновационной деятельности.

Ключевые слова: инновационное предпринимательство, научно-технический прогресс, технологические парки, технополисы, кадровый потенциал, техника и технологии,налоговые льготы.

THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FRAMEWORK OF THE DEVELOPMENT OF INNOVATIVE ENTREPRENEURSHIP

Pirova Mehrangez Azizovna – Senior teacher of the Department of Finance, The Tajik State Finance and Economics University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, c.Dushanbe, Nakhimova street, 64/14, Tel: (+992) 919022918. E-mail: Pirova.79@bk.ru.

This article analyzes the opinion of scientists about the innovative development of the economy, the development of industry, the role of the state in solving existing problems and in this direction. There are also proposed several priority areas for financing in innovative business infrastructure. It is noted that entrepreneurs should understand the need to strengthen of innovative activities.

Keywords: innovative entrepreneurship, scientific and technological progress, technology parks, technopolises, human resources potential, technique and technologies, tax incentives.

Дар замони муосир барои таъмини рушди устувори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тадбиқи инноватсияҳо ва рушди инфрасохтори соҳибкории инноватсионӣ яке аз омилҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Соҳибкории инноватсионӣ иқтидори инноватсионии кишварро тақвият мебахшад, зеро таъмини рушди иқтисодӣ ба стратегияи илман асосноккардашуда ва фаъолияти инноватсионии соҳибкорон вобастагӣ дорад.Олимони

тоҷик, аз ҷумла академик Р.К. Раҳимов қайд намудаанд, ки "…дар шароити ҷаҳонишавӣ барои Тоҷикистон инкишофи инноватсионии иқтидори истеҳсолӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд"[2]. Яъне дар шароити муосир рушди фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ омили асосии фароҳам овардани заминаҳои рушди устувори иҷтимоию иқтисодии ҷомеа мебошад.

Ба андешаи олимон, "…имрӯз талабот ба ташкили иқтисодиёти саноатию аграрӣ бо унсурҳои инноватсионӣ дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон проблемаи гузариш ба стратегияи муосиргардонии босуръатро мегузорад. Ба ҳалли масъалаи мазкур бидуни фаъолнокии босуръати субъектҳои иқтисоди миллӣ, бидуни якҷоясозии тамоми қувваҳо ва воситаҳое, ки дар ихтиёри давлат ва бизнес қарор доранд, ноил гардидан ба ҳадафҳои муосиргардонии иқтисодиёт, пешрафти илмӣ-техникӣ, ташаккул ва истифодаи инноватсияҳо дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ ғайриимкон аст" [3].

Қобили зикр аст, ки рушди инфрасохтори соҳибкории инноватсионӣ барои ҳамкории самараноки субъектҳои фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ мусоидат менамояд. Ҳоло инфрасохтори соҳибкории инноватсионии ҷумҳурӣ дар марҳалаи ташаккулёбӣ қарор дошта, андешидани як қатор тадбирҳоро барои ҳалли мушкилоти дар ин самт ҷойдошта, тақозо менамояд. Баъзе аз олимон қайд менамоянд, ки "…дар марҳилаи муосир зарур аст, ки мушкилоти пойгоҳи истеҳсолӣ-техникии куҳнашудаи иқтисодиёти мамлакат, аз ҷумла фондҳои асосии куҳнашуда, инчунин, инфрасохтори соҳибкории истеҳсолии инноватсионӣ ҳалли худро ёбад. Бо ин мақсад зарур аст, ки барномаи воридоти имтиёзноки техникаи мураккаб таҳия гардад ва он ба соҳибкорон на танҳо имконияти азнавсозии истеҳсолот, балки харидории намунаҳои навтарини технологияҳои муосирро фароҳам созад. Дар натиҷа дар оянда истеҳсолоти инноватсионӣ рушд хоҳад кард" [4].

Қайд намудан ба маврид аст, ки беҳтар намудани муҳити соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз сиёсати давлатӣ вобаста калон дорад. Тақвияти маблағгузорӣ барои дастрас намудани захираҳои молиявӣ, технологияҳои нав, молу маҳсулот ва хизматрасониҳои инноватсионӣ, маҳорати идоракунӣ, инчунин баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт мусоидат менамояд. Ин масъала дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 инъикос гардида, самтҳои асосии фаъолият ва тадбирҳо барои амалӣ гадонидани он муайян шудаанд. Чунончи, дар самти ташаккули маданияти соҳибкории инноватсионӣ тадбирҳои зерин ба нақша гирифта шудаанд:

- рушди низоми дастгирии иттилоотӣ ва машваратии соҳибкории инноватсионӣ;
- навсозии инфрасохтори инноватсионӣ (паркҳои технологӣ, технополисҳо), бунёди инфрасохторе, ки барои пайдо шудани стартапҳо

мусоидат мекунад;

- тарғиб намудани бартариятҳо ва мантиқи рушди инноватсионӣ [5].

Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар ва амалигардонии Стратегияи мазкур як қатор барномаҳои соҳавӣ қабул гардида, мавриди амал қарор доранд. Аз ҷумла, дар соҳаи саноат чор барнома, дар соҳаи энергетика як барнома, дар соҳаи кишоварзӣ чор барнома дар раванди амалигардӣ қарор доранд. Ҳамзамон, барои дастгирӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди бахши хусусӣ Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 қабул гардида, мавриди татбиқ қарор дорад. Тадбиқи барномаҳои соҳавии қабулгардида ба рушди иқтисодиёт мусоидат намуда истодааст. Тибқи маълумотҳои оморӣ соли 2025 суръати рушди иқтисодиёт 8,4%-ро ташкил дода, суръати рушди соҳаи саноат 22 %, суръати рушди соҳаи кишоварзӣ ба 8,5%, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 173 млрд. сомонӣ ва гардиши савдои хориҷӣ ба 8,96 млрд. дол. ИМА расидааст. [1].

Қобили зикр аст, ки минбаъд барои боз ҳам баланд бардоштани самаранокӣ ва амалигардии барномаҳои қабулгардида, таҳлили алоқамандии ҳадафҳо ва чорабиниҳои барномаҳои алоҳида, тақвияти низоми назорати масъулони татбиқи барномаҳо ва то ноилгардӣ ба натиҷаи назаррас мувофиқи мақсад мебошад. Комилов С.Ҷ., доктори илмҳои

иқтисодӣ, қайд менамоянд, ки гузариш ба модели инноватсионӣ амалӣ намудани лоиҳаҳои рушди инноватсиониро дар ҳошияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар назар дошта шуда, ба ташаккули ҳамкории судманди мутақобилаи давлат ва бизнес мусоидат менамояд. Ташаккули институтҳои ҳамкории давлат ва бизнес ҳадафи сиёсати рушди инноватсионии иқтисодиёт мегардад [6].

Бо ин мақсад дар кишвар аз санаи 28 декабри соли 2012 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ”, таҳти №907 қабул ва мавриди истифода қарор дода шуда, аз соли 2013 Муассисаи давлатии “Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ” амал менамояд, ки бо ташкилоту муассисаҳо ҳамкорӣ менамояд.

Ҳамчунин, Комилов С.Ҷ. дар корҳои худ пешниҳод менамоянд, ки дар кишвар бояд кластерҳои инноватсионӣ созмон дода шаванд. “Зарурати таҳияи асосҳои консептуалӣ ва методологии ташаккули муҳити мусоиди иқтисодӣ барои фаъолият ва рушди кластерҳои инноватсионӣ, таҳияи механизмҳои такмилдиҳии принсипҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва ташаккули институтҳои молиявии махсусгардонидашуда, ки ба фаъолгардонии фаъолияти инноватсионӣ мусоидат мекунанд. Нақши калидиро дар татбиқи сиёсати кластерӣ минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, паркҳои технологӣ, бизнес- инкубаторҳо, донишгоҳҳои инноватсионӣ мебозанд, ки катализатори ташаккули кластерҳои инноватсионӣ мебошанд” [6].

Дар ҷумҳурӣ бо мақсади ҷалби сармоягузорони дохиливу хориҷӣ, техника ва технологияҳои муосир панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ, минтақаи озоди иқтисодии истеҳсолӣ – инноватсионӣ «Суғд», минтақаи озоди иқтисодии истеҳсолӣ – инноватсионии «Данғара», минтақаи озоди иқтисодии комплексии «Панҷ», минтақаи озоди иқтисодии тиҷоратӣ – истеҳсолии «Ишкошим» ва минтақаи озоди иқтисодии саноатӣ – инноватсионии «Кӯлоб» таъсис дода шудаанд, ки дар ҳудуди он фаъолияти соҳибкорӣ бе андозбандӣ амалӣ мегардад.

Ҳамчунин, зикр кардан бамаврид аст, ки дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав теъдоди андозҳо аз 10 то ба 7 номгӯй кам гардида, меъёрҳои якчанд намуди онҳо паст карда шуданд ва шумораи низоми махсуси андозбандӣ низ аз 4 адад ба 8 адад расонида шуд, ки барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ шароит фароҳам оварда, ба ҷалби сармоя мусоидат менамояд.

Азбаски асоси фаъолияти инноватсиониро натиҷаи кори ақлонӣ ва амалии корманд оид ба татбиқи он мебошад. Дар ин ҷо, кормандони соҳибихтисос нақши асосиро мебозанд, инчунин муассисаҳои таҳсилоти олӣ, касбӣ – техникӣ ва миёна, ки мутахассисони соҳаҳои мухталифро омода менамоянд. Зарур аст, ки ҳам ҳамкориҳои дохилӣ ва ҳам ҳамкории байналмилалӣ байни корхонаҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ роҳандозӣ гардида, фаъолияти технопаркҳои саноатӣ, илмӣ ва бизнес – инкубаторҳо вусъат ёбанд.

Дар ин самт барои рушди мусоиди фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ ва татбиқи инноватсия нақши давлат баланд мебошад, аз ҷумла барои такмил додани заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, таҳия ва татбиқи бомуваффақияти барномаҳои соҳавӣ, татбиқи имтиёзҳои андозӣ:

- имтиёз дар пардохти андоз аз фоида;
- пешниҳоди имтиёз барои дастрасӣ ба неруи барқ ва иҷораи бино;
- татбиқи сертификатсияи маҳсулот бо низоми байналмиллалии ISO;
- низоми бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат.

Барои рушди соҳибкории инноватсионӣ амалӣ намудани тадбирҳои зерин мувофиқи мақсад мебошанд:

- мусоидат кардан ба ташкил намудани корхонаҳои муштарак дар самти соҳибкории инноватсионӣ;

- таҳия ва амалӣ намудани лоиҳаҳои самараноки инноватсионӣ дар ҳамоҳангӣ бо барномаҳои минтақавию соҳавӣ;

- тақвият бахшидани фаъолияти муассисаҳои молиявию қарзӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ;

- мукаммалгардонии лизинги таҷҳизот ва дастгоҳҳои инноватсионӣ;

- тақвият бахшидани низоми интихоби лоиҳаҳо ва иҷрокунандагони он ба таври мусобиқа;

- таҳия ва амалӣ намудани лоиҳаҳои самараноки инноватсионӣ дар ҳамоҳанги бо барномаҳои минтақавию соҳавӣ;

- такмили низоми «Равзанаи ягона» барои кор бо сармоягузор ва соҳибкорон;

- барои муайян намудани шумора, самтҳои фаъолият ва ҳаҷми маблағгузории корхонаву ташкилотҳо дар самти корҳои инноватсионӣ аз ҷониби Агентии омори назди Президенти ҶТ ҷорӣ намудани шакли ҳисоботии “Инноватсия” ё “Ҳисобот оид ба фаъолияти инноватсионӣ” барои корхонаю ташкилотҳое, ки бо инноватсия сарукор доранд.

Ҳамин тариқ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкории инноватсионӣ, раҳоӣ бахшидани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ, амалӣ гардонидани системаи ягонаи энергетикӣ, тақвият бахшидани раванди сармоягузорию қарздиҳӣ, пешниҳод гардидани имтиёзҳо, ба роҳ мондани ҳамкорӣ байни марказҳои илмию инноватсионии давлатҳои ҳамсоя, баланд бардоштани иқтидори илмию амалии кормандони соҳаи илм ва ҳамкории онҳо бо соҳибкорон барои тараққӣ ёфтани ҳаматарафаи фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ ва рушди минбаъдаи бахши хусусӣ вусъат мебахшад. Муҳим он аст, ки зарурияти фаъолияти инноватсиониро бояд корхонаҳо дарк намоянд. Корхонаҳо бояд дар сохтори худ низ барои фаъолияти инноватсионӣ шароит муҳайё намоянд: созмон додани шуъбаҳо ва бахшҳо оид ба навоварӣ, омода намудан ва ё ҷалби мутахассисон.

АДАБИЁТ

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 16 декабри соли 2025. [Захираи электронӣ] // www.president.tj. (санаи мурочиат 01.04.2026)

2.Рахимов Р.К. Макроэкономический анализ добавленной стоимости по экономике Республики Таджикистан// Таджикистан и современный мир. - Душанбе, 2017. -№3 (53). - саҳ. 19;

3.Саидмурадов Л.Х. Стратегические ориентиры развития национальной экономики Таджикистана//Таджикистан и современный мир. Душанбе, 2017.

№3 (53). саҳ. 19;

4.Кодирзода Д.Б., Джумаев У.М. Организационно-экономический механизм развития инновационной деятельности в промышленности Республики Таджикистан // Таджикистан и современный мир. Душанбе, 2019. №(64). саҳ. 118;

5.Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;

6.Особенности государственно – частного партнерства в инновационной сфере. Комилов С. Дж.,Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз №3 (53), 2017, саҳ.157, 161;

ВОСИТАҲОИ ТАЪМИНИ САМАРАНОКИИ СИЁСАТИ ЗИДДИТАВАРРУМИИ ДАВЛАТ

Абдулҳақов Ҳ.Т. - магистри курси 2-юми ихтисоси идоракунии давлатӣ ва иқтисодиёти шуъбаи магистратураи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе.

Дар ин мақола моҳияти сиёсати зиддитаваррумии давлат кушода шуда, назарияҳои асосии сиёсати мазкур муайян карда шудаанд: назарияи кейнсӣ, назарияи монетаристӣ. Муаллиф нуктаҳои асосии назарияҳои мазкурро оид ба сиёсати зиддитаваррумии давлат шарҳ дода, таъкид намудааст, ки мақсади асосии сиёсати мазкур таъмини муътадили нархҳо, шуғли самаранок ва афзоиши ҳаҷми аслии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мебошад. Муаллиф ду варианти татбиқи сиёсати зиддитаваррумии давлатро ҷудо ва тавсиф кардааст. Қайд шудааст, ки устувории пулҳо ва муомилоти пулӣ бо ду нишондиҳандаи бо ҳам алоқаманд асоснок карда мешавад: бо миқдори воситаҳои пулии дар муомилот мавҷуд буда, яъне бо пешниҳоди пулӣ; зарурият ба воситаҳои пулӣ, яъне талабот ба пулҳо аз тарафи агентҳои гуногуни муносибатҳои пулӣ. Қайд шудааст, ки талаботи умумӣ ба пулҳо аз меъёри фоизи номиналӣ ва ҳаҷми номиналии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ вобаста аст.

Калидвожаҳо: сиёсати зиддитаваррумии давлат, назарияи кейнсӣ, назарияи монетаристӣ, ҳаҷми пул, талабот ба пул, агрегатҳои пулӣ, пешниҳоди пул.

ИНСТРУМЕНТЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ АНТИИНФЛЯЦИОННОЙ ПОЛИТИКИ

Абдулхақов Х.Т. - магистр 2 курса специальности государственное управление и экономика отдела магистратуры Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Республика Таджикистан, Душанбе.

В данной статье раскрывается сущность антиинфляционной политики государства, а также определяются основные теории этой политики: кейнсианская теория, монетаристская теория. Автор разъяснил основные положения этих теорий по антиинфляционной политике и подчеркнул, что основной целью данной политики государства является обеспечение стабильности цен, эффективной занятости и увеличения первоначального объема совокупного внутреннего продукта. Автор выделил и описал два варианта реализации антиинфляционной политики государства. Отмечается, что устойчивость денег и денежных операций обосновывается двумя взаимосвязанными показателями: количеством денежных инструментов в обращении, то есть денежной массой; потребность в денежных инструментах, т.е. спрос на деньги со стороны различных агентов денежных отношений. Отмечается, что общий спрос на деньги зависит от номинальной процентной ставки и номинального объема валового внутреннего продукта.

Ключевые слова: государственная антиинфляционная политика, кейнсианская теория, монетаристская теория, объем денег, спрос на деньги, денежные агрегаты, денежная масса.

TOOLS FOR ENSURING THE EFFECTIVENESS OF STATE ANTI-INFLATION POLICY

Abdulhakov H.T. - 2nd year master of the specialty public administration and economics of the master's department of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Republic of Tajikistan, Dushanbe.

This article explores the essence of government anti-inflation policy and defines the main theories of this policy: Keynesian theory and monetarist theory. The author explains the key tenets of these theories on anti-inflation policy and emphasizes that the primary goal of this government policy is to ensure price stability, effective employment, and an increase in the initial volume of gross domestic product. The author identifies and describes two options for implementing government anti-inflation policy. It is noted that the stability of money and monetary transactions is based on two interrelated indicators: the amount of monetary instruments in circulation, i.e., the money supply; and the demand for monetary instruments, i.e., the demand for money by various agents involved in monetary relations. It is noted that overall demand for money depends on the nominal interest rate and the nominal volume of gross domestic product.

Keywords: government anti-inflation policy, Keynesian theory, monetarist theory, money volume, money demand, monetary aggregates, money supply.

Дар асоси сиёсати зиддитаваррумии давлат назарияҳои гуногун таҳия шудааст, ки таҳқиқи ҷараёнҳои таъсири пул ва сиёсати зиддитаваррумии давлатро ба иқтисодиёт дар бар мегирад. Дар

муддати дуру дароз байни иқтисодчиён оид ба муаммои аҳамият ва нақши сиёсати зиддитаваррумии давлат дар шароити иқтисодиёти бозорӣ баҳсҳо ба назар мерасад. Ин ҳолат бо ду муносибати гуногун ба назарияи пул асос меёбад: назарияи нави кейнсӣ, аз як тараф, монетаризми муосир, аз тарафи дигар.

Ҳам кейнсчиён ва ҳам монетаристон тасдиқ мекунанд, ки ҳолати соҳаи пулӣ ва тағйироти дар он бо воситаи сиёсати зиддитаваррумии давлат ба миён омада ба ҳолати иқтисодиёти миллӣ таъсир мерасонад. Лекин онҳо аҳаммияти чунин таъсиррасонӣ ва механизмҳои онро ба таври гуногун баҳо медиҳанд. Аз нуқтаи назари кейнсӣ дар асоси сиёсати зиддитаваррумии давлат бояд сатҳи муайяни меъёри фоиз гузошта шудааст. Аз нуқтаи назари монетаристон бошад, асоси сиёсати зиддитаваррумии давлатро талабот ва пешниҳоди пул ташкил менамояд.

Назарияи кейнсӣ. Тарафдорони назарияи кейнсӣ тасдиқ мекунанд, ки иқтисодиёти бозорӣ бо худ низоми ноустуворро бо камбудиҳои зиёди дохилӣ ифода мекунад. Бинобар ин, давлат бояд фишангҳои гуногуни танзими иқтисодиро фаъолона истифода барад, аз он ҷумла, фишангҳои молиявӣ ва пулию-қарзиро [3, с.84].

Механизми танзими зиддитаваррумии давлат бо чунин тарз амал мекунад. Тағйирёбии пешниҳоди пулӣ сабаби баландшавӣ ва ё пастшавии меъёри фоиз мегардад, ки, дар навбати худ, ба тағйирёбии талаботи инвеститсионӣ оварда расонида, инвеститсияҳо ба воситаи самараи мултипликатсионӣ ба тағйирёбии сатҳи истеҳсолоти миллӣ таъсир мерасонанд.

Кейнсчиён гумон мекарданд, ки танзими зиддитаваррумии давлат нисбат ба фишангҳои фискалӣ ва ё сиёсати буҷетӣ, воситаи наонқадар самараноки муътадилгардонии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

Назарияи монетаристӣ. Хусусияти хоси монетаризм дар он аст, ки монетаризм ба сиёсати пулӣ-қарзӣ аҳамияти махсус зоҳир мекунад. Ба ақидаи монетаристон «пулҳо - қувваи асосии ҳаракатдиҳандаи иқтисодиёти бозорӣ мебошанд» [6, с.115]. Намояндаи машҳури монетаризм М. Фридмен ба ҳисоб меравад. Дар асарҳои ӯ самтҳои асосии назарияи монетаризм баён карда шудаанд, масалан:

- муносибати монетарӣ дар он асос меёбад, ки иқтисодиёти бозорӣ низоми устувори дохилӣ дорад;

- монетаристон васеъкунии дахолати давлатро ба иқтисодиёт бо танзими пулӣ-қарзӣ дар назар доранд, ки тавассути Бонки марказӣ амалӣ карда мешавад;

- барои ҳавасамандгардонии фаъолияти корӣ, мӯътадилгардонии низоми иқтисодӣ бояд сатҳи устувор ва асосноки пешбиниҳои таваррумро таъмин намуд. Бо ибораи дигар, афзалият ба афзоиши ҳаҷми пулии танзимшаванда дода мешавад;

- монетаристон гумон мекарданд, ки вобастагӣ байни омили пулӣ ва ҳаҷми истеҳсолоти миллӣ нисбат ба инвеститсияҳо ва маҳсулоти умумии дохилӣ зичтар мебошад.

Ҳамин тавр, пӯёи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бевосита аз паси пӯёи пулҳо ба миён меояд. Алоқамандии муайян байни миқдори пулҳои дар муомилотбуда ва ҳаҷми умумии мол ва хизматҳои дар доираи иқтисодиёти миллӣ фурӯхта шуда, мавҷуд мебошад. Ин алоқа бо баробарии мубодилавии И. Фишер ва ё баробарии назарияи миқдории пулҳо ифода меёбад. Баробарии назарияи миқдории пулҳо ин айнияте, ки мувофиқи он ҳосили зарби пешниҳоди пулҳо ва суръати гардиши онҳо ба ҳаҷми умумии даромади миллӣ баробар аст [2, с.129].

Иқтисодчӣ ва математики америкоӣ Ирвинг Фишер, алоқаманди номбурдаро ба расмият дароварда, чунин баробарии мубодиларо ҳосил кард, ки онро баробарии Фишер меноманд:

$$MV = PQ, \qquad (1)$$

дар ин ҷо: M - ҳаҷмии пулҳои дар муомилотбуда;

V - суръати гардиши пулҳо;

P - нархи миёнаи мол ва хизматҳо;

Q - миқдори мол ва хизматҳои фурӯхта шуда.

Бо ибораи дигар, ҳосили зарби миқдори пулҳои дар муомилотбуда ва шумораи гардиши онҳо дар муомилаҳои хариду фурӯш дар як сол ба ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар аст.

Алоқаи байни пешниҳоди пулҳо ва истеҳсолоти миллӣ (ҳаҷми номиналии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ) бо воситаи меъёри фоиз амалӣ нагарадида, балки бевосита ба миён меояд.

«Қоидаи пулии» М. Фридмен афзоиши назоратшавандаи ҳаҷми пули дар муомилотбударо дар ҳудуди 3-5% дар як сол дар назар дорад. Айнан чунин афзоиши ҳаҷми пули фаъолноки кориро дар иқтисодиёт ифода мекунад. Дар ҳолати афзоиши назоратнашавандаи пешниҳоди пулҳо зиёдтар аз 3-5% дар як сол гардиши таваррум ба миён меояд, агар суръати афзоиши ҳаҷми пулҳо аз 3-5% камтар бошад, он гоҳ суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ кам мешавад [7, с.140].

Мақсади асосии сиёсати пулию қарзӣ дар таъмини муътадилии нархҳо, шуғли самаранок ва афзоиши ҳаҷми аслии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ифода меёбад. Ин мақсад бо воситаи чорабиниҳо дар доираи сиёсати пулию қарзӣ амалӣ гардида, нисбатан сустар ба миён меояд, зеро барои солҳои тӯлонӣ пешбинӣ шуда, ҳиссиёти босуръатро ба тағйирёбии вазъияти бозорӣ ифода намекунанд. Вобаста ба ин, сиёсати пулию қарзии ҷорӣ ба мақсадҳои нисбатан мушаххас ва дастрас таъинот доранд, ба монанди муайян намудани миқдори пулҳои дар гардиш буда, барои муайян намудани сатҳи захираҳои ҳатмии бонкҳои тиҷоратӣ дар Бонки марказӣ, тағирёбии меърёи бозтамвили (меъёри ҳисобии фоизӣ) бонкҳои тиҷоратӣ ва ғайраҳо.

Вобаста аз сабабҳое, ки тағйирёбии талабот ба пулро ба миён меорад, мақсади сиёсати пулию қарзӣ тағйир ёфта метавонад. Ин сиёсати пулию қарзии устувор ва ё тағйирёбанда, инчунин интихоби чунин варианти сиёсати монетарӣ мебошад, ки дар он тағйирёбии миқдори пулҳои дар муомилотбуда ва меъёри фоиз имконпазир аст.

Вариантҳои зерини татбиқи сиёсати зиддитаваррумии давлат вуҷуд доранд.

1. Тағйирёбӣ дар талабот ба пул бо тағйироти сиклӣ ба миён меояд. Ба воситаи сиёсати пулию қарзӣ ин тағйиротро ислоҳ кардан мумкин аст. Дар ҳолати иқтисодиёти «тасфони сиклӣ» баланд намудани меъёри фоиз имконпазир мебошад. Оқибати афзоиши меъёри фоиз пастшавии фаъолияти корӣ мебошад. Дар ҳолати пастравии сиклӣ бошад, бояд ба пастшавии меъёри фоиз кӯшиш намуд, то ки фаъолияти корӣ баланд шуда, дар натиҷа афзоиши талаботи инвеститсионӣ ба миён ояд. Ба таври графикӣ пешниҳоди пулӣ бо хатти амудӣ (вертикалӣ) ифода карда мешавад.

2. Тағйирёбии суръати гардиши пул ба меъёри фоиз ва ҳам ба ҳаҷми истеҳсолот ва нархҳо таъсир мерасонад (баробарии мубодилавии И. Фишерро). Агар Бонки марказӣ бартараф намудани таъсири тағйирёбии суръати муомилоти пулро ба иқтисодиёти миллӣ масъалагузорӣ намояд, он гоҳ Бонки марказӣ сиёсати пулию қарзии тағйирёбандаро истифода мебарад: ҳаҷми пулҳои дар гардишбуда зиёд мешавад (ва ё кам мешавад) ва ба ҳамин таносуб суръати гардиши пулҳо кам мешавад (ва ё зиёд мешавад) [4, с.241].

Объектҳои сиёсати зиддитаваррумии давлат талабот ва пешниҳод дар бозори пулӣ мебошад. Ба сифати субъектҳои сиёсати пулию қарзӣ, пеш аз ҳама, Бонки марказӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ баромад мекунанд.

Ҳаҷми пул ва унсурҳои (агрегатҳои) пулӣ. Яке аз нишондиҳандаҳои миқдории муомилоти пулӣ, ин ҳаҷми пул мебошад. Ҳаҷми пул ин ҷамъи пулҳои нақдию ғайринақдӣ ва ухдадориҳои молиявӣ (вомбаргҳои давлатӣ ва сертификатҳои пасандозии бонкҳо) мебошад, ки алоқаҳои иқтисодии гуногунро хизмат мерасонад ва ба шахсони вокеӣ, ҳуқуқӣ ва давлат тааллуқ дорад.

Дар ҳамаи давлатҳо, аз он ҷумла дар ҷумҳурии мо низ дар омори молиявӣ барои баҳодиҳӣ ва таҳлили тағйирёбии ҳаҷми пул дар сана ва давраи муайян агрегатҳои пулӣ истифода мешаванд. Агрегатҳои пулӣ аз рӯи камшавии сатҳи бозоргирии воситаҳои пулии гуногуни ба онҳо дохилшаванда ба тартиб дароварда шудаанд. Дараҷаи бозоргирӣ (ликвиднокӣ) аз рӯи чӣ қадар тез барои хариди молҳо ва пардохти хизматҳо истифодашавии воситаҳои пулӣ муайян карда мешавад. Ба воситаҳои пулии бозоргириашон баланд тадриҷан воситаҳои пулии бозоргириашон камтарро илова намуда, маҷмӯи агрегатҳои пулиро ҳосил менамоем: M_O, M_1, M_2, M_3 ва M_4.

M_0 - пулҳои нақди дар муомилот буда, яъне пулҳои берун аз бонкҳо (бонкнотаҳо, тангаҳои филизӣ, пулҳои қоғазӣ (хазинадорӣ));

M_1=M_0+пулҳои дар ҳисобҳои ҷории бонкӣ будаи корхонаву муассисаҳо ва аҳолӣ;

M_2 =M_1+ пасандозҳои мӯҳлатноки аҳолӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ;

M_3=M_2+ вомбаргҳои давлатӣ ва сертификатҳои пасандозии бонкҳои тиҷоратӣ;

M_4=M_3+ қоғазҳои қимматнок дар муассисаҳои молиявии ғайрибонкӣ.

Ба ғайр аз ин агрегатҳои пулӣ нишондиҳандаи пулҳои васеъ (M_{2X}) истифода мешаванд. M_{2X} = M_2 + пасандозҳои асъорӣ.

Дар шароити муосир дар баъзе давлатҳо барои таснифи ҳаҷми пул нишондиҳандаи базаи пулӣ истифода мешавад, ки он агрегати M_0 ҷамъи пулҳои нақди дар хазинаҳои бонкҳои тиҷоратӣ буда, ҷамъи захираҳои ҳатмии бонкҳои тиҷоратӣ дар бонки марказӣ ва ҷамъи маблағҳои дар ҳисобҳои муросилотӣ будаи бонкҳои тиҷоратӣ дар бонки марказиро дар бар мегирад [1, с.132].

Барои муайян намудани ҳаҷми пул давлатҳои алоҳида миқдори гуногуни агрегатҳои пулиро истифода мебаранд. Масалан, дар Руссия - панҷ, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико - чор, дар Шветсарияву Олмон - се, дар Франсия - ду агрегати пулиро истифода мебаранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чор агрегати пулӣ - M_0, M_1, M_2 ва M_{2X} истифода мешавад.

Устувории пулҳо ва муомилоти пулӣ бо ду нишондиҳандаи бо ҳам алоқаманд асоснок карда мешавад:

- бо миқдори воситаҳои пулии дар муомилот мавҷуд буда, яъне бо пешниҳоди пулӣ;

- зарурият ба воситаҳои пулӣ, яъне талабот ба пулҳо аз тарафи агентҳои гуногуни муносибатҳои пулӣ [5, с.210].

Пешниҳоди пулҳо (money suppiy - MS) дар мамлакат аз сиёсати пулии давлат ва Бонки марказӣ (миллӣ) вобаста аст. Давлат дар сиёсати пулию қарзии худ бо эҳтиёҷоти мавҷудбудаи объективии иқтисодиёт, соҳаи муомилот, савдо ва пулҳо, инчунин бо кӯшишҳои муқаррарии бозории ҳаҷми пулҳо дар ҳудудҳои муайян, барои роҳ надодан ба таваррум ва бекурбшавии пулҳо истифода мебарад.

Талабот ба пул. Омилҳои асосии муайянкунандаи талабот ба пул, сатҳи нархҳо барои мол ва хизматҳои харидоришаванда, меъёрҳои фоиз, даромадҳои аслии аҳолӣ мебошад. Ҳаҷми даромадҳои аслӣ ба хароҷот таъсир мерасонад, ки ба афзоиши талабот сабаб мешавад. Лекин ҳамзамон омили якум дар намуди нархҳо амал мекунад, ки бо он хароҷот алоқаманд мебошад. Аз ин ҷо бармеояд, ки талаботи умумӣ ба пулҳо аз меъёри фоизи номиналӣ ва ҳаҷми номиналии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ вобаста аст.

Адабиёт

1. Банки и банковские операции: Учебник. Под ред. Е.Ф. Жукова. - М.: ЮНИТИ. - 2022. - 278 с.
2. Банковское дело. Учебник. Под ред. О.М. Лаврушина. - М.: Финансы и статистика. - 2021. - 344 с.
3. Макеев С.Р. Денежно-кредитная политики: теория и практика. М.: Экономистъ. - 2017. - 157 с.
4. Макконнел К.Р., Брю С.Л. Экономикс. Учебник. - М.:ИНФРА-М, 14-е изд. перераб. - 2013. - 972 с.
5. Ҷӯраев Б.М. Фаъолияти бонкӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «Ирфон»- 2014. - 428 с.
6. Раҳимов Р.К. Назарияи иқтисодӣ. - Душанбе, Ирфон». - 2014. - 412 с.

ХУСУСИЯТҲОИ ТАҚСИМОТИ ДАРОМАДҲОИ АҲОЛӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ БОЗОРӢ

Гадоева Ш.Ҷ. - магистри курси 2-юми ихтисоси идораи давлатӣ ва иқтисодиёти шуъбаи магистратураи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе.

Дар мақолаи мазкур намудҳои функсионалӣ ва шахсии тақсимоти даромадҳо муайян ва моҳияти онҳо кушода шудааст. Қайд шудааст, ки адолатнокии иҷтимоӣ мушкилотест, ки бо мушкилоти нобаробарӣ дар тақсимоти даромадҳо монанд мебошад. Назарияҳои хело машҳури адолатнокӣ ва ё тақсимоти боадолатонаи даромадҳо ба монанди эгалитаристӣ, утилитаристӣ, роулсианӣ ва бозорӣ муайян ва моҳияти онҳо шарҳ дода шудааст. Таъкид гардидааст, ки некӯаҳволии ҷамъиятӣ дар ҳамон ҳолат беҳтар мешавад, агар сатҳи зиндагии фарди хело камбизоат баланд гардад. Сатҳи боигарии аҳолӣ аз рӯи ду омил муайян карда мешавад: ҳаҷми ҳамаи намудҳои амволи шаҳрвандони алоҳида; ҳаҷми даромадҳои ҷории шаҳрвандон.

Калидвожаҳо: даромадҳои аҳолӣ, адолатнокӣ, некӯаҳволии ҷамъиятӣ, канҷхата, назарияи роулсианӣ, тақсимоти даромадҳои аҳолӣ, сатҳи зиндагӣ.

ОСОБЕННОСТИ РАСПРЕДЕЛЕНИЯ ДОХОДОВ НАСЕЛЕНИЯ В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ

Гадоева Ш.Дж. - магистр 2 курса специальности государственное управление и экономика отдела магистратуры Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Республика Таджикистан, Душанбе.

В данной статье определены функциональный и личностный типы распределения доходов и раскрыта их сущность. Отмечается, что социальная справедливость представляет собой проблему, аналогичную проблеме неравенства в распределении доходов. Даются определения и объясняются очень известные теории справедливости или справедливого распределения доходов, такие как эгалитарная, утилитарная, теория роулсианская и рыночная теория. Подчеркивалось, что общественное благосостояние улучшится в той же ситуации, если повысится уровень жизни очень бедного человека. Уровень благосостояния населения определяется двумя факторами: объемом всех видов собственности отдельных граждан; размер текущих доходов граждан.

Ключевые слова: доходы населения, справедливость, общественное благосостояние, кривая, теория роулза, распределение доходов населения, уровень жизни.

FEATURES OF POPULATION INCOME DISTRIBUTION IN A MARKET ECONOMY

Gadoeva Sh.J. - 2nd year master of the specialty public administration and economics of the master's department of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Republic of Tajikistan, Dushanbe.

This article defines the functional and personal types of income distribution and reveals their essence. It is noted that social justice is a problem similar to the problem of inequality in income distribution. Very famous theories of justice or fair distribution of income such as egalitarian, utilitarian, Rawlsian and market theory are defined and explained. It was emphasized that social welfare would improve in the same situation if the standard of living of a very poor person increased. The level of well-being of the population is determined by two factors: the volume of all types of property of individual citizens; the amount of current income of citizens.

Keywords: income of the population, justice, social welfare, curve, Rawls's theory, distribution of income of the population, standard of living.


Тақсимоти бозории даромадҳо дар асоси механизми талабот ва таклифот ба омилҳои истеҳсолот ба он меорад, ки мукофотонидани ҳар як омил мувофиқи маҳсулоти ҳосил намудаи он сурат мегирад. Табиист, ки механизми мазкур баробариро дар тақсимкунии даромадҳо кафолат намедиҳад ва дар воқеъ дар мамлакатҳое, ки иқтисоди бозорӣ рушд кардааст нобаробарии амиқ дар тақсимоти даромадҳо дида мешавад. Дар доираи назарияи иқтисодии позитивӣ ба саволи маҳз кадом тақсимкунии даромадҳо боадолатона аст, умуман ҷавоб вуҷуд надорад.

Яке аз зуҳуроти нобаробарии бозор имконнопазирии боадолатонаи тақсими даромадҳо ба шумор меравад, зеро бозор механизми иҷтимоии бетараф аст. Аз нигоҳи математикӣ самарнокиро мувофиқи Парето муайян намудан мумкин аст, вале мафҳуми адолатнокӣ ин ақидаи меъёрӣ мебошад, зеро таҳти мафҳуми «тақсимот» на танҳо тақсимоти даромадҳо, балки тақсимоти захираҳо низ дар назар дошта мешавад. Бинобар ин, масъалаи тақсимоти боадолатонаи даромадҳо на сиёсатмадорон, на шаҳрвандони оддиро бепарво намегузорад: ин ҷо мушкилоти ахлоқӣ вуҷуд дорад.

Ду намуди тақсимоти даромадҳоро фарқ мекунанд: функсионалӣ ва шахсӣ. Тақсимоти функсионалӣ маънои тақсимоти даромади миллиро байни соҳибони омилҳои гуногуни истеҳсолот (меҳнат, сармоя, замин, соҳибкорӣ) дорад. Дар чунин ҳолат моро он чиз аҷоиб аст, ки кадом ҳиссаи «пироги миллӣ» ба музди меҳнат, фоиз, даромадҳои рентавӣ, фоида мерасад [7, с.128].

Тақсимоти шахсӣ - ин тақсимоти даромади миллӣ байни шаҳрвандони мамлакат, новобаста аз он, ки онҳо соҳибони кадом омилҳои истеҳсолот ҳастанд. Дар чунин ҳолат таҳлил карда мешавад, ки кадом ҳиссаи даромади миллиро (бо ифодаи пулӣ), мисол, 10% хело камбизоатон ва 10% хело сарватмандон мегиранд.

Ҳамин тавр, аз сабаби он, ки самаранокӣ мувофиқи Парето ба мо ягон нишонаи ба қаторҳо тақсим намудани нуқтаҳои дар имкониятҳои истеъмолӣ бударо (каҷхатаи фоидаи дастрас) намедиҳад, мо гуфта наметавонем, ки тақсимот дар нуқтаи *А* боадолатонатар аст назар ба нуқтаи *В* (расми 1.).



Расми 1. Каҷхатаи дастрасии фоида ва самаранокӣ мувофиқи Парето
Манбаъ: Зенькова Л.П. Макроэкономика: Учебное пособие // Л.П. Зенькова. - Минск: ООО «Новое знание». - 2019. - 289 с.

Дар расми 1.1.1 каҷхатаи дастрасии фоида дар ҷомеа инъикос гардидааст. Мо метавонем исбот намоем, ки агар ҷойивазкунӣ аз нуқтаи *К* ба нуқтаи *М* сурат гирад, он гоҳ беҳтаршавӣ мувофиқи Парето мушоҳида мешавад. Афзоиши фоиданокӣ ҳам дар *у* ва ҳам дар *х* ба вуҷуд меояд. Аммо ҷойивазкунӣ аз нуқтаи *А* ба нуқтаи *Б* ва ё баръакс ба мо ягон чизеро дар бораи ҳолати беҳтари ҳар яке аз ин нуқтаҳо (аз нигоҳи адолатнокӣ) гуфта наметавонад.

Мафҳуми «адолатнокӣ» чиро мефаҳмонад? Адолатнокӣ, мувофиқи нишондоди луғати машҳури назарияи иқтисоди муосир Макмиллиан - ин бовиҷдонӣ, беғаразӣ. Агар

адолатнокиро аз мавқеи назарияи иқтисоди некўаҳволӣ муҳокима намоем, он гоҳ адолатнокиро ҳамчун тақсимкунии ба ду шарт мувофиқ номидан мумкин аст. Аввалан, адолатнокӣ бояд баробарҳуқуқӣ бошад, яъне ягон субъекти ҷомеа номгўи молҳои дигар субъектро беҳтар аз номгўи молҳои худ наҳисобад. Дуюм, адолатнокӣ бояд самарнок бошад, мувофиқи Парето.

Баробарҳуқуқӣ ва самарнокиро мувофиқи Парето ҳамчун адолатнокӣ номидан мумикн аст. Умуман адолатнокии иҷтимоӣ дар назарияи иқтисодӣ ин мушкилотест, ки бо мушкилоти нобаробарӣ дар тақсимоти даромадҳо монанд мебошад. Ҷавоби ягона ба ин савол дар байни иқтисодчиёни назарияшинос мавҷуд нест. Назарияҳои хело машҳури адолатнокӣ ва ё тақсимоти боадолатонаи даромадҳо вуҷуд дорад: эгалитаристӣ, утилитаристӣ, роулсианӣ ва бозорӣ.

Назарияи эгалитаристӣ (франсузӣ egalitaire - баробарӣ) қайд менамояд, ки тақсимоти баробари даромадҳо адолатнок аст. Мантиқи муҳокимаи масъала дар ин ҷо чуни наст: агар талаб карда шавад, ки миқдори муайяни неъматҳо байни одамони баробар меҳнат карда тақсим карда шавад, он гоҳ адолатнок аст, агар ин неъматҳо баробар тақсим карда шавад. Моҳияти асосии ин назария дар он аст, ки даромадҳо бояд байни шахсони баробар меҳнат карда баробар тақсим карда шавад. Касе чӣ қадаре меҳнат кард, бояд ҳамон қадар даромад гирад [1, с.41].

Мувофиқи назарияи утилитаристӣ (лотинӣ utilitas - манфиат, фоида) чунин тақсимот боадолатона аст, агар дар он некўаҳволии ҷамъиятӣ дар асоси ҷамъи фоидаи фардии ҳар як узви ҷомеа ба ҳадди ниҳоӣ расонида шавад. Ин назарияро ба таври математикӣ бо формула, ки вазифаи утилитаристии некўаҳволии ҷомеаро инъикос менамояд, ифода намудан мумкин аст:


$$W(u_1, u_2, \ldots u_n) = \sum_{i=1}^{n} u_n \qquad (1)$$

дар ин ҷо: W – вазифаи некўаҳволии ҷомеа, u - вазифаи фоиданокии фардӣ.

Дар мисоли шартии мо формула чунин шакл мегирад:

$$W(u_A, u_B) = u_A + u_B \qquad (2)$$

Формулаи мазкур талаб менамояд баъзе паҳлўҳои масъала фаҳмонда шавад. Аввалан, фаҳмиши утилитаристӣ имкон медиҳад муқоисаи байнишахсии вазифаҳои фардии фоиданокии аъзои гуногуни ҷомеа гузаронида шавад. Дуюм, мувофиқи назарияи утилитаристӣ вазифаи фардии фоиданокӣ метавонад чунин бошад: а) якхела дар ҳамаи одамон; б) ҳархела дар байни аъзои гуногуни ҷомеа. Моҳияти гуногунии вазифаи фардии фоиданокӣ дар байни аъзои гуногуни ҷомеа дар он аст, ки одамон қобилияти гуногуни аз даромади худ (пулӣ ё натуралӣ) гирифтани фоидаро доранд. Яъне ҳар як узви ҷомеа қобилияти ба худ хоси фоидагирӣ дорад. Барои ба таври графикӣ фаҳмонидани моҳияти назарияи утилитаристӣ каҷхатаи бефарқиро истифода мебарем (расми 2).



Расми 2. Каҷхатаи бефарқии ҷамъиятӣ, фаҳмиши утилитаристӣ
Манбаъ: Игонина Л.Л. Новые тенденции в финансировании инвестиционной деятельности // Финансы. - 2019. - №9. - С. 64-69.

Дар расми 2 каҷҳатаи бефарқии ҷамъиятӣ пайвасташваии бисёр фоидаҳоро нишон медиҳад, ки субъектҳои нишондодашуда метавонанд аз даромади худ дар шакли пулӣ ё натуралӣ гиранд. Талаботи мувофиқи ҳамаи субъектҳои дар каҷхата ҷойдошта дар ҷомеа якхела қонеъ гардонида мешавад. Ҳамин тариқ, мувофиқи фаҳмиши утилитаристӣ ҷомеа метавонад ҳам тақсимоти баробар ва ҳам нобаробари даромадҳоро адолатнок шуморад, вобаста аз маълумот дар бораи хосияти вазифаҳои фардии фоиданокии аъзои гуногуни ҷомеа.

Бояд қайд намуд, ки назарияи утилитаристӣ бо назарияи эгалитаристӣ мувофиқ меояд: аз сабаби он, ки одамон қобилияти якхелаи аз даромади худ фоидаи ниҳоӣ гирифтан доранд, пас, боадолатона аст, агар он даромадҳо баробар тақсим карда шавад.

Назарияи роулсиантӣ исбот менамояд, ки чунин тақсимотеро метавон боадолатона номид, ки ба манфиати некӯаҳволии аъзои на онқадар таъмини ҷомеа равона гардидааст. Барои исботи ин фикри худ Ҷон Роулс асбоби махсуси фикриеро истифода мебарад, ки дар назарияи иқтисод бо номи «ниқоби ғафлат» маълум аст.

«Ниқоби ғафлат» маънои онро дорад, ки ҳангоми ташкили принсипҳои адолатнокии тақсими даромадҳо бояд аз натиҷаҳои имконпазир барои некӯаҳволии шахсии худ сарфи назар кард [2, с.96]. Мисол, оиди қоидаҳои тақсими боадолатонаи даромадҳо қарор қабул намуда, шумо шахсан бояд ба худ «ниқоби ғафлат» гиред ва ба ҳисоб нагиред, ки дар натиҷаи қабули чунин қоидаҳо шумо кӣ мешавед: сарватманд, ситораи кино, муаллим, шахси бе манзили зист ва ғайра.

Ҷон Роулс исбот менамояд, ки дар шароити «ниқоби ғафлат» ҳар як шахс кӯшиш менамояд худро аз хавфи ба камбизоатӣ расидан эҳтиёт намояд. Ҳамин чизро ба назар гирфита, Ҷон Роулс чунин принсипи тақсимоти даромадҳоро қабул намуд, ки мувофиқи он ҷомеа бояд оиди то ҳадди ниҳоӣ зиёд кардани даромади аъзои хело камбизоати ҷомеа кӯшиш намояд.

Вазифаи некӯаҳволии ҷамъиятӣ мувофиқи назарияи Роулс чунин шакл мегирад:

$$W(u_1, u_2, \ldots u_n) = \min\{u_1, u_2, \ldots u_n\} \quad (3)$$

ин ҷо, *W* - вазифаи некӯаҳволии ҷамъиятӣ, *u* - вазифаи фардии фоиданокӣ.

Сухан дар бораи ҳалли вазифаи то ҳадди ниҳоӣ расонидани даромади шахсони даромадашон аз ҳама паст меравад. Бо ибораи дигар, назарияи Ҷон Роулс маънои онро

дорад, ки адолатнокии тақсимоти даромадҳо танҳо аз некўаҳволии фарди аз ҳама камбизоати ҷомеа вобаста аст.

Каҷхатаи бефарқии ҷамъиятӣ мувофиқи назарияи Ҷон Роулс дар расми 3. инъикос гардидааст.



Расми 3. Каҷхатаи бефарқии ҷамъиятӣ: назарияи Ҷон Роулс
Манбаъ: Кадыров Д.Б. Доходы населения как фактор роста благосостояния. - Воронеж: Изд-во ВГУ. - 2018. - 231 с.


Бояд қайд намуд, ки ҷойивазкунии некўаҳволии як фард ҳеҷ гоҳ ба некўаҳволии дигар фард таъсир намерасонад. Мувофиқи назарияи Роулс, некўаҳволии ҷамъиятӣ дар ҳамон ҳолат беҳтар мешавад, агар сатҳи зиндагии фарди хело камбизоат баланд гардад. Ҳаминт тариқ, назарияи Ҷон Роулсро оиди тақисмоти даромадҳои аҳолиро муҳокима намуда, ба хулосае омадан мумикн аст, ки оё давлатро зарур аст ба ҷараёни азнавтақсимкунии даромадҳо дахолат намояд, агар неъматҳо дар хоҷагии бозории озод танҳо ба онҳое расад, ки пул дошта бошанд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки мавҷудияти минтақаҳои васеи камбизоатон боиси сар задани ҳодисаҳое мешавад, ки рушди мўътадилу устувори иқтисодиёт, тартибот, саломатии одамон ва ғайраро халалдор месозад.

Аз ин рў, танзими давлатии даромадҳои аҳолӣ дар шароити имрўза вазифаи муҳими ҳар як давлат ба шумор меравад. Инчунин ин вазифаро давлатҳои мутараққӣ бояд дар сатҳи байналхалқӣ ҳал намоянд.

Умуман нобаробариро дар тақсими даромадҳо чен намудан мумикн аст? Яке аз усулҳои хело маълуми ченкунии чунин нобаробарӣ каҷхатаи Лоренс ба шумор меравад. Муаллифи ин каҷхата иқтисодчии америкоӣ Макс Лоренс аст.

Дар каҷхатаи Лоренс сухан дар бораи тақсимоти шахсии даромадҳо меравад, на дар бораи тақсимоти функсионалӣ. Агар мо аҳолии мамлакатро ба 5 қисм тақсим намоем, яъне 20% -ӣ ва даромади умумии ҷомеаро низ 20% - ӣ таксим кунем, он гоҳ мебинем, ки даромадҳо баробар тақсим карда мешавад (расми 4).



Расми 4. Тақсимоти даромадҳо. Каҷхатаи Лоренс
Манбаъ: Деньги. Кредит. Банки: Учебник для вузов / Е.Ф. Жуков, Л.И. Максимова и др. - М.: Банки и биржи, ЮНИТИ. - 2021. - 622 с.

Каҷхатаи Лоренс аз ҳисоби ҳиссаҳои ҷамъшуда ташкил ёфта, мувофиқи каҷхатаи кумулятивӣ сохта шудааст. Мо ба хати рост 20% аҳолиро ҷойгир намуда, сипас, гурӯҳи дуюмро ҳамроҳ менамоем, ки 40%, баъдан 60% аҳолиро ташкил менамояд ва ғайра. Дар хати рости ординат ҳаҷми даромадҳоро ҷойгир менамоем: авал 20%, сипас, 40%, баъдан 60% ва ғайра. Дар натиҷа хати баробарии мутлақ ба вуҷуд меояд.

Чӣ тавре дар расми 1.1.4 дида мешавад, дар ҳолати баробар будани даромади аҳолӣ, бояд 20% аҳолӣ 20% даромад, 40% аҳолӣ 40% даромад, 100% аҳолӣ 100% даромадро гирад.

Вале дар ҳаёти воқеӣ чунин шуданаш аз имкон тамоман берун аст, яъне тақсимоти даромадҳо байни аҳолӣ хеҷ гоҳ мутлақо баробар намешавад. Мисол, 20% - и аввали аҳолӣ 5% - и даромадҳо, 40% - и аҳолӣ - 15% и даромадҳо, 60% - и аҳолӣ 35% и даромадҳо, 80% - и аҳолӣ – 60% - и даромадҳо ва ниҳоят 100% - и аҳолӣ - 100% - и ҳамаи даромадҳои ҷомеаро мегирад. Мувофиқи чунин натиҷаҳо мо каҷхатаи Лоренсро месозем, ки он аз хати баробарии мутлақ мекалавад.

Нобаробарии даромадҳои аҳолиро инчунин мувофиқи коэффитсенти нобаробарии даромад ё худ коэффитсиенти Ҷини (Корредо Ҷинӣ - иқтисодчӣ ва оморшиноси Италия) чунин муайян намудан мумикн аст:

$$C = g = T/OFE, \qquad (1.4)$$

дар ин ҷо, g - нишондиҳандаи нобаробарии даромад; T - ҳаҷми пастгардидаи даромад (доираи хаткашида); OFE - ҳаҷми секунҷа.

Ба ҷараёни ташаккули нобаробарии даромадҳои аҳолӣ омилҳои гуногун таъсир мерасонанд: меросхӯрӣ, ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликият, даромади ғайриқонунӣ ба даст овардашуда, аз нав тақсимкунии даромадҳо ба манфиати сарватмандон ва ғайра. Дар натиҷаи таъсири ин омилҳо раванди тафриқашавии аҳолӣ аз рӯи даромадҳо боз ҳам амиқтар мешавад. Одатан сабабҳои зерини нобаробари даромадҳои аҳолиро фарқ мекунанд: фарқият дар қобилияти одамон; маълумонокии одамон; истеъдоди касбӣ ва хавфҳо; соҳиби моликият будан; ҳукмронӣ дар бозор; муваффақият, робитаҳо, нокомиҳо ва поймолкунии ҳуқуқҳо. Яке аз сарчашмаҳои шиддатёбии иҷтимоӣ дар ҳар як мамлакат фарқият дар сатҳи некӯаҳволии шаҳрвандон, сатҳи боигарии онҳо мебошад.

Сатҳи боигарии аҳолӣ аз рӯи ду омил муайян карда мешавад:

1) ҳаҷми ҳамаи намудҳои амволи шаҳрвандони алоҳида;

2) ҳаҷми даромадҳои ҷории шаҳрвандон.

Одамон даромадҳои худро дар натиҷаи ташкили соҳибкорӣ, ба шахсон ё субъектҳои хоҷагидории дагар додани омилҳои худии истеҳсолот (меҳнати кирояи худ, сармоя, замин) пайдо менамоянд.

Дар чунин механизми ташкили даромадҳо аз ибтидо имконияти нобаробарии онҳо вуҷуд дорад. Сабабҳои нобаробарии даромадҳо инҳоанд:

- арзиши гуногуни омилҳои мухталифи истеҳсолот, ки дар моликияти одамон аст;
- муваффақиятҳои гуногуни истифодаи омилҳои истеҳсолот (мисол, коргари ширкате, ки моли камчин истеҳсол мекунад, метавонад музди меҳнати бештар гирад, нисбати ба коргаре, ки чунин тахассус дорад ва дар ширкате кор мекунад, ки молҳои худро бо душвории зиёд мефурӯшад);
- гуногун будани ҳаҷми омилҳои истеҳсолот, ки дар моликияти аҳолӣ қарор дорад, яъне ҳар як шахс шумораи гуногуни омилҳои истеҳсолот дорад (шахсе, ки бештар омилҳои мухталифи истеҳсолот дорад бисёртар даромад мегирад).

АДАБИЁТ

1. Бернштам М.С., Гуриев С.М. Механизм стимулирования экономического роста посредством восстановления сбережений населения // Экономика. - 2019. - Т. 32. - С. 31-53.
2. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Васоити таълимӣ. - Душанбе: «Ирфон». - 2021. - 556 с.
3. Деньги. Кредит. Банки: Учебник для вузов / Е.Ф. Жуков, Л.И. Максимова, и др. - М.: Банки и биржи, ЮНИТИ. - 2021. - 622 с.
4. Зенькова Л.П. Макроэкономика: Учебное пособие // Л.П. Зенькова. - Минск: ООО «Новое знание». - 2019. - 289 с.
5. Игонина Л.Л. Новые тенденции в финансировании инвестиционной деятельности // Финансы. - 2019. - №9. - С. 64-69.
6. Кадыров Д.Б. Доходы населения как фактор роста благосостояния. - Воронеж: Изд-во ВГУ. - 2018. - 231 с.
7. Кейнс Д.М. Общая теория занятости, процента и денег / Д.М. Кейнс, под. ред. Л.П. Куракова. - М.: Гелиос АРВ. - 2019. - 325 с.

БАҲОДИҲИИ ИҚТИДОРИ БУҶЕТӢ-АНДОЗИИ МАМАЛАКАТ

Давлатова М.С. - магистри бахши 2-юми ихтисоси идоракунии давлатӣ ва иқтисодиёти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе.

Дар мақола моҳияти иқтисодии иқтидори буҷетӣ-андозии мамлакат кушода шуда, нақш ва аҳамияти он нишон дода шудааст. Муаллиф модели ҳисобкунии иқтидори буҷетӣ-андозии мамлакатро бо пайдарҳамӣ пешниҳод кардааст. Усулҳои зерини баҳодиҳии иқтидори буҷетӣ-андозии амлакат таҳлил шудааст: бо истифодаи нишондиҳандаи арзиши иловашуда; соддакардашуда, аддитивӣ. Қайд шудааст, ки усули аддитивии баҳодиҳии иқтидори буҷетӣ-андозии мамлакат имкон медиҳад имкониятҳои мамлакат оиди ҷамъоварии даромадҳои андозӣ бо назардошти се омил баҳогузорӣ карда шавад: ҳаҷми манбаҳои андозӣ, дараҷаи меъёрҳои андозбандӣ, ҳаҷми имтиёзҳои андозӣ.

Вожаҳои калидӣ: андоз, иқтидори буҷетӣ-андозӣ, андозбандӣ, омил, баҳодиҳӣ, усулҳо, буҷети маҳаллӣ.

ОЦЕНКА БЮДЖЕТНО - НАЛОГОВОГО ПОТЕНЦИАЛА СТРАНЫ

Давлатова М.С. - магистр 2 курса специальности государственное управление и экономика отдела магистратуры Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Республика Таджикистан, Душанбе.

В статье раскрывается экономическая сущность фискального потенциала страны, показывается его роль и значение. Автор представляет модель последовательного расчета фискального потенциала страны. Анализируются следующие методы оценки фискального потенциала имущества: с использованием показателя добавленной стоимости; упрощенный, аддитивный. Отмечается, что аддитивный метод оценки фискального потенциала страны позволяет оценить возможности страны по сбору налоговых поступлений с учетом трех факторов: объема налоговых источников, уровня налоговых ставок, объема налоговых льгот.

Ключевые слова: налог, фискальный потенциал, налогообложение, фактор, оценка, методы, местный бюджет.

ESTIMATION OF THE TAX CAPACITY OF THE REGION

Davlatova M.S. - 2nd year master of the specialty public administration and economics of the master's department of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Republic of Tajikistan, Dushanbe.

This article explores the economic essence of a country's fiscal potential, demonstrating its role and significance. The author presents a model for consistently calculating a country's fiscal potential. The following methods for assessing the fiscal potential of property are analyzed: using the value-added indicator, a simplified method, and an additive method. It is noted that the additive method for assessing a country's fiscal potential allows one to evaluate a country's ability to collect tax revenues taking into account three factors: the volume of tax sources, the level of tax rates, and the scope of tax incentives.

Keywords: tax, fiscal potential, taxation, factor, assessment, methods, local budget.

Солҳои охир дар сатҳи мамлакатҳо оиди баҳодиҳӣ ва таҳияи имкониятҳои афзоиши иқтидори андозӣ, ки воридоти андозҳоро дар ҳар як мамлакат инъикос менамояд, диққати махсус зоҳир карда мешавад.

Барои ташкили низоми рушди иқтидори андозии мамлакат, баланд бардоштани самаранокии истифодаи он баҳодиҳии ҳамаи селаҳои молиявии мамлакат ва таъмини идоракунии бонизоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ зарур мебошад. Бояд қайд

кард, ки шароити муосир аҳамияти ҷўстуҷўи роҳҳои сифатан нав ва инноватсионии ба рушди иқтидори андозии мамлакат таъсиррасонанда меафзояд [8, с.150].

Новобаста аз аҳамияти муҳим ва ҳалкунанда доштани иқтидори андозӣ дар ҳалли мушкилоти мамлакат, то ҳанӯз манбаи назариявӣ ва амалии усулҳои баҳодиҳии иқтидори андозии мамлакат таҳия нашудааст. Сабаби он номукаммал будани таҳлили мушкилот, мавҷуд набудани маҷмӯи тавсияҳои илмӣ мебошад.

Дар шароити муосир бо мақсади идоракунии самараноки захираҳои андозии мамлакатҳо масъалаи баҳодиҳии миқдории имкониятҳо ва иқтидорҳои воқеии мамлакатҳо хело муҳим гардидааст. Низоми хориҷии таҳлилҳо, чун қоида, ба баҳодиҳии нишондиҳандаҳои буҷетӣ асос ёфтааст [1, с.129].

Бояд зикр намуд, ки дар низоми иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон модели баҳодиҳии иқтидори андозии мамлакат таҳия нагардидааст.

Иқтидори буҷетӣ-андозии мамлакат (Иб-а) бо ифодаи мутлақ маблағи воситаҳои пулиест, ки буҷети мамлакат ва фондҳои ғайрибуҷетии он ҷалб намудаанд:

$$Иб\text{-}а=СА+СҒА+ТБ, \quad (1)$$

дар ин ҷо: СА - сарчашмаҳои андозӣ;

СҒА - сарчашмаҳои ғайриандозӣ, ки ба мамлакат ҷалб карда шудааст;

ТБ - трансфертҳои байнибуҷетӣ.

Ғайр аз ифодаи мутлақ сатҳи иқтидори буҷетӣ-андозии мамлакатро дар асоси нишондиҳандаҳои маҷмӯӣ низ баҳогузорӣ намудан мумкин аст (ҷадвали 1)

Ҷадвали 1. - Коэффитсентҳои иқтидори буҷетӣ-андозии мамлакат

Нишондиҳандаҳо	Дараҷаи иқтидор				
	баланд	аз миёна баланд	миёна	аз миёна паст	паст
Коэффитсиенти пӯшонидани хароҷот ҳамчун таносуби даромаҳои буҷетии худӣ ба хароҷоти умумии он (К1)	>1,0	0,75-1,0	0,5-0,75	0,25-0,5	<0,25
Коэффитсиенти ҷамъ намудани даромадҳои худӣ ҳамчун таносуби даромадҳои буҷетии худӣ ба даромади умумии мамлакат (К2)	>0,8	0,6-0,8	0,4-0,6	0,2-0,4	<0,2
Коэффитсиенти таъминнокии аҳолӣ бо даромадҳои худӣ ҳамчун таносуби ҳаҷми даромадҳои худии мамлакат бо ҳисобкунӣ ба ҳар сари аҳолӣ ба даромадҳои худии мамлакат бо ҳисобкунӣ ба ҳар сари аҳолӣ (К3)	>2	1,5-2,0	1,0-1,5	0,5-1,0	<0,5
Таносуби даромадҳои худи мамлакат ба ҳаҷми трансфертҳои байнибуҷетӣ (К4)	>4,0	3,0-4,0	2,0-3,0	2,0-1,0	<1,0

Манбаъ: Коломиец А.Л. Анализ концептуальных подходов и методов оценки бюджетно-налогового потенциала региона // Налоговый вестник. - 2020. №2. - С. 3-8.

Модели ҳисобкунии иқтидори буҷетӣ-андозии мамлакатро бо пайдарҳамии зерин ташкил намудан мумкин аст [6, с.5]:

1. Муайян намудани иқтидори буҷетӣ-андозӣ: сарчашмаҳои андозӣ ва ғайриандозӣ; ҳаҷми андозҳои ва пардохтҳои ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷети маҳаллӣ ҳисобкардашуда.

2. Муайян кардани ҳаҷми маблағҳое, ки дар шакли трансфертҳои байнибуҷетӣ ворид шудаанд.

3. Ҳисобкунии ҳаҷми хароҷоти умумии мамлакат мувофиқи ваколатҳои ба он додашуда.

4. Ҳисобкунии афзоиши иқтидори буҷетӣ-андозӣ.

Дар шароити муосир усулҳои сершумори баҳодиҳии иқтидори буҷетӣ-андозии ин ё он мамлакат вуҷуд дорад. Мисол, усули баҳодиҳӣ бо истифодаи нишондиҳандаи арзиши иловашуда; усули соддакардашудаи баҳодиҳии иқтидори андозӣ ва ғайра [3, с.125].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки нишондиҳандаи иқтидори буҷетӣ-андозӣ метавонад на танҳо чун қисми ҷудонашавандаи иқтидори молиявии мамлакат, балки чун нишондиҳандаи мустақил низ муҳокима карда шавад.

Ҳамин тавр, усули баҳодиҳии иқтидори буҷетӣ-андозии мамлакат бояд ба таҳлили сохт ва ҳаҷми манбаҳои андоз такя намояд.

Яке аз усулҳои муҳиме, ки имкон медиҳад хусусиятҳои хоси ташкил ва ҷобаҷокунии манбаҳои андоз муайян карда шавад, усули аддитивии (лотинӣ additio илова намудан) баҳодиҳии иқтидори андозӣ ба шумор меравад [4, с.28].

Мувофиқи усули мазкур иқтидори андозии ин ё он мамлакат ба ҷамъи иқтидорҳои намудҳои алоҳидаи андозҳо баробар аст. Усули аддитивии баҳодиҳии иқтидори андозии мамлакат имкон медиҳад имкониятҳои мамлакат оиди ҷамъоварии даромадҳои андозӣ дар шароити қонунгузории амалкунанда бо назардошти се омил баҳогузорӣ карда шавад [5, с.218]:

- ҳаҷми манбаҳои андозӣ;
- дараҷаи меъёрҳои андозбандӣ;
- ҳаҷми имтиёзҳои андозӣ.

Ҳамчунин бояд он далел ба инобат гирифта шавад, ки на ҳамаи даромадҳои дар мамлакат ҷамъоваришаванда бо мақсади рушди ин мамлакат равона карда мешавад. Як қисми ин даромадҳо ба ихтиёри мақомоти давлатии болоӣ дода мешавад. Дар чунин ҳолат бояд на дар хусуси иқтидори андозии мамлакат, балки дар хусуси иқтидори андозии буҷетҳои маҳаллӣ сухан ронем [2, с.91].

Гузариш аз баҳодиҳии иқтидори андозии мамлакат ба баҳодиҳии нишондиҳандаи иқтидори андозии буҷетҳои маҳаллӣ бо истифодаи коэффитсиентҳои тақсимкунии манбаъҳои андозӣ байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ, ки дар тақсимкунии андозҳо байни зинаҳои низоми буҷети давлатӣ нишон дода мешавад, сурат мегирад. Формулаи ҳисобкунии иқтидори андозиро аз рӯи намуди алоҳидаи андоз чунин ифода намудан мумкин аст [7, с.28]:

$$ИА_i = МА_i \times N_i \times K_{ni} \qquad (2)$$

дар ин ҷо: $ИА_i$ - иқтидори андозии мамлакат аз рӯи андоз;

$МА_i$ - манбаи андоз аз рӯи андоз;

Ni - меъёри умумии андоз;

Kin - коэффитсиенти имтиёз ба андоз, ки ҳамчун таносуби ҳаҷми манбаи андозбандишаванда аз андоз і ба ҳаҷми умумии манбаи андоз аз андози мазкур ҳисоб карда мешавад.

Формулаи мазкурро барои ҳисобкунии ҳаҷми иқтидори андозӣ истифода намуда, бояд мафҳуми манбаи андозбандишавандаро аз мафҳуми манбаи андоз фарқ кард. Ҳаҷми манбаи андозбандишаванда оид ба андози мушаххас бо назардошти маблағи имтиёз аз ин андоз ҳисоб карда мешавад. Бо ибораи дигар, ҳаҷми манбаи андозбандишаванда ҳамчун фарқи байни ҳаҷми манбаи андоз ва маблағи имтиёз, ки мувофиқи санадҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи андоз ҳисоб карда шудааст, муайян карда мешавад.

Иқтидори буҷетӣ-андозӣ бошад асосан дар самти танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ мавриди истифода қарор дораду халос. Мувофиқи қонунгузории буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори буҷетӣ-андозӣ яке аз нишонаҳои пешниҳод намудани кӯмаки молиявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ буда, дар самти тадбиқи усулҳои баробаркунии буҷети ноҳияҳо ба сифати нуқтаи ҳалкунанда дониста мешавад. Нишондиҳандаи иқтидори буҷетӣ-андозӣ метавонад на танҳо чун қисми ҷудонашавандаи иқтидори молиявии мамлакат, балки чун нишондиҳандаи мустақил низ муҳокима карда шавад.

Адабиёт

1. Александров О.А. Сбалансированность бюджетов регионов: теория и методы. - М.: Экономист. - 2019. - 246 с.

2. Богачева О.В. Налоговый потенциал и региональные счета // Финансы. - №2. - 2019. - С. 89-94.

3. Гордеев А.В. Методика комплексной оценки деятельности региональных налоговых органов // Налоговая политика и практика. - 2020. - №10. - С. 121-128.

4. Горский И.В. Налоговый потенциал в механизме межбюджетных отношений // Финансы. - 2021. - №6. - С. 27-30.

5.. Истомина Н.А., Одинокова Т.Д. Оценка налогового потенциала по бюджетообразующим налогам // Налоговая политика и практика. - 2019. - №1. - С. 214-220.

6. Коломиец А.Л. Анализ концептуальных подходов и методов оценки бюджетно-налогового потенциала региона // Налоговый вестник. - 2020. - №2. - С. 3-8.

7. Кадочников П.Р., Луговой О.М. Моделирование динамики налоговых поступлений и оценка налогового потенциала территорий. - М.: ИППП. - 2019. - 423 с.

8. Мешков Р.А. Механизм регулирования налоговой задолженности: формы реализации и показатели эффективности // Налоговая политика и практика. - 2021. - №11. - С. 148-153.

ТАЪСИРИ ХАВФҲОИ ЭҲТИМОЛӢ БА ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ ИНВЕСТИТСИОНИИ БАРНОМАИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ ДАВЛАТӢ (БСД)

Буриева Мастура Чориевна – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 987 87 06 11. E-mail: burievam@list.ru

Қурбонзода Орзу Рачабалӣ – унвонҷӯи кафедраи «Муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқӣ»-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: (+992) 918-53-49-12. E-mail: orzu110@list.ru.

Сангинова Шоира Элбоевна – ассистент. Суроға: 734067 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Навбаҳор 2А/59. Телефон: 938 83 8880.

Дар ин мақола ҷанбаҳои назариявию амалии хавфҳои эҳтимолии лоиҳаҳои инвеститсионии Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ (БСД), аз ҷумла мафҳумҳои хавф ва БСД, мақсад ва вазифаҳои идоракунии хавф ва усулҳои арзёбии хавф мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор гирифтааст.

Муаллифон қайд менамоянд, ки ҳама гуна фаъолияти инвеститсионӣ бо хавф алоқамандии зич дошта, ба пуррагӣ пешгирии он ғайриимкон мебошад ва тавассути истифодаи усули дуруст ва механизми мувофиқи идоракунӣ коҳишдиҳии хавфҳои лоиҳаҳои инвеститсионии БСД имконпазир буда, хавҳо ба танзим дароварда мешаванд. Дар доираи БСД-и қаблӣ ва амалкунандаи кишвар вобаста ба идоракунии хавфи лоиҳаҳои инвеститсионӣ тадбирҳо андешида нашудааст. Аз ин лиҳоз, дар доираи тадқиқот таснифоти хавфҳои иҳтимолии лоиҳаҳои инвеститсионӣ таҳия гардидааст, ки ба БСД хос мебошад.

Инчунин ҷиҳати амалисозии лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2016-2020 (БСД 2016 2020) ва Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025 (БСД 2021-2025) истифодаи манбаҳои берунаи маблағгузорӣ, аз ҷумла ҷалби маблағҳои қарзӣ аз шарикони рушд пешбинӣ гардидааст, ки боиси афзоиши қарзи берунаи давлатӣ гардида, хавфи эҳтимолӣ ба иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб мераванд. Бинобар ин, ҷиҳати дар сатҳи устувор нигоҳ доштан ва коҳишдиҳии қарзи берунаи давлатӣ, як қатор тадбирҳои амалӣ пешниҳод шудааст, ки барои татбиқи самараноки лоиҳаҳои инвеститсионӣ мусоидат менамоянд.

Ҳамзамон омилҳои дар муҳлатҳои муқарраршуда татбиқ нашудани лоиҳаҳои инвеститсионии барномаҳои мазкур муайян гардида, ҷиҳати бартарафсозии онҳо пешниҳодҳои мушаххас манзур гардидааст.

Калидвожаҳо:, лоиҳаи инвеститсионӣ, БСД, хавфҳои эҳтимолии лоиҳаи инвеститсионӣ, идоракунии хавфи лоиҳаи инвеститсионӣ, мақсади хавф, вазифаҳои хавф, БСД 2016-2020, БСД 2021-2025, усулҳои арзёбии хавфҳои лоиҳаи сармоягузорӣ, қарзи беруна, СМР.

ВЛИЯНИЕ ПОТЕНЦИАЛЬНЫХ РИСКОВ НА РЕАЛИЗАЦИЮ ИНВЕСТИЦИОННЫХ ПРОЕКТОВ ПРОГРАММЫ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ (ПГИ)

Буриева Мастура Чориевна -кандидат экономических наук, доцент кафедры экономического анализа и статистики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес:734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 987 87 06 11. E-mail: burievam@list.ru

Курбонзода Орзу Раджабали - соискатель кафедры «Международные финансово-кредитные отношения» Таджикский государственный финансово-экономический университета,. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: (+992) 918-53-49-12. E-mail: orzu110@list.ru

Шомадова Нилуфар Сайдамировна – ассистент. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Навбахор 2А/59. Телефон: 938 83 8880.

В статье изложены теоретические и практические аспекты потенциальных рисков инвестиционных проектов в рамках Программа государственных инвестиций (ПГИ), в том числе понятия риска и ПГИ, цели и задачи управления рисками, методы оценки и исследования рисков.

Авторы отмечают, что любая инвестиционная деятельность тесно связана с риском, полностью предотвратить его невозможно, а за счет использования правильного подхода и соответствующих механизмов управления можно снизить риски инвестиционных проектов при реализации ПГИ и регулировать риски.

В рамках предыдущей и текущей ПГИ страны не принимались меры по управлению рисками инвестиционных проектов. В связи с этим в рамках исследования разработана классификация потенциальных рисков инвестиционных проектов, характерная именно для ПГИ.

Также Программа государственных инвестиций на 2016–2020 годы (ПГИ 2016–2020) и Программа государственных инвестиций на 2021–2025 годы (ПГИ 2021–2025) предусматривают использование внешних источников финансирования, в том числе привлечение кредитов партнеров по развитию, для реализации инвестиционных проектов, что приведет к увеличению внешнего государственного долга и создаст потенциальную угрозу экономике страны. Поэтому в целях поддержания и сокращения внешнего государственного долга на стабильном уровне предложены ряд практических мер, которые будут способствовать эффективной реализации инвестиционных проектов.

При этом были выявлены факторы, приведшие к невыполнению инвестиционных проектов указанных программ в установленные сроки, и даны конкретные предложения по их устранению.

Ключевые слова: инвестиционный проект, ПГИ, потенциальные риски инвестиционного проекта, управление рисками инвестиционного проекта, цели и задачи риска, ПГИ 2016-2020, ПГИ 2021-2025, методы оценки рисков инвестиционного проекта, внешний долг, НСР.

IMPACT OF POTENTIAL RISKS ON THE IMPLEMENTATION OF INVESTMENT PROJECTS OF THE STATE INVESTMENT PROGRAM (SIP)

BURIEVA M.CH., KURBONZODA O.R., SANGINOVA SH.

Burieva Mastura Chorievna - candidate of economic sciences, associate professor of the department of economic analysis and statistics of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: 987 87 06 11.E-mail: burievam@list.ru

Kurbonzoda Orzu Rajabali, - Applicant of the Department of «International Financial and credit Relations», Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov street 64/14 Phone: (+992) 918-53-49-12. E-mail: orzu110@list.ru.

Sanginova Shoira Elboevna – assistant. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Navbahor street 2A/59. Telephone: 938 83 8880.

The article presents theoretical and practical aspects of potential risks of investment projects within the framework of the Public Investment Program (PIP), including the concepts of risk and PIP, the goals and objectives of risk management, methods of risk assessment and research.

The authors note that any investment activity is closely associated with risk, it is impossible to completely prevent it, and by using the right approach and appropriate management mechanisms, it is possible to reduce the risks of investment projects during the implementation of the PGI and regulate risks.

No measures were taken to manage investment project risks within the framework of the previous and current PGI. In this regard, the study developed a classification of potential investment project risks that is specific to the PGI.

Also, the Public Investment Program for 2016-2020 (PIP 2016-2020) and the Public Investment Program for 2021-2025 (PIP 2021-2025) provide for the use of external sources of financing, including attracting loans from development partners, for the implementation of investment projects, which will lead to an increase in external public debt and create a potential threat to the country's economy. Therefore, in order to maintain and reduce the external public debt at a stable level, a number of practical measures have been proposed that will contribute to the effective implementation of investment projects.

At the same time, the factors that led to the failure of the investment projects of these programs to be completed on time were identified, and specific proposals were made to eliminate them.

Key words: investment project, PIG, potential risks of an investment project, risk management of an investment project, risk goals and objectives, PIG 2016-2020, PGI 2021-2025, methods for assessing investment project risks, external debt, NDS.

Сармоягузорӣ дар таъмини нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ҳар як кишвар нақши арзанда дошта, он ҳамчун нерӯи пешбаранда дар рушди иқтисодиёт эътироф шудааст.

Ҷалби сармояи хориҷӣ барои амилисозии лоиҳаҳои инвеститсионии Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ (БСД) дар шароити маҳдуд будани маблағгузориии дохилии кишвар, воситаи асосии рушди иқтисодиёти кишварамон ба ҳисоб меравад.

БСД- барномаи мақсадноки давлатие мебошад, ки ҷудо намудани маблағҳои инвеститсионии хориҷӣ ва саҳми буҷети давлатиро дар татбиқи лоиҳаҳои давлатии инвеститсионии рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт пешбинӣ намуда, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ (Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон) таҳия мегардад.

Ба маънои дигар БСД аз маҷмуи чорабиниҳое иборат мебошад, ки унсури асосии онро лоиҳаҳои инвеститсионии соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ ташкил намуда, ба ҷалби сармоягузориҳо ва татбиқи ҳадафҳои стратегӣ алоқаманд буда, дар доираи сиёсати инвеститсионии давлат амалӣ мегардад. Яъне таркиби БСД аз маҷмуи лоиҳаҳои инвеститсионии соҳавӣ ва минтақавӣ иборат буда, бо мақсади татбиқ ва идоракунии лоиҳаҳои афзалиятнок ташаккул меёбад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои афзалиятнокро дар БСД муайян намуда, фаъолияти инвеститсионии худро ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ ва комёб гардидан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор равона намуда истодааст.

Тавассути ворид намудани лоиҳаҳои сармоягузориҳои давлатие, ки ба манбаи маблағгузорӣ ниёз доранд, БСД ҷиҳати дарёфт намудани сарчашмаи маблағгузорӣ ба ин лоиҳаҳо мусоидат менамояд. Лоиҳаҳои ба БСД воридшуда лоиҳаҳои вазорату идораҳои соҳавӣ, муассисаҳои давлатӣ, идора ва сохторҳои корпоративиро дар бар мегирад.

БСД аз бахшҳои идоракунии иқтисодиёт, кишоварзӣ, ирригатсия, обтаъминкунӣ ва канализатсия, энергетика, нақлиёт, маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар соҳаҳои гуогуни иҷтимоӣ иборат мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки нишондиҳандаҳои асосии ҷолибияти иқтисоди миллӣ барои сармоягузорони хориҷӣ сатҳи хавфи фаъолияти инвеститсионӣ ва даромаднокии лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба шумор меравад.

Бинобар ин, сармоягузорони хориҷӣ ҳангоми фаъолияти инвеститсионӣ омилҳои зеринро ба назар мегиранд:

- суботи сиёсӣ;
- иқтидори бозори дохилӣ;
- дастрасӣ ба ашёи хоми табиӣ;

-санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти сармояи хориҷиро дар кишвари қабулкунандаи сармоя ба танзим медароранд;

-сиёсати макроиқтисодӣ ва дурнамои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ;

-харочоти истеҳсолӣ ва сифати қувваи корӣ;

-қобилияти қарзадонамоии субъектҳои соҳибкорӣ.

Тибқи моддаи 2 банди 4 зербанди 10 «Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи инвеститсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мафҳуми хавф чунин муқаррар шудааст: Таваккали (риск) сармоягузорӣ – инъикоси мақсаднокии баамалбарории сармоягузорӣ дар ҳудуди мазкур, эҳтимолияти талаф додани сармоягузориҳо ё даромад аз онҳо мебошад [1].

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ мафҳуми ягонаи қабулшудаи «Хавф» дарҷ нашудааст, вале онро ба маъноҳои зерин фаҳмидан мумкин аст:

• эҳтимолияти нарасидан ба натиҷаи зарурӣ;

• эҳтимолияти ба амал омадани оқибатҳои манфӣ;

• қисман ва ё пурра аз даст додани сармояи гузошташуда.

Боронина, Л. Н. вобаста ба хавфи лоиҳа чунин ақида дорад: «Хавфи лоиҳа-имконияти пайдо шудани ҳодиса ва паёмади номатлуб ҳангоми татбиқи лоиҳаи инвеститсионӣ, ки ба зарар алоқамандӣ дорад мебошад» [2].

Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва сармоягузорон нишон медиҳад, ки ба пуррагӣ аз байн бурдани хавф имконнопазир буда, сатҳи хавф аз ҷониби коршиносон арзёбӣ гардида, дар асоси хулосаҳои онҳо назорати доимии он ба роҳ монда мешавад.

Вобаста ба ин олими рус Богомолов В. А. чунин изҳори ақида дорад, ки дар умум бояд ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии лоиҳаи инвеститсонӣ бо назардошти хавф ва даромаднокии он муқоиса карда шуда, дар асоси он қарор қабул карда шавад [3].

Шарикони рушд ҳангоми инвеститсионии лоиҳаҳои инвеститсионӣ бо мақсади гирифтани фоидаи бештар, нақшаи идоракунии хавфи лоиҳаи банақшагирифташударо тарҳрезӣ намуда, аз рӯи он амал мекунанд.

Барои сармоягузорони хориҷӣ вазъи сиёсию иқтисодӣ, фазои инвеститсионӣ, имтиёзҳои инвеститсионӣ, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишваре, ки дар он инвеститсионӣ мекунанд муҳим дониста мешаванд.

Крапивин Д.С. чунин мешуморад, ки хавф дар лоиҳаҳои инвеститсионӣ бештар аз як омил пайдо мегардад, аммо он метавонад таъсири манфии худро ба дигар омилҳои зарурии лоиҳа расонад [4].

Прокопева М.В. вобаста ба идоракунии хавфҳои лоиҳаи инвеститсионӣ ба чунин ақидааст: «Идоракунии хавф соҳае мебошад, ки он бо истифода аз усулҳои гуногун ба танзим дароварда мешавад» [5].

Сармоягузорӣ бо ду нишондиҳандаи асосӣ аз қабили даромаднокии лоиҳаи инвеститсионӣ ва хавфи он арзёбӣ мегардад. Яъне агар даромаднокии лоиҳаи инвеститсионӣ нисбати хавфи он зиёдтар бошад, он гоҳ лоиҳа барои татбиқ тавсия дода мешавад ва агар хавфи лоиҳа нисбати даромаднокии он бештар бошад, одатан аз чунин лоиҳа сармоягузорон даст мекашанд.

Аввалин маротиба дар таърих асосгузори назарияи портфели инвеститсионӣ Гарри Марковитс дар соли 1952, мақолаеро бо номи «Интихоби портфел» (Select portfolio) дар бораи тақсимоти дороиҳо дар портфели инвеститсионӣ бо назардошти хавфҳо нашр намуд, ки пеш аз вай дар назарияи инвеститсионӣ, ҳеҷ кас хавфи сармоягузориро баррасӣ накарда буд ва дигар муҳаққиқон танҳо фикри гирифтани фоидаро аз лоиҳаи инвеститсионӣ баррасӣ мекарданд. Ба ин нигоҳ накарда, Марковитс тавассути ҳисобҳои математикӣ исбот намуд, ки байни хавф ва даромад робитаи мустақим вуҷуд дорад [6].

Назарияи Марковитс аз ҳисобкунии даромаднокии лоиҳаи инвеститсионӣ ва арзёбии хавфи он асос ёфтааст. Натиҷаи талошҳои ӯ буд, ки соли 1990 барои гузоштани саҳми арзанда дар масъалаи арзёбии хавфҳои лоиҳаҳои инвеститсионӣ соҳиби ҷоизаи Нобел гардид.

Бештар хавфҳои лоиҳаи инвеститсионӣ ҳангоми банақшагирии лоиҳаҳои тиҷоратӣ арзёбӣ гардида, самаранокии иқтисодӣ ва молиявӣ дар бизнес-нақшаи он муайян карда мешаванд.

Хавфи инвеститсионӣ эҳтимолияти аз даст додани як қисми даромад, фоида ва сармоя ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, дар фаъолияти инвеститсионӣ мебошад.

Хавфи инвеститсионӣ аз рӯи сатҳ ҷудо мешавад ба:

- ✓ сатҳи миллӣ;
- ✓ сатҳи минтақавӣ;
- ✓ сатҳи корхона.

Хавфҳо аз рӯи дараҷаи таъсиррасонӣ метавонанд инҳо бошанд:

- ✓ паст (хавф<даромад);
- ✓ миёна (хавф=даромад);
- ✓ баланд (хавф>даромад).

Балдин К. В. дар дастури таълимии худ қайд намудааст, ки Вазифаҳои асосии идоракунии хавфҳои лоиҳаи инвеститсионӣ аз инҳо иборат мебошад, аз ҷумла [7]:

- муайянсозии манбаҳои пайдоиши хавф;
-қабули қарори идоракунии хавф ҷиҳати бартарафсозӣ ва ё коҳишдиҳии он;
- асоснок намудани ҷанбаҳои иқтисодӣ-молиявии лоиҳа;
-муайянсозии сатҳи хавфи лоиҳа;
- тарҳрезӣ ва амалисозии нақша-чорабиниҳо вобаста ба коҳишдиҳии хавфҳои лоиҳа;
- таъминсозии фаъолияти муътадили сармоягузорӣ;
-таҳия дурнамои омилҳои хавфи эҳтимолии лоиҳаи инвсетитсионӣ бо истифода аз моделҳои муосир;
- таҳлили ҳамаҷонибаи таъсири хавфҳои лоиҳаи инвеститсионӣ.

Мақсади идоракунии хавфи лоиҳаи инвеститсионии БСД таъмини рақобатпазирии субъектони сармоягузорӣ ва ҳифзи онҳо аз ҳама гуна хавфҳои эҳтимолӣ иборат мебошад.

Хавфи лоиҳаи инвеститсионӣ ҳолате мебошад, ки дар натиҷаи он ба ҳадафҳои асосии лоиҳа аз ҷумла арзиш, муҳлати татбиқ ва ғайра ҳатман зарар мерасад. Яъне фаъолияти сармоягузорӣ ҳамеша бо хавф алоқамандии зич дошта, барои коҳишдиҳии он усулҳои гуногуни идоракунӣ истифода бурда мешавад.

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ хавфҳо арзёбӣ гардида, аз рӯи натиҷаи он идоракунии онҳо ба роҳ монда шаванд.

Дар таҷрибаи ҷаҳонии фаъолияти сармоягузорӣ бештар аз усулҳои идоракунии хавфи лоиҳаҳои инвеститсионӣ тавассути таҳлили сифатӣ ва миқдорӣ, коҳишдиҳӣ, пешгирӣ ва тақсимоти хавф истифода мегардад.

Ҳамаи усулҳои номбаршудаи идоракунии хавфҳо, дорои ҷанбаҳои мусбӣ ва манфӣ буда, истифодаи онҳо дар ҳолатҳои зарурӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Воқеан ба пуррагӣ бартараф намудани хавфи лоиҳаи инвеститсионӣ имконнопазир буда, сармоягузорон барои коҳиши хавфи лоиҳа аз усулҳои идоракунии болозикр истифода мебаранд.

Аммо идоракунии хавфҳо бояд аз лиҳози иқтисодӣ, молиявӣ ва иҷтимоӣ асоснок гардида, барои коҳишдиҳии сатҳи хавф нигаронида шаванд.

Инчунин иҳтимолияти хавфҳои инвеститсионӣ зарурати идоракунии онҳоро ба миён оварда, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ усулҳои гуногуни арзёбии хавфҳо аз ҷумла, усули коршиносӣ, оморӣ, ҳисобкунӣ, таҳлилӣ, шабеҳӣ, SWOT ва ҳамлаи ақлҳо ба таври васеъ истифода бурда мешаванд.

Мақсади истифодаи усулҳои мазкур аз ислоҳ намудани камбудиҳои ҷойдоштаи лоиҳаи инвеститсионӣ, коҳишдиҳии хавф ва идоракунии он иборат мебошад.

Аммо ҳангоми идоракунии хавфҳо расидан ба ҳадафи асосии лоиҳа муайянсозӣ ва интихоби усули таъсиррасонӣ ба хавфҳои он аз ҳама муҳим ба ҳисоб мераванд.

Хавфҳои лоиҳаҳои инвеститсионӣ на танҳо ба сармоягузорон инчунин ба ҳамаи иштирокчиёни лоиҳа таъсири манфии худро мерасонад.


Доронкина Л. Н. хавфҳои лоиҳаҳои сармоягузориро ба ду гуруҳ аз ҷумла, беруна (сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқлимӣ) ва дохила (истеҳсолӣ, технологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маркетингӣ, инноватсионӣ) ҷудо намудааст [8].

Аммо И.А. Сокол. гуруҳбандии мазкурро бо назардошти ҳалли вазифаҳои мушаххас барои идоракунии хавфҳои лоиҳаҳо номукаммал шуморида, дар тадқиқоти худ механизми идоракунии хавфи лоиҳаҳои сохтмонӣ-иноватсиониро бо назардошти илова намудани дигар амалҳо аз ҷумла, гузоштани мақсади идоракунии хавф, усули таҳлили хавф ва қабули қарори ниҳоӣ такмил додааст [9].

Таҳлили дурусти хавф имкон медиҳад, ки самарнокии татбиқи лоиҳаи инвеститсионии БСД таъмин карда шавад.

Зеро амалисозии лоиҳаҳои инвеститсонӣ бевосита аз дуруст арзёбӣ намудани хавф ва идоракунии хавфи лоиҳа вобастагии калон дорад.

Бо назардошти омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии лоиҳаҳои инвеститсионӣ, таснифоти хавфи лоиҳаи инвеститсионии БСД-ро аз рӯи аломатҳои ба БСД хос таҳия намуда, онро дар расми 1 нишон медиҳем.



Расми 1. Таснифоти хавфҳои эҳтимолии лоиҳаҳои инвеститсионии БСД. Таҳияи муаллиф.

Қобили қайд аст, ки бо мақсади ба танзим даровардани тартиби таҳияи лоиҳаҳои инвеститсонӣ ва воридсозии онҳо ба БСД қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2018, №161 «Дар бораи тартиби таҳияи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва амалӣ намудани барномаи сармоягузориҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тасвиб расидааст.

Мақсади тартиби мазкур аз баланд бардоштани сатҳи самаранокии амалӣ намудани Барнома, ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва бахши хусусӣ ҳангоми ҷалби сармоягузориҳои хориҷиву дохилӣ барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва дар ин замина амалигардонии чорабиниҳои ҳуҷҷатҳои стратегии рушди кишвар, барномаҳои миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳадафҳои Рушди Устувор иборат мебошад [10].

Тадқиқот нишон дод, ки дар ин санади меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба усулҳои арзёбии хавфҳои лоиҳаҳои инвеститсионии БСД ва ё механизми идоракунии хавфҳо чораҳои андешида нашудааст.

Дар баробари ин дар кишвар то кунун дастурамали тавсиявӣ дар ин самт таҳия ва қабул нашудааст, ки омили мазкур метавонад ба таҳия ва татбиққунандагони лоиҳаҳои инвеститсионӣ муамоҳо эҷод намуда, боиси сари вақт идора нашудани хавфҳои лоиҳаҳои инвеститсионии БСД гардад.

Бо ин мақсад дар тадқиқот иҷроиши Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2016-2020 (БСД 2016-2020) мавриди баррасӣ қарор дода, омилҳои самаранок татбиқ нашудани лоиҳаҳои инветитсионии барномаи мазкурро муайян намудем.

Қайд кардан зарур аст, ки БСД 2016-2020 бо мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ баҳри татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт таҳия гардида, аз 1210 лоиҳаи инвеститсионӣ иборат буда, арзиши умумии он 39,7 млрд доллари ИМА-ро ташкил намуда, дар ҷадвали 1 аз рӯи соҳаҳо нишон дода шудааст [11].

Ҷадвали 1. Таҳияи муаллиф. Тақсимоти соҳавии лоиҳаҳои инвеститсионии БСД 2016-2020.

Соҳа	Миқдори лоиҳаҳо	Арзиши умумии лоиҳаҳо (млн. долл. ИМА)	Вазни хос (%)
Идоракунии иқтисодиёт	27	252,2	0,63%
Кишоварзӣ	54	675,1	1,70%
Ирригатсия /обёри	139	3174,2	7,98%
Бообтаъминкунӣ ва канализатсия	316	1483,9	3,73%
Энергетика	139	12310,7	30,96%
Нақлиёт	167	18832,4	47,37%
Маориф	128	953,5	2,40%
Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ	97	507,9	1,28%
Дигар бахшҳо	143	1567,2	3,94%
Ҳамагӣ	**1 210**	**39 757,10**	**100%**

Манбаъ: БСД 2016-2020.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки гарчанде аз 1210 лоиҳаи инвеститсионии БСД-2016-2020 сарчашмаи маблағгузории 318 лоиҳа бо арзиши умумии 8,9 млрд доллари ИМА (28,2 фоиз) муайян гардида бошад ҳам, мутаассифона дар доираи ин барнома танҳо 80 лоиҳа бо арзиши умумии беш аз 2,0 млрд доллари ИМА дар бахшҳои гуногунӣ иқтисодӣ ба пуррагӣ татбиқ гардида дар ҷадвали 2 оварда шудааст. Аз таҳлили мазкур бармеояд, ки иҷроиши БСД 2016-2020 ҳамагӣ 5 фоизро (2 млрд. доллари ИМА) ташкил медиҳад.

Ҷадвали 2. Лоиҳаҳои инвеститсионии татбиқшуда дар доираи БСД 2016-2020

Соҳа	Миқдори лоиҳа (адад)	Архиши умумии лоиҳаҳои (млн. доллари ИМА)	Вазни хос (%)
Энергетика	20	835,0	41,3
Нақлиёт	18	805,6	39,8
Кишоварзӣ ва обёрӣ	13	178,2	8,8
Маориф ва илм	21	110,4	5,5
Обтаъминкунӣ ва канализатсия	3	41,0	2
Дигар бахшҳо	3	31,0	1,6
Идоракунии иқтисодиёт	2	21,0	1
Ҳамагӣ	80	2 022	100

Омилҳои асосии дар сатҳи зарурӣ татбиқ нагаштани БСД 2016-2020 пеш аз ҳама инҳо мебошанд:

-ҳамбастагии сусти вазорату идораҳои соҳавӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мониторинги доимии лоиҳаҳои инвеститсионӣ;

-аз ҷониби вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионии берун аз БСД 2016-2020;

-такроршавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар ҷадвалҳои БСД 2016-2020, ки боиси афзоиши арзиши умумии барномаи мазкур гаштааст;

-нагузаронидани арзёбии самаранокии иқтисодӣ иҷтимоии лоиҳаҳои инвеститсионӣ;

-ба инобат нагирифтани хавфҳои эҳтимолии татбиқшавии лоиҳаҳои инвеститсонии БСД дар муҳлатҳои муқарраршуда;

-аз дигар БСД-и қаблӣ гузаронида лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба БСД 2016-2020.

Барои идома додани раванди татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионии БСД 2016-2020 ва дарёфт намудани сарчашмаҳои маблағгузорӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025 (БСД 2021-2025) ба тасвиб расид, ки он айни замон мавриди амал қарор дорад. Лоиҳаҳои инвеститсонии БСД 2021-2025 ҳамчун лоиҳаҳои афзалиятноки кишвар шуморида мешаванд.

БСД 2021-2025 дар маҷмуъ 898 лоиҳаро ба маблағи умумии 19,1 млрд. доллари ИМА дар бар гирифта, аз ин шумора 807 лоиҳа ба маблағи умумии 12,1 млрд. доллари ИМА ҳамчун лоиҳаҳои грантӣ ва кумаки техникӣ ва 91 лоиҳа ба маблағи умумии 7 млрд. доллари ИМА лоиҳаҳои қарзию грантӣ мебошанд [12].

Қобили қайд аст, ки ба ҳолати 1 январи соли 2024 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 85 лоиҳаи инвеститсионӣ, аз ҷумла 51 лоиҳаи грантӣ, 5 лоиҳаи қарзӣ ва 29 лоиҳа дар ҳаммаблағгузории қарз ва грант мавриди амалисозӣ қарор доранд.

Арзишии умумии лоиҳаҳои инвеститсионӣ 4,5 млрд. доллари ИМА, аз ҷумла 3 млрд. доллар маблағҳои грантӣ, 1,36 млрд. доллар маблағҳои қарзӣ, 122 млн. доллар саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5,7 млн. долларро саҳми корхонаҳои давлатии ҷумҳурӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷамоатҳо ташкил медиҳад [13]

Қайд кардан зарур аст, ки аҳамияти ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ барои татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (СМР) низ мушаххас дарҷ шудааст. Татбиқи ҳадаф ва афзалиятҳои СМР аз ҳисоби ҳамаи манбаҳои рушд, аз ҷумла ҷалби маблағҳои бахши хусусӣ пешбинӣ гардидааст

Ҳаҷми дурнамои ҷалби воситаҳо барои 15 сол (аз соли 2015 то соли 2030) аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ беш аз 118,1 млрд. доллари ШМА-ро ташкил медиҳад, ки ба бахши хусусӣ 54,7 млрд. доллари ШМА (46,3 фоиз), маблағҳои буҷетӣ 56,1 млрд.

доллари ШМА (47,5 фоиз) ва саҳми шарикони рушд 7,3 млрд. доллари ШМА (6,2 фоиз) рост меояд [14].

Татбиқи ҳадафҳои СМР аз ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ тавассути амалисозии лоиҳаҳои инветитсионӣ дар доираи БСД ва дигар барномаҳои мақсадноки давлатӣ вобастагӣ дорад.

Бинобар ин, бо мақсади татбиқи ҳадафи олии СМР зарур аст, ки тамоми раванди татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар доираи БСД мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, вобаста ба бартараф намудани хавфҳои ҷойдоштаи он саривақт тадбирҳои зарурӣ андешида шавад.

Сарфи назар аз ин тадқиқоти БСД 2021-2025 нишон медиҳад, ки барои амалисозии баъзе лоиҳаҳои инвеститсионии барнома ҷалби воситаҳои қарзии шарикони рушд дар назар дошта шудааст ва он метавонад боиси афзоиши қарзи берунаи давлатӣ гардад.

Аз ин лиҳоз, ҷиҳати дар сатҳи устувор нигоҳ доштан ва коҳишдиҳии қарзи берунаи давлатӣ, ки ҳамчун хавфи иқтисодӣ ба шумор меравад андешидани тадбирҳои зерин мувофиқи мақсад аст, аз ҷумла;

-Самаранок истифода намудани маблағҳои қарзии ҷалбшуда;

-Тақвияти ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ тавассути истифодаи механизми Шарикии давлат ва бахши хусусӣ;

-Татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионии БСД бештар бо ҷалби маблағҳои грантии шарикони рушд;

-Ҳамоҳангсозии нишондиҳандаҳои маблағҳои қарзии БСД бо Барномаи қарзгирии берунаи давлатӣ.

АДАБИЁТ

1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2012, №755 «Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатӣ оид ба ҷалб ва ҳимояи инвеститсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» с.3.

2. Боронина, Л. Н. Основы управления проектами : [учеб. пособие] /Л. Н . Б оронина, З. В. Сенук ; М-во образования и науки Рос.Федерации, Урал. федер. ун-т. – Екатеринбург : Изд-во Урал.ун-та, 2015. — 75 с.

3.Богомолов, В. А. Антикризисное регулирование экономики. Теория и практика: учебник для вузов / В. А. Богомолов, А. В. Богомолова. – М.: ИНФРА_М, 2009. – 271 с.

4. Крапивин Д.С. Некоторые аспекты рисков социальных проектов и способы их снижения //Теория и практика общественного развития. 2012.№11. С. 333.

5. Прокопьева М.В. Методы управления рисками инновационного проекта / М.В. Прокопьева // Молодой ученый. — 2009. — № 2. — С. 79-81.

6. Қурбонзода О.Р., Арзёбии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ / Қурбонзода О.Р // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2023 №4/2(50), -С.202-211

7.Балдин, К. В. Управление рисками : учеб. пособ. для студентов вузов, обучающихся по специальности эко-номики и управления / К. В. Балдин, С. Н. Воробьев. – М. : ЮНИТИ-ДАНА, 2012. – 511 с.

8.Доронкина, Л. Н. Управление инвестиционными рисками в строительстве :автореф. дис. д-ра экон. наук / Л. Н. Доронкина. – М. : 2007. – 42 с.

9.Сокол И.А. Управление рисками в процессе реализации инвестиционно-строительных проектов. Теоретический и научно-практический журнал «Управление» № 11/2017. Государственный университет управления, г. Москва. 2017.-С. 143.

10. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2018, №161 «Дар бораи тартиби таҳияи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва амалӣ намудани барномаи сармоягузориҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

11. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №772 «Дар бораи Барномаи давлатии сармоягузориҳо барои солҳои 2016-2020».

12. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2021, №358 «Дар бораи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025».

13. Ҳисобот оид ба фаъолияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023.

14. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

ИНКИШОФИ МЕХАНИЗМҲОИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОИИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

Давлатова Дилошуб Раҳматуллоевна - унвонҷӯи кафедраи идоракунии молияи давлатӣ, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051001-«Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ»-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроға:Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш.Душанбе, н.Фирдавсӣ, к.Н.Қарабоев 94/42 Тел.(+992)002-22-27-97, E-mail.ru: ddiloshub@mail.ru

Амнияти озуқаворӣ ин ҳолатест, ки дар он ҳама одамон дар ҳама давру замон дастрасии ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба ғизои кофӣ, бехатар ва серғизо доранд, ки ба талаботи парҳезӣ ва афзалиятҳои ғизои онҳо барои пешбурди ҳаёти фаъол ва солим ҷавобгӯ мебошанд. Ҷанбаҳои асосии амнияти озуқаворӣ инҳоянд: мавҷудияти ғизои кофӣ, дастрасии ғизо барои ҳама, устувории таъминот ва сифат/бехатарии ғизо. Чунон ки маълум аст, барои ҳалли бисьёр проблемаҳои ҳаёти ҷамъият танзими дурусти меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст, ки пеш аз он бояд фаҳмиши аниқи назариявии масъалаҳои дахлдор бошад. Мақолаи мазкур мафҳуми амнияти озуқавориро баррасӣ намуда, номгӯи хусусиятҳои ин мафҳумҳоро ҳам барои оптимизатсияи амалияи минбаъдаи татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ ва ҳам барои таҳлили минбаъдаи мушкилоти зикршуда таҳия менамояд.

Калидвожаҳо: амнияти озуқаворӣ, амнияти иқтисодӣ, озуқаворӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ, иқтисоди Тоҷикистон, бӯҳрони иқтисодӣ.

ИНКИШОФИ МЕХАНИЗМҲОИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОИИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ(бо руси)

Давлатова Дилошуб Рахматуллоевна - соескатель кафедрой управления государственными финансами, доктор наук по специальности 6D051001-«Государственное и местное управление» Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Адрес: Республика Таджикистан, 734025, г. Душанбе, район Фирдавси, улица Н. Карабоева. 94/42 Тел.(+992)002-22-27-97, E-mail.ru: ddiloshub@mail.ru

Продовольственная безопасность – это состояние, при котором у всех людей, всегда, есть физический, социальный и экономический доступ к достаточному количеству безопасной и питательной пищи, соответствующей их диетическим потребностям и предпочтениям для ведения активной и здоровой жизни. Основные аспекты продовольственной безопасности включают: наличие достаточного количества продовольствия, доступность продовольствия для всех, стабильность поставок и качество/безопасность продуктов питания. Как известно, для решения многих проблем в жизнедеятельности общества необходимо правильное нормативное правовое регулирование, которому должно предшествовать глубокое теоретическое осмысление соответствующих вопросов. В данной статье рассмотрено понятие продовольственной безопасности, а также сформулирован перечень признаков данного понятия как для оптимизации дальнейшей практики применения норм законодательства, так и для дальнейшего анализа указанной проблематики.

Ключевые слова: продовольственная безопасность, экономическая безопасность, продовольствие, продукты питания, экономика Таджикистан, экономический кризис

ИНКИШОФИ МЕХАНИЗМҲОИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОИИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

Davlatova Diloshub Rakhmatulloevna - applicant for the Department of Public Finance Management, Doctor of Sciences in the specialty 6D051001-«State and Local Government» of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Address:

Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe, Firdavsi district, N. Karaboev street. 94/42 Tel.(+992)002-22-27-97, E-mail.ru: ddiloshub@mail.ru

Food security is a state in which all people, at all times, have physical, social and economic access to sufficient, safe and nutritious food that meets their dietary needs and food preferences to lead an active and healthy life. Key aspects of food security include: availability of sufficient food, access to food for all, stability of supply and food quality/safety. As is known, to solve many problems in the life of society, correct normative legal regulation is necessary, which must be preceded by a deep theoretical understanding of the relevant issues. This article examines the concept of food security and formulates - a list of characteristics of this concept both to optimize further practice of applying legislative norms and for further analysis of the specified problem.

Key words: food security, economic security, food, food products, economy of Tajikistan, economic crisis

Икишофи механизмҳои иқтисодю иҷтимои дар соҳаи кишоварзӣ ин яке аз омилҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад, ки тавассути дастгириҳои давлатӣ, афзоиши истеҳсолот ва ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ ба даст меояд. Ҳамчунин барои устуворii системаҳои озуқаворӣ ба истеҳсоли ватанӣ, дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодӣ ба ғизо ва навсозии инфрасохтор асос ёфтааст. Механизмҳои асоси барои инкишофи соҳаи кишоварзӣ. Фаъолияти самараноки иқтисодӣ дар шароити бозор зарурати ҷустуҷӯи доимии роҳҳои устуворгардонии тараққиёти ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, омӯзиши бештар амиқи усулҳои таъмини фаровони бозори миллӣ ва умуман қобилияти дар муҳити иқтисоди бозоргонӣ бомуваффақият амал карда тавонистани воҳидҳои хоҷагидориро пурзӯр мегардонад. Аз ҷониби дигар, тараққиёти босуръати соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ дар ҷумҳурӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ аз бисёр ҷиҳат ба истифодаи самараноки кулли омилҳои истеҳсолот вобастагии калон дорад.

Махсусан, дар шароити кунунӣ, ки мамлакат аз лиҳози таъмини аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ танқисӣ мекашад, ин муаммо ташкили самараноки истеҳсолоти кишоварзии аз ҷиҳати илмӣ асосонокардашудаи худро тақозо менамояд. Яке аз роҳҳои асосии муосири рушди соҳаи кишоварзӣ инҳо мебошад,ки ба модернизатсияи интенсивӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ (фермерии интеллектуалӣ), истифодаи биотехнология ва гузариш ба усулҳои устувори истеҳсолӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ асос ёфтааст.

Инкишофи соҳаи кишоварзӣ ба баланд бардоштани самаранокӣ ҳамчунин баробари кам кардани таъсири муҳити зист, рафъи норасоии қувваи корӣ ва таъмини истиқлолияти озуқаворӣ нигаронида мешавад.Ҳамчунин механизмҳои соҳаи кишоварзӣ инҳо мебошад, механизми иқтисодӣ, механизми технологӣ, механизми ташкилӣ-идоракунӣ, механизми иҷтимоӣ.Такмили механизми таъмини амнияти озуқавории минтақа омилҳои беруна ва дохилиро ба ҳисоб мегирад ва аз чаҳор блок иборат аст:

1) вазифаи мақсаднок “ қонеъ гардонидани (рӯпӯш кардани) талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ;

2) инфрасохтори истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ;

3) кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ;

4) идоракунии минтақа.

Самаранокии амали механизми таъмини амнияти озуқаворӣ аз қобилияти ба равандҳои ҷаҳонишавии дунё мутобиқ гардидани равандҳои иқтисодии минтақа вобаста аст. Усулхо ва воситахои механизми ташкилию иктисодии таъмини амнияти озукаворӣ



Расми 1.Усулхо ва воситахои механизми ташкилию иктисодии таъмини амнияти озукаворӣ

Аслан инкишофи механизмҳои иқтисодию иҷтимоии кишоварзӣ бо тавассути механиконии инноватсионӣ, қарздиҳии дастрас ва татбиқи технологияҳои муосир ҳамчунин барои афзоиши ҳосилнокӣ ва коҳиши хароҷот, таъмини устувории аҳолӣ бо озуқаворӣ муҳим мебошад. Ин раванд, ба рушди инфрасохтори деҳот ва беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ нигаронида шудааст, ки асоси дурнамои амнияти озуқавории кишвар ба ҳисоб меравад. Омилҳое, ки ба инкишофи кишоварзӣ таъсир мерасонанд,ин шароити иқлим, дастгирии молиявии давлат, нархгузории ҷаҳонӣ ва ҷолибияти сармоягузории соҳа мебошанд. Ҳар яке аз ин омилҳо ба рушди соҳаи кишоварзӣ ба дараҷаҳои гуногун он таъсир мерасонад.

Системаи таъмини амнияти озуқавории минтақа бо ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ алоқаманд аст.Вазифаҳо ба ҳифзи манфиатҳои иқтисодии истеҳсолкунандагони ватанӣ, такмили механизми молиявӣ ва андоз, навсозии таъминоти техникӣ ва технологӣ, дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ, рушди инфрасохтори бозори озуқаворӣ, ташаккули захираҳои кадрии қобилиятнок аз худ намудани таклифҳои навоварӣ ва ғайра эҳтиёҷ доранд. Беҳтар намудани амнияти озуқавории минтақаҳои Тоҷикистон бештар аз самаранокии воситаҳои ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ вобаста аст. Аммо дар вақти ба вуҷуд овардани ин гуна воситаҳо қафомонии технологӣ ва хеле фарсудашавии қисми фаъоли фондҳои асосӣ, бештар сарфи моддии маҳсулоти истеҳсолшаванда, ҳанӯз суст будани базаи нормативӣ ва ноустувории иқтисодиро ба назар гирифтан лозим аст. Сиёсати минтақавӣ оид ба ташаккули амнияти озуқавории минтақаро қайд накардан ғайриимкон аст. Ба андешаи олими ватани беҳтар намудани амнияти озуқавории минттақаҳои Тоҷикистон ин бештар ба самаранокии воситаҳои ҳифзи мафиатҳои миллӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ вобастагии калон дорад.Ҳамчунин барои инкишофи механизмҳои соҳаи кишоварзи ба пешниҳодҳои навовари ва ташкил намудани бозори озуқавори эҳтиёҷи калон дорад. Вобаста ба инкишофи соҳаи кишоварзи ва амнияти озуқавори Кумитаи амнияти озуқавори як қатор барномаҳои ташакули амнияти озуқаворӣ ба роҳ мондаанд.чун ба востаи ин барномаҳо метавон инкишофи сатҳи кишоварзиро рушд дод.

Ташкили раванди уствор ва истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ бештар аз ҳал намудани масъалаҳои ташкил, ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни моликият ва хоҷагидорӣ, низоми ҳуқуқӣ, меъёр, омилҳои иқтисодӣ ва истифодабарии онҳо дар шароити ҳозира бо назардошти хусусиятҳои психологӣ ва миллӣ, урфу одатҳои миллӣ вобастагӣ дорад. Ташкили истеҳсолоти хӯрокворӣ бояд бо назардошти таркиби сабади истеъмолии аҳоли такмил дода шавад. Сабади истеъмолиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ”муайян ва ба танзим даровардааст. Дар Қонуни мазкур таркиби“Сабади истеъмолӣ” дар шакли зерин муайян карда шудааст: а) маҷмуи маҳсулоти озуқа; б) маҷмуи маҳсулоти ғайриозуқа; в) маҷмуи хизматрасонӣ. Тибқи методологияи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми мазмуни мавҷудияти озуқаворӣ ин : «Мавҷуд

будани озуқаворӣ - мавҷудияти миқдори озуқаворӣ дар натиҷаи истеҳсоли худӣ ё аз ҳисоби бозор мебошад.

Дар сатҳи мамлакат мавҷуд будани озуқаворӣ аз рӯйи ҷамъи захираҳои озуқаворӣ, воридоти тиҷоратӣ, ёрии озуқаворӣ ва истеҳсолоти худӣ муайян карда мешавад. Ба мавҷудияти озуқаворӣ омилҳои зерин: шароити обу ҳаво, ҳосилнокӣ, саршумор ва маҳсулнокии чорво, нархи муқарраркардаи истеҳсолкунандаҳо ба озуқаворӣ, нархи хӯрокворӣ дар мамлакатҳои ҳамсоя, инчунин масъалаҳои сиёсати дохилӣ, ки истеҳсолот, савдо, тақсимот ва нархгузориро муайян менамоянд, ба назар гирифта мешаванд» Дар давраи ба даст овардани истиқлолият Тоҷикистон соҳаи кишоварзиро яке аз омилҳои асосии таъминкунандаи амнияти озуқавории кишвар ва соҳаи калидии ташкили бевоситаи ҷойҳои нави корӣ барои аҳолии мамлакатамон ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон бояд қайд намуд,ки масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди соҳаи кишоварзи дар мадди аввали сиёсати давлати қарор дорад. Оиди ин масъалаи ҳаётан муҳим Пешвои миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон, дар Паёми навбатии худ, ки 28 декабри соли 2024 ба Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон мурочиат карда буданд чунин дарҷ шудааст: “моро зарур аст, ки бо дарназардошти вазъи ҷаҳони имрӯза, тағйирёбии иқлим, хусусан, камобӣ ва хушксолиҳои пайиҳам дар бисёр кишварҳои дунё, болоравии нархи маводи ғизоӣ дар ҷаҳон ва таъсири манфии омилҳои зикршуда ба бозори истеъмолӣ тамоми имкониятҳоро барои рушди соҳаи кишоварзӣ сафарбар созем. Вобаста ба масъалаҳое, ки барои таъмин намудани аҳоли ба озуқа ба вазорату кумитаҳои дахлдорро супоришҳои мушахас доданд.ки барои инкишофи соҳаи кишоварзӣ барномаи амнияти озуқавории кишварро барои панҷ соли оянда қабул ва амалӣ намоянд. Бинобар ин дар рушду инкишофи соҳаи кишоварзӣ бояд ба воситаи индустриаликунонии соҳаи аграрӣ ва инноватсионии тадқиқотҳои илмӣ такия намуда зарур аст.

Стратегияҳои таъмини амнияти озуқаворӣ дар Тоҷикистон амалҳои ҳамоҳангшударо дар ҳама сатҳҳо — аз беҳтар намудани инфрасохтор ва технология то дастгирии иҷтимоии аҳолии осебпазир талаб мекунанд. Ташкилотҳои байналмилалӣ дар дастгирии ин ташаббусҳо тавассути пешниҳоди маблағгузорӣ, технология ва дониши коршиносон нақши калидӣ доранд. Танҳо тавассути равиши ҳамаҷониба ба амнияти устувори озуқаворӣ ноил шудан ва зиндагии миллионҳо нафар дар Тоҷикистонро беҳтар кардан мумкин аст. Амнияти Озуқавории Тоҷикистон бо мушкилоти зиеде рӯ ба рӯ мешавад, аз ҷумла захираҳои маҳдуди табиӣ, оқибатҳои тағйиребии иқлим, ноустувории иқтисодӣ ва фишори демографӣ. Бо вуҷуди ин мушкилот, кишвар барои беҳтар кардани вазъ чораҳо меандешад, ки ба кӯмаки созмонҳои байналмилалӣ ва татбиқи стратегияҳои рушди устувори кишоварзӣ такя мекунад.

Инкишофи механизмҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ амнияти озуқавориро баа воситаи баланд бардоштани ҳосилнокӣ, рушди истеҳсолоти устувор ва кам гардонидани вобастагии воридот таҳким мебахшад.

Стратегияҳои давлатӣ дар самти рушди уствори соҳаи кишоварзӣ дар кишварҳои тараққикарда ба якчанд принсипҳои умумӣ асос ёфтаанд, ки иштироки давлатро дар ҳалли мушкилоти истеҳсолоти кишоварзӣ тавассути дастгирии ҳамаҷонибаи барномаҳои давлатӣ дар бар мегирад, аз қабили дастгирии соҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, муносибати мунтазами илмӣ ба ташаккули сиёсати кишоварзӣ, таваҷҷуҳ ба фаъолияти комплекси агросаноатӣ ҳамчун асоси устувории соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ, ҳалли масъалаҳои экологии соҳаи кишоварзӣ ва маблағгузорӣ ба рушди устувори он. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар мамлакатҳои иқтисоди бозорӣ таъмини соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби маблағҳои худи корхонаҳои кишоварзӣ ва буҷаи давлатӣ амалӣ карда мешавад. Ҳар як давлат бо қабули қонунҳо, стратегияҳо ва барномаҳои соҳавӣ ба соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир менамоянд. Аз ин рӯ, ба таври муфассал баррасӣ намудани таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ дар татбиқи раванди сармоягузорӣ ба рушди экологию иқтисодии соҳаи кишоварзиро дида мебароем.

Амнияти Озуқавории Тоҷикистон бо мушкилоти зиеде рӯ ба рӯ мешавад, аз ҷумла захираҳои маҳдуди табиӣ, оқибатҳои тағйиребии иқлим, ноустувории иқтисодӣ ва фишори демографӣ. Бо вуҷуди ин мушкилот, кишвар барои беҳтар кардани вазъ чораҳо меандешад, ки ба кӯмаки созмонҳои байналмилалӣ ва татбиқи стратегияҳои рушди устувори кишоварзӣ такя мекунад. Бинобар гуфтаҳои боло, барои пешравию муваффақиятҳо дар ҷодаи тадқиқ чунин таклифу пешниҳод карда мешаванд:

1. Навсозии системаҳои обёрӣ ва идоракунии самараноки захираҳои об. Тоҷикистон бояд талошҳои худро барои навсозии шабакаҳои обёрии худ идома диҳад, ки ба баланд бардоштани ҳосилнокии кишоварзӣ имкон медиҳад. Татбиқи усулҳои пешрафтаи истифодаи об, аз қабили оберии қатрагӣ ва истифодаи маълумоти иқлим, метавонад талафоти обро коҳиш диҳад ва ҳосилнокиро беҳтар созад.

2. Дастгирии хоҷагиҳои деҳқонони хурд ва рушди кооперативҳо. Хоҷагиҳои деҳқонони хурд, ки асоси бахши аграриро ташкил медиҳанд, барои беҳтар кардани дастрасӣ ба захираҳо, бозорҳо ва технологияҳо ба дастгирии иловагӣ ниез доранд. Таъсиси кооперативҳои фермерӣ метавонад ба беҳтар шудани мубодилаи таҷҳизот ва технология мусоидат кунад ва дар ниҳоят самаранокии истеҳсолотро афзоиш диҳад.

3. Рушди инфрасохтор барои нигоҳдорӣ ва интиқоли маҳсулоти кишоварзӣ. Сармоягузорӣ ба занҷирҳои логистикӣ, аз ҷумла сохтани анборҳо ва сардхонаҳо зарур аст, ки талафоти ғизоро коҳиш медиҳад ва дастрасии маҳсулотро дар бозорҳо афзоиш медиҳад. Беҳтар кардани инфрасохтори нақлиет ва алоқаи байни минтақаҳо инчунин барои кам кардани хароҷот ва баланд бардоштани даромади деҳқонон муҳим аст.

4.Мутобиқсозии соҳаи кишоварзӣ ба тағирёбии иқлим. Дар шароити фишори афзояндаи тағирёбии иқлим бояд лоиҳаҳо оид ба татбиқи технологияҳо ва усулҳои ба иқлим тобовар таҳия карда шаванд ва навъҳои устувори зироатҳои ба шароити маҳаллӣ мутобиқшуда ҷорӣ карда шаванд. Сармоягузорӣ ба системаҳои пешгӯӣ ва идоракунии хавфҳо инчунин ба коҳиш додани таъсири тағиребии иқлим мусоидат мекунад.

5. Тақвияти барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва ғизо. Барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва озуқаворӣ, махсусан барои аҳолии осебпазир, аз ҷумла кӯдакон ва оилаҳои деҳот бояд васеъ карда шаванд. Ин метавонад тавсеаи барномаҳои ғизои мактабӣ ва татбиқи механизмҳои кӯмак дар ҳолатҳои фавқулоддаро дар бар гирад.

6. Ҷалби сармоягузории хусусӣ ва беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ. Барои ноил шудан ба амнияти устувори озуқаворӣ ҷалби сармоягузории хусусӣ ба кишоварзӣ, аз ҷумла маблағгузории технологияҳо ва навовариҳои нав муҳим аст. Беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ тавассути ислоҳот ва коҳиш додани монеаҳо барои тиҷорат ба ҷалби сармояи зарурӣ барои рушди кишоварзӣ мусоидат мекунад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд, ки: “Вобаста ба таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳони муосир ба вуҷудомада ва канда шудани занҷираи анъанавии таҳвили молу маҳсулот, афзоиши аҳолӣ, инчунин, бар асари тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои манфии он - хушксолии пайиҳам ва камобӣ, аз ҷумла дар минтақаи мо талабот ба об ва маҳсулоти кишоварзӣ торафт зиёд гардида истодааст. Инчунин, тағйирёбии босуръати вазъи бозори ҷаҳонии озуқаворӣ ва болоравии мунтазами нархи маҳсулоти ғизой моро водор менамояд, ки ба беҳсозии ҳолати соҳаи кишоварзӣ, афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти он, рушди маҷмааҳои агросаноатӣ ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани амнияти озуқавории кишвар таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намоем. Дар натиҷаи тадбирҳои аз ҷониби Ҳукумати мамлакат амалигардида ва заҳмати софдилонаи кишоварзон сатҳи таъминнокии аҳолӣ бо маҳсулоти асосии ғизоӣ афзоиш ёфта, соли 2023 истеҳсоли ғалладонагиҳо назар ба соли 1991-ум 6 баробар, аз ҷумла гандум 5,6 ва шолӣ 6,7 баробар, картошка 10,8 баробар, сабзавот 9, полезӣ 17,5, меваҷот 10 ва ангур 2 баробар афзоиш ёфтааст. Дар ин давра саршумори чорвои калони шохдор 2 баробар (2,6 миллион сар), чорвои майда 2 баробар (6,6 миллион сар) ва паранда 1,9 баробар (12,2 миллион сар) зиёд шудааст.

Хулоса, таҳлил нишон медиҳад, ки бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳсолаи охир пешрафтҳои муайянро таҷриба кардааст. Истеҳсолоти маҳсулоти асосии ғизоӣ афзоиш ёфта, саҳми соҳа дар ММД бештар шудааст. Бо вуҷуди ин, вобастагии назаррас аз воридоти баъзе маҳсулоти ғизоӣ ва набудани инфрасохтори муосир ба устувории амнияти озуқаворӣ монеа эҷод мекунад. Фаъолгардонии сиёсати давлатӣ дар самти дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ, таҷдиди шабакаҳои обёрӣ ва нигоҳдорӣ ва ҷалби сармояи хусусӣ аҳамияти калидӣ доранд. Истеҳсолоти кишоварзӣ Захираи дохилӣ Воридот Нарх ва дастрасӣ Амнияти озуқаворӣ Тавсияҳо: 1.Рушди технологӣ: Ҷорӣ намудани техникаи муосир дар коркарди замин, нигоҳдорӣ ва бастабандии маҳсулот. 2.Дастгирии молиявӣ: Таъмини қарзҳои боимтиёз барои деҳқонон ва кооперативҳо. 3.Захираи стратегӣ: Бунёди анборҳои муосир барои нигоҳдории маҳсулоти дохилӣ ва ҳифзи бехатарии ғизоӣ. 4.Таҳкими ҳамкории минтақавӣ: Имкониятҳои содирот ба кишварҳои ҳамсоя (Қирғизистон, Ӯзбекистон, Афғонистон ва ғайра). 5.Мониторинги нарх ва дастрасӣ: Назорати давлатӣ барои коҳиши таъсири болоравии нархи ҷаҳонӣ ба бозори дохилӣ

Адабиёт

1 Холназаров, М. Ҳ. Механизмҳои ташкилию иқтисодии дастгирии давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ / М. Ҳ. Холназаров, Ф. С. Абдуллоев // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2019. – No. 1-4-1(68). – P. 222-226. – EDN YOFDIM.

2. Шарипова, Д. М. Такмили механизми таъмини амнияти озуқаворӣ / Д. М. Шарипова // Номаи донишгох. Силсилаи илмхои табиатшиноси ва иктисоди. – 2023. – Vol. 67, No. 4. – P. 206-212. – EDN MOCHHH.

3. Қиемидинов, Ҳ. Амнияти озуқаворӣ - асоси таъмини амнияти иқтисодии минтақа / Ҳ. Қиемидинов // Гузоришхои Академияи илмхои кишоварзии Точикистон. – 2023. – No. 4(78). – P. 79-82. – EDN KPCTJN.

[4] Сафарова, А. Ҷ. Такмили ташкили истеҳсолоти хуроквори - омили асосии таъмини амнияти озуқавори / А. Ҷ. Сафарова // Кишоварз. – 2024. – Vol. 105, No. 4. – P. 233-236. – EDN SVEZUI.

[5] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. 28.12.24. [Матн]. Махзани электронӣ. Ҳолати дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/49225 Озод.

[6] Садридинов, С. Саҳми соҳаи кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон / С. Садридинов, Б. Шерматов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2025. – No. 1. – P. 165-171. – EDN EJUBKT

7 Арабов, Ф. П. Механизмҳои таъмини сармоягузориҳо ба рушди экологӣ-иқтисодии соҳаи кишоварзӣ: таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ / Ф. П. Арабов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2024. – No. 2(86). – P. 186-199. – EDN HAAHWD.

[8] Садридинов, С. Саҳми соҳаи кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон / С. Садридинов, Б. Шерматов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2025. – No. 1. – P. 165-171. – EDN EJUBKT.

9 Салимзода, А. Ф. Амнияти озуқаворӣ ҳамчун омили рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон / А. Ф. Салимзода // Кишоварз. – 2024. – Vol. 105, No. 4. – P. 9-14. – EDN LZJSXO.

ИДОРАКУНИИ ХАВФҲОИ МОЛИЯВӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

Ёрзода Қиёмиддин Тоҳир-ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ДДМИТ, 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе. тел.: (+992) 938600555 qiyomiddin1995@mail.ru

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи идоракунии хавфҳои молиявӣ ҳамчун омили муҳими таъмини устувории корхонаҳои саноатӣ бахшида шудааст. Дар он моҳияти хавфҳои молиявӣ, намудҳои асосии онҳо ва таъсири онҳо ба фаъолияти молиявии корхонаҳо мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Муаллиф аҳамияти ташкили низоми самараноки идоракунии хавфҳоро дар шароити ноустувории муҳити иқтисодӣ асоснок намуда, усулҳои асосии коҳиш ва пешгирии хавфҳоро таҳлил менамояд. Ҳамчунин, нақши диверсификатсия, банақшагирии молиявӣ ва истифодаи технологияҳои муосир дар баланд бардоштани устувории молиявии корхонаҳо нишон дода шудааст.

Дар натиҷа, муайян мегардад, ки идоракунии самараноки хавфҳои молиявӣ ба коҳиши талафоти эҳтимолӣ, нигоҳ доштани тавозуни молиявӣ ва таъмини рушди устувори корхонаҳои саноатӣ мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо: хавфҳои молиявӣ, идоракунии хавф, устувории молиявӣ, корхонаҳои саноатӣ, диверсификатсия, ликвидият, пардохтпазирӣ, хавфи қарзӣ, хавфи бозорӣ, банақшагирии молиявӣ, технологияҳои рақамӣ, самаранокии иқтисодӣ.

УПРАВЛЕНИЕ ФИНАНСОВЫМИ РИСКАМИ КАК ФАКТОР ОБЕСПЕЧЕНИЯ ФИНАНСОВОЙ СТАБИЛЬНОСТИ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ.

Ёрзода Киёмидин Тохир- ассистент кафедры экономической теории ТГФЭУ 734067, Республика Таджикистан, Душанбе. тел.: (+992) 938600555 qiyomiddin1995@mail.ru

Данная статья посвящена изучению управления финансовыми рисками как важного фактора обеспечения стабильности промышленных предприятий. В ней рассматривается сущность финансовых рисков, их основные виды и влияние на финансовые показатели предприятий.

Автор обосновывает важность создания эффективной системы управления рисками в условиях нестабильной экономической обстановки и анализирует основные методы снижения и предотвращения рисков. Также показана роль диверсификации, финансового планирования и использования современных технологий в повышении финансовой стабильности предприятий.

В результате установлено, что эффективное управление финансовыми рисками способствует снижению потенциальных потерь, поддержанию финансового баланса и обеспечению устойчивого развития промышленных предприятий.

Ключевые слова: финансовые риски, управление рисками, финансовая стабильность, промышленные предприятия, диверсификация, ликвидность, платежеспособность, кредитный риск, рыночный риск, финансовое планирование, цифровые технологии, экономическая эффективность.

FINANCIAL RISK MANAGEMENT AS A FACTOR FOR ENSURING THE FINANCIAL STABILITY OF INDUSTRIAL ENTERPRISES

Yorzoda Kiyomidin Tohir- assistant of economic theory department of TSFEY 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe. tell.: (+992) 938600555 qiyomiddin1995@mail.ru

This article is devoted to the study of financial risk management as an important factor in ensuring the stability of industrial enterprises. It discusses the essence of financial risks, their main types, and their impact on the financial performance of enterprises.

The author substantiates the importance of establishing an effective risk management system in an unstable economic environment and analyzes the main methods of risk reduction and prevention. The role of diversification, financial planning, and the use of modern technologies in increasing the financial stability of enterprises is also shown.

As a result, it is determined that effective financial risk management helps reduce potential losses, maintain financial balance, and ensure the sustainable development of industrial enterprises.

Keywords: financial risks, risk management, financial stability, industrial enterprises, diversification, liquidity, solvency, credit risk, market risk, financial planning, digital technologies, economic efficiency.

Идоракунии хавфҳо унсури ҷудонашавандаи ҷараёни идоракунӣ дар корхона ба шумор меравад. Идоракунии хавфҳо - ин ҷараёни тўлониест оид ба таҳия ва татбиқи чорабиниҳое, ки барои муайян намудани хавфҳои имконпазир, таҳлил ва баҳодиҳии онҳо, интихоби усулҳои мувофиқи идоракунии ин хавфҳо бо мақсади паст намудани онҳо ва то ҳадди ақал расонидани зарар, равона гардидаанд. Ҳадафи асосии идоракунии хавфҳо таъмини фаъолияти самараноки корхона дар шароити номуайянӣ ва хавф ба шумор меравад.

Хавфҳои молиявӣ дар даврaҳои муносибатҳои молиявӣ ва муносибат байни қарзгирандаю қарздиҳанда пайдо шудааст.

Бояд гуфт, ки интихоби стратегияи идоракунии хавфҳо дар асоси якчанд нишонаҳо, аз ҷумла ҳолати молиявии корхона, ҳадафҳои тактикӣ ва стратегии он ва ғайра амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, стратегияи интихобнамуда оиди идоракунии хавфҳо доимӣ набуда, бо тағйирёбии нишонаҳои мазкур, пас аз чанд сол ворид намудани тағйироту иловаҳоро талаб менамояд.

Идоракунии хавфҳои молиявӣ ва паст намудани сатҳи он дар корхонаҳо иборат мебошад. Вобаста ба ин мақсад дар назди тадқиқот **вазифаҳои зерин** гузошта мешаванд:

-муайян намудани моҳият, ва нақши хавфҳои молияивӣ;

- усулҳои идоракунии хавфҳои молиявӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ;

- муайян намудани таъсири идоракунии хавфҳои молиявӣ ба рушди суботи иқтисодиёт дар шароити муосир.

Ҷ.М. Кейнс яке аз аввалинҳо шуда ба масъалаи таснифи хавфҳо машғул шуда, се намуди хавфҳоро муайян карда буд:

- хавфи соҳибкорӣ - номуайянии гирифтани даромади интизорӣ аз маблағгузорӣ;

- хавфи «қарздиҳанда» - хавфи барнагардонидани қарз, ки аз хавфи ҳуқуқӣ, яъне саркашӣ аз баргардонидани қарз ва хавфи қарзӣ ва ё нокифоягии таъминот иборат аст;

- хавфи тағйирёбии арзиши воҳиди пулӣ, яъне эҳтимоли аз даст додани маблағ дар натиҷаи тағйирёбии қурби воҳиди пули миллӣ (хавфи бозорӣ).

Усулҳои идоракунии хавфҳоро ба чор гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст (расми 1).



Расми 1. Усулҳои идоракунии хавфҳо

Дуршавӣ аз хавфҳо - ин усули оддии дур шудан ё даст кашидан аз хавфҳо ё баромадан аз доираи хавфнок. Моҳияти ин усул дар он аст, ки соҳибкор аз қабули хавф даст мекашад. Вале дур шудан аз хавф барои соҳибкор маънои дурр шудан аз фоидаро дорад. Усулҳои дуршавӣ аз хавфҳо дар амал дар ҳолате истифода мешаванд, ки сатҳи хавфҳо хело баланд буда, онро ба таври оддӣ паст намудан имконнопазир мебошад, масалан, хавфи муфлисшавӣ; хавфи талафи воситаҳои молиявӣ, моддӣ ва ғайра.

Усулҳои пешгирикунӣ дар ҳамон ҳолатҳои алоҳидае истифода мешавад, ки ба таври мушаххас муайян кардани сарчашмаҳои хавф ва қисмҳои «аз нигоҳи иқтисодӣ хатарнок» имконпазир буда, тавассути он ба қисмҳои алоҳида тақсим намудани хавф амалӣ карда мешавад.

Усулҳои тақсимкунии хавфҳо - ин маҷмӯи усулҳоест, ки барои тақсимкунии хавфҳои ошкоршуда байни иштирокчиёни лоиҳа ва ё ҷараёни истеҳсолот, бо мақсади кам кардани ҷамъшавии хавфҳо барои як иштирокчӣ, истифода мегардад.

Паст намудани сатҳи хавфҳо маънои онро дорад, ки соҳибкор хавфҳоро ба масъулияти худ қабул намуда, барои паст намудани сатҳи онҳо, яъне маҳдуд намудани эҳтимол ва ҳаҷми зарар, чораҳои муайян меандешад.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда метавон ба чунин натиҷа расид, ки идоракунии хавфҳои молиявӣ яке аз омилҳои калидии таъмини устувории фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити ноустувории муҳити иқтисодӣ ва афзоиши омилҳои номуайян, қобилияти корхона барои муайян, арзёбӣ ва идора намудани хавфҳо аҳамияти стратегӣ пайдо мекунад.

Муайян гардид, ки хавфҳои молиявӣ, аз ҷумла хавфи бозорӣ, қарзӣ, ликвидият ва асъорӣ, метавонанд ба нишондиҳандаҳои асосии молиявӣ таъсири ҷиддӣ расонанд. Аз ин рӯ, ташкили низоми самараноки идоракунии хавфҳо, ки дар он таҳлили мунтазам, мониторинг ва истифодаи усулҳои муосири идоракунӣ ба роҳ монда шудааст, барои пешгирии талафот ва нигоҳ доштани тавозуни молиявӣ муҳим мебошад.

Усулҳои асосии паст намудани чунин хавфҳо инҳоанд: ташкили фонди захиравӣ; ҷалби

сарчашмаҳои берунӣ (қарз, дотатсия).

Паст кардани хавфҳо чунин маъно дорад, ки субъект хавфҳоро барои худ (дар масъулияти худ) нигоҳ дошта, барои паст кардани сатҳи онҳо чораҳои зарурӣ меандешад, аз ҷумла диверсификатсия; меъёргузорӣ; чорабиниҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ.

Диверсификатсия - ин тақсимкунии хавфҳо байни якчанд объектҳое, ки бо ҳам алоқаманд намебошанд. Масалан, диверсификатсияи истеҳсолот (зиёд намудани номгӯи маҳсулоти истеҳсолшаванда), сармоягузорӣ (сармоягузорӣ ба якчанд объект), бозори фуруш (иштирок дар якчанд бозори фуруш), мизоҷон (ҷалби мизоҷони категорияҳои гуногун), минтақаи фаъолият (фаъолият кардан дар минтақаҳои гуногун) ва ғайра. Мақсади диверсификатсия паст намудани сатҳи хавфҳо ва кам кардани талафи даромад ба шумор меравад.

Меъёргузорӣ - ин муқаррар намудани низоми маҳдудкунӣ (муқаррар кардани ҳади муайян) ҳам аз боло ва ҳам аз поён, бо мақсади паст намудани сатҳи хавфҳо. Масалан, корхона меъёргузориро ҳангоми бо қарз фурутани молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), муайян намудани ҳаҷми маблағ барои иҷрои ин ё он кор ё сармоягузорӣ; харидани ашёи хом ва ғайра истифода мебарад. Бонк бо мақсади паст намудани хавфи барнагардонидани қарз усули меъёргузориро истифода бурда, барои қарзгирандагон ҳаҷми муайяни қарзро муқаррар менамояд.

Моҳияти усули ба каси дигар пешниҳод намудани хавф дар он ифода меёбад, ки субъект хавфҳои дар ихтиёри худ бударо қисман ё пурра ба субъекти дигар пешниҳод менамояд, масалан ба ширкати суғурта, ба шарикони дигар.

Дар марҳилаи чорум баҳодиҳии натиҷаҳои ба даст овардашуда оиди идоракунии хавфҳо гузаронида мешавад.

Назорат ва тасҳеҳи (ислоҳи) натиҷаҳои ба даст овардашуда дар марҳилаи панҷум амалӣ карда мешавад. Назорат ҷараёни гирифтани маълумот дар бораи зарари ба вуҷуд омада ва қабули чорабиниҳо оиди кам кардани онро дар бар мегирад.

Ҳамзамон, татбиқи усулҳои диверсификатсия, банақшагирии молиявӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ имконият медиҳад, ки сатҳи хавфҳо коҳиш ёфта, устувории молиявии корхонаҳо баланд бардошта шавад.

Дар натиҷа, метавон хулоса намуд, ки идоракунии самараноки хавфҳои молиявӣ на танҳо воситаи ҳифзи корхона аз таъсири манфии омилҳои беруна мебошад, балки шарти зарурии рушди устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирии он дар бозор ба ҳисоб меравад.

Татбиқи стратегияи мукаммали идоракунии хавфҳо ба корхонаҳои саноатӣ имкон медиҳад, ки дар шароити иқтисоди муосир фаъолияти самаранок ва устуворро таъмин намоянд.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ» ш.Душанбе, 21 июли соли 2010 № 626
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ш. Душанбе, 2 декабри соли 2002 №66.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ш. Душанбе, 20 марти соли 2008 №374.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи Ҳисобии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ш. Душанбе, 28 июни соли 2011 № 749.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ш. Душанбе, 17 июни соли 2011, № 484
6. Оймаҳмадов Г.Н. «Молия» ш.Душанбе «Нодир», 2005.
7. Бегматов А.А., Умаров Д.М. Ваҳдати миллӣ ва рушди низоми андоз. Душанбе,2013.

ТАҲҚИҚИ ТАҷРИБАИ ҶАҲОНӢ ДАР СОҲАИ ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИБУҶЕТӢ ВА ИМКОНИЯТҲОИ МУТОБИҚСОЗИИ ОН БА ШАРОИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҷИКИСТОН

Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат – н.и.и.,муаллими калони кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи далатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. **Суроға:** 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. E-mail: estimur@yandex.ru, тел: (+992) 904-58-67-00

Дар мақолаи мазкур муаллифон кӯшиш намудаанд, ки диққати худро ба таҳқиқотҳои вобаста ба таҷрибаи хориҷии идоракунӣ ва рушди муносибатҳои байнибуҷетӣ ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро қайд намоянд. Ҳамчунин дар мақола якчанд тавсияҳо оид ба беҳтар намудани муносибатҳои байнибуҷетӣ бо назардошти таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ оварда шудаанд.

Калидвожаҳо: субсидияҳои мақсаднок, моделҳои муносибатҳои байнибуҷетӣ, муносибатҳои молиявӣ-буҷетӣ.

ИССЛЕДОВАНИЕ МИРОВОГО ОПЫТА В ОБЛАСТИ РЕГУЛИРОВАНИЯ МЕЖБЮДЖЕТНЫХ ОТНОШЕНИЙ И ВОЗМОЖНОСТИ ЕГО АДАПТАЦИИ К УСЛОВИЯМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Хазратзода Темурджон Хазрат – кандидат наук, старший преподаватель кафедры международных финансово-кредитных отношений Таджикского государственного университета финансов и экономики. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова 64/14. E-mail: estimur@yandex.ru, тел.: (+992) 904-58-67-00

В данной статье авторы попытались обратить внимание на исследования, связанные с зарубежным опытом управления и развития межбюджетных отношений и его применением в Республике Таджикистан. В статье также представлены несколько рекомендаций по улучшению межправительственных отношений с учетом передового опыта зарубежных стран.

Ключевые слова: целевые субсидии, модели межправительственных отношений, финансово-бюджетные отношения.

RESEARCH OF WORLD EXPERIENCE IN THE FIELD OF REGULATION OF INTERBUDGETARY RELATIONS AND POSSIBILITIES OF ITS ADJUSTMENT TO THE CONDITIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Hazratzoda Temurjon Hazrat – PhD, Senior Lecturer, Department of International Financial and Credit Relations, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. E-mail: estimur@yandex.ru, tel: (+992) 904-58-67-00

In this article, the authors have tried to draw attention to research related to foreign experience in the management and development of interbudgetary relations and its use in the Republic of Tajikistan. The article also provides several recommendations for improving intergovernmental relations, taking into account the best practices of foreign countries.

Keywords: targeted subsidies, models of intergovernmental relations, financial-budgetary relations.

Таҳқиқот дар самти дарёфти механизмҳои танзимкунандаи молиявӣ аз тарафи кишварҳои зиёд ҷиҳати бартараф намудани мушкилиҳо дар равобити буҷетӣ коркард ва истифода шудаанд, ин механизмҳо фурсати мусоидро ҷиҳати роҳандозии оқилонаи ҷузъҳои умумӣ ва тафовутдошта, ки дар замони ҳозира метавонанд дар тавсеаи ҷамъият таъсиргузор бошанд, ифшо карда шудаанд. Ҳамзамон, фурсатҳо ҷиҳати татбиқу таҳияти

стратегияи шаклгирӣ ва тавсеаи низоми худдидоракунӣ дар доираи рустоҳо ва маҳалҳо, ҳамрангнамоии онҳо бо мақомоти болоии идоранакунанда, ки дар худ ҳам вижагиҳои миллӣ ва ҳам тамоюлоти фаромилалиро дар бар мегиранд, ба вуқуъ мепайвандад.

Ҳамаи мамлакатҳои дунё вобаста аз аломати ҷойгиршавӣ масоҳати муайянро ишғол менамоянд, ки он вобаста ба омилҳои табиӣ, иқлимӣ, нақлиётӣ, роҳу коммуникатсия, иқтисодӣ, демографӣ, иҷтимоӣ ва дигарҳо ба минтақаҳо ҷудо мешаванд. Онҳо қисми таркибии давлат буда, дар як вақт бо хусусиятҳои хоси худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ба қисмҳо тақсим намудани давлатҳои ҷаҳон аз рӯи аломатҳои алоҳида дар масъалаи молиявӣ-иқтисодӣ зарурати муносибати муайяни тарафайни ҳокимияти марказӣ ва минтақаҳоро (вилоятҳо шаҳрҳо ноҳияҳо) ба миён меорад, ки дар аксар ҳолатҳо вобаста ба шакли сохтори давлатӣ алоқаманд мебошад.

Дар шароити имрӯза масъалаи тақсимкунии салоҳиятнокӣ байни сохторҳои идоракунии зинаҳои гуногун, ташакули заминаи устувори аз тарафи буҷетҳои маҳаллӣ ба даст овардани даромад, баробарсозии дараҷаи даромади буҷети минтақаҳо барои аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон аҳамияти калон дорад.

Дар сатҳи ҷаҳонӣ ҷой доштани муносибатҳои молиявӣ-буҷетӣ талаб менамояд, ки муносибати мазкур аз рӯи ягон модели муайян ба роҳ монда шавад.

Моделҳои муносибатҳои байнибуҷетӣ аз ҳамдигар куллан фарқ мекунанд, ки ин хусусиятҳои хоси ташкили низоми буҷетии ҳар яке аз давлатҳо ва шакли ҷойивазкунии воситаҳои молиявӣ дар байни зинаҳои гуногуни он мебошад. Масалан, баъзе давлатҳо ҳаракати воситаро аз буҷети федералӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ ба воситаи буҷетҳои зинаи миллии хурд амалӣ менамоянд. Дар ин маврид буҷетҳои федералии хурд дар тақсими маблағҳо ягон хел нақши муҳимро иҷро намекунанд, ба ғайр аз он, ки миёнаравӣ аз даст ба даст додани маблағ мебошанд. Мисоли чунин тақсимкунии восита ба воситаи зинаҳои буҷети ИМА мебошад.

Дар мамлакатҳои дигар буҷети федералӣ ҳуқуқ дорад маблағро танҳо ба буҷети федералии хурд интиқол намояд, ки он дар навбати худ маблағро дар байни буҷетҳои маҳаллӣ тақсим менамояд.

Бояд қайд намуд, ки дар адабиёти илмӣ нисбати ҷой доштани муносибати байнибуҷетии мамлакатҳои ҷаҳон фикру ақидаҳои зиёди гуногун мавҷуданд, ки бо ҳам муқобил мебошанд. Лекин дар ҷараёни омӯзиш моделҳои ташкили муносибатҳои байни буҷетҳои зинаҳои гуногун муаллифон онҳоро ба модели федерализми буҷетӣ хос медонанд, ки онро маънои муносибатҳои тарафайни сохторҳои ҳокимияти болоӣ ва маҳаллӣ дар ҳамаи давраҳои ҷараёни буҷетӣ мефаҳманд.

Ба ҳамин тариқ, аксарияти муаллифон дар он ақидаанд, ки кадом модели федерализми буҷетӣ набошад ба ташкилкунандаи зерин асос ёфтааст:

Ба маҳдудгардонии аниқи ҷавобгарии буҷетӣ ва салоҳиятноки дар соҳаи хароҷоти байни ҳокимияти зинаҳои гуногун;

- Таъмини ҳар як зинаи ҳокимият ва сарчашмаҳои даромаде, ки барои амалисозии салоҳияти он кифоя бошад;
- Истифодаи механизми трансфертҳо бо мақсади ҳамворсозии номувозинатии вертикалӣ ва горизонталии буҷетҳои поёнӣ барои дар тамоми марзи давлат таъмин кардани стандарти хизматрасониҳои давлатӣ.

Вобаста ба таъсири байниҳамдигарии сохторҳои давлатии зинаҳои гуногун дар тамоми дунё чор намуди асосии моделҳои муносибати байнибуҷетӣ ҷой доранд:

1. Модели федерализми кооперативӣ ҳамкории марказ ва субъектҳои поёниро дар доираи сохтори федеративии давлат дар назар дорад. Хусусияти фарққунандаи федерализми кооперативӣ дар он аст, ки ҳаракати тарафайн, барҳамкории маркази федералӣ ва ҳокимияти минтақаҳо дар омӯзиши таҷрибаи якҷоя ва ба ҳамдигар мувофиққардаи иҷрои барномаҳои азими рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ асос ёфтааст. Идеяи «Гуногуншакли дар ягонагӣ» маънои натанҳо рақобати байни зинаҳои ҳокимияти давлатиро дорад, балки аз будани замина барои бурдани сиёсати якҷоя шаҳодат медиҳад.

Масалан, дар Олмон федератсия ва минтақа ва худи минтақаҳо барои иҷрои супориши давлатӣ вазифаҳоро байни худ мутобиқат менамоянд. Лекин, яке аз нуқтаҳои манфии мутобиқати федералӣ, норавшании қарори аз тарафи сохторҳои марказӣ қабул карда шаванда, аз тарафи федератсия сахт маҳдудсозии мустақилияти молиявии мақомотҳои зинаи поёнӣ мебошад.

2. Модели федерализми идеалӣ (дуалистӣ)-дар асл ҳамчун модели дар амал истифодашаванда мавҷуд нест.

Хусусияти хоси ин модел дар он аст, ки ҳуқуқи ваколатнокии давлатӣ дар байни ду сатҳи давлатии мустақил ва баробарҳуқуқ аниқ тақсим карда шудааст, чунки дуализм маънои мавҷуд будани ду зинаи федерализми мустақилу баробарҳуқуқро дорад. Дар чунин шароит зарурияти ҳамкорӣ барҳам мехурад, чунки ҳар як зинаи давлат барои қонунҳои қабулкарда ва истифодаи онҳо ҷавобгар мебошад. Фарқи дигари модели федерализмӣ-идеалӣ дар тақсим будани ваколати молиявии байни зинаҳои ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Ҳар як зинаи давлат сарчашмаи даромади худро дорост, аз он ҷумла андозе, ки хароҷотҳои онро мепӯшонанд. Ягон субъекти иқтисодӣ муҳоҷи дастгирии молиявии федератсия ё субъекти дигарро надорад. Модели федерализми дуалистӣ модели ниҳоят иделӣ буда, барои мубоҳиса оид ба федерализм, аз он ҷумла ислоҳоти низоми федералӣ муҳим мебошад, чунки ин модел танҳо барои давлатдории типи федералӣ хос мебошад.

3. Модели федерализми дохили давлатӣ (вобастасозии) бо тақсимкунии ваколати зинаҳои давлатӣ вобаста ба тарзи давлатдорӣ харатернок мебошад. Дар ин модел, ҳамаи ваколати қонунгузорӣ ба
салоҳияти марказ хос буда, иҷрои он қонунҳо бе чуну чаро ба салоҳияти субъектҳои федератсия мансуб мебошад.

4. Модели федерализми байнидавлатии ҷудокунанда. Хусусияти хоси модели мазкур ҷудокунии салоҳияти байни зинаҳои давлат оид ба супоришҳои давлатӣ ва соҳаи сиёсат мебошад. Дар ин ҳолат ҳар яке аз зинаҳои ҳокимияти давлатӣ дорандаи ваколати муайяни қонунгузорӣ ва иҷроия мебошанд. Бояд қайд намуд, ки ягон низоми федералӣ дар давоми давраи зиёди вақт бе таъғйирот наемонад-мувозинати ҳокимият бо навбат гоҳ ба сӯи марказ, гоҳ ба сӯи субъектҳои федератсия иваз шуда меистад, чунки федерализм низоми вобаста ба шароити дигаргуншавии сохти сиёсии ҷамъият мебошад.

Дар аксарияти мамлакатҳои хориҷӣ дар тафриқа аз ИМА андозҳои маҳаллӣ сарчашмаи асосии буҷетҳои маҳаллӣ шуда наметавонанд. Сарчашмаи асосии барпокунии буҷетҳои маҳаллӣ дар аксарияти мамлакатҳои Аврупо ҳиссаҷудокуниҳо дар шаклҳои гуногун ба ҳисоб мераванд. Ҳиссаҷудокуниҳоро ба ду категорияи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст:

якум-субсидияҳои мақсаднок;

дуюм-андозҳои ҳиссагӣ.

Андозҳои ҳиссагӣ васеъ истифода бурда мешаванд, дар он мамлакатҳое, ки мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ дар амал имконияти таъсир расонидан ба меъёри андозҳоро надоранд. Дар ИМА сатҳи баланди таъмини даромади буҷет ба таври мухторӣ дар сохторҳои хурди миллӣ чи дар қисми хароҷоти воситаҳои буҷетӣ ва чи дар қисми барпокунии сарчашмаҳои даромади буҷетҳо ба назар мерасад. Конститусияи ИМА танҳо ба ҳукумати штатҳо ва минтақаҳо ҳуқуқи андозҳои худиро додааст. Сохторҳои ҳукумати маҳаллӣ ҳуқуқи ҷорисозӣва ғункунии андозҳоро дар натиҷаи ваколати сохторҳои ҳукумати штатҳо пайдо менамояд. Ба ҳамин тариқ дар мамлакат ба маҳдудсозии аниқи андозҳо ба зинаҳои идоракунӣ диққати аввалиндараҷа дода шуда, дар як вақт нисбати андозҳои федералӣ ва минтақавӣ иловакуниҳо васеъ истифода бурда мешаванд.

Дар ИМА ба воситаи субсидия, субвенсия ва дотатсия ҳукумат метавонад ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мақомотҳои маҳаллӣ таъсири мусбат расонад, баробарсозии байнибуҷетӣ дар ИМА яке аз шаклҳои мураккаби грантҳои буҷетӣ ба ҳисоб меравад, ки он ба буҷетҳои зинаҳои гуногун ҷудо карда мешавад. Ба буҷетҳои поёнӣ кӯмаки молиявии чи мақсаднок ва чи бе ягон шарт пешниҳод карда мешавад.

Модели Олмонӣ ба баробарсозии қобилияти андозии ноҳияҳои федералӣ, ҳамчун омили асосии ҳамвор кардани номутаносибии горизонталиву буҷетӣ-андозӣ, мавқеи муайян дорад.

Модели мазкури баробарсозии молиявӣ ба воситаи: аз навтақсимкунии воридотии ААИ ва мувофиқи қоида додани танҳо трансфертҳо амалӣ карда мешавад. Муносибатҳои байнибуҷетӣ ба андозҳои «умумӣ» асос ёфтааст, ки маблағи воридгаштаи онҳо дар байни ҳамаи зинаҳои он тақсим карда мешавад. Дар ин ҷо як қисми азнавтақсимкунии онҳо чунин

ташкил карда мешавад, ки фарқияти байни ноҳияҳои «бой» ва «камбағал» кам карда шавад. Кӯмаки молиявии бевосита аз буҷетҳои болоӣ нисбатан калон нестанд. Лекин барномаҳои рушди минтақавии сершумор ва ниҳоят бузурги федералӣ ва муштарак мавҷуданд, ки ҳамчун механизми дастгирии молиявии рушдиифтисодӣ-иҷтимоии минтақа хизмат менамоянд. Ниҳоят бузургии модели Олмонии ташкили муносибатҳои байнибуҷетии марказ бо минтақаҳо дар самаранокии истифодаи олотҳои он мебошад.


Модели канадагии ташкили муносибатҳои байнибуҷетӣ ба истифодаи унсурҳои моделҳои америкоӣ ва олмонӣ асос ёфтааст, ки онҳо аз ҷониби мо дар алоҳидагӣ таҳлил гардида ва дар охир хулосаҳо бароварда мешаванд. Дар Канада мувофиқи модели он андозҳои батанзимдарории буҷетӣ истифода бурда намешаванд. Бинобар он, ба ақидаи мо модели канадагӣ барои Тоҷикистон мисол шуда наметавонад.

Модели дигар, модели унитарӣ (ягона) барои мамлакатҳое хос мебошад, ки нақшаи баробарсозии молиявии муносибати байни марказ ва минтақаҳоро фаъолона истифода мебаранд.

Баробарсозии трансфертҳо мувофиқи ин модел ҳамчун фарқи байни талаботи молиявии заминавӣ ва даромади молиявии заминавӣ муайян карда мешаванд, ки ин барои Тоҷикистон маълум аст.

Барои мисол гурӯҳбандии моделҳои муносибатҳои байнибуҷетӣ ва таркиби онҳоро аз рӯи аломатҳои алоҳида дар мамлакатҳои гуногуни дунё дар нақшаи №1нигаред.

моделҳои муносибатҳои байнибуҷетӣ дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон*



Ҷумҳурии халқии Чин - давлати ягона, ки дар он мувофиқи Конститутсия сохторҳои давлатӣ аз рӯи принсипи демократияи марказонидашуда амал менамоянд маҳдудгардонии ваколати сохторҳои давлатии марказӣ ва маҳаллӣ дар асоси принсипи рушди ҳаматарафаи ташабус ва фаъолият дар маҳалҳо бо роҳбарии ягонаи марказ ба роҳбарӣ гирифта мешавад.

Мамлакат ба 34-ташкилотҳои маъмурии дараҷаи музофотӣ, 23-музофот (бо назардошти Тайван-и мустақил), 5-ноҳияи мухторӣ, 4-шаҳри тобеи марказ, 2-ноҳияи махсуси маъмурӣ (Санга, Гонконг)-иборат аст.

Тақсимкунии мушаххаси сарчашмаҳои даромад ва уҳдадориҳои хароҷотӣ дар баробари ин андозаи трансфертҳои буҷетӣ на аз тарафи парламент балки аз тарафи Шӯрои Давлатӣ (ҳукумати ҶХҶ) тақсим карда мешавад. Қонун дар бораи ҳукумати ҶХҶ буҷети ҳар як зинаи низоми буҷетиро ҳамчун буҷети муттаҳидаи ҳамон маҳал ва буҷетҳои поёнӣ меҳисобад. Ваколати буҷетии ҳокимияти ҳар як зина табиатан аз марказ сар карда на танҳо ба буҷети худии ҳамон воҳиди маъмурӣ-масоҳавӣ даҳолат менамояд, балки боз имкониятҳои васеи назорати

буҷетҳои поёниро дорад ва ба онҳо дар тамоми ҷараёни буҷетӣ таъсир менамояд, то ҳамон замоне, ки қарори сохторҳои поёнии давлатии поёнӣ бекор ё аз эътибор соқит карда нашавад. Дар ҶХҶ дар айни замон намудҳои зерини трансфертҳои буҷетӣ истифода бурда мешаванд: трансфертҳое, ки бо баргардондан маблағи андозҳои дар маҳаллаи муайян ғундошта шудаанд; трансфертҳои таъиноти умумидошта (барои баробарсозии таъминоти буҷетӣ); трансфертҳои таъиноти махсусдошта (маблағгузории хароҷотҳои алоҳида).

Қайд намудан зарур аст, ки дар ҶХҶ ба ғайр аз буҷетҳои марказӣ ва маҳаллӣ ба низоми ягонаи буҷетӣ боз фондҳои ғайрибуҷетии марказӣ ва маҳаллӣ; суратҳисобҳои баҳисобгирии даромад ва хароҷотҳои асосии марказӣ ва маҳаллӣ; фонди миллии таъминоти иҷтимоӣ шомиланд.

Модели россиягии муносибатҳои байнибуҷетӣ-яке аз моделҳое мебошад, ки дар натиҷаи омӯзиши асосҳои қонуни таҳлили таҷрибаи ташкили ин амалиёт дар тамоми минтақаҳои қаламрави мамлакат хулосабардорӣ намуда, ба ҳаёт тадбиқ гардидааст, ки бо моделҳои мамлакатҳои дигари дунё муқоисашаванда мебошад.

Мувофиқи кодекси буҷети федератсияи Россия ҳар як субъекти федератсия буҷети худиро соҳиб мебошад, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳои хароҷоти субъекти додашуда пешбинӣ гардидааст. Кодекси буҷетӣ барои фаъолияти мунтазами ҳамаи зинаҳои буҷетӣ риояи шартҳои зеринро муқаррар намудааст:

- баробарҳуқуқии субъектҳои федератсияи Россия дар муносибати байнибуҷетӣ бо маркази федералӣ;
- мустақилии буҷетҳои ҳамаи зинаҳо;
- бо роҳи қонунгузорӣ маҳдуд намудани ҷавобгарии буҷетӣ ва ваколати хароҷотии байни сохторҳои давлатӣ ва идоракунии зинаҳои гуногун;
- мувофиқати манбаъҳои молиявии ҳар як зинаи низоми буҷетӣ бо вазифаҳои ба онҳо вобаста карда шуда;
- механизми дастгирии молиявии минтақаҳо.

Дар ин ҷода хубтару беҳтар мебуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти рушди имкониятҳои мавҷуда ва хусусиятҳои хосси масоҳат, шароитҳои табиию иқлимӣ, обу ҳаво, ҷойгиршавии соҳаҳои иқтисодиёт, нақлиёту коммуникатсия, демография ва дигарҳо метавонад таҷрибаи пешқадами давлатҳои дар боло номбаршударо гирифта, ба тариқи таҷриба (эксперемент) дар мисоли вилояти Хатлон санҷад ва дар ҳолати гирифтани натиҷаи мусбат онро истифода бурда, як модели мукаммали ҳозиразамони муносибатҳои байнибуҷетии худро ихтироъ ва амалӣ намояд.

Адабиёт

1. Громова Н.М., Михалкина Т.К. Формирование межбюджетных отношений на региональном уровне // Н.М. Громова, Т.К. Михалкина //Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. -2009. -№5. С.46-50

2. Кадыров Д.Б., Шодиева Т.Г. Региональная экономика и управление// Д.Б. Кадыров, Т.Г. Шодиева // Учебник. – Душанбе: «Деваштич», 2002. – 260 с.

3. Каримова М.Т. Региональная политика: проблемы и перспективы в Таджикистане. / М.Т. Каримова. – Душанбе. Ирфон, 2014. – 204с

4. Қонуни ҶТ «Дар бораи молияи давлатӣ». Душанбе, *28 июни соли 2011, - №723*

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ» дар солҳои 2018-2019. аз 16 ноябри соли 2017, №1469 –Душанбе, 2019.

6. Лишин М.В. Становление системы межбюджетных отношений: история и современное состояние // М.В. Лишин// Теория и практика общественного развития. 2010. -№01. С.323-326.

7.Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 2018 // Омори солонаи Ҷумхурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – С.324.

ИҚТИСОДИ САБЗ ВА РУШДИ УСТУВОР ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шерматов Ғуломҷон Раҷабович- ассистенти кафедраи низоми иттилооти иноватсиони дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе. 919229531

Раҳимов Шодмон Шодиебекович – ассистенти кафедраи идораи давлати ва маҳалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе. 009666609

Фаррухи Маҳмадисо Табарзода - ассистенти кафедраи низоми иттилооти иноватсиони дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе.

Консепсияи иқтисоди сабз хеле баҳснок буда, муаммоҳои он аз ҷониби шумораи зиёди олимони кишварҳои гуногуни ҷаҳон пазируфта шудаанд. Таъкид шудааст, ки таблиғи ғояи иқтисоди сабз дар тамоми минтақаҳо дар заминаи навоварӣ имконпазир аст, ки ин лоиҳаҳоро метавон харид ва ё мустақилона ба даст оварад. Имрӯз иқтисоди сабз ҳамчун заминаи рушди устувор баррасӣ карда мешавад, ки технологиҳои инноватсионии сабз воситаҳои асосии он ба ҳисоб мераванд. Ин технологияҳо ба сарфаи энергия ва захираҳо, коҳиши партовҳои карбон, нақлиёти тоза, манбаъҳои алтернативии энергия, кишоварзии органикӣ ва рушди экологӣ асос ёфтааст. Аз ҳамин лиҳоз тамоми ҳукуматҳо ва соҳибкорон инчунин истеъмолкунандагони ҷаҳон стратегияи иқтисоди сабзро қабул кардаан.

Калидвожаҳо:иқтисоди сабз, технологияи сабз, тағийрёбии иқлим, консепсияи сабз, камбизотӣ, сарфаи энергия, сармияи инсонӣ.

ЗЕЛЕНАЯ ЭКОНОМИКА И УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Шерматов Гуломжон Раджабович - ассистент кафедры инновационных информационных систем в экономике, Таджикский государственный финансово-экономический университет, Республика Таджикистан, Душанбе. 919229531

Рахимов Шодмон Шодиебекович - ассистент кафедры государственного и местного управления, Таджикский государственный финансово-экономический университет, Республика Таджикистан, Душанбе. 009666609

Фаррухи Махмадисо Табарзода - ассистент кафедры инновационных информационных систем в экономике, Таджикский государственный финансово-экономический университет, Республика Таджикистан, Душанбе.

Концепция зеленой экономики очень противоречива, и ее проблемы были приняты большим количеством ученых со всего мира. Было отмечено, что продвижение идеи зеленой экономики во всех регионах возможно на основе инноваций, которые можно приобрести или приобрести самостоятельно. Сегодня зеленая экономика рассматривается как основа устойчивого развития, где инновационные зеленые технологии являются основными инструментами. Эти технологии основаны на сохранении энергии и ресурсов, сокращении выбросов углерода, экологически чистом транспорте, альтернативных источниках энергии, органическом сельском хозяйстве и развитии окружающей среды. Вот почему все правительства и предприятия, а также потребители во всем мире приняли стратегию зеленой экономики.

Ключевые слова: зеленая экономика, зеленые технологии, изменение климата, зеленая концепция, бедность, энергосбережение, человеческий капитал.

GREEN ECONOMY AND SUSTAINABLE DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Shermatov Gulomjon Rajabovich - Assistant Professor of the Department of Innovative Information Systems in Economics, Tajik State University of Finance and Economics. Republic of Tajikistan, Dushanbe. 919229531

Rahimov Shodmon Shodiebekovich - Assistant Professor of the Department of State and Local Administration, Tajik State University of Finance and Economics. Republic of Tajikistan, Dushanbe. 009666609

Farrukhi Mahmadiso Tabarzoda - Assistant Professor of the Department of Innovative Information Systems in Economics, Tajik State University of Finance and Economics. Republic of Tajikistan, Dushanbe.

The concept of a green economy is highly controversial, and its problems have been accepted by a large number of scientists from around the world. It was noted that it is possible to promote the idea of a green economy in all regions on the basis of innovation, which can be purchased or acquired independently. Today, the green economy is considered as a basis for sustainable development, where innovative green technologies are the main tools. These technologies are based on energy and resource conservation, carbon emissions reduction, clean transport, alternative energy sources, organic agriculture and environmental development. That is why all governments and businesses as well as consumers around the world have adopted a green economy strategy.

Key words: green economy, green technology, climate change, green concept, poverty, energy saving, human capital.

Консепсияи иқтисоди сабз хеле баҳснок буда, муаммоҳои он аз ҷониби шумораи зиёди олимони кишварҳои гуногуни ҷаҳон пазируфта шудаанд. Таъкид шудааст, ки таблиғи ғояи иқтисоди сабз дар тамоми минтақаҳо дар заминаи навоварӣ имконпазир аст, ки ин лоиҳаҳоро метавон харид ва ё мустақилона ба даст оварда. Имрӯз иқтисоди сабз ҳамчун заминаи рушди устувор баррасӣ карда мешавад, ки технологиҳои инноватсионии сабз воситаҳои асосии он ба ҳисоб мераванд. Ин технологияҳо ба сарфаи энергия ва захираҳо, коҳиши партовҳои карбон, нақлиёти тоза, манбаъҳои алтернативии энергия, кишоварзии органикӣ ва рушди экологӣ асос ёфтааст. Аз ҳамин лиҳоз тамоми ҳукуматҳо ва соҳибкорон инчунин истеъмолкунандагони ҷаҳон стратегияи иқтисоди сабзро қабул кардаан.

Солҳои охир дар Тоҷикистон таҳаввулоти воқеии иттилоот дар робита ба иқтисоди сабз ба чашм мерасад. Мафҳуми иқтисоди сабз аз бисёр нарияҳо таркиб ёфтааст. Масалан, консепсияи WWF барои сайёраи зинда, ки он аз тарафи М.Вакернигел таҳия шудааст. Вазифаи асосии ин консепсия барои кам кардани истеъмоли барзиёд, исрофкоронаи захираҳо коҳиш додани партовҳо ва коҳиш додани таъсири экологӣ пешбини шудааст, ба сатҳи рушди устувор наздик шавад.

Иқтисоди сабз таърифҳои гуногунро дар бар мегирад, ки яке аз онҳо аз тарафи СММ пешниҳод гардидааст, ки чунин аст. Иқтисоди сабз иқтисодиётест, ки фоидаи дарозмуддат ва беҳбудии некуаҳволии мардум ва инчунин таъмини адолати иҷтимоиро дар бар мегирад.

Аз нуқтаи назари Б.Н.Порфирьев иқтисодиёти сазб як намуди фаъолияти иқтисодиест, ки дар заминаи навсозӣ ва афзоиш додани маҳсулнокии истеҳсол , беҳтар шудани сифати зиндагӣ ва муҳити зист ба вуҷуд меояд.

Дар бораи натиҷаҳои BRICS соли 2013 дар Африқои Ҷанубӣ В.Путин гуфта буд, “Ин рамзест, ки дар тамоми кишварҳои ҷаҳон диққати махсус на танҳо ба суръат балки ба сифати рушди иқтисодӣ дода шавад. Ин гузариш ба стандартҳои аз ҳама серталаб ва аз ҳама пешрафтаи экологӣ оварда мерасонад. Дар баробари ин қайд намуданд, ки маблағгузории лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи иқтисодиёти сабз аз ҷумла ҷори намудани технологияҳои камасрафро ба инобат гирем.

Аз баски санадҳо ба имзо расидаанд, вале иқдомҳои воқеи қариб ба даст намеоянд, зеро дар пешбурди ғояҳои рушди устувор ва иқтисоди сабз дар кишвар ҳеҷ гуна муваффақият нест.Инчунин бояд дар назар гирифт, ки маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза дастраси ҳама истеъмолкунандагон нест(махсусан дар минтақаҳои Тоҷикистон).

Дар бораи дурнамои иқтисоди сабз сухан гуфта, ба масъалаҳои "хунуккунӣ"-и идеалҳои намояндагони соҳибкорӣ ва доираҳои роҳбарикунандаи бисёр кишварҳои пешрафта сухан рондан ғайриимкон аст. Вазири молияи Олмон дар соли ба вазирони молияи АИ дар Брюссел аз

хатари иқтисоди сабз барои бозори меҳнат нигарони намуд. Ба ақидаи ӯ, афзоиши энергияи барқароршаванда метавонад ҷойҳои кориро коҳиш диҳад. Ғайр аз ин, бояд дар хотир дошт, ки на ҳама корхонаҳо ва технологияҳои сабз воқеан аз ҷиҳати экологӣ маҳсулотҳои тозаро пешниҳод менамоянд.

Дар баробари ин иқтисоди сабз бояд, ки ба таъсиси ҷойҳои нави кори равона карда шавад, яъне бояд дар иқтисоди сабз шуғл афзоиш ёбад; дар соҳаи кишоварзӣ, ҷангал, энергетикӣ, нақлиёт ва дигар захираҳои барақароршаванда. Иқтисодиёти сабз аз ҷониби бисёриҳо бо сабаби хатари паст шудани даромади онҳо дар муддати кӯтоҳ қабул карда намешавад. Як қатор корхонаҳо метавонанд дар ҳолати зиёновар қарор гиранд - вақте ки хароҷот зиёд аст ва ба ҷои фоида талафот ба амал меоянд, ки дар натиҷа истеҳсолот қатъ карда мешавад. Як қатор ширкатҳо навовариҳои сабз ва сармоягузориҳои алоқамандро бори гарони молиявӣ ва яке аз сабабҳои болоравии нарх мешуморанд, ки чунин хавотирӣ ва нигарониҳои рушди иқтисоди сабзро на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми ҷаҳон бозмедоранд.Дар баробари ин, аксар минтақаҳои Тоҷикистон дар назди масъалаҳои фаврии рушд қарор доранд: ба ҳадди аққал расонидани таъсир ба табиат ва одамон, баланд бардоштани самаранокӣ дар истифодаи ашёи хом, тақвият додани инноватсияҳои экологӣ, истифодаи инфрасохтори аз ҷиҳати экологӣ номувофиқ, сифат ва шароити зисти аҳолӣ ва ғайра. Маълум аст, ки бидуни технологияҳои сабз, ки бисёр масъалаҳои иҷтимоиро ҳаллу фасл мекунанд, ташкили ҷойҳои кории дорои музди баланд ва суръат бахшидан ба рушди инноватсионии иқтисодиёт ғайриимкон аст.

Рушди устувор вобастагӣ ва пайванди байни се чузъро тақозо менамояд:

- иқтисодӣ;
- иҷтимоӣ;
- эколог;

Консепсияи иқтисоди сабз, ки дар ду даҳсолаи охир ташаккул ёфтааст, мувофиқати мутаносиби байни ин се ҷузъро таъмин мекунад, ки он ба тамоми гурӯҳҳои кишварҳои мутараққӣ, рӯ ба инкишоф ва кишварҳои дар давраи гузариш қарордошта бояд қобили қабул бошад.



Расми 1.Амсилаи технологияи сабз

Принсипҳои иқтисоди сабз, ки дар тамоми ҷаҳон қабул шудаанд чунинанд:

- адолат ва воқеият (объективият) ҳам дар доираи як насл ва ҳам байни наслҳо;
- мутобиқат бо принсипҳои рушди устувор;
- муносибати пешгирикунанда ба таъсири иҷтимоӣ ва таъсирот ба муҳити зист;
- арзёбии сармояи табиӣ ва иҷтимоӣ, ба монанди интернатсионалӣ намудани харочоти беруна, баҳисобгирии сабз, харочот дар тамоми мӯҳлати истифода ва беҳтар намудани идоракунӣ;
- истифодаи устувор ва самарабахши захираҳо, истеъмолот ва истеҳсолот;
- ниёз ба ноил шудан ба ҳадафҳои мавҷудаи макроиқтисодӣ тавассути таъсиси ҷойҳои кории сабз, аз байн бурдани камбизоатӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва рушди бахшҳои асосӣ;

Ҳамин тариқ, гузариш ба иқтисоди сабз яке аз ҳадафҳои асосии мамлакат ба ҳисоб меравад. Ҷонибдорони консепсияи иктисоди сабз боварӣ доранд, ки низоми иқтисодии имрӯз афзалиятдошта комил нест.

Ҳарчанд вай дар баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум дар маҷмӯъ, махсусан гурӯҳҳои алоҳидаи он натиҷаҳои муайян дод, вале оқибатҳои манфии фаъолияти ин система назаррас: ин масъалаҳои экологӣ (тағйирёбии иқлим, биёбоншавӣ, аз байн рафтани гуногунии биологӣ), коҳишёбии сармояи табиӣ, камбизоатӣ, норасоии оби тоза, хӯрок, энергия, нобаробарии мардум ва кишварҳо мебошад. Ҳамаи ин барои наслҳои имрӯза ва оянда бо хатарҳо таҳдид мекунад.

АДАБИЁТ

1. Лаврикова Ю.Г., Малыш Е.В. Зеленая экономика в кластерном развитии // Вестн. УрФУ. Серия «Экономика и управление». 2014

2. Кожевникова Т.М.,Тер-Акопов С.Г. «Зеленая экономика» как одно из направлений устойчивого развития // Социально-экономические явления и процессы. 2013

3. Яшалова Н.Н. «Зеленая» экономика как основа эколого-экономического устойчивого развития регионов // Вестн. УрФУ. Серия «Экономика и управление». 2013.

4. Хуторова Н.А. Экологическая модернизация – от теории к практике // Лесной вестник. 2013.

5. Маркази захиравии Орхуси ш.Душанбе-2017

6.Баутин В.М. «Зеленая» экономика как новая парадигма устойчивого развития // Изв. ТСХА. 2012.

7. Ануфриев В.Н., Ануфриева Е.И., Петрунько Л.А. Повышение конкурентоспособности регионов и предприятий за счет зеленой экономики (на примере Свердловской области) // Вестн. УрФУ. Серия «Экономика и управление». 2014.

8. Порфирьев Б.Н. «Зеленая» экономика: общемировые тенденции развития и перспективы // Вестн. Российской академии наук. 2012.

РАҚАМИКУНОНИИ СОҲАИ САНОАТИ ХӮРОКВОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: АФЗАЛИЯТ ВА ХАТАРҲО

Неъматов Илҳомидин Усмонович-номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент., мудири кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**.** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе.

Дар мақола масъалаҳои мубрами рақамикунонии соҳаи саноати хӯрокворӣ дар Тоҷикистон: афзалият ва хатарҳо дида баромада мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар мақола монеаҳо ва фароҳам овардани имкониятҳои нави рақамикунонии саноати хӯрокворӣ дар Тоҷикистон ва татбиқи чорабиниҳо возеҳ гардонида шудааст. Инчунин истифодаи воситаи Интернетӣ (IoT) доираи васеи татбиқҳоро дар саноати хӯрокворӣ ва IoT дар бахши саноати хӯрокворӣ оварда шудааст. Дар интиҳо хулосаҳои мушаххас оид ба рақамикунонии соҳаи саноати хӯрокворӣ ва тавсияҳо барои татбиқи он пешниҳод гардидааст.

Калидвожаҳо: рақамикунонӣ, Интернет, озуқаворӣ, амнияти хурокворӣ, саноати хӯрокворӣ, сенсорҳо.

ЦИФРОВИЗАЦИЯ ПИЩЕВОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В ТАДЖИКИСТАНЕ: ПРЕИМУЩЕСТВА И РИСКИ

Нематов Ильхомидин Усмонович - кандидат экономических наук, исполняющий обязанности доцента, заведующий кафедрой управления Таджикский государственный финансово-экономический университет. Республика Таджикистан, Душанбе.

В статье рассматриваются и анализируются актуальные вопросы цифровизации пищевой промышленности в Таджикистане: преимущества и риски. В статье уточняются препятствия и возможности цифровизации пищевой промышленности в Таджикистане и меры по её внедрению. Также представлен широкий спектр применения Интернета вещей (IoT) в пищевой промышленности и применение IoT в пищевой промышленности. В заключение приводятся конкретные выводы по цифровизации пищевой промышленности и рекомендации по её внедрению.

Ключевые слова: цифровизация, Интернет, продукты питания, безопасность пищевых продуктов, пищевая промышленность, датчики.

DIGITALIZATION OF THE FOOD INDUSTRY IN TAJIKISTAN: ADVANTAGES AND RISKS

Nematov Ilhomidin Usmonovich - Candidate of Economic Sciences, Acting Associate Professor, Head of the Management Department of the Tajik State University of Finance and Economics. Republic of Tajikistan, Dushanbe.

The article examines and analyzes the current issues of digitization of the food industry in Tajikistan: advantages and risks. The article clarifies the obstacles and opportunities for digitization of the food industry in Tajikistan and the implementation of measures. It also presents a wide range of applications of the Internet of Things (IoT) in the food industry and IoT in the food industry. Finally, specific conclusions are made on the digitization of the food industry and recommendations for its implementation.

Keywords: digitization, Internet, food, food safety, food industry, sensors.

Саноати хӯрокворӣ дар Тоҷикистон яке аз бахши асосии иқтисоди Тоҷикистон буда, маҳсулоти хӯроквории тайёр ё нимтайёр, нӯшокиҳои газдор ва машрубот истеҳсол мекунад. Саноати хӯрокворӣ ва коркард бахши низомсози иқтисоди кишвар ба ҳисоб меравад, ки бозори маҳсулоти агро-саноатиро ташаккул медиҳад ва амнияти хӯрокворӣ ва иқтисодиро дар доираи щадафщои стратегии мамлакат тақвият медиҳад. Мавриd ба қайд, ки саноати хӯроквории Тоҷикистон тақрибан 30 бахш ва зербахшҳои гуногунро дар бар мегирад.

Асосҳои онҳо: коркарди хӯрокворӣ, гӯшт ва шир, орд ва ғалладонагиҳо ва моҳӣ, инчунин истеҳсолоти маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ низ аз назар холӣ нест.

Монанди соҳаҳои дигар, он ба хатарҳои мушаххасе дучор мегардад, ки метавонанд ба сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ таъсир расонанд:

1. **Вобастагӣ аз молҳо ва ашёи хоми воридотӣ:** саноати хӯрокворӣ дар Тоҷикистон аз компонентҳо ва ашёи хоми воридотӣ зич вобаста аст. Ноустувории нархҳои ашёи хоми ҷаҳонӣ, қурби асъор ва тағйирот дар сиёсати хориҷӣ метавонанд ба устувории молиявӣ ва рақобатпазирии соҳа таъсири назаррас расонанд.
2. **Хароҷоти баланди тадқиқот ва рушд:** саноати коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ барои ихтирои моли нав ва такмил додани маҳсулоти мавҷуда ба таҳқиқот ва рушди пайваста ниёз дорад. Ин маблағгузории назаррасро ба таҳқиқот ва рушд талаб менамояд ва ширкатҳое, ки барои ин мақсад маблағи кофӣ ҷудо намекунанд, хатари қафо мондан ва аз даст додани бартарии рақобатии худро пеш меоранд.
3. **Дахолати давлатӣ ва равандҳои бюрократӣ:** қоидаҳои давлатӣ ва равандҳои мураккаби бюрократӣ метавонанд ба фаъолияти корхонаҳои коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла дастрасӣ ба қарз ва пешбурди бизнес, монеаи назаррас расонанд.

Вақтҳои охир, рақамикунонии соҳаҳои гуногун ба иқтисодиёт таъсири калон расонида истодааст. Рақамикунонӣ татбиқи технологияҳои муосири рақамӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва истеҳсолот мебошад. Рақамикунонӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ мафҳуми фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки ба технологияҳои рақамӣ, ки дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва истеҳсолот татбиқ мешаванд, асос ёфтааст. Саноати хӯрокворӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон фаъолона рушд карда, технологияҳои навро ҷорӣ ва аз навсозӣ карда истодааст. Ин раванд баъд аз қабули Консепсияи иқтисодиёти рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 30-юми декабри соли 2019, ки бо Қарори Ҳукумат тасдиқ гардид, суръат гирифт. **Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ** ба сохтани низоми рақамии иқтисоди миллӣ — ки дар он рақамикунонии саноати хӯрокворӣ ва агросаноат нақши муҳим дорад — ҳамчун як ҷузъи афзалиятнок назар мекунад. Он тавсеаи технологияҳои рақамӣ, беҳтар кардани хизматрасониҳои электронӣ, таъмини бехатарӣ, баланд бардоштани имкониятҳои бозор ва самаранокии истеҳсолро бо мақсади рушди устувори иқтисодиёт ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар назар мегирад.

Яке аз бартариҳои рақамикунонӣ дар саноати хӯрокворӣ қобилияти беҳсозии равандҳои тиҷоратӣ, автоматикунонии амалиёти истеҳсолӣ ва беҳтар кардани самаранокии амалиётӣ мебошад. Ин метавонад ба кам кардани хароҷот, афзоиши ҳосилнокӣ ва дар натиҷа беҳтар шудани фаъолияти молиявии корхонаҳо оварда расонад.

Рақамикунонии саноати хӯрокворӣ дар Тоҷикистон имкониятҳои нав фароҳам меорад, аммо хатарҳои муайянеро низ бо бор меорад. Баъзе аз хатарҳои марбут ба рақамикунонии саноати хӯрокворӣ дар ҶТ инҳоянд:

1. **Амнияти киберӣ:** истифодаи технологияҳои рақамии рушдёфтаистода дар равандҳои истеҳсолӣ, идоракунии маълумот ва нигоҳдорӣ метавонад осебпазирии корхонаҳоро ба ҳуҷумҳои киберӣ ва ҳакерӣ афзоиш диҳад. Ихроҷи маълумоти махфӣ ё вайроншавии системаи рақамӣ метавонад ба истеҳсолот ва эътимоди истеъмолкунандагон таъсири манфӣ расонад.
2. **Вобастагӣ аз технология:** рақамикунонӣ инвеститсияи назаррасро барои азнавсозии таҷҳизот, таъминоти барномавӣ ва омӯзиши кормандон талаб мекунад. Аммо, агар ширкатҳои саноати хӯрокворӣ аз ин технологияҳо аз ҳад зиёд вобаста гарданд, нокомӣ ё мушкилот дар система метавонад боиси қатъ шудани истеҳсолот ё аз даст додани маълумот гардад.
3. **Идоракунии маълумоти калон:** рақамикунонӣ имкон медиҳад, ки миқдори зиёди маълумот дар бораи истеҳсолот, таъминот, афзалиятҳои истеъмолкунандагон ва ғайра ҷамъоварӣ ва таҳлил карда шавад. Аммо, идоракунии дурусти ин маълумотҳо метавонад душвор бошад. Ҳифзи нокифояи маълумот ё таҳлили нодуруст метавонад ба хатогиҳо дар қабули қарорҳо оварда расонад ва ба истеҳсолот ё тиҷорат таъсири манфӣ

расонад.

4. **Тағйирёбии талаботи истеъмолкунандагон:** рақамикунонӣ ба истеъмолкунандагон имкон медиҳад, ки дар бораи маҳсулот, пайдоиш, сифат ва дигар хусусиятҳои онҳо маълумоти бештар ба даст оранд. Ин метавонад боиси тағйирот дар афзалиятҳо ва талаботи истеъмолкунандагон гардад.

5. **Вайрон гардидани махфияти маълумот:** вақте ки ширкатҳо маълумоти истеъмолкунандагонро ҷамъоварӣ ва нигоҳ медоранд, онҳо бо хатари шикастани системаи махфияти маълумот рӯбарӯ мешаванд. Ихроҷи маълумоти шахсӣ метавонад оқибатҳои ҳуқуқӣ дошта бошад ва ба обрӯи ширкат таъсири манфӣ расонад[3, С. 114 – 120].

Барои бартараф намудани ин хатарҳо дар заминаи рақамикунонии саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд ба амнияти киберӣ диққати зарурӣ дода шавад, ҳифзи боэътимоди маълумот таъмин карда шавад, ба омӯзиши кормандон сармоягузорӣ карда шавад ва сиёсат ва тартиботи мувофиқ таҳия карда шавад. Инчунин муҳим мебошад, ки тағйирот дар талаботи истеъмолкунандагонро назорат намуда, ба имконият ва тамоюлҳои нави технологӣ мутобиқ гардид.

Ҳамин тариқ, фаъолияти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонӣ якчанд хусусиятҳо ва хатарҳои хос дорад, ки метавонанд ба рушд ва муваффақияти ин бахш таъсир расонанд:

1. Вобастагӣ аз маҳсулот ва ашёи хоми воридотӣ;
2. Нотавонии мутобиқ гардидани саноати хӯррокворӣ дар шароити рақамикунонӣ;
3. Хароҷоти калон барои тадқиқот, коркард ва ҷоринамоии технологияҳои нав;
4. Пасткунии сатҳи кибер ҳуҷум;
5. Дахолати давлатӣ ва равандҳои бюрократӣ.

Барои идора ва кам кардани хатари вобастагӣ аз молҳо ва ашёи хоми воридотӣ дар саноати хӯроквории Тоҷикистон чораҳои зеринро андешидан зарур аст:

1. Рушди истеҳсолоти ватанӣ;
2. Васеънамоии манбаъҳои иловагии ашёи хом;
3. Ташкили таҳвилгарони ватанӣ;
4. Диверсификатсияи таҳвилгарон;
5. Баландбардории сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ;
6. Рушди ҳамкории байналмилалӣ;
7. Дастгирии таҳқиқотҳои илмӣ ва инноватсионӣ.

Умуман, равиши бисёрҷониба, аз ҷумла дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ, рушди манбаъҳои алтернативии ашёи хом, гуногунрангсозии таъминкунандагон ва беҳтар кардани сифати маҳсулот, ба идоракунӣ ва кам кардани хатари вобастагӣ ба воридот дар саноати хӯроквории Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

Барои идоракунӣ ва кам кардани хатари мутобиқ нашудан ба рақамикунонии саноати хӯрокворӣ, чораҳои зеринро андешидан мумкин аст:

1. Тадқиқотбарӣ ва таҳлил;
2. Омӯзиши ҳайат;
3. Инвеститсия ба технологияи рақамӣ;
4. Ҳамкорӣ бо ширкатҳои технологӣ;
5. Ҳамкорӣ ва мубодилаи таҷриба;
6. Чандирӣ ва мутобиқат.

Рақамикунонии саноати хӯрокворӣ равиши системавӣ ва рушди пайвастаро талаб мекунад. Татбиқи ин тадбирҳо ба идоракунӣ ва кам кардани хатари мутобиқшавӣ дар шароити рақамикунонӣ мусоидат намуда, рақобатпазирӣ ва муваффақияти корхонаҳои саноати хӯрокворро таъмин мекунад[4, С. 168-178].

Яке аз усулҳо кам кардани хатари мутобиқ нагардидан дар заминаи рақамикунонии саноати хӯрокворӣ истифодаи воситаҳои Интернетӣ (IoT) мебошад.

Яке аз воситаи Интернетӣ (IoT) системаест, ки дастгоҳҳоро ба шабакаи компютерӣ пайваст мекунад ва ба онҳо имкон медиҳад, ки маълумотро тавассути нармафзор, барномаҳо ё замимаҳо ҷамъоварӣ, таҳлил, коркард ва ба дигар объектҳо интиқол диҳанд.

IoT ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки раванди истеҳсолот ё бизнесро автоматӣ ва хароҷоти

меҳнатро кам кунанд. Инчунин ҳаҷми партовро кам карда, сифати хизматрасониро беҳтар, раванди истеҳсолӣ ва логистикаро самарнок мегардонад[2, С. 31-34].

Воситаи Интернетӣ (IoT) доираи васеи татбиқҳоро дар саноати хӯрокворӣ дорад. Дар ин ҷо чанд мисоли истифодаи IoT дар бахши саноати хӯрокворӣ оварда шудааст:

1. **Мониторинги шароити нигоҳдорӣ:** Сенсорҳои IoT-ро метавон дар таҷҳизоти яхдон ва контейнерҳо барои назорат кардани ҳарорат, намӣ ва дигар параметрҳои таҷҳизот (бино) насб кард.
2. **Идоракунии равандҳои истеҳсолӣ:** Дастгоҳҳо ва сенсорҳои IoT-ро метавон дар таҷҳизот ва мошинҳо барои назорат кардани амалиёт ва беҳсозии равандҳои истеҳсолӣ насб намуд.
3. **Пайгирии маҳсулот:** IoT-ро метавон барои пайгирии ҳаракати маҳсулот дар тамоми занҷираи таъминот, аз таъминкунанда то истеъмолкунанда, истифода бурд.
4. **Беҳтар кардани сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ**: Сенсорҳои IoT-ро метавон барои назорат кардани сифат ва бехатарии хӯрок истифода бурд.

Хулоса корхонаҳои саноати хӯрокворӣ одатан маҳсулоти зудвайроншавандаро коркард мекунанд, аз ин рӯ истифодаи сенсорҳои IoT, ки дар таҷҳизоти яхдон ва зарфҳо насб карда шудаанд, барои назорат кардани ҳарорат, намӣ ва дигар параметрҳои муҳити нигоҳдории маҳсулот хеле муфид хоҳад буд. Ин имкон медиҳад, ки аз вайроншавии таҷҳизот тавассути таъмири саривақтии онҳо пешгирӣ намуда ва дар натиҷа, назорати пурратарро бар мӯҳлати истифода таъмин намуд [1, С. 1613-1624].

Ҳамин тариқ, дар шароити номуайянии геополитикӣ ва иқтисодӣ, омилҳо ва сабабҳои хатарҳои молиявӣ, технологӣ барои корхонаҳои саноати хӯрокворӣ аз шароити беруна ба таври назаррас вобастаанд. Аз ин рӯ, зуд мутобиқ намудани фаъолияти корхонаҳои истеҳсоли молҳои саноатӣ ба шароити дигаргуниҳои технологӣ, рушди зеҳни сунъӣ ва автоматикунонӣ метавонад ҳамқадамӣ ва рақобатпазирии корхонаҳои хӯрокворирo таъмин намояд.

Адабиёт

1.Гербер Ю.Б., Балко С.В., Якушев А.А. Цифровой формат развития пищевой промышленности в современных экономических условиях // Экономика, предпринимательство и право. - 2022. - Том 12. - № 5. - С. 1613-1624.

2.Таразанова, К. А. Риски предприятий пищевой промышленности при реализации процесса импортозамещения в Российской Федерации / К. А. Таразанова — Текст: непосредственный // Достижения науки и образования. — 2022. — № 11(65). — С. 31-34.

3.Хамидов А.Х., Астамбекзода Ф. Ремесленничества как неформальный сектор в сфере промышленности // Паёми политехникӣ. Бахши Интеллект, Инноватсия, Инвеститсия. – Душанбе. 2024. №2(66). Стр. 114 – 120. УДК 68. ISSN 2520-2235.

4.Хамидов А.Х., Назарамонова Д.М. Масъалаҳои таъмини амнияти озуқавории мамлакат // «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ»: – Душанбе. 2025. №6. Стр. 168-178 ТДУ: 338.439 ISSN 2413-5151

ПАРДОХТҲОИ ГУМРУКӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАШАККУЛИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВИИ ДАВЛАТ

Сабринаи С. - магистри курси 2-юми ихтисоси идораи давлатӣ ва иқтисодиёти шуъбаи магистратураи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе.

Дар мақолаи мазкур моҳияти мафҳуми пардохтҳои гумрукӣ кушода шуда, гурӯҳҳои меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ нишон дода шудааст. Имтиёзҳо барои боҷҳои гумрукӣ ва андоз ҳангоми содироту воридоти молҳо муайян карда шудаанд. Таъкид шудааст, ки маблағи умумии боҷҳои гумрукӣ ва андоз нисбати моли ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда наметавонад аз маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андозе, ки бояд супорида шаванд, зиёд бошад. Муаллиф қайд кардааст, ки барои афзун намудани ҳаҷми воридоти пардохтҳои гумрукӣ ба буҷети давлатӣ бояд заминаҳои меъёрию ҳуқуқии амалиётҳои содиротию воридотӣ хеле сода карда шуда, субъектҳои фаъолияти иқтисодии берунӣ ҳангоми содироту воридот бояд ба монеаҳои қонунгузорӣ дучор нашаванд.

Калидвожаҳо: пардохтҳои гумрукӣ, боҷи гумрукӣ, андоз аз арзиши иловашуда, аксиз, меъри адвалорӣ, буҷети давлатӣ, меъёри махсус.

ТАМОЖЕННЫЕ ПЛАТЕЖИ КАК ИСТОЧНИК ФОРМИРОВАНИЯ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ФИНАНСОВЫХ РЕСУРСОВ

Сабринаи С. - магистр 2 курса специальности государственное управление и экономика отдела магистратуры Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Республика Таджикистан, Душанбе.

В данной статье раскрывается сущность понятия таможенных платежей, а также показаны группы ставок таможенных пошлин. Определены льготы по таможенным пошлинам, налогам при экспорте и импорте товаров. Подчеркнуто, что общая сумма таможенных пошлин, налогов на товары, ввозимые на таможенную территорию Республики Таджикистан, не может превышать сумму таможенных пошлин, налогов, подлежащую уплате. Автор отметил, что для увеличения суммы таможенных платежей в государственный бюджет необходимо значительно упростить нормативно-правовую базу экспортно-импортных операций, а субъекты внешнеэкономической деятельности не должны сталкиваться с законодательными препятствиями при экспорте и импорте.

Ключевые слова: таможенные платежи, таможенная пошлина, налог на добавленную стоимость, акциз, адвалорная ставка, государственный бюджет, специальная ставка.

CUSTOMS PAYMENTS AS A SOURCE FORMATION OF STATE FINANCIAL RESOURCES

Sabrina S. - 2nd year master of the specialty public administration and economics of the master's department of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Republic of Tajikistan, Dushanbe.

This article reveals the essence of the concept of customs duties, and also shows groups of customs duty rates. Benefits on customs duties and taxes for the export and import of goods have been determined. It is emphasized that the total amount of customs duties and taxes on goods imported into the customs territory of the Republic of Tajikistan cannot exceed the amount of customs duties and taxes payable. The author noted that in order to increase the amount of customs payments to the state budget, it is necessary to significantly simplify the regulatory framework for export-import operations, and subjects of foreign economic activity should not face legislative obstacles when exporting and importing.

Keywords: customs payments, customs duty, value added tax, excise tax, ad valorem rate, state budget, special rate.

Яке аз масъалаҳои муҳимми рушди фаъолияти иқтисодии берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст ва самаранок истифода бурдани имкониятҳои худ дар ҷараёни ҳамгироии иқтисодӣ ба шумор меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ сиёсати дарҳои кушодро ба роҳ монда, барои рушди босуботи тиҷоратӣ-иқтисодӣ чорабиниҳои мушаххаси самаранок меандешад. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон узви якчанд созмону иттиҳодияҳои молиявии байналхалкӣ мебошад. Яке аз самтҳои ҳамгироии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудан ба Иттиҳоди ягонаи гумрукӣ ба шумор меравад. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон номзад ба узвияти ин иттиҳод буда, дар ин самт масъалаҳои гуногуни иқтисодӣ-иҷтимоӣ мавҷуд аст. Ҳамин тариқ, масъалаи таҳлил ва муайян намудани самтҳои беҳтарсозӣ ва афзун кардани ҳаҷми пардохтҳои гумрукӣ дар ташаккули даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯза аҳамияти зиёди илмӣ ва амалӣ пайдо кардааст.

Қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои вобаста ба фаъолияти гумрукӣ, аз ҷумла муносибатҳои муқаррар намудани тартиби интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ, муносибатҳоеро, ки дар ҷараёни барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукӣ ба миён меоянд, шикоят нисбати санад, амали (беамалии) мақомоти гумрук ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин муносибатҳо оид ба муқаррар намудан ва татбиқи низоми гумрукӣ, муайян, татбиқ намудан, тағйир додан ва ситонидани пардохтҳои гумрукиро танзим менамояд.

Яке аз марҳилаҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодии давлатҳо таъсиси иттиҳоди гумрукӣ мебошад. Иттифоқи гумрукӣ ин созишномаи ду ё зиёда давлат оиди барҳамдиҳии боҷҳои гумрукӣ дар тиҷорати байни давлатҳои ин иттиҳод мебошад. Мувофиқи моддаи XIV-и Ташкилоти Умумичахонии Савдо иттиҳоди гумрукӣ ивазкунии якчанд ҳудуди гумрукиро бо ҳудуди ягона пешбинӣ мекунад, ки дар натиҷа ҳамаи боҷҳои гумрукӣ дар дохили иттиҳоди гумрукӣ барҳам дода мешавад ва тарифи ягонаи гумрукӣ нисбати давлатҳои сеюм ҷорӣ мегардад [3, с.22].

Ҳамин тавр, иттиҳоди гумрукӣ дар доираи ҳамгироии тиҷоратӣ бе боҷи мол ва хадамот ташкил карда мешавад ва инчунин ҳаракати озоди молҳо дар дохили иттиҳод пешбинӣ карда мешавад. Фарқи иттиҳоди гумрукӣ аз минтакаи озоди тиҷоратӣ дар он аст, ки дар минтакаи озоди тиҷоратӣ бекоркунии пайдарҳами боҷҳои гумрукӣ ва маҳдудиятҳои ғайритарифӣ пешбинӣ шуда, иттиҳоди гумрукӣ бошад, тиҷорати бе боҷ ва дохил кардани тарифи ягонаи гумрукиро нисбати давлатҳои сеюм пешбинӣ менамояд. Иттиҳоди гумрукӣ шакли ҳамгироии тиҷоратӣ-иқтисодиест, ҳудуди ягонаи гумрукиро барои тиҷорати манфиатноки тарафайни давлатҳои аъзо, бе пардохти гумрукӣ, дар бар мегирад.

Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи молияи давлатӣ он аст, ки ҳамаи кӯшишҳо барои тақвияти ҷамъоварии андозҳо ва боҷи гумрукӣ бомуваффақият ба итмом расонида шавад. Муваффақият дар соҳаи андозбандӣ ва ҷамъоварии боҷи гумрукӣ имкон медиҳад маблағгузорӣ барои рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт бештар карда шавад [6, с.210].

Ҷараёни такмили сиёсати андоз, гумрук ва буҷет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи минбаъд беҳтар намудани раванди ҳамгироии иқтисодӣ, татбиқи нақшавии Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030, тақвияти устуворӣ, боэътимодӣ, пуррагӣ ва шафофияти буҷет, такмили низоми андозбандӣ, беҳтар намудани маъмуригардонии андозӣ, ташкили низоми умумидавлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии андозсупорандагон бо роҳи дар сатҳи замонавӣ ҷорӣ намудани принсипи «Равзанаи ягона», соддакунии расмиёти гумрукӣ ва мувофиқгардонии тарифҳои гумрукӣ амалӣ карда мешавад [5, с.92].

Мутобиқи моддаи 340-уми Кодеки гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (КГ ҶТ) ба пардохтҳои гумрукӣ дохил мешаванд:

- боҷи гумрукӣ;

- андоз аз арзиши иловашуда, ки ҳангоми воридоти мол ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад;

- аксиз, ки ҳангоми воридоти мол ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад [1, с.122].

Бояд қайд намуд, ки боҷҳои махсус, зиддидемпингӣ ва ҷуброни, ки мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд, тибқи қоидаҳои пешбининамудаи КГ ҶТ нисбати ситонидани боҷҳои гумрукии воридоти пардохт карда мешаванд.

Боҷҳои гумрукӣ ҳангоми декларатсия кардани мол дар низомҳои гумрукие, ки шартҳои таҳти ин низом ҷойгиркунони супурдани боҷҳои гумрукиро таъмин мекунанд, мувофиқи КГ ҶТ пардохта мешаванд.

Боҷҳои хоси гумрукӣ (махсус, зиддидемпингӣ ва ҷуброни) нисбат ба молҳои воридотӣ метавонанд муваққатан мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон татбиқ карда шаванд. Ҳангоми интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ ўҳдадории пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз дар ҳолати зайл ба миён меоянд [1, с. 123]:

- ҳангоми воридоти мол - аз лаҳзаи убури сарҳади гумрукӣ;

- ҳангоми содироти мол - аз лаҳзаи пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ ё анҷом додани амалҳое, ки мақсад аз онҳо мустақиман содир намудани мол аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Боҷҳои гумрукӣ ва андоз супорида намешаванд, агар:

1. Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё КГ ҶТ:

- аз мол боҷҳои гумрукӣ ва андоз ситонида нашаванд;

- агар мол аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз шартан пурра озод карда шуда бошад - дар давраи амали ин гуна озодкуни ва бо риояи шартҳое, ки дар натиҷаи онҳо мол аз пардохти боҷу андозҳо озод карда шудааст;

2. Агар то иҷозат барои муомилоти озод ва ҳангоми аз тарафи шахсон вайрон нашудани талаботу шартҳои муқаррарнамудаи КГ ҶТ моли хориҷи бар асари садама ва ё таъсири қувваи рафънопазир ё дар натиҷаи фарсудашавии табий ва ё талаф дар шароити муқаррарии интиқол, нигаҳдори ва истифодабари тамоман нобуд ё тамоман талаф шуда бошад;

3. Агар мол мувофиқи КГ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моликияти давлати гузаронида шавад.

Нисбати моле, ки барои муомилоти озод дар қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст ва ё аз ин қаламрав содир карда шудааст, дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон удадории пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз қатъ меёбад

Меъёрҳои боҷҳои гумрукиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд ва мувофиқи моддаи 4-уми Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибор пайдо мекунад. Меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ ба чунин гурӯҳҳо тақсим мешаванд:

- *адвалорӣ* - ба арзиши гумрукии моли мавриди андозбанди қароргирифта бо фоиз ҳисоб карда мешаванд;

- *махсус* - тибқи ҳаҷми муқараршудаи воҳиди моли мавриди андозбанди қароргирифта ҳисоб карда мешаванд;

- *омехта* - ҳар ду навъи зикршудаи ставкаҳои пардохти гумрукиро дар бар мегиранд.

Шахсоне, ки барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз масъуланд. шахси масъул барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз декларант ба ҳисоб меравад. Агар мол аз тарафи брокери гумрук (намоянда) декларатсия карда шавад, ў мувофиқи қисми 2 моддаи 144-уми КГ ҶТ барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз шахси масъул ҳисоб меёбад.

Ҳангоми риоя нашудани муқаррароти КГ ҶТ дар бораи истифодабари ва ихтиёрдории мол ё иҷрои дигар талаботу шартҳои муқаррарнамудаи КГ ҶТ барои татбиқи расмиёти гумрукӣ ва низоми гумрукӣ, ки мазмуни онҳо пурра ё қисман аз супурдани боҷҳои гумрукӣ

ва андоз озод карданро пешбини менамояд, шахсони барои супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз масъул дар ҳолатҳои пешбининамудаи КГ ҶТ соҳиби анбори нигаҳдории муваққатӣ, соҳиби анбори гумрукӣ, интиқолдиҳанда, шахсоне, ки ба зиммаи онҳо масъулияти риояи низомҳои гумрукӣ гузошта шудааст, ҳисоб мешаванд. Ҳангоми насупурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз, аз ҷумла ҳангоми нодуруст ҳисоб кардан ва (ё) дер супурдани онҳо дар назди мақомоти гумрук шахсе ҷавобгар аст, ки масъулияти супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андозро ба зимма дорад.

Ҳангоми интиқоли ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ масъулияти супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба ӯҳдаи шахси интиқолдиҳандаи ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт ва ба зиммаи шахсе мебошад, ки дар интиқоли ғайриқонуни иштирок мекунад, агар онҳо аз чунин интиқоли ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт огоҳ буданд ва ё бояд огоҳ мебуданд, ҳангоми воридот бошад, инчунин шахсоне масъуланд, ки молу воситаҳои нақлиёти ғайриқонуни воридшударо барои худ харида гирифтаанд ва ё моликияти худ қарор додаанд, ба шарте, ки ҳангоми харидан ғайриқонуни ворид шудани онҳоро медонистанд ё худ бояд огоҳ мебуданд, ки ин ваҷҳ ба таври зарури тибқи тартиби муайянкардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст. Агар шахсони номбаршуда дар содироту воридоти ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт ба сифати декларант амал карда бошанд, онҳо барои супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз, чунин масъулиятро ба зимма доранд.

Маблағи умумии боҷҳои гумрукӣ ва андоз нисбати моли ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда наметавонад аз маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андозе, ки бояд супорида шаванд, зиёд бошад, чуноне, ки агар мол барои муомилоти озод ҳангоми ворид шуданаш ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бе супурдани фоиз иҷозат дода шудааст, ба истиснои ҳолатҳое, ки маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз дар натиҷаи тағйир ёфтани меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ ва андоз зиёд мешавад ва нисбати мол ставкаҳои боҷҳои гумрукӣ ва андози дар рӯзи қабули декларатсияи гумрукӣ амалкунанда аз тарафи мақоми гумрук ҳангоми арзи тағйири низоми гумрукӣ татбиқ мегардад. Дар ин ҳолат маблағи супоридаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз, ки ҳангоми истифодаи низоми гумрукии пешина пардохта шудааст, ҳангоми супурдани маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз мувофиқи шартҳои низоми аз нав интихобшудаи гумрукӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Объекти ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз моле мебошад, ки аз сарҳади гумрукӣ интиқол дода мешавад. Заминаи андоз барои ҳисоби боҷҳои гумрукӣ ва андоз арзиши гумрукии мол ва (ё миқдори он мебошад. Арзиши гумрукии молро декларант тибқи усулҳои муайян намудани арзиши гумрукӣ, ки онро КГ ҶТ муқаррар намудааст, муайян менамояд ва ҳангоми декларатсия кардани мол ба мақоми гумрук арз мекунад.

Нисбати моле, ки ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вайрон кардани шарту талаботи муқаррарнамудаи КГ ҶТ ворид шуда, боҷҳои гумрукӣ ва андози онҳо супурда нашудаанд, маблағи супоридашавандаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз дар асоси ставкаҳои боҷҳои гумрукӣ ва андозе ҳисоб карда мешаванд, ки дар рӯзи гузаштани сарҳади гумрукӣ амал мекунанд ва агар муайян кардани чунин рӯз имконнопазир бошад - рӯзи ошкор шудани чунин мол аз тарафи мақомоти гумрук ба инобат гирифта мешавад [4, с.130].

Ноустувории низоми иқтисодиёти ҷаҳонӣ, аз ҷумла бӯҳрони навбатии иқтисодиву молиявӣ дар баъзе давлатҳои Аврупо, пастшавии рейтинги қарзгирӣ дар бозори ҷаҳонӣ, тезутундшавии муомилот дар бозори биржаи фондӣ, ноустувории нархҳо ва баландшавии қимати нархи нафт ва дигар навъҳои сӯзишворӣ, маводи ғизоӣ ва маҳсулоти истеъмолӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ водор месозад, ки ҷиҳати пешгирӣ намудани таъсири эҳтимолии омилҳои берунӣ чораҳои мушаххас андешида шаванд.

Ба андешаи мо, барои афзун намудани ҳаҷми воридоти пардохтҳои гумрукӣ ба буҷети давлатӣ бояд заминаҳои меъёрию ҳуқуқии амалиётҳои содиротию воридотӣ хеле сода карда шаванд. Субъектҳои фаъолияти иқтисодии берунӣ ҳангоми содироту воридот бояд ба монеаҳои қонунгузорӣ дучор нашаванд. Дар чунин ҳолат ҳаҷми воридоти пардохтҳои

гумрукӣ ба буҷети давлатӣ зиёд шуда, саҳми онҳо дар ташаккули захираҳои молиявии давлат бештар мегардад.

Адабиёт

1. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №5, соли 2022

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарифи гумрукӣ // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №9, соли 2009.

3. Генеральное соглашение по тарифам и торговле. - СПб. Препринт ТПП, 2020. -78 с.

4. Каримова М.Т. Фаъолияти иқтисодии берунӣ. Дастури таълимӣ – Душанбе: “Ирфон”. - 2018. - 354 с.

5. Раджабов Р.К. Региональные особенности развития рынка таможенных услуг. Монография. - Душанбе: Сумани Кудрат. - 2018. - 150 с.

6. Саидмуродов Л.Х. Иқтисодиёти байналхалқӣ. - Душанбе: Ирфон, - 2012. - 383 с.

ТАНЗИМ ВА ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ ИСТЕҲСОЛОТИ ИННОВАТСИОНӢ

Сафарова Ф.Ҷ. - магистри бахши 2-юми ихтисоси идоракунии давлатӣ ва иқтисодиёти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе.

Дар мақолаи мазкур шаклҳо ва механизмҳои танзим ва дастгирии давлатии истеҳсолоти инноватсионӣ муайян карда шуда, асосҳо барои рад намудани дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ ошкор карда шудааст. Муаллиф манбаъҳои маблағгузории истеҳсолоти инноватсиониро муайян намуда, намудҳои асосии инноватсияҳои истеҳсолиро муайян ва тавсиф кардааст. Чор давраи ҳаётии инноватсияҳо дар истеҳсолот муайн ва шарҳ дода шудаанд. Сарчашмаҳои асосии маблағгузории истеҳсолоти инноватсионӣ муайян карда шудааст.

Вожаҳои калидӣ: истеҳсолоти инноватсионӣ, инноватсияҳо, маблағгузории инноватсияҳо, фаъолияти инноватсионӣ, такрористеҳсол, фоида, рақобат.

ГОСУДАРСТВЕННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ И ПОДДЕРЖКА ИННОВАЦИОННОГО ПРОИЗВОДСТВА

Сафарова Ф.Дж. - магистр 2 курса специальности государственное управление и экономика отдела магистратуры Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Республика Таджикистан, Душанбе.

В данной статье определяются формы и механизмы регулирования и государственной поддержки инновационного производства, а также раскрываются основания отказа в государственной поддержке инновационной деятельности. Автор определил источники финансирования инновационного производства, выделил и описал основные виды производственных инноваций. Выявлены и объяснены четыре жизненных цикла инноваций в производстве. Определены основные источники финансирования инновационного производства.

Ключевые слова: инновационное производство, инновации, финансирование инноваций, инновационная деятельность, воспроизводство, прибыль, конкуренция.

GOVERNMENT REGULATION AND SUPPORT INNOVATIVE PRODUCTION

Safarova F.J. - 2nd year master of the specialty public administration and economics of the master's department of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Republic of Tajikistan, Dushanbe.

This article defines the forms and mechanisms of regulation and state support for innovative production, and also reveals the grounds for refusal of state support for innovative activities. The author identified sources of financing for innovative production, identified and described the main types of production innovation. Four life cycles of manufacturing innovation are identified and explained. The main sources of financing innovative production have been identified.

Keywords: innovative production, innovation, financing of innovation, innovative activity, reproduction, profit, competition.

Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда ҳалли масъалаҳоро на танҳо дар сатҳҳои макро ва микроиқтисодиёт, балки рушди стратегии мамлакат тақозо менамояд. Чӣ тавре вазъи ҷомеаи муосир нишон медиҳад, зарурати танзими давлатии иқтисодиёт, аз ҷумла танзими ҷараёни истеҳсолоти инноватсионӣ торафт бештар мегардад.

Муайян намудани ҳудуди ваколатҳо дар соҳаҳои қонунгузорӣ ва молиявӣ-иқтисодӣ ва вазифаҳои маъмурии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо имкон медиҳад, захираҳои дар ҳудуди худ мавҷудбударо оқилона ва самаранок истифода бурда, рушди

маҷмӯии захираҳои мазкурро дар асоси истифодаи намудҳои гуногуни стратегияи истеҳсолоти инноватсионӣ ба нақша гиранд ва дар амал татбиқ созанд.

Дар шароити муосир масъалаи танзим ва дастгирии давлатии истеҳсолоти инноватсионӣ аҳамияти зиёди назариявӣ, илмӣ ва амалӣ дошта, дар ин самт корҳои зиёди илмӣ ба анҷом расонида шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти давлатӣ шаклҳои зерини танзими фаъолияти инноватсиониро истифода менамоянд:

- муайян намудани афзалиятҳои рушди инноватсия;
- таҳия, татбиқ ва маблағгузории барномаҳои мақсадноки инноватсионӣ ва дигар барномаҳо, аз ҷумла дар самти ҳавасмандгардонии рушди фаъолият ва инфрасохтори инноватсионӣ;
- пешбинии маблағҳои буҷетӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ, корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ доир ба самарабахшии натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ, ҷойгиронии фармоишҳо ба таҳвили мол, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва маҳаллӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҷойгир намудани фармоиши давлатӣ барои хариди маҳсулоти дар натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ истеҳсолшуда дар доираи барномаҳое, ки мутобиқи сиёсати давлатии инноватсионӣ тасдиқ шудаанд;
- таъсиси фондҳои инноватсионӣ ва венчурӣ, сармоягузории таъсис ва рушди дигар субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ, саҳмгузорӣ, аз ҷумла ҷалби сармояи хориҷӣ бо мақсади таъсиси субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ, ки барои рушди равандҳои инноватсионӣ муҳим ба шумор мераванд;
- андешидани чораҳои зарурӣ оид ба тарғиби фаъолияти илмию техникӣ дар воситаҳои ахбори омма ва баланд бардоштани сатҳи ҷалби сармоя ба фаъолияти инноватсионӣ. Танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ метавонад мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи дигар шаклҳо амалӣ гардад.

Дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар шаклҳои зерин амалӣ мегардад [6, с.84]:

- маблағгузории корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ барои ба вуҷуд овардани маҳсулоти нав ё такмилдодашуда, технологияи нав ё такмилдодашуда, ки барои истифодабарии амалӣ таъин шудаанд;
- ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ барои ихтиёрдорӣ **ё** истифодабарӣ пешниҳод намудани молу мулки давлатӣ, натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонидашудаи ба онҳо баробар;
- муқаррар намудани имтиёзҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мусоидат ба рушди корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд;
- дастгирии истеҳсолию технологии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ;
- расонидани хизматҳои махсусгардонидашуда ва машваратӣ;
- маблағгузории корҳо оид ба тайёр намудан ва баланд бардоштани дараҷаи тахассусии мутахассисон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ;
- фароҳам овардани шароити зарурии ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ, ки сармоягузориро барои татбиқи сиёсати давлатии инноватсионӣ таъмин менамояд;
- ташаккули инфрасохтори инноватсионии илм, истеҳсолот ва хизматрасонӣ;
- иштирок дар ташкили истеҳсолоти рақобатпазир;
- таъмини бозори кафолатноки фурӯши маҳсулоти инноватсионӣ дар асоси фармоиши давлатӣ;
- пешбарии инноватсияҳои ватанӣ ба бозори хориҷӣ;
- дигар шаклҳои дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

Дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар мӯҳлати талофияти лоиҳаи инноватсионӣ, вале на зиёда аз панҷ соли баъди татбиқи амалии он таъмин карда мешавад. Дастгирии давлатии азхудкунӣ ва паҳнкунии маҳсулоти инноватсионӣ дар давраи муқарраршуда пешниҳод гардида, дар ин мӯҳлат он маҳсулоти инноватсионӣ ҳисобида мешавад [3, с.110].

Бояд зикр намуд, ки лоиҳаҳои инноватсионии барои дастгирии давлатии истеҳсолоти инноватсионӣ пешниҳодшаванда бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

- дорои пешниҳодҳое бошанд, ки бо мақсади ягонаи таъсиси инноватсияҳо муттаҳид шудаанд;
- дорои асосноккунии техникӣ ва мақсаднокии иқтисодии татбиқи лоиҳаи инноватсионӣ бошанд;
- дар ҳолатҳое, ки дастгирии давлатӣ бо шарти баргардонидани маблағ ба буҷет амалӣ мешавад, тасдиқи баргардонидани маблағ пешниҳод карда шавад;
- дорои ҳуҷҷатҳое бошанд, ки мавҷудияти навоварӣ, мӯҳлати муайяни вақт, ки дар давоми он маҳсулот инноватсионӣ ҳисобида мешавад, инчунин ҳимояи ҳуқуқии лоиҳаи инноватсиониро таъмин карда тавонанд;
- дорои нақша ва ҷадвали татбиқи лоиҳаи инноватсионӣ бошанд;
- дорои хулосаи ташхисии мусбии мақоми ваколатдор бошанд, ки маводи пешниҳодгардидаи лоиҳаи инноватсиониро ҳамаҷониба арзёбӣ намояд [1, с.210].

Тартиби аз ҷониби субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ пешниҳод кардани лоиҳаҳои инноватсионӣ барои дастгирии давлатӣ аз ҷониби мақоми ваколатдор муқаррар карда мешавад.


Агар лоиҳаи иноватсионии ба дастгирии давлатӣ пешниҳодшуда ба талабот ҷавобгӯ набошад, мақоми ваколатдор дар мӯҳлати як моҳ аз рӯзи муроҷиати субъекти фаъолияти инноватсионӣ ба он раддияи далелнок мефиристад.

Асосҳо барои рад намудани дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ инҳоянд [6, с.87]:

- мувофиқат накардани лоиҳаи инноватсионии пешниҳодгардида ба талаботи қонунгузории амалкунанда;
- қарздор будани субъекти фаъолияти инноватсионӣ дар назди ташкилотҳои қарзӣ ва буҷет.

Аз рӯи қарори мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба рад намудани дастгирии давлатии лоиҳаи инноватсионӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд шикоят кардан мумкин аст.

Маблағгузории истеҳсолоти инноватсионӣ аз ҳисоби манбаъҳои гуногун амалӣ карда мешавад (расми 1).



Расми 1. Манбаъҳои маблағгузории истеҳсолоти инноватсионӣ
Манбаъ: муаллиф таҳия кардааст

Навгонии воқеии маҳсулот ва ё ҷараён бояд ба рушди самараи иқтисодӣ оварда расонад. Навигариҳои мутлақ, нисбӣ ва қисмиро аз ҳамдигар ҷудо мекунанд. Навигарӣ дар ҳолате мутлақ номида мешавад, агар монанд (аналог) надошта бошад. Навигарии нисбӣ навигарие мебошад, ки дар корхона ҷорӣ карда шуда, вале онро дигар корхонаҳо қаблан истифода кар-даанд. Навигарии қисмӣ - қисман нав кардани ягон унсур ва ё қисмати маҳсулот мебошад. Аз рӯи дараҷаи навигарӣ инноватсияҳои базисӣ, беҳкунанда ва псевдоиннватсияро аз ҳамдигар фарқ мекунанд [7, с.150].

Инноватсияҳои базисӣ кашфиётҳои калонро амалӣ сохта, барои ташаккули наслҳои нав ва самти инкишофи техникаи нав ҳамчун асос ба ҳисоб меравад. Инноватсияҳои беҳкунанда бо ҷорисозии кашфиётҳои хурд ва миёна алоқаманд буда, дар зинаи паҳншавӣ ва инкишофи муътадили сикли илмӣ-техникӣ афзалият доранд.

Псевдоинноватсияҳо ба қисман беҳсозии намудҳои кӯҳнашудаи техника ва технология равона карда шудаанд.

Аз рӯи нақш дар ҷараёни такрористеҳсолӣ инноватсияҳо ба истеъмолӣ ва инвеститсионӣ, аз рӯи дараҷаи мураккабӣ ба мураккаб ва содда ҷудо мешаванд. Инноватсияҳои реактивӣ барои «зинда мондани» корхона равона карда шудаанд. Онҳо ҳамчун аксуламал ба дигаргуисозиҳои инноватсионӣ, ки рақибони корхона амалӣ месозанд ҷорӣ карда мешавад.

Инноватсияҳои стратегӣ хусусияти бармаҳалиро дошта, барои ноилшавӣ ба афзалиятҳои рақобатӣ дар оянда равона карда шудаанд.

Аз рӯи хусусияти истифода инноватсияҳои зеринро фарқ мекунанд:

- инноватсияҳои маҳсулотӣ, ки ба истеҳсол ва истифодаи маҳсулот ва хизматрасонии нав равона карда шудаанд;

- инноватсияҳои бозорӣ, ки соҳаҳои нави истифодаи маҳсулотро боз намуда имконият медиҳанд, ки талабот ба маҳсулот ва хадамот дар бозорҳои нав амалӣ карда шавад;

- инноватсия-ҷараёнҳо, ки ба технологияҳои нав, ташкили ҷараён ва идоракунӣ равона карда шудаанд;

- инноватсияҳои иҷтимоӣ, ки ба бунёд ва амалнамоии сохторҳои иҷтимоии нав равона карда шудаанд;

- инноватсияҳои маҷмӯӣ, ки ягонагии якчанд намуди тағйиротро дар бар мегиранд [2, с.120].

Сабабҳои инкишофи инноватсия дар корхона ин кӯшиши камкунии хароҷоти фаъолияти соҳибкорӣ ва зиёдкунии ҳаҷми фоида дар шароити рақобати шадиди бозорӣ мебошад. Дар ҷараёни истифодаи техника ва технологияҳои кӯҳна хароҷот дар дараҷаи аз миёна боло шакл мегиранд, ки фаъолияти соҳибкориро зараровар мегардонад. Агар рақибон роҳи нави забти бозорро дар асоси камкунии хароҷоти истеҳсолот ва нархҳои пасттари молу хадамоти пешниҳодшаванда пайдо намоянд, пас бе даст задан ба фаъолияти инноватсионӣ корхона ба мушкилоти шадид рӯ ба рӯ мегардад.

Бинобар ин, ҳар як корхонаро заррур аст, ки бартарияти рақобатии худро пурра гардонида, аз ҳисоби истифодаи инноватсия онро амалӣ созад. Ғайр аз ин, ҳар чи қадаре, ки корхона ҷараёни инноватсиониро зудтар амалӣ созад, ҳамон қадар эҳтимолияти фаъолияти самараноки он мавҷуд аст. Навкунии маҳсулот, саривақт ба бозор баровардани он имконияти ги-рифтани фоидаи иловагиро, ки рентаи илмӣ-техникӣ меноманд, фароҳам меорад [5, с.86].

Ҳамин тавр, инноватсияро истифода намуда, корхона хароҷоти худро кам, ҳаҷми истеҳсолотро зиёд гардонида, бо зури фурушро забт карда, дараҷаи баланди фоидаро таъмин ва ба баландшавии самаранокии соҳибкорӣ ва инкишофи иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад.

Одотан, мафҳуми «инноватсия» нисбат ба навовариҳое, ки хароҷоти сохтан ва ҷорикунии онҳо дар мӯҳлати меъёрӣ худ харид мешаванд, истифода карда мешавад. Даври ҳаётии инноватсия чор марҳилаи пайдарпайи зеринро дар бар мегирад:

- тадқиқотҳои илмии бунёдӣ;
- коркардҳои дақиқ ва таҷрибавӣ;
- истеҳсолоти таҷрибавӣ;
- тиҷоратикунонии навигарӣ (навоварӣ).

Дар марҳилаи якум, тадқиқотҳои бунёдӣ дар муасссисаҳои илмӣ гузаронида шуда, дар натиҷа донишҳои нави илмӣ ба вуҷуд меоянд.

Дар марҳилаи дуюм, тадқиқотҳои таҷрибавӣ, ки хусусияти амалӣ доранд, гузаронида мешавад. Дар марҳилаи мазкур эҳтимолияти ноилшавӣ ба натиҷаҳои манфӣ мавҷуд аст. Бинобар ин, коркарди навовариҳо баъзан хусусияти таваккалӣ дорад.

Дар марҳилаи сеюм, ҳуҷҷатҳои конструкторӣ-технологӣ омода карда шуда, натиҷаҳои миёнадаврии инноватсия дар намуди намунаи маҳсулоти нав ва ё истифодаи таҷрибавии технологияи нав пешниҳод карда мешавад.

Марҳилаи чорум, тиҷоратикунии навоварӣ ном дошта, аз лаҳзаи ба истеҳсолот ворид кардан ва то ба бозор баромадани онро дар бар мегирад.

Барои фаъолияти бомуваффақияти корхона ҳангоми коркарди бизнес-нақша муҳим аст, ки дар кадом зинаи даври ҳаётӣ қарор доштани мол нишон дода шавад. Он бо мақсади минбаъд инкишоф додани ҳаҷми фурӯши маҳсулоти такмилдодашуда ва ё намуди нави он зарур мебошад. Ба инкишофи ҷараёнҳои инноватсионӣ гурӯҳи омилҳои зерин таъсир мерасонанд: иқтисодӣ, технологӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ-идорӣ, иҷтимоӣ-равонӣ ва фарҳангӣ [4, с.147].

Як гуруҳи омилҳо барои рушди инноватсия мусоидат намуда, гуруҳи дигар баръакс садди роҳи он мешаванд. Масалан, дар гурӯҳи омилҳои иқтисодӣ ва технологӣ омилҳои ба инкишофи инноватсия таъсири мусбирасонанда ин мавҷудияти захираҳои молиявии зарурӣ, воситаҳои моддӣ-техникӣ, технологияҳои пешқадам, инфрасохтори хоҷагидорӣ ва илмӣ- техникӣ ба ҳисоб меравад.

Дар гурӯҳи мазкур омилҳое низ ҳастанд, ки ба рушди инноватсия таъсири манфӣ мерасонанд, масалан, нарасидани воситаҳо барои сармоягузорӣ, заифии базаи моддӣ ва илмӣ-техникӣ, афзалият доштани манфиатҳои истеҳсолоти ҷорӣ ва ғайра аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Аз рӯи дигар гурӯҳи омилҳо низ мисолҳои ба ин монандро овардан мумкин аст [8, с.221].

Корхона-навовар (инноватор) лоиҳаи инноватсиониро дар зерсохторҳои худ ва ё дар асоси қарордод бо ҷалби ширкати ба соҳибкории инноватсионӣ машғулбуда, коркард менамояд. Дар ҳолати амалисозии лоиҳаҳои калони инноватсионӣ варианти дуввум қулай аст. Корхона-навовар бо ширкати инноватсионӣ барои амалисозии коркардҳои инноватсионӣ шартнома мебандад. Дар шартнома, инчунин, пешпардохти як қисми маблағи он дар назар дошта шуданаш мумкин аст.

Соҳибкори инноватсионӣ барои иҷрои супориш маводҳои зурурирро дастрас намуда, воситаҳои асосиро иҷора мегирад (ё мехарад) ва мутахассисони илмӣ-техникиро ҷалб менамояд. Тадқиқоти ба анҷом расида барои истифодаи минбаъда ба супоришдиҳанда пешниҳод карда мешавад.

Маблағгузории инноватсияҳо аз сарчашмаҳои зерин амалӣ карда мешавад: худмаблағгузорӣ, воситаҳои қарзӣ, воситаҳои ҷалбшуда, дигар сарчашмаҳои ғайрианъанавӣ ва омехта, фондҳои ғайрибуҷетӣ, буҷетҳои зинаҳои гуногун.

Дар солҳои охир дар таҷрибаи ҷаҳонӣ реинжиниринг хеле паҳн шудааст, ки яке аз самараноктарин инноватсия ба ҳисоб меравад. Реинжиниринг - ҷараёни инноватсионие мебошад, ки барои бозсозии (лоиҳакашии) равандҳои корӣ баҳри ноил шудан ба фаъолияти беҳтари корхона равона карда шудааст.

Дар адабиёти иқтисодӣ аз рӯи реинжиниринг ду намуди фаъолиятро ҷудо мекунанд: реинжинирингги бӯҳронӣ ва реинжинирингги инкишоф. Реинжинирингги бӯҳронӣ дар ҳамон ҳолате истифода карда мешавад, ки агар корхона ба вазъияти комилан мутташанниҷ қарор дошта, фаъолияташ хуб нест.

Реинжинирингги инкишоф ҳамон вақте истифода мешавад, ки дар фаъолияти корхона тамоюли бадшавӣ дида мешавад ва ё хатари аз ҷониби рақибон забт намудани бозори фурӯш мавҷуд аст. Барои аксарият корхонаҳои саноатии ватанӣ истифодаи реинжинирингги бӯҳронӣ мувофиқи мақсад буда, натиҷаи дилхоҳ хоҳад дод [3, с.114].

Ҳамин тариқ, дар соҳаи фаъолияти соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳити инноватсионӣ се вазифаи зеринро иҷро менамояд: такрористеҳсолӣ, инвеститсионӣ ва ҳавасмандкунӣ. Инноватсияи такрористеҳсолӣ манбаи муҳими маблағгузории соҳибкории саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Ин маънои онро дорад, ки даромади пулие, ки аз фурӯши инноватсия дар бозор ба даст оварда шудааст, фоидаи соҳибкории саноатиро ба вуҷуд меорад, ки он ҳамчун манбаи захираҳои молиявии васеъ гардонидани фаъолияти истеҳсолӣ, савдо, инвеститсионӣ, инноватсионӣ ва молиявӣ истифода мешавад.

Адабиёт

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №4, соли 2012.
2. Гурков И. Инновационное развитие и конкурентоспособность. М.: ЮНИТИ-ДАНА. - 2021. - 369 с.
3. Ендовицкий Д.П. Организация анализа и контроля инновационной деятельности хозяйствующего субъекта. - М.: Инфра-М. - 2021. - 412 с.
4. Ермасов С.В. Финансовое стимулирование инновационной деятельности - М.: СПЭА. - 2019. - 452 с.
5. Комилиён Ф.С., Шарапов Д.С., Гадоев А.Ф. Технологияи иттилоотӣ дар сайёҳӣ. - Душанбе, 2018, - 270 с.
6. Комилов С Ҷ. Соҳибкорӣ ва менеҷменти рушди навҷорисозӣ (иноватсионӣ) / С.Ҷ. Комилов, Г.Ш. Алиева. - Душанбе: Ирфон. - 2018. - 220 с.
7. Файзуллоев М.К. Особенности и условия формирования инновационного рынка // Вестник ТНУ серия экономических наук. – Душанбе, 2019. -№5(53). - С. 145-152
8. Шленова Ю.П. Управление инновациями. - М.: ЮНИТИ-ДАНА. - 2018. - 321 с.

САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ТАКМИЛИ СИЁСАТИ МУОСИРИ АНДОЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сафарова Ф.М. - магистри курси 2-юми ихтисоси идораи давлатӣ ва иқтисодиёти шуъбаи магистратураи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе.

Дар мақолаи мазкур моҳияти иқтисодии сиёсати давлатии андоз кушода шуда, нақш ва аҳамияти он нишон дода шудааст. Мазмуни истилоҳи «маъмурикунонии андоз» шарҳ дода шуда, нақши он дар такмили сиёсати давлатии андоз баҳогузорӣ шудааст. Принсипҳои классикӣ ва муосири андозбандӣ шарҳ дода шудаанд. Нақш ва аҳамияти низоми махсуси андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шуда, самтҳои асосии такмили сиёсати муосири андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Калидвожаҳо: андоз, сиёсати давлатии андоз, маъмурикунонии андоз, имтиёзҳои андозӣ, ҳавасмандкунии андозӣ, низоми махсуси андозбандӣ, назорати андоз.

ПРИОРИТЕТНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ СОВРЕМЕННОЙ НАЛОГОВОЙ ПОЛИТИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Сафарова Ф.М. - магистр 2 курса специальности государственное управление и экономика отдела магистратуры Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Республика Таджикистан, Душанбе.

В данной статье раскрыта экономическая сущность государственной налоговой политики, показаны ее роль и значение. Объясняется значение термина «налоговое администрирование», оценивается его роль в совершенствовании государственной налоговой политики. Объяснены классические и современные принципы налогообложения. Показаны роль и значение специальной системы налогообложения в Республике Таджикистан, а также предложены основные направления совершенствования современной налоговой политики в Республике Таджикистан.

Ключевые слова: налог, государственная налоговая политика, налоговое администрирование, налоговые льготы, налоговое стимулирование, специальная система налогообложения, налоговый контроль.

PRIORITY AREAS FOR IMPROVING MODERN TAX POLICY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Safarova F.M. - 2nd year master of the specialty public administration and economics of the master's department of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Republic of Tajikistan, Dushanbe.

This article reveals the economic essence of the state tax policy, shows its role and significance. The meaning of the term "tax administration" is explained, its role in improving the state tax policy is assessed. Classical and modern principles of taxation are explained. The role and importance of the special taxation system in the Republic of Tajikistan is shown, as well as the main directions for improving the modern tax policy in the Republic of Tajikistan are proposed.

Keywords: tax, state tax policy, tax administration, tax incentives, tax incentives, special taxation system, tax control.

Низоми андозбандӣ ҷузъи асосии низоми умумии муносибатҳои иқтисодӣ ва танзимкунандаи устувори равандҳои иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Самарабахшии фаъолияти низоми андоз тавассути ҳамоҳангсозии мутавозини ҳамаи вазифаҳои он (фискалӣ, назоратӣ ва танзимотӣ) бо назардошти манфиатҳои давлат ва андозсупорандагон таъмин карда мешавад. Вобаста ба ин, ҳалли муаммои таъсири ҳавасмандкунандаи низоми андозбандӣ ба фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор, вусъат бахшидани рушди истеҳсолот ва дар

маҷмӯъ, инкишофи устувори иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир яке аз масъалаҳои асосии сиёсати давлатии андоз ба шумор меравад.

Таҳкими имкониятҳои буҷети давлатӣ аз рушди устувори иқтисоди миллӣ ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва самаранокии фаъолияти низоми андоз алоқамандии зич дорад. Низоми андоз бояд, аз як ҷониб, эҳтиёҷоти давлат ва ҷамъиятро ба захираҳои молиявӣ қонеъ кунад, аз ҷониби дигар, соҳибкоронро барои ҷустуҷӯй ва дарёфти роҳҳои самараноки фаъолияташон ҳавасманд намояд. Сиёсати самарабахши андоз яке аз афзалиятҳои муҳими фаъолияти давлат буда, тавассути он давлат тадбирҳоро оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар мамлакат, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ мегардонад.

Масъалаҳои таҳия ва татбиқи сиёсати оқилона ва самарабахши андоз дар шароити ноустувории иқтисодӣ аҳамияти бештар пайдо менамояд. Дар чунин шароит ҷиҳати дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ давлат зарур гаронии андозро ба корхонаҳо аз ҳисоби кам намудани хароҷоти онҳо сабук менамояд [5, с.121].

Таҷрибаи байналхалқӣ нишон медиҳад, ки дар ҳар як мамлакат низоми андозбандӣ дар раванди бемайлони такмилёбӣ қарор дошта, ба шароитҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди он мамлакат таъсир расонида, ба шароити он ҷо мутобиқ мегардад. Аз ин рӯ, дар шароити муосир сиёсати давлатии андозт унсури муҳими иқтисоди бозорӣ ва асоси ташаккули низоми миллии андоз маҳсуб ёфта, коркарди он дар радифи афзалиятҳои асосии давлат мавқеи махсусро ишғол менамояд ва мутобиқ ба тағйирёбии ин афзалиятҳо дар такомули доимӣ қарор дорад [2, с.99].

Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон чор маротиба дар таҳрири нав қабул гардида, мавриди амал қарор ёфтани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба қонунгузории амалкунандаи андоз ворид шудани тағйироту иловаҳо гуфтаҳои болоро собит месозад.

Сиёсати самарабахши андоз дар шароити муосири бӯҳрони иқтисодӣ бояд, пеш аз ҳама, ба солимгардонии иқтисодиёти корхонаҳо - андозсупорандагон, мӯътадилии вазъи молиявии онҳо, фароҳам овардани шароит ҷиҳати рушд ва таҳкими соҳибкории хурду миёна, аз ҷумла ба назар гирифтани тадриҷан паст намудани гаронии андоз ба соҳибкории хурд, мувофицсозии имтиёзҳои андоз ва ташаккули муносибати мусбати ҷомеа ба пардохти андоз ҳамчун ба ӯҳдадории конститутсионии ҳар як шаҳрванд ва ғайра мусоидат намояд.

Дар маҷмӯъ, самаранокӣ ва муфиднокии сиёсати давлатии андози амалишаванда дар ҳар як мамлакат аз бисёр ҷиҳат аз самарабахшии маъмурикунонии андоз вобаста аст, зеро маъмурикунонии андоз ҳамон воситаест, ки дар ниҳояти кор муваффақият ва ё нобарории сиёсати умумии андозро муайян месозад. Бинобар ин, маъмурикунонии андозро метавон ҳамчун идоракуни раванди таъсири мутақобилаи субъектҳои муносибатҳои андоз баррасӣ карда, дар ин замина таҳлили мазкур бо мақсади муайян намудани самтҳои такмили минбаъдаи сиёсати муосири андоз гузаронида шавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, истилоҳи «маъмурикунонии андоз» дар марҳилаҳои ташаккулии иқтисодиёти бозаргонӣ, дар солҳои 90-уми асри XX пайдо шудааст. Ин навоварӣ назария ва методологияи маъмурикунонии андозро тавсия дод. Маъмурикунонии андоз падидаи воқеӣ дар рушди назарияи методологияи андоз мебошад.

Мутобиқи моддаи 2-юми Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон маъмурикунонии андоз - маҷмӯи чораҳои аз ҷониби мақомоти андоз бо риояи талаботи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалишавандае, ки ба таъмини татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои андозӣ, боҷи давлатӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет равона гардидаанд [4].

Маъмурикунонии андоз дар доираи консепсияи умумии ташкили андозбандӣ, унсури муҳимми амалигардонии муносибатҳои андоз буда, имкониятҳои махсус дорад. Моҳияти маъмурикунонии андоз аз лиҳози ду муносибати асосӣ баррасӣ карда мешавад:

– субъекти – амалӣ гардидани тадбирҳои назоратӣ аз ҷониби мақомоти андоз;

- объекти – ҳамгироии маъмурикунонии андоз ба раванди амалишавии муносибатҳои андоз [3, с.108].

Нуқтаи дигаре, ки ба андешаи мо боиси диққат аст, маъмурикунонии андоз, яке аз унсурҳои асосии идоракунии системаи андоз буда, ба фаъолияти устувори иқтисодии мамлакат мусоидат менамояд.

С.Н. Алехин маъмурикунонии андозро, ҳамчун механизми идоракунӣ дар соҳаи андоз баррасӣ менамояд, ки фаъолияти мақомоти андозро, оид ба таъмини пардохти пурра ва саривақтии андозҳо ба буҷет дар бар мегирад [2, с.128].

А.М. Солеҳзода қайд кардааст, ки «предмети назарияи маъмурикунонии андоз ин омӯзиши шакли воқеӣ, оид ба қонунҳои мавҷуда дар фаъолияти мақомоти танзимкунандаи давлатӣ дар соҳаи андоз бо мақсади таъмини самараноки муносибатҳои ҳуқуқии андоз мебошад» [7, с.156].

Мафҳуми нисбатан пурраи маъмурикунонии андоз, аз ҷониби А.З. Дадашев пешниҳод гардидааст, ки тибқи он маъмурикунонии андоз, ҳамчун низоми ташкилию идоракунии амалӣ, муносибатҳои андоз баррасӣ карда шуда, усулҳои асосии он банақшагирии андоз, танзими андоз ва назорати андоз ба ҳисоб меравад [3, с.201].

Ҳар як давлат дар мавриди ташкил намудани системаи андоз ба принсипҳои андоз такя мекунад. Принсипҳои классикии андозбандӣ аввалин маротиба аз ҷониби А. Смит соли 1776 дар китоби маъруфаш "Таҳқиқот оид ба табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо" мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки аз чунин присипҳои андозбандӣ иборат мебошад: принсипи адолатнокии андозбандӣ; муайянӣ, принсипи оддият ва самаранокӣ [6, с.188].

А. Смит инчунин қоидаҳоеро тартиб дод, ки муносибатҳои андозсупорандаро бо низоми андозбандӣ танзим менамоянд ва бо ин кор саҳми калон ба назарияи андозбандӣ гузошт.

Принсипи адолатнокии андозбандӣ маънои онро дорад, ки ба ҳамаи андозсупорандагон шароити баробарро дар ҳолати супоридани андозҳо талаб намуда, инчунин ба ҳамаи онҳо ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои баробарро таъмин мекунад. Шарҳҳои гуногуни принсипи адолат, ба монанди адолати горизонталӣ ва вертикалӣ ба миён омадаанд.

Принсипи адолати горизонталӣ тасмим дорад, ки ҳар як шаҳрванди дар ҳолати баробар қарор дошта, бояд дар бузургии ягона андоз супорад. Принсипи адолати вертикалӣ тасмим дорад, ки шаҳрвандони дар ҳолати баробар қарор надошта, бояд нобаробар арзёбӣ гарданд. Ин принсип пешниҳод мекунад, ки нисбати он одамоне татбиқ карда шавад, ки даромади гуногун доранд ва чунин мешуморанд, ки аз рӯи принсипи адолатӣ он шахсоне, ки даромади калон доранд, бояд мутаносибан андози калон супоранд.

Принсипи муайянӣ возеҳӣ ва аниқии маблағи пардохтушударо тақозо мекунад. Дар ин принсип тарзи ситонидан ва вақти пардохт бояд пешакӣ ба андозсупоранда маълум бошанд.

Тибқи принсипи оддият бошад, тарзи пардохти андоз ба андозсупоранда бояд муносиб ва содда бошад. Принсипи самаранокӣ бошад, бо кам кардани хароҷотҳои андозбандӣ ва риояи низоми андозбандӣ алоқамнд аст.

Дар низоми муосири андозбандӣ принсипҳои андозбандӣ ба се гурӯҳ: - иқтисодӣ; - ташкили сохтори низоми андозбандӣ; - ҳуқуқӣ муттаҳид карда шудаанд. Ба принсипҳои иқтисодӣ ин мустақилият, мустақилияти миллии низоми андозбандӣ ва таносубӣ дохил мешаванд.

Ба принсипҳои ҳуқуқӣ бошанд, принсипи ҳуқуқи андозбандӣ ё қонунгузории андозбандӣ, бетарафӣ яъне гаронии баробари андозӣ, ҷорӣ кардани андоз ба воситаи қонун, бартарияти қонунҳои андозӣ нисбат ба қонунҳои ғайриандозӣ, рад кардани қонуншиканҳо дар низоми андозӣ, ҳатмият, риояи ҳуқуқҳо, озодии инсон ва шаҳрванд, муттаҳидкунии манфиатҳои давлат ва субъектҳои муносибатҳои андозбандӣ, масъулият ва ғайра шомил мегарданд.

Принсипҳои ташкили сохтори низоми андозбандӣ аз принсипи ягонагӣ, сохтори дақиқ ва ягонагии низоми андозбандӣ, мавзунӣ (мутаҳаррикӣ) ва суботнокии андозбандӣ ва ғайра иборат мебошанд.

Танзими андозбандӣ фишанги мураккаби сиёсати андозбандӣ ба шумор меравад. Аз як тараф, танзими андозбандӣ ба ташаккули шароити муайян барои бештар гардидани воридоти андозӣ ба буҷети кишвар дар асоси истеҳсоли маҳсулот ва фоидаҳо равона гардидааст. Аз тарафи дигар, танзими андозбандӣ бояд ба риояи манфиатҳои андозсупорандагон мусоидат намуда, гаронии андозиро сабук гардонад. Усулҳои гуногуни танзими андозбандӣ вуҷуд доранд, ба монанди иваз кардани як шакли андозбандӣ ба шакли дигар, тағйири миқдор ва меъёри андозҳо, ки ба василаи онҳо ба иқтисоди кишвар таъсир расонида мешавад [5, с.130].

Дар вобастагӣ аз тарзи таъсир, танзими андозбандӣ ба сиёсати андозбандии ҳавасмандкунанда ва бездоранда тақсим мегардад.

Тибқи андешаи як қатор олимони соҳаи иқтисод, ҳавасмандкунии андозбандӣ ва имтиёзоти андозӣ барои мақсадҳои зерин равона гардидаанд:

- баробарии иҷтимоии вазъияти иқтисодии гурӯҳҳои гуногуни андозсупорандагон;
- ҳамчун усули мукофотдиҳӣ барои хизматҳои шоён дар назди давлат ва ҷомеъа;
- барои ҳавасмандкунии соҳаҳои гуногун, ки аз ҷониби давлат дастгирӣ мегарданд;
- ҷалби сармояи хориҷӣ ва ғайра.

Имтиёзҳои андозӣ бартариятҳои муайяне доранд, ки ба гурӯҳҳои муайяни андозсупорандагон имкон медиҳанд андозро пардохт накунанд, ё ин ки онро дар ҳаҷми камтар пардохт намоянд [1, с.48].

Низоми махсуси андозбандӣ - тартиби махсуси андозбандии барои гурӯҳҳои алоҳидаи андозсупорандагон муқарраргардида, ки тарзу усулҳои содакардашудаи ҳисоб ва пардохти намудҳои алоҳидаи андоз, инчунин пешниҳоди ҳисоботи андозро пешбинӣ менамояд.

Мутобиқи моддаи 25-уми Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми махсуси андозбандӣ низомҳои махсус ва содакардашударо дар бар мегиранд. Ба низоми махсуси андозбандӣ инҳо дохил мешаванд:

- низоми андозбандии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ;
- низоми андозбандии субъектҳои бозори коғазҳои қиматнок;
- низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро дар асоси патент ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд.

Ба низоми содакардашудаи андозбандӣ инҳо дохил мешаванд:

- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд;
- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягонаи кишоварзӣ);
- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ;
- низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки паранда ва чорво;
- низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти инноватсионию технологӣ [1, с.55].

Ҷорӣ кардани низомҳои махсус ва содакардашудаи андозбандӣ барои ҳавасмандкунии фаъолияти андозсупорандагони ҷудогона, бо роҳи кам кардани миқдори умумӣ ва меъёри андозҳо равона гардидааст.

Дар рушди корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фишангҳои ҳавасмандкунии андозӣ нақши муҳим доранд. Ба ин фишангҳо имтиёзоти андозӣ, афзалиятбахшии андозӣ ва низоми махсуси андозбандӣ шомил мегарданд [5, с.125].

Дар марҳилаи муосири такмили сиёсати давлатии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, имтиёзҳои андозро аз афзалиятҳои андоз бояд фарқ кард. Имтиёзҳои андоз ҳаҷми ӯҳдадориҳои ҷориро кам мекунанд, сатҳи гаронии андозии андозсупорандаро поён мебаранд, аммо афзалиятҳои андозӣ бошанд, танҳо мувақатан ҳаҷми пардохтҳои ҷории

андозҳоро кам мекунанд ва андозсупоранда баъдан, бояд онҳоро дар ҳаҷми пурра пардохт кунад.

Дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳои андоз чунин шаҳр дода шудааст - афзалиятҳое, ки мутобиқи Кодекси андоз ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ба андозсупорандагон дода мешаванд, аз ҷумла додани имконияти напардохтан ё дар ҳаҷми камтар ё дар мӯҳлати нисбатан дертар супоридани андоз [4]. Масалан, тағйири мӯҳлати пардохти андоз дар шакли таъхир ё мӯҳлат додан дар ҳолатҳои муайян барои пешгирӣ аз ба вуҷудоии қарзҳо мусоидат мекунад. Тағйири мӯҳлати падохти андоз дар шакли қарзи сармоягузорӣбошад дар ҳолатҳои муайян маблағгузорӣ дар сармояи асосиро ҳимоят мекунад.

Ба андешаи мо, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавасмандкунии андозбандии раванди сармоягузорӣ ва маблағгузории соҳаҳои афзалиятдоштаро васеъ намуда, такмилу рушди истеҳсолот ва тиҷорати хурдро ба роҳ мондан зарур аст.

Ба усулҳои ҳавасмандкунии андозбандӣ имтиёзҳои андозӣ, афзалиятбахшиҳои андозӣ ва низоми махсуси андозбандӣ дохил мешаванд. Озод намудан аз ӯҳдадориҳои андозӣ барои мӯҳлати муайян, поён бурдани меъёри андоз ва озод намудан аз як ҷузъи андозбандӣ, ба имтиёзҳои андозӣ шомил мегарданд.

Дар баробари ҳавасмандкунӣ, ҳангоми вайрон кардани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва сари вақт пардохт накардани андоз, нисбати андозсупорандагон таҳримҳои андозӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Ин таҳримҳо дар шакли ҷарима барои қарздорӣ ва ҷорӣ кардани фоиз барои таъхири ҳар рӯзи пардохт мавриди истифода қарор мегиранд.

Дар сурати вайрон кардани қонунгузории андоз, ба корхонаҳо барои саркашӣ аз пардохти андоз, пинҳон кардани даромадҳо, риоя накардани мӯҳлати пешниҳоди эъломия ва ҳисоботҳои андозӣ, нисбати андозсупорандагон таҳримҳо дар назар гирифта шудаанд. Яъне, онҳо ҷаримаҳо ва фоизҳоро барои таъхири ҳаррӯзаи пардохти уҳдадориҳои андозӣ ба буҷет пардохт мекунанд.

Ҳамин тариқ, ҷараёни такмили сиёсати муосири андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба самтҳои зерин равона карда шавад:

- таъмини устувории андозҳо ва меъёрҳои онҳо;
- баланд бардоштани дараҷаи андозситонӣ;
- зиёд кардани имтёзҳои андозӣ ба гурӯҳи муайяни андозсупорандагон;
- пурзур намудани назорати андоз;
- истифодаи васеи усулҳои мувофиқсозии андозбандӣ;
- рушди маъмурикунонии андоз ва ғайра.

Адабиёт

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - №3, соли 2022.

2. Алехин С.Н. Особенности налогового администрирования в современных условиях / С.Н. Алехин // Финансы и кредит. - 2017. - №38 (278). - С. 46-55

3. Давлатов, Д.С. Таҷрибаи давлатҳои хориҷа оид ба танзими низоми андозбандӣ [Матн] / Д.С. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоыикистон. - 2021. - №1. - С. 98-103.

4. Дадашев А.З. Налоговое администрирование. Учебное пособие / А.З. Дадашев, А.В. Лобанов. - М.: Книжний мир. - 2020. - 357 с.

5. Ризокулов, Т.Р. Некоторые аспекты совершенствования фискальных механизмов национальной экономики в современных условиях [Текст] / Т.Р. Ризокулов // Экономика Таджикистана: Стратегия развития. - 2018. - №4. -С.121-133.

6. Смит, А. Исследование о природе и причине богатства народов [Текст] / А. Смит. - М.: Финансы и статистика. - 1993. - Т. 2. - 343 с.

7. Солехзода А.М. Особенности построения системы налогового администрирования в Республике Таджикистан. / А.М Солехзода // Экономические науки. Вестник Алтайскоой академии экономики и права, 2018.- № 7. - С. 156.

ТАЪСИРИ ИННОВАТСИЯҲОИ БОНКӢ БА РАҚОБАТПАЗИРИИ БОНКҲО

Ҳусайнова Г.Р. - магистри курси 2-юми ихтисоси идораи давлатӣ ва иқтисодиёти шуъбаи магистратураи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе.

Дар мақолаи зерин омилҳои умумии берунӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, ки дар зери таъсири онҳо тағйироти инноватсионӣ ба амал меояд, муайян карда шудаанд. Қайд шудааст, ки дар татбиқи инноватсияҳои бонкӣ нақши банкоматҳо хело калон аст. Муаллиф намудҳои асосии хизматрасониҳои бонки автоматикунонидашударо нишон додааст. Усулҳои асосии идоракунии фосилавии суратҳисоби бонкӣ муайян карда шудаанд. Тартиби истифодабарии системаҳои хизматрасониҳои электронии бонкӣ аз ҷониби мизоҷон нишон дода шудаст. Имкониятҳои системаи «Мизоҷ-Бонк» муайян карда шудаанд. Муаллиф се модели инноватсиониеро, ки дар асоси ташкили ҷараёни навоварона дар бонк истифода бурдан мумкин аст, муайян ва тавсиф намудааст.

Калидвожаҳо: инноватсияҳо, инноватсияҳои бонкӣ, маҳсулоти нави бонкӣ, технологияҳои инноватсионӣ, рақобатпазирии бонкӣ, амалиёти бонкӣ, итиёзҳо.

ВЛИЯНИЕ БАНКОВСКИХ ИННОВАЦИЙ НА КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТЬ БАНКОВ

Хусайнова Г.Р. - магистр 2 курса специальности государственное управление и экономика отдела магистратуры Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Республика Таджикистан, Душанбе.

В статье определяются общие внешние факторы в деятельности коммерческих банков, под влиянием которых происходят инновационные изменения. Отмечается, что роль банкоматов во внедрении банковских инноваций очень велика. Автор показал основные виды автоматизированных банковских услуг. Определены основные методы дистанционного управления банковскими счетами. Показано порядок использования систем электронного банковского обслуживания клиентами. Определены возможности системы «Клиент-Банк». Автор выделил и описал три инновационные модели, которые можно использовать на основе организации инновационного процесса в банке.

Ключевые слова: инновации, банковские инновации, новые банковские продукты, инновационные технологии, конкурентоспособность банков, банковские операции, льготы.

THE IMPACT OF BANKING INNOVATIONS ON BANKS' COMPETITIVENESS

Husaynova G.R. - 2nd year master of the specialty public administration and economics of the master's department of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Republic of Tajikistan, Dushanbe.

The article identifies general external factors in the activities of commercial banks, under the influence of which innovative changes occur. It is noted that the role of ATMs in the introduction of banking innovations is very large. The author showed the main types of automated banking services. The main methods of remote management of bank accounts have been identified. The procedure for using electronic banking systems by clients is shown. The capabilities of the “Client-Bank” system have been determined. The author identified and described three innovative models that can be used based on the organization of the innovation process in a bank.

Keywords: innovations, banking innovations, new banking products, innovative technologies, banking competitiveness, banking operations, benefits.

Дар шароити муосир системаи молияи байналхалқӣ ба маҷмӯи иттилоотӣ-молиявии ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ аз бисёр ҷиҳат аз тағйироти

дар муҳити беруна баамалоянда сахт вобаста мебошад. Тағйироти мазкур дар якчанд сатҳ ба амал меояд: ҷаҳонӣ; минтақавӣ; миллӣ.

Дар зери таъсири омилҳои умумии берунӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ тағйироти инноватсионии зерин ба амал омада истодааст:

- таҳия ва татбиқи маҳсулот ва хизматрасониҳои нави бонкӣ дар заминаи технологияҳои нави иттилоотӣ;

- истифодаи технологияҳои нави бонкӣ ва молиявӣ: идоракунии суратҳисоби бонкӣ, пардохи нақдӣ, имзои электронӣ, бастани шартномаҳо, ташкилотҳои молиявӣ (биржаҳо, бонкҳо);

- истифодаи маҷмӯии технологияҳои нави иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои маркетинги электронӣ ва омехта (анъанавӣ ва нав);

- ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва коркарди таҳлили иттилооти дохилӣ;

- имкониятҳои нави назорат ва аудити дохилӣ;

- тағйирот дар сатҳи тахассуснокии кормандон: менеҷери маҳсулот, машваратчӣ ва ғайра [3, с.104].

Дар натиҷа тағйирот дар сохт ва мундариҷаи фаъолияти бонк ба амал меояд: фаъолияти бисёршоха бо истифодаи омехтаи технологияҳо ва воситаҳои нав ва анъанавӣ; худхизматрасонӣ; хизматрасонии фосилавӣ; Интернет-банкинг; марказҳои телефонӣ ва ғайра.

Ҷиҳати муҳимми фаъолияти инноватсионии бонкҳо он аст, ки бо зиёд кардани минтақаҳои худхизматрасонӣ гаронии кор ба мутахассисони хизматрасонии амалиётӣ-хазинавӣ кам шуда, мувофиқан шумораи чунин мутахассисон кам карда мешавад ва дар натиҷа шумораи менеҷерҳое, ки ба хизматрасонии ҳисобӣ-қарзӣ, машваратчигӣ ва ғайра машғуланд зиёд мегардад.

Инноватсияҳои бонкӣ ба рақобатпазирии бонкҳо таъсири мусбат расонида, муборизаи рақобатнокро байни бонкҳо боз ҳам бештар мегардонад. Рақобати бонкӣ ҷараёни иқтисодии ҳамкорӣ ва рақобат байни муассисаҳои қарзӣ ва дигар иштирокчиёни бозори молиявӣ мебошад, ки дар рафти он онҳо кӯшиш мекунанд мавқеи мустаҳкамро дар бозори хизматрасонии бонкӣ бо мақсади пурра қонеъ кардани талаботи мухталифи муштариён ва ба даст овардани фоидаи бештар таъмин кунанд.

Хусусиятҳои асосии рақобати бонкӣ инҳо мебошанд:

- «мол»-е, ки дар бозори хизматрасонии бонкӣ гардиш мекунад, пул ва воситаҳои молиявии марбут ба он мебошад;

- «майдони маҳдуди»-и рақобат аз маҳдуд будани доираи хизматрасонии бонкӣ вобаста мебошад;

- рақобат таҳти танзими қатъии давлатӣ, аз ҷумла назорати пурзури бонкӣ, ба амал меояд;

- рақобат байни муассисаҳои қарзӣ на танҳо ҷалби захираҳо, балки ҷойгиркунии онҳоро низ дар бар мегирад.

Намудҳои асосии хизматрасониҳои бонкие, ки аз ҷониби бонки автоматикунонидашуда ба мизоҷон пешкаш карда мешавад дар ҷадвали 1 инъикос гардидааст.

Ҷадвали 1. - Хизматрасониҳои бонки автоматикунонидашуда

Кори мустақилонаи мизоҷ бо суратҳисоби худ (ҷорӣ, пасандоз, кортӣ ва ғайра)
Кушодани суратҳисобҳои иловагӣ. Пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ, телефон ва ғайра. Интиқоли маблағҳои пулӣ аз як суратҳисоб ба суратҳисоби дигар. Амалӣ намудани интиқоли ғайринақдии маблағ. Гирифтани кортҳои гуногуни бонкӣ. Гирифтани маълумоти хаттӣ барои давраи муайян ва ғайра.
Иҷрои амалиёт ва хизматрасонӣ аз ҷониби бонк

Хизматрасонии кортҳои системаҳои гуногуни пардохт.
Амалиёт оиди қабули пули нақш бо асъори миллӣ ва ё хориҷӣ.
Амалиёт оиди додани пули нақд ба мизоҷ аз суратҳисоби он.
Мубодилаи асъор.
Дастрасии шабонарӯзии мизоҷон ба қуттиҳои фардӣ барои нигоҳдории ашёи қиматбаҳо.
Ба таври шабонарӯзӣ бо ёрии қуттиҳои VIP-мизоҷон додани ҳуҷҷатҳои зарурӣ.

Манбаъ: Прохоров К.Н. Инновации в банковской сфере // Проблемы учета и финансов. - 2022. - №4(16). - С. 60.

Ҳамин тавр, вобаста ба ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар кори бонкдорӣ назарияи нав бо номи Dialog banking ва ё «худхизматрасонӣ» пайдо шуд. Мувофиқи ин назария дастгоҳҳои автоматикунонидашудаи бонкӣ ба мизоҷон хизматрасонӣ карда, кормандони бонк бошанд дар ин ҷараён ҳамчун машваратчии мизоҷон фаъолият менамоянд.

Барои муайян кардани намуд ва шумораи хизматрасониҳои автоматикунонидашудаи бонкӣ тамоми ҳудуди шаҳрро шартан ба минтақаҳои зерин ҷудо менамоянд:

- минтақаҳои истиқоматӣ;
- корхонаҳои истеҳсолӣ ва саноатӣ;
- корхонаҳои савдо;
- минтақаҳои нақлиётӣ;
- минтақаҳои истироҳатӣ.

Ҳар яке аз ин минтақаҳо хусусиятҳо ва камбудиҳои худро дорад, ки ҳангоми кушодани бонки автоматикунонидашуда бояд ҳатман ба инобат гирифта шавад.

Дар татбиқи инноватсияҳои бонкӣ нақши банкоматҳо хело калон аст. Дар аксар бонкҳо филиалҳои автоматикунонидашуда фаъолият менамоянд, ки онҳо бо таҷҳизоти махсуси муосири бонкӣ ҷиҳозонида шудаанд. Бонки автоматикунонидашуда (вобаста аз шумораи таҷҳизот) метавонад дар масофати 10-50 метри мураббаъ дар дохили биноҳои истиқоматӣ, мағозаҳо, объектҳои саноатӣ, бинои вокзали роҳи оҳан, фурудгоҳ ва ғайра фаъолият намояд. Бонки автоматикунонидашуда дар як шабонарӯз 24 соат бетанаффус хизматрасонӣ менамояд.

Дар шароити муосир дар аксари мамлакатҳо ҷараёни гузариш аз модели классикии филиали бонк ба модели хизматрасонии фосилавӣ идома дорад, ки дар асоси он бисёр амалиёти бонк бе омадани мизоҷ ба бонк ба анҷом расонида мешавад. Вобаста ба ҷорӣ намудани хизматрасонии фосилавӣ вазифаҳои шабакаҳои фурӯши чаканаи амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ ба филиалҳои автоматикунонидашуда гузашта, ин филиалҳо ҳамчун марказҳои махсуси хизматрасонӣ фаъолият менамоянд [7, с.62].

Гузариши системаи бонкӣ ба самти модели хизматрасонии фосилавии бонкӣ аз якчанд омилҳои объективӣ ва муҳити иқтисодию иҷтимоӣ, ки бонк дар он фаъолият мекунад, вобаста мебошад. Аз ҷумла, тағйирот дар ҳаёти аҳолӣ; ҷорӣ намудани технологияҳои нави иттилоотӣ ва автоматикунонии амалиёти бонкӣ.

Ба раванди татбиқи технологияҳои нави бонкӣ таъсири омилҳои зерин хело назаррас мебошад:

- ривоҷи рақобат.
- рушди технологияҳои иттилоотӣ.
- дастовардҳои нави технологияҳои коммуникатсионӣ.

Дар шароити имрӯза чунин ҳолате амал менамояд, ки мизоҷони бонк метавонанд суратҳисобҳои худро идора намоянд, инчунин якчанд амалиётро ба таври фосилавӣ иҷро кунанд. Чунин система ба таври умумӣ номи онлайн-банкинг (online banking)-ро гирифтааст.

Идоракунии фосилавии суратҳисоби бонкӣ тавассути усулҳои гуногун амалӣ карда мешавад:

- телефон - телебанкинг (telebanking);
- компютери шахсӣ - е-банкинг (e-banking);

- интернет - интернет-банкинг (Internet banking);

- дастгоҳҳои портативӣ - банкинги мобилӣ (mobile banking, mbanking).

Агар бо ёрии дастгоҳҳои гуногуни техникӣ байни бонк ва мизоҷ алоқа ташкил карда шавад ва мизоҷ шахси ҳуқуқӣ бошад одатан чунин системаро Мизоҷ-Бонк ва агар мизоҷ шахси воқеӣ бошад - банкинги хонагӣ (home banking) меноманд. Вале моҳиятан банкинги хонагӣ варианти системаи Мизоҷ-Бонк мебошад. Бо ёрии чунин системаҳои хизматрасонии бонкӣ шахси ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба бонк тавассути хати электронӣ пайваст шуда, ба тариқи мустақим аз хона ё дафтари корӣ амалиёти гуногуни молиявиро иҷро менамояд [1, с.30].

Хизматрасонии фоиславии бонкӣ дар охири асри XIX дар натиҷаи аз ҷониби ҷамъияти сохтмонии Nottingham Building Society ва ширкати телефонии британиягӣ British Telecom ва Bank of Scotland ба таври муштарак ташкил намудани технологияи нав - барномаи Homelink пайдо шудааст. Пайдо шудани чунин намуди хизматрасонӣ як ҷаҳиши муҳими сифатӣ дар раушди технологияҳои бонкии фосилавӣ ба шумор мерафт.

Истифодабарандагони системаҳои хизматрасониҳои электронии бонкӣ таҷҳизоти заруриро ба таври мустақилона харидорӣ ва дар хонаи худ насб менамоянд ва мутахассисони бонк бошанд ба онҳо дар самти таъмини барномаҳои зарурӣ ва тартиби истифодаи онҳо маслиҳат медиҳад. Системаҳои хизматрасониҳои электронии бонкии мазкур ба мизоҷон имкон медиҳанд, ки бо истифодаи симои монитор, телевизор ва ё компютери шахсӣ ба воситаи хати алоқаи телекоммуникатсионӣ ба компютери бонк пайваст шаванд.

Дар чунин ҳолат амалиёти бонкӣ дар як ҳафта ҳафт рӯз ба таври шабонарӯзӣ ба роҳ монда мешавад. Истифодаи системаҳои мазкур имкон медиҳад, ки ҳисоби ҷорӣ, ҳисоби мизоҷ бо буҷет, ҳисоби пардохтҳо ва пасандозҳо идора карда шавад.

Рушди воситаҳои алоқа ва дар як вақт зиёд шудани шумораи шахсоне, ки хизматрасониҳои бонкии пулакиро истифода мебаранд ба рушди телебанкинг мусоидат кард. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҳамаи бонкҳои калон ба мизоҷони худ тавассути системаи «Мизоҷ-Бонк» хизматрасонӣ мекунанд.

Системаи «Мизоҷ-Бонк» чунин имкониятҳо дорад:

- ба бонк пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои пардохтӣ;

- гирифтани беруннавис аз суратҳисоби мизоҷон;

- гирифтани нусхаи электронии ҳуҷҷатҳои пардохтӣ;

- бо банк мубодила кардани матни электронии маълумиот;

- гирифтани маълумоти иттилоотӣ;

- амалӣ кардани воридот/содироти иттилоот [6, с.256].

Масъалаи асосии рушд ва такмили минбаъдаи амалиёти бонкӣ дар хона навсозии системаи телекоммуникатсионӣ буда, ба ақидаи мутахассисон, ногузир мураккаб мешавад ва баъдан дар тамоми мамлакатҳо ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Яке аз бартариҳои системаи хизматрасонии бонкии фосилавии навъи «Мизоҷ-Бонк» бехатарии амалиётҳои гузаронидашаванда, инчунин ҳамгироии хело хуб бо дигар воситаҳои автоматикунонидашудаи бонк ба шумор меравад. Системаи мазкур баъзе норасоиҳо низ дорад, аз ҷумла, барои дар компютери мизоҷ насб кардани ин система барномаи махсус лозим аст.

Дигар ҷиҳати муҳими хизматрасонии бонкии фосилавӣ истифодаи телефон буда, дар ин самт низ тағйироти куллӣ ворид карда шудааст. Бо истифодаи телефон мизоҷ метавонад на фақат дар бораи бозори молиявӣ, суратҳисоби шахсии худ маълумот гирад, балки ӯ метавонад якчанд амалиёти бонкиро иҷро намояд.

Рушди технологияи мултимедӣ дар ояндаи наздик метавонад боиси пайдоиши намудҳои нави хизматрасонии бонкии фосилавӣ гардад, аз ҷумла ТВ-банкинг, ки он имкон медиҳад мизоҷ тавассути алоқаи видеоӣ ба оператор ва ё менеҷери хизматрасон мустақиман супориш диҳад.

Дар асоси ташкили ҷараёни навоварона дар бонк се модели инноватсиониро ҷудо кардан мумкин аст:

1) соҳибкории навоварона дар асоси ташкили дохилӣ, вақте ки навоварӣ дар дохили бонк ба вуҷуд оварда ва ё аз худ карда мешавад;

2) соҳибкории навоварона дар асоси ташкили берунӣ бо ёрии шартномаҳо вақте ки барои ба вуҷуд овардан ва ё азхудкунии навоварӣ байни бонкҳо шартнома баста мешавад;

3) соҳибкории навоварона дар асоси ташкили берунӣ бо ёрии венчурҳо - вақте ки бонк барои амалӣ кардани лоиҳаи навоварона ширкатҳои фаръии венчурӣ таъсис медиҳад, ки маблағҳои иловагии берунаро ҷалб менамоянд.

Фаъолияти инноватсионӣ дар бахши бонкдорӣ ҳамчун ҷараён дар худ чор марҳиларо дар бар мегирад: ҷустуҷӯи ғояи нав ва баҳодиҳии он, тартибдиҳии бизнес-нақша, ҷустуҷӯи захираҳои зарурӣ, идоракунии филиали таъсисшуда [2, с.39].

Барои соҳибкории навоварона ин чор марҳиларо ба марҳилаҳои хурд тақсим кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Барои аз худ кардан ва истеҳсол намудани молу хизматҳои нав соҳибкор бояд воситаҳои гардонро (М) дар шакли ашёи хом, масолеҳ, энергия ва ғайра ҷалб намояд, бинобар он соҳибкор онҳоро аз соҳибони воситаҳои гардон мехарад ва арзиши онҳоро (Дм) пардохт мекунад. Барои фаъолияти навоварӣ воситаҳои асосӣ (Ва) дар шакли бино, иншоот, таҷҳизот, асбобҳо заруранд ва соҳибкор онро аз соҳибони воситаҳои асосӣ (Мва) мехарад ё иҷора мегирад. Барои фаъолияти навоварӣ кадрҳои илмӣ-техникӣ, истеҳсолӣ, яъне қувваи корӣ (Қк) зарур аст, бинобар он соҳибкор онҳоро ба фаъолият ҷалб намуда (Дқк) арзиши онҳоро пардохт мекунад. Натиҷаи фаъолияти навоварӣ молу хизматҳо мебошад (МХ), ки соҳибкор онро бо арзиши (Дмх) ба бозор пешниҳод мекунад [4, с.95].

Механизми водоркунандаи тараққиёти навовариҳо, пеш аз ҳама, рақобати бозорӣ мебошад. Истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон дар ҷараёни истифодабарии техника ва технологияи кӯҳнашуда зарари тақсимшуда мегиранд, ки дар натиҷаи он маҷбур мешаванд, дар асоси навовариҳо хароҷоти истеҳсолиро кам кунанд.

Субъектҳои соҳибкорие, ки аввалин шуда навовариҳои самаранокро аз худ мекунанд, хароҷотҷои истеҳсолӣ ва мувофиқан арзиши маҳсулоти фурухташавандаро кам карда метавонанд. Дар натиҷа вазъияти худро дар муборизаи рақобатӣ бо бонкҳое, ки маҳсулот, хизматҳои монанд пешниҳод мекунанд, мустаҳкам мегардонанд. Ҳамин тариқ, мутобиқшавии бонк дар муборизаи рақобатӣ ба фаъолияти навоварона мусоидат мекунад.

Адабиёт

1. Безуглый Э.А. Банковская инновация как процесс модернизации деятельности банка // Успехи современной науки и образования. - 2021. Т.2. - №3. - С. 26-32.

2. Дьячков М.Н. Понятие и сущность банковских инноваций // Экономические науки. - 2019. - №10. - С. 36-43.

3. Кондрашов В.А. Тенденции развития банковских инноваций в современных условиях // Российское предпринимательство. - 2020. - №8(206). - С. 101-105.

4. Менделян А.С. Электронные инновации в банковском бизнесе: финансовое обеспечение // Молодой ученый. - 2022. - №11. - С. 93-98.

5. Прохоров К.Н. Инновации в банковской сфере // Проблемы учета и финансов. - 2022. - №4(16). - С. 56-62.

6. Семагин И.А. Теоретические основы банковских инноваций // Экономические науки. - 2020. - №10(71). - С. 254-258.

7. Флигинских Т.Н. Факторы, определяющие развитие инноваций в виде новых банковских продуктов // Креативная экономика. - 2016. - №10. - С. 57-68.

ҶАНБАҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ БОЗОРИ ПУЛУ ҚАРЗ ВА ИШТИРОКЧИЁНИ ОН

Толибова Манзура Қуваталиевна-ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к.Нахимов 64/14. Тел: 101072324. E-mail M_Tolibova @mail.ru

Сангинова Шоира Элбоевна-ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к.Нахимов 64/14. Тел:938838880. shoirasanginova3@gmail.com

Муаллиф дар мақолаи мазкур мо ҷанбаҳои назариявии бозори молиявӣ ва ғайримолиявиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода як қатор нишондиҳандаҳои ба ҳам алоқамандро дар ин масъала таҳлил ва баррасӣ намудем. Ҳамчунин бояд хотирнишон намуд, ки яке аз масъалаҳои асосие, ки дар мақола баррасӣ гардид, ин тафсири бозорҳои сатҳи гуногун, гурӯҳи иштирокчиён ва фаъолони ин раванд мебошад. Бо ин мақсад мо ҷанбаҳои назариявии бозори пулу қарзро бо тамоми тамоюлҳои ба он алоқаманд мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додем.

Калидвожаҳо. Бозори қарз ва пул, иштирокчиёни бозори пул, бозори асъо, миёнаравон, қарзҳои байнибонкӣ, бозори байналмилалии сармоя, унсурҳои асъорӣ.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ДЕНЕЖНО-КРЕДИТНОГО РЫНКА И ЕГО НЕОБХОДИМОСТЬ В ОБЩЕСТВЕ

Толибова Манзура Қуваталиевна- ассистент кафедры банковского дела Таджикского государственного университета финансов и экономики. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 101072324. E-mail M_Tolibova @mail.ru

Сангинова Шоира Элбоевна - ассистент кафедры банковского дела Таджикского государственного университета финансов и экономики. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 938838880.E-mail: shoirasanginova3@mail.com

В данной статье автор проанализировал и рассмотрел теоретические аспекты финансового и нефинансового рынка, а также проанализировал и рассмотрел ряд взаимосвязанных показателей в этой области. Следует также отметить, что одним из главных вопросов, обсуждаемых в статье, является интерпретация рынков различных уровней, групп участников и акторов в этом процессе. С этой целью мы проанализировали и рассмотрели теоретические аспекты денежно-кредитного рынка со всеми связанными с ним тенденциями.

Ключевые слова: Кредитно-денежный рынок, участники денежного рынка, валютный рынок, посредники, межбанковские займы, международный рынок капитала, валютные элементы.

THEORETICAL ASPECTS OF THE MONETARY MARKET AND ITS NEED IN SOCIETY


Tolibova Manzura- assistant Professor of the Department of Banking, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Tel.: (+992) 101072324. E-mail M_Tolibova @mail.ru

Sanginova Shoira Elboevna - assistant Professor of the Department of Banking, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Tel.: (+992) 938838880. E-mail: shoirasanginova3@mail.com

In this article, the author analyzed and examined the theoretical aspects of the financial and non-financial markets, as well as a number of interrelated indicators in this area. It should also be noted that one of the main issues discussed in the article is the interpretation of markets at various levels, participant groups, and actors in this process. To this end, we analyzed and examined the theoretical aspects of the monetary market and all associated trends.

Keywords: Money market, money market participants, foreign exchange market, intermediaries, interbank loans, international capital market, currency elements.

Дар ҷомеаи имрӯза қайд кардан зарур аст, ки мо метавонем бозори пулро ба як фароянди макроиқтисодӣ тавсиф намуда имконият ва иқтидорҳои онро ҳамчун асос барои пешрафти соҳаҳои мухталиф муаррифӣ намоем. Бо ин гуфтан мумкин аст, ки дар доираи бозори пул дигар муносибатҳои васеъи сатҳи институтсионалӣ дар қолаби институтҳои молиявию қарзӣ ва истеҳсолию ғайри истеҳсолӣ ба роҳ монад мешавад. Дар асоноккуни ҳамин масъала дуруст иброз гардидааст, ки "...пешниҳоди пул дар бозори пул ба пешрафти иқтисодиёт нақши муҳим мебозад. Ин масъала аз муодилаи маъруфи мубодила бармеояд. Дар ҳамин замина мувофиқан, байни пешниҳоди пул, суръати гардиши пул, истеҳсолот ва сатҳи нарх робитае вуҷуд дорад"[2.11]. Дар шароити имрӯза ташаккул ва рушди бозори пул на танҳо аз фароҳам сохтани шароит балки аз фаъол гардонидани дигар бозорҳои тобеъ иборат мебошад. Зеро бозор дар ҳамон ҳолате ташаккул меёбад, ки агар дар он муҳити истеҳсолот бо пул таъмин ва кифоягии воситаҳои пулӣ дар бозори меҳнат ба талаот ҷавобгӯ бошад. Вобаста ба баррасӣ ва арзёбии масъалаи мазкур бо зарияти тафриқабандии бозори пулро дар муҳити фарогир аз масъалаҳои зерин асосӣ меҳисобем. (нигар расми 2)




Расми 2. Гурӯҳбандии бозори пул вобаста ба бозорҳои алоқаманд
Сарчашма. Таҳияи муаллиф.

Гуфтан мумкин аст, ки бозори пул агар яке аз қисматҳои муҳими бозори молиявӣ маҳсуб ёбад ҳам он ҳамчун қисми мураккаб ва ҳасоси низоми иқтисодӣ маҳсуб ёфта дар доираи сиёсати пулию қарзӣ ҳал карда мешавад. Вобаста ба инӣ метавон гуфт, ки рушди бозори пул дар сатҳи фарогирӣ агар худ омили таркибӣ бошад, он вобаста ба мураккабии худ метавонад, дигар бозорҳои мӯҳим ва заруриро баррои рушди дигар восита ва сармояи пулӣ мусоидат намояд. Бозори коғазҳои қиматнок яке аз сохторҳои марказӣ ва муттаҳидкунадаи раванди муносибатҳо байни бозори пулӣ ва бозорӣ молӣ дар ҳамбастагӣ бо равандҳои истеҳсолӣ мебошад. Дар ҳамин замина метавон гуфт, ки бозори қғазҳои қиматнок дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои асосие мебошад, ки бевосита он ба навсозӣ ва сатҳи диверсификатсияи бозори пул ва сармоя мусоидат намуд сатҳи диверсификатсияи амалиётҳоро дар ин муҳит фаъол мегардонад. Зеро бе ташаккул ва рушди бозори қоғазҳои қиматнок навсозии сатҳи даромади институтҳои молиявӣ шояд дар чанд соли оянда душвор гардад. Аз ҳамин хотир ташаккул ва рушди бозори коғазҳои қиматнок дар муҳити бозори пулӣ муҳим ва зарурӣ мебошад. Аз ин гуфтан мумкин аст, ки ташаккул ва рушди ин бозор дар муҳити бозори пул ташаккули бозори пулу қарз, махсусан бозори қарзҳои байнибонкиро дар сатҳи зарурӣ ташаккул медиҳад.

Қарзҳои байнибонкӣ низ хосияти иқтисодӣ дошта онҳо ҳамчун ҷузъи муҳими бозори қарзӣ дар заминаи манфиатҳои иқтисодӣ ва фаъолнокии истеҳсолкунандагон сафарбар мегарданд. Вобсата ба ин метавон гуфт, ки дар қарзҳои байнибонкӣ низ дар ҳолате ташаккул меёбанд, ки талаботҳои барзиёди субъектҳои иқтисодӣ дар як давраи муаян якбора ба қарз меафзояд ва ин шароит медиҳад, ки дар сатҳи иқтисодиёт чунин қарзҳо комилан ташаккул ёбанд. Зеро тибқи маълумотҳо “...қарзгиранда - тарафи муносибати қарзӣ мебошад, ки қарзи пулӣ мегирад ва ӯҳдадор мешавад, ки маблағи ҳамчун қарз гирифташударо дар мӯҳлати муайяншуда баргардонад ва барои давраи истифодаи қарз бо фоиз пардохт кунад”. Лекин дар ин масъала асосан гап дар сари қарзҳои байнибонкӣ мераванд, ки асосан чунин ҳолати бозори қарзӣ танҳо дар ҳолати мавсимӣ дар сурати аз ҳад зиёд шудани талабот ба вуҷуд меоянд. Тафсири ягонагии бозори пул ба равндҳои ба ҳам пайваст намудани дорандагони пулҳои озод ва шахсоне, ки бевосита ба ин пулҳо эҳтиёҷ доранд фаҳмида мешавад. Дар ҳамин замина тибқи сарчашмаҳо “...бозорҳои пулӣ асосан ба дорандагони маблағҳо - бонкҳо, менеҷерони пул ва сармоягузорони чакана - сармоягузориҳои бехатар, моеъ ва кӯтоҳмуддат ва қарзгирандагон - бонкҳо, брокерҳо-дилерҳо, фондҳои хеҷинг ва корпоратсияҳои ғайримолиявӣ - дастрасӣ ба маблағгузории арзонро фароҳам меоранд”[7]. Ҳамзамон бо ин метавон гуфт, ки яке аз масъалаҳои асосие, ки бевосита бозори пулро дар ҳамбастагӣ бо муносибатҳои васеъи иқтисодӣ ба ҳам меоваранд ин иштирокчиёни бозори пулӣ мебошад, ки ҳар кадоми он тибқи амалкардҳои институтсионалӣ метавонад ба рушди иқтисодиёт ва беҳбудгардонии иқтисодиёт мусоидат менамоянд.

Дар баробари ҳамаи ин яке аз воситаҳои мураккаби бозори пул дар сатҳи иқтисодиёти ҳар як давлат бозори асъор мебошад, ки он низ яке аз қисматҳои таркибии бозори пулӣ мебошад. Бозори асъор ташкилкунандаи муносибатҳои васеъи бурунмарзӣ буда дар он равобити тиҷоратӣ дар доираи истеҳсолоти гуногуни молу маҳсулот ташаккул меёбанд. Вобаста ба ин метавон гуфт, ки бозори асъор ин бозорест, ки дар асъорҳои давлатҳои хориҷа ва дигар сарватҳои асъорӣ мубодила карда мешаванд. Тибқи баъзе сарчашмаҳо бозори асъор “... ин низоми устувори муносибатҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ташкилӣ, ҳуқуқӣ мебошад, ки дар иҷрои амалиётҳои муомилоти асъори хориҷӣ, ҳуҷҷатҳои пардохтӣ бо асъори хориҷӣ ва ҳаракати сармояи хориҷӣ пайдо мегардад”[5.133]. Бояд иброз дошт, ки бозори пул як низоми марказонидашуд буда дар он нақши иштирокчиё ва

пешбарандагони муҳим ва зарурӣ мебошад. Аз ҳамин хотир метавон гуфт, ки рушди бомароми бозори пулӣ аз иштирокчиёни он вобастагии зиёд дорад. (нигаред ба расми 3)



Расми. 3. Сохтори институтсионалии иштиокчиёни бозори пулӣ ва пешбарандагони муносибатҳои пулӣ.

Сарчашма. Таҳияи муаллиф

Чархиши дурусти бозори пул ба мо имкон медиҳад, ки дар сатҳи зарурӣ рушди иқтисодиётро таъмин намуда тавассути гирдгардиши пулҳо дар ин бозор имкониятҳои нави рушдро дар сатҳи зарурӣ фароҳам оварем. Аз ин хотир метавон гуфт, ки заминаҳои институтсионалии рушди бозори пулро дар шароити имрӯза агар аз як тараф тавассути иштирокчиёни фаъол имконпазир гардонем, аз дигар тараф онро тавассути равандҳои инноватсионии марбут ба шароитҳои имрӯза метавонем дар сатҳи зарурӣ рушд диҳем. Танзимкунандгони бозори пул яке аз масъалаҳои асосие мебошад, ки бевосита ба рушди ин бозор мусоидат намуда муаммоҳои дар ин самт ҷойдошта дар доираи равандҳои сиёсати пулию қарзӣ ҳал карда мешаванд. Вобаста ба ин метавон гуфт, ки амалкардҳои институтсионалӣ ба он далолат менамояд, ки бевосита унсурҳои пулӣ пурзур ва идорашавандагии низомҳо ба тарзи доимӣ таъмин бошанд. Вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки яке аз ҷузъҳои асосӣ ва таркибии бозори пул ин қарз ва муносибатҳои қарзӣ мебошад, ки он метавонад дар пешрафти иқтисодиёт ё сатҳи самаранокии иқтисодиёт мусоидати ҳамтарафа менамояд. Вобаста ба ин дуруст иброз гардидааст, ки "...дар шароити имрӯза зоҳиран амалкардҳои қарзӣ ва муносибатҳои қарзиро на танҳо дар сатҳи

институтҳои молиявию қарзӣ балки дар соҳаҳои саноат, сохтумон, кишоварзӣ ва хизматрасонӣ низ мушоҳида намудан мумкин аст”[3.118].

Дар танзими бозори пулу қарз сиёсати пулию қарзӣ ҳамчун афзори асосии бозори пулӣ маҳсуб ёфта тартиби бамеъёрдарорӣ ва дигар равандҳои ба муносибатҳои пулию қарзӣ алоқаманд ба танзим дароварда мешаванд. Танзими бозори пулу қарз дар сатҳи давлат тавассути бонкҳо ва дигар сохторҳои дахлдори соҳавӣ ба танзим дароварда мешаванд. Вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ қарзҳо низ ҳамчун қисми муҳими сохтори иқтисодии низоми ин бозор мебошад. Дар робита ба ин дуруст қайд гардидааст, ки “...қарзҳо низ қисми муҳими сиёсати пулию қарзӣ буда дар татбиқи манетизатсияи иқтисодӣ нақши асосӣ доранд. Тавре, ки зикр шудааст “ҳамчунин гуфтан мумкин аст, ки аз ҳаҷми умумии қарзҳои пешниҳодшуда 6,8% он ба таври фосилавӣ тавассути замимабарномаҳои мобилӣ пешниҳод карда шудаанд” [4.182]. Ҷанбаҳои муҳими бозори пулу қарз дар татбиқи сиёсати иқтисодии давлат нақши калидӣ дошта алоқамандии онҳо бо бозорҳои байналмилалии сармоя низ пайвастагии зиёд дорад. Дар ҳамин замина олими тоҷик Ш.Раҳимзода ба маврид қайд намудааст, ки “...рушди фаъоияти бозори байналмилалии сармояи қарзӣ аз бозорҳои миллии сармоя шуруъ шудааст”[6.363]. Вобаста ба расми мазкур ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки барои мушаххасоти ҷараёнҳои дурусти пулу қарз ва арзёбии дурусти муносибатҳои пулӣ ва сатҳи пешбарии он иштирокчиёни бозори пулро барои мушаххасоти масъалаи мазкур ба ду гурӯҳи асосӣ тақсимбандӣ намудем. Дар робита ба ин метавон гуфт, ки иштирокдорон ва фаъолон гурӯҳи субъектҳои иқтисодӣ дар бозори пул аз зумраи он масъалаҳое мебошад, ки расидагӣ ба он шарти муҳим ва зарурӣ мебошад. Тибқи арзёбиҳои мо дар марҳалаи аввал иштирокчиёни бозори пул мавриди баррасӣ қарор гирифта дар он дорандагони пул ва пешниҳодкунандагони он фаъолона ширкат меварзанд. Бинобар ин метавон гуфт, ки агар дар сатҳи бозори пул ҳиссаи пулдеҳон ва пулгирон зарур бошад, дар марҳалаи дигар барои фаъолгардонии он фаъолон ва иштирокчиён низ муҳим ва зарурӣ мебошад. Яъне гуфтан мумкин аст, ки нақши институтҳои молиявӣ дар сафарбарсозии захираҳои ҷалбшуда ва таъмини бехатарии онҳо муҳим ва зарурӣ мебошад. Ин аст, ки дар бозори пулу қарз самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ яке аз ҳадафҳои асоси ин бозор буда дар он тамоми афзалиятҳо дар сатҳи ҷамъият хосияти рушд доранд. Аз ин лиҳоз гуфтан мумкин аст, ки заминаҳои дурусти ташаккули бозори пулу қарз аз амалкардҳои институтсионалӣ ва муҳити ҳамгироӣ дар дастгирии байниякдигарии тамоми бозорҳо ва гурӯҳи иштирокчиён вобаста мебошад.

Адабиёт

1. Зеленская Е.Ю Роль денежного рынка в антикризисном развитии экономикит // ERRA ECONOMICUS «2011 « Том 9 № 3 Часть 2. Стр 11.
2. Зеленская Е.Ю Роль денежного рынка в антикризисном развитии экономикит // ERRA ECONOMICUS «2011 « Том 9 № 3 Часть 2. Стр 11.
3. Махшулов, С. Ҷ. Хусусиятҳои хосси ташаккули муносибатҳои қарзӣ дар Тоҷикистон / С. Ҷ. Махшулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 6-1. – P. 118-124. – EDN CEOMMW.
4. Махшулов, С. Ҷ. Рушди низоми бонкӣ ва муносибатҳои қарзӣ дар шароити муосир / С. Ҷ. Махшулов, Ҷ. Р. Сандалов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 10-1. – P. 182-190. – EDN PGZAVX.
5. Мирсаидов С.А. танзими асъор ва назорати асълор // С.А. Мирсаидов / Васоити таълимӣ. Душанбе 2024 Саҳ 133
6. Шариф раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз // Ш.Раҳимзода/ Китоби дарсӣ. Душанбе “Эр-Граф”. Саҳ 363
7. Сарчашмаи электронӣ. https: // www. imf. Org / external / russian / pubs/ ft / fandd / 2012 / 06 / pdf / basics.pdf (санаи мурочиат 12.01.2026)
8. Сарчашмаи электронии https://ru.wikipedia.org аз маълумотҳои Финансы и кредит: Учебник / Под ред проф. М. В. Романовского, проф. Г. Н. Белоглазовой. — М.: Высшее образование, 2006.

ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ «ЗЕЛЁНОЙ» ТУРИСТИЧЕСКОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ: ИНВЕСТИЦИОННЫЙ АСПЕКТ

Мирзобаева Аниса Шухратовна-ассистент кафедры мировая экономика, факультета бизнеса и международной экономики, ТГУПБП. Республика Таджикистан, г. Худжанд. +(992)-92-937-44-11. e-mail mirzobaeva_01@mail.ru

В статье рассматриваются теоретические и практические аспекты формирования «зелёной» туристической инфраструктуры в условиях перехода мировой экономики к модели устойчивого развития. Особое внимание уделяется анализу инвестиционных процессов в сфере экологически ориентированного туризма, определению структурных элементов «зелёной» инфраструктуры и выявлению факторов, стимулирующих и сдерживающих её развитие. Раскрывается роль государства, частного капитала и механизмов государственно-частного партнёрства в реализации экологических проектов. Отдельно анализируются современные инструменты устойчивого финансирования, включая принципы ESG, а также их влияние на перераспределение инвестиционных потоков в туристической отрасли. Рассматривается международный опыт экологической трансформации туризма на примере стран Европейского союза, Норвегии и Швеции. Делается вывод о стратегической значимости инвестиций в «зелёную» туристическую инфраструктуру как фактора долгосрочной конкурентоспособности регионов и обеспечения социально-экономической устойчивости территорий.

Ключевые слова: Устойчивое развитие; зелёная туристическая инфраструктура; инвестиции; устойчивое финансирование; экологическая трансформация, региональное развитие.

FORMATION AND DEVELOPMENT OF "GREEN" TOURISM INFRASTRUCTURE: INVESTMENT ASPECT

Mirzobaeva Anisa Shukhratovna-assistant of the department of world economy, faculty of business and international economics, TSULBP (KHUJAND, SOGDREGION) +(992)-92-937-44-11. e-mail mirzobaeva_01@mail.ru

This article examines the theoretical and practical aspects of developing "green" tourism infrastructure in the context of the global economy's transition to a sustainable development model. Particular attention is paid to analyzing investment processes in eco-oriented tourism, defining the structural elements of "green" infrastructure, and identifying the factors stimulating and hindering its development. The role of the state, private capital, and public-private partnership mechanisms in the implementation of environmental projects is explored. Modern sustainable financing instruments, including ESG principles, and their impact on the redistribution of investment flows in the tourism industry are analyzed separately. This article examines international experience in the environmental transformation of tourism, using examples from the European Union, Norway, and Sweden. It concludes that investing in green tourism infrastructure is strategically important as a factor in the long-term competitiveness of regions and ensuring the socioeconomic resilience of their territories.

Keywords: Sustainable development; green tourism infrastructure; investment; sustainable financing; environmental transformation; regional development.

ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИНФРАСТРУКТУРАИ САЙЁҲИИ «САБЗ»: ҶАНБАИ САРМОЯГУЗОРӢ

Мирзобаева Аниса Шӯхратовна - ассистенти кафедраи иқтисоди ҷаҳонӣ, факултети бизнес ва иқтисодиёти байналмилалӣ, ДДҲБСТ. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд.

+(992)-92-937-44-11. e-mail mirzobaeva_01@mail.ru

Дар мақола ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули инфрасохтори сайёҳии "сабз" дар заминаи гузариши иқтисоди ҷаҳонӣ ба модели рушди устувор баррасӣ мешаванд. Таваҷҷӯҳи махсус ба таҳлили равандҳои сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳии экологӣ, муайян кардани унсурҳои сохтории инфрасохтори "сабз" ва муайян кардани омилҳое, ки рушди онро ҳавасманд ва монеъ мекунанд, равона карда шудааст. Нақши давлат, сармояи хусусӣ ва механизмҳои шарикии давлатӣ-хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои экологӣ ошкор карда шудааст. Таҳлили алоҳидаи воситаҳои муосири маблағгузории устувор, аз ҷумла принсипҳои ESG ва таъсири онҳо ба тақсимоти аз нав тақсимкунии ҷараёнҳои сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ пешниҳод карда мешавад. Таҷрибаи байналмилалии табдили экологӣ дар сайёҳӣ бо истифода аз мисоли Иттиҳоди Аврупо, Норвегия ва Шветсия баррасӣ мешавад. Хулоса дар бораи аҳамияти стратегии сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳии "сабз" ҳамчун омили рақобатпазирии дарозмуддати минтақаҳо ва таъмини устуворӣ иҷтимоию иқтисодии қаламравҳо бароварда мешавад.

Калидвожаҳо: Рушди устувор; инфрасохтори сайёҳии сабз; сармоягузорӣ; маблағгузории устувор; табдили экологӣ, рушди минтақавӣ.

Современный этап развития мировой экономики характеризуется усилением внимания к вопросам экологической безопасности и рационального использования природных ресурсов. Туризм, являясь одной из крупнейших отраслей глобального хозяйства, оказывает значительное влияние на социально-экономическое положение регионов, но одновременно формирует серьёзную нагрузку на природные экосистемы. Рост туристических потоков сопровождается увеличением энергопотребления, объёмов отходов, транспортных выбросов и антропогенного воздействия на природные территории.

В этих условиях особую актуальность приобретает концепция устойчивого развития, сформулированная и продвигаемая Организация Объединённых Наций. В рамках данной концепции туризм рассматривается как инструмент экономического роста, который должен сочетаться с охраной окружающей среды и социальной ответственностью. Практическим выражением этих идей становится формирование «зелёной» туристической инфраструктуры — системы объектов и технологий, ориентированных на снижение экологического следа отрасли.

Цель данной работы заключается в комплексном анализе инвестиционных процессов в сфере «зелёной» туристической инфраструктуры, выявлении её структурных особенностей, а также определении факторов, способствующих и препятствующих её развитию.

Устойчивый туризм предполагает такую организацию туристической деятельности, при которой экономические выгоды сочетаются с сохранением природного и культурного потенциала территорий. Согласно позиции Всемирная туристская организация (UN Tourism), устойчивое развитие туризма должно обеспечивать баланс интересов туристов, бизнеса и местных сообществ, минимизируя негативные последствия для окружающей среды.

Ключевые характеристики устойчивого туризма включают:

- рациональное использование природных ресурсов;
- снижение углеродного следа;
- поддержку локальной экономики;
- сохранение историко-культурного наследия;
- формирование экологической культуры потребления.

Таким образом, устойчивый туризм — это не отдельный сегмент рынка, а новая модель функционирования всей отрасли. [6, с. 68]

Под «зелёной» туристической инфраструктурой понимается совокупность инженерных, архитектурных и организационных решений, направленных на экологизацию туристической деятельности. В её состав входят:

1. **Экологически ориентированные средства размещения** — гостиничные комплексы, использующие энергосберегающие технологии, солнечные панели, системы автоматизированного контроля потребления ресурсов.

2. **Низкоуглеродный транспорт** — развитие железнодорожного сообщения, электробусов, веломаршрутов и инфраструктуры для электромобилей.

3. **Современные системы обращения с отходами** — сортировка, переработка и повторное использование материалов.

4. **Водоохранные и очистные сооружения**, предотвращающие загрязнение водных объектов.

5. **Инфраструктура природного туризма** — экотропы, информационные центры, природные парки с ограниченной антропогенной нагрузкой.

Формирование подобных объектов требует значительных капиталовложений, однако их долгосрочный эффект выражается в снижении эксплуатационных затрат и повышении туристической привлекательности территории.

Развитие «зелёной» инфраструктуры невозможно без активного участия государства. Органы власти формируют нормативно-правовую базу, устанавливают экологические стандарты строительства и эксплуатации объектов, а также разрабатывают программы субсидирования и налогового стимулирования.

Одновременно возрастает роль частного капитала. Бизнес всё чаще рассматривает экологические проекты как перспективное направление вложений, обеспечивающее конкурентные преимущества и укрепление репутации.

Эффективной формой взаимодействия выступает механизм государственно-частного партнёрства, позволяющий распределить финансовые риски и обеспечить комплексный подход к реализации крупных инфраструктурных проектов.

В последние годы активно развивается рынок устойчивого финансирования. «Зелёные» облигации, ESG-фонды и специализированные инвестиционные программы направлены на поддержку проектов, отвечающих экологическим и социальным критериям. [20, с. 25]

Принципы ESG (Environmental, Social, Governance) ориентируют инвесторов на оценку проектов не только по уровню доходности, но и по их воздействию на окружающую среду и общество. Это способствует перераспределению капитала в пользу экологически ответственных инициатив, включая туристическую сферу.

Несмотря на более высокие первоначальные затраты, экологические инвестиции обладают значительным мультипликативным эффектом. К основным результатам относятся:

- сокращение расходов на энергоресурсы и водоснабжение;
- увеличение срока эксплуатации объектов;
- рост туристического спроса на экологически ориентированные продукты;
- формирование положительного имиджа региона.

В долгосрочной перспективе такие инвестиции обеспечивают устойчивость бизнеса к колебаниям цен на энергоресурсы и ужесточению экологического регулирования.

В рамках экологической трансформации экономики Европейский союз реализует комплекс мер по снижению выбросов парниковых газов и повышению энергоэффективности. Туристическая отрасль включена в стратегию климатической нейтральности, предполагающую модернизацию гостиничного фонда, развитие общественного транспорта и внедрение экологической сертификации объектов размещения.

Такие государства, как Норвегия и Швеция, демонстрируют успешную интеграцию принципов экологической ответственности в туристическую деятельность. Активное использование возобновляемых источников энергии, строгие стандарты природопользования и поддержка экотуристических инициатив позволяют

минимизировать негативное воздействие на окружающую среду при сохранении высокого уровня сервиса.

В ряде развивающихся государств экотуризм становится инструментом сохранения природного наследия и источником дохода для местных сообществ. Реализация проектов часто осуществляется при поддержке международных организаций и фондов, что способствует привлечению дополнительных инвестиций и обмену передовыми технологиями.

Несмотря на очевидные преимущества, формирование «зелёной» туристической инфраструктуры сопровождается рядом трудностей:

- высокая капиталоёмкость проектов;
- длительный срок окупаемости;
- недостаточная подготовка кадров в сфере устойчивого строительства;
- ограниченный доступ малого бизнеса к льготному финансированию;
- распространение практики «зелёного камуфляжа» (greenwashing).

Кроме того, в некоторых странах отсутствует единая система оценки экологической эффективности туристических объектов, что затрудняет объективный анализ результатов инвестирования.

Дальнейшее развитие «зелёной» туристической инфраструктуры связано с внедрением инновационных технологий и управленческих решений. Среди приоритетных направлений можно выделить:

- цифровые системы мониторинга энергопотребления;
- интеграцию принципов циркулярной экономики;
- развитие локальных туристических кластеров;
- расширение программ экологической сертификации;
- повышение экологической грамотности туристов.

Формирование устойчивой инфраструктуры способствует не только сохранению природных ресурсов, но и укреплению социально-экономической стабильности регионов.

Инвестиции в «зелёную» туристическую инфраструктуру представляют собой стратегически важное направление модернизации туристической отрасли. Они обеспечивают переход от экстенсивной модели развития к инновационной и ресурсосберегающей системе хозяйствования. [15, с. 34]

Комплексное взаимодействие государства, бизнеса и общества, использование современных финансовых инструментов и учёт международного опыта позволяют сформировать устойчивую основу для дальнейшего роста туристической индустрии. В условиях глобальных экологических вызовов именно экологически ориентированные инвестиции становятся фактором долгосрочной конкурентоспособности и устойчивого развития территорий.

Список литературы:

1. Организация Объединённых Наций. Наше общее будущее (Доклад Брундтланд)**.** — Нью-Йорк: ООН, 2020.

2. Всемирная туристская организация. Global Report on Sustainable Tourism**. —** Madrid: UN Tourism, 2022.

3. European Commission. The European Green Deal**. —** Brussels: European Union, 2019.

4. Organisation for Economic Co-operation and Development. Green Growth and Sustainable Touris m Development**. —** Paris: OECD Publishing, 2020.

5. World Bank. Tourism and Green Investment: Policy Framework for Sustainable Infrastructure**. —** Washington, DC: World Bank, 2021.

6. United Nations Environment Programme. **Green Economy and Sustainable Tourism**. — Nairobi: UNEP, 2022.

7. World Bank. Tourism and Green Investment: Policy Framework for Sustainable Infrastructure**. —** Washington, DC: World Bank, 2021.

8. United Nations Environment Programme. **Green Economy and Sustainable Tourism**. — Nairobi: UNEP, 2022.

АРЗЁБИИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ МУСТАҚИМ БА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Солиев Бахтовар Сангинмуродович- ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/10. Телефон: 938500272

Сиёсати давлатии сармоягузориҳои мустақим ва таъмини фаъолияти самаранокии бозори инвеститсионӣ бояд ба фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ ва бартараф намудани маҳдудиятҳои қонунгузорӣ ва институтсионалӣ барои афзоиши сармоягузориҳо дар истеҳсолот, тақвиятбахшии тамоюли иҷтимоии онҳо, озод намудани ташаббуси бахши хусусии иқтисод, муқовимат ба таҳдидҳои баъди бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ бавуҷудомадаи бесуботии фаъолияти хоҷагидорӣ дар кишвар бинобар фарсудагии ҷисмонии аз ҳад зиёди бахши истеҳсолӣ нигаронида шавад.

Калидвожаҳо: иқтисод, сармоя, сармоягузорӣ, сармояи мустақим, рушди иқтисодӣ

ОЦЕНКА ПРИВЛЕКАТЕЛЬНОСТИ ПРЯМЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В РЕСПУБЛИКУ ТАДЖИКИСТАН

Солиев Бахтовар Сангинмуродович - ассистент кафедры экономического анализа и статистики Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан. Душанбе, улица Нахимова 64/10. Телефон: 938500272

Государственная политика в области прямых инвестиций и обеспечение эффективного функционирования инвестиционного рынка должны быть направлены на создание благоприятных инвестиционных условий и устранение законодательных и институциональных ограничений для роста инвестиций в производство, укрепление их социальной направленности, освобождение инициативы частного сектора экономики и противодействие угрозам нестабильности экономической активности в стране, обусловленным чрезмерным физическим устареванием производственного сектора, возникшим после мирового финансового кризиса.

Ключевые слова: экономика, капитал, инвестиции, прямые инвестиции, экономическое развитие

ASSESSMENT OF ATTRACTION OF DIRECT INVESTMENTS TO THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Soliev Bahtovar Sanginmurodovich- assistant at the Department of Economic Analysis and Statistics, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Nakhimov street 64/10. Phone: 938500272

State policy on direct investments and ensuring the efficient functioning of the investment market should be aimed at creating favorable investment conditions and eliminating legislative and institutional restrictions for the growth of investments in production, strengthening their social orientation, freeing up the initiative of the private sector of the economy, and countering the threats of instability of economic activity in the country due to excessive physical obsolescence of the production sector that arose after the global financial crisis.

Keywords: economy, capital, investment, direct investment, economic development

Дар шароити муосир арзёбии ҷалби сармоягузории мустақим иловагии молиявӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ дар давраи миёнамуҳлат ва дурнамо то солҳои 2030 аҳамияти хеле калон дорад.

Сармоягузориҳои мустақим яке аз шаклҳои муҳими муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ мебошад. Он вақте ба амал меояд, ки шахс, ширкат ё давлат сармояи худро ба иқтисодиёти кишвари дигар гузошта, **назорат ва иштирок дар идоракунии корхона-**

ро ба даст меорад.Сармоягузориҳои мустақим ин ҳолатест, ки сармоягузор (шахс ё ширкат) ба корхона ё лоиҳа дар кишвари дигар маблағ мегузорад ва дар идоракунии он иштирок мекунад (масалан, сохтани завод ё харидани саҳмияҳои назоратӣ)..

Имрӯз барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҷалби сармоягузории мустақим аз он нуқтаи назар проблемаи аввалиндараҷа арзёбӣ мегардад, ки мо бояд ҳар чи зудтар аз модели истеъмолӣ ба модели сармоягузорӣ қадам ниҳем ва маҳз барои ҳамин ҷалби сармоягузории хориҷиву ватанӣ барои илми иқтисодӣ ва таҷрибаи хоҷагидории миллӣ вазифаи муҳим ба ҳисоб меравад.

Сиёсати сармоягузориҳои мустақим маҷмӯи қонунҳо, қоидаҳо ва тадбирҳое мебошад, ки давлат барои ҷалб, танзим ва ҳифзи сармоягузории хориҷӣ ё дохилӣ ба иқтисодиёт истифода мебарад. Нисбат ба онҳо қонуни умумӣ, ки фаъолияти хоҷагидорӣ, қонуни андоз, асъорӣ, бонкӣ ва ғайраро танзим менамоянд, истифода бурда мешавад. Қонунҳои махсус оид ба мабалағгузориҳои хориҷӣ, одатан дар давлатҳои Осиё, Африко, Америкаи Лотинӣ, дар мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ қабул карда шудаанд. Масалан, дар Ҷумҳурии Халқии Хитой садҳо қонун ва зерқонунҳои танзимкунандаи сармоягузории хориҷӣ қабул карда шудааст, ки барои ҷалб намудани сармоягузории хориҷӣ ва ҳалли вазифаҳои инкишофи иқтисодиёт муайян карда шудаанд. Дар моддаи 18-уми Сарқонуни Ҷумҳурии Халқии Хитой ба муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои хориҷӣ ва ё шахсони алоҳида иҷозат медиҳад, ки мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Халқии Хитой ба Чин сармоягузорӣ кунанд ва онро дар шаклҳои гуногуни ҳамкории иқтисодӣ бо муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои хоҷагии Хитой ҳамкорӣ намоянд. Дар Чин як қатор актҳои ҳуқуқӣ оид ба сохтани иттиҳодияҳо дар асоси сармояи хитоӣ ва хориҷӣ ва ё пурра марбути сармояи хориҷӣ қабул карда шудааст. Ҳар як давлат тартиботи бадастдарории сармояи хориҷиро муайян месозад. Дар як гурӯҳи мамлакатҳо системаи иҷозатдодашуда ва ё литсензионӣ дар дигарашон - ҳаракати озоди сармоя мавҷуд мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давлатҳое мебошад, ки иқтисодиёти он дар давраи гузариш қарор дорад ва дар байни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавқеи хосро ишғол мекунад. Хусусияти асосии ҷалби маблағгузории хориҷӣ ба иқтисодиёти ҶТ дар он аст, ки Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди энергетикӣ, захираҳои зеризаминӣ, канданиҳои фоиданок буда, шароити мусоид барои инкишофи соҳаҳои истеҳсолӣ дар он вуҷуд дорад. Аз ҳамин сабаб, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти ҶТ хеле муҳим аст, барои он ки ояндаи Тоҷикистонро бе содирот ва фаъолияти хориҷӣ тасаввур кардан аз имкон берун аст. Иқтисодиёти ҶТ дар замони муосир на он қадар дар вазъияти хуб қарор дорад, вале инкишофи босуръати сохтмони меҳмонхонаҳову ҷойҳои истироҳатӣ ва корхонаҳои муштарак ба чашм мерасад. Ин чунин маъно дорад, ки ҶТ бояд барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ омода бошад, зеро мақсади асосии маблағгузорон ин ба даст овардани фоида ва забт намудани бозори миллӣ мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, бояд маблағҳои хориҷӣ бо мақсадҳои муайян гирифта шавад ва барномаҳои ояндабинии он низ ба самтҳои стратегии ҳимояи соҳибкорони дохилӣ, баромадани онҳо ба бозори ҷаҳонӣ, ба вуҷуд овардани маблағгузориҳои дохилӣ ва монанди инҳо бояд дида шавад.

Ҳамин тариқ, ҷалби сармояҳои мустақим ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ нақши муҳимро дар рушди иқтисодии он мебозад. Дар замони муосир мафҳуми “сармоягузорӣ” маънои васеътарро дорост.

Сармоягузории мустақим (Foreign Direct Investment – FDI) ин гузоштани маблағ шахсони ҳуқуқи, воқеӣ ва давлат ба иқтисодиёти кишвари дигар мебошад, ки сармоягузор дар идоракунӣ ва фаъолияти он корхона низ иштирок мекунад.Дар баробари ин, воридшавии сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ хусусияти маҳдудшавӣ дошта, тамоюли пастравии интиқолҳои пулӣ назаррас мебошад. Ҳамзамон, ҷалби маблағҳо аз ташкилотҳои молиявӣ низ маҳдуд шуда истодаанд, ки ба коста шудани имкониятҳои буҷаи давлат барои афзун намудани маблағгузории рушди иқтисодиёт оварда мерасонад. Дар навбати худ, боло рафтани қарзи берунаи давлат ва мушкилиҳои бавуҷудомада вобаста ба пайдоиши

таҳримҳои иқтисодӣ дар миқёси ҷаҳон имконияти ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ маҳдуд месозад.


Вобаста ба ин, назар менамоем ба динамика ва сохтори ҷалби сармоягузориҳои мустақим.

Ҷадвали 1. Маълумот дар бораи воридоти сармоягузориҳои мустақим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2019 2024

(ҳаз. доллар; тыс.долларов)

Нишондиҳанда	сармояи мустақим	афзоиши мутлақ	суръати афзоиш	суръати бозафзоиш
2019	3948,4	-	-	-
2020	3760,5	-187,9	1,0	-4,76
2021	3653,8	-106,70	0,97	-2,84
2022	2576,80	-1077,00	0,71	-29,48
2023	2783,98	207,18	1,08	8,04
2024	5073,83	2289,85	1,82	82,25

Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2025 саҳ 240 сармоягузориҳои хориҷӣ



Вобаста ба рақамҳои ҷадвали овардашуда бояд қайд намоем, ки сармоягузориҳои мустақим, ки аз ҷониби шахсони ҳуқуқи, воқеӣ ва давлат ба иқтисодиёти кишвари дигар мебошад, ки аз соли 2019 то 2023 бо афзоиши мутлақ 1164,42 (ҳаз .долар) бо фоиз 41,82% дар сатҳи Ҷумҳури Тоҷикистон коҳиш ёфта шояд мушкилиҳои бавуҷудомада вобаста ба пайдоиши бемории сироятӣ (каронавирус) ва пайдоиши таҳримҳои иқтисодӣ дар миқёси ҷаҳон имконияти ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷиро ба иқтисодиёти миллӣ маҳдуд сохт. Инчунин дар ду соли охир дар Ҷумҳури Тоҷикистон сармоягузориҳои мустақим солҳои 2023-2024 бо афзоиши мутлақ 2289,85(ҳаз .долар) бо фоиз 82,25% афзоиш ёфт ва барои рушди иқтисодӣ милли саҳми беназир гузошт.

Сармоягузориҳои мустақим ва масъалаҳои ҷалби он яке аз омилҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Дар шароити рушди муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ сармоягузории мустақим яке аз самтҳои афзалиятнок ва қувваи ҳаракатдиҳандаи рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафта, аз самаранок ва оқилона истифода намудани он рушди минбаъдаи кишвар вобастагии зиёд дорад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар шароити рушди ҳамгироии иқтисодӣ ва рақобати шадид бе маблағгузории иловагӣ таъсиси истеҳсолоти молҳои

воридотивазшаванда ва ба содирот нигаронидашуда, афзоиши ҳаҷми воқеии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, диверсификатсиякунонии бозори дохилӣ, баланд бардоштани сифати моли истеҳсолоти дохилӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои мубрами хоҷагидорӣ ғайриимкон мебошад ва барои ҳалли масъалаҳои номбаршуда сармоя ва захираҳои калони сармоягузорӣ ва молиявӣ заруранд.

Вобаста ба ин, дар шароити кунунӣ ташаккулёбии механизми фаъолияти сармоягузории мустақим ба таҳлили илмии соҳаи мазкур ва омӯхтани назарияи сармоягузорӣ, ошкор намудани омилҳои таъсиррасон ба рушди иқтисодиёти миллӣ ва дарки аҳамияти илмиву таҷрибадории он ниёз дорад.

Асосгузори мактаби классикӣ А. Смит тасдиқ намудааст, ки барои таъмини рушди иқтисодӣ ҳаҷми сармоягузориҳои холис бояд зиёд карда шавад. Дар асари худ "Тадқиқот дар бораи табиат ва сабаби боигарии халқҳо" муаллиф вобастагии байни раванди зиёд кардани сармояро дар афзоиши боигарии миллӣ муайян мекунад. "Дар ҳолате ки мо вазъи ягон кишварро дар ду давраи гуногун муқоиса намоем, маълум мегардад, ки маҳсули коркарди замин ва меҳнат дар давраи дуюм дар муқоиса бо даври аввал афзоиш меёбад. Яъне, дар давраи дуюм замин бештар коркард шуда, ҳаҷми истеҳсолот зиёд мегардад ва доираи тиҷорат васеътар мешавад. Пас маълум мегардад, ки сармоя дар фосилаи байни ин ду давра афзоиш меёбад". Таъсири сармоягузориҳо ба рушди иқтисодӣ, мувофиқи консепсияи ӯ, нишон медиҳад, ки афзоиши сармоя боиси афзоиши боигарии ҳақиқӣ ва даромади тамоми сокинони кишвар мегардад. А.Смит сармояро ду хел шарҳ медиҳад:

Якум, ҳамчун молу мулк ва маблағҳои пулии шахсони алоҳида, ки даромад ё фоида меоранд.

Дуюм, ҳамчун омилҳои истеҳсолот, ки дороиро дар сатҳи ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоранд.

Ҳамин тариқ, ӯ ба назарияи сармоягузориҳо саҳми худро гузошта, гуногунии воситаҳо ва объектҳои сармоягузориро муайян намудааст. А. Смит дар он ақида буд, ки сармоягузориҳо дар ду шакл вуҷуд дошта метавонад:

1.Сармоягузорӣ ҳамчун арзиши барқарорсозӣ ва зиёд кардани сармоя дар шакли биноҳо ва иншооти саноатӣ, мошинҳо ва таҷҳизот, хароҷоти замин ва сармояи гардон, ки дар натиҷаи он даромади соҳиби моликият афзоиш ёфта, дар маҷмуъ, боиси афзоиши даромади миллӣ мегардад.

2. Сармоягузорӣ ҳамчун омили азнавтақсимсозии даромади миллӣ баромад менамояд. Масалан, дар шакли хароҷот барои хариди амволе, ки ба соҳиби моликият дар оянда даромад меорад.

Сармоягузорӣ - ин равона намудани маблағҳои пулӣ ба тиҷорат тавассути хариди коғазҳои қиматнок ё бевосита ба корхона (ширкат) бо мақсади ба даст овардани фоидаи иловагӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, ҷолибияти сармоягузорӣ, ба ақидаи мо, хусусияти мураккаби иқтисодӣ мебошад, ки бо баҳодиҳии иқтидори сармоягузорӣ ва хатари сармоягузорӣ, сохтори сармоя, шакли идоракунӣ, сатҳи талабот ба маҳсулот ва рақобатпазирии онҳо, инчунин, сатҳи ҷалби сармоягузории кишварҳо, минтақаҳо ва соҳаҳо тавсиф карда мешавад. Баҳодиҳии ҷалби сармоягузории кишвар нуқтаи асосии тамоми сармоягузориҳо ба ҳисоб рафта, натиҷаҳои оянда барои иқтисодиёти миллӣ аз он вобаста мебошад. Сармоягузор дар ин шароит тавассути тамоми малакаю маҳорат ва қобилияте, ки дар натиҷаи таҳлили коршиносон оид ба таҳлили муҳити сармоягузориҳо дар минтақаи муайн ба даст омадааст, равона карда шавад.

Иқтидори сармоягузорӣ (ғунҷоиши сармоягузорӣ дар мамлакат), ки ҳамчун маҷмӯи заминаҳои объективӣ барои сармоягузорӣ баҳогузорӣ шуда, аз мавҷудияти соҳаҳо ва объектҳои гуногуни сармоягузорӣ ва «солимӣ» - и иқтисодӣ вобаста мебошад. Иқтидори сармоягузории мамлакат ва ё кишвар хосияти миқдорӣ дошта, нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, таъмин будани мамлакат бо омилҳои истеҳсолот (захираҳои табиӣ,

қувваҳои корӣ, фондҳои асосӣ, инфраструктура ва ғайра), талаботи истеъмолии аҳолӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Иқтидори сармоягузории мамлакат аз ҳашт омили имконпазир иборат мебошад (ҳар яки он омилҳо дар навбати худ, дорои якчанд нишондиҳандаҳо ҳастанд):

- омили захираҳои табиӣ ва ашёи хом (таъмини тавозуни захираҳо бо намудҳои асосии захираҳои табиӣ);
- омили меҳнатӣ - (захираҳои меҳнатӣ ва сатҳи маълумотнокии онҳо);
- омили истеҳсолӣ (натиҷаи умумии фаъолияти хоҷагидории аҳолӣ дар мамлакат);
- омили инноватсионӣ (сатҳи рушди илм ва татбиқи дастовардҳои прогресси илмӣ-техникӣ дар мамлакат);
- омили институтсионалӣ (дараҷаи рушди институтҳои пешрафтаи иқтисоди бозорӣ);
- омили зерсохторӣ (вазъияти иқтисодӣ-ҷуғрофии мамлакат ва таъмини зерсохтории он);
- омили молиявӣ (ҳаҷми манбаи андоз ва фоиданокии корхонаҳои мамлакат);
- омили истеъмолӣ (қобилияти истеҳсолии умумии аҳолии мамлакат).

Данная статья посвящена анализу процессов, механизмов и эффектов интернационализации высшего образования на современном этапе. В исследовании рассматривается сущность интернационализации как процесса интеграции высших учебных заведений в мировое образовательное и экономическое пространство. Автор отмечает, что интернационализация способствует повышению качества образования, развитию научно-исследовательского потенциала, расширению международного сотрудничества и доступу к образовательным, научным и инновационным ресурсам. В работе проанализированы основные формы и механизмы реализации международной деятельности университетов, включая академическую мобильность студентов и преподавателей, разработку совместных образовательных программ, участие в международных научных проектах, привлечение иностранных специалистов и развитие публикационной активности. Также показано влияние интернационализации на повышение конкурентоспособности университетов, развитие институционального потенциала и адаптацию образовательного процесса к международным стандартам.

Ключевые слова: Интернационализация высшего образования, международная интеграция, глобальное образовательное пространство, академическая мобильность, международное научно-образовательное сотрудничество, конкурентоспособность университетов, качество образования, международные образовательные программы, институциональное развитие, глобализация образования.

PROCESSES, MECHANISMS, AND EFFECTS OF THE INTERNATIONALIZATION OF HIGHER EDUCATION AT THE PRESENT STAGE

Asoeva Farangis Ubaidulloevna - Assistant of the Department of Innovation Management and Marketing, Tajik Technological University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe

This article examines the processes, mechanisms, and effects of the internationalization of higher education in the modern stage of global development. The study analyzes the concept of internationalization as a process of integrating higher education institutions into the global educational and economic space. The author emphasizes that internationalization contributes to improving the quality of education, strengthening research capacity, expanding international cooperation, and increasing access to educational, scientific, and innovative resources. The paper analyzes the main forms and mechanisms of international activities of universities, including student and faculty mobility, development of joint educational programs, participation in international research projects, attraction of foreign specialists, and enhancement of publication activity. The study also highlights the role of internationalization in increasing the competitiveness of universities, developing institutional potential, and aligning educational processes with international standards.

Keywords: Internationalization of higher education, international integration, global educational space, academic mobility, international scientific and educational cooperation, university competitiveness, quality of education, international educational programs, institutional development, globalization of education.

Дар таҳқиқоти ман таъсирҳои интернатсионализатсияи таҳсилоти олӣ такмил ва пурра карда шудаанд. Аз ҷумла, **суръатбахшии дастрасӣ ба захираҳои нав** (захираҳои таълимӣ, тадқиқотӣ, молиявӣ ва инноватсионӣ) ба шарофати тақвияти имкониятҳои ҳамкории мутақобила миёни ҳамаи ҷонибҳои асосии манфиатдор (стейкхолдерҳо), инчунин дар натиҷаи рақамисозии иқтисоди ҷаҳонӣ ва бахусус соҳаи таҳсилоти олӣ ба даст меояд.

Ҳамзамон, интернатсионализатсия ба **баланд гардидани сифати раванди таълим** ва рушди салоҳиятнокии ҷомеаи донишгоҳӣ мусоидат менамояд. Ин раванд тавассути истифодаи таҷрибаҳои беҳтарин ва ҳолатҳои амалии намунавӣ (best practices ва кейсҳо), ки аз муассисаҳои пешсаф ҳамчун меъёри муқоисавӣ (benchmark) истифода мешаванд, инчунин тавассути мубодилаи таҷриба бо донишгоҳҳои пешқадами ҷаҳон таъмин мегардад.

Ҳамин тариқ, бо такя ба консепсияи умумии **интернатсионализатсияи иқтисоди ҷаҳонӣ** ҳамчун раванди ҷалби кишвар (ҳамаи бахшҳои иқтисоди миллии он) ба низоми робитаҳои ҷаҳонии хоҷагидорӣ, яъне ба раванди глобалии истеҳсоли мол ва хизматрасониҳо, инчунин бо дарназардошти шарҳҳои мавҷудаи интернатсионализатсияи таҳсилоти олӣ ҳамчун раванди воридшавии ҷузъи байналмилалӣ ба тамоми ҷанбаҳои фаъолияти муассисаи таҳсилоти олӣ (донишгоҳ), ва бо такя ба хусусиятҳои муосири раванди таълим, мо мазмуни интернатсионализатсияро дар соҳаи таҳсилоти олӣ чунин муайян менамоем.

Ин консепсия раванди **ҳамгироии кишвар ба раванди ҷаҳонии омодасозии мутахассисони баландихтисос** мебошад. Ин раванд тавассути пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ ва истеҳсоли донишҳои нав барои бозорҳои меҳнати миллӣ ва байналмилалӣ амалӣ мегардад. Дар ин замина, захираҳои миллии илмӣ ва таълимии кишвар (ё истифодаи захираҳои хориҷӣ) ба ҳамаи унсурҳои раванди таълим дар доираи институтсионалии муассисаи миллии таҳсилоти олӣ ворид ва ҳамгиро карда мешаванд.

Ин раванд бо истифода аз маҷмӯи муайяни усулҳои татбиқи фаъолияти байналмилалӣ, мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ, амалӣ гардида, ба **ба даст овардани манфиатҳо ва ҳамзамон кам намудани хавфҳои ҳамгироии кишвар ба иқтисоди ҷаҳонӣ** дар доираи як соҳаи муайян равона карда шудааст.

Дар ин маврид:

– **истилоҳи «ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ»** раванди ташаккул ва рушди муносибатҳоро бо намояндагони ҷомеаи ҷаҳонии таҳсилот ифода менамояд;

– **маҷмӯи васеъшудаи усулҳо, шаклҳо ва абзорҳои татбиқи фаъолияти байналмилалии илмӣ-таълимӣ** чунин самтҳоро дар бар мегирад: барномаҳои мубодилаи донишҷӯён, омӯзгорон ва кормандони илмӣ миёни субъектҳои ҷомеаи ҷаҳонии таҳсилот (таҳсил ва таҷрибаомӯзӣ); таҳия ва ҷорӣ намудани барномаҳои ягонаи таълимӣ, ки ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ мебошанд; ҷалби ҳайати профессорону омӯзгорон аз бозори ҷаҳонии меҳнат; иштирок дар конфронсҳо, форумҳо ва озмунҳои байналмилалӣ; фароҳам овардани имконият барои бо ҷойи кор таъмин гардидани хатмкунандагон дар бозори байналмилалии меҳнат; дарёфти дараҷаҳои илмии номзадӣ ва докторӣ дар муассисаҳои хориҷӣ; рушди робитаҳои байнифарҳангӣ; тақвияти фаъолнокии нашрии иштирокчиёни ҷомеаи таълимӣ дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои хориҷӣ; васеъ намудани имкониятҳои гирифтани грантҳо аз ташкилотҳои хориҷӣ ва дигар шаклҳои ҳамкорие, ки дар шароити ҳамгироӣ ва ҷаҳонишавӣ ташаккул меёбанд.

Ҳамзамон, ин раванд ҷалби кишварҳои иштирокчии иқтисоди ҷаҳониро бо дарназардошти ҳамаи субъектҳои низоми таҳсилот (донишгоҳҳо, мактабҳо, коллеҷҳо ва ғайра) низ дар бар мегирад.

Бо вуҷуди ин, таърифи якҷузъагӣ мазмуни интернатсионализатсияи муосири таҳсилоти олиро пурра инъикос намекунад, ки ин ба сабабҳои зерин вобаста аст:

– **якум**, ифодаи асосии муосири интернатсионализатсияи ҳаёти хоҷагидорӣ ҳамзамон аз ду ҷузъ иборат мебошад:

(1) ин раванди барқарор намудани робитаҳои мутақобила миёни кишварҳо мебошад;

(2) инчунин берун рафтани раванди бозтавлиди иқтисодӣ аз ҳудуди миллӣ;

– **дуюм**, чуноне ки дар боло муайян гардид, истифодаи истилоҳи **«раванди таълимии интернатсионализатсияшуда»** дорои аҳамияти муҳим ва мубрам мебошад.

Ҳамин тариқ, **компоненти дуюми таъриф**, ки равиши бозтавлидӣ (воспроизводственный подход)-ро инъикос менамояд, дар тафсири муаллифонаи интернатсионализатсияи таҳсилоти олӣ (дар сатҳи консептуалӣ) ҳамчун консепсия чунин муайян карда мешавад:

ин **консепсияи ташаккули маҷмӯи равандҳои таълимии интернатсионализатсияшуда** мебошад, ки аз ҷониби донишгоҳҳои пешрафтаи миллӣ дар асоси ҳамкорӣ бо намояндагони ҷомеаи байналмилалии таҳсилот амалӣ карда мешаванд.

Татбиқи ин равандҳо тавассути амалӣ намудани барномаҳои муштараки илмӣ ва таълимӣ бо донишгоҳҳои хориҷӣ, ҷалби ҳайати байналмилалии профессорону омӯзгорон, инчунин кормандони маъмурию идоракунӣ ва дигар шаклҳои ҳамкории академӣ ба роҳ монда мешавад.

Акнун интернатсионализатсияро дар сатҳи муассисаи таҳсилоти олӣ муфассалтар баррасӣ менамоем. Дар солҳои охир мавзуи фаъолияти байналмилалии донишгоҳҳо, бахусус донишгоҳҳои Русия, барои ҷомеаи касбӣ яке аз масъалаҳои муҳиму мубрам ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, фаъолияти байналмилалии донишгоҳҳо дар тӯли асрҳои зиёд тағйироти назаррасро аз сар гузаронида, имрӯз дар шаклҳои гуногун ва нисбатан мураккаб амалӣ мегардад.

Дар айни замон дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва дигар давлатҳои Ғарб амалан ягон донишгоҳе вуҷуд надорад, ки фаъолияти он унсурҳои интернатсионализатсияи раванди таълимро дар бар нагирифта бошад. Интернатсионализатсия ҳамчун **механизм ва яке аз захираҳои муҳимтарини рушди донишгоҳҳои муосир** арзёбӣ мегардад.

Тавре ки муҳаққиқ **де Вит** таъкид менамояд, «ҳамкории байналмилалӣ барои донишгоҳҳо ҳеҷ гоҳ мисли имрӯз муҳим набуд».

Муносиб аст, ки моҳияти муосири интернатсионализатсия тавассути **модели иттилоотии он** шарҳ дода. Ин модел нишон медиҳад, ки интернатсионализатсия қариб ҳамаи ҷузъҳо ва самтҳои фаъолияти донишгоҳро фаро мегирад, аз ҷумла гузаронидани тадқиқоти илмӣ, ҳаммуаллифии байналмилалӣ, инчунин усулҳо ва методикаҳои таълим ва омӯзиш.

Ҳамзамон, ин модел равшан месозад, ки консепсияи интернатсионализатсияи муосир танҳо ба омӯзиши донишҷӯён бо назардошти ҳаҷми хизматрасониҳои таълимии пешниҳодшуда маҳдуд намешавад. Баръакс, он **истеҳсоли донишҳои нав**-ро бо ҷалб ва истифодаи захираҳои хориҷӣ (ва инчунин пешниҳод намудани захираҳои миллӣ ба шарикони хориҷӣ) дар бар мегирад.

Барои равшан кардани самтҳои баланд бардоштани сатҳи интернатсионализатсияи донишгоҳҳо (сатҳи стратегӣ) зарур аст, ки хусусиятҳои интернатсионализатсияи онҳо муайян карда шаванд. Ба фикри Ҷ. Найт, интернатсионализатсия ба вазифаи ибтидоӣ ва универсалии муассисаи таҳсилоти олӣ дахл дорад, яъне ба омӯзиш, тадқиқот ва хизмат ба ҷомеа.

Мазмуни ин тафсир дар он аст, ки мо аз ҳолати ибтидоӣ – муассисаи миллии таҳсилоти олӣ ба маҳсулоти ниҳоӣ – донишгоҳи байналмилалӣ мегузарем.

Ҳамин тариқ, барои таърифи муаллифонаи интернатсионализатсияи муассисаи таҳсилоти олӣ дар марҳилаи муосири интернатсионализатсия мо калимаҳои калидии зеринро истифода хоҳем кард:

- «инкорпоратсия» – ҳамгироии равандҳо ва захираҳо;
- «донишгоҳи сатҳи ҷаҳонӣ (класси ҷаҳонӣ)» – нишондиҳандаи мақоми байналмилалӣ;
- «фазои таълимии байналмилалӣ» – муҳити ҳамгирошудаи таълим ва тадқиқот;
- «сатҳ» – нишондиҳандаи дараҷаи интернатсионализатсия;
- «таъсирҳои интернатсионализатсия» – натиҷа ва самаранокии раванди байналмилалшавӣ.

Бо такя ба он ки, аз як тараф, **интернатсионализатсия дар макросатҳ**, аз ҷумла дар соҳаи таҳсилоти олӣ ва иқтисоди миллии кишвар, ҳамчун консепсияе муайян карда мешавад, ки **кишварро ба низоми робитаҳои ҷаҳонии хоҷагидорӣ (барқарор намудани муносибатҳо) ҷалб мекунад**; ва аз тарафи дигар, чунин ҷалб тавассути **шумораи зиёди субъектҳои иқтисоди миллӣ (дар микросатҳ)** амалӣ мешавад, ки онҳо шаклҳои гуногуни фаъолияти хориҷии иқтисодиро бо дарназардошти хусусиятҳои соҳа истифода мекунанд,

мо пешниҳод мекунем, ки **интернатсионализатсия дар сатҳи донишгоҳҳо** ҳамчун **раванди барқарорсозии маҷмӯи муносибатҳои тиҷоратии дарозмуддат бо донишгоҳҳои дигар кишварҳо (ҳамчунин бо ҳайати онҳо ва донишҷӯён)** фаҳмида шавад.

Ин раванд тавассути истифодаи шаклҳои гуногун, аз ҷумла:

- **экспорт ва импорт хизматрасониҳои таълимӣ**,
- **мобилизатсияи донишҷӯён ва омӯзгорон**,
- **ҳамкории илмӣ-танзимӣ ва техникӣ дар сатҳи байналмилалӣ**, ва дигар шаклҳо

амалӣ мешавад, то **раванди таълимӣ мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ** дар доираи институтсионалии донишгоҳи миллӣ ба роҳ монда шавад.

Ҳадафи ниҳоии ин раванд **дарёфти мақоми донишгоҳи сатҳи ҷаҳонӣ** мебошад, ки ба **баланд бардоштани мавқеи кишвар дар низоми иқтисоди ҷаҳонӣ** равона гардидааст.

Мо инчунин интернатсионализатсияи таҳсилоти олӣ дар марҳилаи муосирро дар маънои маҳдуд ва аз нуқтаи назари равиши идорӣ баррасӣ намудем. Дар ин контекст, он ҳамчун инкорпоратсияи ҳамаи самтҳои фаъолияти байналмилалии донишгоҳ, ки ба ҳадафи расидан ба нишондиҳандаҳои донишгоҳи сатҳи ҷаҳонӣ равона шудаанд, фаҳмида мешавад.

Ин раванд бар асоси стратегияи баланд бардоштани сатҳи нишондиҳандаҳои фаъолияти донишгоҳ, бо дарназардошти стандартҳои байналмилалии сифат, амалӣ мегардад. Ҳадаф аз ин раванд баланд бардоштани мавқеи донишгоҳ дар фазои миллии ва байналмилалии таълим ва ба даст овардани таъсирҳои интернатсионализатсия мебошад.

Интернатсионализатсияи таҳсилоти олӣ:

– Ҳанӯз ҳам ҳамчун стратегияи самаранок боқӣ мемонад, вале ҳадафи он мустаҳкам кардани бренди байналмилалӣ, обрӯ ва рейтинги донишгоҳ мебошад;

– Потенсиали институтсионалии тадқиқот ва донишҳоро тақвият медиҳад, бо пур кардани захираҳо, малакаҳо ва донишҳо тавассути алоқаҳо ва ҳамкориҳои гуногун байни донишгоҳҳо.

Интернатсионализатсияи донишгоҳҳо:

– Рушд меёбад бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирӣ (термин рақобатпазирӣ дар контексти «барномаҳои баланд бардоштани рақобатпазирӣ» фаҳмида мешавад), мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ, бо беҳтар намудани самаранокӣ ва гуногунсозии манбаъҳои даромад дар муқоиса бо рақибон ва ҳамкорон;

– Ба самти ҳамкории шабакавӣ (networking) равона шудааст, бо истифода аз кӯшиш ва сармоягузории ҷамъӣ барои таъмин намудани ҳамкории байналмилалӣ;

– Фаъолияти таълимӣ ва омӯзгорӣ бо стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ карда мешавад, ва дар ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ барномаҳои таълимӣ барои донишҷӯёни миллӣ ва хориҷӣ таҳия мегарданд;

– Огоҳии донишҷӯёнро оид ба имкониятҳои глобалӣ ва гуногунрангии фарҳангӣ баланд мебарад, онҳоро ба истифодабарандагони глобалии хизматрасониҳои таълимии байналмилалӣ табдил медиҳад.

Ҳамин тариқ, мо ба масъалаи таърифи марҳилаи муосири интернатсионализатсияи таҳсилоти олӣ ба таври муфассал наздик шудем, ки он дар боби оянда тавсиф карда мешавад.

Интернатсионализатсияи таҳсилоти олӣ ва донишгоҳҳоро ҳамчун раванди ҳамгироии кишвар ва муассисаҳои таълимӣ ба фазои ҷаҳонии таълимӣ ва иқтисодӣ таҳлил мекунад. Раванди мазкур таъсири худро ба сатҳи сифати таҳсил, рушди потенсиали институтсионалӣ, барқарорсозии робитаҳои байналмилалӣ, ҷалби захираҳои илмӣ ва таълимӣ, ҳамгироии барномаҳо ва ташаббусҳои стратегӣ мерасонад. Интернатсионализатсия инчунин мақоми донишгоҳҳоро дар рейтингҳо ва фазои байналмилалӣ баланд мебардорад, малака ва шуғли донишҷӯёнро васеъ мекунад ва онҳоро ба истифодабарандагони глобалии хизматрасониҳои таълимӣ табдил медиҳад.

Рӯйхати адабиёт

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». – Душанбе, 2021.
2. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2020.
3. Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019.

4. Раҳимов А. Н. Интернатсионализатсияи таҳсилоти олӣ ва нақши он дар рушди донишгоҳҳои муосир // *Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*. – Душанбе, 2022. – №4. – С. 45–52.

5. Саидов Ш. М. Ҳамгироии байналмилалӣ дар низоми таҳсилоти олӣ // *Ахбори Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*. – Душанбе, 2021. – №2. – С. 33–40.

6. Каримзода Ф. И. Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рушди таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 156 с.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИ БЕРУНА

Муртазоев Н.А. - н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе

Рофизода Саидбек Ҳасан - муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, Сино, Муҳамадиев 16/4. Телефон: 93-523-06-66. E-mail:Saidbek.rofizoda@mail.ru

Амнияти иқтисоди беруна ҳамчун яке аз категорияҳои муҳими илми иқтисод, тавассути маҷмӯи нишондиҳандаҳои асосӣ арзёбӣ мегардад. Он ба устувории макроиқтисодӣ, рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, мустақилияти молиявӣ ва рушди истеҳсолии давлат таъсири мустақим мерасонад. Барои кишварҳои рӯ ба рушд, махсусан иқтисодҳои вобаста ба воридот, нишондиҳандаҳое чун тавозуни савдо, ҳаҷми қарзи хориҷӣ, сатҳи истеҳсолот ва захираҳои асъорӣ аҳамияти калидӣ доранд. Таҳлили ин омилҳо имконият медиҳад, ки сатҳи амнияти иқтисоди беруна ва самаранокии сиёсати иқтисодии давлат муайян карда шавад.

Калидвожаҳо: амнияти иқтисоди беруна, устувории макроиқтисодӣ, тавозуни савдо, қарзи хориҷӣ, захираҳои асъорӣ, рақобатпазирӣ, иқтисоди воридотӣ, сиёсати иқтисодӣ.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ И ОСНОВНЫЕ ПОКАЗАТЕЛИ БЕЗОПАСНОСТИ ВНЕШНЕЙ ЭКОНОМИКИ

Муртазоев Н.А. - к.э.н., доцент кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе

Рофизода Саидбек Хасан - старший преподаватель кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе, Сино, Мухамадиева 16/4. Телефон: 93-523-06-66. Электронная почта: Saidbek.rofizoda@mail.ru

Внешнеэкономическая безопасность является одной из важнейших категорий экономической науки и оценивается посредством системы ключевых показателей. Она напрямую связана с макроэкономической устойчивостью, конкурентоспособностью национальной экономики, финансовой независимостью и развитием производственного сектора страны. Для развивающихся государств, особенно стран с импортозависимой экономикой, фундаментальное значение имеют такие показатели, как торговый баланс, внешний долг, уровень производства и валютные резервы. Анализ данных факторов позволяет определить уровень внешнеэкономической безопасности и эффективность государственной экономической политики.

Ключевые слова: внешнеэкономическая безопасность, макроэкономическая устойчивость, торговый баланс, внешний долг, валютные резервы, конкурентоспособность, импорт зависимая экономика, экономическая политика.

THEORETICAL FOUNDATIONS AND MAIN INDICATORS OF THE SECURITY OF THE EXTERNAL ECONOMY

Murtazoev N.A. - associate professor, candidate of economic sciences, department of economic theory of Tajik State University of Finance and Economics. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe

Rofizoda Saidbek Hasan - Lecturer in Department of Economic Theory, Tajik State University of Finance and Economics. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sino, Mukhamadiyev 16/4. Phone: 93-523-06-66. E-mail: Saidbek.rofizoda@mail.ru

External economic security is one of the most important categories in economic science and is assessed through a system of key indicators. It is directly related to macroeconomic stability, national competitiveness, financial independence, and the development of the country's productive

sector. For developing countries, especially import-dependent economies, indicators such as the trade balance, external debt, production capacity, and foreign exchange reserves play a fundamental role. The analysis of these factors makes it possible to determine the level of external economic security and evaluate the effectiveness of state economic policy.

Keywords: external economic security, macroeconomic stability, trade balance, external debt, foreign exchange reserves, competitiveness, import-dependent economy, economic policy.

Амнияти иқтисоди беруна (АИБ) яке аз мафҳумҳои калидӣ дар илмҳои иқтисодӣ, амнияти миллӣ ва сиёсати давлатдорӣ ба шумор меравад. Дар замони ҷаҳонишавӣ, болоравии вобастагии иқтисодҳо аз бозорҳои хориҷӣ ва афзоиши хавфҳои геоиқтисодӣ, масъалаи таъмини амнияти иқтисоди беруна маънии тамоман нав гирифта, ба яке аз ҳадафҳои стратегияҳои миллӣ табдил ёфтааст. Ин мафҳум на танҳо як истилоҳи иқтисодӣ, балки категорияи комплексии байнисоҳаӣ мебошад, ки робитаи иқтисод, сиёсат, геостратегия, молия, рақамисозӣ ва идоракунии давлатӣ дар он ба таври зич ташаккул меёбад.

Аз нуқтаи назари назариявӣ, мафҳуми амнияти иқтисоди беруна ҳамчун ҳолат ва раванд фаҳмида мешавад. Ҳолат — ин устувории низоми иқтисодӣ нисбат ба таҳдидҳои беруна; раванд — ин фаъолияти доимии давлат, ки қодир аст хавфҳоро пешбинӣ, пешгирӣ ва безарар гардонад. Ин ду ҷанбаи назариявӣ дар илмҳои иқтисодӣ комилан ҷудонашаванда мебошанд, зеро амнияти иқтисоди беруна наметавонад танҳо ҳамчун ҳолати статикии иқтисод арзёбӣ шавад: он доимо ба тағйирёбии муҳити ҷаҳонӣ, бозорҳои байналмилалӣ, сиёсати кишварҳои дигар ва ҳаракати сармоя вокуниш нишон медиҳад.

1. Амнияти иқтисоди беруна ҳамчун категорияи назариявии иқтисодӣ

Дар доираи равияҳои назариявии иқтисод, мафҳуми амнияти иқтисоди беруна аз чанд ҷиҳат асоснок карда мешавад:

1) Мактаби классикӣ ва неоклассикӣ

Дар назарияи классикҳо иқтисод худтанзимкунанда дониста мешуд ва дахолати давлат ба савдои хориҷӣ ночиз арзёбӣ мегардид. Аммо дар неоклассикаҳои асри XX, бахусус пас аз буҳронҳои ҷаҳонӣ, зарурати танзими берунӣ, аз ҷумла ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ, ҳамчун унсури амнияти иқтисодӣ эътироф шуд.

2) Мактаби кейнсианӣ

Кейнс бар он буд, ки иқтисод бояд дар ҳолати тавозуни дохилӣ ва берунӣ нигоҳ дошта шавад. Тавозуни савдои хориҷӣ, танзими қурби асъор, сиёсати макрофискалӣ ва ҳифзи саноати миллӣ — ҳамаи ин ҷузъҳои амнияти иқтисоди беруна мебошанд. Аз нигоҳи кейнсианӣ, давлат вазифадор аст дар шароити буҳрон ва ноустувории беруна аз иқтисод муҳофизат намояд.

3) Мактаби неоинституционалӣ

Неоинституционалистҳо ба нақши институтҳои байналмилалӣ (СБП, БМТ, СУТ), созишномаҳои савдо, низоми ҳуқуқӣ ва суботи қонунгузорӣ аҳамияти хоса медиҳанд. Ба чунин назариёт мувофиқи назарияи амнияти иқтисоди беруна, устувории иқтисод аз сифати институтҳо, шаффофияти низоми молиявӣ, қобилияти самараноки давлат дар идоракунии хавфҳо ва дар даст доштани механизмҳои танзими сиёсати беруна вобаста аст.

4) Назарияи вобастагии иқтисодӣ (dependency theory)

Ин равия таъкид мекунад, ки дар иқтисоди олам муносибатҳои «марказ — периферия» ба вобастагии иқтисодҳои хурд аз бозорҳои бузург оварда мерасонад. Аз ин нуқтаи назар, амнияти иқтисоди беруна пеш аз ҳама коҳиши вобастагӣ аз воридот, диверсификатсияи содирот ва ташкили иктисоди истеҳсолии миллӣ мебошад.

Бо дарназардошти ҳамаи ин равияҳо, метавон гуфт, ки амнияти иқтисоди беруна категорияи бисёрҷабҳаест, ки решаҳои назариявӣ дорад ва ба тафсири комплексӣ ниёз дорад.

Мундариҷаи амнияти иқтисоди беруна

Амнияти иқтисоди беруна маҷмӯи шароитҳо, нишондиҳандаҳо ва механизмҳоест, ки устувории иқтисодро дар баробари таъсири хавфҳои беруна таъмин мекунанд. Мутахассисон мундариҷаи онро ба чор блок тақсим мекунанд:

1. **устувории молиявӣ** — тавозуни асъорӣ, коҳиши вобастагӣ аз қарзи хориҷӣ, устувории буҷет;

2. **устувории савдои хориҷӣ** — тавозуни содирот ва воридот, диверсификатсия;

3. **амнияти истеҳсолӣ** — қобилияти иқтисод барои қонеъ кардани талаботи дохилӣ бо маҳсулоти миллӣ;

4. **Амнияти энергетикӣ, нақлиётӣ ва логистикӣ** — дастрасии устувор ба қувваи барқ, роҳҳо, коридорҳои транзит.

Ин чор унсор асоси назариявии арзёбии амнияти иқтисоди беруна мебошанд.

Нишондиҳандаҳои калидии амнияти иқтисоди беруна

Дар илми иқтисод рақами ягона барои чен кардани амнияти иқтисоди беруна вуҷуд надорад. Зеро АИБ категорияи комплексӣ аст. Бо вуҷуди ин, истифодаи муайянкунандаи нишондиҳандаҳои меъёрӣ (indicator-based approach) маъмултарин усул дар тадқиқоти байналмилалӣ мебошад.

Нишондиҳандаҳои асосӣ чунинанд:

1) Тавозуни савдои хориҷӣ (Trade Balance)

Тавозуни савдо нишон медиҳад, ки кишвар то чӣ андоза қобилияти молҳои истеҳсолии худро дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ таъмин карда метавонад.

- Тавозуни мусбат: устувории иқтисод, қобилияти рақобат, афзоиши асъор.
- Тавозуни манфӣ: вобастагӣ аз воридот, фишори асъорӣ, хавфҳои қарзӣ.

Дар илми иқтисод тавозуни савдо нишондиҳандаи мустақими амнияти иқтисоди беруна ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки кишварҳои дорои тавозуни манфии дарозмуддат ба хавфҳои монанди «шиддати асъорӣ», «бӯҳрони қарзӣ», «бӯҳрони буҷетӣ» дучор мешаванд.

Ҷадвали 1. Тавозони савдои хориҷии Тоҷикистон, млн долл. ШМА

Солҳо	Содирот	Воридот	Боқимонда (+, -)
2020	1944	3568	-1624
2021	2091	4127	-2036
2022	2473	5081	-2608
2023	2597	5406	-2809
2024	2740	5870	-3130

Сарчашма: Агентии омор, БМТ, WITS

Таркиби содирот:

- алюмини (≈30-40%)
- тилло
- пахта
- энергияи электрикӣ (мавсимӣ)
- сабзавот ва мева

Мамалакатҳои асосии воридкунанда: Хитой, Туркия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Швейтсария.

Таркиби воридот:

- хӯрокворӣ
- таҷҳизот
- маҳсулоти нефтӣ
- маводҳои сохтмонӣ
- автомобилҳо
- доруворӣ

Мамалакатҳои асосии содиркунанда: Россия, Хитой, Қазоқистон, Ӯзбекистон.

Тавозуни манфии савдои Тоҷикистон ҷои сустии ин масъала мебошад. Аммо омили ҷубронкунанда боқимондаи мусбии ҳисоби ҷорӣ мебошад, ки аз тарафи интиқоли зиёди маблағи муҳоҷирон (то 30% ММД) баҳисоб меравад.

2) Қарзи хориҷӣ (External Debt)

Қарзи хориҷӣ яке аз нишондиҳандаҳои ҳассос ва маҳдудкунандаи амнияти иқтисоди беруна мебошад. Фишори қарзӣ метавонад ба чунин хавфҳо оварда расонад:

- вобастагии сиёсӣ аз кишварҳои кредитор;
- фишори буҷетӣ барои пардохти хизматрасонии қарз;
- коҳиши қобилияти молиявии давлат барои рушди истеҳсолот;
- хавфи ноустувории макроиқтисодӣ.

Аз нуқтаи назари назариявӣ, қарзи хориҷӣ дар ду ҳолат хавфнок мешавад:

1. вақте сатҳи он аз ҳадди устувории иқтисоди миллӣ болотар бисёнашавӣ мегирад;
2. вақте қарз барои масрафи истеъмолӣ, на барои рушди истеҳсолот истифода мешавад.

Аз руи нишондодҳои Вазорати молия Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба 1 октябри 2024 сол қарзи давлатӣ ≈ 3,25 млрд. долл. ШМА-ро ташкил намуд.

Мамалакатҳои қарздиҳанда:

- Хитой
- Ташкилотҳои байналхалқии молиявӣ (Бонки ҷаҳонӣ, Бонки рушди иқтисодӣ, Бонки исломии рушд)
- Федератсияи Россия
- ЕБРР – Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР)
- ИБР – Бонки исломии рушд (БИР)

Ҷадвали 2. Қарзи хориҷии Тоҷикистон

Нишондиҳандаҳо	**Аҳамияти он**
Қарзи хориҷаи давлатӣ (2024)	3,25 млрд долл. ШМА
Қарзи умумии хориҷӣ (2025)	6,72 млрд долл. ШМА
Қарз/нисбати ММД	-23 -25 %
Қарз/нисбати содирот	>100%

Афзоиши қарзи хориҷӣ хавфнокиро зиёд мегардонад:

- шиддати асъорӣ
- пардохти хизматрасонии қарзӣ
- вобастагӣ аз қарздиҳандагон

Аммо, дараҷаи умумии қарз аз руи меъёрҳои байналхалқӣ муътадил ба ҳисоб меравад.

3) Тавозуни истеҳсолӣ (Production Balance / Import Substitution Capacity)

Амнияти иқтисоди беруна то андозае ба қобилияти худкифоии иқтисод вобаста аст. Барои кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Тоҷикистон, ки воридоти маҳсулоти саноатӣ, ғизоӣ ва масолеҳи сохтмонӣ хеле баланд аст, ин нишондиҳанда аҳамияти хоса дорад.

Назарияи иқтисодӣ ду омилро муҳим медонад:

- **таносуб байни истеҳсолоти миллӣ ва воридот**,
- **қобилияти кишвар барои иваз кардани воридот бо истеҳсоли ватанӣ (import substitution)**.

Ҳар қадар ки сатҳи воридот аз истеҳсолот баландтар бошад, ҳамон қадар хавфи иқтисоди беруна бештар мешавад.

Тавозуни истеҳсолӣ ва иқтидори содиротӣ

Тавозуни истеҳсолӣ қобилияти иқтисодиётро мефаҳмонад, ки чунин молҳоро истеҳсол намояд, ки арзиши баланди иловашуда дошта бошанд.

Проблемаҳои Тоҷикистон:

- ҳиссаи пасти коркарди маҳсулот;
- вобаста будан аз содироти ашёи хом;
- истеҳсолоти мавсимӣ (махсусан неруи барқ);
- маҳдудияти базаи саноатӣ.

Ҷадвали 3. Таркиби содирот аз руи арзиши иловашуда

Гурӯҳ	**Ҳисса**

-	Ашёи хом	60-70%
-	Коркарди маҳсулот	20-30%
-	Хизматрасонӣ	10%

4) Захираҳои байналмилалии асъор (Foreign Exchange Reserves)

Захираҳои асъорӣ сипари молиявии давлат ба шумор мераванд. Онҳо дар ҳолатҳои:

- тағйироти қурби асъор,
- бӯҳронҳои молиявӣ,
- афзоиши қарзҳои кӯтоҳмуддат,
- ноустувории савдо,
- тағйироти глобалии нархҳо

ниҳоят муҳим мебошанд.

Аз нигоҳи назариявӣ, захираҳои асъор бояд **на камтар аз се моҳи воридот** таъмин карда тавонанд. Барои баъзе категорияҳои кишварҳои осебпазир (landlocked, low industrialization) ин меъёр метавонад аз 6 то 12 моҳ баланд бардошта шавад.

Захираҳои байналмиллалӣ – “болишти бехатарӣ”-и мамлакат мебошад. Аз руи ҳисобҳои Бонки умумиҷаҳонӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон:

- охири соли 2023: 3,6 млрд долл. ШМА
- сентябри соли 2024: 3,56 млрд долл. ШМА
- охири соли 2024: 4,6 млрд долл. ШМА

Ҷадвали 4. Захираҳои байналмиллалии Тоҷикистон

Сана	Захираҳо
2020	1,7 млрд долл.
2021	2,1 млрд долл.
2022	3,1 млрд долл.
2023	3,6 млрд долл.
2024	4,6 млрд долл.

Захираҳои асъор қариб 5-7 моҳи воридотро таъмин менамояд, ки он аз руи меъёрҳои Фонди байналмиллалии асъор мӯътадил ба ҳисоб меравад.

Ҷойгоҳи Тоҷикистон дар таҳқиқоти назариявии амнияти иқтисоди беруна

Тоҷикистон ҳамчун кишваре, ки ҷуғрофиёи маҳдуд, иқтисоди транзитӣ-воридотӣ ва вобастагии баланди меҳнатҷойҳо аз муҳоҷират дорад, ба гурӯҳи иқтисодҳои осебпазир шомил мегардад. Аз ин рӯ, нишондиҳандаҳои зикршуда барои баҳодиҳии вазъи амнияти иқтисоди берунаи кишвар аҳамияти калон доранд.

Тоҷикистон:

- дорои **тавозуни савдои доиман манфӣ** мебошад;
- то **60–70% воридоти маҳсулоти ғизоӣ ва саноатӣ** вобаста аст;
- қисми назарраси буҷетро бо **кӯмакҳои хориҷӣ ва қарзҳо** таъмин мекунад;
- ба захираҳои асъории худ ҳамчун механизми устувории макроиқтисодӣ такя менамояд;
- аз нигоҳи энергетикӣ ва инфрасохторӣ ба бозорҳои минтақавӣ вобастагӣ дорад.

Ин омилҳо зарурати таҳияи сиёсати мукаммали амнияти иқтисоди берунаро афзоиш медиҳанд ва асоси назариявии онро дар тадқиқоти илмӣ муайян месозанд.

Хулосаҳои назариявӣ

Амнияти иқтисоди беруна категорияи пураҳамият дар илми иқтисод буда, тавассути маҷмӯи нишондиҳандаҳо арзёбӣ мешавад. Он ба таври мустақим ба устувории макроиқтисодӣ, қобилияти рақобат, мустақилияти молиявӣ ва рушди истеҳсолии кишвар алоқаманд мебошад. Барои давлатҳои рӯ ба рушд, махсусан кишварҳои дорои иқтисоди воридотӣ, нишондиҳандаҳои калидӣ — тавозуни савдо, қарзи хориҷӣ, истеҳсолот ва захираҳои асъорӣ — нақши бунёдӣ доранд.

Адабиёт

1. Экономическая безопасность / Под ред. В.К. Сенчагова. – 5 – е изд. – Москва: БИНОМ, 2012. – 815 с.

2. Мировая экономика и международные экономические отношения / Под ред. И.П.Николаевой. – Москва: ЮНИТИ-ДАНА, 2017. -367 с.

3. Основы экономической безопасности / Л.П. Гончаренко. – Москва: КНОРУС, 2016. – 224 с.

4. Международные экономические отношения / Под ред. Б.М. Смитиенко. – Москва: ИНФРА-М,2019. – 528 с.

5. Экономическая безопасность государства и регионов /А.А. Куклин, И.В. Мызин. – Екатеринбург: Институт экономики УрО РАН, 2017. – 384 с.

РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚОБАТИ БОЗОРӢ

Ёрзода Қиёмиддин Тоҳир - ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи роҳҳои баланд бардоштани устувории молиявии корхонаҳои саноатӣ дар шароити рақобати бозорӣ бахшида шудааст. Дар он омилҳои асосии таъсиррасон ба устувории молиявӣ, усулҳои идоракунии самараноки захираҳои молиявӣ ва роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо баррасӣ мегарданд. Ҳамчунин, аҳамияти истифодаи технологияҳои рақамӣ, диверсификатсияи фаъолият ва идоракунии хавфҳо асоснок карда мешавад.

Калидвожаҳо: устувории молиявӣ, корхонаҳои саноатӣ, рақобати бозорӣ, идоракунии молиявӣ, диверсификатсия, хавфҳои молиявӣ, самаранокӣ, технологияҳои рақамӣ.

СПОСОБЫ ПОВЫШЕНИЯ ФИНАНСОВОЙ СТАБИЛЬНОСТИ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ КОНКУРЕНЦИИ

Ёрзода Киёмидин Тохир - ассистент кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе

Данная статья посвящена изучению путей повышения финансовой стабильности промышленных предприятий в условиях рыночной конкуренции. В ней рассматриваются основные факторы, влияющие на финансовую стабильность, методы эффективного управления финансовыми ресурсами и пути повышения конкурентоспособности предприятий.Также оправдана важность использования цифровых технологий, диверсификации деятельности и управления рисками.

Ключевые слова: финансовая стабильность, промышленные предприятия, рыночная конкуренция, финансовое управление, диверсификация, финансовые риски, эффективность, цифровые технологии.

WAYS TO INCREASE THE FINANCIAL STABILITY OF INDUSTRIAL ENTERPRISES IN MARKET COMPETITION

Yorzoda Kiyomidin Tohir - assistant of economic theory department of Tajik State University of Finance and Economics. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe

This article is devoted to the study of ways to increase the financial stability of industrial enterprises in conditions of market competition. It discusses the main factors affecting financial stability, methods of effective management of financial resources, and ways to increase the competitiveness of enterprises. Also, the importance of using digital technologies, diversification of activities and risk management is justified.

Keywords: financial stability, industrial enterprises, market competition, financial management, diversification, financial risks, efficiency, digital technologies.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ва афзоиши рақобат, таъмини устувории молиявии корхонаҳои саноатӣ ба яке аз масъалаҳои муҳим табдил ёфтааст. Рақобати шадид, тағйирёбии талаботи бозор ва таъсири омилҳои беруна аз корхонаҳо талаб менамояд, ки сиёсати молиявии самаранок ва устуворро амалӣ намоянд. Дар чунин шароит, таҳияи роҳҳои баланд бардоштани устувории молиявӣ аҳамияти стратегӣ дорад.

Дар адабиёти иқтисодӣ устувории молиявӣ ҳамчун қобилияти корхона барои нигоҳ доштани тавозуни молиявӣ ва иҷрои уҳдадориҳои худ муайян карда мешавад.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки устувории молиявӣ ба омилҳое, аз қабили самаранокии идоракунии захираҳо, диверсификатсияи фаъолият ва сатҳи идоракунии хавфҳо вобаста аст.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ, устувории молиявии корхонаҳо яке аз омилҳои асосии фаъолияти самаранок ва рақобатпазирии онҳо ба ҳисоб меравад. Устувории молиявӣ қобилияти корхонаро барои иҷрои уҳдадориҳои молиявӣ, нигоҳ доштани мувозинати байни даромад ва хароҷот ва мутобиқ шудан ба тағйироти муҳити иқтисодӣ ифода мекунад.

Аҳамияти устувории молиявӣ дар он зоҳир мегардад, ки он:

- хавфи муфлисшавиро коҳиш медиҳад;
- қобилияти қарзпардозиро баланд мебардорад;
- имконияти рушди минбаъдаро фароҳам меорад;
- боварии бозорро зиёд мекунад.

Баланд бардоштани устувории молиявии корхонаҳо раванди мураккаб ва бисёрҷанба мебошад. Он аз идоракунии самараноки захираҳо, банақшагирии дуруст ва мутобиқшавӣ ба шароити бозорӣ вобаста аст. Татбиқи роҳҳои пешниҳодшуда метавонад ба рушди устувор ва рақобатпазирии корхонаҳо мусоидат намояд.

- ***Идоракунии хавфҳои молиявӣ*** *- ташкили низоми самараноки идоракунии хавфҳо ба коҳиши талафоти эҳтимолӣ ва нигоҳ доштани устувории молиявӣ мусоидат мекунад.*
- ***Истифодаи технологияҳои рақамӣ*** *- ҷорӣ намудани системаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои рақамӣ ба баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва шаффофияти молиявӣ мусоидат менамояд.*
- ***Баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот*** *- коҳиши хароҷот ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ба зиёд шудани даромад ва беҳтар шудани нишондиҳандаҳои молиявӣ оварда мерасонад.*
- ***Ҷалби сармоягузорӣ*** *- ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ имконият медиҳад, ки фаъолияти истеҳсолӣ густариш ёбад ва устувории молиявӣ таъмин гардад.*

Дар баробари ин, муайян гардид, ки омилҳое, аз қабили ноустувории бозор, норасоии сармоя ва рақобати шадид метавонанд ба рушди устувори корхонаҳо монеа эҷод намоянд. Дар шароити рақобати бозорӣ, корхонаҳо бояд ба навоварӣ ва мутобиқшавӣ аҳамияти махсус диҳанд.Истифодаи стратегияҳои самараноки идоракунӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир метавонад ба баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва устувории молиявӣ мусоидат намояд.

Ҳамзамон, рушди захираҳои инсонӣ ва баланд бардоштани сатҳи тахассусии кормандон низ аз омилҳои муҳими муваффақият ба ҳисоб меравад.

Дар натиҷаи таҳқиқот муайян гардид, ки устувории молиявии корхонаҳои саноатӣ дар шароити рақобати бозорӣ аз самаранокии идоракунии молиявӣ, сатҳи диверсификатсия, идоракунии хавфҳо ва истифодаи технологияҳои рақамӣ вобастагии зич дорад.

Барои баланд бардоштани устувории молиявӣ тавсия дода мешавад:

- *Ҷорӣ намудани низоми муосири идоракунии молиявӣ;*
- *Густариши фаъолияти истеҳсолӣ ва бозорҳои фурӯш;*
- *Тақвияти идоракунии хавфҳо;*
- *Рақамикунонии равандҳои идоракунӣ;*
- *Ҷалби сармоягузорӣ ва рушди инфрасохтор.*

Татбиқи ин чораҳо метавонад ба рушди устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ мусоидат намояд.

Паст кардани хавфҳо чунин маъно дорад, ки субъект хавфҳоро барои худ (дар масъулияти худ) нигоҳ дошта, барои паст кардани сатҳи онҳо чораҳои зарурӣ меандешад, аз ҷумла диверсификатсия; меъёргузорӣ; чорабиниҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ.

Диверсификатсия - ин тақсимкунии хавфҳо байни якчанд объектҳое, ки бо ҳам алоқаманд намебошанд. Масалан, диверсификатсияи истеҳсолот (зиёд намудани

номгӯи маҳсулоти истеҳсолшаванда), сармоягузорӣ (сармоягузорӣ ба якчанд объект), бозори фуруш (иштирок дар якчанд бозори фуруш), мизоҷон (ҷалби мизоҷони категорияҳои гуногун), минтақаи фаъолият (фаъолият кардан дар минтақаҳои гуногун) ва ғайра. Мақсади диверсификатсия паст намудани сатҳи хавфҳо ва кам кардани талафи даромад ба шумор меравад.

Аз рӯи имконияти диверсификатсияшавӣ хавфҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд: систематикӣ (бозорӣ); ғайрисистематикӣ ё махсус (ғайрибозорӣ).

Хавфҳои систематикӣ хавфҳоеанд, ки натиҷаашонро пурра баҳогузорӣ намудан имконнопазир буда, онҳоро диверсификатсия (тақсим) намудан номумкин аст, мисол, сатҳи таваррум; хавфи сиёсӣ ва ғайра.

Хавфҳое, ки хоси корхонаи мушаххас буда, онҳоро диверсификатсия кардан мумкин аст, *хавфи гайрисистематикӣ* номида мешаванд.

Аз рӯи соҳаи пайдоиш намудҳои зерини хавфҳоро фарқ менамоянд: молиявӣ; истеҳсолӣ; тиҷоратӣ; инвеститсионӣ; инноватсионӣ.

Хавфҳои молиявӣ ҳангоми амалӣ намудани соҳибкории молиявӣ ва ё муомилаи молиявӣ ба вуҷуд меоянд (дар соҳибкории молиявӣ ба сифати мол асъор, қоғазҳои қиматнок ва маблағҳои пулӣ истифода мешаванд).

Хавфҳои молиявӣ дар навбати худ ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд: хавфи асъорӣ; хавфи қарзӣ; хавфи инвеститсионӣ.

Хавфҳое, ки бо истеҳсоли маҳсулот, молҳо ва хизматрасонӣ, амалӣ намудани ҳамагуна намудҳои фаъолияти истеҳсолӣ алоқаманд буда, дар ҷараёни он корхона бо мушкилоти истифодаи пурраи ашёи хом, болоравии арзиши аслӣ, афзоиши талафи вақти корӣ, истифодаи усулҳои нави истеҳсолӣ вағайра дучор мешавад, *хавфҳои истеҳсолӣ* номида мешаванд.

Хавфи тиҷоратӣ - ин хавфест, ки дар ҷараёни фурӯши молҳо ва хизматрасониҳои истеҳсолнамуда ва ё харидаи корхона ба вуҷуд меояд.

Хавфи инвеститсионӣ - ин хавфест, ки бо маблағгузории корхона ба лоиҳаҳои гуногун алоқаманд мебошад.

Хавфи инноватсионӣ - ин эҳтимоли ба вуҷуд омадани зарар ҳангоми маблағгузории корхона барои истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳои нав, ки мумкин аст харидорони интизории худро дар бозор пайдо накунад. Ба хавфи инноватсионӣ инчунин хавфҳои вобаста ба татбиқи техникаву технологияи нав ва идоракунии онҳо аз ҷониби кормандони корхона мансубанд.

Аз рӯи хосияти сарчашмаи хатарнокӣ хавфҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: техникӣ; табиӣ.

Хавфи техникӣ - ин хавфи ба вуҷуд омадани садама, сухтор, вайроншавӣ; хавфи фаъолияти нодурусти объект дар натиҷаи хатогӣ ҳангоми лоиҳакашӣ, таъмир ва васлкунӣ, риоя накардани технологияҳои истеҳсолӣ дар корхона.

Хавфи табиӣ - ин хавфи ба вуҷуд омадани офатҳои табиӣ (заминҷунбӣ, обхезӣ, хушксолӣ, эпидемия ва ғайра).

Вобаста ба омилҳои пайдоиш хавфҳоро ба намудҳои зерин тақсим менамоянд: сиёсӣ; иқтисодӣ (тиҷоратӣ).

Хавфи сиёсӣ - ин эҳтимоли ба вуҷуд омадани зарар ва ё кам шудани фоидаи корхона дар натиҷаи ноустувории сиёсӣ дар мамлакат.

Хавфи иқтисодӣ - ин хавфест, ки бо тағйироти номатлуб дар иқтисодиёти корхона ва ё иқтисодиёти мамлакат вобаста мебошад.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011 № 726.
2. Каримов Б. Таҳлили иқтисодӣ. Душанбе-2005с.
3. Оймаҳмадов Г.Н. Молия. Душанбе «Нодир» 2005с.
4. Гулмирзоев Д. Г., Оймаҳмадов Г. Н. Менеҷменти молиявӣ. Душанбе, 2004с.
5. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз. Душанбе: «ЭР – граф», 2008. – 450с.

6. Оймаҳмадов М., Муртазоев Д. Иқтисодиёти ҷаҳон. Теҳрон: Нашри Замон - 2001.
7. Саидмуродов Л.Х. Иқтисодиёти байналхалқӣ.-Душанбе: Ирфон -2002. 383 саҳ.
8. Барфиев Қ.Х. Таҳлили иқтисодӣ.Китоби дарсӣ Душанбе: Ирфон, 2019-400с
9. Комилов С. Ҷ., Низомова Т. Д., Давлатов У. Иқтисоди корхона // Китоби дарсӣ. Душанбе, 2015- 465 с

НАҚШИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР ТАҲКИМИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

Муртазоев Н.А. - н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе

Акрамов А.А. - н.и.и. муаллими калони кафедраи "Менеҷменти истеҳсолӣ"-и ДТТ ба номи акад. М.С. Осимӣ, Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе

Дар мақола масъалаи нақши соҳибкории хурду миёна дар рушди устувори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллифон хусусиятҳо, вазифаҳо ва аҳамияти иҷтимоию иқтисодии ин бахшро дар шароити иқтисоди бозорӣ нишон медиҳанд. Таваҷҷуҳи махсус ба масъалаҳои дастрасӣ ба сармоя, расмиёти маъмурӣ, сатҳи саводи молиявӣ ва фарҳанги соҳибкорӣ равона гардидааст. Дар мақола таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя ва намунаҳои муваффақи байналмилалӣ низ мавриди муқоиса қарор гирифта, роҳҳои такмили сиёсати давлатӣ дар самти дастгирии соҳибкорон пешниҳод шудаанд.

Калидвожаҳо: соҳибкории хурду миёна, иқтисоди бозорӣ, сиёсати давлатӣ, дастгирии молиявӣ, муҳити соҳибкорӣ, шуғл, рақобат.

РОЛЬ МАЛОГО И СРЕДНЕГО БИЗНЕСА В УКРЕПЛЕНИИ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

Муртазоев Н.А. - к.э.н., доцент кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе

Акрамов А.А. - к.э.н. старший преподаватель кафедры «Производственный менеджмент» Таджикский технический университет имени акад. М.С. Осими, Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе

В статье рассматривается роль малого и среднего предпринимательства в обеспечении устойчивого развития экономики Республики Таджикистан. Авторы анализирует особенности, функции и социально-экономическое значение данного сектора в условиях рыночной экономики. Особое внимание уделено вопросам доступа к финансированию, административным барьерам, уровню финансовой грамотности и предпринимательской культуры, также проводится сравнительный анализ с опытом соседних стран и международной практикой, предлагаются меры по совершенствованию государственной политики в сфере поддержки предпринимателей.

Ключевые слова: малое и среднее предпринимательство, рыночная экономика, государственная политика, финансовая поддержка, предпринимательская среда, занятость, конкуренция.

THE ROLE OF SMALL AND MEDIUM-SIZED ENTERPRISES IN STRENGTHENING THE COMPETITIVENESS OF THE NATIONAL ECONOMY

Murtazoev N.A. - associate professor, candidate of economic sciences, department of economic theory of Tajik State University of Finance and Economics. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe

Akramov A.A. - senior lecturer, department of «Production management», Tajik technical University named after acad. M.S. Osimi, Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe

The article examines the role of small and medium-sized enterprises in ensuring the sustainable development of the economy of the Republic of Tajikistan. The authors in analyzes the characteristics, functions, and socio-economic significance of this sector within the context of a market economy. Particular attention is given to issues of access to finance, administrative barriers, financial literacy, and entrepreneurial culture. The study compares Tajikistan's

experience with that of neighboring countries and international best practices, proposing measures to improve state policy in supporting entrepreneurship.

Keywords: small and medium-sized enterprises, sustainable development, market economy, state policy, financial support, business environment, employment, competition.

Соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти муосир яке аз унсурҳои калидии ташаккули рушди устувор ба шумор меравад. Ин бахш на танҳо воситаи афзоиши истеҳсолот ва хизматрасонӣ, балки омили муҳими таъмини шуғл, афзоиши даромади аҳолӣ ва тақвияти рақобат дар бозор мебошад. Дар заминаи таҳаввулоти иқтисодии ҷаҳонӣ, ки бо ҷаҳонишавӣ, рақобати шадид ва пешрафти технологӣ тавсиф меёбанд, нақши соҳибкории хурду миёна дар пешбурди иқтисоди миллӣ бештар мегардад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иқтисоди он ҳанӯз дар марҳилаи гузариш аз модели маъмурӣ ба иқтисоди бозорӣ қарор дорад, рушди ин бахш аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Соҳибкорӣ дар умум ҳамчун фаъолияти мустақилона ва ташаббускоронае муайян мешавад, ки ҳадафи асосии он ба даст овардани фоида дар асоси истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷудбуда мебошад. Соҳибкории хурду миёна ба он гурӯҳи субъектҳо дохил мешавад, ки ҳаҷми истеҳсол, гардиши молиявӣ ва шумораи кормандонашон нисбатан камтар аст, вале онҳо бо чандирӣ, самаранокӣ ва қобилияти мутобиқшавӣ ба шароити бозор фарқ мекунанд. Дар Тоҷикистон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкорӣ» (2004), - Соҳибкори хурд он шахси воқеӣ ё ҳуқуқист, ки то бист корманд дорад ва ҳаҷми даромади солонаи ӯ аз меъёри муқарраршуда зиёд нест. Соҳибкори миёна бошад, то сад корманд дошта, гардиши солонаи ӯ аз даҳ миллион сомонӣ зиёд набояд бошад [1].

Дар шароити Тоҷикистон, ки иқтисодаш асосан ба соҳаҳои кишоварзӣ, энергетика ва хизматрасонӣ такя мекунад, соҳибкории хурду миёна метавонад ба диверсификатсияи иқтисодӣ мусоидат намояд. Бахусус дар деҳот, ки имкониятҳои шуғл маҳдуданд, рушди соҳибкории хурд метавонад сатҳи зиндагии аҳолиро беҳтар намуда, муҳоҷирати меҳнатиро коҳиш диҳад. Дар давоми солҳои охир шумораи субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар кишвар мунтазам афзуда, мувофиқи маълумоти Агентии давлатии омор дар соли 2024, шумораи онҳо зиёда аз 380 ҳазор воҳидро ташкил медиҳад, ки онҳо беш аз 70% ҳамаи субъектҳои иқтисодиро дар бар мегиранд.

Аҳамияти ин бахш дар он аст, ки соҳибкорони хурду миёна ба иқтисод на танҳо тавассути истеҳсолот, балки бо таъсири иҷтимоии худ низ саҳм мегузоранд. Онҳо ҷойҳои нави корӣ эҷод мекунанд, ба буҷет андоз месупоранд ва бо пешниҳод намудани маҳсулот ва хизматрасониҳои гуногун рақобатро дар бозор тақвият мебахшанд. Аз ҷониби дигар, ин бахш муҳити мусоиди иқтисодиро барои ташаккули табақаи миёнаи ҷомеа фароҳам меорад, ки ин табақа устувории иҷтимоӣ ва сиёсиро таъмин менамояд.

Бо вуҷуди ин, рушди соҳибкории хурду миёна дар Тоҷикистон бо як қатор мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ аст. Яке аз онҳо мушкилоти дастрасӣ ба сармоя мебошад. Тибқи таҳлилҳои Бонки ҷаҳонӣ дар соли 2024, зиёда аз 60 фоизи соҳибкорони хурд дар Тоҷикистон имкони гирифтани қарз аз бонкҳоро надоранд, зеро фоизи баланд ва талаботи кафолати амвол монеа эҷод мекунад. Фоизи миёнаи қарзҳои бонкӣ дар соли 2023 то ба 24% расида буд, ки барои соҳибкорони нав шояд ғайриимкон бошад. Аз ин рӯ, аксари соҳибкорон бо сармояи шахсӣ ё қарзҳои ғайрирасмӣ фаъолият мекунанд, ки ин ба рушди онҳо маҳдудият меорад.

Масъалаи дигар, ин расмиёти мураккаби маъмурӣ мебошад. Бо вуҷуди он ки дар солҳои охир тавассути таъсиси «Равзанаи ягона барои соҳибкорон» бақайдгирии тиҷорат осонтар шудааст, аммо дар амал соҳибкорон ҳанӯз аз расмиёти зиёди иҷозатнома, санҷишҳо ва тафтиши мақомоти назоратӣ шикоят мекунанд.

Проблемаи муҳими дигар сатҳи пасти саводи молиявӣ ва фарҳанги соҳибкорӣ мебошад. Бисёр шахсон, бахусус ҷавонон ва занон, дониши кофӣ дар бораи таҳияи нақшаи тиҷоратӣ, идоракунии захираҳо ва ҳисоботи молиявӣ надоранд. Барои ин мақсад, дар доираи Барномаи давлатии дастгирии соҳибкории занона ва ҷавонон як қатор тренингҳо ва

семинарҳо гузаронида мешаванд, ки ба баланд бардоштани сатҳи дониши амалии онҳо мусоидат мекунанд.

Дар муқоиса бо кишварҳои ҳамсоя — Ӯзбекистон ва Қирғизистон — метавон гуфт, ки Тоҷикистон дар самти дастгирии молиявӣ каме ақиб мондааст. Масалан, дар Ӯзбекистон фонди махсуси кафолати қарзӣ амал мекунад, ки барои соҳибкорони хурд қисман масъулияти қарзро ба уҳда мегирад ва бо ин васила дастрасиро ба маблағ осон мекунад. Дар Қирғизистон бошад, бонкҳои микрофинансӣ нақши муҳим доранд ва шароити қарзгирӣ барои соҳибкорони нав нисбатан мусоид аст. Ин таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки барои пешбурди бахши мазкур, дастгирии давлатии фаъол ва сиёсати муассири молиявӣ зарур мебошад.

Дар Тоҷикистон, сарфи назар аз душвориҳо, тамоюли мусбати рушд мушоҳида мешавад. Соли 2022 саҳми соҳибкории хурду миёна дар маҳсулоти умумии дохилӣ тақрибан 25%-ро ташкил дод, ки нисбат ба даҳ соли пеш 1,8 маротиба зиёд аст[2]. Дар баъзе минтақаҳо, ба мисли Суғд ва Хатлон, фаъолияти соҳибкорӣ босуръат рушд мекунад, махсусан дар бахшҳои саноати сабук, сохтмон ва хизматрасонӣ.

Омилҳои мусоиди дигари рушд ин соҳаи алоқа буда, беҳтар шудани дастрасӣ ба интернет ва сиёсати рақамисозии давлатӣ мебошад. Барномаи “Рақамикунонии Тоҷикистон – 2030” имконият фароҳам меорад, ки соҳибкорон хизматрасониҳои давлатиро ба таври онлайн дастрас кунанд, аз ҷумла бақайдгирии корхона, пардохти андоз ва гирифтани иҷозатномаҳо. Ин иқдомҳо ҳуҷҷатгузориро миқдоран коҳиш дода, шаффофияти муҳити соҳибкориро зиёд менамояд.

Ҷанбаи муҳими дигари рушди соҳибкорӣ – ин рушди соҳибкории занона мебошад. Занон дар Тоҷикистон беш аз нисфи аҳолиро ташкил медиҳанд, вале ҳиссаи онҳо дар бахши соҳибкорӣ ҳамагӣ 23% аст. Бо дастгирии барномаи рушди СММ ва “Бонки аврупоии тақдид ва рушд”, барои занони соҳибкор дар шаҳрҳои Хуҷанд, Бохтар ва Душанбе марказҳои омӯзишӣ таъсис дода шудаанд. Ин марказҳо имконият медиҳанд, ки занон малакаҳои идоракунии тиҷоратро омӯзанд ва бо сармоягузорон ҳамкорӣ намоянд.

Бо вуҷуди пешравиҳо, мушкилоти инфрасохторӣ ва энергетикӣ то ҳол монеа вуҷуд дорад. Дар баъзе ноҳияҳои дурдаст набудани роҳҳои босифат, хатҳои барқ ва дастрасӣ ба шабакаи интернет фаъолияти соҳибкоронро маҳдуд мекунад. Ин масъалаҳо на танҳо ба истеҳсолот, балки ба савдо ва хизматрасонӣ низ таъсир мерасонанд. Сиёсати давлатӣ бояд ба тарафи таҳкими зерсохторҳои иқтисодӣ равона гардад.

Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки рушди устувори соҳибкории хурду миёна танҳо дар сурате имконпазир аст, ки давлат сиёсати дақиқ, шаффоф ва дарозмуддатро пеш барад. Масалан, дар Олмон, Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ бахши соҳибкории хурду миёна аз ҳисоби дастгирии молию техникии давлатӣ, таълими соҳибкорӣ ва ҳамкории зич бо бахши илм рушд кардааст. Тоҷикистон низ метавонад аз ин таҷрибаҳо истифода намояд.

Соҳибкории хурду миёна барои иқтисоди миллии Тоҷикистон на танҳо як бахши иқтисодӣ, балки як омили иҷтимоии муҳим аст. Он метавонад ба коҳиши бекорӣ, афзоиши табақаи миёна, ҷалби сармоя ва таъмини суботи макроиқтисодӣ мусоидат намояд. Барои ин зарур аст, ки сиёсати давлатӣ дар самти дастгирии соҳибкорон пайгирона амалӣ гардад, монеаҳои маъмурӣ бардошта шаванд ва шароити дастрасӣ ба сармоя беҳтар гардад (коҳиши расмиёти маъмурӣ, дастгирии молиявӣ, ҷорӣ кардани барномаҳои омӯзиши соҳибкорӣ дар муассисаҳои таълимӣ, афзоиши нақши занон ва ҷавонон дар соҳа, ва ҷалби сармояи хориҷӣ).

Дар оянда, соҳибкории хурду миёна метавонад ба яке аз такягоҳҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳад гардид.

Адабиёт:

1. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ – соли 2024.
2. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – соли 2024.
3. Шарифзода М. «Асосҳои иқтисоди бозорӣ». Душанбе, 2021.

4. Назарзода Р. «Мушкилоти соҳибкории хурду миёна дар Тоҷикистон». Душанбе, 2020.
5. Саидов Ф. «Идоракунии молиявӣ дар соҳибкории хурду миёна». Хуҷанд, 2019.
6. Ҳамидзода С. «Таъсири соҳибкории хурду миёна ба рушди иқтисоди деҳот». Душанбе, 2022.
7. Бонки миллии Тоҷикистон. «Барномаи дастгирии соҳибкорӣ ва молия», Душанбе, 2023.
8. Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ», Душанбе, 2024.
9. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ. Ҳисоботи солонаи рушди соҳибкорӣ, Душанбе, 2024.
10. Алимардон, М. Соҳибкории хурду миёна ва рушди иқтисоди миллӣ. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 224 с.
11. Ҳотамов, Ш. Иқтисодиёти рақобатпазир ва соҳибкории хурду миёна. – Душанбе: Дониш, 2020. – 180 с.
12. Косимов, Ф. Соҳибкории хурду миёна ва бозори меҳнат. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 142 с.
13. Ғаффоров, А. Рақобатпазирии иқтисоди миллӣ: назария ва амал. – Душанбе: Дониш, 2016. – 200 с.

ФОРМИРОВАНИЕ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ И ЕЁ ВЛИЯНИЕ НА ФУНКЦИОНИРОВАНИЕ СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН

Саидбекова Фарзона Исломовна - Магистрант 1 курса специальность-финансы и кредит, ГУ «Худжандский государственный институт» ГУ международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, кафедры финансы и кредит. Республика Таджикистан, Худжанд

В статье рассматриваются вопросы формирования конкурентоспособности свободных экономических зон и её влияние на эффективность их функционирования. Особое внимание уделяется роли СЭЗ в привлечении иностранных инвестиций и стимулировании экономического роста. Исследуются основные факторы, влияющие на конкурентоспособность СЭЗ, включая налоговые льготы, развитие инфраструктуры и квалификацию рабочей силы. Также анализируется значение стабильной правовой среды для повышения инвестиционной привлекательности таких территорий. В работе приведены примеры успешного функционирования свободных экономических зон в различных странах мира. Сделан вывод о том, что повышение конкурентоспособности СЭЗ способствует развитию национальной экономики и созданию новых рабочих мест.

Ключевые слова: свободные экономические зоны, конкурентоспособность, иностранные инвестиции, экономический рост, инфраструктура, рынок труда, экономическое развитие.

THE FORMATION OF COMPETITIVENESS AND ITS INFLUENCE ON THE FUNCTIONING OF FREE ECONOMIC ZONES

Saidbekova, Farzona Islamovna - 1st year student, specialty -Finance and Credit, Si "Khujand State Institute" of the State Institution of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Department of Finance and Credit. Republic of Tajikistan, Khujand

The article examines the formation of competitiveness of special economic zones and its impact on the efficiency of their functioning. Particular attention is given to the role of special economic zones in attracting foreign investment and stimulating economic growth. The main factors influencing the competitiveness of SEZs are considered, including tax incentives, infrastructure development, and workforce qualifications. The importance of a stable legal environment for increasing the investment attractiveness of such territories is also analyzed. The paper provides examples of successful functioning of special economic zones in different countries of the world. It is concluded that improving the competitiveness of SEZs contributes to the development of the national economy and the creation of new jobs.

Keywords: special economic zones, competitiveness, foreign investment, economic growth, infrastructure, labor market, economic development.

ТАШАККУЛИ РАҚОБАТПАЗИРӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ФАЪОЛИЯТИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ

Саидбекова Фарзона Исломовна - Магистранти курси 1 ихтисос-молия ва қарз, МД "институти давлатии Хуҷанд" МД донишгоҳи байналмилалии сайеҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, кафедраи молия ва қарз. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд

Дар мақола масъалаҳои ташаккули рақобатпазирии минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва таъсири он ба самаранокии фаъолияти онҳо баррасӣ мешаванд. Диққати махсус ба нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва таҳрики рушди иқтисодӣ равона шудааст. Омилҳои асосии таъсиррасон ба рақобатпазирии минтақаҳои озоди иқтисодӣ, аз ҷумла имтиёзҳои андозӣ, рушди инфрасохтор ва сатҳи тахассуси қувваи корӣ таҳлил карда мешаванд. Ҳамчунин

аҳамияти муҳити устувори ҳуқуқӣ барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ баррасӣ мегардад. Дар кор мисолҳои фаъолияти муваффақи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон оварда шудаанд. Хулоса бароварда мешавад, ки баланд бардоштани рақобатпазирии минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба рушди иқтисоди миллӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад.

Калидвожаҳо: минтақаҳои озоди иқтисодӣ, рақобатпазирӣ, сармоягузории хориҷӣ, рушди иқтисодӣ, инфрасохтор, бозори меҳнат, рушди иқтисод.

Свободные экономические зоны (СЭЗ) являются важным инструментом экономической политики, направленным на привлечение инвестиций, развитие инфраструктуры и стимулирование экономического роста. В условиях глобализации и усиления конкуренции между странами, конкурентоспособность СЭЗ становится ключевым фактором их успешного функционирования. В данной статье рассматриваются основные аспекты формирования конкурентоспособности СЭЗ и их влияние на эффективность их работы.

Свободные экономические зоны представляют собой ограниченные территории, на которых действуют специальные налоговые и правовые режимы, способствующие привлечению иностранных инвестиций и развитию бизнеса [1, 4].

Основными целями создания СЭЗ является:

• Стимулирование экономического роста;

• Создание новых рабочих мест;

• Развитие экспортного потенциала страны.

Существует несколько типов СЭЗ, включая производственные, торговые, логистические и инновационные. Каждая из этих зон имеет свои особенности и преимущества.

Таблица 1. - типы СЭЗ [3, 117].

Тип СЭЗ	**Описание**	**Примеры стран**
Производственные	Зоны для производства товаров с минимальными налогами	Китай, Мексика
Торговые	Зоны для торговли без налогов на импорт и экспорт	Гонконг, Сингапур
Логистические	Зоны для хранения и распределения товаров	Германия, Дубай
Инновационные	Зоны для стартапов и высоких технологий	Израиль, США

Конкурентоспособность СЭЗ определяется множеством факторов, которые мы разберём на рисунке 1.




Рисунок 1. Факторы влияющие на конкурентоспособность СЭЗ [7, 5].

1. Налоговые льготы: Привлекательные налоговые условия способствуют привлечению иностранных инвесторов. Например, в Сингапуре ставка корпоративного налога составляет всего 17%, а для новых компаний в первые три года она может быть снижена до 0%.

2. Инфраструктура: Развитая транспортная и логистическая инфраструктура играет ключевую роль в обеспечении конкурентоспособности СЭЗ. Согласно данным Всемирного банка, страны с высокоразвитыми логистическими системами могут сократить затраты на транспортировку на 30%.

3. Квалификация рабочей силы: Уровень образования и профессиональной подготовки рабочей силы напрямую влияет на производительность труда. По данным OECD, страны с высоким уровнем образования демонстрируют на 20% более высокую производительность труда.

4. Правовая база: Чёткая и стабильная правовая система защищает права инвесторов. В соответствии с рейтингом Doing Business 2025, Сингапур занимает 2-е место в мире по легкости ведения бизнеса, что делает его привлекательным для инвесторов.

Высокая конкурентоспособность СЭЗ способствует увеличению притока иностранных инвестиций, что, в свою очередь, ведёт к росту производства и созданию новых рабочих мест. Например, успешные СЭЗ, такие как Сингапур и Дубай, демонстрируют, как эффективное сочетание налоговых льгот, развитой инфраструктуры и квалифицированной рабочей силы может привести к значительному экономическому росту. [5, 12].

Кроме того, конкурентоспособные СЭЗ становятся центрами инноваций и технологического развития. Они привлекают не только капитал, но и передовые технологии, что способствует модернизации производственных процессов и повышению общей эффективности экономики.

Однако следует отметить, что для поддержания конкурентоспособности необходимо постоянно адаптироваться к изменениям в глобальной экономике. Внутренние проблемы, такие как коррупция или недостаток инфраструктуры, могут негативно сказаться на привлекательности СЭЗ для инвесторов. Внешние вызовы, включая экономические кризисы и изменения в международной политике, также требуют гибкого подхода к управлению свободными экономическими зонами.

Высокая конкурентоспособность СЭЗ способствует увеличению притока иностранных инвестиций, что ведёт к росту производства и созданию новых рабочих мест. Например, успешные СЭЗ, такие как Сингапур и Дубай, демонстрируют, как эффективное сочетание налоговых льгот, развитой инфраструктуры и квалифицированной рабочей силы может привести к значительному экономическому росту.

Кроме того, конкурентоспособные СЭЗ становятся центрами инноваций и технологического развития. Они привлекают не только капитал, но и передовые технологии, что способствует модернизации производственных процессов и повышению общей эффективности экономики.

Для иллюстрации успешности СЭЗ можно рассмотреть данные по нескольким регионам в таблице 2.

Таблица 2. - Успешные СЭЗ регионов [2].

Страна	**Приток иностранных инвестиций**	**Количество созданных рабочих мест**	**Рост ВВП**
Сингапур	$95 млрд	250 030	3.6%
Дубай	$23,1 млрд	100 110	6.2%
Китай	$169 млрд	100 000	3.0%
Мексика	$38,7 млрд	200 000	2.1%

Данные показывают, что успешные СЭЗ не только привлекают инвестиции, но и создают значительное количество рабочих мест, способствуя росту экономики.

Формирование конкурентоспособности свободных экономических зон является важным фактором их успешного функционирования. Эффективное сочетание налоговых льгот, развитой инфраструктуры и квалифицированной рабочей силы способствует привлечению инвестиций и созданию новых рабочих мест. В условиях

глобализации необходимо постоянно адаптировать стратегии управления СЭЗ к изменяющимся условиям, чтобы сохранить их привлекательность для инвесторов и обеспечить устойчивое развитие экономики страны.

В заключение можно сказать, что конкурентоспособность свободных экономических зон — это не только вопрос экономической политики, но и стратегического планирования на долгосрочную перспективу.

ЛИТЕРАТУРА

1. Special Economic Zones Progress, Emerging Challenges, and Future Directions [Electronic resource] / The International Bank for Reconstruction and Development/The World Bank. - Mode of access: https://documents1.worldbank.org/curated/en/752011468203980987/pdf/638440PUB0Exto00Box0361527B0PUBLIC0.pdf. - (Date of access: 11.03.2026).
2. Административные меры для утверждения и подачи иностранных инвестиционных проектов» [Электронный ресурс]. URL: https://www.gov.cn/gongbao/content/2014/content_2729574.htm (Дата обращения 10.03.2026)
3. Бабаев Х.С. О взаимосвязи инвестиционной привлекательности свободных экономических зон и фискальной политики государства. / Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. / Серия гуманитарных наук, 3 (59): 2014. С. 116–121.
4. Белокрылова О.С., Киселева Н.Н., Хубулова В.В. Региональная экономика и управление. - М: АльфаМ: ИНФРА-М, 2011. -240 с.
5. Глухов А.В. Оценка конкурентоспособности товара и способы ее обеспечения//Маркетинг. 1999. №2 21с.
6. Повышение конкурентоспособности компании: формирование рыночной стратегии и ее практическое осуществление. М.: Библиотечка «Российской газеты», 2005. 216с.
7. Портер М. Конкурентная стратегия. Методика анализа отраслей и конкурентов. М.: Альпина Бизнес Букс, 2006, 454с.

САМТҲОИ РАҚАМИКУНОНӢ ВА ТАКМИЛИ ҲИСОБОТИ ИДОРАКУНӢ ДАР КОРХОНАҲОИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ

Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ - Институти иқтисод ва таҳлили системаҳои рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, докторанти Ph.D. Суроға: 734020, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Ҳаёти Нав, 306. Телефон: (+992) 788-96-99-99.

Дар мақолаи мазкур таҳқиқоти илмӣ нишон дод, ки дар зерқисмҳои қаблӣ гузаронидашуда такмили баҳисобгирии идоракунӣ танҳо тавассути тағйир додани сохтори ташкилии муҳосибӣ ё ҷорӣ намудани марказҳои масъулият маҳдуд намегардад. Дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ ва ташаккули экосистемаҳои аграрӣ баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ пеш аз ҳама аз сатҳи рақамикунонии ҷараёнҳои иттилоотӣ вобаста мебошад. Агар дар низомҳои анъанавӣ маълумот баъди анҷоми амалиёт ҷамъоварӣ ва коркард гардад, дар модели рақамӣ иттилоот дар вақти воқеӣ ташаккул ёфта, барои таҳлил, моделсозӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ фавран истифода мешавад.

Калимаҳои асосӣ: рақамикунонӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, экосистемаҳои аграрӣ, иқтисоди рақамӣ, самаранокии идоракунӣ, корхонаҳои агросаноатии минтақа, технологияҳои рақамӣ.

НАПРАВЛЕНИЯ ЦИФРОВИЗАЦИИ И СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ УПРАВЛЕНЧЕСКОЙ ОТЧЕТНОСТИ НА ПРЕДПРИЯТИЯХ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА

Махмадуллои Рахмони Махмадали - Институт экономики и системного анализа развития сельского хозяйства ТАСХН, докторант Ph.D. Адрес: 734020, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Хаёти Нав, 306. Телефон: (+992) 788-96-99-99.

В данной статье научные исследования, проведенные в предыдущих подразделах, показали, что совершенствование управленческого учета не ограничивается изменением организационной структуры учета или введением центров ответственности. В контексте развития цифровой экономики и формирования аграрных экосистем повышение эффективности управления в первую очередь зависит от уровня цифровизации информационных потоков. Если в традиционных системах данные собираются и обрабатываются после операции, то в цифровой модели информация формируется в режиме реального времени и немедленно используется для анализа, моделирования и принятия управленческих решений.

Ключевые слова: цифровизация, управленческий учет, аграрные экосистемы, цифровая экономика, эффективность управления, региональные агропромышленные предприятия, цифровые технологии.

DIRECTIONS OF DIGITALIZATION AND IMPROVEMENT OF MANAGEMENT REPORTING IN ENTERPRISES OF THE AGRO-INDUSTRIAL COMPLEX

Mahmadulloi Rahmoni Mahmadali - Institute of Economics and Systems Analysis of Agricultural Development of TASHN, Ph.D. Address: 734020, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Khayoti Nav Street, 306. Phone: (+992) 788-96-99-99

In this article, the scientific research conducted in the previous subsections has shown that the improvement of management accounting is not limited to changing the organizational structure of accounting or introducing responsibility centers. In the context of the development of the digital economy and the formation of agrarian ecosystems, increasing the efficiency of management primarily depends on the level of digitization of information flows. If in traditional systems, data is collected and processed after the operation, then in a digital model, information is formed in real time and is immediately used for analysis, modeling and making management decisions.

Key words: digitization, management accounting, agrarian ecosystems, digital economy, management efficiency, regional agro-industrial enterprises, digital technologies.

Таҳқиқоти дар зерқисмҳои қаблӣ гузаронидашуда нишон доданд, ки такмили баҳисобгирии идоракунӣ танҳо тавассути тағйир додани сохтори ташкилии муҳосибӣ ё ҷорӣ намудани марказҳои масъулият маҳдуд намегардад. Дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ ва ташаккули экосистемаҳои аграрӣ баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ пеш аз ҳама аз сатҳи рақамикунонии ҷараёнҳои иттилоотӣ вобаста мебошад. Агар дар низомҳои анъанавӣ маълумот баъди анҷоми амалиёт ҷамъоварӣ ва коркард гардад, дар модели рақамӣ иттилоот дар вақти воқеӣ ташаккул ёфта, барои таҳлил, моделсозӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ фавран истифода мешавад.

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми хеш қайд карданд, ки “Пешрафти босуръати технологияҳои рақамӣ ва тавсеаи имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки ин дастовардҳо дар ҳама соҳаҳо самаранок истифода гардида, ба манбаи иловагии рушди иқтисодӣ ва содироти хизматрасонӣ табдил дода шаванд. Парламенти кишварро зарур аст, ки барои таъмин намудани заминаи ҳуқуқии гузаштан ба иқтисоди рақамӣ ва истифодаи зеҳни сунъӣ чораҷӯйӣ намояд. Дар ин раванд, Хадамоти алоқа вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати амалисозии иқдомоти созанда дар доираи «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия», инчунин, дар асоси ҳадафу вазифаҳои стратегии кишвар лоиҳаи «Стратегияи рушди соҳаи алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040»-ро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд. Зарур аст, ки ҷиҳати бо интернети баландсуръат таъмин намудани аҳолӣ ва рушди инфрасохтори телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла таҷдиди хатҳои нахиву нурии байнишаҳрӣ ва зиёд намудани хатҳои байналмилалӣ чораҳои фаврӣ андешида шаванд” [7].

Дар идома, Ҷаноби олӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсус қайд намуданд, ки “Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ вазифадоранд, ки якҷо бо вазоратҳои маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав ва молия талаботи бозори меҳнатро дар самти иқтисоди рақамӣ омӯхта, барои зиёд намудани теъдоди мутахассисони соҳаи мазкур, инчунин, баланд бардоштани сифати омодасозии кадрҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд. Ҳамчунин, ба Вазорати молия, Бонки миллӣ, Кумитаи андоз ва дигар вазорату идораҳои дахлдор супориш дода мешавад, ки корро ҷиҳати зиёд намудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ ва истифодаи инфрасохтори пардохт тақвият бахшанд. Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ ҷиҳати пурра ҷорӣ намудан ва оммавӣ гардонидани сомонаи ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ тадбирҳои таъхирнопазир андешад. Имрӯз моро зарур аст, ки раванди идоракунии давлатиро бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ба роҳ монда, таъсири омили инсониро дар тамоми соҳаҳо ва ҳама гуна муносибатҳои молиявӣ коҳиш диҳем” [7].

Барои корхонаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон масъалаи рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ аҳамияти махсус дорад. Солҳои охир дар ҷумҳурӣ сиёсати давлатии рушди иқтисоди рақамӣ, такмили инфрасохтори иттилоотӣ ва гузариш ба шаклҳои муосири идоракунӣ амалӣ гардида истодааст. Вале дар қисми зиёди корхонаҳои агросаноатӣ ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумот ҳанӯз ҳам бо усулҳои анъанавӣ анҷом дода мешавад, ки ин имконияти истифодаи пурраи захираҳои иттилоотиро аз байн мебарад.

Қ. А. Содиқов қайд намудааст, ки “Айни замон муҳимтарин самти сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи модернизатсияи иқтисодиёт ва ба роҳи инноватсионии рушд ё ба истилоҳ «рақамикунонӣ» гузаронидани он мебошад. Яке аз воситаҳои модернизатсия ҷорӣ намудани технологияҳои муосири рақамӣ, иттилоотӣ ва зеҳнӣ дар тамоми бахшҳои иқтисодиёти кишвар мебошад. Дар солҳои охир ҳосилнокии меҳнат дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ коҳиш ёфта истодааст, ки ин динамикаи истеҳсоли маҳсулоти умумиро инъикос мекунад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди комплекси агросаноатӣ дар замони ҷаҳонишавии рақамӣ, бар асоси ғояҳои нав,

иттилоот ва инноватсияҳо ҷараён дорад. Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва интернет дар обёрии заминҳои кишоварзӣ имкон медиҳад, ки ин соҳа ба як саноати технологияи баланд табдил ёбад, ки қодир ба баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва кам кардани хароҷот дар тамоми раванди мелиоративӣ гардад” [8].

Айни замон, дар аксари кишварҳо, ба шарофати илм, технологияи муосир ва автоматизатсия, саноат ба сатҳи баланди рушд расидааст. Роҳҳои ҳалли маъмултарин дар айни замон пайгирии ҳайвонот ҳангоми чаронидани чорво дар чарогоҳҳо, инчунин назорати раванди таваллуди чорво ё дигар ҳайвонотро дар бар мегиранд, ки дар он мониторинги доимӣ, назорат ва огоҳкунии саривақтӣ талаб карда мешавад. Роҳҳои дигари ҷолиб системаест, ки бемориҳоро дар растаниҳои боғ аз аксҳо муайян мекунад. Имрӯз системаҳои автопилот барои комбайнҳои дарав аллакай истифода мешаванд ва онҳо метавонанд ҳосилро мисли оператори ботаҷрибаи комбайн ҷамъоварӣ кунанд. Чунин комбайнҳо ба хатогиҳои инсонӣ осебпазир нестанд, хатҳои ҳаракати нақлиётро аз даст намедиҳанд ва то анҷоми ҷамъоварӣ кор мекунанд. Аммо, бо вуҷуди ҳама гуногунии навовариҳои муосири технологӣ, савол ба миён меояд: чӣ гуна мо метавонем кишоварзиро дар маҷмӯъ боз ҳам тақвият диҳем ва таъсири зараровари инсонро ба муҳити зист кам кунем? Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки танҳо зиёд кардани миқдори нуриҳо (захираҳои табиии тамомшаванда) ва маҳсулоти муҳофизати растанӣ бесамар аст. Ин равиш бо мурури замон боиси паст шудани фоиданокӣ ва сифати истеҳсоли кишоварзӣ мегардад ва захираҳои аз ҷониби табиат додашуда бебозгашт гум мешаванд. Ғайр аз ин, бо рушди саноат ва афзоиши таваррум, кишоварзии органикӣ торафт душвортар ва гаронтар мешавад. Дар ин замина, се самти асосии рушди технологияҳои иттилоотӣ дар кишоварзӣ пайдо мешаванд [3].

Дар чунин шароит рақамикунонӣ бояд ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии механизми пешниҳодшудаи баҳисобгирии идоракунӣ баррасӣ карда шавад. Мақсади асосӣ аз ташкили муҳити ягонаи иттилоотӣ иборат аст, ки дар он маълумот аз ҳамаи марказҳои масъулият ва тамоми марҳилаҳои занҷираи арзиш дар шакли рақамӣ ҷамъоварӣ карда шавад.


Консепсияи рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ пешниҳод мегардад, ки сохтори умумии он дар расми 1 нишон дода шудааст.

Бояд таъкид намуд, ки рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон дар шароити хеле нобаробар амалӣ мегардад. Истеҳсолоти пароканда, сатҳи нокифояи кооператсия, истифодаи маҳдуди иқтидорҳои коркард ва ақибмонии инфрасохтори логистикӣ имконияти ташкили низоми ягонаи рақамии идоракуниро ба сирф овардаст.

Дар аксари корхонаҳои агросаноатии минтақа технологияҳои рақамӣ ҳоло бештар барои автоматизатсияи баҳисобгирии молиявӣ ва андозӣ истифода мешаванд. Вазифаҳои хоси баҳисобгирии идоракунӣ, аз ҷумла буҷетгузории фаврӣ ва ташкили ҳисоботи таҳлилӣ ҳанӯз пурра рақамӣ нашудаанд. Маълумоти истеҳсолӣ, анборӣ, муҳосибӣ ва фурӯш дар бисёр мавридҳо дар манбаъҳои ҷудогона нигоҳ дошта шуда, баъди анҷоми давраи ҳисоботӣ ҷамъбаст мегардад. Вазъи воқеӣ нишон медиҳад, ки байни корхонаҳои КАС-и Хатлон аз рӯи сатҳи омодагии рақамӣ фарқияти назаррас вуҷуд дорад [2].

Дар баъзе корхонаҳои муосир, аз ҷумла маҷмааҳои агросаноатии дорои истеҳсолоти ҳамгирошуда, барномаи «1С: Enterprise 8», мониторинги онлайн ва воситаҳои рақамии назорати равандҳои истеҳсолӣ истифода мешаванд.

Масалан, дар ҶДММ «Мармарӣ» баъзе равандҳои зоотехникӣ ва байторӣ автоматӣ идора гардида, барои мониторинги саломатии чорво воситаҳои рақамӣ истифода мешаванд. Аммо чунин таҷрибаҳо ҳанӯз хусусияти умумӣ надорад, ки З. Р. Шарифов ва С. А. Мирзоев ҳам ба он ишора кардаанд [10].



Расми 3.3.1. Консепсияи рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ дар экосистемаи аграрӣ

(таҳияи муаллиф)

Дар сатҳи хоҷагиҳои хурд ва миёна бошад, рақамикунонӣ бештар дар шакли истифодаи телефонҳои ҳушманд, паёмрасонҳо ва манбаъҳои иттилоотии мобилӣ зоҳир мегардад. Гаронӣ ва ноустувории интернет, сатҳи нокифояи саводи рақамӣ, камбуди муҳтавои соҳавӣ ба забони тоҷикӣ ва заъфи ҳифзи додаҳо паҳншавии ҳалли рақамиро ба мушкил мувоҷеҳ мекунанд. Барои муайян намудани имкониятҳои амалии татбиқи модели пешниҳодшуда, инчунин ошкор намудани омилҳои мусоидаткунанда ва маҳдудкунанда, истифодаи усули SWOT-таҳлил мувофиқи мақсад дониста мешавад (расми 2).

SWOT-таҳлил нишон медиҳад, ки барои рушди рақамикунонӣ ва такмили ҳисоботи идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон заминаҳои мусоид мавҷуданд. Бо вуҷуди ин, истифодаи пурраи имкониятҳои мавҷуда аз бартараф намудани маҳдудиятҳои дохилӣ, аз ҷумла паст будани сатҳи рақамикунонӣ, норасоии кадрҳои баландихтисос, набудани марказҳои масъулият ва ҳисоботи таҳлилӣ вобастагӣ дорад. Дар баробари ин, татбиқи технологияҳои рақамӣ, системаҳои ERP, воситаҳои таҳлили бизнес (BI), инчунин истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ ва интернети ашё (IoT) метавонад сифати ҳисоботи идоракуниро баланд бардорад.

Вазъияти кунунӣ бештар ба он хатаромез тавсиф мешавед, ки дар шароити рақамишавии муҳити берунаи рақобат аз ин раванд қафо мондан сабаби зарару зиёни зиёд хоҳад гашт. Зеро рақамикунонӣ ин мубодилаи саривақтии иттилоот аст, ки омили муҳимтарини рақобат мебошад.

Ба қавли Н.А. Абдулмуминзода “Аз сабаби душвор гардидани алоқаҳои дохиливу берунӣ, бекурбшавии пул, сари вақт ворид нашудани маблағҳо аз фурӯши насиявӣ корхонаҳои кишоварзӣ маҷбур мешаванд, ки стратегия ва тактикаи қарорҳои қабулшавандаро тағйир диҳанду сарчашмаҳои дигари маблағгузории фаъолияти соҳибкориро ҷустуҷӯ намуда, пайдо кунанд, то ин ки барои таъминоти иттилоотии равандҳои қабули қарорҳо мушкилот эҷод нагардад. Иттилоот оид ба ҳолат, рушд ва динамикаи объектҳои идоракунӣ дар гурӯҳҳои гуногуни таҳлилӣ, ки тавсифи пурраи объектро медиҳанд, имконияти муайян намудани тамоюли рушд, муайян кардани тамоюлот ва сари вақт қабул намудани қарорҳои идоракуниро фароҳам меоранд. Барои баҳодиҳии фаъолияти амалии субъектҳои хоҷагидорӣ иттилооти меъёрӣ, нақшавӣ, ҳақиқӣ, ҳисобкунӣ ва хусусияти ояндабинидошта зарур мебошад” [1]. Ҳамаи ин аҳамияти рақмикуниониро дар КАС таъқид менамояд.



Расми 2. – SWOT-таҳлили рушди рақамикунонӣ ва такмили ҳисоботи идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ (таҳияи муаллиф)

Натиҷаҳои таҳлили вазъи мавҷуда ва SWOT-таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки мушкилоти асосии рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ба набудани меъмории ягонаи ташкили ҷараёни иттилоот алоқаманд мебошад. Дар аксари корхонаҳо маълумоти муҳосибӣ, истеҳсолӣ, анборӣ, маркетингӣ ва молиявӣ дар шакли пароканда ҷамъоварӣ мегардад. Як маълумот чандин маротиба ворид карда шуда, омодасозии ҳисоботи идоракунӣ вақти зиёдро талаб мекунад.

Пас рақамикунонӣ бояд ба ташкили муҳити ягонаи иттилоотӣ нигаронида шавад, ки дар он ҳамаи марказҳо ва зерсистемаҳои идоракунӣ тавассути пойгоҳи ягонаи додаҳо бо ҳам алоқаманд гарданд. Бо дарназардошти ин талабот, схемаи рақамии низоми баҳисобгирии идоракунӣ пешниҳод мегардад, ки барои корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон мутобиқ гардонида шудааст (расми 3).

Дар ин модел (расми 3) пойгоҳи ягонаи додаҳо нақши марказии ҳамоҳангсозиро иҷро намуда, алоқаи байни баҳисобгирии муҳосибӣ, буҷетгузорӣ, таҳлили фаъолияти истеҳсолӣ, мониторинги KPI, моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ ва ҳисоботи идоракуниро таъмин менамояд. Бартарии дигари он дар он аст, ки он бо муҳити берунии фаъолияти корхона низ ҳамгироӣ дорад. Ин ҳамгироӣ мубодилаи маълумотро бо дигар иштирокчиёни экосистемаи аграрӣ таъмин намуда, барои ташаккули занҷираҳои рақамии арзиш заминаи зарурӣ фароҳам месозад.

Х. М. Ятимзода ва ҳамкоронаш бар ин ақидаанд, ки “Дар самти рақамикунони соҳаи кишоварзии кишвар то кунун рақами ягонаии оморӣ мавҷуд нест, ки чанд дарсади соҳаи кишоварзӣ тавассути технологияи рақамӣ фаъолият мекунанд. Аммо бо назардошти принсипҳои иқтисодиёти “сабз” бошад қариб сад дарсад гуфтан аз эҳтимол холи нест, ки соҳаи кишоварзии кишвар тавассути ин принсипҳо фаъолият мекунанд. Аз ин ҷост, ки аз сабаби аз ҷиҳати экологи тоза ва сифатан нағз будани маҳсулоти соҳаи кишоварз 7 навъи мевaҷоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии мардуми Чин содирот карда шуда буданд. Ҳамзамон дар кишвар мо зиёда аз 280 рӯзӣ офтобӣ, истифодаи обӣ нӯшоки дар соҳаи кишоварзӣ ва истифодаи нуриҳои микробиологӣ боис мегардад, ки молу маҳсулоти истеҳсол намудаи мо аз ҷиҳати экологӣ тоза бошанд” [11].

Албатта имкониятҳои татбиқи модели пешниҳодшуда танҳо бо корхонаҳои бузурги саноатии шаҳри Бохтар ва Кӯлоб хос буда наметавонад.

Дар ноҳияҳои аграрии вилояти Хатлон, аз қабили Ховалинг, Фархор, Муъминобод, Шамсиддин Шоҳин, Ҳамадонӣ, Восеъ ва ғ. ки фаъолияти онҳо асосан ба истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ, чорводорӣ ва коркарди ибтидоии маҳсулоти кишоварзӣ нигаронида шудааст, истифодаи механизми рақамии баҳисобгирии идоракунӣ метавонад самаранокии фаъолияти истеҳсолиро такони ҷидди диҳад.



Расми 3.3.3. Модели ҳамгироии рақамии баҳисобгирии идоракунӣ дар экосистемаи аграрӣ

Масалан, дар соли 2023 яке аз ҶДММ “ДУРАХШ” (ноҳияи Восеъ) барои баҳисобгирии истеҳсолот ва анбор барномаи «1С: Корхона»-ро ҷорӣ намуд. То татбиқи низоми рақамӣ маълумот оид ба қабули ашёи хом, истеҳсоли маҳсулот ва ҳаракати маҳсулоти тайёр дар журналҳои коғазӣ нигоҳ дошта мешуд. Баъди ҷорӣ намудани барнома муҳлати омодасозии ҳисоботи дохилӣ аз 3–4 рӯз то як рӯз коҳиш ёфта, роҳбарияти корхона имконият пайдо намуд, ки ҳаракати маҳсулот ва бақияи анборро дар вақти воқеӣ назорат намояд. Мувофиқати маълумоти муҳосибӣ ва маълумоти истеҳсолӣ беҳтар гардида, шумораи хатогиҳои техникӣ ҳангоми ҷамъбасти ҳисобот ба таври назаррас коҳиш ёфтааст [5].

Дар ноҳияи Фархор яке аз корхонаҳои пахтатозакунӣ бо номи “Фархор-Агро” дар соли 2024 низоми электронии бақайдгирии қабули пахтаро истифода бурд. Ҳангоми қабул ба ҳар як партия рамзи рақамӣ дода шуда, маълумот оид ба вазн, намнокӣ, сифати пахта ва истеҳсолкунанда дар пойгоҳи ягонаи додаҳо сабт гардид. Ин таҷриба имкон дод, ки вақти қабул ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо тақрибан 30–35 % кам гардида, баҳсҳо байни таъминкунандагон ва корхона вобаста ба вазн ва сифати маҳсулот хеле кам шаванд [4].

Мисоли дигар: дар соли 2024 яке аз хоҷагии боғпарварии ноҳияи Ховалинг ҶДММ “Фаррух и К” барои назорати корҳои агротехникӣ истифодаи замимаи мобилиро оғоз намуд. Бригадирон маълумотро оид ба обёрӣ, истифодаи нуриҳо, коркарди кимиёвӣ ва ҷамъоварии ҳосил мустақиман аз қитъаҳо ба низоми ягона ворид мекарданд. Роҳбарияти хоҷагӣ тавонист хароҷоти ҳар як гектарро алоҳида муайян намуда, қитъаҳои дорои самаранокии пастро ошкор созад [4].

Лозим ба зикр аст (ва он ба масоили рақамикунонӣ робитаи мустақим дорад), ки чорчӯби ҳуқуқии Тоҷикистон бештар ҳисоботи молиявиро танзим мекунад, на ҳисоботи идоракуниро. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ва дастурамалҳои Вазорати молия тартиби ҳисоботи семоҳа ва солонаро муайян мекунанд; ҳамзамон, талаботи пешниҳоди ҳисобот ба Депозитарии ҳисоботи молиявӣ (ДФО) барои субъектҳои муайян низ аз соли 2023 ворид шудааст. Бо вуҷуди ин, Бонки Ҷаҳонӣ сабт мекунад, ки ДФО то аввали соли 2025 ҳанӯз комилан фаъол набуд ва дастрасии оммавӣ ба маҷмӯи пурраи ҳисоботҳо маҳдуд боқӣ мондааст.

Аммо барои корхонаҳои КАС фарқ гузоштан байни ҳисоботи регламентӣ ва ҳисоботи идоракунӣ зарур аст. Ҳисоботи регламентӣ бояд ба талаботи қонун, МСФО/стандартҳои миллӣ ва муҳлатҳои семоҳа/солона ҷавоб диҳад; ҳисоботи идоракунӣ бошад, бояд ба мавсимият, биологияи истеҳсол, логистикаи барасмиятдарорӣ, ҳаракати партияҳо, талафоти анбор ва қарорҳои зуд ҷавобгӯ бошад. Мушкили калидӣ маҳз дермонӣ ва нокифоягии иттилооти барои қарорҳои оперативӣ ва стратегӣ зарур мебошад [6].

Аз нигоҳи принсипҳои муосири ташкили низоми баҳисобгирӣ, формати дурусти ҳисоботи идоракунӣ барои Хатлон бояд се сатҳ дошта бошад. Сатҳи аввал: ҳисоботҳои рӯзона ва ҳафтаина барои идоракунии истеҳсолот аст: иҷрои нақшаи ҷамъоварӣ, бақияи анбор, истеъмоли сӯзишворӣ, ҳолати обёрӣ, вайроншавии таҷҳизот, иҷрои фармоиш, талафоти партия. Сатҳи дуюм: ҳисоботҳои моҳона барои роҳбарияти миёна аст: арзиши аслӣ аз рӯи зироат/навъ/партия, маржа, гардиши захираҳо, қарзи дебиторӣ, иҷрои буҷет, самаранокии қисмҳои коркард. Сатҳи сеюм: ҳисоботҳои семоҳа ва мавсимӣ барои роҳбарияти олӣ ва сармоягузорон аст: EBITDA/маржаи амалиётӣ, ROIC, ҳосилнокӣ ба гектар, истифодаи иқтидор, диверсификатсияи бозор, муқовимат ба хатарҳои иқлимӣ ва нишондиҳандаҳои ESG-поя. Ин натиҷаи синтези таҳлилӣ аз мушкилоти иттилоотӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хусусияти занҷирҳои истеҳсолии Хатлон аст, ки бояд ба назар гирифта шавад, то ин ки мушкилоти рақамикунонӣ ва такмили ҳисоботи идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ҳаллу фасли ниҳоии худро ёбанд.

Ташаккули низоми рақамии баҳисобгирии идоракунӣ равиши махсусро тақозо менамояд. Дар шароити вилояти Хатлон татбиқи якбораи низомҳои мураккаби ERP, BI, IoT ва дигар воситаҳои рақамӣ аз ҷиҳати молиявӣ ва ташкилӣ барои аксари корхонаҳои агросаноатӣ мувофиқ нест.

Таҳлил нишон медиҳад, ки рақамикунонии корхона бояд аз ташхиси равандҳои амалкунанда оғоз гардад. Пеш аз ҳама муайян кардан зарур аст, ки маълумот дар кадом воҳидҳо ташаккул меёбад, барои қабули кадом қарорҳо истифода мешавад, дар кадом марҳила такрор ё дер ворид мегардад ва барои кадом нишондиҳанда шахси масъул муайян нашудааст. Дар акси ҳол, технология на камбудиҳои низомро бартараф, балки онҳоро дар шакли рақамӣ такрор менамояд [9].

Бо назардошти хусусиятҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон татбиқи модели пешниҳодшуда дар доираи панҷ марҳилаи пайдарпай мувофиқи мақсад мебошад. Ҳамин тариқ, тадқиқи ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва татбиқии такмили низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ нишон дод, ки дар шароити муосир рушди устувори иқтисодиёт бидуни истифодаи технологияҳои рақамӣ ва идоракунии маълумот ғайриимкон мебошад.



Расми 4. Харитаи роҳ ҷиҳати татбиқи модели рақамии баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон (тахияи муаллиф)

Дар воқеъ, имрӯз замони иқтисоди рақамӣ ва фановарӣ фаро расидааст, ки дар он арзиши асосӣ на танҳо ба захираҳои моддӣ, балки ба иттилооти босифат, таҳлили саривақтӣ ва қарорҳои асосноки идоракунӣ вобаста аст. Баҳисобгирии идоракунӣ дигар танҳо воситаи бақайдгирии амалиётҳои хоҷагидорӣ набуда, балки ба яке аз рукнҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо ва рушди экосистемаи аграрӣ табдил меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқот асос медиҳанд, ки модели пешниҳодшуда метавонад барои ташаккули муҳити ягонаи иттилоотӣ, тақвияти ҳамгироии иштирокчиёни занҷираи арзиш, рушди кластерҳои агросаноатӣ ва густариши ҳамкории рақамии субъектҳои хоҷагидорӣ заминаи мусоид фароҳам оварад. Бо вуҷуди ин, рушди минбаъдаи ин самт таҳқиқоти илмии нав, такмили пайвастаи усулҳои баҳисобгирии идоракунӣ, мутобиқ намудани онҳо ба технологияҳои рақамии навин ва тадриҷан ниҳодина гардидани онҳо дар фаъолияти амалии корхонаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро талаб менамояд.

Бояд махсус таъкид намуд, ки вилояти Хатлон аз рӯи масоҳати заминҳои кишоварзӣ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти аграрӣ, захираҳои меҳнатӣ ва имкониятҳои ташаккули занҷираҳои арзиш яке аз минтақаҳои дорои иқтидори бузурги агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, имкониятҳои мавҷуда то ҳол ба таври пурра истифода намешаванд. Яке аз омилҳои монеаҳои калидии рушди босуръати комплекси агросаноатӣ норасоии мутахассисони баландихтисос дар соҳаҳои баҳисобгирии идоракунӣ идоракунии додаҳо ва автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ мебошад. Илова бар ин, сатҳи ҳамгироии илм, истеҳсолот ва низоми таҳсилоти касбӣ ҳанӯз ба талаботи иқтисоди рақамӣ пурра ҷавобгӯ нест.

Ҳамин тариқ муваффақияти ҳар навъ ислоҳот аз ташаккули сармояи инсонии рақобатпазир низ вобаста мебошад. Ғизо дар баробари такмили низоми баҳисобгирии идоракунӣ, зарур аст, ки ба омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳо, рушди салоҳиятҳои рақамии кормандон, таҳкими робитаи муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ бо истеҳсолот, инчунин ташкили марказҳои минтақавии машваратӣ ва инноватсионӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад. Дар ин сурат вилояти Хатлон метавонад иқтидори бузурги аграрии худро ба афзалияти устувори рақобатӣ табдил дода, ба маркази ташаккули кластерҳои муосири агросаноатӣ ва экосистемаи рақамии кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мубаддал гардад.

АДАБИЁТ

1. Абдулмуминзода, Н. А. Баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми иттилоотии корхонаҳои кишоварзӣ / Н. А. Абдулмуминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. – № 7. – С.99. (96-106).
2. Аюбҷони, С. Технологияҳои иттилоотӣ дар системаи амнияти корхонаҳои кишоварзӣ / С. Аюбҷони // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – №. 4-1(63). – С. 158-163.
3. Бурин, М. Э. IT в сельском хозяйстве / М. Э. Бурин // Тенденции развития науки и образования. – 2023. – № 98-10. – С.32 (31-34).
4. Манбаъ: Ҳисоботи солонаи корхона
5. Манбаъ: Ҳисоботи солонаи ҶДММ “ДУРАХШ” дар соли 2024.
6. Муртазозода, О. Таъмини иттилоотӣ - унсури муҳимтарини системаҳои автоматикунонидашудаи корхонаҳои кишоварзӣ / О. Муртазозода, М. Х. Идиев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2024. – №. 1(85). – С. 110-121.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 16 декабри соли 2025 // Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – URL: https://www.president.tj/event/missives/54181 (санаи мурочиат: 15.07.2026).
8. Содиқов Қ. А. Рақамикунонӣ - омили муҳимтарини рушди кишоварзии Тоҷикистон / Қ. А. Содиқов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 7. – С. 27. (27-32.)

9. Цифровые технологии как инструмент повышения информативности использования оборотного капитала в управлении интегрированным агропромышленным формированием / Н. А. Лытнева, Е. А. Кыштымова, Н. В. Парушина, Ю. М. Петрова // Вестник аграрной науки. – 2023. – № 2(101). – С. 124-133.

10. Шарифов, З. Р. Мушкилоти раванди рақамикунони иқтисодиёти кишоварзи ва Роҳҳои ҳалли онҳо / З. Р. Шарифов, С. А. Мирзоев // Кишоварз. – 2024. – Vol. 102, №. 1. – С. 152-157.

11. Ятимзода, Х. М. Рушди технологияҳои рақамӣ дар соҳаи кишоварзӣ баҳри расидан ба ҳадафҳои асосии иқтисодиёти “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Х. М. Ятимзода, А. А. Асадуллозода, С. Қ. Рустамҷони // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2025. – №. 1(279). – С.76. (75-79).